ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2020. №10.
Қисми II

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2020. №10.
Часть II

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2020. No.10.
Part II

***МАРКАЗИ***
***ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА***
***ДУШАНБЕ – 2020***

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 10 шумора нашр мегардад.



***Сармуҳаррир:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Давлатзода Қудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Обидов Фозил Саидович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Золотухин Алексей Валеревич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Маҳмудзода Маҳкам Аъзам** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амиралӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазоқулов Ҷамшед Сайдалиевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Искандаров Акбаршо** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ****: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**
**ва ҷамъиятӣ**
– 2020. – №10.
Қисми II
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0037/ЖР-97 аз 17.01.2018 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41


© ДМТ, 2020

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Обидов Фозил Саидович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Золотухин Алексей Валерьевич** | *Доктор юридических наук, доцент* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Махмудзода Махкам Аъзам** | *Доктор юридических наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазокулов Джамшед Сайдалиевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, доцент* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Мухаммад Абдурахмон Навруз** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Искандаров Акбаршо** | *Доктор политических наук, доцент* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктор философских наук, профессор* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2020. – №10.
Часть II
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №0037/ЖР-97 от 17.01.2018г.

**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2020

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012. Issued 10 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

**Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Ismonov Karomatullo** — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

***08.00.00 - Economy***

**Davlatzoda Kudrat Kambar** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Obidov Fozil Saidovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Furkat Farkhodovich** — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*

***12.00.00 - Jurisprudence***

**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Zolotukhin Aleksei Valer'evich** — *Doctor of Law, Associate Professor*
**Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** — *Doctor of Law, Professor*
**Mahmudzoda Mahkam Azam** — *Doctor of Law, Professor, Academician*
**Safarzoda Bakhtovar Amirali** — *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Murtazokulov Jamshed Saidalievich** — *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** — *Doctor of Law, Associate Professor*

***23.00.00 - Political sciences***

**Muhammad Abdurahmon Navruz** — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Iskandarov Akbarsho** — *Doctor of Political Science*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Idiev Khairiddin Usmonovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University.**
**Series of economic and social sciences**
– 2020. – №10.
Part II
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2020

УДК: 339.924(1-925.3)

# ИМКОНИЯТҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ МУЗОФОТИ ХУДМУХТОРИ СИНСЗЯНУ УЙҒУР ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Хушвахтзода К.Х., Асрорзода У.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**

Роҳбарияти ҶХХ замони муосир ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии МХСУ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Ҳоло дар таърихи ин музофот саҳифаи сифатан нав кушода шудааст, ки он ба стратегияи нави ҳаллу фасли мушкилоте, ки то ҳол ҷамъ шудааст алоқаи бевосита дорад. Агар ба таърихи 30-соли охир муфассалтар назар андозем, он гоҳ дарк мекунем, ки дар ҳаёти ин минтақаи муҳимми Чин як гузарише амалӣ мегардад, ки он тақдири минбаъдаи музофоти номбурдаро дар давоми 50-100 соли пешистода мушаххас хоҳад намуд. Сухан дар бораи гузариш аз сиёсати азхудкунии неруи минтақаҳои ғарбии Чин ба барномае меравад, ки он хусусияти адресӣ дошта, ба 3 модели илмӣ такя мекунад.

Таърихи Синсзян дар 20-соли охир нишон медиҳад, ки дар байни ин се модел ба ташаккули моделе, ки ба суръати баланди рушди иқтисод характернок аст, таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Дар солҳои 2010 ва 2011 бо ташаббуси роҳбарияти Ҳизби коммунисти Чин дар Синсзян ду конфронсҳои корӣ гузаронида шуд, ки онҳо ба хусусиятҳои ташаккули ҳамин модел бахшида шуда буданд. Хусусияти асосии модели номбурда дар он аст, ки роҳбарияти Чин рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоии Синсзянро тавассути ба роҳ мондани робитаҳои хеле зичи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо давлатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ мебинад. Моҳи апрели соли 2010 таҳти роҳбарии роҳбари онвақтаи Ҳизби коммунисти Чин Ху-Сзинтао дар Пекин конфронси махсуси КМ ҲКЧ барпо гардид, ки дар он чорабиниҳои оид ба таъмин намудани устувории стратегияи Синсзян мавриди муҳокима қарор гирифт. Ҳамин модел дар маркази диққати иштирокчиёни конфронс буд.

Равандҳои асосии рушди МХСУ ҳанӯз моҳи августи соли 2009 баъди сафари Ху-Сзинтао ба ин музофот муайян гардида буданд. Зимни сафарсарвари давлат ба истифодаи механизмҳои маблағгузорӣ барои таъмини рушди устувор ва афзоиши ёрии иқтисодии давлат диққати махсус дод. Ин бобат вазифа гузошта шуд, ки иқтисоди музофот бояд фаъолияти устувор дошта бошад ва имконият диҳад, ки ҷомеаи сатҳи зиндагии хубдошта, ба вуҷуд ояд ва сар то сари музофот муносибатҳои сусёлистӣ тантана кунанд. Бояд гуфт, ки моделе, ки дар натиҷаи сафари роҳбари давлат ба Синсзян ташаккул ёфт, ҳамчун модели транссарҳадии рушди босуръати иқтисоди музофот маълуму маъруф гашт.

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки роҳбарияти ҶХХ мавқеи музофоти Синсзяну Уйғурро тавре мушаххас кардааст, ки ягон музофоти Чин чунин мавкеро пайдо карда наметавонист. Ин мавқеъ пеш аз ҳама аз ҳамсоя будан бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бар меомад. Яъне, роҳбарияти Чин ният дорад, ки иқтисоди музофоти номбурда на танҳо бо иқтисоди тамоми музофотҳои Чин ҳамгироӣ дошта бошад, балки бо ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиё Марказӣ низ ҳамгироии зич дошта бошад. Аз тарафи дигар роҳбарияти ҶХХ мавқеи МХСУ-ро дар амалӣ гардонидани идеяи Камарбанди иқтисодии роҳи бузурги абрешим мушаххас намуд. Ин масъала барои тамоми Чин аҳамияти бузурги стратегӣ дорад. Сабаб дар он аст, ки дар доираи Роҳи бузурги абрешим се долони бузурги нақлиётӣ мегузаранд ва ҳамаи онҳо аз қаламрави музофоти Синсзяну Уйғур мегузаранд. Барои қавӣ гардонидани ҳамгироии иқтисодии Авруосиё дар доираи Роҳи нави бузурги абрешим ҶХХ ба инкишофи системаҳои алтернативии роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан шурӯъ кард. Ин бобат сафари президенти имрӯзаи ҶХХ Си-Сзин–Пинь ба Синсзян соли 2013 ҳамчуни омили тезонидани ҳаллу фасли душвориҳои ин музофот хизмат кард. Гуфтан ба маврид аст, ки соли 2009 дар Синсзян бетартибиҳои зиёде, ки дар онҳо асосан намояндагони миллати таҳҷоя, яъне уйғурҳо иштирок мекарданд, ба вуқӯъ паваста буд. Ин бобат Си-Сзин–Пинь ба чунин хулосае омад, ки барои пешгирӣ кардани норозигиҳо бояд ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва аз байн бардоштани камбизоатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард. Дар раванди ҳаллу фасли ин музофот ҳукумати Чин васоити “мулоим ва дурушт”-ро ба ҳам мепайвандид ва баъдтар бештар ба омилҳои “мулоим” таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Баъди сафари Си-Сзин–Пинь ҳаҷми маблағгузориҳои буҷаи марказӣ ба иқтисоди ин кишвар ба маротибҳо зиёд шуд ва суръати афзоиши онҳо низ ба музофотҳои дигари Чин тезтар буд.

Гуфтан кифоя аст, ки дар байни солҳои 2016-2017 ҳаҷми маблағгузориҳои умумӣ дар музофоти Синсзяну Уйғур 19,6% афзуд ва дар охири соли 2017 ба 538 млрд юан расид. Хусусан, давлат ба рушди соҳаҳои инфрасохтор диққат медод. Танҳо соли 2017 чунин маблағгузориҳо 50% зиёд шуданд. Мувофиқи нишондоди роҳбари давлат барои решакан намудани камбизоатӣ маблағҳои зиёде масраф гардиданд. Фақат дар соли 2017 дар ин музофот 545 лоиҳа ҷомаи амал пӯшид. Созмонҳои давлатӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки тамоми бизнеси Чинро барои баланд бардоштани сатҳи иқтисоди музофоти номбурда сафарбар намоянд. Танҳо дар байни солҳои 2016-2017 беш аз 50 ҳазор ширкатҳои чиноӣ намояндагии худро дар МХСУ кушоданд. Дар натиҷаи фаъолияти бисёрҷабҳаи ҳукумат ва Ҳизби коммунистии Чин дар байни 4 сол муяссар гардид, ки иқтисоди ин музофот дорои суръати баланди рушд гардад. Масалан, дар соли 2017 афзоиши ММД 7,6% афзуд, дар ҳоле, ки суръати ММД дар миқёси тамоми мамлакат 6,9% афзуда буд. Дар МХСУ бештар ба масоили афзоиши активҳои дарозмуддат эътибор медиҳанд. Танҳо соли 2017-ум онҳо ба ҳаҷми 28,8% афзуданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки суръатҳои хеле баланди рушди иқтисоди МХСУ дар натиҷаи фаъолияти ҳаматарафаи як созмони ҳарбие, ки аз тарафи ҳукумати Чин барои азхудкунии захираҳои табиии ин музофот сохта шуда буд, амалӣ гардиданд. Созмони мазкур қисми таркибии артиши миллии озодихоҳии Чин ба ҳисоб мерафт, ки соли 1954 ташкил шуда буд ва ба унвони корпуси истеҳсолию бинокории Синсзян машҳур аст. Аз он замон то инҷониб ин созмони нимҳарбӣ барои рушди иқтисоди Синсзян ва аз худ намудани захираҳои бойи табиии он чорабиниҳои зиёдеро амалӣ гардонида тавонист. Ин созмон ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва ба худ ҷузвҳои бизнес-конгломератро пайваст намудааст. Таркиби дохилии созмони номбурда аз шаҳрҳои ҷудогона, минтақаҳои деҳот, корхонаҳои саноатӣ ва ду донишгоҳи махсус иборат мебошад. Корпуси истеҳсолию бинокории номбурда дар доираи худ 2,6 млн нафар одамро муттаҳид мекунад. 1/3 ҳиссаи заминҳои музофот ва 25%- маҳсулоти умумие, ки дар ин кишвар тавлид мешавад, ба ҳамин созмон дахл дорад. Созмони номбурда васоити ассимилятсияи миллатҳои маҳаллӣ бо миллати асосии Чин, яъне Хань ба шумор меравад. Аз аҳолие, ки ба ин корпус итоат мекунанд, 88%-шон ханҳо мебошад ва 7%-шон аз уйғуриҳо иборатанд. Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта роҳбарияти ҶХХ барномаи азхудкунии васеи Ғарбро тасдиқ намуд, ки он бояд дар 50 соли наздик ба ҳаёт татбиқ мегардид. Тадбиқшавии ин барнома солҳои 1999-2000 сар шуд. Эъломияти ин барнома 22 сентябри соли 1999 дар Пленеуми чоруми КМ ҲКЧ, даъвати 15–ум ба вуқӯъ пайваст. Бояд гуфт, ки аз рӯзҳои аввали ғалабаи коммунистон дар Чин ҳукумати марказӣ роҳи ассимилятсияи халқҳои хурдро бо миллати асосӣ, ки хань ном дорад, пеш гирифта буд. Ин бобат ҳукумати Чин ба натоиҷи назаррас муваффақ гардид. Агар соли 1949 вазни қиёсии намояндагони миллати хан дар МХСУ 4%-ро ташкил карда бошад, пас ҳоло ҳиссаи он аз 44% гузашта аст.

Чи тавре, ки боло қайд кардем Синсзяни имрӯза мувофиқи модели транссарҳадии рушд ба пеш меравад, ки дар доираи он "камари рушд" то рафт мавқеи бузургтар пайдо карда истодааст. Ин камар ташаккули шабакаи инноватсионӣ, иттилоотӣ ва тиҷоратиро дар сарҳадҳои Ғарбии Чин дарбар мегирад. Чунин таркиби рушд аз идеяи лоиҳаи як банд ва як роҳ пайдо шудааст. Дар асл МХСУ қисмати Ғарбии магистрали дуюми нақлиётии транс-Авруосиёро ташкил медиҳад. Он Синсзяни Шимолӣ ва Ҷанубаро ба ҳам муттаҳид мегардонад (аз назари алоқаҳои нақлиёт). Қисмати асосии ин магистрал дар шимоли музофот ҷойгир шудааст. Тақрибан, 70-90%-и кулли созмонҳои истеҳсолӣ ва молиявии Спинсзян дар қисмати шимол ҷойгир шудаанд. Чи тавре, ки пештар қайд карда будем корпуси истеҳсолию бинокории Синсзян бо тамоми фаъолияти худаш ҳарду қисмати ин музофотро ба иқтисоди миллии тамоми Чин муттаҳид месозад. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки қисмати Шимол хусусияти муттаraққӣ дорад ва қисмати Ҷануб – рӯ ба тараққӣ. Дар Марказ хеле хуб мефаҳманд, ки вазъи то ҳоло ба вуҷудомадаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар музофоти Синсзян номутаносиб мебошад ва ин номутаносибӣ метавонад ба рушди иқтисоди тамоми мамлакат бо назардошти лоиҳаи Камарбанди иқтисодӣ Роҳи бузурги Абрешим таъсири манфӣ расонад ва монеае дар роҳи ҳамгироӣ байни Синсзян ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гардад. Бо ин сабаб бо қарордоди ҳукумати Чин дар қисмати Ҷануб соли 2010 амалӣ гардонидани минтақаи озоди иқтисодии Қашқар авҷ гирифт. Гуфтан ҷоиз аст, ки чунин минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар тамоми мамлакат 6-то мебошанд. Ин минтақа ба 2 унвон машҳур аст:

Минтақаи махсуси иқтисодии Қашқар ва минтақаи рушди иқтисодии Қашқар.Боз як минтақаи дигари озоди иқтисодӣ дар Харгос ташкил карда шудааст. Харгос дар қисмати марказии Синсзян ҷой гирифтааст ва аз ҷиҳати географӣ дар байни Қазоқистону Синсзян рушд мекунад. Пайдоиш ва рушди ду минтақаи озодӣ-иқтисодӣ, яъне Қашқар ва Харгос

барои бо зудӣ баланд бардоштани сатҳи ҳамгироии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Чин мусоидат менамояд. Ҳарду минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои тезонидани робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Чин ва Осиёи Миёна ҳиссагузорӣ мекунанд. Минтақаи Харгос, ки дар тарафи Қазоқистон ҷойгир шудааст, Маркази байналмилалии ҳамкории назди сарҳадии Хоргос ном дорад. Барои рушди он имрӯз васоити аз ҷиҳати техникӣ пешқадами нақлиёт сохта ба истифода дода шудааст.

Соли 2018 магистрали роҳи оҳани Урумчӣ-Харгос, ки дорои суръати баланд мебошад, ба фаъолият шурӯъ намуд ва дар ҳақиқат аз назари вакт масофаи байни Алмато ва Урумчиро ба маротиб кӯтоҳ намуд. Он дар асоси консепсияи "баромад ба берун" сохта шуда буд. Дар ҷануби Синсзян низ, яъне дар доираи минтақаи озоди иқтисодии Қашқар чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани неруи нақлиётии роҳҳое, ки Қашқарро бо Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон мепайвандад, дар замони муосир ба амал татбиқ шуда истодаанд.

Солҳои 2000-ум аз тарафи ҳукумати Чин лоиҳаи "азхудкунии калони қисмати Ғарбии ҶХХ" ба ҳаёт татбиқ карда шуд. Ин лоиҳа бартариҳои рақобатпазири Синсзянро дарбар гирифта буд. Бартарии муҳимтарини он истифодаи неруи транзитии қисматҳои Ғарбии Чин ба ҳисоб меравад, ки ҷузъи асосиаш музофоти Синсзяну Уйғур мебошад. Синсзян қобилият пайдо мекунад, ки ба миқдори торафт афзоянда ҳаракати молҳоро аз қисматҳои шарқии Чин ба Осиёи Марказӣ, Россия ва Аврупо таъмин кунонад. Ҳамин тавр дар ин қисмати Чин, ки бештар аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле қафо монда буд, чунон неруи муттараққии инфрасохтори транзитие ба вуҷуд меояд, ки аз чунин неруҳои тамоми музофотҳои дигари Чин баландтар ва мукаммалтар хоҳад буд. Дар омади гап ин ҷо бояд қайд кунем, ки неруи номбурда бо ёрии ҳаматарафаи қисматҳои Марказӣ ва Шарқии Чин ташаккул ёфта буд. Онҳо ба миқдори хеле зиёд ба Синсзян васоити молиявӣ, комплексҳои технологӣ мефиристониданд ва барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои техникӣ чораҳои зарурӣ меандешиданд. Барои ин нишон додани ёрие, ки минтақаи иқтисодии Қашқар мегирифт, намунаи беҳтарин шуда метавонад. Танҳо дар як сол – соли 2015 4 музофоти Шарқии Чин ба Қашқар зимни амалӣ гардонидани 346 лоиҳа дар ҳаҷми 4,6 млрд юан ёрӣ расониданд.

Айни замон бояд зикр кард, ки чунин ёрии иқтисодӣ бе фишори ҳукумати марказии Чин ва роҳбарияти ҳизби қоммунист реалӣ шуданаш ғайриимкон буд. Аз боло ба ин музофотҳо супоришҳои хеле мушаххас равона карда мешуд, ки он аз директиваҳои аниқу равшан оиди ҷиҳатҳои миқдории ёрӣ иборат мебошанд. Чунин тарзи фишороварӣ сабаби асосноке ҳам дошт. Сабаб дар он аст, ки Синсзян бо сабаби то як сатҳ шиддати сиёсӣ доштанаш барои субъектҳои маблағгузоранда чандон ҷалбовар нест. Ҳамин чизро дар бораи маблағгузорандагони хориҷӣ низ гуфтан мумкин аст. Тамоми Чин медонад, ки ин музофот бо вуҷуди захираҳои бузурги углеводарод доштанаш шароити хуби зиндагӣ надорад ва сатҳи самаранокии маблағгузориҳо паст мебошад. То солҳои охир дар ин музофот зимни маблағгузориҳо бартарӣ доштани соҳаи истеҳсолӣ мушоҳида карда намешуд. Танҳо таҳти фишори ҳукумати Марказӣ музофотҳои дигар маҷбур буданд, ки аз ҳисоби захираҳои дохили музофотӣ ба минтақаи Синсзяну Уйғур ёрии ҳаматарафа расонанд. Ин бобат гуфтан зарур аст, ки дар таркиби маблағгузориҳо ба ин ду минтақаи озоди иқтисодӣ, ки дар сарҳадҳои Синсзяну Уйғур фаъолият доранд, ҳиссаи буҷети давлатии Чин, яъне ҳукумати Марказии Хитой хеле калон мебошад. Воситаҳои молиявии ҳукумати Марказӣ асосан барои рушди инфрасохтори нақлиёт-долонҳои байналмилалии нақлиёт, инчунин барои сохтмони терминалҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ, хатҳои электрикии баландшиддат равона карда мешаванд.

Солҳои охир ҳукумати марказии Чин барои давом додани сохтмони инфрасохтори нақлиёт, ки берун аз қаламрави Чин амал мекунанд, ба саҳмгузори асосӣ табдил меёбад. Ин ҷо барои мисол номҳои якчанд объектҳои муҳими инфрасохториро овардан мумкин аст:

Роҳи оҳани Алашанкоу Семипалатинск, роҳи автомобилии Қашқар-Кульма, Душанбе-Қашқар, Уш-Тошкант ва ғайра.

Ин бобат оиди ҳамкории назди сарҳадӣ нисбати инфрасохтори нақлиёт ҷустуҷӯйи ҳамшарикон ва рушди ҳамкории транзитӣ мақоми махсус пайдо мекунад. Чи тавре, ки аз ин пеш гуфта будем афзоиши босуръати иқтисоди Синсзян натиҷаи солҳои мавҷудияти ҶХХ ба миён омадани фарқиятҳои бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар байни минтақаҳои Чин буд. Умуман дар Чин се Камарбанди иқтисодӣ арзи вуҷуд кардааст:

1. Шарқи муттараққӣ, ки ба он музофотҳои лабибаҳрии қисмати шарқии мамлакат дохил мешаванд;
2. Музофотҳои Марказӣ, ки ба тарзи кофӣ рушд наёфтаанд;

3. Минтақаҳои Ғарбие, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодиашон хеле паст мебошад.

Роҳбарияти Чин хеле хуб медонад, ки чунин фарқиятҳо аз назари рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии тамоми мамлакат хеле зарарнок мебошанд. Ба ин муносибат дотсенти донишгоҳи "Турон", ш. Алмато Ҳоҷиева Гулҷаҳон чунин менависад: "Дар натиҷаи нобаробар тақсим шудани васоити буҷавӣ дар байни минтақаҳо фарқияти иҷтимоӣ-иқтисодии музофотҳои Шарқӣ ва Ғарбӣ чунон зиёде шуд, ки аз байн бурдани онҳо дар перспективаи наздик ба душвориҳои сахт дучор мешавад. Агар охири соли 80-ум дар Чин аз 592 ноҳияҳои камбағал 257-ашон ё 43,4%-ашон дар қисматҳои Ғарбӣ ҷойгир шуда бошанд, пас аввали солҳои 2000-ум 90%-и ноҳияҳои аз ҳама қафомонда, дар қисмати Ғарбии мамлакат ҷойгир шуда буданд. Аз 80 млн аҳолии камбизоати мамлакат 35 млн-ашон халқҳои ғайрихан буданд. Ин маънои онро дорад, ки агар шумораи умумии ақалиятҳои миллии Чин ба 8,4%-и аҳолии он баробар бошад, ҳиссаи онҳо дар байни мардуми камбизоат 43,75%-ро ташкил медиҳад". Ана ҳамин сабаб ҳукумати Чинро водор сохт, ки стратеҷии азхудкунии ҳаматарафаи минтақаҳои ғарбиро таҳия намуда, ҳамун объекти амалигардонӣ пешниҳод намояд. Баъдтар як барномаи комплексии дарозмуддат барои 50 сол тасдиқ карда шуд, ки он аз се давра иборат мебошад – давраи якум аз соли 2000 то 2010, давраи дуюм аз соли 2011 то 2030 ва давраи сеюм аз соли 2031 то 2050.

Гуфтан зарур аст, ки мувофиқи ин стратеҷӣ дар минтақаҳои ғарбии Чин 36 объекти бузурги инфрасохторӣ, 36 иншооти бузурги гидротехникӣ, 50 ҳазор км роҳҳои автомобилгард ва 1641 км роҳҳои оҳан, 1370 км хатҳоиэлектрикии баландшидат сохта ба истифода дода шуданд. Дар ҳамин давра аз МХСУ ба Шанхай газопровод сохта шуд, ки дарозиаш 4176 км мебошад ва метавонад ҳар сол 12мрлд. $м^3$ газ интиқол диҳад.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур дар назар аст, ки таркиби соҳавии иқтисодиСинсзян хеле мукаммал гардонида шавад, муҳити инвеститсонӣ беҳтар карда шавад, норасоии мутахассисони соҳаҳои гуногуни сектори реалии иқтисод аз байн бардошта шавад.

Ҳукумати марказии Чин ният дорад, ки музофоти Синсзяну Уйғурро ба мавзеи калонтарини рушди саноати нефткоркунӣ ва нефтехимия табдил диҳад. Аз ин рӯ, аз ҳисоби буҷаи марказӣ маблағҳои хеле калон барои азхуд намудани ашёи хоми углеводародӣ, ки дар қаламрави ин музофот ҷойгир шудаанд, равона карда истодаанд. Масалан, фақат барои аз минтақаҳои Ғарбӣ ба Шарқии мамлакат интиқол намудани гази табиӣ аз буҷаи марказӣ 120 млрд. юань ҷудо карда шудааст. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки ҳукумати Чин ба музофоти номбурда ҳамчун ба базаи истихроҷи нефт, нефткоркунӣ, истихроҷи газ ва коркарди он ва инчунин, интиқоли нефту газ ба қисматҳои Марказӣ ва Шарқии Чин тахассус кунониданӣ аст.

Бо вуҷуди ин солҳои охир дар ин музофот кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки иқтисоди рақобатпазир пиёда гардад. Аз ин рӯ ба масоили сохторӣ, яъне структурӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад. Мувофиқи стратегияе, ки дар боло қайд кардем масъала гузошта шудааст, ки дар музофоти Синсзяну Уйғур ба рушди босуръати кишоварзӣ ва саноати коркарди маснуоти он шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Барои рушди соҳаи кишоварзӣ дар ин музофот имкониятҳои хеле хуби иқлимӣ ва хокию обӣ вуҷуд доранд. Агарчанде, ки солҳои охир бо сабаби аз ҳад зиёд истифода бурдани обҳои ширин бисёре аз минтақаҳои кишоварзии музофот, ба об ниёз доранд. Инчунин ҳукумати Марказӣ ба он ақида аст, ки дар музофоти Синсзяну Уйғур на танҳо истихроҷи нефту газ вусъат ёбад.

Дар давоми давраи дуюми стратегияи боло қайд гардида, имрӯз чорабиниҳои зиёде доир ба коркарди ҳаматарафаи тамоми намудҳои канданиҳои фоиданок ва аз ҷумла, нефту газ дар назар дошта шудааст. Ҳоло ҳукумати Марказӣ ба ҳукумати музофот чораҳои зиёдеро доир ба такомули таркиби истеҳсолоти саноатӣ роҳандози карданианд. Гуфтан ба маврид аст, ки соли 2018 36,5% ММД-и музофот аз маҳсулоти соҳаҳои саноати истихроҷ иборат буданд. Ин рақам нисбат ба чунин рақамҳое, ки ба музофотҳои дигари Чин хос мебошад, хеле баландтар аст. Бо суханони дигар дар музофоти Синсзяну Уйғур ҳиссаи соҳаҳои ашёи хом тавлидкунанда хеле баланд ва ҳиссаи соҳаҳои коркарди ашёи хом хеле паст мебошад.

Ба ғайр, аз ин созмонҳои боло таклиф доранд, ки дар Синсзян соҳаҳое рушд ёбанд, ки бештар маводи инноватсионӣ тавлид намоянд. Ин хусусан ба истеҳсолоти дорои технолоҷии баланд, ки рақобатпазириаш дар тамоми қитъаи Авруосиё болотар бошад дахл дорад. Ин маънои онро надорад, ки чунин нақшаҳо бемамониат мавриди тадбиқ мешуда бошанд. Ҳанӯз муҳаққиқи намоёни иқтисоди Чин профессори қазоқистонӣ К.Л. Сыроежкин оиди нуқсонҳои истихроҷ ва азнавкоркунии захираҳои табиии музофоти Синсзяну Уйғур ҳарф зада буд. Ӯ қайд карда буд, ки молики ҳуқуқии бойигариҳои табиии Синсзян мувофиқи қонун созмонҳои идораи давлатии маҳаллӣ мебошанд. Бо вуҷуди он

мегӯяд ӯ, аз аввали ташкили МХСУ новобаста ба он, ки ин кишвар дорои бойигариҳои бузург мебошад, он ҳамавақт қарздор аст. Сабаби асосиро К. Сыроежкин дар он мебинад, ки бюрократияи маҳаллӣ ҳама вақт кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки худро соҳиби ин бойигариҳо ва бидуни ҳаргуна назорат бубинад. Аз суханони гуфташуда чунин хулосае бармеояд, ки самаранокии истифодабарии захираҳои табиии музофоти номбурда аз амалӣ гардонидани ислоҳоти ҷиддии иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Дар музофоти Синсзяну Уйғур масоили сармояи инсонӣ торафт бештар характери ҷиддӣ пайдо карда истодааст. Душвории ин музофот аз он иборат аст, ки ҳар сол аз Хитойи Марказӣ ба ин музофот ба миқдори зиёди мутахассисони соҳаҳои гуногун ба таври муташаккил фиристонида мешаванд.

Айни замон боз ба ҳамин миқдор мутахассисон бо сабаби набудани шароити мусоиди зиндагӣ, аз ин ҷо ба музофотҳои Марказӣ ва Шарқии Хитой риҳлад мекунанд. Сабаб дар он аст, ки шароитҳои иқлимии Синсзян нисбат ба шароитҳои иқлимии қисматҳои Шарқӣ барои зиндагӣ номусоидтар аст. Ба ғайр аз ин, бехатарии инсон дар ин музофот чандон хуб нест, зеро задухӯрдҳои бисёри этникӣ рух медиҳанд ва ба қурбониҳои зиёде оварда мерасонанд.

Азбаски ҳукумати Чин нисбати азхудкунии бойигариҳои табиии Синсзян ва торафт бештар таъмин намудани ҳамгироии он бо кишварҳои Осиёи Марказӣ чораҳои зиёде меандешад, ин ҷо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки раванди кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои қувваи коргарии барзиёдатӣ доштаи Шарқу Маркази Чин ба Синсзян идома ёбад. Роҳбарони давлат дар Марказ ва Музофот ба он ақидаанд, ки дар раванди боло рафтани вазъи қиёсии мардуми хан-нажод раванди манфӣ буда, оҳиста-оҳиста коста хоҳад шуд.

Аммо таҳлили ҳодисаю воқеаҳое, ки солҳои охир дар ин музофот рӯй додаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъияти сиёсӣ чандон хусусияти идеалӣ надорад. Ба ҳама маълум аст, ки соли 2009 дар байни гурӯҳҳои этникии хань ва уйғур дар Урумчӣ ва шаҳрҳои дигари ин музофот задухӯрдҳои шадиде ба вуқӯъ пайваста буданд ва шумораи қурбониён ба ҳазорҳо мерасид. Баъд аз ин ҳодисаҳо ҳукумати Марказӣ тавонист, ки вазъи сиёсиро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа танзим бидиҳад ва пеши роҳи чунин задухӯрдҳоро бигирад. Баъд аз ба сари ҳокимияти омадани Си Сзин Пинь – котиби генаралии КМ ҲКХ дар ин музофот кӯшиши зиёде ба харҷ дода мешавад, ки мардуми маҳаллӣ бо кор ва музди кори сазовор таъмин карда шавад. Ҳоло чорабиниҳои зиёде оид ба дар байни халқи хань пахну пароканда кардани уйғурҳо идома дорад. Роҳбарияти Чин умедвор аст, ки чунин парокандакунӣ боиси акселеризатсияи ин гурӯҳи этникӣ мегардад ва баъди ду се даҳсола ба эҳтимолияти заддухӯрдҳои этникӣ комилан хотима дода мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуурнокии мардуми маҳаллӣ роҳбарияти Чин стратеҷии “сиёҳ”, “сурх” ва “сафед”-ро амалӣ мегардонад.

Таҳти мафҳуми истеҳсолоти сафед дар Синсзян комплексҳои бофандагиро дар назар доранд. Рушди босуръати пахтакорӣ сар то сари Синсзян (тақрибан то радиуси Алашанкоу-Семипалатинск) барои тараққиёти соҳаи бофандагӣ имкониятҳои беҳтаринро фароҳам меорад. Дар ин музофот на танҳо бофандагӣ тавассути таҷҳизоти механикӣ ва автоматикунонидашуда ва ба воситаи интернет идорашаванда бо суръати баланд рушд меёбад, балки кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки бофандагии дастӣ низ роҳандозӣ шавад. Чунин намуди бофандагӣ хусусияти эҷодкорона дорад ва яке аз намудҳои касбу кори бадеии халқӣ мебошад. Он имконият медиҳад, ки шумораи зиёди мардум, аз ҷумла, уйғурҳо, қазоқон, қирғизҳо ва ғайра бо кори ҳаррӯзаи кафолатнок таъмин карда шаванд.

Таҳти мафҳуми истеҳсолоти сурх рушди боғдорӣ ва боғчакориро мефаҳманд. Ин бобат дар музофоти Синсзян имкониятҳои беҳтарин вуҷуд доранд. Масалан, харбузаҳои Хамӣ ба тамоми ҷаҳон содир карда мешаванд. Инчунин музофот дорои неруи беҳтарини иқлимӣ оиди рушди ангурпарварӣ мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар Синсзян ҳамаи намудҳои ангур аз ҷумла, навъҳои шаробӣ, кишмишӣ ва тару тоза истеъмолшаванда парвариш карда мешаванд.

Таҳти мафҳуми истеҳсолоти сиёҳ роҳбарияти Чин истихроҷи нефт, газ ва маҳсулоти коркарди онро мефаҳманд. Ин бобат дар Синсзян захираҳои бузурги маводи углеводородӣ кашф карда шудааст. Масалан, захираҳои потенсиалии нефт дар ин музофот аз 20 млрд тонна бештар мебошанд. Муттаассифона танҳо 3 минтақаи нефтдор дар ин ҷо ба қайд гирифта шудааст. Танҳо 10% майдонҳое, ки дорои нефт мебошанд, аз тарафи геологҳо омӯхта шудаасту халос. Эҳтимолияти боз ҳам зиёд гардидани захираҳои расмии нефт бо роҳи вусъат додани омӯзишҳои геологӣ вуҷуд дорад. Дар Синсзян захираҳои азхуднакардаи гази табиӣ ба 10 трлн $м^3$ мерасад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки корхонаҳои нефткоркунию газкоркунии Синсзян бештар ба коркарди нефту газе машғул ҳастанд, ки тавассути шабакаи қубурҳо аз Осиёи Марказӣ ба ин ҷо интиқол карда

мешавад. Фаъол будани ин шабакаи қубурҳои ба роҳбарияти ҶХХ имкон медиҳад, ки нефту гази дар қаъри замини Синсзян бударо ҳамчун захираҳои стратегӣ нигоҳ доранд ва замоне истифода баранд, ки ин захираҳо дар дигар минтақаҳо ба охир мерасанд.

Дар давраи ҳозира бошад, Синсзян машғули сохтмони калонҳаҷми иригатсионӣ, гидротехникӣ, газопроводҳо ва шабакаи роҳҳои автомобилгард мебошад. Ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар давраи аввал лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки шумораашон хеле зиёд мебошад, амалӣ мегарданд ва қариб тамоми масоҳати музофоти Синсзянро бо ҳам мепайвандад. Чунин намуди маблағгузориҳо имконият медиҳад, ки дар фазаи минбаъдаи рушди онҳо ба тараққиёти сектори истеҳсолии саноат, кишоварзӣ, сохтмон эътибори махсус дода шавад. Вақте, ки ҳукумати Чин амалӣ гардонидани лоиҳаҳои инфрасохториро дар маддӣ аввал гузошта буд, ӯ ба ояндаи ҳамгироиҳо бо диққат назар меандохт. Ҳоло имконият ба вуҷуд омадааст, ки идеяи минтақаи байналхалқии иқтисодӣ дар фазои Осиёи Марказии Калон амалӣ гардад. Зимни амалӣ гардонидани чунин идея ҶХХ мавқеи марказӣ ва ҳалкунанда хоҳад дошт. Ташаккули минтақаи байналхалқии иқтисодӣ, ки хусусияти трасн-сарҳадӣ дорад нисбат ба лоиҳаи Камарбанди иқтисодии Роҳи бузурги Абрешим хеле васеътар аст. Зимни рӯшан кардани лоиҳаи Камарбанди иқтисодӣ... бештар сухан дар бораи рушди инфрасохторӣ меравад. Амалӣ гардонидани ин лоиҳа барои ҳаматарафа татбиқ намудани идеяи минтақаи байналхалқии иқтисодӣ, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Синсзянро бо ҳам муттаҳид менамоянд, хеле пурмаҳсул метобад. Ин идея ба эътирофи манофеи ҳамсоягӣ асос ёфтааст, ки он мафҳуми калидии вазъияти геоиқтисодии кишварҳои ҳарду тарафи сарҳад мебошад. Шаклҳои ҳамкорӣ дар доираи чунин идея аз сифатан беҳтар намудани шаклҳои рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, институтсионалӣ, иттилоотӣ, инвеститсонӣ ва ғайра вобастагӣ доранд. Хусусан ин ҷо аҳамияти бунёд намудани институтҳои умумии самаранок фаъолияткунандаро қайд намудан ба маврид аст. Ин маънои онро дорад, ки дар як замон ширкатҳое бунёд гарданд, ки вазифаашон ҳамкориҳои иқтисодӣ бошанд ва онҳо тавонанд тавоқуфномаҳоро оид ба тиҷорати байни ҳамдигар тайёр кунанд ва ба имзо расонанд. Чунин институтҳо бояд саъй намоянд, ки дар ҳарду тарафи сарҳад иқлими мусоиди инвеститсионӣ ташаккул ёбад. Амалӣ гардонидани ин идея рушди инфрасохтори транссарҳадии минтақавиро низ талаб менамояд. Дар давраи аввали ташаккули минтақаи байналмилалии иқтисодӣ бояд фаъолияти зиёде оиди тавассути инфрасохтор пайвастани хоҷагиҳои ҳарду тарафи сарҳад ба вуқӯъ мепайвандад. Табиист, ки ташаккули чунин минтақа талаб менамояд, ки механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар ҳарду тараф бояд дар як сатҳ бошад ва шумораи фишангҳои ҳавасмандӣ баробар бошад. Сухан дар бораи пайгириҳои бозор, ҳавасмандгардонии махсускунонӣ ва кооперативкунонии минтақа меравад. Пайдо шудани ин идея боиси мустаҳкам гардидани ҳамшарикии стратегии Чин бо давлатҳои Осиёи Миёна гардид. Ҳамшарикони давлатҳои ҳамсоя ба иттифокчиёни сиёсати берунӣ ва контрагентҳои иқтисодӣ тадриҷан табдил меёбанд.

Бунёд намудани инфрасохтори транссарҳадӣ, ки бештар тавассути васоити молиявии Чин ба вуҷуд омад, ин давлатро торафт бештар ба локомотиви рушди иқтисодӣ Осиёи Марказӣ табдил медиҳад. Сухан дар бораи он меравад, ки Синсзян ҳамчун қисми таркибии ҶХХ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ як навъ вазифаи "ақибгоҳ"-ро иҷро менамояд. Чунин хусусияти ҳамкорӣ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳам музофоти Синсзяну Уйғур ва ҳам кишварҳои Осиёи Марказӣ имкониятҳои мусоидро ба ҳам меоварад. Ташаккули минтақаи номбурда шабакаҳои нақлиёти Чинро, ки ба сӯи Ғарб тавассути Синсзян сохта мешаванд, бо маводи кашонда таъмин менамоянд. Ба ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки таркиби соҳавии музофоти Синсзяну Уйғур бештар ба сӯи кишварҳои Осиёи Марказӣ майл хоҳад дошт ва ҳоло ҳукумати Чин ҳамаи корро карда истодааст, ки чунин таркиби соҳавӣ бештар ба истеҳсол ва содироти маводи тайёр махсус гардонида шавад. Яъне, ҶХХ ният дорад, ки музофоти Синсзяну Уйғурро ба бозингари асосӣ ва ҳалкунанда дар фазои геоиқтисодии Осиёи Марказӣ табдил диҳад.

Айни замон дар назар бояд дошт, ки дар он тарафи сарҳад низ баъзе тағйиротҳои хеле ҷиддӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар Қазоқистону Ӯзбекистон дар замони ҳозира масъалаи гузариш аз иқтисоди ашёи хом тавлидкунанда ба иқтисоди маводи ниҳоӣ тавлидкунанда амалӣ мегардад. Ин давлатҳо модернизатсияи саноати коркард, сектори хизматрасониро роҳандозӣ мекунанд ва ба занҷирҳои истеҳсолии глобалӣ пайваст шудан мехоҳанд. Дар чунин шароит эҳтимолияти тезу тунд шудани рақобат дар ҳарду тарафи сарҳад мушоҳида шуданаш мумкин аст. Дар шароити ба вуқӯъ пайваста, ҳукумати ҶХХ ба Синсзян кумаки беандоза зиёди иқтисодӣ мерасонад, ки дар таркиби он дастгирии кредитию инвеститсионӣ ва ташаккули минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, ки таъиноти тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ дошта бошанд, ба назар мерасад. Ҳоло маълум мегардад, ки дар

минтақаҳои ба сарҳад наздик ва аз он каме дуртар дар дохили Осиёи Марказӣ чунон минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ташаккул хоҳанд ёфт, ки ба ҳар ду тарафи сарҳад хизмат мерасонад. Бо ёрии ҶХХ дар доираи идеяи гуфташуда, тадбиқгардонии лоиҳаҳои инфрасохтории нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва энергетикӣ дар назар дошта шудааст, ки ҳам барои Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим ва ҳам барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Осиёи Марказӣ хеле зарур мебошанд. Амалӣ гардонидани лоиҳаи номбурда дар байни Синсзян ва Осиёи Марказӣ як қутби рушд ё Камарбанди афзоиши иқтисодиро ба вуҷуд меорад, ки баъд аз якчанд сол он ба минтақаи байналмилалии иқтисодӣ табдил меёбад. Ин маънои онро дорад, ки дар як фазои муайяне, ки дар ҳар ду тарафи сарҳад ҷойгир шудааст, фазои иҷтимоӣ-иқтисодӣ комилан дигаргун хоҳад шуд. Ҳоло фақат ҳаминро гуфта метавонем, ки ташаккули чунин минтақа аз ташаккули қутбҳои рушд ва долонҳои нақлиёт сар мешавад. Чунин долонҳо ба пайдоиш ва рушд кардани минтақаҳои трансмиллӣ ва транс-сарҳадӣ сабабгор хоҳанд шуд.

## АДАБИЁТ


1. Матвеев В.А. Предпосылках формирования международного экономического региона на пространстве Большой Центральной Азии. Роль Китая / В.А. Матвеев // Внешнеэкономическая политика КНР. – 2018. -№12. -С.273-282.
2. Савкович Е.В. Программа адресной помощи СУАР КНР и её влияние на отношения КНР с государствами Центральной Азии / Е.В. Савкович // Исторические науки. Вестник ЗабГУ. – 2013. -№06(97). -С.15-16.
3. Сыроежкин К.Л. Мифы и реальность этнического сепаратизма в Китае и безопасность Центральной Азии / К.Л. Сыроежкин. –Алматы: Дайк Пресс, 2003. -С.73.
4. Ураков Д.У. Проблемы усиления инвестиционной политики в промышленности Таджикистана / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2015. -№2-1(9). -С.334-340.
5. Хаджиева Г.У. Место Синьцзян-Уйғурского автономного района в новой региональной стратегии КНР / Г.У. Хаджиева // Мир Большого Алтая. – 2016. -№2(2.2.). -С.404.
6. Хушвахтзода КХ. Равандҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ дар байни давлатҳои Осиёи марказӣ ва Ҷумҳурии халқии Чин / Хушвахтзода КХ., Асрорзода У.С. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№9. -С.157-165.
7. Эпштейн В.А. Политика КНР по интеграции Синьцзян-Уйгурского автономного района: 1949-1980 годы / В.А. Эпштейн, Д.А. Бочков // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарных наук. – 2018. -т.116. -кн.6. -С.1449.


## ИМКОНИЯТҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ МУЗОФОТИ ХУДМУХТОРИ СИНСЗЯНУ УЙҒУР ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Дар мақола равандҳои кунунии ҳамгироии иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо иқтисоди Музофоти худмухтори Синсзяну Уйғур, инчунин, дурнамои чунин ҳамгироӣ мавриди муҳокима гардидаанд. Дар асоси таҳлили илмии ҷиддӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳамгироии иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва МХСУ нисбат ба ҳамгироии байни кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ бо суръатҳои хело тезтар идома дорад. Чунин номутаносибӣ натиҷаи он мебошад, ки ЧХХ ба тезонидани равандҳои ҳамгироии иқтисодии байни иқтисоди МХСУ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Равандҳои ҳамгироӣ ба ақидаи муаллифи мақола, аз тиҷорати молҳо ва намудҳои гуногуни хизматрасонӣ дар байни тарафҳо, сохтмони долонҳои байналхалқии нақлиётӣ, объектҳои пурқуввати энергетикӣ, таъмини нафту газ бо роҳи сохтан ва ба истифода додани иншооти трубопроводӣ, додани қарзҳои берунӣ, вусъат додани ҳаҷми сармоягузориҳо иборат мебошанд. Муаллифи мақола дар асоси таҳлили таркиби намудии молҳо ва хизматрасониҳо, ки байни тарафҳо ҳаракат мекунанд оиди зарурияти такомули таркиби воридот ва содирот байни Осиёи Марказӣ ва МХСУ масъала мегузорад. Мақола барои муаллимони мактабҳои олӣ, кормандони муассисаҳои илмии иқтисодӣ ва мутахассисони соҳаи алоқаҳои берунии иқтисодӣ муфид хоҳад буд.



**Калидвожаҳо:** ҳамгироии иқтисодӣ, дурнамои иқтисодӣ, суръати ҳамгироии иқтисодӣ, равандҳои ҳамгироӣ, тиҷорати молҳо, долонҳои байналхалқии нақлиётӣ, объектҳои энергетикӣ, шабакаи трубопроводҳо, қарзи берунӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ.


## ВОЗМОЖНОСТИ ИНТЕГРИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ СУАР С ЭКОНОМИКОЙ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


В статье рассматриваются современные процессы интеграции экономики стран Центральной Азии с экономикой Синьцзян-Уйгурского автономного района, а также новые перспективы такой интеграции. На основе серьезного научного анализа автор приходит к выводу о том, что темпы интеграции между экономиками Центральной Азии и СУАР идут намного быстрее, чем между отдельными странами самой Центральной Азии. Такая диспропорция является результатом целенаправленной ориентации КНР на экономическую интеграцию между экономиками СУАР и соседней Центральной Азии. Интеграционные процессы, по мнению автора статьи, включают в себя торговлю товарами и услугами между обеими сторонами, строительство международных транспортных коридоров в рамках проекта “Экономический пояс великого Шелкового пути”, мощных энергетических объектов, поставки нефти и газа путем создания и введения в эксплуатацию трубопроводных сооружений, взаимное предоставление кредитов, расширение объемов инвестиций. Автор на основе анализа видовой структуры товаров и услуг, обмениваемых между сторонами, ставит вопрос о необходимости совершенствования состава импорта и экспорта между ними. Статья рассчитана на преподавателей вузов, сотрудников экономических НИИ и специалистов по внешним экономическим связям.

**Ключевые слова:** экономическая интеграция, перспективы интеграции, темпы экономической интеграции, интеграционные процессы, торговля товарами, международные транспортные коридоры, энергетические объекты, трубопроводная сеть, внешний долг, прямые иностранные инвестиции.

**POSSIBILITIES OF INTEGRATING THE XUAR ECONOMY WITH THE CENTRAL ASIAN ECONOMY**

The article examines the modern processes of integration of the economies of Central Asian countries with the economy of Xinjiang Uygur Autonomous Region, as well as new prospects for such integration. Based on a serious scientific analysis, the author comes to the conclusion that the pace of integration between the economies of Central Asia and the XUAR is much faster than between individual countries of Central Asia itself. This imbalance is the result of the PRC's purposeful orientation towards economic integration between the economies of the XUAR and neighboring Central Asia. Integration processes, according to the author of the article, include trade in goods and services between both parties, the construction of international transport corridors within the framework of the Economic Belt of the Great Silk Road project, powerful energy facilities, the supply of oil and gas through the creation and commissioning of pipeline facilities, mutual providing loans, expanding the volume of investments. The author, based on the analysis of the species structure of goods and services exchanged between the parties, raises the question of the need to improve the composition of imports and exports between them. The article is intended for universityteachers, employees of economic research institutes and specialists in external economic relations.

**Keywords:** economic integration, integration prospects, rates of economic integration, integration processes, trade in goods, international transport corridors, energy facilities, pipeline network, external debt, foreign direct investment.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Асрорзода Убайдулло Саттор*** – Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-50-15-66**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Асрорзода Убайдулло Саттор*** **–** Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Борбад, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Телефон**: (+992) 907-50-15-66**

**Information about the authors**: ***Khushvakhtzoda Qobiljon Khushvakht***- Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Phone: **(+992) 919-16-98-64**
***Asrorzoda Ubaidullo Sattor*** **-** Institute of tourism, entrepreneurship & service, candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad street, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru**. Phone:**(+992) 907-50-15-66**

**УДК 338.45**

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир масъалаи таъмини рушди устувори низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳамияти хосро касб менамояд, зеро сатҳи нокифояи таҳқиқи масъалаи мазкур, қабл аз ҳама, вобаста ба тундшавии вазъи геосиёсӣ ва густариши рақобати байналмилалӣ, махсусан, зуҳур ёфта, мубрам мегардад.

Дар баробари ин, зарурати баррасии устувории низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хусусан, корхонаҳои саноатӣ дар пасманзари таъсири омилҳои бозорӣ, аз ҷумла нархгузорӣ дар бозорҳои байналмилалии ашёи хом, вобастагии истеҳсолоти миллӣ ва истеъмолот аз воридот, инчунин, аз сатҳи инкишофи бозорҳои пулию молиявӣ ва самаранокии воситаҳои он пеш меояд.

Ҷанбаҳои мухталифи таъмини устувории низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро мактабҳо ва олимону муҳаққиқони гуногун мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Чунин таҳқиқотро олимони соҳаҳои мухталифи илм, шурӯъ аз сиёсатшиносӣ то фалсафа, анҷом додаанд. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти онҳо андешаи табақаҳои алоҳидаи ҷомеаро ифода намуда, дорои хусусият ва самтҳои хоси илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-экологӣ мебошанд.

Дар муҳити иқтисодӣ таъмини устуворӣ ҳамчун шартҳои мушаххаси фаъолияти сохторҳои хоҷагидорӣ тавсиф карда мешаванд, ки баҳри ноилгардӣ ба ҳадафҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Масалан, аз лиҳози илми экология, таъмини устуворӣ ҳамчун раванди нигоҳдории худбарқароршавии захираҳои табиӣ дар давраи дарозмуддат, инчунин, маҳсулнокии онҳо тавсиф карда мешавад.

Дар муҳити бизнес таъмини устувории фаъолият хусусиятҳои хоси худро доро мебошад.

Ширкатҳои фаромилалӣ устувориро ҳамчун таъмини устувории молиявӣ мепиндоранд, ки шиддатпазирии иҷтимоиро паст намуда, шумораи муноқишаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро коҳиш медиҳад. Дар баробари ин, иқтидори истеҳсолиро афзун намуда, фазои сармоягузориро беҳтар менамояд. Инчунин, фаъолияти устувори сохторҳои ҳокимияти давлатиро таъмин намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар самти бехатарӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳимоя менамояд [1,с.186-189].

Андешаи олимону муҳаққиқони муосир доир ба масоили таъмини устувории фаъолият дар заминаи консепсияе сурат мегирад, ки се соҳаи муҳим, яъне соҳаҳои иҷтимоӣ, табиӣ ва иқтисодиро муттаҳид месозанд. Онҳо самтҳои муҳимтарини рушди устувори инсониятро тавсиф менамоянд.

Муваффақияти бозории корхонаҳои саноатӣ ба таври назаррас аз сатҳу сифати ташкили дурусту самараноки истеҳсолот вобастагӣ дорад, ки мувофиқасозии фаъолияти ниҳодҳои заруриии микро ва макроиқтисодиро дар назар дорад. Бинобар ин, бартарафсозии тамоюлҳои манфӣ ташаккули сохторҳои ташкилии навро дар микросатҳ, инчунин, рушди муносибатҳои иқтисодии гуногуншаклро тақозо менамояд [9,с.221].

Ба маънои васеъ, рушди корхона мутобиқсозии равандҳои истеҳсоливу иқтисодиро ба шароитҳои тағйирёбанда ва омилҳои берунӣ дар назар дорад. Дар баробари ин, шакливазкунии низоми фаъолияти корхона, аз ҷумла маркетинг, менеҷмент, сиёсати истеҳсолӣ, молиявӣ, нархӣ, пулию қарзӣ, таъминотӣ-фурӯшӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд.

Вобаста ба ин,ислоҳоти самарабахши корхона тағйирдиҳии механизми рушди устувори фаъолиятро бо дарназардошти дигаргунсозии сохторӣ дар назар дорад, ки ба мукаммалсозии низоми идоракунӣ, баландбардории чандирии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, камсозии хароҷоти истеҳсолӣ, инчунин беҳсозии нишондиҳандаҳои молиявии корхона мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо, дар ин раванд бояд самтҳои афзалиятноки таъмини ҷолибияти сармоягузории корхона ва фароҳамсозии шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ барои кормандон муайян карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки татбиқи чораҳо доир ба таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ захираҳои молиявӣ ва сармоягузориҳои муайянро тақозо менамояд, ки ба рушди иқтидори истеҳсолии корхона нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, мутобиқсозии бозорӣ чун марҳилаи сармоягузорӣ шарти зарурии гузариш ба рушди устувори иқтисодии фаъолияти корхона мебошад.

Ҳамин тавр, аён мегардад, ки таъмини устувории инкишофи соҳаҳои саноати иқтисоди миллӣ аз маҷмуи омилҳое вобастагӣ дорад, ки ба инкишофи корхонаҳои саноатӣ тавассути унсурҳои истеҳсолот, муносибатҳои иқтисодӣ, дигар воситаҳо ва институтҳо таъсир мерасонанд.

Миёни омилҳои калидии мазкур робитаи зичи дуҷониба ҷой дорад, ки таҳти таъсири якдигар қарор мегиранд. Дар навбати худ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи саноат имконоти таъсиси корхонаҳои наверо ба вуҷуд меорад, ки ба талаботи воқеияти замони муосир ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Аммо баҳри фаъолияти самарабахши онҳо механизми ташкилӣ-иқтисодии иқтисодиёти миллиро мукаммал намудан лозим аст, ки ба истифодаи самараноки иқтидори захиравии мамлакат имкон фароҳам созад.

Ёдрас бояд шуд, ки баҳри нигоҳдории вазъи муътадилии макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ зарур аст, ки рушди устувор ва мувозини тамоми соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ бо ҳадафи таъмини пурраи талаботи аҳолии мамлакат ба маҳсулоти муосири рақобатпазир таъмин карда шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр, ташаккулу инкишофи механизме, ки ба таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудааст, марҳила ба марҳила андешидани маҷмӯи тадбирҳоро доир ба дигаргунсозии унсурҳои низомофари раванди мазкур дар назар дорад. Дар баробари раванди мазкур амалисозии ҳадафҳои стратегӣ ва миллиро дар самти таъмини рушди истеҳсолоти саноатӣ дар шароити саноатикунонии босуръат дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат дар назар дорад, ки вобастагии заруриро миёни унсурҳои таркибии низоми идоракунии истеҳсолот, дар маҷмӯъ, бо ҳадафи мутобиқсозии манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни раванди мазкур муайян месозад.

Ба андешаи мо, баҳри таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ва рушди низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст, ки низоми умумии идоракунӣ ва робитаи байни субъектҳои хоҷагидорӣ дигаргун карда шуда, инчунин, механизми мутобиқшавии фаъолият ба шароитҳои муҳит мукаммал сохта шавад.

Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки корхонаи саноатӣ субъекти асосии иқтисодӣ маҳсуб ёфта, равандҳои ташаккули арзиши нав ва истеҳсолоти инноватсиониро бо роҳи мувофиқасозии манфиатҳои давлат, моликон, истеҳсолкунандагон, истеъмолгарон ва коргарони кироя алоқаманд месозад. Чунин ҳамкории мутақобила баҳри муайян сохтани самтҳои нави фаъолият ва шаклҳои идоракунии корхонаҳои саноатии муосир мусоидат менамояд.

Ба андешаи Козлов Д.И. тибқи стратегияи таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ҳадафи асосии корхона бояд ба рушди устувори фаъолият ва истеҳсолоти дорои сатҳи баланди технологӣ ва аз лиҳози экологӣ тоза равона шуда бошад [4,с.36-43].

Чи тавре дар аксар таҳқиқоти илмӣ зикр гардидааст, таҳти рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, қобилияти он ҷиҳати нигоҳдории комилият, мустақилият ва мутобиқшавӣ ҳатто таҳти таъсири омилҳои муҳити берунӣ фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, таҳти устуворӣ таъмини робитаҳои устувори дохилинизомии корхона, унсурҳо, нишондиҳандаҳо ва равандҳои ҷудогона дар шароити муҳити тағйирёбандаи бизнес дар назар дошта шудааст, ки баҳри ба эътидол овардани равандҳо ва нигоҳдории комилияти фаъолият мусоидат менамоянд [7,с.97].

Ошкорсозии самтҳои асосии таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ гузаронидани таҳлили амиқ ва ташхиси равандҳои дохилии он, таҳлили микро ва макромуҳит, инчунин, баҳисобгирии ҷанбаҳои методологии аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи рушди устувори корхонаро тақозо менамояд. Самтҳои калидие, ки устувории фаъолияти корхонаҳои саноатиро таъмин менамоянд, инҳо мебошанд: молиявӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ, иттилоотӣ, фурӯшӣ ва ғайраҳо.

Баҳодиҳии объективии устувории фаъолияти корхонаҳои саноатиро танҳо дар заминаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ анҷом додан ғайриимкон аст. Равиши муназзам нисбат ба идоракунии устувории корхонаҳои саноатӣ арзёбии унсурҳои асосии низоми мураккаб, аз ҷумла низомҳои ҳуқуқӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва табииро дар назар дорад [8,с.91].

Дар баробари ин, мавриди зикр аст, ки заминаи асосии таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатиро дигаргунсозиҳои сохтории куллӣ ташкил медиҳанд.

Ба соҳаи саноат он соҳаҳое дохил мешаванд, ки дорои омилҳои дохилии мухталиф, технологияҳои истеҳсолот, нишондиҳандаҳои техникӣ, ташкили меҳнат, раванди меҳнат ва ғайраҳо мебошанд, ки мувофиқан барои ҳар яки онҳо низоми муайяни ташкилӣ лозим мебошад. Дар шароити муосир дар раванди истеҳсолот захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва хусусан молиявӣ аз ҳама калидӣ маҳсуб меёбанд.

Тибқи равишҳои аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда доир ба ташкили истеҳсолот, фаъолияти самарабахши истеҳсолоти саноатӣ мавҷудият ва истифодаи мутаносиби захираҳои моддӣ (воситаҳо ва предметҳои меҳнат) ва меҳнатиро тақозо менамояд.

Дар баробари ин, ҳаҷми истеҳсолот бо омилҳо ва захираҳое, ки ба миқдори ҳадди ақал мавҷуданд, маҳдуд карда мешавад. Ғайр аз ин, дар шароити муосир барои таъмини устувории умумии корхона, қабл аз ҳама ба даст овардани фоидаи устувор муҳим мебошад. Бо ибораи дигар, устувории умумии корхона зарурати чунин навъи ҳаракати анбуҳҳои пулиро тақозо менамояд, ки баҳри ба таври доимӣ таъмин намудани барзиёдии ҳаҷми воситаҳои воридшаванда аз ҳаҷми воситаҳои харҷшуда лозим мебошад. Бинобар ин, самти муҳимми ноилгардӣ ба устувории корхонаҳои саноатӣ таъмини устувории молиявӣ ба ҳисоб рафта, чунин ҳолати захираҳои молиявиро ифода менамояд, ки дар мавриди он корхона дар заминаи истифодаи самарабахши онҳо ҷараёни бефосилаи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро қодир мебошад. Ҳолати устувории молиявии корхона баҳри иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва таъмини истеҳсолот бо захираҳои зарурӣ ба таври мусбӣ таъсир мерасонад ва, бинобар ин, фаъолияти молиявӣ имкон фароҳам месозад, ки воридшавӣ ва харҷи воситаҳои пулӣ ба таври нақшавӣ таъмин карда шавад.

Тавре таҳлили муқаррароти назариявӣ ва коркардҳои амалии як қатор муҳаққиқону олимон нишон медиҳад, яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди баландбардории устувории истеҳсолот масъалаи камсозии таваккал дар фаъолият мебошад. Мавриди зикр аст, ки маҳз аз мукаммалсозии механизми идоракунии таваккал ба таври назаррас самарабахшии қарорҳои идоракунӣ дар раванди идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ вобастагӣ

дорад. Дар баробари ин, заминаи асосии механизми мазкурро бояд раванди мақсадноки ҷустуҷӯ ва ташкили фаъолият дар самти коҳиши сатҳи таваккал ташкил намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки тӯли солҳои охир иҷтимоикунонии иқтисодиёти ватанӣ аҳамияти унсурҳои иҷтимоиро дар раванди таъмини устувории фаъолият хеле муҳим ва мубрам намуд. Вобаста ба ин, дар баробари ҷанбаҳои иқтисодӣ дар самти таҳқиқи устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нақши унсурҳои иҷтимоӣ хеле калидӣ мебошад.

Ҳамин тавр, равандҳои иҷтимоие, ки дар раванди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба вуқуъ мепайванд, қабл аз ҳама бо муқаррароти ҳадафҳою уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва зарурати ташаккули таъсири мусбии омили инсонӣ ба устувории фаъолият муайян мегарданд. Раванди мазкур, қабл аз ҳама, бо ташаккули сохтори ташкилӣ, ҳавасмандгардонии кормандон (кафолатҳои иҷтимоӣ) ва фароҳамсозии шароитҳои мусоиди корӣ, инчунин сифати баланди фаъолияти меҳнатӣ таъмин мегардад. Чунин намуди устувории фаъолият дар масъалаи тавсифи идоракунии рушди низомҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ, аҳамияти бештарро касб менамояд.

Ба андешаи мо, низоми устувори фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо фарогирии унсурҳои глобалӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ, ки ба истеҳсоли молу хизматрасониҳо равона карда шудаанд, дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. Низоми ҳамкории дуҷонибаи унсурҳои асосии таъмини устувории фаъолияти корхона дар шароити муосир**

**Figure 1. The system of bilateral cooperation of the main elements of ensuring the sustainability of the enterprise in modern conditions**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Дар шароити муосир аҳамияти хосро дар раванди таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҷанбаи экологӣ касб менамояд. Стандартҳо ва меъёрҳои экологии ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мувофиқ, ки дорои хислати маҳдудкунӣ ва манъсозӣ мебошанд, дар сатҳи давлатӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода мешаванд.

Аз нуқтаи назари мо, таъмини устувории фаъолияти корхона дар заминаи ҳамкории мутақобилаи ноилгардӣ ба рушди иқтисодиву (манфиати иқтисодӣ) бехатарии экологӣ бо рушди иҷтимоӣ (бо дарназардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ) ва таҳаввулоти ҷаҳонишавӣ сурат бояд гирад. Ҳамзамон, дар баробари ин, бахри таъмини рушди устувори корхонаҳо ба фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ бояд аҳамияти зарурӣ дода шавад. Зеро зуҳуроти ҷаҳонишавие, ки дар шароити муосир дар хоҷагии ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайваста истодааст, зарурати ноилгардӣ ба ҷойгоҳҳои пешбар дар бозор тавассути татбиқи инноватсия ва баландбардории иқтидори инноватсиониро мубрам мегардонад.

Бахри таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳое, ки вазъи иқтидори инноватсионии корхонаи саноатӣ ва мутаносибияти онро бо муҳити берунӣ тавсиф менамоянд, хеле зарур мебошад. Вобаста ба ин, зимни таҳияи унсурҳои инноватсионии стратегияи рушди корхона ба таъминоти ташкилӣ-иттилоотӣ тавассути муайянсозии дараҷаи мувофиқати онҳо ба ҳадафҳои стратегии корхона, инчунин, шароитҳои муҳити берунӣ аҳамияти муҳим бояд дода шавад.

Нақши иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолнокии сармоягузории корхона дар таъмини ҳаҷми назарраси сармоягузорӣ таҷассум меёбад, ки ба афзоиши шуғл, ҳаҷми истеҳсолот, даромади аҳолӣ аз ҳисоби ташаккули пойгоҳи моддии устуворнокии фаъолият мусоидат менамояд.

Баландбардории сатҳи устуворнокии фаъолияти корхонаҳо тавассути ҷалби сармоягузорӣ бо роҳи пайдо намудани бозорҳои нави фурӯш, коҳиши гаронии андоз, назорати нархҳо, дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо таъмин мегардад.

Ҳамин тавр, дар интиҳои мақолаи мазкур бояд қайд намуд, ки низоми таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар заминаи ҳамгироии муназзами соҳаи техникии илман асоснокшуда ва раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин мегардад. Муттаҳидсозии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва экологӣ дар раванди ташаккул ва рушди корхонаҳои саноатӣ омилҳо ва самтҳои таъмини рушди устувори субъекти хоҷагидориро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири рушди уствори иқтисодиёт ва ҷомеа, дар маҷмӯъ, муайян менамояд. Бинобар ин, ба назар гирифтани ин омилҳо барои таъмини рушди устувори корхонаҳо замина муҳайё намуда, дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Антипов, Д.В. Разработка модели оценочных показателей устойчивого развития организации [Текст] / Д.В. Антипов // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. - 2010. -№4. -С.186-189.
2. Барфиев К.Х. Анализ конкурентоспособности продукции промышленных предприятий / К.Х. Барфиев, Х.А. Иброхимов, Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2015. -№2/8. -С.23.
3. Гиляровская Л.Т. Анализ и оценка финансовой устойчивости коммерческого предприятия / Л.Т. Гиляровская, А.А. Вехорева. -СПб.: Питер, 2003. -С.9-10.
4. Козлов Д.И. Влияние экономического курса на реализацию стратегии экономической устойчивости предприятия металлургического комплекса / Д.И. Козлов // Экономический анализ: теория и практика. – 2014. -№41(392). -С.36-43.
5. Коробкова З.В. Устойчивое развитие промышленных предприятий в экономике / З.В. Коробкова // Совершенствование институциональных механизмов в промышленности: Сб. науч. тр.; под ред. В.В. Титова, В.Д. Марковой. -Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2005. -С.90-101.
6. Никитина Н. Методы исследования финансового состояния промышленного предприятия / Н. Никитина, В. Филатова // Проблемы теории и практики управления. - 2008. -№4. -С.25-34.
7. Рассветов С.А. Направления устойчивого развития промышленных предприятий / С.А. Рассветов // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2012. -№8(112). -С.96-99.
8. Сулейманова Ю.М. Управление экономической устойчивостью предприятия в процессе его инновационного развития / Ю.М. Сулейманова // Креативная экономика. – 2013. -№8(80). -С.89-95.
9. Шмидт А.В. Методы управления экономической устойчивостью промышленного предприятия / А.В. Шмидт // Вопросы экономики и права. – 2011. -№33. -С.218-222.


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур самтҳои афзалиятноки таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир таҳқиқ карда шудаанд. Ба андешаи муаллифони мақола, андешидани тадбирҳои асосӣ доир ба таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ захираҳои муайянро тақозо менамояд, ки ба рушди иқтидори истеҳсолии корхона нигаронида шудаанд. Муаллифони мақола чунин мепиндоранд, ки ташаккули устувории саноат аз бисёр ҷиҳат аз маҷмӯи шароитҳо ва омилҳо вобастагӣ дорад, ки ба инкишофи корхонаҳои саноатӣ тавассути унсурҳои истеҳсолот, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар воситаҳову унсурҳо таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин, хулосабарорӣ карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи механизме, ки ба таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ равона карда шудааст, иҷрои марҳила ба марҳилаи маҷмӯи тадбирҳоро доир ба дигаргунсозии унсурҳои асосии раванди мазкур дар назар дорад. Муаллифони мақола хулосабаборӣ намудааст, ки муайянсозии самтҳои афзалиятноки устувории корхонаҳои саноатӣ гузаронидани таҳлили ҳамаҷониба ва ташхиси равандҳои дохилии он, таҳлили муҳит, инчунин, баҳисобгирии ҷанбаҳои идоракунии рушди устувори корхонаро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур самтҳои асосии таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир пешниҳод карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** устуворӣ, устувории иҷтимоӣ, устувории иқтисодӣ, устувории истеҳсолӣ, устувории технологӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, устувории ташкилӣ, таваккал, саноат, корхонаҳои саноатӣ.


## ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В данной статье исследованы приоритетные направления обеспечения устойчивости промышленных предприятий в современных условиях. По мнению автора статьи, разработка основных мероприятий по обеспечению устойчивости промышленных предприятий требует определенных ресурсов, направленных на развитие производственного потенциала предприятия. Автор статьи считает, что формирование устойчивости промышленности во многом зависит от целого комплекса условий и факторов, которые воздействуют на развитие промышленных предприятий через элементы производства, социально-экономические отношения, другие инструменты и компоненты. Кроме того, сделан вывод о том, что разработка и применение механизма, направленного на обеспечение устойчивости промышленных предприятий предполагает поэтапное исполнение совокупности мер по преобразованию основных элементов этого процесса. Автором статьи заключено, что выявление приоритетных направлений устойчивого развития промышленного предприятия требует проведения всестороннего анализа и диагностики его внутренних процессов, анализа среды, а также учета аспектов управления устойчивым развитием предприятия. Кроме того, в данной статье представлены основные направления обеспечения устойчивости промышленных предприятий в современных условиях.



**Ключевые слова:** устойчивость, социальная устойчивость, экономическая устойчивость, производственная устойчивость, технологическая устойчивость, экономические показатели, организационная устойчивость, риск, промышленность, промышленные предприятия.

**PRIORITY DIRECTIONS OF ENSURING THE SUSTAINABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS**

There is in the article examined the priority areas of ensuring the sustainability of industrial enterprises in modern conditions. According to the author of the article, development of basic measures to ensure the sustainability of industrial enterprises requires certain resources aimed at developing the production potential of the enterprise. The author of the article believes that the formation of industry stability largely depends on a whole range of conditions and factors that affect the development of industrial enterprises through the elements of production, socio-economic relations, and other tools and components. In addition, there was concluded that the development and application of a mechanism aimed at ensuring the sustainability of industrial enterprises implies a phased implementation of a set of measures to transform the main elements of this process. The author of the article concludes that identifying the priority areas of sustainable development of an industrial enterprise requires a comprehensive analysis and diagnosis of its internal processes, analysis of the environment, as well as taking into account aspects of sustainable development management of the enterprise. In addition, this article presents the main directions of ensuring the sustainability of industrial enterprises in modern conditions.

**Keywords:** sustainability, social sustainability, economic sustainability, production sustainability, technological sustainability, economic performance, organizational sustainability, risk, industry, industrial enterprises.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирзода Диловар Бахриддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Наимзода Неъматуллои Қудратулло*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 917-93-10-12.** E-mail: **naimzodanematullo95@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Кадирзода Диловар Бахриддин*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

***Наимзода Неъматуллои Кудратулло*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-87-87-10.** E-mail: **naimzodanematullo95@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Kadirzoda Dilovar Bahriddin*** - Tajik National University, Professor, Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902-01-18-81**

***Naimzoda Nematulla Kudratullo*** - Tajik National University, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988-87-87-10**

**УДК 338.431**

# АСОСҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ БОЗОРИ АГРАРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

***Шерматов Р.Б., Шерматов Ғ.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бозори аграрӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии системаи иқтисодии давлат дар баробари хусусиятҳое, ки бо хосиятҳои хоси мол муайян карда мешаванд, инчунин, хусусиятҳои умумие доранд, ки хоси як ҷузъи том буда, тобеи қонунҳои умумии рушди системаи иқтисодӣ мебошанд. Бояд тазакур дод, ки мафҳуми илмии "бозор", аз як тараф, ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодии мубодилаи молу хидматҳо бар асоси талабот, пешниҳод ва нарх, аз тарафи дигар, ҳамчун категорияи хусусияти ҷисмонӣ, яъне мустақиман ҷои харидро дар бар мегирад, яъне фурӯши молу хидматҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни бозор анҷом меёбанд, фаҳмида мешавад.

Намояндагони иқтисоди сиёсии англо-америкоӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX - Алфред Маршалл ва Ҷон Бейтс Кларк, бозорро ҳамчун шакли фаъолияти низоми иқтисодӣ бо муносибатҳои инкишофёфтаи молӣ-пулӣ, ҳамкории доимии талаботу пешниҳод барои ба даст овардани молҳои истеъмолӣ бо дарназардошти талаботи одамон баррасӣ карданд [11,с.6].

Таърифҳои муосири мафҳуми «бозор» аз ҷониби як қатор иқтисодчиёни хориҷӣ ба ҳам наздиканд. Ҳамин тариқ, иқтисоддонҳои амрикоӣ Э. Долан ва Д.Э. Линдсей бозорро чунин шарҳ медиҳанд: "Бозор ҳама гуна ҳамкориҳоест, ки барои тиҷорати байни ҳамдигарии инсонҳо зарур аст" [3,с.249]. Макконнел К.Р. ва Брю С.Л. мафҳуми бозорро таърифи шабеҳ ва муфассалтар медиҳанд: "... бозор институт ва механизме мебошад, ки харидорон (намояндагони талабот) ва фурӯшандагон (таъминкунандагон)-и баъзе молу хидматҳоро ба ҳам меорад". Ин таърифҳо ба шарҳи мафҳуми бозор дар аксари сарчашмаҳои адабиёти ватанӣ мувофиқат мекунанд, ки дар байни онҳо ихтилофи назаррас вуҷуд надорад.

Дар муқоиса бо низоми банақшагирӣ ва тақсимот, ки аз афзалияти рушди босуръати истеҳсолот сарчашма мегирад, бозор ҳамчун танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар

муносибатҳои «истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда» ба манфиати истеъмолкунанда талаботро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Бо иттилоъ додани истеҳсолкунандагон дар бораи талабот ба маҳсулоти муайян ва пешниҳоди он бозор механизмеро ташкил медиҳад, ки дар он истеҳсоли мол ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқ карда мешавад, истеҳсолотро ба мутобиқ кардани ҳаҷм ва таркиби маҳсулот ба андозаву сохтори талаботи иҷтимоӣ равона мекунад [9,с.49].

Хоҳиши табиии ҳар як истеҳсолкунандаи мол ба фурӯши маҳсулоташ, барқарор кардани хароҷот ва фоида замоне аз ҷониби А. Смит «дасти ноаён» номида мешуд, ки ин истеҳсолкунандагони молро ба талаботҳои истеъмолкунанда - шакли марказии иқтисоди бозорӣ посух медиҳад, ӯ бо пардохти мол арзиши истифода ва нархи онро эътироф мекунад.

Барои тавсифи иқтисоди бозорӣ, ки дар кишвар ташаккул меёбад, бояд хусусияту шаклҳои асосии онро баррасӣ кард.

Иқтисоди бозорӣ, махсусан дар назария, озодии интихоби иқтисодиро ифода мекунад. Моҳияти он аз нигоҳ доштани мувозинати доимӣ байни талабот ва пешниҳод иборат аст. Номутаносибӣ дар ин ё он самт боиси норасоии маҳсулот ё истеҳсоли зиёд мегардад.

Назарияҳои классикии иқтисодӣ ва неоклассикӣ аз он бармеоянд, ки азбаски худи истеҳсолот барои худ талаботи кофӣ эҷод мекунад, иқтисоди бозорӣ на танҳо ба дахолати давлат ниёз надорад, балки барои он комилан мухолиф аст. Ин ғояҳо дар қонуни Сэй ифодаи комили худро ёфтанд [5,с.55].

Интихоби намуна барои бозори дохилӣ бо истинод ба назарияҳои иқтисодии Ғарб сурат гирифт. Аммо бояд дар назар дошт, ки дар Ғарб байни иқтисоддонҳо на як, балки якчанд мактаби асосии илмӣ мавҷуд аст. Самти интихобкардаи ислоҳотгарони дохилӣ маҷмӯи принсипҳои назарияи классикӣ ва монетаризм дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ мебошад, ки ба истифодаи комил, яъне рақобати озод асос ёфтааст. Чи тавре С.Меншиков қайд мекунад, дар асри XIX онро танҳо ба истисно қабул намуданд ва дар асри XX дар ҳеҷ ҷое дар шакли холис вуҷуд надошт. Ӯ, ба мисли дигар муаллифон, қайд мекунад, ки дар иқтисоди омехтаи муосир рақобати номукаммал ҳукмфармост. Ин на танҳо аз он сабаб ба амал омадааст, ки корпоратсияҳои калон аксарияти бозорҳои муҳимтаринро дар ихтиёри худ доранд, балки қисми зиёди маҳсулоти муосир молҳои полиэтиленӣ, хеле фарқкунанда ва инфиродӣ мебошанд [8,с.89].

Дар муқоиса бо бозор дар иқтисодиёти ба таври мутамарказ ба нақша гирифташуда (ё тақсимоти нақшавӣ), субъектҳои хоҷагидорӣ дорои дараҷаи озодии иқтисодӣ мебошанд, ки давлат ба онҳо иҷозат медиҳад.

Мавқеи миёнаи байни ин ду қутби шадидро ба истилоҳ иқтисодиёти омехта ишғол мекунад, ки принсипҳои бозории рақобати озод ва танзими давлатиро дар бар мегирад. Ин ғояҳоро Ҷ. Гэлбрейт таҳия кардааст, ки идеяи машғулиро дар доираи капитализми муосири ду системаи иқтисодӣ асоснок кардааст: «Бозор, ки онро корхонаҳои хурд ва миёна муаррифӣ мекунанд ва ба нақша гирифта шудаанд, ки дар онҳо корпоратсияҳои калон намояндагӣ мекунанд» [4,с.47].

Чи тавре муҳаққиқони маъруфи амрикоӣ П. Самуэлсон ва В. Нордҳаус қайд карданд, иқтисоди омехта ва ташкили он, пеш аз ҳама, ба системаи нархҳо такя мекунад, аммо дар мубориза бо ноустувории макроиқтисодӣ ва шикастҳои бозор аз дахолатҳои гуногуни ҳукумат истифода мекунад.

Моделе, ки дар Тоҷикистон ҳангоми ислоҳоти иқтисод қабул шудааст, асосан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таҳия ва санҷида шудааст, ки аз ҷиҳати сохтори иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии худ аз нақшагирии марказӣ якбора фарқ мекарданд. Чунин модел дар кишварҳои дорои рушди миёнаи сармоядорӣ, ки дар он озодии нархҳо ва савдои хориҷӣ дар шароити истеҳсолоти хусусӣ, дорои инфрасохтори бозор ва системаи дахлдори ҳуқуқӣ ба амал омадаанд, бомуваффақият татбиқ карда мешуданд [5,с.55].

Бояд қайд кард, ки консепсияҳои мушовирони Ғарб дар ислоҳоти иқтисодӣ бо маҳкумияти иқтисоддонҳои муътабари кишварҳои Ғарб дучор омаданд. Ҳамин тавр, Ҷ.Гэлбрейт, ки яке аз назариячиёни барҷастаи «ҷомеаи постиндустриалӣ» ба ҳисоб меравад, ҳамватанони худро дар яке аз симпозиумҳои дар Париж тобистони соли 1990 баргузоршуда ҳушдор дод: «Ба кишварҳои сотсиалистӣ маслиҳат надиҳед, ки ҷомеаи Амрико инро ҳеҷ гоҳ нахоҳад пазируфт» [4,с.51].

Як қатор муаллифон асоснок тасдиқ мекунанд, ки падидаҳои буҳронӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон на танҳо натиҷаи ногузири гузариш аз як шакли муносибатҳои иқтисодӣ ба шакли дигар мебошанд, балки бо як қатор амалҳои хатои сохторҳои давлатӣ

муайян карда мешаванд. Баъзеи онҳо бо хатогиҳои суръат ва шароити хусусигардонӣ алоқаманданд.

Зарурати ислоҳоти иқтисодиро бо роҳи хароб кардани бинои кӯҳнаи "сотсиалистӣ" ва дар ҳамон ҷо сохтани хонаи нави "капиталистӣ" муайян карда, ислоҳотгарон асосҳои ислоҳотро муайян карданд: озодии нархҳо бидуни назорати давлат, иваз кардани системаи банақшагирии мутамарказ ва роҳбарӣ фаъолияти корхонаҳо тавассути идоракунии мустақили онҳо дар шароити "бозори озод" ва "рақобати озод"; тағйири шакли моликият аз давлат ба хусусӣ тавассути хусусигардонӣ; тағйирот дар сиёсати буҷа бо мақсади коҳиш додани касри буҷа дар асоси тағйирот дар принсипҳои андоз ва сиёсати иҷтимоӣ. Ин муносибатҳо як қатор камбудиҳои амиқе доштанд, ки ислоҳотхоҳон онро пешбинӣ накарданд ва ба назар нагирифтанд, ки дар ниҳоят ба падидаҳои ҷиддии манфӣ дар иқтисодиёт, сипас ба бӯҳрони иқтисодӣ ва ба якбора поин рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда расонданд [10,с.27].

Афзоиши нархҳо, инчунин, азнавсозии дахлдори воситаҳои гардонро тақозо мекард, ки бидуни он корхонаҳо натанҳо истеҳсолотро афзоиш дода наметавонанд, балки сатҳи пешинаи истеҳсолотро низ нигоҳ дошта наметавонанд. Раванди хусусигардонӣ низ натиҷаҳои интизоршавандаро надод.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз иқтисоди мутамаркази нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ афзоиши шумора ва таносуби корхонаҳои хурду миёна ҳамроҳ буданд.

Таносуби корхонаҳои андозаи гуногун дар соҳаҳои мухталиф яхела нестанд. Ҳамин тариқ, ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна, махсусан, дар савдои чакана, соҳаи хизматрасонӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, инчунин, намудҳои алоҳидаи маҳсулоти технологии баланд аст.

Ҳамзамон, номуташаккилии иқтисодиёт дар шароити хусусигардонии зуд бо вайрон шудани сохторҳои пешини амудии идоракунӣ ва набудани сохторҳои ба онҳо мувофиқ дар шароити нави иқтисодӣ шадидтар гардид.

Гузариш ба иқтисоди бозор азнавсозии сохтори идоракунии корхонаҳо ва ташкилотҳоро тақозо мекунад. Дар онҳо барои мақсадҳои бозорӣ, ки, одатан, дар корхонаҳои давлатӣ дар шароити иқтисоди нақшавӣ мавҷуд набуданд, тақсимоти нав талаб карда мешавад. Бар хилофи бахшҳои қаблӣ, ба монанди шӯъбаҳои таъминот ва фурӯш, ки қаблан дар сохтори идоракунӣ ҷои дуюмдараҷаи тобеъро ишғол мекарданд, бахшҳои нав бояд дар муайян кардани стратегия ва тактикаи сохторҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ ва иҷрои вазифаҳои идораи бозор нақши аввалиндараҷа дошта бошанд.

Гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ маънои тарк кардани банақшагирӣ ҳамчун шакли идоракунии фаъолияти иқтисодиро надошта, мундариҷаи он ба таври назаррас тағйир мeёбад [12,с.104].

Дар шароити бозор ягон корхонаву ташкилоти хоҷагӣ бе нақша фаъолият намекунад. Танҳо он аз боло "намефарояд", балки аз ҷониби иҷрокунандагони мустақими худ тартиб дода мешавад ва дар раванди иҷрои онҳо таҳти назорат ва ислоҳ қарор мегирад. Дар шароити нав маҷмӯи нақшаҳои дарозмуддат ва ҷорӣ боқӣ мемонад.

Моҳияти принсипҳои банақшагирии индикативии давлатӣ иборат аз он аст, ки ҳадафҳои мушаххаси рушд ва таҷдиди сохтори истеҳсолот, муттаҳид сохтани саъю кӯшиши давлат ва сармояи хусусӣ, ки бо тадбирҳои танзими давлатӣ ва татбиқи барномаҳои мақсадноки зарурӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Гузариш ба иқтисоди бозор бо зарурати ба назар гирифтани тағйироти даврӣ дар фаъолияти соҳибкории давраҳои гуногун алоқаманд аст: 3-4 сол (аз ҷиҳати моддӣ ба басомади навсозӣ дар истеҳсоли захираҳои мол, инчунин захираҳои дарозмӯҳлати истеъмолӣ дар байни аҳолӣ), 8-10 сол (навсозии истеҳсолот, таҷҳизот), 15-20 сол (ба истилоҳ "давраи сохтмони Кузнетс") ва 40-50 сол (ба истилоҳ "мавҷҳои дароз", ё "давраҳои Кондратев").

Н.Д. Кондратев динамикаи иқтисодиро дар тӯли 100 сол омӯхта, ба хулосае омад, ки бӯҳронҳои иқтисодии солҳои 20-30-уми асри XX маънои анҷоми иқтисоди бозориро надоранд, балки унсурҳои «муқаррарии» «давраҳои бузурги иқтисодӣ»-и динамикаи иқтисодӣ мебошанд. Барои ин давраҳо лапишҳои доимии мавҷҳо хосанд. Онҳо иқтидори барқарорсозии мувозинати умумӣ ва хусусии иқтисодиро доранд [6,с.87].

Донистани қонунҳои табиати даврии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки бо ёрии ҳалли муайян ба тағйироти назарраси динамикаи иқтисодӣ вокуниш нишон дода шавад, то таназзули истеҳсолот ва номутавозинии байнисоҳавӣ пешгирӣ карда шавад.

И. Устиян қайд мекунад, ки афкори назариявии Н.Д. Кондратев аз ҷониби Кейнс истифода гардид ва ба иқтисодчиёни Аврупои Ғарбӣ ва ИМА ҳамчун "воситаи ташхис" ва

"доруи самарабахш" барои иқтисоди буҳронии солҳои 1929-1933 хидмат мекарданд [6,с.240].

Дар шароити муосир мушкилоти асосии рушди иқтисоди ватанӣ афзоиши сармоягузорӣ мебошад. Дар шароити бозор ва рақобат шарти ивазнашавандаи ин таҷдиди дастгоҳи истеҳсолӣ ва мутобиқ кардани номгӯи маҳсулот ба талабот мебошад. Аммо маблағҳое, ки барои сармоягузории асосӣ аз захираҳои дохилии корхонаҳо заруранд, бинобар сабаби таваррум аз даст рафтанд. Манбаи берунии сармоягузории асосӣ, ки қаблан маблағгузории мутамаркази буҷет буд, аз байн рафт. Бонкҳои тиҷоратии навтаъсис, ки дороиҳояшонро дар тиҷорат, асъор ва дигар амалиётҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ мутамарказ кардаанд, амалан дар сармоягузорӣ ба истеҳсолот, алахусус маҳсулоти кишоварзӣ, иштирок намекунанд. Масалан, Н. Шмелев чунин мешуморад, ки то ба сармоягузорони калони хусусии миллӣ тоб овардан ва сатҳи фоидае, ки метавонад онҳоро ба таври объективӣ бо сармоягузориҳои одӣ дар рушди иқтисоди воқеӣ таъмин кунад хеле вақт лозим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки умед ба сармоягузории мустақими хориҷӣ низ хеле зиёд аст, зеро муқовимати шаҳрвандӣ иқтисодиёти кишварро паси сар кард ва инфрасохторро хароб кард.

Аз ин рӯ, татбиқи барномаву нақшаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва сармоягузории давлатӣ барои рушди бахши давлатии иқтисодиёт, аз ҷониби давлат гузаштани як қисми вазифаҳои сармоягузории он ба сохторҳои бузурги боэътимоди истеҳсоливу молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ ва ҷалби захираҳои иловагӣ дар соҳаи истеҳсолот аҳамияти калон дорад. Ин амалия дар як қатор кишварҳои Ғарб васеъ паҳн шудааст, ки дар он давлат лоиҳаҳои сармоягузории худро тавассути системаи ширкатҳои холдингӣ ва консернҳо маблағгузорӣ мекунад ва сармоягузории буҷетиро дар асоси меъёрҳои даромаднокии баланди сармояи гузошташуда дар асоси принсипҳои бозор мегузорад. Аммо, таҷрибаи сармоягузории фючерсӣ дар бозори пахта дар Тоҷикистон зарурати бознигарии баъзе механизмҳои дар Ғарб зарурииро ба миён овард.

Ислоҳоти сиёсати буҷавӣ, ки ба коҳиши касри буҷа тавассути баланд бардоштани сатҳи андозҳо ва афзоиши шумораи онҳо, коҳиш додани дастгирии буҷетӣ барои соҳаҳои қаблан субсидияшуда, аз ҷумла кишоварзӣ, коҳиши барномаҳои иҷтимоӣ на танҳо ба ҳадаф нарасиданд, балки буҳронро дар иқтисодиёт шадидтар кард, боиси тавлиди назаррас шуданд мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа гардидаанд. Раванди харобшавии инфрасохтори иҷтимоӣ ба бисёр ҷанбаҳои он – илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, тартиботи ҷамъиятӣ, таъсир расонд. Аммо таъсири мустақим ва манфӣ ба аксарияти аҳолии кишвар аз ҷониби чунин омил дар натиҷаи ислоҳоти куллӣ, аз қабили бад шудани ғизо, ба амал омада буд. Коҳиши якбораи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба оқибатҳои вазнини иқтисодӣ оварда расонд, амалан ҳеҷ гуна дастгирии давлатӣ дар кишварҳои пешрафта ба таври васеъ амалӣ карда намешуд, болоравии шадиди нархҳои хӯрокворӣ бо коҳиш ёфтани даромади воқеии аҳолӣ ва вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ боиси коҳиши назарраси сатҳи зиндагии аҳолӣ гардида буд [9,с.51].

Бо назардошти нақши муҳимми бозори кишоварзӣ дар ҳаёти ҳар як ҷомеа, ба назар гирифтани хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти он дар шароити муосир, бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, тамоюлҳои рушд, муайян кардани дурнамои асосии рушди бозор ва роҳҳои расидан ба онҳо, ҳам барои соҳаи кишоварзӣ дар маҷмӯъ ва ҳам барои як мақсад, мувофиқ мебошад, ки яке аз қисматҳои таркибии он бозори пахта мебошад. Дар шароити муосир барои ташаккули муносибатҳои бозорӣ, алалхусус, дар истеҳсолу фурӯши ашёи хом шартҳои зерин мавҷуданд:

- шаклҳои гуногуни моликият ва идоракунии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони сершумори маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои истеҳсоли онҳо, сатҳи баланди рақобати дохилву хориҷӣ;

- фазои соҳибкории озод дар робита ба интихоби намуди маҳсулоти истеҳсолшуда ва каналҳои фурӯши онҳо, муқаррар кардани сатҳи нархҳо ва қобилияти мустақилона идора кардани даромади онҳо ва ғайра.

Аммо барои фаъолияти бомуваффақияти низоми иқтисодӣ, алалхусус бозори пахта, додани манфиатҳои ҳама субъектҳои хоҷагидории бозор ва ба он шакл мундариҷаи мутамаддини муосир як қатор шартҳо заруранд, ки хоси он кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардае мебошанд, ки дар онҳо низоми бозор марҳилаи ташаккулро гузаштанд ба параметрҳои фаъолияти беҳтаршуда наздик шуданд, аз он ҷумла:

- татбиқи чораҳои муассири танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳи макроиқтисодиёт;

- таҳияи низоми қонунгузорӣ, ки фаъолияти муътадили низоми иқтисодиро таъмин мекунад, истисно ва ихтилофи байни санадҳои қонунгузории сатҳҳои мухталиф, таъмини

низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба татбиқи амалии санадҳои ҳуқуқии пайдошуда мусоидат мекунанд;

- мавҷудияти сиёсати муассири андоз, қарз, нархгузорӣ, ки ба манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ҷавобгӯ мебошад;

-фароҳам овардани инфрасохтори истеҳсолӣ ва махсусан рушдёфта.

Агар дар марҳилаи аввалиислоҳоти иқтисоди ватанӣ ба ҳалли масъалаҳои бунёдии вуруди кишвар ба шароити бозор таваҷҷӯҳ зоҳир шуда бошад, пас марҳилаи навбатии ҳалли мушкилоти бозор ҷанбаҳои мушаххаси ташаккули бозорро пешниҳод мекунад: соҳавӣ, ҳудудӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва дар оянда ташаккули бозори институтсионалӣ, сохторӣ, ташкилӣ ва ғайра. Самаранокии фаъолияти бозори пахта, пеш аз ҳама, ба сатҳи рушди комплекси агросаноатӣ ва инфрасохтори бозор вобаста аст. Ҳамзамон нақши пешбаранда дар таъмини аҳолии кишвар ба маҷмӯи агро-саноатӣ тааллуқ дорад [10,с.31].

Системаи махсусгардонӣ ва тақсимоти соҳаҳои истеҳсолоти агросаноатӣ, ки дар гузаштаи наздик ташаккул ёфтааст, робитаҳои ташаккулёфтаи байниминтақавии озуқаворӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои миллиро ба назар мегирифтанд. Ҳарчанд ин система аз комилият дур буд, давраи ислоҳоти бахши аграрии иқтисодиёт ба ҷои ислоҳи мутавозини камбудиҳо дар истеҳсолу фурӯши маҳсулот, бо таҳрифи таносубҳои қаблан коркардшуда, канда шудани робитаҳои анъанавии озуқаворӣ ва ашёи хом ва дар соҳаи сиёсати озуқаворӣ тавсиф карда мешавад. Ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар тадриҷан бо рушди объективии худ ҷомеаро ба он овард, ки ин раванд бидуни дахолати фаъоли давлат бомуваффақият анҷом дода намешавад. Бояд на танҳо ба соҳае, ки таъминотро таъмин мекунад, балки имкони дахолати мазкур дар таъмини сатҳи зарурии талабот, ҳамчун неруи пешбарандаи иқтисодиёт дар низоми бозор дахолат кардан лозим аст. Дар робита ба ин, бояд роҳҳо ва воситаҳои таъмин намудани талаби самарабахши як истеъмолкунандаи мушаххасро ҷустуҷӯ кард, ки дар навбати худ дахолати давлатро дар соҳаи тақсимоти даромад талаб мекунад. Дар кишварҳои Ғарб низоми такмилёфтаи шаклҳо ва усулҳои таъсири давлат ба бозор, ки дар заминаи қонунгузорӣ асос ёфтаанд, ташаккул ёфтааст, ки ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ пешбинӣ мекунад [11,с.5].

Масъалаҳои инкишофи бозори аграрӣ алоқамананданд бо рушди комплекси агросаноатии ватанӣ, ки зарурати таҳияи заминаи дахлдори ҳуқуқӣ ва меъёрии танзими онро ба миён меоранд. Дар ин самт захираҳои муайяне вуҷуд доранд, аммо ба таври возеҳ нокифоя аст, зеро заминаи қонунгузорӣ ҳанӯз ҳамаҷониба нест. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми танзими агросаноатӣ то андозае заминаи самарабахши институтсионалиро дорад ва ин, пеш аз ҳама, боз ҳам дастгирии зарурии молиявии давлатиро талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Барфиев К.Х. Управление конкурентоспособностью по отчетностмя / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Проблемы экономики и юридической практики. - 2020. -Т.16. - №2. -С.112-118.
2. Булатов А.Е. Рыночные отношения в АПК: особенности и проблемы становления (спецкурс) / А.Е. Булатов // Российский экономический журнал. – 1996. -№9-10, №11-12.
3. Ганиев Т.Б. Аграрные преобразования: достижения и трудности / Т.Б. Ганиев // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. – 2009. -№1. –С.34-45.
4. Гэлбрейт Дж.К. Экономические теории и цели общества / Дж.К. Гэлбрайт / Пер. с англ.; под общ. ред. и с предисл. Н.Н. Иноземцева. – М.: Прогресс, 1976. – 408 с.
5. Сей Ж.Б. Трактат по политической экономии /Ж.Б. Сэй. –Москва: Директ-Медиа, 2007. – 67 с.
6. Кондратьев Н.Д. Закономерности и особенности развития рыночных отношений в аграрном секторе / Н.Д. Кондратьев // Экономист. – 2005. -№4. -С.48-66.
7. Мадаминов А.А. Некоторые аспекты устойчивого развития сельского хозяйства/ А.А. Мадаминов // Проблемы устойчивого экономического развития АПК Таджикистана. – Душанбе, 2011. – С. 3-12.
8. Меньшиков С. Аграрные реформы и развитие сельской экономики России // в сб. Аграрные доктрины двадцать первого столетия: уроки на будущее. –М., 2008. – С. 18-29.
9. Мирзоев Н.Х. Экономические информационные системы-важный фактор управленческой деятельности / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов, Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. № 8. – С. 46-51.
10. Шерматов Р.Б. Использование информационно-технологических компонентов в развитии рынка хлопка-сырца / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - №2/5. -Часть II. – С. 26-33.
11. Шерматов Р.Б. Информационные особенности аграрного рынка: проблемы социально-экономического развития в Таджикистане / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –2015. - № 2/5(172). – С. 133-139.
12. Шерматов Р.Б. Проблемы стимулирования производства и реализации хлопка-сырца в Республике Таджикистан / Р.Б. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2011. - №6(70). –С.100-106.

## АСОСҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ БОЗОРИ АГРАРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ, махсусан, дар соҳаи аграрӣ аз нуқтаи назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳқиқ карда шудааст. Танзими давлатии макроиқтисодӣ ҳамчун асоси муҳимми инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ буда метавонад. Аз тарафи муаллифон қайд карда мешавад, ки мафҳуми илмии "бозор" аз як тараф, ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодии мубодилаи молҳо ва хидматҳо бар асоси талабот, пешниҳод ва нарх, аз тарафи дигар, ҳамчун категорияи хусусияти ҷисмонӣ, яъне мустақиман ҷои харидро дар бар мегирад, яъне фурӯши молҳо ва хидматҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни бозор анҷом дода мешаванд, инъикос намудааст. Ҳамин тариқ, мувофиқи ақидаи муаалифон, дар низоми банақшагирӣ ва тақсимот, ки аз афзалияти рушди босуръати истеҳсолот сарчашма мегирад, бозор ҳамчун танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои «истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда» ба манфиати истеъмолкунанда ба таври назаррас тағйир медиҳад. Аз тарафи муаллифон оварда шудааст, ки дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ бо иттилоъ додани истеҳсолкунандагон дар бораи талабот ба маҳсулоти муайян ва пешниҳоди он, бозор механизмеро ташкил медиҳад, ки дар он истеҳсоли мол ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқ карда шуда, истеҳсолотро ба мутобиқ кардани ҳаҷм ва таркиби маҳсулот ба андоза ва сохтори талаботи иҷтимоӣ равона менамояд.

**Калидвожаҳо:** бозори аграрӣ, иқтисоди бозор, танзими давлатӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, озодсозии нархҳо, бахши хидматрасонӣ, ислоҳот, навоварӣ, сармоягузорӣ, сиёсати нархгузорӣ.

## ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ АГРАРНОГО РЫНКА В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются особенности становления рыночных отношений в бывших социалистических странах, особенно в аграрном секторе, с теоретической и практической точки зрения. Государственное макроэкономическое регулирование может стать важной основой для развития рыночных отношений в сельском хозяйстве. Авторы отмечают, что научное понятие «рынок» включает, с одной стороны, систему экономических отношений обмена товарами и услугами, основанную на спросе, предложении и цене, а, с другой стороны, категорию физического характера, т.е. непосредственно место покупки, то есть продажу товаров и услуг, осуществляемую участниками рынка. Таким образом, по мнению авторов, в системе планирования и распределения, которая вытекает из преимущества быстрого роста производства, рынок как регулирование экономических отношений во взаимоотношениях «производитель-потребитель» существенно меняется в пользу потребителя. По мнению авторов, в рыночной экономике путем информирования производителей о спросе на конкретный продукт и его предложении рынок представляет собой механизм, в котором производство товаров адаптируется к потребностям потребителей, а объем и составом производство регулируется, в соответствии с размером и структурой социальных потребностей.

**Ключевые слова:** аграрный рынок, рыночная экономика, государственное регулирование, экономическая реформа, либерализация цен, сфера услуг, реформированние, инновация, инвестиция, ценовая политика.

## FUNDAMENTALS FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE AGRARIAN MARKET IN THE MODERN ECONOMIC CONDITIONS

The article examines the features of the formation of market relations in the former socialist countries, especially in the agricultural sector, from a theoretical and practical point of view. State macroeconomic regulation can become an important basis for the development of market relations in agriculture. The authors note that the scientific concept of "market" includes, on the one hand, as a system of economic relations of exchange of goods and services, based on demand, supply and price, and, on the other hand, as a category of physical nature, i.e. direct place of purchase, that is, the sale of goods and services carried out by market participants. Thus, according to the authors, in the planning and distribution system, which follows from the advantages of rapid production growth, the market as the regulation of economic relations in the producer-consumer relationship changes significantly in favor of the consumer. According to the authors, in a market economy, by informing producers about the demand for a specific product and its supply, the market is a mechanism in which the production of goods is adapted to the needs of consumers, and production is regulated in accordance with the volume and volume. composition of products. The size and structure of social needs is determined.

**Keywords:** agrarian market, market economy, government regulation, economic reform, price liberalization, service sector, reform, innovation, investment, pricing policy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шерматов Раҷаб Боймуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи системаҳои итилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-16-91-69**
***Шерматов Гуломҷон Раҷабович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи системаҳои итилоотӣ дар иқтисодиёти. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: **919-22-95-31**

**Сведения об авторах:** ***Шерматов Раджаб Боймуродович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-16-91-69**
***Шерматов Гуломджон Раджабович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационных ситем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-22-95-31**

**Information about the authors:** ***Shermatov Rajab Boimurodovich*** **-** Tajik National University, senior lecturer of the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904-16-91-69**
***Shermatov Gulomjon Rajabovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-22-95-31**

УДК 657.6

# АУДИТИ ШАРТНОМАҲОИ ХОҶАГИДОРӢ БАРОИ МУВОФИҚАТ БО ҚОНУНГУЗОРӢ

*Тоҳирова Р.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тез-тез дигаршавии қонунгузории иқтисодӣ намудҳои нави қонуншиканиҳои иқтисодӣ пайдо шудаанд, ки асосан бо расмикунонии даромадҳо ва саркашӣ намудан аз андозсупорӣ алоқаманд мебошанд. Қонуншиканиҳои иқтисодӣ қонуншиканиҳои касбӣ ҳисобида мешаванд, чунки онҳо бо истифода аз донишҳои соҳаҳои муҳосибӣ, андозу андозбандӣ, иқтисодиёт, ҳуқуқ, равандҳои технологии истеҳсолот ва хизматрасонӣ содир карда мешаванд. Шахсони содиркунандаи қонуншиканиҳои иқтисодӣ аксаран роҳбарони пуртаҷриба низ мебошанд. Таҳқиқ ва кушода додани намудҳои муосири қонуншиканиҳои иқтисодӣ тақозо менамоянд, ки аудитор дорои донишу малакаҳои касбӣ оид ба ҳар гуна ҳилаҳо ва тадбирёбиҳо дар усулу воситаҳои баҳисобгирӣ, ки барои содир намудани қонуншиканиҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, буда, онҳоро моҳирона муқаррар карда тавонад. Яке аз самтҳои асосие, ки аудитор ин гуна донишҳои худро ба кор мебарад, санҷиши аудитории шартномаҳои хоҷагидорӣ барои мувофиқат бо қонунгузорӣ мебошад.

Аз натиҷаи омӯзиши интишорот оид ба масъалаҳои санҷиши аудитории шартномаҳои хоҷагидорӣ ба мо маълум гардид, ки муҳаққиқон самти мазкури аудитро бо равишҳои гуногун баррасӣ менамоянд. Масалан, А.Д. Шеремет ва В.П. Суйтс ин бахши аудитро чун самти алоҳидаи санҷиши аудиторӣ нашуморида, онро якҷоя бо баҳодиҳии сохтори ташкилӣ, сохтори идоракунӣ, пояҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд [12,с.371].

В.И. Подолский ва А.А. Савин самти мазкури аудитро экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузорӣ унвон дода, онро дар доираи мавзӯи аудити ҳуҷҷатҳои умумӣ баррасӣ мекунанд. Мо низ ҷонибдори муаллифони мазкур буда, дар мақолаи худ онро чун экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ баррасӣ менамоем [10,с.317].

Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ мебошад [6]. Шартномаи хоҷагидорӣ бошад, воситаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои хоҷагидории байни субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну мафҳуми шартномаҳо (боби 26), муқарраротӣ умумии бастан ва намудҳои шартнома (боби 27), тағйирдиҳӣ ва бекоркунии шартнома (боби 28) пешбинӣ шудаанд.

Ҳувайдост, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва татбиқи ҳамсонкунии байналмилалии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ фаъолияти молиявии бомуваффақи субъектҳои хоҷагидорӣ акнун бевосита аз сифати тартибдиҳӣ ва муҳтавои шартномаҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад. Хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо ҳангоми омодасозии матни шартномаҳо аксаран ба муқарраротӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро такя намуда, талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурамалҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии иқтисодию молиявиро ба ҳисоб намегиранд. Оқибати ин гуна муносибат на танҳо ихтилофҳои байни ҷонибҳои шартнома, инчунин, хатоҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андозҳо мебошанд.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст инъикос кардани ҳар як амалиёти бо иҷрои шартҳои шартнома алоқамандро муҳосиб танҳо пас аз таҳлили амиқи муқарраротӣ дахлдори шартнома ва ҳуқуқҳои граждании муайяни дар ин маврид байни ҷонибҳо пайдошуда таъмин карда метавонад [8,с.102]. Бинобар ин, дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ ба аудитор лозим меояд, ки экспертизаи шартномаҳои хоҷагидориии корхонаи санҷидашавандаро барои назорат ва собит кардани далели пайдошавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вай гузаронад. Экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ дар ниҳоят ба самаранокии санҷиши саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд.

Ҳангоми экспертизаи шартномаи хоҷагидорӣ ҷиҳати мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба аудитор лозим меояд, ки ба чунин савол посух диҳад: оё дар ҳақиқат шартномаи мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянеро ба миён меорад? Бо вуҷуди муҳимии амали аудитории мазкур, методикаи экспертиза ба пуррагӣ коркард нашудааст, ки дар ин бора маводи илмӣ ва таълимии доир ба аудит мавҷудбуда, инчунин амалияи фаъолияти

ташкилотҳои аудиторӣ шаҳодат медиҳанд. Гузашта аз ин, на ҳамеша аудиторҳо ва пеш аз ҳама аудиторҳои инфиродӣ имкони доимо бо ҳуқуқшиносҳо машварат карданро доранд [7,с.177].

Барои дуруст ва мувофиқи мақсад гузаронидани экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ба аудитор, пеш аз ҳама, зурур аст, ки намуд, мавзӯъ, ҳайати ҷонибҳо ва шартҳои муҳимми ҳар як шартномаро муайян кунад. Аз натиҷаи санҷиши аудитории шартномаҳои хоҷагидорӣ бояд дараҷаи мувофиқати шартҳои шартномаҳои хоҷагидорӣ бо муҳтавои амалиёти дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикосгардида муайян карда шавад. Мақбул аст, ки натиҷаҳои санҷиш дар ҳуҷҷатҳои кории махсуси аудитор ба расмият даровaрда шаванд [4,с.79].

Ҳангоми санҷиши шартномаҳои хоҷагидорӣ аудитор пеш аз ҳама доираи намудҳои шартномаҳоеро муайян менамояд, ки мизоҷ аз маҷмӯи шартномаҳои пешбининамудаи кодекси гражданӣ дар фаъолияти хоҷагидории худ истифода мебарад, аз ҷумла, шартномаҳои хариду фурӯш, иҷора, таҳвил (маҳсулотсупорӣ), таъмини барқ, фурӯши амволи ғайриманқул, фурӯши корхона, мубодила, ҳадякунӣ, иҷора, кироя, киро, иҷораи молиявӣ, паймонкорӣ (пудрат), хизматрасонӣ, ҳамлу нақл (кашонидан), экспедитсияи нақлиётӣ, вом ва қарз (қарз ва кредит), пасандози бонкӣ, ҳисоби бонк, супориш, комиссия, идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол, нигаҳдошт, суғурта, фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) ва ғ. [11,с.323].

Аудитор пурсиши шифоҳии роҳбариятро оид ба тартиби бастани шартномаҳо гузаронида, муайян менамояд, ки оё дар корхона то бастани шартнома ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар бораи мизоҷи нав ғун карда мешаванд. Роҳбарият ва мутахассисони корхона бояд шахсонеро, ки бо онҳо шартномаҳои хоҷагидорӣ мебанданд, ҳаматарафа омӯзанд, то барои аз ҷониби онҳо иҷро гардидани ҳама шартҳои шартнома боварӣ ҳосил намоянд.

Аудитор шартномаҳои асосиро омӯхта, бояд ба он диққати муҳим диҳад, ки ба шартнома ки имзо гузоштааст, имзои гузошташуда ба шарҳи он (насаби имзогузоранда), муҳтаво ва мартабаи шартнома ба вазифаи шахси имзогузошта мувофиқат мекунанд. Агар шахси ба шартнома имзогузошта дорои ваколатҳои зарурӣ набошад, оқибат иҷроиши шартнома метавонад зери шубҳа монад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ шахси ба шартномаи хоҷагидорӣ имзогузоранда намояндаи тиҷоратӣ номида мешавад.

Баъзан шарикони ҳамкор иҷрокунии уҳдадорӣ ва масъулиятҳои аз шартнома барояндаи худро нахоста изҳор менамоянд, ки шахси ба шартнома имзогузошта барои ин амал ваколат надошт. Барои рух надодани чунин ҳолатҳо, пеш аз бастани шартнома бо шарики тиҷоратӣ роҳбарият ва мутахассисони корхонаи ҷониби шартнома мебояд шахсияти имзогузоранда (намояндаи шарики тиҷоратӣ)-ро муқаррар намуда, аз вай пешкаш намудани ҳуҷҷатҳои ба вай ваколатдиҳандаро талаб намоянд.

Агар намояндаи шарики тиҷоратӣ директори корхона бошад ва ваколатнома надошта бошад, мебояд бо фармон дар бораи ба ин вазифа таъйин кардани вай (дар мавриди корхонаҳои давлатӣ) ё бо суратҷаласаи маҷлиси муассисони корхона (дар мавриди корхонаҳои тиҷоратӣ) шинос шуд. Дар баъзе корхонаҳо, хоса дар корхонаҳое, ки директор ба тaври кироя кор мекунад, муассисон дараҷаи ваколатҳои вайро маҳдуд намуда, ваколатҳо ба вай фақат бо ризоияти шӯрои директорон ё қарори маҷлиси муассисон дода мешаванд. Масалан, дар бахши оинномаи корхона бо номи “Ваколатҳои директор” метавонад нишон дода шавад, ки директор аҳдҳои арзишашон аз 100 ҳазор сомонӣ зиёдро фақат бо ризоияти шӯрои директорон анҷом дода метавонад. Аз ин хотир мебояд ба бахши дахлдори оинномаи корхона шинос шуда, боварӣ ҳосил намуд, ки ваколатҳои директор маҳдуд карда нашудаанд.

Агар намояндаи шарики тиҷоратӣ дорои ваколатнома бошад, мебояд санҷид, ки оё дар вараqи ваколатнома имзои роҳбар ва муҳри корхона ҳаст ё не, ваколатнома кай дода шудааст (агар санаи додан зикр нашуда бошад, ваколатнома беэътибор ҳисобида мешавад), муҳлати амал ва ҳаҷми ваколатҳои бо ваколатнома додашуда чӣ қадар аст. Муҳлати амали ваколатнома то се сол мебошад. Агар дар ваколатнома муҳлат зикр нашуда бошад, он эътибори худро дар давоми як соли пас аз санаи дода шуданаш нигоҳ медорад. Масъалаҳои вобаста ба ваколатнома ва намояндаи шарики тиҷоратӣ дар боби 8 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд.

Ҳангоми омӯзиши шартнома аудитор бояд диққат диҳад, ки дар он думаъногӣ, норавшании иборaҳо ва мафҳумҳо набошад. Дар шартнома ҳар як калима ва ибора аҳамият доранд. Агар фаҳмо набошад, ки ин ё он мафҳум чиро ифода мекунад, ин ё он калима ё ибора чӣ маъно дорад, мебояд бо ҷалб намудани мутахассисон онҳоро маънидод ва равшан намуд. Минбаъд дар мавриди баҳс оид ба шартҳои иҷроиши шартнома шарики

тиҷоратӣ кӯшиш менамояд, ки ҳама гуна тасвияҳои носаҳеҳи дар шартнома ҷойдоштаро ба манфиати худ шарҳ диҳад. Илова бар ин, шарики тиҷоратӣ метавонад ба шартнома маҳз тасвияҳо ва муқаррароти носаҳеҳ, вале ба худи вай фаҳмоannoro ворид намояд, ки бо ҷой доштани онҳо манфиатҳои корхонаи санҷидашаванда метавонанд коста шаванд.

Ҳангоми тасвияи шартҳо оид ба ҳолатҳои аз масъулият озодкунанда (тавзеҳи ҳолатҳои форс-мажор) мебояд оқибатҳои ин ё он тасвия ба инобат гирифта шаванд, ки ин метавонад ба пастшавӣ ё баландшавии масъулияти моддии ҷонибҳои шартнома оварад.

Дар ниҳоят, муқаррар бояд кард, ки оё шартномаҳои басташуда аз ҷониби ҳуқуқшиноси корхона раводид шудаанд ё не.

Яке аз амалҳои муҳимми аудиторӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ин санҷиши якхелагии рақамҳо ва расмиёти дар шартнома овардашуда мебошад. Маблағҳои дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикосгардида бояд бо нархи дар шартнома нишондодашуда ва маблағи пардохтҳои воқеан баҷоовардашуда мувофиқати аниқ дошта бошанд. Асос барои гузаронидани маблағҳои пулӣ дар ҳуҷҷатҳои пардохтӣ бояд ба расмиёти шартномаи басташуда мувофиқ бошад. Ин барои ҳимояи хуби манфиатҳои корхона дар назди мақомоти андоз дар мавриди ба миён омадани баҳс оид ба мансуб донистани маблағи мазкур ба ин ё он ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст, чунки ҳангоми мавҷуд будани тафовут исбот намудани он ки пардохт маҳз мутобиқи шартномаи басташуда ба ҷо оварда шудааст, ниҳоят душвор аст [8].

Аудитор ҳангоми гузаронидани экспертизаи шартномаи хоҷагидорӣ бояд хусусиятҳои нигориши муҳосибӣ ва андозбандии амалиёти хоҷагидории алоҳидаро, ки бо шартномаи мазкур алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб гирад. Таҳқиқи ҷиҳатҳои андозбандии амалиёти бо шартнома алоқаманд ба истифодаи пояҳои меъёрии соҳаи андоз ва андозбандӣ асос ёфта, на танҳо ба феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин, ба феҳристҳои баҳисобгирии андоз такя менамояд.

Ҳар як субъекти хоҷагидорӣ дар ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо дорои хусусиятҳои худ мебошад, бино бар ин, методикаи умумии экспертизаи ҷиҳатҳои андозбандии амалиёти бо шартномаи хоҷагидорӣ алоқаманд ғайриимкон аст. Пеш аз ҳама, аудитор бояд низомномаи корхонаро оид ба сиёсати баҳисобгирӣ барои мақсадҳои андозбандӣ омӯзад, феҳристҳои баҳисобгирии андозро, ки корхона истифода мебарад, таҳлил кунад, мартабаи шахси аудитшаванда ва андозҳоеро, ки ӯ пардохт мекунад, муқаррар намояд. Дар рафти экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ муҳтавои шартнома омӯхта шуда, диққати муҳим ба тартиби ҳисобкунӣ ва пардохткунии андозҳои аз муҳтавои он бароянда равона карда мешавад. Сипас, санҷиши дурустии ҳисобкунӣ ва ба буҷети давлат пардохт кардани андозҳои аз муҳтавои шартнома бароянда ба ҷо оварда мешавад. Дар анҷоми санҷиш натиҷаҳои экспертизаи андозбандии шартномаҳои хоҷагидорӣ ба расмият дароварда шуда, дар ҳуҷҷатҳои кории аудитор нигориш карда мешаванд [1,с.73].

Ҳангоми ба ҷо овардани ин ё он амалиёт бояд мавҷудияту истифодаи меъёрҳои баландкардашуда (пасткардашуда) ё тартиби махсуси андозбандӣ барои баъзе намудҳои фаъолият, инчунин хусусиятҳои дар баҳисобгирӣ инъикос кардани онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҳоло қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли пардохт кардани андозҳоро пешбинӣ намудааст: пардохти андоз бевосита аз ҷониби андозсупоранда ва ситонидани андоз дар манбаи пардохт. Дар ҳолати ситонидани андоз дар манбаи пардохт масъулият барои ситонидан ва ба буҷети давлат пардохт кардани андоз, аз ҷумла андоз аз даромади шахсони воқеӣ, тибқи муқаррароти моддаи 125 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи корхона – манбаи пардохт, вогузор карда мешавад [4].

Барои таъмин намудани дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани амалиёт оид ба шартнома бояд ба лаҳзаи гузариши ҳуқуқи моликият ба молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) диққат дода шавад. Лаҳзаи мазкур барои аудитор аз ду ҷиҳат муҳим мебошад: якум, саривақт инъикос кардани далели гузариши ҳуқуқи моликият ба амволи корхона имкон медиҳад, ки маълумоти ҳисоботи молиявӣ дуруст таҳия карда шавад; дуюм, дар корхонаҳои истифодабарандаи низоми умумии андозбандӣ маҳз лаҳзаи гузариши ҳуқуқ ба мол дар корхонаи фурӯшанда (таҳвилкунанда) ба пайдошавии объектҳои андозбандӣ ҷиҳати андоз аз фоида ва андоз аз арзиши иловашуда меоварад [2]. Ҳангоми баррасӣ кардани лаҳзаи мазкур бояд дар хотир дошт, ки санадҳои меъёрии танзимкунандаи равандҳои хоҷагидорӣ на ҳамеша масъалаҳои пайдошавӣ, тағйирёбӣ ва қатъ шудани ҳуқуқи моликиятро якхела шарҳ медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Акулова И.В. Особенности проведения бухгалтерской экспертизы налогообложения хозяйственных договоров при подготовке заключения по специальному аудиторскому заданию / И.В. Акулова // Учет и статистика. – 2011. -№2(22). -С.72-78.

2. Александрова К.И. Сделки и договоры в предпринимательской деятельности / К.И. Александрова. -СПб.: Питер, 2004. -112 с.
3. Барфиев К.Х. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса / К.Х. Барфиев // Аудит и финансовый анализ. – 2015. -№4. –С.152-154.
4. Земляков Ю.Д. Аудит системных вопросов: методика проведения / Ю.Д. Земляков, Л.Ю. Щеульникова, Г.А. Клюкина // Вестник международной академии системных исследований. Информатика, экология, экономика. – 2008. -Том 11. -№2. -С.77-80.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши 1 [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view.
7. Кудрявцев М.А. Экспертиза хозяйственных договоров аудируемого лица / М.А. Кудрявцев, А.О. Лукичева // Аудит и финансовый анализ. – 2015. -№2. -С.177-181.
8. Москвин В.А. Подготовка и контроль финансовых договоров / В.А. Москвин. -М.: ИНФРА-М, 2001. -221 с.
9. Панженская И.Г. Задачи и принципы бухгалтерской экспертизы контрактов / И.Г. Панженская // Новые технологии. - 2006. -№1. [Электронный ресурс]. URL: http://cyberleninka.ru/journal/ (дата обращения: 10.06.2020)
10. Подольский В.И. Аудит: учебник / В.И. Подольский, А.А. Савин. – 3-е изд. перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2011. -605 с.
11. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. -Душанбе: Ирфон, 2018. -582 с.
12. Шеремет А.Д. Аудит: учебник / А.Д. Шеремет, В.П. Суйц. -5-е изд., перераб. и доп. -М.: ИНФРА-М, 2006. -448 с.

## АУДИТИ ШАРТНОМАҲОИ ХОҶАГИДОРӢ БАРОИ МУВОФИҚАТ БО ҚОНУНГУЗОРӢ

Дар рафти гузаронидани аудити берунӣ аудитор бо зарурати гузаронидани санҷиши шартномаҳои хоҷагидории бо дигар ҷонибҳо бастаи корхонаи аудитшаванда дучор меояд. Дар ин маврид шартномаҳо асосан ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузории амалкунанда таҳқиқ карда мешаванд. Ин самти аудитро аксар муҳаққиқон чун экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ҷиҳати мувофиқат бо қонунгузорӣ унвон дода, онро дар доираи мавзӯи аудити ҳуҷҷатҳои умумии корхонаи санҷидашаванда баррасӣ менамоянд. Бо вуҷуди муҳимии самти мазкури санҷиши аудиторӣ методикаи экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ба таври басанда коркард нашудааст, ки дар ин бора маводи илмӣ ва амалии доир ба аудит мавҷудбуда, инчунин амалияи фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ шаҳодат медиҳанд. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур масъалаҳои амалии гузаронидани экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ тибқи қонунгузорӣ баррасӣ мешаванд. Тасдиқ карда шудааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ ва татбиқи ҳамсонкунии байналмилалии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ фаъолияти молиявии бомуваффақи субъектҳои хоҷагидорӣ бевосита аз сифати тартибдиҳӣ ва муҳтавои шартномаҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад. Қайд карда шудааст, ки экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ дар ниҳоят ба самаранокии санҷиши саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд. Муқаррароти асосии қонунгузории граждании ва қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо раванди бастан ва иҷрои шартномаҳои хоҷагидорӣ алоқаманд мебошанд, таҳқиқ карда шудаанд. Тартиби гузаронидани экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ ва таркиби амалҳои аудитории дар ин маврид баҷоовардашаванда муайян карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: қонуншиканиҳои иқтисодӣ, экспертизаи шартномаҳои хоҷагидорӣ, тартиби бастани шартномаҳо, намояндаи тиҷоратӣ, ваколатнома, шартҳои иҷроиши шартнома, санҷиши якхелагии рақамҳо, расмиёти шартнома, ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо, гузариши ҳуқуқи моликият.

## АУДИТ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ ДОГОВОРОВ НА СООТВЕТСТВИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ

В процессе проведения внешнего аудита аудитор сталкивается с необходимостью выполнения проверки хозяйственных договоров, заключаемых с другими сторонами аудируемым предприятием. В этом случае договора исследуются в основном на предмет соответствия действующему законодательству. Данное направление аудита исследователи часто называют экспертизой хозяйственных договоров на соответствие законодательству и рассматривают его в рамках темы аудита общих документов аудируемого предприятия. Несмотря на важность данного направления аудиторской проверки, методика экспертизы хозяйственных договоров должным образом не проработана, что об этом свидетельствуют существующие научные и практические материалы по аудиту, а также практика функционирования аудиторских организаций и деятельность индивидуальных аудиторов. В связи с этим, в данной статье рассматриваются практические вопросы проведения экспертизы хозяйственных договоров на предмет соответствия законодательству. Подтверждается, что в современных экономических условиях и реализации международной унификации бухгалтерских документов успешная финансовая деятельность хозяйствующих субъектов непосредственно зависит от качества составления и содержания хозяйственных договоров. Отмечается, что экспертиза хозяйственных договоров в конечном итоге способствует эффективности проверки достоверности финансовой отчетности. Исследуются основные положения гражданского и налогового законодательства Республики Таджикистан, связанные с заключением и исполнением хозяйственных договоров. Определены порядок проведения экспертизы хозяйственных договоров и состав осуществляемых при этом аудиторских процедур.

**Ключевые слова:** экономические правонарушения, экспертиза хозяйственных договоров, порядок заключения договоров, коммерческий представитель, доверенность, условия исполнения договора, проверка тождествия цифр, формулировки договора, исчисление и уплата налогов, переход прав собственности.

## AUDIT OF ECONOMIC CONTRACTS FOR COMPLIANCE WITH LAW

In the process of conducting an external audit, the auditor is faced with the need to check the business contracts concluded with other parties by the audited enterprise. In this case, the contracts are examined mainly for compliance with applicable law. Researchers often call this direction of audit the examination of business contracts for compliance with legislation and consider it within the framework of the topic of auditing general documents of the audited enterprise. Despite the importance of this area of audit, the methodology for the examination of business contracts has not been properly worked out, which is evidenced by the existing scientific and practical materials on audit, as well as the practice of

the functioning of audit organizations and the activities of individual auditors. In this regard, this article discusses the practical issues of the examination of business contracts for compliance with legislation. It is confirmed that in modern economic conditions and the implementation of international unification of accounting documents, the successful financial activity of economic entities directly depends on the quality of the preparation and content of business contracts. It is noted that the examination of business contracts ultimately contributes to the effectiveness of checking the reliability of financial statements. The article examines the main provisions of the civil and tax legislation of the Republic of Tajikistan related to the conclusion and execution of economic contracts. The procedure for the examination of business contracts and the composition of the audit procedures carried out at the same time have been determined.

**Keywords:** economic offenses, examination of business contracts, the procedure for concluding contracts, commercial representative, power of attorney, terms of contract execution, verification of the identity of numbers, wording of the contract, calculation and payment of taxes, transfer of ownership.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тоҳирова Раҷабмо Сафаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-32-08-36**

**Сведения об авторе:** ***Тохирова Раджабмо Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Телефон: **(+992) 935-32-08-36**

**Information about the author:** ***Tohirova Rajabmo Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Phone: **(+992) 935-32-08-36**

**УДК 331.34**

## ФАЪОЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ИҶТИМОӢ

***Аҳмадов Р.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир ҳангоми норасогии маблағҳои буҷети ва нокифоягии иқтидорҳои молиявии давлатӣ, мунтазам тағйир ёфтани вазъи бозори хизмат, инчунин, падидаҳои санитарию эпидемиологӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат монеа мегардад, зарурияти фаъол намудани механизмҳои устуворкунандаи ҳамкориҳои муштараки мақомотҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ ва, ҳамзамон, пайдо намудани роҳҳои муассири ҷалби сармоягузорону соҳибкорони ватанию хориҷӣ дар рушди бозори хизматҳои иҷтимоии мамлакат зиёд мегардад. Бо назардошти гузаштан ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар доираи татбиқи вазифаҳои ҳадафҳои рушди устувор барои Тоҷикистон ва стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фаъолгардонии механизми шарики давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун самти асосии беҳтаргардонии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ маҳсуб меёбад.

Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мунтазам афзоиш ёфтани ҳаҷми талаботи истеъмолкунандагони хизматҳои иҷтимоӣ дар бозор ва, ҳамзамон, тағйир ёфтани сатҳи дастрасии аҳолӣ ба онҳо водор менамояд, ки дар баробари онҳо механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ мунтазам фаъол гардонида шавад. Аз ин рӯ, фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун раванди муфиди беҳтаргардонии мавқеи иштирокчиёни бузург дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ аз як қатор омилҳо ва, инчунин, сабабҳои муайян сарчашма мегирад.

Сабаби асосии ивазшавии асосҳои назариявӣ дар тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва талаботи ҳаёти воқеии ҷамъият зуҳур меёбад. Ҳар як консепсия дар алоҳидагӣ назарияи умумӣ буда наметавонад, чунки бо фаъолияти иқтисодии бисёромила муқобилият менамояд [9,с.25].

Ба омилҳои дохилӣ ҷанбаҳои ҳуқуқию ташкилӣ, заминаи институтсионалӣ ва ҳамзамон масъулиятнокии татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи иҷтимоӣ ҷудо намудан мумкин аст. Барои он ки вобаста ба тағйирёбии мувозинати истеҳсолу истеъмолоти бозори хизмат ва, инчунин, принсипҳои тақсимоти уҳдадорию хавфҳо байни мақомотҳои давлатию бахши хусусӣ равишҳои методологии татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дигаргун мешавад. Аз ин рӯ, ҷиҳати фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ давра ба давра мукаммал намудани заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ, роҳҳои ҷалби сармоягузорону соҳибкорони ватанию хориҷӣ ва ҳамзамон таҳияи принсипҳои таъминкунандаи баробарии манфиатҳои мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ муҳим мегардад. Гузашта инҳо, дар давраи ҳаётии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба вазъи

бозори асъору сиёсати нархӣ шартҳои татбиқи лоиҳаҳои муштарак ба тадбирҳои иловагӣ ниёз пайдо менамояд.

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои муштараки мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ шурӯъ аз соли 2011 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (соли 2012) оғоз гардидааст. Мувофиқи қонунҳои номбурда бо мақсади пайдо намудани сарчашмаҳои нави молиякунонии лоиҳаҳои рушди инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ ва, ҳамзамон, пайдо намудани рақиби асосӣ дар бозори пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ як қатор санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ татбиқ гардида, инчунин, муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таъсис дода шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар заминаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид барои рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ лоиҳаи «Низоми пардохти электронии роҳкиро ва назорати он дар нақлиёти мусофирбари автомобилии истифодаи умуми шаҳри Душанбе»-ро татбиқ намуд. Дар натиҷа созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ҶДММ «Авесто Гурӯҳ» ба имзо расонида шуда, низоми пардохти электронии роҳкиро ва назорати он дар нақлиёти мусофирбари автомобилии истифодаи умуми шаҳри Душанбе ҷорӣ карда шуд [10].

Соли 2019-2020 дар мамлакат 154 муассисаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба истифода дода шуда, 320 номгӯи таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва технологияҳои навтарин барои истеҳсоли доруворӣ дар ҳаҷми 950 миллион сомонӣ ворид гардида, барои муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳо 150 воситаи нақлиёти санитариву махсусгардонидашуда харидорӣ карда шудааст. Буҷети соҳаи тандурустӣ дар ҳафт соли охир аз 716 млн. сомонӣ ба 1, 7 млрд. сомонӣ расидааст, ки ин нисбат ба соли 2013-ум 2,4 баробар зиёд мебошад. Дар соли 2020 маблағгузории давлатии соҳа қариб 2 млрд. сомонӣ ё худ бо афзоиши қариб 6 фоиз назар ба соли 2019 пешбинӣ шудааст [7]. Ғайр аз ин, тибқи маълумотҳои васоити ахбори омма ва маҷаллаҳои расмӣ бомаром рушд ёфтани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мунтазам маълумотҳо пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, бунёди маркази хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан дар ҳаҷми 1,5 млн. долл. ИМА, сохтмони беморхонаи нави замонавӣ дар ноҳияи Тоҷикобод ба миқдори 1,150 млн. долл. ИМА, бунёди маркази хизматрасонии тиббӣ дар ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, китобхонаи маҳаллӣ ва марказҳои хизматрасон дар Ҷамоати Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ дар ҳаҷми 61 ҳаз. долл. ИМА, сохтмони бундгоҳи тиббӣ дар шаҳраки Арчаи ноҳияи Файзобод ба миқдори 61 ҳаз. долл. ИМА.

Гузашта аз инҳо, аз соли 2012 инҷониб дар натиҷаи бастани созишномаи консессионӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораи Оғо Хон оид ба рушди иқтисодӣ ва корпоратсияи молиявии байналмилалӣ, ширкати «Помир Энерҷӣ» таъсис дода шуд. Сарчашмаи асосии сармоягузории ширкати номбурдаро Бонки ҷаҳонӣ (10 млн. долл. ИМА), корпоратсияи ҷаҳонии молиявӣ (8 млн. долл. ИМА), фонди Оғо Хон оид ба рушди иқтисодӣ (8,7 млн. долл. ИМА) ташкил медиҳанд.

Имрӯзҳо ширкати консессионии «Помир Энерҷӣ» дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хизматрасониҳои энергетикиро барои 213 ҳаз. нафар аҳолии ВМКБ, аз ҷумла 8 ноҳияи маъмурӣ, 32800 хоҷагиҳои хонаводагӣ, 28600 нафар истеъмолкунандагони тиҷоратӣ (истеъмолкунандагони маишӣ 27400 нафар, маъмуриятҳои давлатӣ 400 адад ва тиҷоратӣ 800 нафар) пешниҳод намуда истодааст. Илова бар ин, ширкати номбурда дорои 11 НОБ мебошад, ки бо иқтидори умумии 43,5 мВт. дар бозори энерегияи барқии ВМКБ фаъолона иштирок намуда истодааст [6]. Гузашта аз ин, аз соли 2008 ширкати «Помир Энерҷӣ» аз ҳисоби истеҳсоли изофавии энергияи барқӣ ба 1080 нафар аҳолии наздисарҳадии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (ҶИА) хизматрасонӣ намуда истодааст.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон имконият ва тамоюлҳои мусбӣ дошта, татбиқи он бештар дар соҳаҳои иҷтимоӣ, нақлиёт, хизматрасонӣ ва энергетика дида мешавад. Мушоҳида мегардад, ки вобаста ба меъёрҳои қонунгузорӣ дар Тоҷикистон, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар таҷдиду сохтмон ва, инчунин, фаъолияти объектҳои инфрасохторӣ дида мешавад. Аниқтараш шакли консессионии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон тамоюлҳои мусбӣ дорад. Гарчанде имрӯзҳо дар ҷаҳон моделҳои маъмули шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯи принсипҳои алоҳида фаъолият намуда истодаанд.

Вобаста ба моделҳои маъмули нишондодашуда ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Масалан, дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз хусусиятҳои хоси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин мавҷудияти хоҳиши соҳибкорони хурду инфиродӣ ва шахсони алоҳида мебошад. Ҳамарӯза дар маҳалҳои кишвар бо ёрии шахсони саховатманд, соҳибкорон ва ҳатто коллективи аҳолии дилхоҳ маҳал ташаккули фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бунёду таҷдид ва, инчунин, таъмири объектҳои аҳамияти иҷтимоидошта мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 1. Моделҳои маъмули шарикии давлат ва бахши хусусӣ**
**Table 1. Common models of public-private partnership**

| Моделҳо | Принсипи амалкунанда | Манфиатҳои тарафайн |
|---|---|---|
| Сохтмон ва интиқол (СИ) Build-and-Transfer (BT) | Принсипи хос - бахши хусусӣ маблағгузорӣ ва сохтмони объекти инфрасохториро вобаста аз принсипи хос таҳия менамояд | Бахши хусусӣ – интихоби озодонаи фаъолият, маблағгузорӣ ва гирифтани фоида бо харҷи камтарин; Бахши давлатӣ-ихтисори функсияи ташкилӣ, сарфаи воситаҳои буҷетӣ ва азхудкунии моликият. |
| Сохтмон, иҷора ва интиқол (СИИ) Build-Lease-and-Transfer (BLT). | Принсипи ягонагӣ - ҳангоми анҷомёбии сохтмон онро ба шарики давлатӣ медиҳад ва ҳуқуқи иҷораи объекти инфрасохториро дар муҳлати муайяни вақт нигоҳ медорад. | Бахши хусусӣ – пайдо намудани ҳуқуқи иҷора дар муҳлати муайян бо назардошти интихоби шакли фаъолияти хоҷагидорӣ ва фоида; Бахши давлатӣ-ташкилу таъмини рақобати бозорӣ ва азхудкунии моликият. |
| Расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ (РХИ) Provision of social services (PSS). | Принсипи мутақобила - мақомоти давлатӣ ба шарики худ ҳуқуқи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии иҷтимоиро таъмин менамояд | Бахши хусусӣ – таъмини имкониятҳои пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ (бахусус дар деҳот) ва гирифтани фоидаи пулӣ; Бахши давлатӣ – ихтисори функсияҳо ва вазифаҳои иҷтимоии мақомотҳои давлатӣ ва рушди бозори хизматҳои иҷтимоӣ |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

«... вобаста ба хусусиятҳо ва имкониятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, ҷиҳати паст намудани сатҳи вазнини сарбории буҷети давлатӣ, ташкили сохтори таъминкунандаи фарзияҳои ташаккули ҳамкориҳои муфиди давлат ва бизнес, инчунин, таъмини иқтисодиёти инноватсионии мамлакат дар асоси истифодабарии механизми ШДБХ мувофиқи мақсад мебошад» [1,с.145].

Дар бештар ҳолат чунин фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо бахши хусусӣ хусусиятҳои саховатмандӣ ва танҳо ба фоидаи бахши давлатӣ дида мешавад. Сабаби чунин вазъиятро дар дастрас набудани маълумоти зарурӣ ба хоҳишмандони бахши хусусӣ шарҳ додан мумкин аст. Зеро аз рӯи маълумотҳои дастрас ҳамасола шумораи соҳибкорони инфиродӣ ва коллективи аҳолии деҳотҳо дар сохтмон, таъмир ва бунёди объектҳои иҷтимоӣ зиёд гардида истодааст. Дар ҳолати пурра пайдо намудани маълумот дар бораи ташкили фаъолияти муштарак бо мақомотҳои давлатӣ ва, ҳамзамон, гирифтани фоида теъдоди онҳо метавонад бо маром зиёд шавад. Ба ақидаи мо, ҷиҳати фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои ташкилию таҳиясозии лоиҳаҳои муштарак мукаммалгардонии паҳлуҳои институтсионалии он муҳим мебошад. Бахусус, дар шакли дастаҷамъона иштирок намудани аҳолии дилхоҳ деҳа бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ мумкин аст, ки баъзе уҳдадориҳои ташкилию ҳуқуқиро мақомотҳои маҳаллӣ ба дӯши худ гирифта, баъдан барои бозгардонидани фоида ё даромади бахши хусусӣ дар муҳлати муайян ба онҳо мусоидат намоянд. Дар чунин ҳолат имкон пайдо мегардад, ки аҳолие, ки ҳамчун бахши хусусӣ баромад менамояд, ҳавасмандии иловагӣ пайдо намуда, аз рӯи принсипи мутақобилаи таъмини кафолати давлатӣ метавонанд дар таҳияву татбиқи дигар лоиҳаҳои иҷтимоӣ саҳми худро фаъолона гузоранд.

Ҳамин тариқ, дар асоси маводҳои таҳқиқгардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки новобаста аз ташаккулёбии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоии Тоҷикистон имрӯз масъалаҳои дигар, монанди татбиқи шаклҳои дигари фаъолияти муштараки байни мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ, зарур аст. Аз ҷумла, падидаҳои ғайричашмдошти эпидемиологии ҷаҳон, тағйирёбии вазъи бозорҳои ҷаҳонию ватанӣ, коҳишёбии сатҳи қурби асъори миллӣ ва, инчунин, натиҷаҳои ногувори муносибатҳои таҳримонаи байни давлатҳои ҷаҳон водор менамоянд, ки ба таври ҳатмӣ фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон роҳандозӣ карда шавад. Зеро дар чунин вазъият, чи бахши давлатӣ ва чӣ бахши хусусӣ, дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак наметавонанд ҳамаи уҳдадориҳое, ки қаблан дар созишнома дарҷ намуда буданд, иҷро намоянд. Дар натиҷа коҳишёбии сатҳи хизматрасониҳои таълимӣ,

норасогии дастгоҳу таҷҳизот ва, инчунин, доруворихои зарурӣ ва мушкилоти дастрасии хизматҳои тиббӣ, ҳамзамон, коҳишёбии буҷети иҷтимоии давлат, ки таъминот ва нигоҳубини аҳолии ниёзманд аз ин сарчашма мегирад, ба миён меояд. «… рушди ояндаи иқтисоди миллӣ ва истифодаи иқтидорҳои ШДБХ дар соҳаи хизмат ба суръати татбиқи стратегияи баландбардории некуаҳволии аҳолии мамлакат мусоидат намуда, ҳамзамон, барои бунёди муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ самти афзалиятноки ислоҳоти соҳаи хизмат дар мамлакат маҳсуб меёбад» [5,с.246].

Ба назари мо, бо мақсади фаъолгардонии даврагии татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси фаъолияти корпоративии мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ташкили чунин намуди фаъолият бояд бештар барои объектҳои инфрасохторие, ки ҷиҳати истеҳсолу бунёди маводу маҳсулотҳои ёрирасони муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ фаъолият менамоянд муҳим мебошад. Қайд кардан бо маврид аст, ки ҷиҳати фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ механизмҳои идоракунию танзимкунандаи мақомотҳои давлатӣ дар самти идора намудани лоиҳаҳои корпоративӣ зарур аст. Инчунин, мақомотҳои давлатӣ бояд тавозуни ҳиссагузориро дар ташкили фаъолияти шарикӣ таъмин намуда, мавқеи худро нисбат ба бахши хусусӣ афзалтар намоянд. Масалан, ҳангоми зиёд будани ҳиссаи бахши хусусӣ дар ташкили ширкат, ҷамъият ё корхонаи хурди истеҳсолкунандаи дастгоҳу таҷҳизотҳои аҳамияти иҷтимоидошта ҳангоми ба итмом расидани муҳлати созишнома метавонад мушкилиҳои тақсими моликияти муштарак ба миён оварад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми фаъолгардонии муносибатҳои муштарак байни мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои бунёди корхона, ташкилот, муассиса ва инчунин ҷамъияту гурӯҳҳои истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизотҳои аҳамияти иҷтимоидошта, ба ақидаи мо, таъсисдиҳии шакли ташкилии ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушода (ҶСК) қуллай мебошад. Гузашта аз ин, ҳангоми ташаккули шакли корпоративии шарикии давлат ва бахши хусусӣ набояд ҳамаи восита, иқтидор, имкониятҳо ва механизмҳои корпоративӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Зеро бо назардошти қонунгузориҳо, бахусус, дар самти буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ муайянсозии уҳдадориҳои мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мушкил мегардад.

Фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси татбиқи созишномаҳои корпоративии байни мақомот (субъект)-ҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ (шахсони инфиродӣ, гурӯҳҳо ё ҷамъиятҳо) дар самти иҷроиши чунин лоиҳаҳо дар бозори хизматҳои иҷтимоии Тоҷикистон мувофиқи мақсад шуморидан мумкин аст: бунёди корхонаҳои истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизотҳои тиббӣ, маводҳои таълимӣ, бунёди коргоҳу мауссисаҳои эҳёкунандаи ҳунарҳои мардумӣ ва ғайраҳо.

Қайд намудан бамаврид аст, ки инфрасохтори бозори хизматҳои иҷтимоӣ фарзияҳои таъмини имкониятҳои рақобатпазирии муассисаву ширкатҳои хизматрасонро таъсис дода натавонад ҳам, лекин сатҳи пасти рушди инфрасохторӣ ё мавҷуд набудани онҳо метавонад ба рушдиояндаи бозор монеа эҷод намояд. Дар воқеъ, объектҳои инфрасохтори бозори хизматҳои иҷтимоӣ ҳамчун майдончаи ягонаи сармоягузорӣ барои сармоягузорони пуриқтидор ҳамон вақт ҷолиб мегардад, ки давлат ҳамчун шарики боэътимод ва субъекти асосӣ кафолати муваффақиятҳои онҳоро таъмин карда тавонад. Аз ин рӯ, дар рушди бозори хизматҳои иҷтимоии мамлакат фаъолгардонии мунтазами механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавқеи калидӣ дошта, вобаста ба имкониятҳои мавҷуда, иқтидорҳои саноатию технологӣ, омилҳои демографию ҷуғрофӣ ва ташкили шаклҳои дигари созишномабандӣ ё фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Комилов С.Дж. Особенности государственно-частного партнерства в инновационной сфере Таджикистан и современный мир / С.Дж. Комилов // Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2017. -№3. -С.145.
2. Комилов С.Дж. Вопросы повышения качества социально-значимых услуг в сельской местности Таджикистана / С.Дж. Комилов, Р.Р. Ахмадов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2017. -№1. -С.78-84.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо». -Душанбе, 26 декабри соли 2011. -№783.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ». -Душанбе, 28 декабри соли 2012. -№907.
5. Мукаддасзода Ф.М. М-90 Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг. Теоретические и прикладные аспекты: монография / Мукаддасзода Ф.М.; под редакцией д.э.н., профессора, член корреспондента Академии наук Республики Таджикистан Л.Х. Саидмуродова. –Душанбе: Ирфон, 2018. -246 с.
6. Нур дар боми ҷаҳон. Маълумотҳои дастраси ширкати консессионии «Помир Энерҷӣ», сомонаи расмӣ: [Манбаи электронӣ]. http://www.pamirenergy.com. Санаи муроҷиат 12.07.2020

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. –Душанбе, 26.12.2019.
8. Пириев С.Дж. Развитие социальной сферы в сельской местности на основе формирования государственно-частного партнерства / С.Дж. Пириев, Р.Р. Ахмадов // Материалы межд. науч. практ. конф. «Региональные особенности рыночных социально-экономических систем (структур) и их правовое обеспечение» (20марта 2015г, г. Пенза). -Пенза, 2015. -С.299-305.
9. Саидова С.Х. Таҳаввулоти соҳаи хизматрасонӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ / С.Х. Саидова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№5(1). –С.25.
10. Сомонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. https://dushanbe.tj/ (санаи муроҷиат 24.09.2020).


## ФАЪОЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ИҶТИМОӢ


Дар мақола масъалаҳои ташкилию институтсионалии фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мавқеи бахши хусусӣ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат афзоиш ёфта истодааст, ки ин боиси диққати бештари ҳукумати мамлакат гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки вобаста ба шароитҳои рушди иқтисодиёти мамлакат гурӯҳбандӣ намудани омилҳои дохилӣ ва меъёрҳои масъулиятнокии татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ муҳим мебошад. Бо мақсади муайян намудани заминаҳои ҳуқуқию такшилии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон рушди механизми номбурда дар соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, инчунин дигар соҳаҳои истеҳсолӣ таҳлил карда шудааст. Новобаста аз афзоиши ҳамасолаи ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ, то ҳол дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла пешниҳоди хизматҳо мушкилотҳои назаррас дида мешавад. Сабабҳои асосии фаъолгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоии мамлакат ҷиҳати ҳалли мушкилоти пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дар асоси муваффақиятҳои таҷрибаи хориҷӣ моделҳои маъмули механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро барои Тоҷикистон нишон дода, принсипҳои асосӣ ва манфиатҳои бахши давлатӣ ва бахши хусусиро ошкор намудааст. Мақолаи илмӣ ба ҳаллу фасли масъалаҳои фаъолгардонии даврагии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бахшида шудааст, ки он тавассути таҳия ва татбиқи шакли корпоративии ҳамкориҳои мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ, ҷиҳати истеҳсолу бунёди мавод ва маҳсулотҳои ёрирасони муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст.



**Калидвожаҳо:** шарикӣ, давлат, созишнома, фаъолгардонӣ, муштарак, соҳаи иҷтимоӣ, хизматҳои иҷтимоӣ, бозор, принсип, фаъолияти иқтисодӣ, лоиҳа, корпоративӣ.


## АКТИВИЗАЦИЯ МЕХАНИЗМА ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА В СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЕ


В статье рассматриваются организационные и институциональные вопросы активизации механизма государственно-частного партнерства в социальной сфере Таджикистана. Роль частного сектора в валовом внутреннем производстве страны растет, что привлекает внимание правительства. Автор подчеркивает, что в зависимости от условий экономического развития страны важно классифицировать внутренние факторы и критерии ответственности за реализацию проектов государственно-частного партнерства в социальной сфере. Для определения правовой базы механизма государственно-частного партнерства в Таджикистане анализируется развитие данного механизма в социальной сфере, особенно в сфере образования, здравоохранения и культуры, а также в отраслях промышленности. Несмотря на ежегодный рост государственных инвестиций, в социальной сфере по-прежнему существуют серьезные проблемы, в том числе в сфере предоставления услуг. Обоснованы основные причины активизации партнерства государства и частного сектора в социальной сфере страны для решения проблемы предоставления социальных услуг. На основе достижений зарубежного опыта автор показывает наиболее популярные модели механизмов государственно-частного партнерства для Таджикистана, раскрывает основные принципы и интересы государственного и частного секторов. Научная статья посвящена решению вопросов периодической активации механизма государственно-частного партнерства и предлагается разработка и внедрение корпоративных форм сотрудничества органов государственной власти и частного сектора по производству и созданию вспомогательных материалов для социальных учреждений.



**Ключевые слова:** партнерство, государство, соглашение, активация, партнерство, социальная сфера, социальные услуги, рынок, принцип, хозяйственная деятельность, проект, корпорация.


## ACTIVATION OF THE MECHANISM OF PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP IN THE SOCIAL SPHERE


The article discusses the organizational and institutional issues of activating the mechanism of public-private partnership in the social sphere of Tajikistan. The role of the private sector in the country's gross domestic production is growing, which has attracted the attention of the government. The author emphasizes that, depending on the conditions of the country's economic development, it is important to classify internal factors and criteria for responsibility for the implementation of public-private partnership projects in the social sphere. To determine the legal framework for the mechanism of public-private partnership in Tajikistan, the development of this mechanism in the social sphere, especially in the field of education, health care and culture, as well as in other sectors of the manufacturing industry, is analyzed. Despite the annual increase in public investment, serious problems remain in the social sphere, including in the provision of services. The main reasons for the activation of partnership between the state and the private sector in the social sphere of the country to solve the problem of providing social services have been substantiated. Based on the achievements of foreign experience, the author shows the most popular models of public-private partnership mechanisms for Tajikistan, reveals the basic principles and interests of the public and private sectors. The scientific article is devoted to solving the issues of periodic activation of the mechanism of public-private partnership and it is proposed to develop and introduce corporate forms of cooperation between public authorities and the private sector for the production and creation of auxiliary materials for social institutions.

**Keywords:** partnership, state, agreement, activation, partnership, social sphere, social services, market, principle, economic activity, project, corporation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳмадов Раҳимҷон Раҷабович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 919-20-20-66.** E-mail: **0609.ru@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Ахмадов Рахимджон Раджабович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры государственного и местного управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-20-20-66.** E-mail: **0609.ru@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akhmadov Rakhimjon Rajabovich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the department of state and local government. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-20-20-66.** E-mail: **0609.ru@mail.ru**

**УДК 336.77(575.3)**

# ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (НАЗАРИЯ, АМАЛИЯ)

***Ҳакимов И.Б., Маҳмадризоиён С.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши таърихи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии собиқ Тоҷикистони шӯравӣ дар 20-25 соли охири давлатдории шӯравӣ нишон медиҳад, ки ҷумҳурӣ дар қатори ҷумҳуриҳои ҳамсоя бо як мароми мунтазам тараққӣ мекард.

Агар оғози истиқлолияти давлатӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX бар намехӯрду он нақшаву барномаҳои дурнамои солҳои охир қабулшуда амалӣ мегардиданд, ҷумҳурии навбунъёди Тоҷикистон дорои иқтисодиёти тараққикарда, бӯҷети давлатии аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва низоми пуливу қарзии ҷавобгӯи талаботи замони муосир мебуд. Мутаассифона, кашмокашиҳои дохилӣ ва офатҳои табии он солҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, ба потенсиали истеҳсолии он зарари калони моддӣ расонид, ки он аз рӯи ҳисоби экспертҳои байналмилалл, аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ, бо нархҳои ҳамонвақта зиёда аз 7 милярд доллари ИМА- ро ташкил менамуд [1,с.121].

Ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ он вақт ба ҷое расида буд, ки аз хатари нобудишавии давлат хабар медод.

Дар чунин шароити муташанниҷ аз 3-декабри соли 1994 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти №8, «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба дигаргунсозиҳои амиқи иқтисодӣ» ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ба имзо расид, ки дар асоси он Барномаи давлатии гузаштан ба иқтисоди бозорӣ барои солҳои 1995–2000 таҳия ва қабул карда шуд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз ҷумҳуриҳои дигари ИДМ солҳои 1990–1994 солҳои шикасту рехти кашмакашиҳои дохилӣ ва солҳои 1995–2000 солҳои барқароркунии иқтисодиёт баҳисоб меравaнд.

Дар масъалаи идоракунии давлатӣ ягона сиёсати дурусти молиявӣ он буд, ки ресурсҳои молиявӣ ба ҳалли ду масъалаи аввалиндараҷа равона карда шуданд:

1. барои барқарор намудани иқтисодиёти фалаҷгардида;
2. дар қатори давлатҳои дигари ИДМ ба бунёди инфрасохтор ва такмили муносибатҳои иқтисоди бозорӣ.

Маҳз натиҷа ҳамин шуд, ки аз охири соли 1998 пастравии сатҳи истеҳсолот боз дошта шуд ва аз охирҳои соли 2000 сар карда иқтисодиёти ҷумҳурӣ рӯ ба тараққӣ ниҳад.

Аз нуқтаи назари илмӣ дар он ақидаем, ки таҳлили муқоисавии рушди иқтисодиву иҷтимоии солҳои соҳибистиқлолӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва бо давлатҳои дигари ҳамсоя бояд дар муқоиса бо соли 2000 гузаронида шавад, чунки ин ба ҳақиқат рост меояд.

Дар бораи рушди иқтисодӣ иҷтимоии ҷумҳурӣ сухан ронда бояд ҳаминро дарназар дошт, ки гарчанде минтақаҳои ҷумҳурӣ дорои боигариҳои зиёди зеризаминӣ ва захираҳои табиӣ бошанд ҳам дар миқёси СССР Тоҷикистон баъд аз Ӯзбекистон истеҳсолкунандаи пахта буда ҷумҳурии аз ҷиҳати аграрӣ тараққикарда ба ҳисоб мерафту аз ҷиҳати саноатӣ бошад ба ғайр аз заводи алюминии Турсунзода ва якчанд фабрикаву заводҳо дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд (Ленинободи онвақта) якчанд заводҳои пахтатозакунӣ буданд.

Аз ин лиҳоз, дар муносибати иқтисодии хориҷӣ потенсиали содиротии ҷумҳурӣ асосан аз ашёи хом иборат буда, дар ҳаҷми умумии то 30%-ро ташкил мекунаду халос. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ то имрӯз дар назди давлату Ҳукумат бунёди тамоми

соҳаҳои иқтисодиёт, дар ин замина таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ, сохторҳои давлатӣ ва дигарҳо меистад, ки ин, пеш аз ҳама, дарёфти маблағҳои калони молиявиро талаб менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ ба таҳлили механизми молиявии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар 18 соли охир рӯ меорем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи захираҳои молиявии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2018**

**Table 1. Dynamics of financial resources of economic development of the republic in 2000-2018**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи аҳолии доимӣ (ҳаз. навар) | 6250,0 | 7621,2 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,7 |
| 2 | Даромади буҷети давлатӣ (млн. сом.) | 251,7 | 7024,0 | 16060,9 | 18473,8 | 23307,3 | 23925,5 |
| 2.1 | Ба як нафар аҳолӣ | 40,3 | 921,6 | 1878,2 | 2113,0 | 2609,6 | 2621,5 |
| 3 | Сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо | | | | | | |
| | - ҳамагӣ (млн. сом.) | 108,6 | 4669,0 | 9750,0 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 |
| | - ба 1 наф. аҳолӣ сом | 17,4 | 612,6 | 1140,2 | 1278,7 | 1263,0 | 1463,9 |
| | Аз ҳаҷми умумӣ | | | | | | |
| | - давлатӣ | 47,3 | 1677,4 | 3446,0 | 4399,9 | 5013,8 | 6468,8 |
| | - аҳолӣ | 4,9 | 356,2 | 572,4 | 483,5 | 457,5 | 436,3 |
| | - ташкилотҳои дигар | 56,4 | 2635,2 | 5731,6 | 6296,3 | 5900,4 | 6455,8 |
| | Аз ин маблағ сармояи хориҷӣ | 42,4 | 1012,0 | 2900,0 | 3400,0 | 3023,0 | 2990,2 |
| 4 | Қарзи давлатӣ берунӣ млн. доллар | 1027,1 | 942,8 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,0 | 2924,2 |
| | - млн. сомонӣ | 1879,6 | 8509,5 | 13518,1 | 17806,2 | 24586,6 | 26756,4 |

Сарчашма: Дар асоси ҳисоботҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Аз таҳлили маводҳои амалии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар санаи 1-уми январи соли 2019 дар ҷумҳурӣ шумораи умумии аҳолии доими истиқоматкунанда 9126,7 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки он нисбат ба соли 2000 1,6 маротиба, соли 2010 1,2 маротиба, соли 2015 6,7% ва соли 2017 2,7% зиёд мебошад.

Аз нуқтаи назари илмӣ-амалӣ диққатҷалбкунанда аст, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ захираҳои молиявии таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо суръати баланд афзудаанд.

Аз ҷумла, даромади умумии буҷети давлатӣ аз 251,7 млн. сомонии соли 2000 дар соли 2018 23925,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба он сол 95 маротиба, соли 2010 3,4 маротиба, соли 2015 1,5 маротиба афзудааст.

Яке аз сарчашмаҳои асосии молиягузории дарозмуддат барои бунёди фондҳои асосӣ сармоягузорӣ мебошад, ки ин нишондиҳанда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар охири соли 2018 13361 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба соли 2000 12,3 маротиба, соли 2010 2,9 маротиба, ва соли 2015 қариб 1,4 маротиба зиёд мебошад. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои молиявӣ дар солҳои сипаригашта таркиби сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба куллӣ тағйирёфтаанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 2. Дигаргуншавии таркиби сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2018 (бо %)**

**Table 2. Changes in the structure of investment sources in the country in 2000-2018 (in%)**

| № | Манбаи сармоягузорӣ | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| | Сармоягузорӣ ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| - | давлатӣ | 43,5 | 35,9 | 35,3 | 39,3 | 44,1 | 48,4 |
| - | аҳолӣ | 4,5 | 7,6 | 5,9 | 4,3 | 4,0 | 3,3 |
| - | хориҷӣ | 39,0 | 21,7 | 29,4 | 30,4 | 26,6 | 22,4 |
| - | ташкилотҳои дигар | 13,0 | 34,8 | 29,4 | 26,0 | 25,3 | 25,9 |

Сарчашма: Дар асоси маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки бухрони ҷаҳонии молиявӣ ба пояи молиявии давлатӣ таъсири манфии худро расонид, ки он аз соли 2008 то айни замон ҳис карда мешавад. Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 дида мешавад, агар дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ вазни хоси сармоягузории давлатӣ аз 70-75% замони Шӯравӣ дар

соли 2000 то ба 43,5% фаромада, сарчашмаҳои ғайридавлатӣ 56,5%-ро ташкил намудаанд, ки ин ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ мебошад. Лекин баъд аз соли 2010 да натиҷаи суст гардидани қобилияти молиявии сектори хусусӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ҳисси сармояи давлатӣ аз 35,9% и соли 2010 дар соли 2018 то ба 48,4% расида, вазни хоси сармояи аҳолӣ мутаносибан аз 7,6% то 3,3% омада расидааст, ки ин аз сатҳи ғайриқаноатбахши ин сарчашма гувоҳӣ медиҳад ва дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳури ва мақомотҳои маҳаллии Ҳокимияти давлатӣ андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

Дар низоми ресурсҳои молиявии рушди иқтисодӣ иҷтимоии ҷумҳурӣ қарзи давлатии берунӣ мақоми бахуд хосро ишғол менамояд.

Дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол ҳисоб кардани қарзи давлатии хориҷӣ аз охири соли 1992 оғоз гардида, он дар санаи 1 январи соли 1995 750 млн. доллари ИМА ва дар охири соли 2000 1027,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуда буд. Дар санаи 10.12.2019 қарзҳои ду ва бисёртарафаи Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ 2924,2 млн. долари ИМА ё худ 26756,4 миллион сомониро ташкил менамояд, ки асосан бо истифодаи лоиҳаҳои инвеститсионӣ сохтмони иншоотҳои азими ҳаётан муҳим (накбҳои Истиқлол, Шаҳристон, Чормағзак, шоҳроҳҳои автомобилгард, корхонаҳои саноатӣ ва объектҳои иҷтимоӣ) вобаста мебошанд. Қарзи хориҷии давлатӣ дар асоси Созмонҳои байнидавлатии барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ фоиданок ҷалб карда шуда, ҳамасола аз ҳисоби буҷети давлатӣ хизматрасонӣ карда мешавад.

Афзоиши бемайлон ва босуботи ресурсҳои молиявӣ имконият ба амал овард, ки дар ин 19 соли сипаригашта дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳури дигаргуниҳои назаррас ба даст оварда шаванд. Маводи амалиро оид ба ин масъала дар ҷадвали 3 нигаред.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2018**

**Table 3. Indicators of economic and social development of the Republic of Tajikistan for 2000-2018**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | 4542,2 | 24707,1 | 48401,6 | 54474,1 | 61093,6 | 68849,0 |
| 1.1 | ММД ба 1- нафар аҳолӣ (сомонӣ) | 726,7 | 3285,6 | 5727,0 | 6300,3 | 6913,5 | 7638,2 |
| 2 | Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ млн.сомонӣ | 2457,0 | 8585,0 | 14235,0 | 16513,0 | 22029 | 23894,0 |
| 2.1 | ИМС ба 1 нафар аҳолӣ (сомонӣ) | 393,1 | 1126,5 | 1664,1 | 1888,7 | 2242,6 | 2618,0 |
| 3 | Маҳсулоти умумии кишоварзӣ | 4316,5 | 8584,8 | 21812,8 | 23008,3 | 24576,0 | 26370,4 |
| 3.1 | МУК ба аҳолӣ (сомонӣ) | 690,6 | 1120,0 | 2556,0 | 2631,5 | 2751,7 | 2889,5 |
| 4 | Ба кор андохтани фондҳои асосӣ млн. сомонӣ | 81,6 | 2119,2 | 4129,5 | 5406,6 | 6678,6 | 4859,3 |
| 4.1 | Фондҳои асосӣ ба 1нафар аҳолӣ (сомонӣ) | 13,0 | 278,0 | 482,9 | 618,5 | 747,8 | 532,5 |
| 5 | Шумораи муассисаҳои табобатӣ (адад) | 445 | 423 | 474 | 479 | 484 | 490 |
| 6 | Шумораи катҳои табобатӣ ба 10000 нафар аҳолӣ | 65,8 | 50,1 | 45,6 | 45,5 | 44,9 | 44,3 |
| 7 | Шумораи мактабҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ | 3557 | 3741 | 3846 | 3865 | 3870 | 3869 |
| 7.1 | Хонандагон дар онҳо ҳазор нафар | 1504,4 | 1694,0 | 1784,4 | 1837,8 | 1906,3 | 1970 |

Сарчашма: Дар асоси ҳисоботҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Аз таҳлили рақамҳои ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар охири соли 2018 дар ҷумҳури нисбат ба соли 2000 истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ба маблағи 64307 млн. сомонӣ ё 15,1 маротиба, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 21437 млн. сомонӣ ё 9,8 маротиба, маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба 22254 млн.сомонӣ, ё 5,2 маротиба, сармоягузори аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба 13252 млн. сомонӣ, ё 12,3 маротиба, хароҷоти умумии буҷети давлатӣ ба 23925 млн. сомонӣ, ё зиёда аз 92 маротиба афзудаанд. Танҳо дар 4-соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба маблағи умуми зиёда аз 45662 млн. сомонӣ сармоягузорӣ карда шудаасту хароҷоти умумии буҷети давлатӣ зиёда аз 80420 млн. сомониро ташкил намуд. Такмили даромадҳои давлатӣ бо мақсади ба натиҷаҳои ниҳоии иҷтимоии назаррас, ҳали

масъалаҳои пешакии масъалаҳои дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ афзалиятнокии ҳадафҳои стратегӣ ва мақсадҳои иҷтимоӣ иқтисодиро бояд пешбини намояд [9,с.28]. Ҳамаи ин маблағгузориҳо омили асосии рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ гардидаанд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар ҳаҷми умумии моликият ҳиссаи моликияти давлатӣ аз 48,3% соли 2000 дар соли 2018 20,7%-ро ташкил намудаасту моликияти хусусӣ ва колективӣ мутаносибан 24,5 ва 77,2%-ро [6,с.209]. Дар сохтори умумии моликият кам шудани ҳиссаи моликияти давлатӣ, ҳамзамон, афзудани ҳиссаи моликияти хусусӣ ва колективӣ ба ҳалли ду масъала: якум баландгардидани дараҷаи андоз аз аҳолӣ ва субъектҳои дигари ғайридавлатӣ дар буҷети давлатӣ; дуюм дар қисми хароҷоти буҷети давлатӣ бавуҷуд омадани шароити объективӣ барои таъмини манбаъҳои молиявии рушди соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст. Чунин тарзи бароҳмонии сиёсати молиявӣ мазмун ва шарти асосии иқтисоди бозориро ташкил менамояд.

Чи тавре ки тадқиқот нишон медиҳад, дар ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқоти дар тартиби даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дигаргунии куллӣ ба вуҷуд наомадааст, аз ҷумла дар ҳаҷми даромади умумии буҷети давлатӣ воридот аз фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоби миёна камтар аз 2% буда, дар қисми хароҷоти буҷети давлатӣ дараҷаи хароҷот барои нигоҳдории соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи 40% қарор дорад [6,с.14].

Афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба ҳаҷми даромади субъектҳои иқтисоди вобаста мебошад. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки шумораи корхона ва ташкилотҳо аз 21186 адади соли 2000 дар охири соли 2018 ба 43252 адад расидааст, ки ин ду маротиба зиёд мебошад [6,с.14] Лекин ҳаминро бояд дар назар дошт, ки рақамҳои оварда шуда дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ хело паст мебошанд. Фикр менамоем, ки чунин ҳолат коҳишёбии шумораи субъектҳои иқтисодии солҳои 2015 2018 мебошад. Агар соли 2015 шумораи умумии корхонаву ташкилотҳо 42358 ададро ташкил намуда бошанд, пас онҳо дар охири соли 2016 ба 11 адад коҳиш ёфтанд, соли 2017 боз нисбат ба соли 2016 ба 316 адад кам шудаанд. Ин аст яке аз омилҳои расонидани таъсири манфӣ ба рушди иқтисодии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама ба қисми даромади буҷети давлатӣ, ки дар сатҳи мақомотҳои дахлдори давлатӣ андешидани чораҳо нисбати сиёсати молиявиро талаб менамояд. Натиҷаи дигаргунсозиҳои низоми молия буҷетиро арзёбӣ намуда ба хулосае меоем, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ иқтисоди боз ҳам афзунтар мебуданд, агар фаъолияти низоми мазкур оид ба сиёсати молиявӣ ресурсҳои буҷету андоз фаъолияти сармоягузорӣ, асъору қарзӣ бо назардошти таъмини ҳавасмандии андозсупорандагон алалхусус соҳибкорони хурду бизнесменҳо такмил дода мешуданд.

## АДАБИЁТ


1. Алимардонов У. Республика Таджикистан: Государственное регулированне региональных бюджетов (теория и практика) / У. Алимардонов, Н. Мамадризоева // Вестник ТНУ. - 2019. -№4. -часть 1. -С.121-125.
2. Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1995-2000. –Душанбе, 1995.
3. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация На материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев // Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. -Бишкек, 2019.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» Душанбе – 16 марти 2016 сол. № 1299.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе – 26.12.2019.
7. Тоҷикистон 25- соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ. –Душанбе, 2016.
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3. 12. 1994, №8 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оиди дигаргунсозиҳои амиқи иқтисодӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ». –Душанбе, 1994.
9. Ҳикматов С., Шуҳрати З. Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2019, №3 мавзӯъ Таҳлили иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми даромад) дар солҳои 2016-2017.


## ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ МОЛИЯВИЮ – ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (НАЗАРИЯ, АМАЛИЯ)


Мақолаи илмӣ ба тадқиқоти механизми молиявию – қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ва дигаргунсозиҳои нисбат ба солҳои охири давлатдори Шӯравӣ бавуҷуд омада бахшида шудааст. Дар мақола ба масъалаи натиҷабандии ислоҳотҳои дар низоми молиявию - қарзӣ гузаронидашуда ва нақши онҳо ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ диққати махсус дода шудааст. Аз ин лиҳоз дар мақола аввал олатҳои асосии механизми молиявию - қарзӣ ҳамчун асоси молиявии рушди иқтисодӣ – иҷтимоии ҷумҳурӣ, баъди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиёти мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ мутолиа гадидаанд ва хулосабарорӣ шудаанд. Ҳангоми навиштани мақола доир ба механизми маблағгузории дарозмудат барои бунёди фондҳои асосӣ, сармоягузорӣ диққати махсус дода, рушди иқтисодиёти Ҷумҳуриро то солҳои охир мутолиа шудааст. Дар мақола оид ба таъсири буҳрони

чаҳонии молиявӣ ба пояи молиявии давлатӣ ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти Ҷумҳурӣ баъд аз соли 2008 то солҳои охир оварда шудааст. Дар хулосаи мақолаи илмӣ мақоми махсусро пешниҳодҳо оиди такмили назария ва амалияи механизми молиявию – қарзӣ дар шароити амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ишғол менамояд.
**Калидвожаҳо:** молия, буҷет, қарз, асъор, сармоя, сиёсати молиявӣ, механизми молиявӣ, иқтисодиёт, сектори воқеъӣ, сектори иҷтимоӣ, самаранокӣ.

**РЕФОРМА ФИНАНСОВО-КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА (ТЕОРИЯ, ПРАКТИКА)**

Научная статья посвящена исследованию финансово-экономических механизмов Республики Таджикистан в годы независимости государства и реформы, по сравнению с Советскими годами управления. В статье особое внимание уделено результатам реформ в финансово-экономической системе и его роли в экономическом развитии республики. Исходя из этого, в начале анализированы основные финансовые инструменты социально-экономического развития республики, потом основные макроэкономические показатели в годы независимости. В процессе анализа внимательно изучены механизмы долгосрочного финансирования для формирования основных фондов, инвестирование в развитие экономики республики вплоть до последних лет. В статье также говорится о влиянии мирового финансового кризиса на государственные финансы экономики республики после 2008 до последних лет. В заключении научной статьи особое внимание отведено предложениям по поводу совершенствования теории и практики финансово-кредитного механизма в условиях реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
**Ключевые слова:** финансы, бюджет, кредит, валюта, капитал, финансовая политика, финансовый механизм, экономика, реальный сектор, социальная сфера, эффективность.

**REFORM OF THE FINANCIAL AND CREDIT SYSTEM AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN (THEORY, PRACTICE)**

The scientific article is devoted to the study of the financial and economic mechanisms of the Republic of Tajikistan in the independent years of the state and reforms in comparison with the Soviet years of management. The article pays special attention to the results of reforms in the financial and economic system and its role in the economic development of the republic. Based on this, at the beginning the main financial instruments of the republic's socio-economic development were analyzed, then the main macroeconomic indicators in the independent years. In the process of analysis, the mechanisms of long-term financing for the formation of main funds, investment in the development of the republic's economy till last years were carefully studied. The article also speaks about the impact of the global financial crisis on the public finances of the republic's economy after 2008 to last years. At the conclusion of the scientific article, special attention is paid to proposals for improving the theory and practice of the financial and credit mechanism in the context of the implementation of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.
**Keywords:** finance, budget, credit, currency, capital, financial policy, financial mechanism, economy, real sector, social sphere, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳакимов Ифтихор Бахтиёриддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-97-15-15**
***Маҳмадризоиён Сухроб Ҳабибулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: **555-55-57-37**

**Сведения об авторах:** ***Хакимов Ифтихор Бахтиёриддинович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры управления государственными финансами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 907-97-15-15**
***Махмадризойон Сухроб Хабибулло*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры управления государственными финансами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **555-55-57-37**

**Information about the authors:** ***Khakimov Iftikhor Bakhtiyoriddinovich*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-97-15-15**
***Mahmadrizoyon Sukhrob Khabibullo*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Public Finance Management**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **555-55-57-37**

**УДК:336.71.3(575.3)(470)**

# ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ, БАРТАРИЯТҲО ВА МУАММОҲОИ ҶОЙДОШТАИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Маҳмадов О.С., Маҳмадов Т.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои ба рақобат тобовардан ва гирифтан фоидаи бештар бонкҳои тиҷоратӣ бояд намудҳои гуногун ва муосири амалиётҳои бонкиро ба муштариён пешниҳод намоянд. Аз ин лиҳоз, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ барои ташкилотҳои қарзии мо падидаи нав буда, рушду такомули онҳо яке аз сарчашмаҳои таъмини даромаднокии онҳо ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки қарзҳои ипотекӣ ба истиснои яке аз сарчашмаҳои

даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафтан, инчунин, дар рушду нумуи сатҳи иҷтимоӣ - иқтисодиёти ҳар як сокини мамлакат нақши боризеро иҷро менамоянд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши чунин мавзӯъ актуалӣ буда, на танҳо навиштани мақолаҳои илмӣ, балки чопи китобҳои илмӣ ва навиштани рисолаҳои илмию докторӣ зарур ба талоботи имрӯза мебошад.

Ташкилотҳои қарзӣ қарздиҳии соҳаи ипотекиро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд. Қонуни мазкур дар умум ҳамаи муносибатҳои қарздеҳу қарзгиронро, ки бо гарави молу мулки ғайриманқул тибқи тартиби муқаррарнамуда ба расмият даровarда мешавад, ба танзим медарорад ва бояд қайд кард, ки қарздиҳии манзил (ипотека) низ дар доираи ҳамин қонун танзим карда мешавад.

Ипотека аз калимаи юнонии «hypotheke» гирифта шуда маъноаш гарав, ба гаравгирӣ мебошад [4,с.3]. Ба таври дигар ипотека ин супоридани замин ва ё дигар амволи ғайриманқул ба гарав бо мақсади гирифтани қарзи пулӣ – қарзи ипотекӣ, мебошад. Ипотека ин усули таъмини уҳдадорие мебошад, ки дар он предмети гарав амволи ғайриманқул баромад менамояд [4,с.3]. Ипотека ин гарави амволи ғайриманқул, барои таъмини уҳдадориҳо дар назди қарздиҳанда мебошад. Қарзгиранда қарзро барои харидан, таъмиру сохтмони амволи ғайриманқул мегирад, инчунин, дар таҷрибаи байналхалқӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин намуди қарз бо мақсади васеъкунии заминҳои корӣ истифода мегардад. Иҷро намудани уҳдадориҳоро дар назди қаздиҳанда, гарав таъмин менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки барои харидорӣ намудан ва ё ба гарав гузоштан на танҳо манзил, балки дигар амволи ғайриманқул низ мумкин аст. Ҳамаи амволи ба ипотека харидашуда, мулки қарзгир ба ҳисоб меравад.

Бонкҳои ипотекӣ қарзҳои дарозмуҳлатро пешниҳод менамоянд, ки бо навиштаҷоти ипотекӣ ва ё бо қарзҳои ипотекие ба соҳибии замин, ки барои он қарз пешниҳод мегардад таъмин мебошанд [3,с.542]. Агар бонкҳои ипотекӣ барои кафолат танҳо қарзҳои ипотекиро истифода намоянд, аммо дар доираи корӣ мафҳумҳои «Бонки ипотекӣ» ва «Қарзӣ ипотекӣ» мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Маҳз ба хотири дарозмуддати худ (20-30 сол) қарзҳои ипотекӣ махсусан барои молиякунонӣ дар он ҳолатҳое мувофиқ мебошанд, ки пардохти фоизҳо ва пардохти қарз танҳо аз даромадҳои ҷорӣ, чун қоида аз ҳисоби даромадҳои на он қадар зиёд, яъне пардохтҳои хурд, имконпазир аст. Масалан, ҳангоми молиякунонии сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои иҷора пардохти қарзи ипотекӣ танҳо аз ҳисоби пардохти иҷоравӣ имконпазир мебошад. Ин тааллуқ дорад, инчунин, ба молиякунонии корхонаҳои хоҷагиҳои қишлоқ бо мақсади васеъкунонии қитъаҳои замин ва ё сохтмони ҷойҳои зист ва ёрирасон, новобаста аз оне ки афзоиш даромадҳо дар хоҷагии қишлоқ баланд намебошад. Аммо бояд қайд намуд, ки на ҳар як қитъаи замин объекти бонки ипотекӣ мешавад, ба он хотире, ки таъминоти бехатарии кредитро арзиши объекти ба гаравгузошташуда муайян менамояд.

Бонкҳои ипотекӣ дар иқтисодиёт моҳияти дутарафа доранд: ҳамчун институти иҷтимоӣ таъминкунандаи қарзҳои дарозмуддати заминӣ ва ҳамчун эмитентҳои варақаҳои гаравӣ воситаи муҳофизатшавандаи сармояи гузошташавандаи фоизоваранда мебошанд [3,с.543]. Бонкҳои ипотекӣ ҳамчун миёнаравҳои сармояи гузошташаванда ва кредити ҳақиқӣ баромад менамоянд.

Динамикаи рушди пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давоми 5 сол дар шакли ҷадвал нишон дода шудааст (ҷадвал):

**Ҷадвали Динамикаи рушди пешниҳоди қаорзҳои ипотекӣ**
**Dynamics table of mortgage loan growth dynamics**

| Нишондиҳанда (сол) | 2015 | 2016 | 2017 | 31.08.2018 | 2018 | 31.08.2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарзҳои ипотекӣ (млн.сомонӣ) | 166,1 | 167,7 | 185,8 | 207,6 | 209,1 | 210,4 |

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали мазкур муайян мешавад, ки аз соли 2015 то инҷониб қарздиҳии ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд карда истода, бақияи онҳо ба санаи 31 августи соли 2019 маблағи 210,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 2,8 млн.сомонӣ ё 1,34% зиёд гардидааст.

Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои боз ҳам содатар намудани раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека” ва маъмул гардидани қарзи ипотекӣ бо кумаки техникии Лоиҳаи инкишофи бозори ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар доираи барномаи “Озуқаворӣ ба хотири оянда”, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека” таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили низоми бонкӣ, мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии гарави молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла ҳуқуқи заминистифодабарӣ, мусоидат барои баргардонидани қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилотҳои қарзӣ ва бартараф намудани монеаҳои сунъии ба гаравгир гузаштани молу мулки ба гарав гузошташуда, дар сурати баргузор нашудани савдои оммавӣ, бо назардошти мурочиат ва таклифҳои Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, инчунин, таҷрибаи давлатҳои дигар таҳияву пешниҳод гардидааст.

Бартариятҳои қарзҳои ипотекӣ, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки ипотека ба қарзгирандагон харидани амволи ғайриманқулро дар муддати хеле кӯтоҳ имкон медиҳад. Пештар мардум барои харидани манзил муддати дароз пасандоз мекарданд, ипотека бошад муҳимияти пасандоз карданро барои харидани хонаи дилхоҳ бартараф менамояд. Баъд аз ба охир расидани тамоми расмиёти зарурӣ, молу мулки харида, ба моликияти қарзгир мегузарад. Инчунин, қарзгир метавонад аз ҳуқуқи қонунии худ истифода намуда, дар манзили харида шуда, истиқомат намояд ва аъзоёни оилаи худро ба қайд гузорад.

Пеш аз ҳама, ба шумо лозим аст, ки имкониятҳои худро холисона арзёбӣ намоед, яъне қобилияти мунтазам пардохт кардани қарзро ба бонк дошта бошед. Сипас, маслиҳат дода мешавад, ки аз куҷо гирифтани ипотекаро қарор кунед. Ҳангоми интихоб кардани ташкилоти молиявӣ, ба обрӯ ва баҳодиҳии мизоҷон таваҷҷуҳ намоед. Вазифаҳои дар боло гуфта шударо иҷро намуда, ба ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурие, ки барои дархост намудани қарз лозиманд, оғоз намоед. Дар ҷамъоварӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳо бодиққат бошед, то пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар як маротиба сурат гирад на баръакс, ки раванди ҳуҷҷатсупорӣ бо сабаби набудани як ё ду ҳуҷҷат ба таъхир афтад. Инак, барои гирифтани ипотека номгӯи ҳуҷҷатҳо чунинанд: нусхаи шиноснома, рақами мушаххаси андозсупоранда, шаҳодатномаи тасдиқкунандаи шуғл (ҷои кор), маълумотнома дар бораи музди меҳнат. Талаботи ҳатмӣ, доштани кафил барои қарзгиранда мебошад. Кафил низ, бояд, номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки ба қарзгир дахолат доранд, дошта бошад. Агар қарзгиранда даромади иловагӣ дошта бошад, барои мисол ба соҳибкорӣ машғул аст, бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи чунин даромадро дошта бошад. Ҳамин тариқ, имконияти гирифтани ипотека аз рӯи даромаднокӣ зиёдтар хоҳад буд.

Баъд аз пешниҳод кардани ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида ба бонк, дархост барои ипотека навишта мешаванд ва дар асоси он, бонк қарор қабул мекунад. Қарор дар асоси дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳод гардида, қабул шуда, инчунин, таърихи қарзии қарзгир ба инобат гирифта мешавад, яъне то чанд он мусбат аст. Як қатор тафтишотҳо аз ҷониби бонк вуҷуд дорад, зеро на ҳар вақт дархост барои гирифтани ипотека мусбат баррасӣ мешавад. Агар бонк ба қарор ояд, ки қарзгир пардохтнопазир аст, сатҳи даромади он барои пардохти ипотека кофӣ нест, агар ҷойи кори ӯ устувор нест, пас, дар чунин ҳолат бонк додани қарзи ипотекиро рад менамояд.

Дар асл, ипотека қадами масъулиятнок аст. Муносибат ба он бояд боэҳтиёт ва босаброна бошад, агар шумо аллакай қарз дошта бошед, ҳатман аз гирифтани ипотека худдорӣ намоед, то ба мушкилот дучор нагардед. Акнун тибқи тағийроти қабулшуда ба қонун «Дар бораи ипотека» дар ҷаласаи парлумон, акнун дар Тоҷикистон барои гирифтани қарзи бонкӣ ба гарав гузоштани замин (бо ҳуқуқи истифода ва ҳуқуқи мусодира) мумкин аст.

Ипотека дар ҳамон вақт ба таври васеъ рушд менамояд, ки агар депозитҳои дарозмуддати аҳолӣ дар низоми бонкӣ зиёд карда шавад. Чуноне ки аз таҷриба бармеояд карзҳои ипотекӣ асосан хусусияти дарозмуддат доранд, яъне зиёда аз 5 сол, аммо қисмати зиёди амонатҳо хусусияти кӯтоҳмуддат дошта, то 1,5 сол гузошта шудаанд. Ба истиснои ин ташкилотҳои қарзӣ худ пулро намебароранд, онҳо захираҳои пулиро дар шаклҳои гуногун ҷалб намуда, баъдан дар асоси онҳо қарзҳоро пешниҳод менамоянд. Аз ин хотир, барои пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат захираҳои дарозмуддат лозим мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз сарчашмаҳои асоси рушди қарзҳои ипотекӣ ин зиёд намудани захираҳои худии бонкҳоро донистан ба мақсад мувофиқ мебошад, аз он ҷумла сармояи онҳо. Аммо чуноне ки маълум аст сармояи бонкҳои мо на он қадар зиёд (аз 10 то 20% захираҳо) мебошад. Асосҳои ҳуқуқии танзими қарзҳои ипотекӣ ҳам дар рушди тараққиёти онҳо таъсири амиқи хешро мегузоранд. Аз ин хотир, тағйироти ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» пешниҳод гардида, имконияти такомули қарзҳои ипотекиро ба ташкилотҳои қарзӣ медиҳад. Баъд аз ин тағйирот ташкилотҳои қарзӣ имкон доранд, ки амволи ба гаравгузошташударо бе тартиби судӣ дар ҳоле ки қарзгир шартҳои шартномаро вайрон менамояд, ба моликияти худ гиранд. Мавриди зикр

аст, ки то ин тағйирот ташкилотҳои қарзӣ танҳо дар асоси ҳалномаи судӣ ҳуқуқи ситонидани амволи ба гаравгузоштаашударо доштанд.


**АДАБИЁТ**

1. Банковское дело. Учебник / Под ред.проф. О.И. Лаврушина. -М.: КНОРУС, 2013. -800 с.
2. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация На материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев // Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (Славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. -Бишкек, 2019.
3. Жуков Е.Ф. Банковское дело. Учебник для студентов вузов / Е.Ф. Жуков. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. -687 с.
4. Ипотека. Управление. Организация. Оценка: Учеб. пособие для студентов / И.В. Довдиенко, В.З. Черняк. -М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2005. -464 с.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009, №524.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи БМТ» 28 июни соли 2011, №722.
7. Коробова Г.Г. Банковские операции: Учебное пособие для средн. проф. образования / Г.Г. Коробова. -М.: Магистр: НИЦ ИНФРА-М, 2013. -448 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» ( аз 06.10.2008, №417, бо тағйироту иловаҳояш то инҷониб).
9. Наточева Н.Н. Банковское дело / Н.Н. Наточеева, Э.И. Абдюкова. -М.: Дашков и ко, 2017. -157 с.
10. Тавсия оид ба тартиби додани қарзи ипотекии манзил дар ташкилотҳои қарзӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тахти №14 аз 30 январи соли 2014
11. [Манбаи электронӣ]. www.nbt.tj


## ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ, БАРТАРИЯТҲО ВА МУАММОҲОИ ҶОЙДОШТАИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур, пеш аз ҳама, мафҳум, моҳият, зарурият ва бартариятҳои қарзҳои ипотекӣ ба таври муфассал дида баромада шудаанд. Ба истиснои ин дар ин мақола муаллиф муаммоҳои ҷойдоштаи қарзҳои ипотекӣ ва роҳҳои бартарафкунии онҳоро дар низоми бонкии мамлакат мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо мақсади ба рақобат тобовардан ва гирифтан фоидаи бештар бонкҳои тиҷоратӣ бояд намудҳои гуногун ва муосири амалиётҳои бонкиро ба муштариён пешниҳод намоянд. Аз ин лиҳоз, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ барои ташкилотҳои қарзии мо падидаи нав буда, рушд ва такомули онҳо яке аз сарчашмаҳои таъмини даромаднокии онҳо ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки қарзҳои ипотекӣ ба истиснои яке аз сарчашмаҳои даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафтан, инчунин, дар рушду нумӯи сатҳи иҷтимоӣ - иқтисодиёти ҳар як сокини мамлакат нақши боризеро иҷро менамоянд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши чунин мавзӯъ актуалӣ буда, на танҳо навиштани мақолаҳои илмӣ, балки чопи китобҳои илмӣ ва навиштани рисолаҳои илмию докторӣ зарур ба талоботи имрӯза мебошад. Ипотека дар ҳамон вақт ба таври васеъ рушд менамояд, ки агар депозитҳои дарозмуддати аҳолӣ дар низоми бонкӣ зиёд карда шавад. Инчунин қайд кардан, зарур аст, ки яке аз сарчашмаҳои дигари асосии рушди қарзҳои ипотекӣ ин зиёд намудани захираҳои худии бонкҳо мебошад, аз он ҷумла сармояи онҳо. Аммо чуноне ки маълум аст сармояи бонкҳои мо на он қадар зиёд (аз 10 то 20% захираҳо) мебошад. Асосҳои ҳуқуқии танзими қарзҳои ипотекӣ ҳам дар рушди тараққиёти онҳо таъсири амиқи хешро мегузоранд.



**Калидвожаҳо:** қарзҳои ипотекӣ, бонк, ташкилотҳоии қарзӣ, бартарияҳои қарзҳои ипотекӣ, муаммоҳои қарзҳои ипотекӣ, низоми бонкӣ, захираҳои бонкӣ.


## ИПОТЕЧНЫЕ КРЕДИТЫ, ИХ ПРЕИМУЩЕСТВА И ПРОБЛЕМЫ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В этой статье, прежде всего, подробно рассматриваются понятия сущности, необходимости и преимуществ ипотечных кредитов. Кроме того, в данной статье автор рассматривает существующие проблемы ипотечных кредитов и пути их преодоления в банковской системе страны. Чтобы быть более конкурентоспособными и более прибыльными, коммерческие банки должны предлагать своим клиентам различные виды современных банковских операций. Поэтому предоставление ипотечных кредитов является новым явлением для наших кредитных организаций, а их развитие и совершенствование является одним из источников их прибыльности. Следует отметить, что ипотечные кредиты, помимо того, что являются одним из источников прибыльности кредитных организаций, также играют важную роль в развитии социально-экономического уровня каждого жителя страны. Поэтому изучение данной темы является актуальным, и необходимо не только писать научные статьи, но и публиковать научные книги и писать научные и докторские диссертации. Ипотека будет широко развита, если увеличатся долгосрочные вклады населения в банковской системе. Следует также отметить, что одним из основных источников развития ипотечного кредитования является увеличение собственных резервов банков, в том числе их капитала. Однако, как известно, капитал наших банков невелик (от 10 до 20% резервов). Нормативно-правовая база регулирования ипотечных кредитов также оказывает глубокое влияние на их развитие.



**Ключевые слова:** ипотечные кредиты, банки, кредитные организации, преимущества ипотечных кредитов, проблемы ипотечных кредитов, банковская система, банковские ресурсы.


## MORTGAGE CREDITS, THEIR BENEFITS AND PROBLEMS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


In this article, first of all, the concept, essence, necessity and advantages of mortgage credits are considered in detail. In addition, in this article, the author considers the existing problems of mortgage credits and ways to overcome them in the country's banking system. To be more competitive and more profitable, commercial banks must offer their customers various types of modern banking operations. Therefore, the provision of mortgage credits is a new phenomenon for our credit institutions, and their development and improvement is one of the sources of their profitability. It should be noted that mortgage credits, in addition to being one of the sources of profitability of credit institutions, also play an important role in the development of the socio-economic level of each resident of the country. Therefore, the study of this topic is

relevant, and it is necessary not only to write scientific articles, but also to publish scientific books and write scientific and doctoral dissertations. Mortgages will be widely developed if long-term deposits of the population in the banking system increase. It should also be noted that one of the other main sources of mortgage lending development is an increase in banks ' own reserves, including their capital. However, as you know, the capital of our banks is small (from 10 to 20% of reserves). The legal framework for regulating mortgage credits also has a profound impact on their development.

**Keywords**: mortgage credits, banks, credit organizations, advantages of mortgage credits, problems of mortgage credits, banking system, banking resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмадов Орзуҷон Сафаралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ; Донишгоҳи иқтисодии Русия ба номи Г.В. Плеханов, аспирант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987-97-81-26**. E-mail: **mahmadov.fariddun@mail.ru**
***Маҳмадов Толибҷон Сафаралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985-93-98-97**

**Сведения об авторах:** ***Махмадов Орзуджон Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры банковской деятельности; РЭУ им. Г.В. Плеханова, аспирант. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987-97-81-26**. E-mail: **mahmadov.fariddun@mail.ru**
***Махмадов Толибджон Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, магистрант 1-го курса кафедры национальной экономики и экономической безопасност. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-93-98-97**

**Information about the authors:** ***Makhmadov Orzudjon Safaralievich*** **-** Tajik National University, assistant of the department of banking; PRUE them. G.V. Plekhanova, postgraduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 987-97-81-26.** E-mail: **mahmadov.fariddun@mail.ru**
***Makhmadov Tolibjon Safaralievich*** **-** Tajik National University, 1st year undergraduate of the Department of National Economy and Economic Security. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 985-93-98-97**

**УДК 339.31+336.467**

# ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Раҷабов Э.Д.***
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз самтҳои муҳим ва пурсамар арзёбӣ гардида, барои таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди устувори хоҷагии халқи кишварамон нақши калидӣ мебозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (26.12.2019) ба ин нукта таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иброз карда буданд: «Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст... » [6].

Рушду инкишофи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самараи истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои иқтисодии кишварамон вобастагӣ дорад. Бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди равобити байналмилалӣ ва ташаккули фазои иқтисодиву сармоягузорӣ равона шуда буд [1]. Дар натиҷа дар давоми даҳ соли охир маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб се маротиба, нишондиҳандаи музди миёнаи маош дар ҷумҳурӣ беш аз 3,5 маротиба ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар қариб 4 маротиба зиёд гардид (ҷадвали 1).

Оғоз ва инкишофи фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи назаррас аз соли 2000 (“Созишномаи қарзӣ” 02.11.1999 ба имзо расида буд) оғоз меёбад. Сохтмони роҳи автомобилгарди Мурғоб-Кулма яке аз аввалин лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки бо маблағи уммумии 13,98 млн. длоллари ИМА амалӣ гардидааст. Аз маблағи умумии лоиҳа 9,725 млн. доллари ИМА қарзи Бонки Исломии Рушд ва 4,255 млн. доллари ИМА-ро маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Муҳлати пардохти қарз барои татбиқи лоиҳаи мазкур 25 солро дар бар гирифта, 7 соли аввали он имтиёзнок мебошад. Ба ҳайси пудратчӣ дар амалисозии корҳои сохтмонӣ ширкати ЭНТЕС аз Ҷумҳурии Туркия баромад намудааст [2].

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодиву сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2018 [5]**

**Table 1. Main indicators of economic and investment activity in the Republic of Tajikistan for 2000-2018**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ | Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналӣ, сомонӣ | Сармоягузориҳо, ҳазор доллари ИМА |
| 2000 | 1786,8 | 251,7 | 15,57 | 28840,2 |
| 2005 | 7206,6 | 1433,2 | 83,58 | 174626,1 |
| 2010 | 24707,1 | 7024,4 | 354,44 | 459173,6 |
| 2011 | 30071,1 | 8937,9 | 442,13 | 325518,5 |
| 2012 | 36163,1 | 9673,5 | 555,29 | 746411,3 |
| 2013 | 40525,5 | 12276,6 | 694,89 | 1011862,8 |
| 2014 | 45606,6 | 14427,4 | 816,27 | 909254,4 |
| 2015 | 48408,7 | 16586,5 | 878,91 | 977815,8 |
| 2016 | 54479,1 | 18483,8 | 962,16 | 842733,6 |
| 2017 | 61197,6 | 23307,3 | 1144,19 | 1100436,1 |
| 2018 | 68844,0 | 24097,2 | 1233,82 | 644421,9 |
| Соли 2018 нисбат ба соли 2010 | 38,53 маротиба | 95,74 маротиба | 79,24 маротиба | 22,34 маротиба |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.

Солҳои 2003-2005 сохтмони марҳилаи аввали роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар бо маблағи умумии 11,4 млн. доллари ИМА амалӣ карда шуд, ки 9,1 млн. доллари ИМА қарзи Бонки Исломии Рушд ва 2,3 млн. доллари ИМА-ро маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Муҳлати пардохти қарз барои татбиқи ин лоиҳа низ 25 солро дар бар гирифта, 7 соли аавали он имтиёзнок мебошад. Дар татбиқи лоиҳа ширкатҳои машҳури хориҷӣ аз қабили Комбайн Групп (Қувейт), АГЕ Текар (Туркия) ва ширкати ватанӣ – ҶСШК "Мостоспестрой", ширкат варзиданд. Дар раванди амалисозии лоиҳаи мазкур 250 нафар корманд ҷалб гардида, аз ин шумора 222 нафарро кормандони маҳаллӣ ташкил медоданд.

Инчунин, давоми солҳои 2003-2005 таҷдиди роҳи автомобилгарди Шкев-Зиғар бо ҷалби сармоягузорӣ дар ҳаҷми 31,75 млн. доллари ИМА амалӣ гардонида шуд, ки ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар ин лоиҳа назаррас мебошад. Ҳангоми татбиқи лоиҳаи мазкур 16,25 млн. доллари ИМА қарзи Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб, 4 млн. доллари ИМА қарзи Фонди ОПЕК, 6 млн. доллари ИМА қарзи Фонди Саудӣ ва 5,5 млн. доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд. Яке аз хусусияти лоиҳа аз он иборат буд, ки бештари сармоягузориҳо имтиёзнок буда, ба таври дарозмуҳлат пешниҳод гардидаанд. Масалан, қарзи Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб ба муҳлати 20 сол, баъди 4 соли имтиёзнок (1,5%) аз соли 2005; қарзи Фонди ОПЕК ба муҳлати15 сол, баъди 50 соли имтиёзнок (1%) аз соли 2006; қарзи Фонди Саудӣ ба муҳлати 20 сол, баъди 5 соли имтиёзнок (2%) аз соли 2007 пешниҳод шудаанд. Дар раванди татбиқи лоиҳа 700 нафар кормандону мутахассисон ба кор ҷалб карда шудаанд, ки 500 нафари онро коргарону мутахассисони маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар-Данғара-Кӯлоб давоми солҳои 2003-2006 бо ҷалби сармояи 26,8 млн. доллари ИМА намунаи барҷастаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар даврони истиқлолият мебошад. Дар татбиқи лоиҳаи мазкур 20 млн. доллари ИМА қарзи Бонки Осиёии Рушд, 4 млн. доллари ИМА қарзи Фонди ОПЕК ва 2,8 млн. доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарф гардидаанд. Ширкати ТОДИНИ (Италия) ба ҳайси пудратчии асосӣ дар татбиқи лоиҳа баромад намудааст.

Солҳои минбаъда ҷалби сармояи хориҷӣ ба инфрасохтори нақлиёт вусъат ёфта, таваҷҷуҳи кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла самти нақлиёт бештар гардидааст. Чунончи лоиҳаи таҷдиди марҳилаи якуми роҳи автомобилгарди Дустӣ-Панҷи Поён давоми солҳои 2007-2008 бо маблағи 4,479 млн. доллари ИМА бо кумаки бебозгашти Ҳукумати Ҷопон роҳандозӣ гардидааст.

Барои раҳоӣ аз бунбасти нақлиётиву коммуникатсионӣ ва рушди равобити байналмилалӣ зарурияти таҷдиду азнавсозии роҳҳои байналмилалӣ ба миён омад. Лоиҳаи марҳилаи аввали таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-сарҳади Қирғизистон бо ҷалби сармоягузории 23,6 млн. доллари ИМА оғоз гардид, ки 15 млн. доллари ИМА қарзи

Бонки Осиёии Рушд, 6 млн. доллари ИМА Қарзи Фонди ОПЕК ва 2,6 млн. доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, давоми солҳои 2005-2007 яке аз лоиҳаҳои мубрам ва судманд дар ин самт буда, барои баромадан ба хориҷи кишвар роҳ мекушояд.

Марҳилаи дуюми таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-сарҳади Қирғизистон бо ҷалби умумии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 68 млн. доллари ИМА дар солҳои 2007-2010 ба анҷом расидааст. Барои татбиқи лоиҳа 30 млн. доллари ИМА қарзи Бонки Осиёии Рушд, 20 млн. доллари ИМА кумаки бебозгашти Бонки Осиёии Рушд, 3,5 млн. доллари ИМА қарзи Фонди ОПЕК ва 14,5 млн. доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз худ карда шудаанд.

Дар марҳилаи сеюми таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-сарҳади Қирғизистон дар солҳои 2007-2011 ба андозаи 76,5 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ва ватанӣ ҷалб карда шудааст, ки аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд 40,9 млн. доллари ИМА қарзи имтиёзнок ва 12,5 млн. доллари ИМА кумаки бебозгашт ҷудо гардидааст. Маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаи мазкур ба 23,1 млн. доллари ИМА баробар мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар таваҷҷуҳи бештари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи нақлиёт, бахусус сохтмони роҳҳои автомобилгард, ки василаи асосии пайвандгари минтақаву давлатҳо мебошанд, бештар гардид. Кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, зарурияти таъмини рафтуомади доимӣ дар байни минтақаи шимоли кишвар бо марказ ва минтақаи ҷанубӣ бошад, аз тарафи дигар, водор намуд, ки лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанак (сарҳади Ӯзбекистон) роҳандозӣ карда шавад. Бо ин мақсад давоми солҳои 2006-2008 барои татбиқи лоиҳа, дар маҷмӯъ 304,524 млн. доллари ИМА ҷалб карда шудааст, ки 289,729 млн. доллари онро қарзи имтиёзноки Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва 14,795 млн. доллари боқимондаро маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Лоиҳа аз ҷониби корпоратсияи хитоӣ оид ба сохтмони роҳҳо ва пулҳо (Чайна Роуд) амалӣ гардонида шудааст.

Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қулма, қитъаи Душанбе-Данғара дар се марҳила сурат гирифта, давоми солҳои 2009-2014 бо маблағгузории Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой амалӣ гардонида шудааст. Лоиҳаи таҷдиди сохтмони нақбҳои Чормағзак (64 млн. доллари ИМА) ва Озодиро (32,876 млн доллари ИМА) дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ дар се марҳила ба 256,278 млн. доллари ИМА баробар буда, дар он ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12,813 млн. доллари ИМА ва боқимондаи маблағҳо (243,465 млн. доллари ИМА) аз ҷониби Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой маблағгузорӣ гардидаст.

Дар самти сохтмони роҳҳои автомобилгард лоиҳаҳои зиёде амалӣ гардонида шудаанд, ки сифати хизматрасониҳои нақлиётиро баланд мебардоранд. Дар баъзе лоиҳаҳои иҷрошуда сармоягузорон ба таври шарикӣ баромад намуда, дараҷаи ҳамгироии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва ҷонибҳои манфиатнокро вобаста ба ташаккули фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мебардоранд. Аз қабили чунин лоиҳаҳо сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб, қитъаи Ш. Шоҳин-Шоҳонро номбар намудан мумкин аст, ки бо маблағи умумии 92,9 млн. доллари ИМА бунёд гардида, бо шарикии шаш ҷониб ба амал пайвастааст. Дар татбиқи лоиҳа Бонки Исломии Рушд (20 млн.), Фонди Саудии Рушд (20 млн.), Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб (17 млн.), Фонди Абу-Даби (15 млн.), ОПЕК (13 млн.) ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (7,9 млн.) ҳиссагузорӣ намудаанд.

Дар баробари татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмони пулу купрукҳо низ таваҷҷуҳи сармоягузоронро ба худ ҷалб менамояд. Яке аз аввалин лоиҳаҳо дар ин самт солҳои 2005-2007 сохтмони купрӯк аз болои дарёи Панҷ дар Панҷи Поён бо кумаки бебозгашти Ҳукумати ИМА дар ҳаҷми 28 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ гардидааст. Солҳои 2002-2013 бо дастгирӣ ва маблағгузории Фонди Оғохон сохтмони купрӯкҳо дар ноҳияҳои Ишкошим, Дарвоз, Ванҷ, Ш. Шоҳин ва шаҳри Хоруғ ба анҷрасонида шудааст.

Бо ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар роҳҳои автомобилгард 17996 метр ва дар роҳи оҳан 3643 метр нақб бунёд гардида, ки ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои онҳо бе назардошти бунёди нақбҳо дар роҳи оҳани Душанбе-Бохтар-Кӯлоб ба андозаи 249,85 млн. доллари ИМА баробар аст.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва самти асосии муносибати сармоягузорӣ сарчашмаи маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад. Барои лоиҳаҳои иҷрошуда ва иҷрошудаистода дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои маблағгузорӣ гуногун буда, дар

бештари онҳо ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас аст. Дар ин самт ҷиҳати дастгирӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳои байналмилалии молиявӣ, ҳукумати кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии молиявиро номбар намудан ба маврид аст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Маълумот дар бораи сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ [5]**
**Table 2. Information on sources of financing of investment projects**

| **Лоиҳаҳои сармоягузорӣ** | **Ҳаз. дол. ИМА** |
|---|---|
| Лоиҳаҳои иҷрошуда | 1 514 899,7 |
| Лоиҳаҳои иҷрошудаистода | 627 149 |
| Лоиҳаҳои афзалиятнок | 6 286 181 |
| Ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 220 274,7 |
| **I. Қарзҳо** | **1 247 910** |
| Фонди ОПЕК | 66 500 |
| Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 78 440 |
| Бонки Осиёгии Рушд | 155 300 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии халқии Хитой | 602 187 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии исломии Эрон | 21 200 |
| Ҳукумати Фаронса | 26 458 |
| Бонки Исломии Рушд | 91 282 |
| Фонди Саудии Рушд | 56 000 |
| Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб | 58 750 |
| Фонди Абу-Дабӣ | 15 000 |
| Бонки умумиҷаҳонӣ | 49 293 |
| Бонки осиёгии сармоягузории инфрасохторӣ | 27 500 |
| **II. Кумакҳои бебозгашт** | **701 464** |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон | 16 950 |
| Ҳукумати Ҷопон | 145 151 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой | 37 061 |
| Ҳукумати ИМА | 30 390 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон | 4 980 |
| Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд | 8 511 |
| Бонки осиёгии рушд | 433 820 |
| Фонди Оғохон | 7 790 |
| Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб | 2 000 |
| Бонки умумиҷаҳонӣ | 14 811 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.

Қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Фонди ОПЕК, Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой, Фонди Саудии Рушд, Ҳукумати Фаронса, Эксимбонк (Хитой) сарчашмаи асосии маблағгузории лоиҳаҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравconfigured (расми 1). Ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар ҷамъи маблағгузорӣ ба лоиҳаҳо ба 48,26% баробар аст, ки ин ба беш аз 602,18 млн. доллари ИМА баробар аст.

**Расми 1. Қарзҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳазор доллари ИМА**
**Figure 1. Loans for the implementation of investment projects, thousand US dollars**

Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар баробари қарзҳо кумакҳои бебозгашт ва техникӣ низ мавқеи муайян дошта, дар маҷмӯъ беш аз 701,46 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд. Бонки Осиёгии Рушд, Ҳукумати Ҷопон, Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҳукумати ИМА, Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон, Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, инчунин кишварҳои алоҳида дар ин самт фаъол мебошанд.

**Расми 2. Кумакҳои бебозгашт ва техникӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳазор доллари ИМА**
**Figure 2. Grant and technical assistance for implementation of investment projects, thousand US dollars**

Дар солҳои охир барои татбиқи 47 лоиҳаи иҷрошуда ва 11 лоиҳаи иҷрошудаистода дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми беш аз 1247,91 млн. доллари ИМА қарзҳои байналмилалӣ, 701,46 млн. доллари ИМА кумакҳои бебозгашт ва техникӣ, инчунин 220,27 млн. доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд. Ҷиҳати таҳкими равобити байналмилалӣ ва васеъ гардидани фазои сармоягузорӣ дар кишвар шумораи шарикони рушд ва иштирокчиён дар татбиқи лоиҳаҳо рӯ ба афзоиш дорад. Аз ин ҷиҳат, дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 38 лоиҳаи афзалиятнок барои ҷалби сармоягузорӣ дар ҳаҷми 6,286 млрд. доллари ИМА коркард карда шуда, барои маблағгузорӣ ба шарикони рушд пешниҳод гардидааст.

Ҳамин тавр, ҷалби бештари сармоягузориҳо барои рушди самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус низоми нақлиётӣ барои татбиқи ҳадафҳои созандаи кишварамон мусоидат намуда, инкишофи бомароми иқтисодиро таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Азимов П.Ҳ. Самтҳои методии таҳлил ва баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории корхона / П.Х. Азимов, Х.Д. Мирзобеков, Э.Д. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№10. -Қисми I. -С.38-42.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Нашрияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.
3. Коган А.Б. Специфика анализа эффективности иностранных инвестиций в реальный сектор экономики России / А.Б. Коган // Вестник ИрГТУ. – 2015. -№5(100). -С.223–231.
4. Котуков А.А. Об основных тенденциях развития рынка инвестиций в условиях глобализации мировой экономики / А.А. Котуков // Финансы и кредит. – 2010. -№17. -С.38-42.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019). -Душанбе, 2019.
7. Саутиева Т.Б. Привлечение иностранных инвестиций – предпосылка эффективной территориальной организации хозяйства региона / Т.Б. Саутиева // Бюллетень науки и практики. – 2016. -№12(13). -С.300-304.
8. Смаглюкова Т.М. Методика комплексной оценки инвестиционной привлекательности регионов с учетом их отраслевой специализации / Т.М. Смаглюкова // Проблемы современной экономики. – 2007. -№3(23).
9. Хушвахтзода К.Х. Анализ использования инвестиционных ресурсов в энергетическом комплексе Таджикистана / Хушвахтзода К.Х., Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. - №1. -С.5-12.
10. Шведков А.Н. Повышение инвестиционной привлекательности региона / А.Н. Шведков // Регионология. – 2016. -№2(95). -С.42-54.
11. NITIAL COIN OFFERING (ICO) как трансформация финансового института коллективного инвестирования / [А.В. Бабкин, П.Х. Азимов, Д.Д. Буркальцева и др.] // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. -М.: Издательство Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова., 2020. -№1. -С.81-103.

## ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақш ва мавқеи сармоягузориҳо дар иқтисоди миллӣ ва рушди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ оварда шудааст. Нақши фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидааст. Хусусияти фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодиву сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолият баррасӣ шуда, ба таври мухтасар таҳлил гардидаанд. Дар мақола роҳҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба инфрасохтори нақлиёти кишвар нишон дода шудааст. Муҳимтарин лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд. Заруряти таҷдиду азнавсозии роҳҳои байналмилалӣ барои раҳоӣ аз бунбасти нақлиётиву коммуникатсионӣ ва рушди равобити байналмилалӣ дарҷ ёфтааст. Марҳилаҳои муҳимми таҷдиди роҳи автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҷалби сармоягузорӣ бунёд ва азнавсозӣ мегарданд, нишон дода шудааст. Ҳиссаи сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, инчунин, ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар низоми нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат намудаанд, таҳлил карда шудааст. Маълумот дар бораи сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар фазои нақлиётии кишвар оварда шудааст. Сарчашмаҳои эътимодбахш ва асосии қарзҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон дода шудаанд. Дурнамои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар инкишофи низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, сармогузорӣ, таҳлил, баҳогузорӣ, рушд, нақлиёт, фазои сармоягузорӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ.

## АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РАЗВИТИИ ТРАНСПОРТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены вопросы о роли и значении инвестиций в национальную экономику, а также развитие отдельных секторов экономики с акцентом на инвестиционную деятельность в транспортную систему Республики Таджикистан. Рассмотрены особенности инвестиционного климата и привлечения прямых иностранных инвестиций в транспортную систему Республики Таджикистан. Статья посвящена способам привлечения инвестиций в транспортную инфраструктуру страны. Обоснована необходимость модернизации международных транспортных коридоров для выхода из транспортно-коммуникационного тупика и развития международных отношений. Обозначены важные этапы реконструкции автомобильных дорог Республики Таджикистан, которые строятся и реконструируются с привлечением инвестиций. Проанализирована доля отечественных и зарубежных инвесторов, а также международных организаций, задействованных в реализации приоритетных проектов в транспортной системе Республики Таджикистан. Проведён анализ основных показателей экономической и инвестиционной деятельности за годы независимости в Таджикистане, выделены и описаны наиболее важные инвестиционные проекты в транспортной системе Республики с указанием источников их финансирования. Рассмотрены основные целесообразные возможности кредитования для реализации инвестиционных проектов. Проанализированы условия для развития инвестиционной деятельности транспортной системе Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** экономика, инвестиции, анализ, оценка, развитие, транспорт, инвестиционный климат, инвестиционный проект.

## ANALYSIS OF INVESTMENT ACTIVITIES IN TRANSPORT DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the role and position of investment in the national economy and the development of individual sectors of the economy. The role of investment activity in the development of transport in the Republic of Tajikistan is noted. The features of the investment climate and attraction of direct foreign investments into the transport system of the Republic of Tajikistan are considered. The main indicators of economic and investment activity in the Republic of Tajikistan for the years of independence are considered and analyzed. The most important investment projects in the transport system of the Republic of Tajikistan are presented. The article is devoted to ways of attracting investments in the country's transport infrastructure. The necessity of modernization of international transport corridors to overcome the transport and communication deadlock and the development of international relations has been substantiated. The important stages of the reconstruction of highways of the Republic of Tajikistan, which are being built and reconstructed with the attraction of investments, are outlined. The share of domestic and foreign investors, as well as international organizations involved in the implementation of priority projects in the transport system of the Republic of Tajikistan, is analyzed.Information on the sources of financing for investment projects in the transport complex of the country is given. The reliable and main sources of credit for the implementation of investment projects are indicated. The prospects for the development of investment activity in the development of the transport system of the Republic of Tajikistan are considered.

**Keywords:** economics, investments, analysis, assessment, development, transport, investment climate, investment project.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Эҳсон Давлатович*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, ассистенти кафедраи иқтисод ва логистикаи нақлиёт. **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Академикҳо Раҷабовҳо, 10а. Телефон: **(+992) 888-77-77-86.** E-mail: **rehson-95@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Эхсон Давлатович*** – Таджикский технический университет имени М.С. Осими, ассистент кафедры экономики и транспортной логистики. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10а. Телефон: **(+992) 888-77-77-86**. E-mail: **rehson-95@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rajabov Ehson Davlatovich*** – Tajik Technical University named after M.S. Osimi, assistant, department of economics and transport logistics. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10a, Academicians Rajabovs street. Phone: **(+992) 888-77-77-86**. E-mail: **rehson-95@mail.ru**

УДК 331.343

# ТАҶРИБАҲОИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА

*Ашуров Н.А.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон, имрӯз масъалаи ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии минтақавӣ бо дарназардошти таъсири инфрасохтор ба рақобатпазирии минтақаҳои алоҳида дар тамоми кишварҳо аҳамияти стратегӣ дорад. Аммо ҳоло сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дар вилояти Хатлон ба талабот ҷавобгӯ нест.

Маълум аст, ки нақлиёти автомобилӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пешсаф мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи нақлиёти автомобилӣ диққати махсус медиҳад. Дар соҳаи сохтмони роҳ ва иртибот дар байни минтақаҳои душворгузар корҳои зиёд татбиқ карда мешаванд.

Омӯхтани таҷрибаҳои кишварҳои тариққикарда, монанди Федератсияи Россия, Хитой, ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Аврупои Ғарбиро, ки доир ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва истифодаи воситаҳову механизмҳо таҷриба доранд, зарур мешуморем.

Пеш аз ҳама, хароҷот барои рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикиро дар кишварҳои хориҷӣ дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунем. Бояд қайд кард, ки 26 декабри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ таъкид намуданд: “Имрӯз дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст”[2].

Вариантҳои дар параметрҳои сифатӣ ва миқдории пешгӯишудаи рушди системаи нақлиёти Федератсияи Россия барои давраи то соли 2030 ба се қисми асосӣ ҷудо карда шудааст: инерсиалӣ, манбаи энергетикӣ ва инноватсионӣ.

1. Варианти инерсиалии рушди системаи нақлиётӣ аз инҳо иборат мебошад:

- рушди инфрасохтори нақлиётӣ, ки истифодаи иқтидори транзитии иқтисодро таъмин менамояд;
- динамикаи пасти ҳамлу нақли содиротӣ ва суръати пешрафти ҳамлу нақли воридот, идомаи бартарияти молҳои озуқаворӣ дар воридот.
- суръати нокифояи сохтмон ва таҷдиди шабакаи роҳҳо, мавҷудияти номутавозинии шадид дар рушди он дар қисматҳои Аврупо ва Осиё дар Россия;
- мавҷуд набудани захираҳои нақлиётӣ ва инфрасохторӣ аз рӯйи намудҳои нақлиёт, ки барои беҳтар кардани сифати хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ ва истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нақлиётӣ-логистикӣ заруранд ва ғайра.

2. варианти манбаи энергетикӣ (энергосырьевом) барои рушди системаи нақлиёт.

Рушди босуръати инфрасохтори нақлиётиро дар бар мегирад. Асосан дастгирии ҳамлу нақли конҳои нави маъданҳо ва афзоиши содироти сӯзишворӣ ва ашёи хом, татбиқи потенсиали Россия дар соҳаи нақлиёт ва афзоиши содироти хизматрасониҳои нақлиётӣ мебошад. Барои ин хусусиятҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст:

- рушди инфрасохтори нақлиётӣ, ки истифодаи иқтидори транзитии кишварро таъмин менамояд, аз ҷумла лоиҳаҳои муштарак оид ба истеҳсол ва содироти карбогидридҳо дар доираи ЕарАзЭс, инчунин бо дигар давлатҳо;
- афзоиши ҳаҷми интиқоли дохилии ангишт аз ҳисоби рушди иқтидорҳои тавлидкунандаи энергия ва истеҳсоли металлургия;
- идомаи афзоиш ёфтани шумораи автомобилҳои хусусӣ дар парк бо коҳишёбии ҳамлу нақли мусофирбар тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ (асосан тавассути роҳи автомобилгард) то соли 2020 ва андаке афзоиш дар солҳои 2021-2030;
- афзоиши талабот ба сохтмон ва таҷдиди шабакаи роҳи пайвасткунандаи ҷойҳои нави истиқоматӣ дар шаҳрҳои калон ва шаҳракҳои наздики шаҳрҳои калон бо ҷойи кор.

3. варианти инноватсионии рушди системаи нақлиёт – рушди босуръат ва мутавозинии системаи нақлиётии кишварро дар бар мегирад, ки дар баробари ноил шудан ба ҳадафҳои татбиқи варианти манбаи энергетикӣ, шароити нақлиётро барои рушди унсурҳои инноватсионии иқтисодиёт, беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолӣ ва гузариш ба модели бисёрсоҳавии рушди фазои Россия таъмин мекунад.

Аз ҷиҳати васеъ, логистикаи муосир ҳамчун илми муносибгардонии ҷараёнҳои моддӣ дар фазо ва вақт, дар доираи хурд ҳамчун системаи ҳамгироишудаи назорат, ки муносибгардонии ҷараёнҳои моддиро дар дилхоҳ соҳаи фаъолият барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ муайян мекунад.

Аз ҷумла, логистикаи инноватсионӣ як системаи идоракунии ҳамаи ҷанбаҳои логистикии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои инноватсионӣ мебошад. Асоси молиявии коммуникатсияҳои инноватсионӣ ва ҷузъҳои онҳо метавонанд тиҷоратӣ ва шарикӣ, фондҳои сармояи венчурӣ, фондҳои суғурта ва ширкатҳои давлатӣ, инчунин, бонкҳои сармоягузорӣ бошанд.

Барои он ки стандартҳои байналмилалӣ ва талаботҳои афзояндаи иқтисодии инноватсионӣ дар Россия ташаккул ёбанд, системаи самарабахши логистикӣ дар дохили кишвар талаб карда мешаванд. Афзалиятҳои асосии Консепсияи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Федератсияи Россия барои давраи то соли 2020 [1] дар доираи рушди инноватсионии худ инҳоянд:

1. Дар соҳаи густариши афзалиятҳои глобалии рақобат дар соҳаҳои анъанавӣ:

- татбиқи технологияҳои нави нақлиётӣ-логистикӣ ва нақлиётҳои боркашонӣ бо мақсади баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасонии нақлиётӣ, аз ҷумла ташкили нуқтаҳои гузаргоҳ (роҳи оҳан ва роҳи автомобилӣ);

- таъсиси марказҳои бузурги логистикӣ дар сарҳад (бандарҳои хушк).

2. ташаккул ва паҳн намудани технологияҳои нави нақлиётӣ-логистикӣ ва нақлиётӣ (боркаш) бо мақсади баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои нақлиётӣ, аз ҷумла:

- ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи нақлиётии молӣ, аз ҷумла бо истифодаи системаҳои логистикӣ;

- дар шарикӣ бо кишварҳои сеюми инфрасохтори ягонаи нақлиётӣ ва логистикӣ дар Осиёи Шимолу Шарқӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, пеш аз ҳама, дар соҳаи ҳамлу нақли транзитӣ;

- рушди марказҳои бузурги нақлиётӣ-логистикӣ ва истеҳсолӣ дар доираи ташаккули шабакаи пурқуввати миллии нақлиётии дорои иқтидори зарурӣ ва таъмини ҳамбастагии мутамарказ байни марказҳои рушди иқтисодӣ бо ҳамгироии тадриҷии он ба системаҳои рушдёбандаи ҷаҳон.

Дар назар аст, ки таъсири инфрасохтории ташаккули агломератсияҳои шаҳрӣ, ки бо татбиқи лоиҳаҳои нави иқтидорҳои энергетикӣ, комплексҳои нақлиётӣ, марказҳои мултимодалии логистикӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, инчунин, инфрасохтори таълимӣ ва инноватсионӣ алоқаманданд, нақши муҳим хоҳад дошт. Бо назардошти ин ҳадафҳои асосии рушди системаи нақлиётии Россия барои давраи то соли 2030 аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

1. ташкили фазои ягонаи нақлиётӣ дар Россия дар заминаи рушди мутавозун ва самараноки инфрасохтори нақлиётӣ;

2. таъмини дастрасӣ, ҳаҷм ва рақобатпазирии хизматрасониҳои нақлиётӣ аз рӯйи меъёрҳои сифат барои соҳибони борҳо дар сатҳи эҳтиёҷоти рушди инноватсионии иқтисоди кишвар;

3. таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ мутобиқи стандартҳои иҷтимоӣ;

4. ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонии нақлиёт ва истифодаи неруи транзитии кишвар;

5. беҳтар кардани амнияти системаи нақлиётӣ;

6. коҳиш додани таъсири зиёновари нақлиёт ба муҳити зист.

Татбиқи ин ҳадафҳо амалӣ шудани чанд барномаҳои тадқиқотиро дар бар мегирад, ки таҳияи моделҳо, методҳо, технологияҳо, асбобҳо ва системаҳои навро таъмин мекунад.

Аз нишондиҳандаҳои боло бармеояд, ки дар Россия имрӯз масъалаи ташаккули инфрасохтори минтақавии нақлиётӣ ва логистикӣ бинобар таъсири инфрасохтор ба рақобатпазирии минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар тамоми кишвар аҳамияти стратегӣ дорад.

Тибқи индекси LPI (Logistic Performance Index – Индекси самаранокии логистика), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ҳисоб карда шудааст, дар соли 2016 Россия ба 9 зина поён рафта, мақоми 99-умро ишғол намуд, ки дар қатори пешсафони рейтинг баъд аз Олмон, ИМА, Шветсия ва Гонконг қарор мегирад [10].

Тибқи маълумоти DVZ (Deutsche Verkehrs-Zeitung – Рӯзномаи ҳаракати Олмон), арзиши бозори ҷаҳонии логистика дар соли 2018 9,25 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Беш аз панҷяки бозори ҷаҳонӣ ба Чин рост меояд. DVZ ҳароҷоти умумии логистика дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соли 2018 1,94 триллион доллар ҳисоб мекунад. ИМА

бошад дар ин сатҳ ҷойи дуюмро ишғол мекунад, ки хароҷоти он 1,64 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Пас аз зинаи сеюм то панҷум – мутаносибан Ҷопон (423 миллиард доллар), Ҳиндустон (353 миллиард доллар) ва Олмон (352 миллиард доллар) мебошанд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки мавқеи сеюм аз ҷойи аввал тақрибан 5 маротиба фарқ мекунад.

Аз даҳ бузургтарин бозори логистикии миллӣ, ки хароҷоти логистика беш аз 13% ММД-ро ташкил медиҳад, инҳоянд: Ҷумҳурии Мардумии Чин (дар ҷойи аввал) бо ҳиссаи хароҷоти логистика 14,5% ММД, Россия (ҳафтум) 16,1% ва Индонезия (нуҳум) 22%. Дар маҷмӯъ, дар ин рӯйхат 50 кишвар мавҷуд аст, хароҷоти логистика аз 12-тои онҳо 13% зиёдтар аст. Индонезия пешсафи зиддирейтингӣ аст, Ветнам бо 20% дар ҷойи дувум мебошад. Дар рейтинг 17 кишваре зикр шудааст, ки хароҷот дар соҳаи логистикаашон аз 10% то 13%-ро ташкил медиҳад. Дар даҳгонаи аввал Ҳиндустон (13%) ва Бразилия (11,6%) қарор гирифтаанд.

Даҳгонаи бузургтарини бозорҳои логистикӣ дар ҷаҳон, ки хароҷоти логистикиашон аз 10 фоизи ММД зиёд нестанд, ИМА, Ҷопон, Олмон, Фаронса (шашум) ва Британиёи Кабир (ҳаштум) дохил мешаванд. ИМА на танҳо дувумин бозори бузурги логистикӣ аст, балки кишварест, ки дорои хизматрасонии самараноки логистикӣ мебошад. Дар ин ҷо ҳиссаи камтарини хароҷоти логистика дар ММД 8%-ро ташкил медиҳад. Шветсия дар ин нишондиҳнда зинаи дувум ва Нидерландия бо 8,3% хароҷот дар зинаи севум мебошанд. Аз рӯйи минтақа, ҳаҷми бозори логистикӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи укёнуси Ором 3,66 триллион доллари ИМА, дар Америкои Шимолӣ 2,02 триллион доллар, бозори Аврупо тақрибан ба бозори Ҷумҳурии Мардумии Чин баробар буда, 1,9 трилллион долларро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷоти логистика дар кишварҳои ИДМ, тақрибан баробари Ҳиндустон буда, соли гузашта 384 миллиард доллари ИМА-ро ташкил додааст [9].

Илова ба афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ, истифодаи механизми шарикии давлатӣ - хусусӣ татбиқи якҷояи лоиҳаҳои инфрасохторӣ аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккули рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои кишварҳои хориҷӣ самти муҳим мегардад. Масалан, дар Осиё ширкати чинии China Railway Group ltd (CREC) бо ҳукумати ноҳияҳои Юлин ва Янан музофоти Шенси барои татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Суид-Янчуан ба маблағи 13,1 миллиард юан созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид, ки баробар ба 1,96 миллиард доллари ИМА баробар аст [4]. Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар минтақаи вилояти Хатлон низ саҳми ин ширкат бе андоза мебошад. Мувофиқи маълумотҳои омории соли 2017 дар вилоят марҳилаи дуюми таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилӣ, ки бо ёрии бебозгашт аз тарафи Ширкати Чайна Роуди Ҷумҳурии Мардумии Чин ба маблағи умумии 59,6 миллион юан, ки баробар ба 9,6 миллион доллари ИМА дар масофаи 18,5 километр мебошад. Аз он ҷумла, дар ш. Бохтар 7,3 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 18 метри умумӣ бо маблағи умумии 28 миллиону 500 ҳазор сомонӣ, дар ш. Кӯлоб 11,2 километр роҳ ва 2 адад пул бо дарозии 45 метр бо маблағи умумии 43 миллиону 156 ҳазор сомонӣ дар арафаи анҷомёбист.

Дар соли 2016 Агентии рейтинги байналмилалии Fitch натиҷаҳои омӯзиши инфрасохтори ИМА, аз ҷумла нақлиёт ва логистикаро интишор намуд, ки мувофиқи он сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва шумораи лоиҳаҳои инфрасохтори ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ рӯ ба афзоиш аст, аммо ин сектор ҳоло ҳам ба дастгирии федералӣ ниёз дорад [8].

Дар Австралия Шӯрои ҳукуматҳои Австралия (САП) Сиёсат ва Принсипҳои миллии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусиро моҳи ноябри соли 2008 тасдиқ кард. Ҳоло гурӯҳи кории ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ таъсис дода шудааст, ки ба он вазирон аз ҳама иёлотҳо, ҳудудҳо ва ҳукумати Австралия шомиланд. Дар айни замон, механизми ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар ташаккули инфрасохтор дар Ҷануби Нави Уэлс, Виктория ва Квинсленд истифода мешаванд [6].

Илова ба афзоиши сармоягузорӣ ва истифодаи механизмҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, дар шароити муосир стандартҳои тарҳрезии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ тағийр меёбад. Масалан, бо мақсади таҷдиди иншооти мавҷудаи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар тавсеаи иқтисодӣ Шветсия модели сохтории баҳодиҳии ҳолати логистикаи минтақавиро таҳия ва татбиқ кардааст, ки баҳодиҳии ҳолати ҷории инфрасохтор, муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод мекунад. Ин модел дар шаҳри Евле, ки дар яке аз бандарҳои Шветсия ҷойгир аст, озмоиш карда шудааст [11].

Ҳангоми бунёди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ талабот ба ҷузъи экологӣ низ тақвият дода мешавад. Бо афзоиши коҳиш додани партовҳои $CO_2$ дар шабакаи

логистикии минтақа тадриҷан тадқиқотҳо гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, чунин таҳқиқот дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Чанша гузаронида шудааст [7].

Мо метавонем боз як самти ташаккулу рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар сатҳи байналмилалӣ ҷудо намоем. Соли 2015 Бонки Осиёи Рушд таҳқиқотро оид ба ташкили ифрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо истифода аз сиёсати минтақавӣ ва миллӣ барои ҳамгироии Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ гузаронид. Дар ин ҳисобот мушкилоти инфрасохтори нақлиётро, ки ба ҳамбастагии ин ду минтақа (пайвасти роҳи оҳан ва роҳи оҳани байни Бангладеш, Ҳиндустон, Мянма ва Тайланд, иқтидори нокифоя ва самаранокии пасти бандарҳои баҳрии Бенгал) ва арзиши умумии унсурҳои инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро (роҳ, роҳи оҳан ва бандарҳо) ҳисоб кардааст, ки арзиши он ба 62,6 миллиард доллар барбар мебошад. Пешгӯӣ мешавад, ки манфиатҳои эҳтимолии татбиқи чунин як лоиҳаи минтақавӣ аз хароҷот зиёдтар хоҳад буд (аз 89 миллиард доллар то 358 миллиард долар) [5].

**Расми 1. Тамоюлҳои мавҷуда дар минтақаи Аврупо барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ**

**Figure 1. Current trends in the European region for the development of transport and logistics infrastructure**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ба ақидаи Тваровская А.И., "ҳамасола барнома вобаста аз ҳаҷми тақсимот ба системаи нақлиётӣ тасҳеҳ мешавад. Бозори муосири хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ИМА аз Аврупо, ки ширкатҳои нақлиётӣ дар доираи ҳамгироии Аврупо рушд мекунанд ва Осиё, ки сарҳадҳои давлатӣ ба тасмимҳои нақлиётӣ ва логистикӣ таъсири назаррас доранд, хеле фарқ мекунад. Пас аз таъсиси минтақаи озоди тиҷоратии Амрикои Шимолӣ (НАФТА) дар соли 1992 бузургтарин минтақа дар ҷаҳон бо ҳаракати озоди молҳо таъсис дода шуд. Ин муҳити иқтисодиро ба вуҷуд овард, ки дар он ширкатҳо имконоти беҳтарини ҷойгиркунии иншооти истеҳсолӣ ва минтақаҳои фурӯшро озодона интихоб мекунанд ва ба ин васила ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки интиқолро ҳавасманд кардаанд"[3].

Омӯзиши таҷрибаи системаи ҳамлу нақли Ҷумҳурии Мардумии Чин боиси таваҷҷуҳи махсус мебошад. Самтҳои афзалиятноки рушди системаи нақлиёти минтақавии Чин аз инҳо иборат мебошанд:

- афзоиши суръати интиқол;
- ташкили хизматрасонии ҳамлу нақли "аз дар ба дар";
- таъмини системаи самараноки нақлиётии минтақавӣ ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти аҳолии кишвар.

Дар Чин бо мақсади ҷалби сармоя ба соҳаи нақлиёт ислоҳоти системаи сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудааст, ки кушодани бозори нақлиёт ва такмили бозори лоиҳаҳои сармоягузориро бо дарназардошти механизмҳои бозорӣ дар тақсимоти захираҳоро дар бар мегирад.

Дар Чин барои корхонаҳои нақлиётии боркашонӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ самтҳои зерин дода шудаанд:

- интиқол ва нигаҳдории молҳо, борбардорӣ, борфарорӣ ва дигар амалиётҳои логистикӣ;
- ҳамлу нақли байналмилалии боркашонӣ ва имкони таъсиси корхонаҳои муштараки ҳамкориҳои Чин;
- ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарор дар корхонаҳои нақлиётии боркаш.

Чи тавре таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ба ҷаҳиши босифат дар соҳаи нақлиёт танҳо тавассути истифодаи технологияҳои нав ҷиҳати таъмини равандҳои нақлиётӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои муосир ва стандартҳои олии байналмилалӣ, аз ҷумла тавассути

тавсеаи тафаккури логистикӣ ва принсипҳои логистикӣ ноил шудан мумкин аст. Вазифаи муосири интиқол дар системаи хизматрасонии логистикӣ аз “расонидани маҳсулот бо сифати дуруст ва миқдори зарурӣ дар вақти муайян ва бо нархи муносиб” иборат мебошад.

Кашониш ҷузъи муҳимми раванди логистика ва идоракунии занҷираи таъминот аст: дар сохтори хароҷоти логистикӣ хароҷоти нақлиёт 20%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, мутобиқгардонии қарорҳои самарабахши идоракунии логистикӣ дар соҳаи ҳамлу нақл ва татбиқи хизматрасониҳои логистикӣ дар соҳаи инноватсия ва менеҷменти логистика имкон медиҳад, ки камтарин хараҷоти назаррасро ба даст оранд.

Таҷрибаҳои баррасишавандаи хориҷӣ дар таҳия ва истифодаи инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, рушди марказҳои нақлиётии бисёррасонаӣ (мултимодалӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаҳои вилояти Хатлонро таъмин менамояд, ки бо такмил додани инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ, ба ҷараёни гардиши мол ва даромаднокии иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз, роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузоштаанд, ки ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ дода, долонҳои транзитиро тавассути кишварамон бунёд намоем. Стратегияи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ садо медиҳад. Стратегияи мазкур ду самти асосиро дар бар мегирад: якум, ташаккули шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар кишвар ва пайвастани он бо долонҳои байналмилалии нақлиётӣ; дуюм, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт.

Дар давоми даҳ соли охир барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва дастрасӣ ба бандарҳои ҷаҳонӣ 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи қариб 8,7 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудаанд. Дар натиҷа 109 пул ва 27 нақбҳо сохта ба истифода дода шуданд, инчунин 1650 км роҳҳо таҷдид ва сохта шудаанд. Дар баробари ин мушкилоти бунёди роҳҳои алтернативӣ аз ҳукумати кишвар тақозо менамояд, ки доираи ҳамгироии иқтисодиро васеъ намуда, дар доираи созмонҳои минтақавӣ ҷиҳати пайвастан ба шабакаҳои байналмилалии коммуникатсионӣ ва ташкили шабакаҳои наве, ки ҷавобгӯи стандартҳои муосир мебошанд, чораҳои зарурӣ андешада мешаванд.

Бо ин мақсад, вобаста ба татбиқи лоиҳаи роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон, ки омили муҳимми рушди иқтисодии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа буда метавонад, идома дорад. Татбиқи барномаи барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои байналмилалӣ то соли 2025, сохтмон ва таҷдиди беш аз чаҳор ҳазор роҳ ва 576 пул ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст. Ин барномаҳо манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷабҳаҳоро ба назар гирифта, метавонанд арзиши хизматрасониҳои нақлиётиро кам кунанд. Дар оянда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари дорои имкониятҳои транзитӣ, ки дар гузаргоҳҳои байналмилалии нақлиётӣ, ба монанди ЕврАзЭС, ТРАСЕКА, ЦАРЭС ва Иттиҳоди Аврупо пайдо мешавад, дар назар дорад, ки Тоҷикистон мехоҳад муносибатҳоро ҳамчун транзити боэътимоди интиқоли маблағҳо (средств) идома диҳад.

Ҳамкориҳои минтақаҳо барои ташаккулу рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ барои воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, муҳим аст.

Стратегияҳои барои ташаккулу рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ пешниҳодшуди байналмилалӣ бояд ҳангоми таҳияву татбиқи стратегия ва барномаҳои мақсадноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистики дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон, ба назар гирифта шаванд.

Дар марҳилаи кунунӣ рушди муносибатҳои бозоргонӣ, баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт аз такмили хадамоти нақлиёт вобаста аст. Аз ин рӯ, инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии ҳар як минтақа бояд ба талаботи системаи бозорӣ, инчунин, ба талаботи афзояндаи хизматрасонии нақлиётӣ ҷавобгӯ бошад. Ташаккул додани захираҳои зарурӣ барои ташкилу идоракунии раванди нақлиёт дар шароити дигаргуниҳои ҳудудӣ аз дастгирии системаи инфрасохтори он вобаста мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Концепция долгосрочного социально-экономического развития Российской Федерации на период до 2020 г.: утв. распоряжением Правительства РФ от 17.11.2008 № 1662-р.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019. шаҳри Душанбе.
3. Тваровская А.И. Зарубежный опыт использования транспортных систем в качестве фактора регионального развития // Стратегия устойчивого развития регионов России. - Новосибирск, 2012. - №9. - С.14-20.

4. [Электронный ресурс]: http://www.mzcan.com/china/601390/boardresolutions/394/EN/Overseas.pdf (дата обращения 07.04.2017).
5. Asian Development Bank, Regional Transport Infrastructure: Mapping Projects to Bridge South Asia and Southeast Asia, 2015, no. 43., p. 1-11.
6. Australia Government: Public private partnerships [Электронный ресурс]. – URL: http://infrastructureaustralia.-gov.au/policy-publications/public-private-partnerships/ (дата обращения 07.04.2017).
7. Dezhi Zhang, Qingwen Zhan, Yuche Chen, Shuangyan Li Joint optimization of logistics infrastructure investments and subsidies in a regional logistics network with CO2 emission reduction targets, Transportation Research Part D: Transport and Environment, 2016 [Электронный ресурс]. –URL: http://www.sciencedirect.com/science/article/pii/S1361920916-000286 (дата обращения 10.12.2016).
8. Fitch: US PPP Growth Constrained Without Federal Leadership 2016 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.fitchratings.com/site/pr/1011911 (дата обращения 07.04.2017).
9. https://www.finanz.ru/novosti/aksii/stoimost-mirovogo-rynka-logistiki-v-2018-godu-sostavila-$9-25-trin-dvz-1028679946
10. The World Bank: Global Rankings 2016 [Электронный ресурс]. – URL: http://lpi.worldbank.org/-international/global/2016?sort=asc&order=Customs#datatable (дата обращения 05.04.2017).
11. Vilko J. Logistic Infrastructure and Its Effects on Economic Development / J. Vilko, B. Karandassov., E. Myller, China-USA Business Review, 2012, vol. 10, no. 11. p. 152-167.

## ТАҶРИБАҲОИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ баррасӣ карда шуда, самтҳои ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар якчанд мамлакатҳои хориҷӣ муайян гардидааст. Омӯзиш ва аҳамияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар тарҳрезии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон асоснок карда шудааст. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки стратегияҳои барои ташаккулу рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ пешниҳодшуди байналмилалӣ бояд ҳангоми таҳияву татбиқи стратегия ва барномаҳои мақсадноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон, ба назар гирифта шаванд.Дар марҳилаи кунунӣ рушди муносибатҳои бозоргонӣ, баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт аз такмили хадамоти нақлиёт вобаста аст. Аз ин рӯ, инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии ҳар як минтақа бояд ба талаботи системаи бозорӣ, инчунин, ба талаботи афзояндаи хизматрасонии нақлиётӣ ҷавобгӯ бошад. Ташаккул додани захираҳои зарурӣ барои ташкилу идоракунии раванди нақлиёт дар шароити дигаргуниҳои ҳудудӣ аз дастгирии системаи инфрасохтори он вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтор, нақлиётӣ, логистикӣ, минтақа, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамгироии минтақаҳо.

## ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПО РАЗВИТИЮ РЕГИОНАЛЬНОЙ ТРАНСПОРТНО-ЛОГИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ

В данной статье рассмотрен уровень развития транспортно-логистической инфраструктуры Республики Таджикистан, по сравнению с зарубежными странами, а также определяются направления формирования транспортно-логистической инфраструктуры в ряде зарубежных стран. Обоснованы изучение и значимость использования зарубежного опыта при проектировании транспортно-логистической инфраструктуры в регионах Республики Таджикистан, в том числе в Хатлонской области. Автор отмечает, что предложенные стратегии формирования и развития международной транспортно-логистической инфраструктуры должны быть учтены при разработке и осуществлении стратегий и целевых программ развития транспортно-логистической инфраструктуры в Республике Таджикистан, в том числе и в Хатлонской области. В данный период развитие рыночных отношений, повышение эффективности всех сфер и подразделений экономики зависит от усовершенствования транспортной службы. Поэтому, транспортно-логистическая инфраструктура каждого региона должна отвечать увеличивающимся требованиям рыночной системы, также требованиям транспортных услуг. Формирование необходимых ресурсов для организации и управления транспортного процесса в условиях территориальных переобразований зависит от поддержки его инфраструктурной системы

**Ключевые слова:** инфраструктура, транспорт, логистика, регион, государственно-частное партнерство, региональная интеграция.

## EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES ON THE DEVELOPMENT OF REGIONAL TRANSPORT AND LOGISTIC INFRASTRUCTURE

This article discusses the level of development of the transport and logistics infrastructure of the Republic of Tajikistan in comparison with foreign countries, and also defines the directions for the formation of transport and logistics infrastructure in several foreign countries. The study and the importance of using foreign experience in the design of transport and logistics infrastructure in the regions of the Republic of Tajikistan, including in the Khatlon region, are substantiated. The author notes that the proposed strategies for the formation and development of international transport and logistics infrastructure should be taken into account in the development and implementation of strategies and targeted programs for the development of transport and logistics infrastructure in the Republic of Tajikistan, including in the Khatlon region. During this period, the development of market relations, an increase in the efficiency of all spheres and divisions of the economy depends on the improvement of the transport service. Therefore, the transport and logistics infrastructure of each region must meet the increasing requirements of the market system, as well as the requirements of transport services. The formation of the necessary resources for the organization and management of the transport process in the context of territorial transformations depends on the support of its infrastructure system

**Keywords:** infrastructure, transport, logistics, region, public-private partnership, regional integration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ашуров Носир Амонқулович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru.** Телефон: **(+992) 937-10-19-58**

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Носир Амонкулович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры автомобильного транспорта. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937-10-19-58**

**Information about the author:** ***Ashurov Nosir Amonkulovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Automobile Transport. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. E-mail**: nosir-85@mail.ru.** Phone: **(+992) 937-10-19-58**

**УДК 336.2.01**

# ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ ГАРОНИИ АНДОЗ

***Синои Амирбек***
**Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Масъалаи таҳқиқи гаронии андоз дар тамоми давру замон мубрам ба ҳисоб рафта, манфиатҳои давлат ва соҳибкорон, инчунин, рушди иқтисодӣ ва пешгирии рушд ба он вобастагии зиёд дорад. Зоҳиран, сатҳи пасти ҷамъоварии андозҳо норасоии муқаррароти алоҳидаи низоми андози ҷумҳурӣ, инчунин, нобаробарӣ ва баъзан ҳатто бемантиқии тақсими гаронии андозро дар байни корхонаҳои алоҳидаи бахши соҳибкорӣ ва тамоми соҳа инъикос менамояд.

Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 қайд намуданд: «Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи март ба Ҳукумат пешниҳод намояд» [7,с.6].

Оид ба ин масъала асосгузорони илми иқтисоди классикӣ ва неоклассикӣ, олимони барҷастае аз қабили А. Смит, Д. Рикардо, А. Вагнер, Ҷ. М. Кейнс, А. Лаффер ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд [2]. Дар Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ ва амалии андозбандӣ мавзӯи таҳқиқоти Т. Назаров, Н. Қаюмов, Р.К. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродов, А. Мирсаидов, Ҳ. Умаров, Ф. Мирзоахмедов, А. Орипов, Г. Оймаҳмадов, А. Бегматов, И.Р Иброҳимзода, Ф.Б. Усмонзода, Т.С. Исломов, М. Салимова, У. Воҳидов ва олимони дигар қарор гирифтааст [4].

Дар асрҳои X-IX-и то солшумории мо як қисми ухдаҳои Осиёи Миёнаи кунунӣ дар ҳайати давлати Ҳахоманишиён ворид буд. Давлати Ҳахоманишиён ба ҳавзаҳои боҷгузори ҳарбӣ -сатрапияҳо тақсим гардида буд ки ҳокимон - сатрапҳо ин ҳавзаҳоро идора мекарданд. Сатрапҳо бевосита ба шоҳ тобеъ буда, вазифаашон асосан аз боҷгирию таъмини лашкар иборат буд. Ҳар як сатрапия андози асосии солонаро бо пул ва дар шакли боҷи молӣ, яъне маҳсулоти пешаву ҳирфа, кӯҳкорӣ, зироат ва чорводорӣ мепардохт. Иловатан ба ин андозу маҷбуриятҳо боз боҷҳои дохиливу хироҷи сароҳӣ низ мавҷуд буданд.

Аз рӯи навиштаҳои Геродот масоҳати Осиёи Миёнаи ҳозира аз чор сатрапия иборат буд. Қабилаҳои кучии сокини соҳилҳои баҳри Хазар ба ҳайати сатрапияи 11-ум дохил гардида ба маблағи 200 таланти нуқраи бобулӣ боҷ месупурданд. Хоразм, Суғд ва Ашкониён сатрапияи 16-умро гашкил дода 300 талант мепардохтанд. Бохтар сатрапияи 12-ум буда, 360 талант хироҷ дошт. Ниҳоят сокоиҳо дохили сатрапияи 15-ум буда, 250 талант боҷ медоданд. Тарзи дигари пулситонӣ аз тарафи давлат баста шудани дарғотҳо буд, ки дар натиҷаи ин тадбири зимомдорони давлат зироаткорон аз обёрӣ кардани заминҳои корами худ маҳрум мегардиданд. Зоҳиран дар аҳли Ҳахоманишиён иншоотҳои азими обёрӣ дар ихтиёр ва зери назорати маъмурони давлат будааст. Барои кушодани сари дарғотҳо аҳолӣ ба хазина музди иловагии нав месупурд. Сохтори муназзами идора кардани давлат, аз ҷумла доир ба масъалаҳои андозғундорию истифодаи дороии хазинаи давлат, дар асрҳои IX-X дар аҳди давлатдории Сомониён ташаккул ёфта буд [3].

Девони вазир воҳиди асосии идорӣ ба ҳисоб рафта, кулли муассисоти маъмурӣ, сиёсӣ ва хоҷагидории давлатро назорат мекард. Роҳбарияти дигар девонҳо ба девони вазир итоат доштанд, аз ҷумла девони мустаъфиён ва девони мушрифон. Девони мустаъфӣ ба хазинадорӣ машғул буду девони мушриф ба корҳои давлатӣ, хусусан даромаду хароҷотро назорат мекард. Идораҳои дар маҳалҳо мавҷуд будаи кулли девонҳо итоати дутарафа

доштанд: аз як ҷониб ба зимомдорони вилоятҳо итоат мекарданд, аз ҷониби дигар ба девони марказии дахлдор.

Тавре муҳаққиқи ватанӣ Исломов Т.С. қайд менамояд: «Дар ҳар давраю замон андоз вуҷуд дошт, чунки ягон давлат бе андоз арзи вуҷуд карда наметаванад» [6,с.78]. Ақидаи мазкур аз он бармеояд, ки дар шароити гуногуншаклии моликият, асоси иҷрои вазифаҳои иқтисодии давлат аз ғани будани буҷет вобаста аст, ки андозҳо қисми асосии даромади онро ташкил медиҳанд.

Замин дар шакли иқта ба феодалҳо - заминдорони калон ба ивази хидматашон ба ҳайси моликияти умрбодӣ тақсим меёфт. Даромади асосии давлат аз ҳисоби молиёти замин (хироҷ) дар шакли пулӣ ба хазина ворид мешуд. Масъалаҳои андозбандӣ дар аҳли феодализми бармаҳалу муттараққии шарқӣ дар рисолаи «Дар молиёт»-и Насриддини Тусӣ муфассалан таҳлил ёфтааст. Ба ин муносибат баъзе масъалаҳои умдаи назарияи андозбандиро дар рисолаи номбурдаи Насриддини Тусӣ баррасӣ мекунем [5,с.160].

Раъияти давлат аз рӯи тавону қудрати хеш, тибқи даромаде, ки ба даст меоваранд, даромаду баҳрае, ки зери ҳимояту пуштибонии давлат аз он баҳравар мешаванд, боист дар таъминоти давлат иштирок дошта бошанд. Хароҷоти давлат нисбат ба раъият мисли хароҷоти идории мулки калонест, ки мутааллиқ ба чанд молик аст, ки ҳар кадоме аз ишон мувофиқи саҳми худашон дар мулк бояд нигаҳдориаш бикунанд. Риоят карда шудани ин вазъ ё беэътиноӣ нисбат ба он, ба мусовот ё нобаробарии андозбандӣ оварда мерасонад.

Бояд қайд кард, ки принсипҳои андозбандие, ки А. Смит таҳия кардааст, заминагузори низоми муосири андоз мебошанд. Талаботи «муайянӣ» нисбат ба андозбандӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосии «чор принсипи» машҳури А. Смит мебошанд.

Зери мафҳуми «муайянӣ» А. Смит инро дар назар дошт, ки ҳар андоз бояд пешакӣ ва ошкоро нисбат ба инҳо эълон карда шавад:

а) шахсони супорандаи ин андоз;

б) шахс ё муассисае, ки андоз ба он бояд супурда шавад;

в) мӯҳлати супоридани андоз;

г) маблағи собити пулӣ ё меъёри собит дар ҳиссаи даромади/амволи шахс, ки вай бояд чун андоз супорад [10,с.108].

Гузашта аз ин, Насириддини Тӯсӣ ба тоҷдорони муғул системаи андозбандиеро тавсия медиҳад, ки анвои андоз, мӯҳлату тарз ва маблағи пардохтро фаро мегирад, агар ҳукумат унсурҳои баёнгардидаи системаи молиёт (андоз)-ро риоят накунад, шояд аз ҷониби зимомдорони маҳаллии ҳокимият ва андозгирон ба суистеъмол роҳ дода шавад.

Аниқ набудани тарзу мӯҳлат ва маблағи андозбандӣ порахуриву ришваситониро инкишоф медиҳад. Аниқ ва муқаррар кардани андозбандӣ аз ҷониби зимомдорони давлату ҳокимият аҳамияти зиёде ба молик аст. Ниҳоят андак будани нобаробарӣ, чунон ки азими давлатдории Сомониён бармеояд, нисбат ба андак носаҳеҳияту номуайянӣ камтар зарар меоварад.

Мувофиқи ақидаи Насириддини Тӯсӣ «бояд кӯшиш ба ҳифзи даромади одамон кард ва ҳар касро мувофиқи ҳиссааш дар андухти даромади умумӣ қонеъ кард» [5,с.159-161].

Принсипи дигаре, ки Насириддини Тӯсӣ пешниҳод намудааст, талқини воқеӣ ва саривақтӣ будани андозбандист. Ҳар як андоз бояд дар мӯҳлат ва тарзи муайян ситонида шавад, то ба пардохткунандаи он монеъа эҷод накунад. Андозсупоранда бояд имкон дошта бошад, андозро тарзе бипардозад, ки ба вазъи молиявии фаъолияташ халал нарасонад. Ӯ маблағи андозро ба тадриҷ пардохт мекунад, бо мурури ба фурӯш расондани ҳосил ё дастранҷаш. Андоз, ба ақидаи мутафаккир, бояд нақши ҳавсмандкунандаро ба ҷо оварад. Молиёт (андоз) бояд тарзе андешаву тарҳрезӣ бишавад, ки қисме аз маҳсули ранҷи апдозсупор барои сарфи рӯзгори худаш боқӣ монад. Ҳар як навъи молиёт (андоз) бояд тарзе ба нақша гирифта шавад, ки намояндаи мақомоти андоз аз ҳисоби аҳолӣ ҳар чӣ камтар ситонад, яъне аз он чӣ ба хазинаи давлат мосупорад, зиёда талаб карда натавонад.

Андози ноадолатона тарҳрезишуда намояндагони мақомоти андозро ба суиистеъмол кардан ҳарис мегардонад, «мардумро ба чанд карат омадану нав ба нав андозбандӣ кардани намояндагони мақомоти андоз гирифтор мекунад. Саволу пурсишҳои зиёди нодурусти намояндагони мақомоти андоз метавонад ишонро ба гаронии андозӣ оварда, аз эътидол барорад ва ба ҷиноят мувоҷеҳ бикунад».

Аз рӯйи адолат будан ва манфиат доштани муқаррароти фавқуззикри Насириддини Тӯсӣ таваҷҷуҳи ҳокимони Хуросону Мовароуннаҳрро ба худ ҷалб карда буд. Онҳо кӯшиш кардаанд аз рӯи фаҳмишу дониши худ то мумкин аст молиётро баробару муайян муқаррар кунанд, то он ҳам аз назари мӯҳлати пардохту тарзи пардохт ва ҳам аз назари ҳиссаи даромаде, ки раъият ба давлат месупорад, ба ишон зараровар набошад. Баёни мухтасари баъзе андозҳои асосии маъмули аҳди феодалии мутараққии Шарқ, ки дар поён зикр хоҳад

шуд, нишон медиҳад, ки кӯшишҳои Насириддини Тӯсӣ дар боби асоснок кардани андозу андозбандӣ на танҳо дар миёни кулли халқҳои Шарқ як хел муваффақиятнок анҷом ёфтааст.

Дар таълифоти Насириддини Тӯсӣ ва муосиронаш тавсифи баъзе андозу ситониданиҳои замони сулолаи муғулон омадаанд [5,с.159-161]:

- авориз андози фавқулодае буд, ки давлат барои ҷуброн кардани хароҷоти таъҷилии алоқаманд ба ҷанг, тантанаҳои хонадонии дарбор ва ғайра, аз аҳолӣ меситониданд, ин андоз то тасаллути муғулон мавҷуд буд, дар аҳди муғулон бошад, ба ҳар баҳона доиман гирифта мешуд.

- сардарахт ин аз дарахтони мевадор бозхост карда мешуд, ки низ то ҳуҷуми муғулон вуҷуд дошт, вале он дам боғшумор ном дошт, дар аҳди муғулон бошад ин андоз «аз боғҳо ё ҳатто дарахтони ҷудогона» низ бозхост карда мешуд;

- мухассилона — ситониши махсусе буд ба фоидаи мухассил - андозғундор;

- мушрифона - музде буд барои таъминоти мушриф - амалдори дастгоҳи андоз, ки аз рӯи мартаба аз мухассил баландтар буд;

- дудӣ - дудпулӣ, дар замони муғулон хонашумор ном дошт;

- саршумор - андози сарона, ки бори аввал дар аҳди муғулон ҷорӣ карда шуд ва андози доимӣ ҳисобида мешуд, дар замони муғулон «купчур» ном дошт ва ба саросари аҳолӣ дахл дошт;

- улоғ — андози чопор, барои таъминоти аспони чопорӣ бозхост карда мешуд, ки раъият ба дархости сардори чопор, барои аз як марҳилаи чопорӣ то дигараш рафтани аҳли хидмат медод (маҷбурияти улоғ то замони муғулон ҳам вуҷуд дошт, вале дар аҳди инҳо сахттару душвортар гардид);

- ясавулӣ- андозе, ки ба фоидаи ясавул бозхост карда мешуд. Ясавул дар давраи муғулон ва баъдтар низ номи касони муҳофизи хусусии давлатдор;

- пешкаш - ҷамъоварии маблағ барои туҳфаву пешкаш кардан ба амалдори олимартаба. Баъзан бо баҳонаи пешкаш кардан ҳокимони маҳал ва амалдорон қисме аз андозро ғайриқонунӣ бозхост карда худашон мегирифтанд. Пешкашгирӣ ба суиистифода кардани амалдорони маҳалҳо имконият медод, ки раъиятро ғорат кунанд.

Аз рӯи далелҳои И.П. Петрушевский миқдори умумии андозу маҷбуриятҳо дар замони давлатдорӣ номшумории андозҳои он аҳд: хироҷ, закот, тамға исқот, идрор, хумс, анфол, авориз, копчур мухассилона, мушрифона, дудӣ, пешкаш, яксара, танобпулӣ, кавсан, муштак ва ғайра. Ғайр аз инҳо «танхоҳ» - яке аз шаклҳои пешкаши иловагӣ буд барои амалдорону сипоҳиёни баландмартаба. Аксар вақт танхоҳ на фақат аз замин иборат буда, инчунин, кулли хоҷагии (амволи) марди деҳқонро дар бар мегирифт. Дар чунин ҳолатҳо аҳолии Сиёсати андози Темуру темуриён дар асрҳои XIV-XV барои рушду инкишофи зироаткорӣ шароити нисбатан мусоиде фароҳам овард. Хироҷи асосии андози замин бо назардошти ҳиссаи ҳосил дар шакли молӣ бозхост карда мешуд, ё аз рӯи таноби замин бо пул ҳисоб мешуд. Андоз асосан дар шакли молӣ ситонида мешуд ва андозаи он муқаррар гардида буд: аз заминҳои киштшаванда ин андоз маъмулан ба сеяки ҳосил баробар буда, дар аҳди муғулон то ба 30% мерасид ва барои пардохти инҳо деҳқонон аз 60 то 80%-и даромадашонро месупориданд [8,с.116].

Ба ғайр аз андози асосии замин ва хироҷ андозҳои иловагии зиёде мавҷуд буданд, ки ба пул ё дар шакли молӣ бозхост карда мешуданд. Як қисми андозҳои иловагӣ ба таъмин кардани дастгоҳи мансабдорон сарф мешуд. Барои дарахтони мевадиҳанда андози махсусе - сардарахт мавҷуд буд.

Ситониши сарона, ки муғулон ҷорӣ карда буданд, бо номи «саршумор» боқӣ монда буд. Сари чанд гоҳ андозе бо номи «дудпулӣ» ҷамъоварӣ мешуд. Маҷбурияти чопорӣ («улоғ») ниҳоят вазнин буд, ки мувофиқи он аҳолӣ вазифадор буд ҳар гуна савориро бо мех таъмин кунанд ва «пешкаш» (барои туҳфаву армуғон) ниҳоят вазнин буд. Дар давраи ҷангҳо аз аҳолӣ андози махсуси иловагӣ ҷамъоварӣ мекарданд, вале амалдорон **кӯ**шиш мекарданд дар замони осоишта низ ин андозро ҷамъоварӣ кунанд.

Шакли сеюми музди иҷораи замин - коркард (беғар) барои бинокориву таъмири қалъаҳо ва деворҳои шаҳр, барои кандану тоза кардани наҳрҳо, корезҳо ва ғайра васеъ ба кор бурда мешуд. Иҷрои ин маҷбурият сангин буд ва мардумро аз кори асосӣ барканор медошт.

Гаронии андозҳо ниҳоят вазнин буд, бинобар ин тибқи тартиботи муқарраршуда дар баъзе шароит ҳукуматдорон метавонистанд ситонидани онҳоро бекор кунанд. Борҳо ба муддати мухталиф аз сабаби ниҳоят бенаво шудани аҳолӣ ва бераҳмии мансабдорон, андоз барои таъминоти қӯшун бекор карда мешуд.

Аҳолии шаҳрҳо, инчунин, баъзе аз андозҳои номбаршуда (дудпулӣ, андози сарона)-ро маҷбуран мепардохтанд, чунки илоҷи коркард надоштанд. Ғайр аз ин барои тиҷорату ҳунармандӣ (тамғо) андозҳои бевоситаи дигар низ мавҷуд буданд.

Дар асри XVI дар давлати Шайбониён тартиботи мулкӣ ҷой дошт, моҳияти ин мафҳум аз он иборат буд, ки зимомдори мулк барои ба фоидаи худаш ғундоштани кулли музди иҷораи заминҳои давлатӣ ё як қисми он дар мулки худ ҳуқуқ пайдо мекард. Ҳамчунин, зимомдорони мулкҳо метавонистанд як қисми заминҳои давлатии мулкашонро ба феодалони хурдтари дунявию рӯҳонӣ ва намояндагони табақаи ҳарбӣ тақсим карда диҳанд. Дар шаҳрҳо андозҳои махсуси шаҳрӣ (бозхост кардан аз даҳ як ҳиссаи молҳои ба фурӯш раванда) вуҷуд доштаанд. Ғайр аз ин зимомдорони шаҳрҳо аз рӯйи салоҳдиди худашон ба шаҳриён андозҳои иловагӣ муқаррар мекарданд.

Меъёри расмии музди иҷораи замин дар давлати Ҷониён дар асрҳои XVII-XVIII бетағйир монда буд (аз се як ҳиссаи ҳосил), вале дар амал хеле зиёдтар аз он бозхост мекарданд. Музди иҷора чанд сол пешакӣ ҷамъоварӣ мешуд ё худсарона аз меъёр зиёд бозхост карда мешуд. Ба сабаби шакли махсуси муносибатҳои феодалӣ, бар асари фароҳам омадани қитъаҳои замин дар дасти феодалони калон бо шакли махсус доштани муносибатҳои феодалӣ даромади давлат аз музди иҷораи замин ихтисор меёфт, ба сотсиализм гузаштан бошад, дар сарзамини мо бе тай кардани капитализм ба амал омад. Дар ин давра комилан дигар кардани тартиботи асрҳо боз ташаккулёфта аз имкон берун буд, ҳамчунин, анъанаву маросимҳоро низ тағйир додан кори осон набуд. Дар давлатҳои феодалие, ки заминаи ташаккули Тоҷикистони кунунӣ буданд, андозҳои зиёде ва усулҳои бозхост кардани онҳо мавҷуд буданд ва шакли андоз ҷиҳати худсаронае дошт, ки нависанда С. Айнӣ ба он диққати махсус додааст.

Ба мақсади ихтисори хароҷоти давлат ҳангоми ҷамъоварии андоз, инчунин, барои ҳисобгирии қобилияти пардохти андозсупорон С. Айнӣ доир ба мукаммалтардонии системаи андоз чунин пешниҳоде кардааст:

- фаъолияти андозгирон бояд зери назорати давлат бошад, то ки меъёри қонунан муқарраршуда аз ҳад нагузарад;

- талабот доир ба пардохти андоз бояд ба имконоти воқеъии андозсупор асос ёбад, то ки баъди пардохти андоз ҳавасмандӣ ба идомаи минбаъдаи истеҳсол қатъ нагардад.

Ҳамин тариқ, аз қадимтарин давраҳо то ишғол гардидани Осиёи Миёна аз ҷониби Русия, аз рӯи далелҳои овардаи Б. Ғафуров ва С. Айнӣ системаи андоз дар Тоҷикистони кунунӣ муттасилан тағйир ёфта истодааст. Мустаҳкамии давлат ва ҳокимияти марказии он ба устувор гардидани муносибатҳои андоз оварда мерасонад ва баръакс, ҷангҳову лашкаркашиҳои давлат, заиф гардидани ҳокимияти марказӣ ва қувват гирифтани мавқеи феодалҳои маҳаллӣ боиси вазнин гардидани андоз, ноустувор гардидани муносибатҳои андозӣ ва паст рафтани даромади давлат мешуд.

Дар асарҳои С. Айнӣ бештар аз 100 навъи андозҳои мухталиф дар аҳди аморати Бухоро ба тасвир омадааст, ки дар он давра системаи мураккаби боҷу хироҷҳои ғайримустақим, молиёт ва дигар маҷбуриятҳо амал мекард. Дар ин система, ки аз рӯи образҳои офаридаи С. Айнӣ ба сароҳат дида мешавад, андозҳое чун закот (андозе ки аз дороии манқул бозхост мешуд), уши (андози ҳосили зироат), аминона (музд барои шахсе, ки ба ҷамъоварии андоз аз фурӯшандагони мол дар бозор машғул буд), андози чарогоҳ, андозе ки амалдорони аморат ба ҳайси «дудпулӣ» аз ҳар бошандаи зери як шифт бозхост мекарданд, танобона (андозе, ки аз ҳар таноб, яъне 0,25 гектар замин бозхост мекарданд), сарона (андозе, ки аз ҳар хонадон бозхост мешуд), миробона (андоз барои обёрии заминҳо), қӯшпулӣ (андоз барои як тоқа ё як ҷуфт барзагов), яксарӣ (андоз аз ҳар сар чорво алоҳида), боз аминона (барои истифодаи об ва фурӯши мол), андози ҳавлӣ ва ғайра мавҷуд буданд [5,с.159-161].

Хулоса оид ба таҳлили илмии гаронии андоз дар тамоми давраҳои пайдоиш ва ташаккули давлат, ақидаҳо мавҷуд буда, оид ба тартиби танзими он ва ташаккули намудҳои наву адолатонаи андозбандӣ, кам кардани гаронии андоз пешниҳодҳои мухталиф ҷой доранд. Хусусан иқтисодчии Амрикои Артур Лаффер дар назарияи худ исбот намудааст, ки агар андозбандӣ аз 50%-и даромади соҳибкорӣ зиёд шавад, даромадҳои андозбандӣ рӯ ба таназзул мениҳанд.

Қайд кардан зарур аст, ки соли 2018 гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ҳисобҳои Ширкатҳои рейтингии Бонки ҷаҳонӣ 65,7%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадем:

1.Ба инобат гирифтани принсипҳои адолатона (Н. Тусӣ), муайнӣ (А. Смит), мувофиқӣ (С. Айнӣ) ҳангоми тарҳрезии андозбандӣ;

2.Кам кардани гаронии андоз аз 50% (А. Лаффер) ҷиҳати рушди соҳибкорӣ ва ғанӣ гардонидани буҷаи давлат;

3.Танзими андозии иқтисодиёт тавассути фишанги андозии рушди иқтисодӣ.

### АДАБИЁТ


1. Ат-Туси Насир ад-Дин. Трактат о государственных финансах. Пер. С. Хатиби. Персидские документальные источники по социально-экономической истории Хорасана XIII-XIV вв. (недоступная ссылка с 11-05-2013 [2843 дня]). -Ашхабад: Ылым, 1986.
2. Афанасьев В.С., Кейнс Джон Мейнард. Большая советская энциклопедия: [в 30 т.] / под ред. А.М. Прохорова. -3-е изд. -М.: Советская энциклопедия, 1973. -Т.12: Кварнер-Конгур. -С.18.
3. Геродот. История в 9 кн. / Пер., предисл. и указатель Ф.Г. Мищенко. -М., 1885-1886. –т. 2.
4. Иброхимов И.Р. Теоретические основы государственного регулирования рынков малой открытой периферийной экономики (на примере Таджикистана): дисс.доктор экон. наук / И.Р. Иброхимов. –Душанбе, 2019.
5. Исломов С. Афкори иқтисодии мутафаккирони тоҷик дар аҳди эҳёи аҷам: монография / С. Исломов. -Душанбе: Ирфон, 1998. -170 с.
6. Исломов Т.С. Системаи андози миллии Тоҷикистон: васоити таълимӣ / Т.С. Исломов. –Душанбе: Ирфон, 2004. -С.78.
7. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021. [Манбаи электронӣ]. http://prezident.tj/node/25005#bgafurov.
8. Петрушевский Илья Павлович. Советская историческая энциклопедия. -М.: Советская энциклопедия, 1968. -Т.11. -1121 с.
9. Рикардо Д. Сочинения. Т.1. Начала политической экономики и налогового обложения. –М.: Госполитиздат, 1955. -360 с. [Электронный ресурс]. http://www.library.fa.ru/files/Rikardo1.pdf
10. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов: Антология экономической классики / А. Смит. -М.: Эконом; Ключ, 1993. -С.108.


### ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ ГАРОНИИ АНДОЗ


Дар мақола масъалаи таҳқиқи гаронии андоз баррасӣ гардида, муқаррар карда шуд, ки дар тамоми давру замон мубрам ба ҳисоб рафта, манфиатҳои давлат ва соҳибкорон, инчунин, рушди иқтисодӣ ва пешгирии рушд ба он вобастагии зиёд дорад. Зоҳиран, сатҳи пасти ҷамъоварии андозҳо норасоии муқаррароти алоҳидаи низоми андози ҷумҳурӣ, инчунин, нобаробарӣ ва баъзан ҳатто бемантиқии тақсими гаронии андозро дар байни корхонаҳои алоҳидаи бахши соҳибкорӣ ва тамоми соҳа инъикос менамояд. Муаллиф майян намудааст, ки оид ба таҳлили илмии гаронии андоз дар тамоми давраҳои пайдоиш ва ташаккули давлат, ақидаҳо мавҷуд буда, оид ба тартиби танзими он ва ташаккули намудҳои наву адолатонаи андозбандӣ, кам кардани гаронии андоз пешниҳодҳои мухталиф ҷой доранд.



**Калидвожаҳо:** гаронии андозӣ, принсипҳои андозӣ, тарҳрезии андозӣ, даромадҳои андозӣ, буҷети давлатӣ, андозбандии адолатнок.


### ЭВОЛЮЦИЯ ТЕОРИИ НАЛОГОВОГО БРЕМЕНИ


В статье просматриваются увлечение, превышение норм налогов, которые исследуются во все времена, учитывая их важность и значение, интерес государства и частных предпринимателей, а также развитие экономики, во всем зависящие от роста экономики. Автор отмечает, что очевидно, что низкий уровень сбор налогов-недостаточность отдельно установленной системы налогов в республике, а также несоответствие, а иногда и нелогичность распределения налогов между отдельными частями предпринимательских учреждений, находит свое отражение во всех отраслях. Установлено, что для анализа научного подхода в сфере налогов на всех эпохах зарождения и формирования государственности имеют место существующие убеждения, относящиеся к порядку налаживания и становления новых видов справедливого налогообложения, сокращению отраслей налогов.



**Ключевые слова:** качество налога, принципы налогов, проектирование налогов, государственный бюджет, справедливое налогообложение.


### THEEVOIUTION OF THE BARDEN THEORY


The article examines the passion for excess of taxes, which has been studied at all times, taking into account its importance and importance, the interest of the state and private entrepreneurs, as well as the development of the economy, which depends on the growth of the economy. The author notes that it is obvious that the low level of tax collection is the insufficiency of the separately established tax system in the republic, as well as the inconsistency and sometimes illogical distribution of taxes between individual parts of the entrepreneurial institution, is reflected in all sectors. It has been established that for the analysis of the scientific approach in the field of taxes in all eras, its origin and the formation of statehood has existing convictions related to the procedure for establishing and establishing new types of fair taxation, reduction of tax branches, there are entertainment proposals.



**Keywords**: tax deduction, tax principles, tax deduction, tax revenues, state budget, fairtaxation.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Синои Амирбек*** – Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти ихтисоси 6D050600- иқтисодиёт (идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ташкили истеҳсолот). **Суроға**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Айнӣ, 44. Телефон: **988-37-47-34.** E-mail: **sino.amirbek.91@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Синои Амирбек*** - Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, докторант по специальности 6D050600 - экономика (управление в социально-экономических системах, организация производства). **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни, 44. Телефон: **988-37-47-34**. E-mail: **sino.amirbek.91@bk.ru**

**Information about the author:** ***Sinoi Amirbek*** - Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student in specialty 6D050600 - economics (management in socio-economic systems, organization of production). **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue, 44. Phone: **988-37-47-34.** E-mail: **sino.amirbek.91@bk.ru**

**УДК 33.001.76**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МИНТАҚА

***Ятимов А.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёд ба омӯзиши ҳамаҷонибаи иқтидори илмӣ-техникӣ то ҳол дар адабиёти илмӣ бархӯрди ягонаи аз тарафи умум эътирофшуда нисбат ба таърифи он мавҷуд нест. Фарқияти назаррас дар шарҳу тафсири он ба ин хотир аст, ки муҳаққиқон як хусусияти онро ҷудо карда мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Дар шарҳу тафсирҳо баъзан ба мазмуни ин категория дар мавридҳои дигар, ба хусусиятҳои амалкарди он ё ба хислати истифода ва алоқаи мутақобила бо дигар соҳаҳои фаъолияти инсон таваҷҷуҳ мешавад. Аз ин рӯ, мо таҳлили муфассали баъзе назарияҳои характерноки категорияи мазкурро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Ба ақидаи Фоломева А.Н., иқтидори илмӣ-техникӣ ин «ягонагии ду хислати асосӣ мебошад: 1) маҷмӯи захираҳои марбут ба соҳаи илмӣ-техникӣ; 2) натиҷаҳои фаъолият, бавижа дар ҷанбаи таъсир ба иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ» [6,с.347].

Бендиков М.А. ва Хрусталев Е.Ю. қайд мекунанд, ки «иқтидори илмӣ-техникӣ ин маҷмӯи шароитҳои ба ҳам алоқаманд ва захираҳое мебошад, ки, аз як тараф, бозтавлиди донишҳои санҷидашударо ва аз тарафи дигар, бозтавлиди шароитҳои мавҷуда (шомили шаклҳои ташкилию иқтисодии мавҷуд будани коллективи илмӣ) ва имконоти таҳияи навигариҳои техникиро дар муддати муайянгашта таъмин мекунад» [3,с.314].

Тибқи нишондодҳои Василевский Е.Г. ва Жамин В.А., иқтидори илмӣ-техникӣ «системаи мураккабе мебошад, ки шомили иқтидорӣ илмӣ (тадқиқоту бозёфтҳо), маърифативу техникӣ мебошад» [7,с.83].

Абдулов А. Н. ва Кулкин А.М. зери мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ «маҷмӯи кадрҳо, захираҳои моддӣ, молиявӣ ва иттилоотии соҳаи миллии илму техника ва, инчунин, сохторҳои ташкиливу идоракунӣ, ки фаъолияти ин соҳаро таъмин мекунанд, мефаҳманд» [1,с.107].

Аз таърифи Будавея Ю.В. бармеояд, ки «иқтидори илмӣ-техникӣ шомили фақат натиҷаҳои он навъҳои фаъолияти илмӣ ва тадқиқотие мебошад, ки бевосита ба техникаи нав, таҳияи лоиҳаҳои нави илмӣ-техникӣ ва барномаҳо алоқаманд мебошад» [3,с.207].

Ба ақидаи Кулветс П.А. аз мафҳуми иқтидори илмӣ-техникӣ «маҷмӯи захираҳои корӣ, техникӣ, моддӣ, иттилоотӣ ва захираҳои ташкилӣ ва идоракунии ҷавобгӯ ба талабоҳои ин марҳилаи инқилоби илмӣ-техникӣ ва таъйиншуда барои тавлид ва такмили маҳсулоти истеҳсолӣ, рушди интенсивии истеҳсолот ва дар ин асос таъмини тағйири шароиту хислати кор, баланд бардоштани истеҳсолоти иҷтимоӣ»-ро фаҳмидан мумкин аст [9,с.55].

Громека А.И. иқтидори илмӣ техникиро ҳамчун бахши муҳимтарини иқтидори иқтисодии мамлакат, ки «ягонагиву ҳамкории илмӣ, маърифатӣ, идоракунӣ ва бахши модернсозишудаи иқтидори техникиро ифода мекунад», муайян кардааст [5,с.141].

Таҳлили моҳияти иқтидори илмӣ-техникии овардашуда дар сарчашмаҳои зикршуда ва дигар сарчашма имкон медиҳанд, ки якчанд муносибатро нисбат ба таърифи он ҷудо кунем (рас.1).

Ба назари мо, ироаи ИИТ(иқтидори илмӣ-техникӣ) ба унвони система афзалиятноктар мебошад, чунки унсурҳои он бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар вобаста мебошанд. Барои мисол, норасоии иттилоотии илмӣ-техникӣ, набудани таҷриба ё тахассуси лозимаи персонал, ҳатто дар мавриди кофӣ будани мавҷудияти дигар захираҳо метавонад ба бесамарии истифодаи онҳо оварда расонад. Ҳамин тариқ, мо бо дарназардошти самтҳои интихобшуда дар чаҳорчӯби муносибати баррасишуда таърифи зеринро пешниҳод кардем: иқтидори илмӣ-техникӣ ин маҷмӯи захираҳо ва натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникии бо ҳам алоқаманди ҳамфаъолият бо якдигар ва муҳити беруна дар шароитҳои муайяни ташкилию идоракунӣ барои ҳаллу фасли вазифаҳои ҷорӣ ва рушди дурнамои қаламрав (дар чаҳорчӯби ин тадқиқот - минтақа) баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

**Расми 1. Иқтидори илмӣ-техникӣ**
**Figure 1. Scientific and technical potential**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Моҳияти дилхоҳ объект ба таври кофӣ ба воситаи унсурҳое, ки онро ташкил медиҳанд ва бо ҳам алоқаманд мебошанд, ошкор карда мешавад. Аз ин рӯ, сохтори иқтидори илмӣ-техникии минтақаро, ки мутобиқ ба таърифи дар боло ифодашуда метавонад се таркиби он: захиравӣ, натиҷавӣ, идоракунӣ дар шакли воҳид пешниҳод гардад, ки мо онҳоро метавонем ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод [8].

Таркиби захиравӣ асоси фаъолият ва рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа мебошад. Он аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд (захираҳо), ки таъйиноти гуногуни функсионалӣ доранд, иборат мебошад: ташкилӣ, кадрӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотию молиявӣ. Ҳар кадоме аз ин унсурҳоро муфассалтар дида мебароем [10].

1. Ташкилӣ ин маҷмӯи тадқиқотҳои илмии иҷрошаванда ва бозёфтҳои ташкилии минтақа аз рӯйи намуд, шакли моликият, бахшҳои фаъолият, тарзҳои маблағгузорӣ ва ғайра мебошад, ки аз ҳам фарқ мекунанд.

2. Кадрӣ шомили ҳамаи намудҳои кадрҳои илмӣ-техникии минтақа мебошад, ки қодир ба генератсия ва татбиқи идеяҳои нави илмӣ-техникӣ, иҷроиши корҳои илмӣ, педагогӣ, техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва ғайра буда, ҳам миқдор ва ҳам тахассусро инъикос мекунад.

3. Моддӣ-техникӣ воситаҳо ва мавзӯъҳои кори илмие мебошад, ки шароити лозимаро барои ба амал баровардани фаъолияти илмӣ-техникӣ дар минтақа пешниҳод намуда, ҳаҷму сифати таркиби онҳоро инъикос мекунад.

4. Иттилоотӣ шомили ҳаҷми донишҳои то ба ин замон андӯхташуда ва ба система даровардашуда буда, ҳам хабардории олимони минтақаро дар бораи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам мавҷуд будани ғояҳои оригиналии худӣ, методика, бозёфтҳо ва ғайраро инъикос мекунад.

5. Унсури молиявӣ ин маҷмӯи фонди маблағҳои пулие мебошад, ки (мутобиқ ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ, бахшҳои фаъолият, намуди хароҷотҳо ва ғайра фарқ мекунанд) дар ихтиёри соҳаи илму техникаи минтақа қарор дорад. Айни ҳол як қисмати воситаҳои молиявӣ барои такмили унсурҳои соҳаи илмӣ-техникӣ ва бахши дигараш, барои фаъолият намудани он ва бахши сеюмаш бошад, барои рушд ҳазина карда мешавад.

Таркиби натиҷа натиҷаи фаъолияти соҳаи илму техника буда, татбиқи захираҳои мавҷудбудаи минтақа ва имкониятҳоро инъикос мекунад.

Таркиби идоракунӣ қобилияти соҳаи илмӣ-техникии минтақа бо он характернок аст, ки дар асоси принсипҳои тиҷоратии натиҷадор захираҳоро барои ташаббус, сохтан ва паҳну пахши навъҳои гуногуни бозёфтҳо, инчунин, методуа тарзҳои идоракунӣ аз болои ин равандҳо ҷалб намояд [11,с.274].

Фақат дар сурати ҳамкории зичи байни унсурҳо ва такмили якдигар унсурҳои захиравӣ, натиҷавӣ ва идоракунӣ худро ҳамчун як воҳиди якпорча нишон медиҳанд, ки боиси такон хӯрдан ба самти тағйиротҳои нави сифату миқдорӣ, яъне инноватсионӣ, хоҳад шуд.

Таъйиноти асосии ИИТ аз он иборат аст, ки дар натиҷаи истифодаи фаъолнокии он чунин сатҳи рушди илм, таҷҳизи техникии истеҳсолот дар минтақа таъмин карда шавад, ки ба шарофати он баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ, афзоиши

рақобатпазирии иқтисодиёт ва таҳкими бехатарии он, беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва амсоли инҳо таъмин карда шавад [2,с.2013]. Ҳамин тариқ, мафҳуми иқтидори илмӣ-техникиро мавриди баррасӣ қарор дода, метавон ба хулоса омад, ки:

1. дар адабиёт фаҳмиши ягонаи моҳияти ИИТ вуҷуд надорад. Дар натиҷаи таҳлили рисолаҳои мавҷуда, мо чор намуди муносибат нисбат ба таърифи ин категорияро муайян кардем (аз мавқеи мазмун, фаъолият, рушд ва ташкилӣ). Бо дарназардошти муносибатҳои мушаххасшуда метавон ИИТ-и минтақаро ҳамчун маҷмӯи захираҳо ва натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникӣ бо ҳам алоқаманд ва дар байни якдигар ва муҳити беруна ҳамкорикунанда дар шароитҳои ташкилию идоракунӣ барои ҳаллу фасли вазифаҳои ҷорӣ ва ояндаи рушди минтақа, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва рушди устувори иқтисодӣ муайян кард;
2. сохтори ИИТ-и минтақа ягонагии таркибҳои захиравӣ, натиҷа ва идоракунӣ мебошад, ки аз алоқаи мутақобилаи зичу таносуби оптималӣ ва сатҳи рушду имконоти фаъолияти онҳо дар шароити ба амаломада вобаста мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Авдулов, А.Н. Показатели научно-технического потенциала.Методы сравнительного анализа / А.Н. Авдулов, А.М. Кулькин // Курьер российской академической науки и высшей школы. – 2001. -№12. -С.107, 111.
2. Бақоев Ш.С. Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (ҷанбаҳои назариявӣ) / Ш.С. Бақоев, Ш.М. Саидмуродов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ истеҳсолии “Кишоварз”. -Душанбе, 2019. -№2(82). -С.213.
3. Бендиков, М.А. Методологические основы исследования механизма инновационного развития в современной экономике / М.А. Бендиков, Е.Ю. Хрусталев // Менеджмент в России и за рубежом. - 2007. -№2. -С.314.
4. Будавей, Ю.В. Долгосрочные народнохозяйственные программы / Ю.В. Будавей. -М.: МЫСЛЬ, 1980. -207 с.
5. Громека, В.И. США: научно-технический потенциал. Социально экономические проблемы формирования и развития / В.И. Громека. -М., 1977. -С.141.
6. Добров Г.М. Научно-технический потенциал: структура, динамика, эффективность / Г.М. Добров, В.Е. Тонкаль, А.А. Савельев. -Киев: Наукова Думка, 1987. –С.347.
7. Жамин, В.А. История экономических учений / В.А. Жамин, Е.Г. Василевский. -М.: МГУ, 2002. -С.83.
8. Кравченко, С.И. Исследование сущности инновационного потенциала / С.И. Кравченко, И.С. Кладченко // Научные труды Донецкого национального технического университета. – 2003. -Вып. 68. -С.88-96.
9. Кульвец, П.А. Научно технический потенциал: сущность, оценка, эффективность использования: учеб. пособие / П.А. Кульвец. -Вильнюс: МВССО ЛитССР, 1980. -55 с.
10. Ладный, А.О. Анализ данных в задачах управления научно техническим потенциалом / А.О. Ладный // Интеллектуальные технологии и системы.: сб. учебн. метод. работ и статей аспирантов и студентов. – Вып. 6. -М.: Эликс+, 2004.
11. Файзуллоев М.К. Влияние инновационно-инвестиционного климата на региональное инновационное развитие / М.К. Файзуллоев // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. -2017. -№2/5(1). -С.274.


**АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МИНТАҚА**


Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақаро мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд шудааст, ки ироаи иқтидори илмӣ-техникӣ ба унвони система афзалиятноктар мебошад, чунки унсурҳои он бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар вобаста мебошанд. Барои мисол, норасоии иттилоотии илмӣ-техникӣ, набудани таҷриба ё тахассуси лозимаи ҳайати кормандон, ҳатто дар мавриди кофӣ будани мавҷудияти дигар захираҳо метавонад, ба бесамарии истифодаи онҳо оварда расонад. Илова бар ин, муаллиф назарияи хешро оид ба иқтидори илмӣ-техникӣ дар чунин шакл пешниҳод намудааст: Иқтидори илмӣ-техникӣ – ин маҷмӯи захираҳо ва натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникии бо ҳам алоқаманди ҳам фаъолият бо якдигар ва муҳити беруна дар шароитҳои муайяни ташкилию идоракунӣ барои ҳаллу фасли вазифаҳои ҷорӣ ва рушди дурнамои қаламрав (дар чаҳорчӯби ин тадқиқот - минтақа) баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Дар рафти таҳлил муаллиф сохтори иқтидори илмӣ-техникии минтақаро, ки мутобиқ ба таърифи дар боло ифода шуда метавонад, се таркиби он дар шакли воҳид пешниҳод гардад: захиравӣ, натиҷавӣ, идоракунӣ ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки сохтори иқтидори илмӣ-техникии минтақа ин ягонагии таркибҳои захиравӣ, натиҷа ва идоракунӣ мебошад, ки аз алоқаи мутақобилаи зич ва мувофиқи онҳо сатҳи рушд ва имконоти фаъолияти онҳо дар шароитҳои ба амал омада вобаста мебошад.



**Калидвожаҳо:** иқтисод, илм, техника, инноватсия, минтақа, идоракунӣ, рушд, иқтидор, иттилоот, рушди устувор, захира.


**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА ИННОВАЦИЙ В РЕГИОНЕ**


В своей статье автор анализирует теоретические основы научно-технического потенциала инновационной деятельности в регионе. Отмечается, что обеспечение системы научно-техническим потенциалом является приоритетным, потому что ее элементы взаимосвязаны и взаимозависимы. Например, недостаток научной и технической информации, недостаток опыта или необходимой квалификации персонала и даже наличие других ресурсов может привести к неэффективному использованию. Кроме того, автор представляет свою теорию научно-технического потенциала в следующей форме. Научно-технический потенциал - это совокупность ресурсов и результатов взаимосвязанной научно-технической деятельности и внешней среды в определенных организационно-управленческих условиях для решения задач. Представление и развитие перспектив региона (в рамках данного исследования - региона) заключается в повышении конкурентоспособности и обеспечении

устойчивого экономического развития. В ходе анализа автор рассматривает структуру научно-технического потенциала региона, которая, согласно приведенному выше определению, может быть представлена в трех частях: ресурс, результат, отдельно управление. Автор приходит к выводу, что структура научно-технического потенциала региона представляет собой единство ресурса, результатов и управления, которое зависит от тесной взаимосвязи и их оптимального соотношения, уровня развития и возможности их деятельности в современных условиях.

**Ключевые слова:** экономика, наука, технологии, инновации, регион, управление, развитие, потенциал, информация, устойчивое развитие, ресурс.

**THEORETICAL BASES OF SCIENTIFIC AND TECHNICAL POTENTIAL OF INNOVATION IN THE REGION**

In his article, the author analyzes the theoretical foundations of the scientific and technical potential of innovation in the region. It is noted that providing the system with scientific and technical potential is a priority, because its elements are interrelated and interdependent. For example, a lack of scientific and technical information, a lack of experience or the necessary qualifications of personnel, and even the availability of other resources can lead to ineffective use. In addition, the author presents his theory of scientific and technical potential in the following form. Scientific and technical potential is a set of resources and results of interrelated scientific and technical activities and the external environment in certain organizational and managerial conditions for solving problems. Representation and development of the prospects of the region (within the framework of this study - the region) is to increase competitiveness and ensure sustainable economic development. In the course of the analysis, the author examines the structure of the scientific and technical potential of the region, which, according to the above definition, can be presented in three parts: resource, result, separate management. The author comes to the conclusion that the structure of the scientific and technical potential of the region is a unity of resource, results and management, which depends on the close relationship and their optimal ratio, the level of development and the possibility of their activities in modern conditions.

**Keywords:** economy, science, technology, innovation, region, management, development, potential, information, sustainable development, resource.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ятимов Амирхон Ҷурахонович*** - Донишгоҳи давтаии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи технологияи иттилоотӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **777-01-31-60**

**Сведения об авторе:** ***Ятимов Амирхон Джурахонович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподователь кафедр иннформационный технологии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **777-01-31-60**

**Information about the author:** ***Yatimov Amirkhon Dzhurakhonovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer in the departments of information technology. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **777-01-31-60**

**УДК:627.8:574 (575.3)**

# САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКӢ: ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҚТИСОДИИ ОН

***Ғафорзода Ҷ.Ғ., Раҳмонов Ҷ.Ҳ., Гулбекова С.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муҳим доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баробари дигар захираҳои иқтисодӣ, соҳаи энергетика дар кишварҳои минтақа нақши калидиро бозида, манбаи (потенсиалӣ) захиравӣ барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Дар баробари ин, вазъи соҳаи энергетика ва сатҳи таъминот бо захираҳои обӣ ва энергетикӣ яке аз сабабҳои рушди нобаробари иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна маҳсуб меёбад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъминоти неруи барқ ба иқтисодиёт ва аҳолӣ яке аз шартҳои муҳимми рақобатпазирӣ ва устувории рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, дар муқоиса бо дигар кишварҳои истеҳсолкунандаи неруи барқ дар солҳои охир номутаносибӣ байни талабот ва пешниҳод дар истеҳсол ва истифодаи неруи барқ ба назар мерасад.

Аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дарёи Сир яке аз дарёҳои асосии Осиёи Марказӣ дар қаламрави Тоҷикистон буда, дарозии он 105 км-ро ташкил медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қаламрави ҳавзаи дарёи Сир ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷойгир мебошанд, ки истифодабарандагони асосии оби ин дарё ба ҳисоб меравconfigured. Миқдори миёнаи маҷрои дарёи Сир дар кишварҳои ҳавза баробар намебошад, миқдори зиёди он ба Ҷумҳурии Қирғизистон рост меояд, ки 27,4 $м^3$ -ро ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар Қазоқистон ба 4,5 $м^3$, Тоҷикистон ба 1,1 $м^3$ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 4,14 $м^3$ рост меояд.

**Расми 1. Ташаккули маҷрои дарёи Сир дар қаламрави кишварҳои ҳавза**
**Figure 1. Formation of the Syr Darya riverbed in the territory of the basin countries**

Дарозии Сирдарё аз омезиши дарёҳои Норин ва Қарадарё то баҳри Арал 2337 км ва дар якҷоягӣ бо дарёи Норин, 2790 км масоҳати ҳавза 150100 км$^2$ дар якҷоягӣ ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, дар ҳавзаи Сирдарё чор обанбор мавҷуданд, ки маҷрои дарёҳоро асосан бо мақсади обёрӣ танзим мекунанд. Ду обанбори нисбатан калон Баҳри Тоҷик ва Фарҳод аҳамияти минтақавӣ доранд ва маҷрои дарёи Сирро дар тӯли чор кишвари соҳилӣ танзим мекунанд.

Дар охири қисми тоҷикистонии ҳавзаи дарёи Сир обанбори Фарҳод мавҷуд аст. Сарбанди обанбори Фарҳод 27,5 м баландӣ, 800 м дарозӣ, 8,0 м паҳноӣ дар тӯли қатор ва ҳаҷми муфиди он 265 миллион м$^3$ мебошад, ки сатҳи обанборро дар обанборҳо, каналҳои магистралии Дилверзин ва Спетаменро таъмин мекунад. Онҳо асосан барои обёрӣ истифода бурда мешаванд.

Соҳилҳои калони Амударё дарёҳои Панҷ, Вахш ва Кофарниҳон мебошанд, ки 75,5% захираҳои оби ин ҳавзаро ташкил медиҳанд.

Дарёи Зарафшон аз шарқ ба ғарб, дар шимолу ғарби Тоҷикистон ҷойгир буда, ҷараёни миёнаи солонаи он 5,14 км$^3$/сол аст. Дар доҳили Тоҷикистон танҳо 3% ҷараёни ин дарё истифода мешавад, боқимонда ба қаламрави Ӯзбекистон мерезад ва барои обёрӣ ва дигар ниёзҳои иқтисодӣ истифода бурда мешавад. Дар тӯли даҳсолаҳои зиёд дарёи Зарафшон ба Амударё намерасад. Ҷараёни асосии Амударё бо шохобҳо (тақрибан 83%) дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул ёфтааст.

**Расми 2. Ташаккули маҷрои Амударё дар қаламравҳои кишварҳои ҳавза**
**Figure 2. Formation of the Amu Darya river basin in the territories of the basin countries**

Чуноне ки аз маълумотҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки ташаккули маҷрои Амударё ва Сирдарё дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал хеле нобаробар мебошад. Ҷараёни асосӣ дар кишварҳои болооби ин дарёҳо ташаккул ёфтааст. Захираҳои оби Амударё асосан барои соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли неруи барқ, соҳаи саноат, маишӣ ва ҳамчунин оби ошомиданӣ истифода мешаванд.

Лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар минтақа, чун қоида, дар болооби дарёҳо амалӣ карда мешаванд, дар ҳоле ки онҳо ҳамчун роҳи обии фаромарзӣ хизмат мекунанд, ки ниёзҳои

аҳолӣ ва иқтисодиёти (асосан кишоварзӣ) Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро қонеъ мекунанд. Азбаски лоиҳаҳо дар асоси созишномаҳои дуҷониба амалӣ карда мешаванд, онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақиман барои ҷонибҳои созишномаҳо ва танҳо ғайримустақим (дар сурати ба даст овардани созишҳо дар бораи режими об) - барои ҳамаи кишварҳои минтақа муфиданд. Ин вазъ то андозае метавонад зиддиятҳои мавҷудаи байни манфиатҳои давлатҳои болооб ва поёноби дарёҳоро бо сабаби фарқияти талабот ба низомҳои танзими онҳо шадидтар кунад [2,с.97].

Вобаста ба ин қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи таҷрибаи як қатор кишварҳои пешрафта дар истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои обӣ, кам кардани истеъмоли об, пеш аз ҳама, дар соҳаи кишоварзии кишварҳои ҳавзаи Арал, ташкили обрасонӣ ва ҷорӣ намудани пардохт барои истифодаи об метавонад истифодаи самараноки обро таъмин намуда, барои таъмини баҳри Арал бо об мусоидат намояд.

Таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон зарурати истифодаи оқилонаи иқтидори обёриро, ки бидуни танзими давлатии захираҳои об (ҳатто бо моликияти хусусии замин) душвор аст, ба таври равшан нишон медиҳад. Ҳамзамон, хавфи вайрон шудани тавозуни экологӣ ва иҷтимоӣ, коҳиши рушди иқтисодӣ дар пасманзари шиддат ёфтани нобаробарии иҷтимоӣ дар тақсимоти потенсиалҳои захираҳои табиӣ вуҷуд дорад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷиҳати иқтидори гидроэнергетикӣ Тоҷикистон яке аз ҷойҳои пешсафро дар ҷаҳон ишғол мекунад, аммо то ба имрӯз 18%-и он аз худ карда шудааст. Дурнамои рушди истеҳсоли неруи барқи нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарар дар кишвар муҳим арзёбӣ мешавад. Ин аз нуқтаи назари саҳми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар паст кардани фишори экологӣ ба муҳити табиӣ, коҳиш додани партовҳои карбон ба атмосфера ва таъсири манфии тағйирёбии иқлим хеле муҳим аст.

**Ҷадвали 1. Иқтидори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (мавҷуда, пешбинишуда ва дар ҳоли сохтмон)**

**Table 1. Energy potential of the Republic of Tajikistan (existing, planned and under construction)**

| | **Мавҷуда** | | **Пешбинишуда** | | **Дар ҳоли сохтмон** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | **Номгӯйи иншоот** | **Иқтидори муайяншуда (МВт)** | **Номгӯйи иншоот** | **Иқтидори муайяншуда (МВт)** | **Номгӯйи иншоот** | **Иқтидори муайяншуда (МВт)** |
| | | | **Неругоҳҳои обӣ-барқӣ** | | | |
| 1 | НБО-и Роғун | 2х400 | НБО-и Андароб | 160 | НБО-и Себзор | 125 |
| 2 | НБО-и Норак | 3000 | НБО-и Баршор | 650 | НБО-и Санобод | 10 |
| 3 | НБО-и Бойғозӣ | 600 | НБО-и Дарвозаҳои мармарӣ | 400 | | |
| 4 | НБО-и Сангтӯда-1 | 670 | НБО-и Даштиҷум | 130 | | |
| 5 | НБО-и Сангтӯда-2 | 270 | НБО-и Ҷумар | 4000 | | |
| 6 | НБО-и Сангтӯда | 240 | НБО-и Кокчин | 5 | | |
| 7 | НБО-и Шаршар | 29,5 | НБО-и Москов | 90 | | |
| 8 | НБО-и Марказӣ | 15,1 | НБО-и Пишск | 320 | | |
| 9 | НБО-и Қайроққум | 126 | НБО-и Хостав | 1200 | | |
| 10 | НБО-и Варзоб-**1** | 9,5 | НБО-и Ширговат | 1000 | | |
| 11 | НБО-и Варзоб-**2** | 14,7 | НБО-и Кофарниҳони поён | 72 | | |
| 12 | НБО-и Варзоб-**3** | 3,5 | | | | |
| 13 | НБО-и Ванҷ | 1,191 | | | | |
| 14 | НБО-и Помир - 1 | 28 | | | | |
| 15 | НБО-и Хоруғ | 8,7 | | | | |
| 16 | НБО-и Тоҷик | 150 | | | | |
| 17 | НБО-и Язғулом | 0,845 | | | | |
| 18 | НБО-и Ориёно | 1,0 | | | | |
| | | | **Маркази гармидиҳӣ-барқӣ** | | | |
| 19 | МГБ Душанбе-1 | 198 | | | | |
| 20 | МГБ | 400 | | | | |

|  |  |  |  |  |  |  |
|---|---|---|---|---|---|---|
|  | Душанбе-2 |  |  |  |  |  |
| 21 | МГБ -Ёвон | 120 |  |  |  |  |
| **Неругоҳҳои барқии обӣ дар ҳоли рушд** |  |  |  |  |  |  |
| 1 | НБО-и Роғун | 3600 |  |  |  |  |
| 2 | НБО-и Санобод | 10 |  |  |  |  |
| 3 | НБО-и Себзор | 125 |  |  |  |  |
| 4 | НБО-и Фондарё | 135 |  |  |  |  |
| 5 | НБО-и Ёвон | 140 |  |  |  |  |
| **Неругоҳи ҳароратӣ** |  |  |  |  |  |  |
| 6 | МҲБ-Фон-Яғноб | 600 |  |  |  |  |

Сарчашма: Дар асоси маводи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Айни замон обе, ки дар истеҳсоли неруи барқ истифода бурда мешавад, миқдор ва сифати худро гум намекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ борҳо исбот кардааст, ки ҳамкории кишварҳои ҳавза дар бунёди муштарак ё сармоягузорӣ дар сохтмони обанборҳо ва неругоҳҳои барқӣ-обӣ самаранокии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёҳоро дар истифодаи комплексӣ ба манфиати ин кишварҳо ва экологияи ҳавза меафзояд.

Дар ҷумҳурӣ манбаи асосии истеҳсоли неруи барқ гидроэнергетикаи барқароршаванда мебошад. Истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ дар соли 2018-ум 6197 ҳазор кВт ва коркарди он 19,7 миллиард кВт/соатро ташкил додааст.

Иқтидори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бузург бошад ҳам, дар айни замон иқтидори мавҷуда истифода намешавад. Иқтидори умумии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон 527 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад, ки аз ин 202 миллиард кВт/соат истифода мешаваду халос. Иқтидорҳои дар боло овардашуда ба кишвар имкон медиҳанд, ки дар соҳаи барқароршавандаи энергия дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол намояд (имрӯз он дар ҷаҳон 8-ум аст). Аз рӯйи ин нишондиҳанда ҷумҳурӣ дар байни кишварҳои ИДМ танҳо аз Федератсияи Россия қафо монда, дар ҷойи 2-юм қарор дорад.

Тавре ки маълум аст, дар ҷумҳурӣ истеъмолкунандаи асосии об заминдории обёришаванда мебошад, ки тақрибан 90% ҳаҷми умумии об ба ин соҳа равона мегардад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар истифодаи оби тоза зиёда аз 93% ва ҳиссаи бахши саноат ва коммуналӣ танҳо 7%-ро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки дар бахши саноат обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминиро ба ҳамон андоза истифода мебаранд. Мувофиқи маълумоти Пажӯҳишгоҳи проблемаҳои об, гидроэнергетика ва экология, ҳаҷми солонаи об дар кишвар аз 10,0 то 13,0 км$^3$ ташкил дода, аз ҷумла тақрибан 40%-и оби захирашудаи обанборҳо ва дигар обҳои ҷоришавандаро ташкил медиҳад. Омӯзиши динамикаи ҳаҷми истифодаи об то 15,0 км$^3$ дар давраи солҳои 1977-1984 мушоҳида мешавад. Аз ҳаҷми умумии ҳавзаи минтақаи Осиёи Марказӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 14,29 км$^3$ захираҳои об ҷудо карда шудааст. Дар соли 1990 ҳаҷми умумии захираҳои об нисбат ба соли 1960 аз 8,0 км$^3$ то 13,46 км$^3$ ё 68,0% зиёд шуд.

Масоҳати умумии заминҳои обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1570 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора, то 1 январи соли 2018 масоҳати заминҳои обӣ 757,8 ҳазор гектарро ташкил медод, ки аз он 289,1 ҳазор гектараш тавассути стансияҳои насосӣ обёрӣ карда мешаванд. Дар ҳамин давра 542,9 ҳазор гектар заминҳои таъйиноти кишоварзӣ бо об таъмин карда шудааст. Барои заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар кишвар дар ҳоли ҳозир 26,7 ҳазор км каналҳои магистралӣ, 11,4 ҳазор км дренаж, 390 истгоҳи обкашӣ ва 624,67 км қубурҳои фишори баланд, 505 чоҳи амудӣ хизмат мерасонанд. Барои обёрии нишебиҳо 228 пойгоҳи насосии пайдарпай бо 922 агрегати насосӣ сохта шудаанд, ки обро аз 2 ба 7 марҳила интиқол медиҳанд ва 213,2 ҳазор гектар замини кишоварзиро обёрӣ мекунанд [3,с.18]. Иқтидори шабакаи обёрӣ 15-20%, самаранокии истгоҳҳои обкашӣ 20-30% ва дар баъзе ҷойҳо аз ин ҳам зиёдтар, аз сабаби кор накардани таҷҳизоти насосӣ ва энергетикӣ коҳиш ёфтааст. Маҷмӯи дренажии коллекторӣ ва чоҳҳои амудӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд.

Дар маҷмӯъ, аз 515 истгоҳи насосии дар тавозуни хоҷагии обу корез мавҷудбуда, аз се як ҳиссаи онҳо азнавсозии куллӣ ё таҷдиди техникиро талаб мекунанд. Аз 298 км қубурҳои обкашонии пӯлодии диаметрашон аз 400 то 2400 мм. зиёда аз нисфашон ивази пурраро тақозо мекунанд, зеро корношоям шудаанд. Зиёда аз 3000 адад зеристгоҳи трансформатории мавҷуда, як қисми назарраси онҳо низ таъмир ва ё ивазкарданро талаб менамояд. Қубурҳои пӯлодии диаметрашон 1200-1400 мм пурра корношоям шуда, иваз

кардани онҳо зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Сифонҳое, ки дар минтақаи Хатлон ҷойгиранд, дар тӯли ду давраи фаъолият кор кардаанд. Зиёда аз 80% чоҳҳои амудӣ, инчунин иваз кардани насосҳо, ба монанди ЭЦВ 10-12 зарур мебошад [1,с.18].

Ҳолати техникии истгоҳҳои насосӣ бозсозии ҷиддиро тақозо мекунад. Майдони обёрии насосӣ тақрибан 40,0%-ро ташкил медиҳад. Аз сабаби болоравии ногузири тарофаҳои неруи барқ сатҳи даромаднокии чунин обёрӣ коҳиш мeёбад, алахусус дар марҳилаҳои болоии обкашии каскадӣ [5,с.7]. Аз ин лиҳоз, дар сурати мавҷуд набудани имконоти алтернативии рафъи норасоии об ва ҳалли мушкилоти экологӣ, диққати асосӣ бояд ба истифодаи имконоти нисбатан самарабахши истифодаи об дар асоси такмили фаъолияти маҷмӯии хоҷагии об ва оптимизатсияи сохтори соҳавии кишоварзӣ, пеш аз ҳама, заминҳои обёришаванда равона гардад.

**Ҷадвали 2. Истифодаи об дар соҳаҳои иқтисодиёт млн.м³**
**Table 2. Water use in sectors of the economy mln. м³**

| Нишондиҳандаҳо / Соҳаҳо | Солҳо | | | | 2018/2000 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2016 | 2017 | 2018 | млн. куб. м. | % |
| Ҳамагӣ об барои мақсадҳои гуногун истифода шудааст | 12609 | 8749 | 7988 | 9774 | -2835 | 77,52 |
| Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор ва моҳипарварӣ | 8559 | 7094 | 5486 | 7378 | -1181 | 86,20 |
| Аз он ҷумла барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 8459 | 6792 | 5128 | 7378 | -1081 | 87,22 |
| Соҳаи истеҳсол ва тақсими неруи барқ | 208 | 257 | 1831 | 1610 | 1402 | 774,04 |
| Ҳоҷагии хонаводагӣ | 299 | 326 | 576 | 786 | 487 | 262,88 |
| Дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ | 170 | 355 | 142 | - | | |

Сарчашма: Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019- С.19

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, дар тӯли 2 даҳсолаи охир (2000-2018) истеъмоли об барои ҳарду нишондиҳанда (оби захирашуда ва истифодашуда) кам шудааст. Бояд гуфт, ки сохтори истеъмоли об аз рӯйи бахшҳои иқтисод чунин аст: обёрӣ - 85%; саноат – 6; обтаъминкунӣ дар деҳот - 5 ва дар шаҳрҳо (барои хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар мақсадҳо) - 4%.

Чунин манзара барои як қатор соҳаҳои дигари хоҷагии халқ хос аст. Ҳамин тариқ, дар соли 2017 нисбат ба соли 2000 истеъмоли об аз ҷониби бахшҳои иқтисодӣ барои обёрии заминҳои кишоварзӣ ба миқдори 1081 миллион м³ коҳиш ёфт ва дар бахши саноат ин нишондиҳанда -1402 ва хоҷагиҳои хонаводагӣ -256 487 млн. м³ афзоиш ёфтааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки омилҳои асосии рушди заминдории обёришаванда истифодаи сарфакоронаи оби ирригатсионӣ, баланд бардоштани самаранокии он ва ҳосили аз ҳар як гектар зироатҳои кишоварзӣ мебошанд [4,с.47].

Аммо, вазъи хоҷагии оби ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аз соли 2015 инҷониб тамоюли коҳиш додани истеъмоли об ба назар мерасад, ки ин на аз ҳисоби истифодаи оқилонаи об, балки аз ҳисоби вайрон шудани насосҳо ва каналҳои обёрӣ мебошад. Дар айни замон, мувофиқи маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 65% системаҳои насосӣ корношоям мебошанд, ки ин боиси 40% кам шудани таъминот бо об мегардад.

Дар даҳсолаҳои охир истеъмоли об барои обёрӣ хеле кам шуда, сифати обёрӣ ба 75,5% баробар шудааст. Сифати обёрӣ дар заминҳои обёришаванда аз он сабаб номувофиқ аст, ки ҳангоми обёрии хоҷагиҳо истифодабарандагон аз истифодаи усулҳои банақшагирии фаврии режими обёрӣ маҳруманд.

Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар ҷумҳурӣ ба амал омада истодаанд, сабаби асосии бад шудани вазъи заминҳои мелиоративӣ ва таназзули онҳо мебошанд. Кам шудани сармоягузорӣ ба мелиоратсия ба ҳолати фонди мелиоративӣ ва системаҳои мелиоративии замин низ таъсир расонд. Дар натиҷа, ҳолати як қисми назарраси заминҳои мелиоративӣ ғайриқаноатбахш шудааст. Шӯршавии дувум, ботлоқшавӣ ва ифлосшавии техногении хок ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, рушди минбаъда ва истифодаи оқилонаи захираҳои об бояд ба таҷдиди сохтори комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ, алалхусус рушд ва такмил додани ҷойгиршавии истеҳсолот, тақвияти вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ махсусан муҳим аст, нигаронида шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Арабов Ф.П. Механизм инвестиционного обеспечения сферы водопользования в сельском хозяйстве: от теории к практике / Ф.П Арабов, С.Дж Гулбекова // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). -Душанбе: РТСУ, 2020. -№3(71). -С.80-88.

2. Исайнов Х.Р. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: проблемы и пути решения / Х.Р. Исайнов, Э.Н Шералиев // Природо обустройство. - 2013. -№1. -С.95-100.
3. Исайнов Х.Р. Земельно-водные ресурсы сельскохозяйственного назначения Республики Таджикистан: эколого-экономические и инвестиционные аспекты / Х.Р Исайнов, Ф.П. Арабов // Вестник ТНУ. -Душанбе: Сино, 2018. -№3. -С.15-22.
4. Кимсанов У.О. Эколого-экономические аспекты рационализации использования водных ресурсов в сельском хозяйстве Таджикистана / У.О. Кимсанов // Кишоварз. ТАУ им. Ш. Шотемур. -Душанбе, 2012. -№3. -С.46-48.
5. Проблемы мелиоративного состояния орошаемых земель в Республике Таджикистан / Я.Э. Пулатов, А. Курбонов, З. Назиров, А.К. Бобоев // Природообустройство. –М., 2015. -№3. -С.6-9.
6. Хушвахтзода К.Х. Анализ эффективности развития электроэнергетики и внутренние угрозы энергетической безопастности / Хушвахтзода К.Х., М.Б. Холназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. – С.49-55.

## САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКӢ: ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҚТИСОДИИ ОН

Дар мақолаи мазкур масоили самаранокии истифодаи экологӣ ва иқтисодии захираҳои обӣ ва энергетикии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ, ноил шудан ба амнияти энергетикӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар ниҳоят, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ барои ноил шудан ба рақобатпазирии хоҷагии халқ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки масоили самаранокии истифодаи экологӣ ва иқтисодии захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ хеле кам омӯхта шудаанд. Инчунин, оид ба иқтидори энергетикии ҷумҳурӣ, механизмҳои истифодаи онҳо, истифодаи оби кишоварзӣ дар 10 соли охир маълумот оварда шуда, нобаробарии истифодаи захираҳои обӣ дар шароити минтақавӣ махсусан таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** энергетика, экология, захираҳои об, обёрӣ, мелиоратсия, самаранокӣ.

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ: ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В данной статье рассматриваются вопросы эколого-экономического использования водных и энергетических ресурсов Таджикистана в целях обеспечения продовольственной безопасности, достижения энергетической безопасности, сокращения бедности и, в конечном итоге, повышения эффективности сельскохозяйственного производства с целью достижения экономической конкурентоспособности. Отмечается, что вопросы эколого-экономической эффективности использования воды и энергии в промышленности и сельском хозяйстве изучены недостаточно. Также представлена информация об энергетическом потенциале страны, механизмах его использования, использовании сельскохозяйственных вод за последние 10 лет, с особым акцентом на неравенство в использовании водных ресурсов в региональных условиях.

**Ключевые слова:** энергетика, экология, водные ресурсы, орошение, мелиорация, эффективность.

## EFFICIENCY OF USE OF WATER AND ENERGY RESOURCES: ECOLOGICAL AND ECONOMIC ASPECTS

This article examines the environmental and economic use of water and energy resources of Tajikistan in order to ensure food security, achieve energy security, reduce poverty and, ultimately, improve the efficiency of agricultural production in order to achieve economic competitiveness. It is noted that the issues of ecological and economic efficiency of water and energy use in industry and agriculture have been insufficiently studied. It also provides information on the country's energy potential, mechanisms for their use, and the use of agricultural waters over the past 10 years, with special emphasis on inequality in the use of water resources in regional conditions.

**Keywords:** energy, ecology, water resources, irrigation, reclamation, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **000-33-99-77**
***Раҳмонов Ҷ.Ҳ.*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
***Гулбекова Сурайё Джурабековна*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **934-46-06-44**. E-mail: **surayogulbekova@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Гафорзода Джонона Гафор*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, кандидат экономических наук, заведующая кафедрой экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **000-33-99-77**
***Рахмонов Дж.Х.*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
***Гулбекова Сурайё Джурабековна*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 93-446-06-44**. E-mail: **surayogulbekova@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Gaforzoda Jonona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **000-33-99-77**
***Rakhmonov J.Kh.*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Assistant of the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121

***Gulbekova Surayo Dzhurabekovna*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Assistant of the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 93-446-06-44.** E-mail: **surayogulbekova@gmail.com**

**УДК 657.1**

# ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ОЛАМИ ИСЛОМ

***Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**

Баҳисобгирӣ чун илм дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX ташаккул ёфт, вале чун соҳаи фаъолият замоне пайдо шудааст, ки одамон акнун худро дар ҷомеа мешинохтанд. Инсон олоти меҳнатро эҷод намуда, ба кор кардан шурӯъ кард ва зарурати пешбурди баҳисобгирии натиҷаҳои меҳнат низ ба миён омад. Бо ҳамин инсон донишҳои муайянеро доир ба фаъолияти кории худ – фаъолияти хоҷагидорӣ пайдо кард. Дар инсон мунтазам тасаввурот оид ба муносибатҳои хоҷагидорӣ: шикор, истеҳсол, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ рушд мекард ва дар оқибат зарурати баҳисобгирии неъматҳо ба миён омад, ки ҳадафи асосии он назорати равандҳои нигоҳдорӣ ва тақсимоти неъматҳо буд.

Одамони қадим баҳисобгирии неъматҳоро аввал дар сафҳаҳои сафолӣ ва папирусҳо [9,с.66] нигориш мекарданд. Баъдтар, бо пайдо шудани коғаз, нигориши амалҳои баҳисобгирӣ дар варақаҳои коғазӣ ва дафтарҳо ба ҷо оварда мешуд. Бо корбурди варақаҳо ва дафтарҳо (китобҳо) баҳисобгирии бонизом – баҳисобгирии муҳосибӣ (муҳосибот) ба миён омад.

Бештари таҳқиқотҳои илмӣ доир ба таърихи пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ чун соҳаи фаъолияти инсонӣ, ки ба хонандаи тоҷик дастрас мебошанд ва муҳтавои аксари асарҳои илмӣ ва китобҳои дарсии муҳосибии имрӯзаро ташкил медиҳанд, аз ҷониби олимони аврупоӣ ба ҷо оварда шудаанд. Аз ин ҷост, ки дар онҳо чун макони пайдоиши баҳисобгирӣ сарзамини Аврупо ёдовар мешавад.

Дастоварди бузургтарини инсоният, ки ба рушди баҳисобгирии муҳосибии бонизом таъсир расонидааст, ин низоми навишти дутарафа (дугонӣ) мебошад. Асоси низоми навишти дутарафа корбурди ҳисобҳо – ҷадвалҳои рамзии дутарафа мебошад, ки як тараф – дебет, тарафи дигар – кредит ном дорад. Низоми навишти дутарафа чунин маъно дорад: ҳама падидаҳои иқтисодӣ ду ҷиҳат доранд: масраф ва подош, зарар ва нафъ, манбаи пайдоиш ва истифода, ки ҳамдигарро иваз ё ҷуброн мекунанд. Ҳама амалиёт бояд камаш бо дебети як ҳисоб ва кредити ҳисоби дигар ба гунае ба ҳисоб гирифта шаванд, ки маблағи умумии дебет ба маблағи умумии кредит баробар бошад. Бар асари ҳамин хусусият дар низом ҳамеша тавозун (баробарии ду тараф) нигоҳ дошта мешавад.

Навишти дутарафа танҳо вақте амалӣ мешавад, ки агар ҳама амалиёти хоҷагидорӣ ва объектҳои баҳисобгирӣ бо ченаки ягона ифода карда шаванд. Дар ҳисобҳо ба сифати ин гуна ченаки ягона ифодаи пулӣ баромад менамояд.

Пайдоиши низоми навишти дутарафа дар асарҳо оид ба таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ ба даврони Эҳёи Италия нисбат дода мешавад. Дар асрҳои XIII-XIV нишонаҳои навишти дутарафа дар фаъолияти баъзе марказҳои тиҷоратии Италияи Шимолӣ ботадриҷ пайдо мешуданд. Шаҳодати аввалии низоми навишти дутарафа, ки ба соли 1340 рост меояд, дар навиштаҷоти идоракунии маҳаллии Генуя (шаҳри бандарӣ дар Италия) ошкор карда шудааст. Порчаҳои навиштаҷоти нисбатан барвақттар дар ҳисобҳои ширкати флоренсиягии Giovanni Farolfi & Company(1299-1300) ва ширкати Rinieri Fini & Brothers, ки дар ярмаркаи машҳури музофоти Шампони Франсия савдо мекард, ёфта шудаанд [10,с.27].

Аҳамияти навишти дутарафа барои муҳосиботи муосир беназир аст. Аввалин муаллифе, ки асолати навишти дутарафаро таҳқиқ кардааст, Бенедетто Котрули (1416-1469) – тоҷир аз Рагуза (шаҳр дар музофоти Ситсилияи Италия) буд. Вай дар китоби худ “Оид ба тиҷорат ва тоҷири комил” (“Della mercatura e del mercante perfetto”), ки соли 1458 навишта шуда ва танҳо соли 1573, яъне пас аз 115 сол рӯи чопро дидааст, боби калонеро ба баррасии муҳосиботи дугонӣ бахшидааст. Ҳамин далели дер ба чоп расидани китоби мазкур боис шуд, ки муаллифи навишти дутарафа риёзидон, роҳиб ва маърифатпарвари италиявӣ Лука Пачоли, ки гӯё Бенедетто Котрулиро пешдастӣ кардааст, ҳисобида мешавад.

Лука Пачоли (1445-1515) дар соли 1494 китоби "Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо" ("Summa de Arithmetica, Geometrica, Proportioni et Proportionalita")-ро навиштааст. Ин китоб асосан ба риёзиёт бахшида шудааст, вале боби алоҳидаи он - "Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо" ("Particularis de Computis et Scripturis") зикр ва тасвири аввалии муҳосиботи дугониро дар бар мегирад. Ин китоб маънии навиштаҷоти муҳосибиро кушода медиҳад, маънидодкуниҳои он то ҳозир ҳам аҳамияти худро гум накарда, рӯзмарра мебошанд, гарчанде аз он замон 526 сол гузашта бошад ҳам.

Минбаъд муҳтавои боби китоби Лука Пачоли дар бораи ҳисоб ва катибаҳоро муаллифони зиёде рӯнавис карданд, вале аз худи муаллиф фаромӯш карданд. Танҳо дар охири асри 19 номи муаллиф барқарор шуд. Азбаски ҳамчун муаллифи навишти дутарафа каси дигаре маълум набуд, Лука Пачолиро чун муаллифи навишти дутарафа ва асосгузори баҳисобгирии муҳосибии муосир эътироф намуданд, гарчанде худи вай навишта буд, ки чизи наверо эҷод накарда, танҳо чизи будагиро манзур кардааст.

Дар асарҳои муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла муҳаққиқони бузурги аврупоӣ ва америкоӣ аз асолати шарқии илми муҳосибот ёдовар шудааст. Баъзе муҳаққиқон далели дар Аврупо (Италия) пайдо шудани илм ва соҳаи фаъолияти муҳосибиро зери шубҳа қарор дода, иброз медоранд, ки боби китоби Лука Пачоли "Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо", ки дар он навишти дутарафа ва дигар ҷиҳатҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ дода шудаанд, инчунин, дигар асарҳо оид ба пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ аз таҷрибаи пешини пешбурди баҳисобгирӣ аз мамлакатҳои Шарқ маншаъ мегиранд.

Нуктаи муҳимме, ки Лука Пачоли дар китоби беназири худ "Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо" тарғиб кардааст, истифодаи рақамҳои арабиасос мебошад: "шумо дар Китоби асосӣ (шарҳи муаллифон: китоби асосии муҳосибӣ, ки дар он ҳисобҳо бурда мешаванд) рақамҳои солҳоро бо тарзи кӯҳна менависед, яъне рамзҳои алифборо ба кор мебаред (шарҳи муаллифон: алифбои лотинӣ дар назар аст): MCCCCLXXXXIII ва, пас, шумо мегӯед, ки биёед, ҳарфҳоро ба кор барем, ақаллан ба хотири зебоии онҳо" [10,с.31].

Муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирӣ Э.С.Хендриксен ва М.Ф.Ван Бреда қайд менамоянд, ки "то аврупоиҳо аз пусти ҳайвонҳо ва каппаҳои худ берун баромаданд, дар Шарқи Миёна ва Шарқи Дур, аллакай, иқтисоди рушдёфта вуҷуд дошт..."[11,с.29].

Муаррихи соҳаи иқтисод, Алфред Либер дар мавриди таъсири таҷрибаи иқтисодии мамлакатҳои олами ислом – иқтисодиёти исломӣ ба фаъолияти соҳибкории мамлакатҳои аврупоӣ қайд намудааст: "Тоҷирони Италия ва дигар мамлакатҳои аврупоӣ таҷрибаи аввалии худро оид ба корбурди усулҳои мураккаби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз шариконӣ бозории худ аз он тарафи Баҳри Миёназамин гирифтаанд, аксари онҳо мусулмон, инчунин, чанде насронӣ ва яҳудӣ буданд... Аз асри 7 оғоз карда, арабҳо на танҳо амалҳои ҳарбии забткуниро анҷом медоданд, инчунин, ба комёбиҳои муҳимми рушди савдои байналмилалӣ дар масирҳои дур ноил гардида буданд"[12,с.230].

Табиист, ки мафҳумҳои "иқтисодиёти исломӣ" ва "баҳисобгирии муҳосибии исломӣ" аз холигӣ пайдо нашудаанд. Рушди иқтисодиёт ва баҳисобгирӣ дар мамлакатҳои олами ислом решаҳои қадим дошта, аз асрҳои миёна оғоз мегирад.

Ҳамин тавр, донишҳои нав, ки эҷоди аҳли ислом буданд, берун аз ҳудуди Бағдод паҳн гардида, тавассути соҳилҳои африқоӣ ба Испания расиданд. Таълимоти нави пайдошуда маҳсули фарҳанг ва тамаддунҳои гуногун буда, ба нашъунамои пояҳои инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат намуданд. Мусулмонҳо, яҳудиҳо ва насрониҳо паҳлу ба паҳлу дар донишгоҳҳо ва дигар марказҳои илмии Аврупо кор мекарданд[10,с.31].

Ибни Халдун дар "Муқаддима" сабабҳои иқтисодии рушд ва рукуди мамлакатҳоро таҳлил намудааст. Вай диққати асосиро ба кам кардани хароҷоти давлат барои артиш равона намуда, зидди андозбандӣ ва боҷу хироҷи монеашавандаи тиҷорат ва истеҳсолот баромадааст. Ибни Халдун таъкид менамояд, ки дар мамлакатҳое, ки давлат дар тиҷорат ва истеҳсолот иштирок мекунад, камшавии нисбии неъматҳо ва рукуди иқтисодӣ ногузир аст. Ин ва дигар принсипҳои иқтисодиро Ибни Халдун чун шарти асосии бунёд кардани ҷомеаи мутамаддин меҳисобид [12].

Омӯзиши осори илмии муҳаққиқони олами ислом нишон медиҳад, ки камбудии асосии асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои иқтисодӣ ва муҳосибӣ баррасӣ мешуданд, хусусияти умумӣ доштани онҳо мебошад. Онҳо тамоми ҷиҳатҳои ҳаёт ва тамаддуни исломӣ, фалсафа, илмҳои дигари динӣ ва дунявиро дар бар мегирифтанд, вале асарҳои алоҳидаи ба таҳқиқи масъалаҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ бахшидашуда ба назар

намерасиданд. Ин гуна масъалаҳо дар якҷоягӣ бо дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд.

Имрӯз, дар даврони ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва мушкилоти бар асари бухрони молиявӣ бамиёномада аксари олимони соҳаи баҳисобгирӣ бар он ақидаанд, ки ғояҳо ва тарзҳои муомилаи дар низомҳои анъанавии баҳисобгирӣ побарҷошуда рисолати худро ба таври муносиб ба ҷо оварда наметавонанд. Бинобар ин, рағбати олимон ва муҳаққиқон ба корбурди тарзҳои дигари муомила ва амсилаҳои муҳосибӣ зиёд шудааст. Хоса онҳо ба амсилаи исломии баҳисобгирӣ, ки алакай дар аксари мамлакатҳо рушди худро ёфтааст, майл намуданро таъкид менамоянд.

Баъзе олимон оид ба эҳёи иқтисодиёти исломӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар нимаи дуюми асри 20 ёдовар мешаванд. Тавре аз таҳқиқот бармеояд, решаҳои пайдоиш ва рушди аввалии баҳисобгирии муҳосибии исломӣ ба зиёда аз ҳазор сол пеш рафта мерасад. Бинобар ин, раванди муосири рӯ овардан ба қоидаҳои исломии баҳисобгирии муҳосибиро метавон чун даврони эҳёи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ ҳисобид.

Равшантар карда гӯем, даврони муосири эҳёи низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ аз аввали солҳои 80-уми асри 20, пас аз бухрон дар бозори нафт ва зарурати бартараф намудани манбаъҳои барзиёди сармояи бонкҳо оғоз мегардад. Маҳз бонкҳо аввалин шуда ба эҳё намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ тавҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар айёми бухрони молиявии ҷаҳонӣ, дар соли 2009 бонкҳои исломӣ фоидаи устувори 15-фоиза гирифта, ҳастии худро дар тамоми ҷаҳон ба андозаи 40 фоиз - то як триллион доллари америкоӣ зиёд намуданд. Бозори коғазҳои қиматноки аз ҷониби бонкҳои исломӣ назоратшаванда дар даврони бухрони молиявӣ аз ҳама кам осеб дид [7].

Низомҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои нодири ниҳодҳои молиявии исломиро ба инобат намегиранд, бинобар ин, аксари мамлакатҳои олами ислом стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии худро таҳия намуда, ба кор мебаранд. Вале то ҳол ғояи ягонаи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ вуҷуд надорад. Ин азбоисест, ки дар ҳар як давлати исломӣ нигоҳи хоса ба қоидаҳо ва қонунҳои исломӣ бунёд гардидааст ва дар паёмади ин амалиёти молиявӣ ба таври мухталиф маънидод карда мешаванд. Фаҳмиши гуногуни талаботи Шариат монеаи асосӣ барои бунёд гардидани низоми ягонаи умумии баҳисобгирии исломӣ гардидааст [3].

Таърихи низоми исломии баҳисобгирии муҳосибии муосир бо таърихи таъсиси Ниҳодҳои молиявии Исломӣ рост меояд. Соли 1963 аввалин шуда дар Миср аз ҷониби Аҳмад бин Наҷар асосҳои назариявии аввалин бонки исломӣ таҳия карда шуд ва пас аз ин бонкҳои исломии аввалини ҷаҳон бунёд шуданд. Маҳз бунёд шудани Бонкҳои Исломӣ ва дигар ниҳодҳои молиявии мутобиқ ба Шариат зарурати низоми ба онҳо мувофиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба миён овард. Ин заруратро ба инобат гирифта, 27 марти соли 1991 дар Баҳрайн якумин бор Ташкилоти Муҳосибӣ ва Аудиторӣ барои Ниҳодҳои Молиявии Исломӣ (AAOIFI - Accounting and Auditing Organization for Islamic Financial Institutions) таъсис дода шуд. Ин ташкилот сохтори ғайритиҷоратӣ буда, ташаббускори асосии он олими малайзиягӣ Рифъат Аҳмад Абдулкарим буд. Вай ҳамчун аввалин котиби ин ниҳоди молиявии исломӣ гардид. Ҳадафи асосии ташкилоти мазкур бунёд намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои Ниҳодҳои Молиявии Исломӣ мутобиқи қонуни Шариат ва таҳия намудани стандартҳои ҳисоботи молиявии исломӣ мебошад.

Баҳисобгирии муҳосибии исломиро метавон чун амсилае муайян намуд, ки корбурди он имкон медиҳад на танҳо ахбори саҳеҳ дар шакли нишондиҳандаҳои молиявии гуногун ба истифодабаранда пешниҳод карда шавад, инчунин, ҷонибҳои манфиатдор огоҳ карда шаванд, ки субъекти иқтисодӣ фаъолияти хоҷагидорӣ ва вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии худро мутобиқи талаботи Шариат ба ҷо меорад. Вай бояд ҳангоми бунёд намудани ахбори молиявӣ ҳалли чунин масъалаҳоро таъмин намояд: ҳисобкунии арзиши закот (андози ҳатмии солона ба манфиати бенавоён), тақсими одилонаи даромадҳои гирифташуда, пешбурди намудҳои фаъолияти иҷозатдодаи Шариат бо кафолате, ки амалкунии субъектҳои иқтисодии исломӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият мусоидат менамояд. Ин тарзи пешниҳодкунии ахбор хоса барои субъектҳои хоҷагидорие муҳим аст, ки бо ниҳодҳои молиявии исломӣ сарукор доранд. Бонкҳои исломӣ меъёрҳои Шариатро, ки тибқи онҳо қарздиҳӣ бо гирифтани фоиз (судхӯрӣ) мумкин нест, қатъиян риоя менамоянд. Ҳама олоти молиявии исломӣ тавре бунёд карда шудаанд, ки шарти мазкур иҷро шавад ва, ҳамзамон, субъектҳои иқтисодӣ аз фаъолияти худ фоида ба даст оранд.

Бонки анъанавӣ бо хариду фурӯши маблағҳо аз ҳисоби фоизи қарз баҳра мегирад. Бонки исломӣ бошад, унсури қарзии соҳибкории молиявиро рӯ ба пояи сармоягузорӣ менигаронад. Бонк маблағҳои саҳмгузоронро ҷалб намуда, дар ҳисобҳои худ ҷамъ менамояд. Сипас ин маблағҳоро ба соҳибкорон пешкаш месозад. Вале ба ҷойи фоиз соҳибкор фоидаи гирифтаи худро бо бонк тақсим менамояд, бонк бошад, дар навбати худ, баҳраи худро бо саҳмгузор тақсим мекунад. Пояи асосии ин намуди фаъолияти соҳибкории молиявӣ чунин аст: подоши бонк ё саҳмгузор дараввал кафолат дода нашуда, чун ҳосила аз фоидаи соҳибкорӣ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, унсури асосии низоми бонкии анъанавӣ – фоизи қарз аз гардиши иқтисодӣ берун баровarda мешавад.

Тамоюлоти рушди ҷамъияти инсонӣ дар солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки таъсири дин дар равандҳои қабули қарорҳои идоракунии иқтисодӣ афзун шуда истодааст. Ин хоса ба субъектҳои хоҷагидорие дахл дорад, ки соҳибмулкон ва шахсони бонуфузи онҳо дини исломро ҷонибдорӣ менамоянд, маҳсулот ва хизматрасониҳои худро аксаран ба мусулмонҳо пешниҳод менамоянд, ё дар муҳити исломӣ фаъолият менамоянд.

Баланд шудани сатҳи шуурнокии динии одамон, аз байн рафтани ҳудудҳои ҷуғрофии байни мамлакатҳо, майли ҷалб намудани сармоягузориҳои иловагӣ - ин ҳама ба он овард, ки аксари мамлакатҳо рӯ ба бунёдгузории арсаи иқтисодии мусоиде овардаанд, ки хусусиятҳои талаботи миллӣ ва динии субъектҳои иқтисодиро ба инобат мегирад. Гарчанде шумори мамлакатҳои расман исломӣ дар ҷаҳон кам бошад ҳам (Афғонистон, Эрон, Покистон, Мавритания, Гамбия), дар бештари мамлакатҳо нуфузи ислом зиёд аст. Ин гуна мамлакатҳороҳи якҷоякунии низомҳои иқтисодии анъанавӣ ва исломиро тавассути кушодани ҳам муассисаҳои қарзии исломӣ ва ҳам бонкҳои анъанавӣ бо бахшҳои алоҳидаи баҷоорандаи хизматрасониҳо мутобиқи талаботи Шариат, пеш гирифтаанд. Ба хотири ҷалб намудани мизоҷони иловагӣ, баъзе бонкҳои давлатҳои дунявӣ низ амалияи пешниҳод кардани хизматрасониҳои молиявии исломиро қабул кардаанд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлатӣ дунявӣ мебошад, бонкҳои тиҷоратӣ ба хизматрасониҳои молиявии исломӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Талошҳои зиёди низоми бонкдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он овард, ки дар моҳи сентябри соли 2019 дар мамлакат аввалин ниҳоди молиявии исломӣ - ҶСК “Тавҳидбонк” (дар заминаи ҶСК “Соҳибкорбонк”) таъсис дода шуд. Акнун масъулини ин бонкро зарур аст, ки ба корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва соҳибкорон диққати муҳим дода, масрафҳои таблиғ ва ташвиқотро зиёд намоянд. Бояд қайд кард, ки мизоҷони имконии онҳо – шахсони воқеӣ ва соҳибкорон (чун саҳмгузор ва қарзгиранда) ҳоло ҳам моҳияти хизматрасониҳои молиявии исломиро хуб дарк намекунанд ва аз ин сабаб онҳо дар ин масир ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд [4].

Хулоса, дар раванди татбиқи иқтисодиёти исломӣ, хизматрасониҳои молиявии исломӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвориҳои зиёде дучор меоянд, ки асосан ба мафкураи аҳолии мамлакат ва сатҳи маърифатнокии молиявии он вобаста мебошанд. Аксари аҳолии мамлакат тасаввур мекунанд, ки бонкҳои исломӣ ниҳодҳои хайру садақа мебошанд, ба ин хотир, онҳо мехоҳанд қарз гирифта, дигар дар фикри баргардонидани он набошанд. Саҳмгузорон (пасандозгузорон) низ аз бозпас гирифтани маблағҳои ба бонк гузоштаи худ шубҳа доранд.

## АДАБИЁТ


1. Абдукадыров Х. Социально-экономические взгляды ханафитского мазхаба / Х. Абдукадыров // Вестник ТГУПБП. – 2009. -№3. -С.81-84.
2. Аль-Хоразми. Математические трактаты / Перевод Ю.Х. Копелевич, Б.А. Розенфельда. -Ташкент: Фан, 1983. - 360 с.
3. Арчакова-Ужахова М.Б. Исламский бухгалтерский учет как антецедент современной учетной модели: становление и развитие в VII-XII вв. н. э. // Российское предпринимательство. - 2018. -№5. -Том 19. [Электронный ресурс]. URL: http://www.cyberleninka.ru/ (дата обращения: 10.12.2019).
4. Гуфтем бонкро исломӣ мекунем, мусулмонон пулашонро гирифтанд. [Манбаи электронӣ]. URL:https://www.ozodi.org (санаи мурочиат: 12.03.2020).
5. Евдокимов В.В. Исламская экономическая доктрина как среда формирования и развития исламской модели бухгалтерского учета / В.В. Евдокимов, Д.А. Грицишен // Международный бухгалтерский учет. – 2012. -№29. - С.57-64.
6. Ибрагим Сеид. Аль-Хорезми – отец алгебры. [Эленктронный ресурс]. URL: http://www. Islam.plus (дата обращения: 10.12.2019).
7. Исламская модель: причины кризиса, учет. //Арсенал бизнес решений. [Электронный ресурс]. URL: http://www.arbir.ru/miscellany (дата обращения: 10.12.2019).
9. Муса аль-Хорезми. [Электронный ресурс].URL: http:// www.safarisilkroad.com (дата обращения: 10.12.2019).
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
11. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: Пер. с англ. / Под ред. проф. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 2000. – 576 с.

12. Lieber A.E. Eastern Business Practices and Medieval European Commerce // EconomicHistory Review. – 1968. – № 2. – p. 230-243.
13. Selim Cafer Karatas. Economic Theory of Ibn Khaldun and Rise and Fall of Nations / Cafer Karatas Selim. [Электронный ресурс]. URL: - http://www.bilgesam.org (дата обращения: 10.12.2019).

## ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ОЛАМИ ИСЛОМ

Дар мақола масъалаҳои пайдоиш ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ баррасӣ мешаванд. Масъалаҳои мазкур дар қаринӣ бо масъалаҳои пайдошавӣ ва рушди баҳисобгирии муҳосибии ҷаҳонӣ таҳқиқ мешаванд. Сарчашмаҳо ва заминаҳои бунёд ва рушди баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар даврони асрҳои миёна таҳқиқ шудаанд, ба саҳми олимони дар он замон машҳур – намояндагони миллати тоҷик баҳо дода шудааст. Хусусияти асарҳои муҳаққиқони масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии асримиёнагӣ аз олами ислом ин аст, ки онҳо умумӣ мебошанд, дар онҳо масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ якҷоя бо масъалаҳои дигари рушди ҷамъияти инсонӣ – дин, фарҳанг, фалсафа ва илмҳои дигар баррасӣ мешаванд. Хулосаҳои бодалеле таҳия карда шудаанд, ки таҷрибаи исломии пешбурди савдо ва баҳисобгирӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибии баъдтар дар мамлакатҳои аврупоӣ пайдошуда асос гузоштааст. Тасдиқ карда мешавад, ки тарзҳои муомила ба баҳисобгирӣ, ки то ин дам мавҷуд мебошанд, нотавонии худро нишон доданд ва ин боиси баландшавии рағбат ба дигар тарзҳои муомила ва амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ гардид. Ин аз ҷумла ба низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дахл дорад. Рағбат ба низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ пеш аз ҳама бо афзуншавии таъсири ислом ба иқтисодиёти аксар мамлакатҳои ҷаҳон алоқаманд аст. Дар мақола инчунин равандҳои дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон руҳдодаи амалисозии хизматрасониҳои молиявии исломӣ таҳлил карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, навишти дутарафа, ҳисобҳо, асолати шарқии илми баҳисобгирӣ, олами ислом, ақидаҳои иқтисодии исломӣ, таълимоти ҳанафӣ, иқтисодиёти исломӣ, баҳисобгирии муҳосибии исломӣ, бонкҳои исломӣ.

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ И РАЗВИТИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ИСЛАМСКОМ МИРЕ

В статье рассматриваются вопросы возникновения и развития исламской системы бухгалтерского учета. Данные вопросы исследуются в контексте с вопросами возникновения и развития мирового бухгалтерского учета. Исследованы истоки и предпосылки формирования и развития исламского бухгалтерского учета в эпоху средневековья, дана оценка вкладу знаменитых в ту эпоху ученых – представителей таджикской нации. Особенностью трудов исследователей вопросов бухгалтерского учета из исламского мира эпохи средневековья является то, что они имеют универсальный характер, вопросы бухгалтерского учета рассматриваются совместно с другими вопросами развития человеческого общества – религии, культуры, философии и другие науки. Сформулированы аргументированные выводы о том, что исламский опыт ведения торговых дел и учета лег в основу возникшей несколькими веками позже системы бухгалтерского учета в европейских странах. Подтверждается, что существующие традиционные подходы к учету показали свою несостоятельность, и это привело к повышению интереса к альтернативным подходам и моделям бухгалтерского учета. Это касается, в том числе, и исламской системы бухгалтерского учета. Интерес к исламской системе бухгалтерского учета связан, в первую очередь, с возрастанием влияния ислама на экономику большинства стран мира. В статье также анализированы происходящие в последние годы процессы реализации исламских финансовых услуг в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, двойная запись, счета, восточная природа бухгалтерской науки, исламский мир, исламские экономические взгляды, ханафитское учение, исламская экономика, исламский бухгалтерский учет, исламские банки.

## THE ORIGIN AND DEVELOPMENT OF ACCOUNTING IN THE ISLAMIC WORLD

The article discusses the emergence and development of the Islamic accounting system. These issues are explored in the context of the emergence and development of world accounting. The origins and prerequisites of the formation and development of Islamic accounting in the Middle Ages are investigated, the contribution of the famous scientists of that era, representatives of the Tajik nation, is evaluated. A feature of the work of researchers of accounting issues from the Islamic world of the Middle Ages is that they are universal, accounting issues are considered together with other issues of the development of human society - religion, culture, philosophy and other sciences. The reasoned conclusions are formulated that the Islamic experience of conducting business and accounting formed the basis of the accounting system that arose several centuries later in European countries. It is confirmed that the existing traditional approaches to accounting have shown their insolvency, and this has led to increased interest in alternative approaches and accounting models. This also applies to the Islamic accounting sister. Interest in the Islamic accounting system is associated primarily with the growing influence of Islam on the economy of most countries of the world. The article also analyzes the processes of the implementation of Islamic financial services in the Republic of Tajikistan in recent years.

**Keywords:** accounting, double entry, accounts, eastern nature of accounting science, Islamic world, Islamic economic views, Hanafi teachings, Islamic economics, Islamic accounting, Islamic banks.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Каримов Баҳодур Ҳасанович*** – Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-90-82-10**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-16-98-64**

***Каримов Баходур Хасанович*** – Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-90-82-10**

**Information about the authors:** ***KhushvakhtzodaKobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@ mail.ru**. Phone: **(+992) 919-16-98-64**
***Karimov Bahodur Hasanovich*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting, analysis and audit. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-90-82-10**

**УДК 332.146.2**

# НАЗАРИЯИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА ВА САМТҲОИ ТАНЗИМИ МАКРОИҚТИСОДИИ ОН

***Бойматов А.А., Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Дар марҳилаи хотимавии давраи гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ масъалаҳои рушди устувори минтақаҳои мамлакат ранги дигар мегиранд. Дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон ба инкишофи иқтисодиёту иҷтимоиёти минтақа ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми он аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст [10,с.7].

Дар аввал бояд мафҳуми «минтақа»-ро, ки то ҳол амиқ муқаррар нагардидааст ва дар адабиёти илмӣ муҳаққиқон онро ба таври гуногун талқин медиҳанд, муайян намуда, аз ҷиҳати назария ва методологияи муосир асоснок намудан лозим аст.

Минтақа – «ҳудудест, ки сарҳадҳои ҷудокардашудаи маъмурӣ дошта, дар доираи онҳо равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии таъмини зисти аҳолӣ такрористеҳсол карда шуда, асоси ин равандҳо дар мавқеи минтақа дохили системаи тақсимоти ҳудудӣ ва ҷамъиятии меҳнат зоҳир мегардад”[7,с.12].

Минтақаро ҳамчун ҳудуде, ки имконияти худинкишоф дошта, ки барои ин захираҳои зарурӣ кофӣ аст, онро қисми маҷмааи иқтисодиёти мамлакат мешуморанд, муайян кардан мумкин аст [1,с.8]. Аммо дар ҳаёти ҳақиқии иқтисодии мамлакат минтақаҳое ҳастанд, ки чунин имконият надоранд ва дар айни ҳол онҳоро «минтақаи муаммоӣ» меноманд, рушди чунин ҳудудҳо аз буҷети давлат вобастагӣ дорад.

Тавсифи мафҳуми «минтақа» ҳамчун ҳудуди хоҷагӣ, ки дар дохили он масъалаҳои мутобиқгардонии принсипҳои ташкили фаъолияти соҳаҳо бо манфиатҳои рушди иқтисодиёти минтақа, махсусгардонӣ ва кооператсия бо мақсади истеҳсоли маҳсулот ва хидмат барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор ҳаллу фасли худро меёбанд [2,с.21].

Ба назари мо, чунин тавсифи мафҳуми «минтақа» бо рушди соҳаи мушаххаси истеҳсолӣ бо имконияти махсусгардонии он ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молҳои гуногун, дар натиҷаи ин зиёдгардонии пешниҳоди онҳо дар бозор вобаста аст.

Ба фикри аксарияти олимони минтақашинос, аз он ҷумла, муаллифони мақола, мафҳуми минтақаро бештар мафҳуми абстрактӣ мешуморанд. Аз ин лиҳоз, чунин мафҳум ба мушаххасгардонии ҷиҳатҳои хоси ҳудуд зарурият дорад ва онро ба намудҳои муайян ҷудо кардан лозим аст. Минтақа ин мафҳуми типологӣ (яъне шаклан муқарраршудаи ҳудуд) буда, якчанд ҷиҳатҳои фарққунанда дорад, таркиби он бо якдигар зич алоқаманд буда, ба он хусусияти якпорчагӣ хос мебахшад.

Ҳамин тавр, фикр мекунем, ки минтақа ин ҳудуди маъмурӣ буда, дар он хусусиятҳои хоси бо шароити табиӣ-иқлимӣ, анъанаҳо, расму оинҳои истеъмол ва тарзи ҳаёт алоқаманд тасвир ёфтаанд [3,с.14].

Дар солҳои охири асри XX ва аввали асри XXI бо болоравии талаботи ҷомеа ба ҳалли муаммоҳои нигоҳ доштани муҳити зист ва таъмини насли имрӯзаю фардо бо неъматҳои моддию маънавӣ ва захираҳои табиӣ алоқаманд, таҳаввули назарияи рушди устувор ба назар мерасад. Рушди устуворро на фақат давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда, балки кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ ҳадафи худ қарор додаанд. Барои ин дар ҳукуматҳои ин кишварҳо Шӯроҳо ё комиссияҳои махсус оид ба рушди устувор таъсис дода шудаанд ва барномаҳои миллии гузариш ба рушди устувор ба тасвиб расидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун кишвари рӯ ба тараққӣ, бо назардошти мавқеи ҷуғрофии он дар Осиёи Марказӣ, иқтидори захираҳои обию энергетикӣ ва дигар

захираҳои табиӣ-иқтисодӣ, ба ҳалли муаммоҳо дар раванди таъмини рушди устувор аҳамияти махсус медиҳанд. Қадами нахустин дар роҳи ҳалли онҳо дар сатҳи давлатӣ ин таҳия ва тасдиқи Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор мебошад [4,с.5].

Дар тадқиқотҳои олимони асри гузашта таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқи масъалаҳои устувории низомҳои иқтисодӣ равона карда шудааст. Онҳо назарияи мувозинати бозориро дар шароити рақобати комил таҳлил карда, ба чунин хулоса омаданд, ки устуворӣ дар рушди бозор аз равандҳои иқтисодии дар дигар марҳилаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ рухдиҳанда вобастаанд. Моҳияти ҷанбаи сиёсию иқтисодӣ ва муаммои онҳо ошкор карда шуд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки устувории низоми иқтисодӣ бештар бо устувории муносибатҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Масъалаҳои устувории рушд баъдан дар доираи назарияи бунёдӣ ва пеш аз ҳама, назарияи ташкилӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои зикршуда хулосаҳои муҳимтарин бароварда шуданд, ки заминаи ташаккули назарияи муосири устувории рушди иҷтимоию иқтисодиро ташкил доданд [5,с.19].

Таҳаввули ташаккули мафҳуми «рушди устувор» ба маънои муосири он якчанд марҳиларо фаро мегирад. Миёнаи қарни ХХ марҳилаи пайдоиши мафҳуми «рушди устувор» ҳисобида мешавад, ки он бо кӯшиши аксарияти кишварҳо дар таъмини рушди худ бо расонидани зарари камтарин ба муҳити табиӣ алоқаманд аст. Дар заминаи ин ғоя консепсияи «инкишоф бидуни харобкунӣ» дар доираи барномаи СММ оид ба ҳифзи муҳити атроф ташаккул ёфт. Дар натиҷа, дар заминаи консепсияи «инкишоф бидуни харобкунӣ» консепсияи мукаммалтари «рушди экологӣ» тарҳрезӣ карда шуд. Мазмуни асосии он интихоби чунин қолаби рушди иҷтимоию иқтисодӣ буд, ки ба кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити атроф мусоидат намояд.

Таҳкими раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва мубоизаи рақобатноки байни кишварҳо барои ҳукмфармоӣ дар даҳсолаҳои охири асри ХХ зарурати таҳияи Консепсияи навро оид ба таъмини рушди пурдавоми устувор, ки ба пурратар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти наслҳои ҳозира ва оянда, таъмини ҳаёти сазовори онҳо мусоидат менамояд, пеш овардaнд.

Марҳилаи дуюм бо афзудани ҳавасмандӣ нисбати мафҳуми «рушди устувор» бо нашри нахустин маърӯзаи Комиссияи байналмилалии СММ «Ояндаи умумии мо» тавсиф карда мешавад [6,с.7]. Дар он натиҷаҳои таҳқиқи вазъи муҳити табиии атроф ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо зикр гардида, самтҳои рушди устувор муайян карда шудаанд. Дар маърӯзаи навбатии комиссия [8,с.4] мазмуни мукаммалтар ба мафҳуми «рушди устувор» дода мешавад ва он чунин рушди давлатҳои дунёро мефаҳмонад, ки эҳтиёҷоти аҳолии кунуниро қонеъ мегардонад ва ҳамзамон қобилияти наслҳои ояндаро дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ зери таҳдид қарор намедиҳад. Маънои чунин равиш ба фаҳмиши рушди устувор дар он аст, ки захираҳои маҳдуди ҳаётӣ ҳоло начандон оқилона ва самаранок истифода карда шуда истодааст. Ҳамзамон вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки ба муҳити табиӣ зарари камтарин расонида шавад, таҳдид ба имкониятҳои пурра қонеъ гардонидани наслҳои оянда кам карда шавад.

Ба марҳилаи сеюм талқини амиқтари мафҳуми «рушди устувор» хос мебошад, ки он ҳамчун устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо қобилияти вазифаҳои худро нигоҳ доштани он дар ҳолати тағйир ёфтани нишондиҳандаҳои дохилинизомӣ ё муҳити беруна баррасӣ карда мешавад.

Мафҳуми «рушди устувор» гуногунҷабҳа буда, дар муаммоҳои муҳимтарини ҷаҳонӣ инъикос ёфтааст, аз он ҷумла:

Аввалан, рушди устувор чунин навъи рушди давлат мебошад, ки хароҷоти иловагӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ дар раванди такрористеҳсолӣ, васеъ ва ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилаи мамлакатро ба зимаи наслҳоиояндаи ҷамъият намегузорад.

Дуюм, рушди устувор ичунин навъи рушдест, ки раванди мунтазам ва мураттаби такрористеҳсоли муқаррарӣ ё вусъатноки такрористеҳсоли арзишҳои моддӣ ва иқтидори истеҳсоливу иқтисодиро барои дурнамо таъмин менамояд.

Сеюм, рушди устувор чунин як рушдест, ки оқибатҳои манфии фалокатҳои табиию иқтисодиро то ҳадди ақал расонида, таъсироти берунаро байни наслҳои ҷамъият ба ҳадди имкон кам менамояд.

Чорум, рушди устувор чунин як рушдест, ки мутобиқи он башарият бояд такрористеҳсоли муқаррариро аз ҳисоби фоизҳо аз сармояи табиӣ бидуни ҷалб кардани худи он таъмин намояд.

Дар замони муосир дуруст муайян кардани мафҳуми «рушди устувори минтақа», ошкор намудани моҳияти хоҷагии минтақавӣ ва ҳодисаҳою равандҳое, ки дар он ҷой

доранд, илова ба назарияи рушди устувор гардид. Дар аввал хоҷагии минтақавиро ҳамчун қисми таркибии иқтисодиёти миллӣ бояд шуморид. Онро дар қаламрави маъмурӣ, ки ҳудудаш аниқ ва бо иқлиму табиаташ ҷиҳатҳои хоси фарққунанда дорад, муайян кардан лозим аст. Хоҷагии минтақавӣ ҳамчун зернизом буда, дар ҳудуди низомҳои миллию умумии ҳуқуқ, пулу молия, буҷети давлатӣ ва ғайра амал мекунад [9,с.16].

Ҳангоми муайян кардани устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми мураккаб, як қатор равишҳо истифода бурда мешаванд. Аз ҷумлаи онҳо:

Равиши якум, ки мутобиқи он устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо амният, субот, боэътимодӣ ва устувории низом алоқаманд карда мешавад. Пайравони чунин равиш қайд мекунанд, ки устувории иқтисодиёти миллӣ дар асоси маҳакҳои бехатарӣ, субот, қобилияти он дар таҷдиди мунтазам ва такомул муайян карда мешавад. Устувории кишвар ҳамчун низоми ягона маънои пойдорӣ ва эътимоднокии унсурҳои он, робитаҳои иқтисодӣ ва ташкилии байни онҳо, қобилияти бардошт кардани вазниниҳои дохиливу берунаро дорад. Дар муқобили он бехатарӣ, эътимоднокӣ, пойдорӣ ҳамчун шарт ва сифати устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, эътимоднокӣ ва пойдорӣ бештар ба низомҳои техникӣ хос мебошад.

Пайравони равиши дуюм дар фаҳмиши устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун суботи мушаххасот дар давоми давраи муайяни вақт асос меёбад, устуворӣ ин «шарти зарурист, ки дар он низом баъди ҳама гуна бехудӣ» бояд ба ҳолати мувозинат баргардад ё устувории низом ин қобилияти нисбатан бетағйир боқӣ мондан, бар хилофи туғёнҳои дохилӣ ва беруна мебошад. Ба сифати далели ҷавобии мухолифони ин равиш хусусияти худташкилшавии низоми иҷтимоию иқтисодиро пеш мегузоранд. Механизми табаддулоти низом ва вазифаҳои худро иҷро кардани он тавре ба роҳ монда шудааст, ки фаъол мондан ва босубот будани низомро таъмин мекунад ва онро ба мақсад наздик менамояд. Ин ба вуқӯъ омадани ихтилофҳоро дар худи низом истисно намекунад, зеро мушаххасоти он дар ҷараёни рушд ва фаъолияти низом мунтазам тағйир меёбанд.

Равиши сеюм устувориро ҳамчун қобилияти нигоҳ доштани мувозинати таҳаррукӣ баррасӣ менамояд. Тибқи ин нуқтаи назар, устувории иқтисодии низоми хоҷагии минтақа ҳамчун хусусияти ҳамгироишудаи низом дар нигоҳ доштани мувозинати таҳаррукӣ, дар сурати тағйир ёфтани мушаххасоти муҳити беруна ва дохилӣ дар доираи матлуб баррасӣ карда мешавад. Вале ҳамзамон, мувозинати таҳаррукӣ ин чунин ҳолати суботи низоми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки зери таъсири қувваҳои баробари ба ҳам муқобил ташаккул меёбад. Агар вазъи мувозинати бозориро ба инобат гирем, он дар асоси баҳисобгирии таъсири бисёр омилҳо ба талабот ва таклифот сурат мегирад. Азбаски низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба навъҳои кушода мансуб аст, дар он мувозинати таҳаррукӣ танҳо дар муддати муайяни вақт тариқи бемувозинатӣ ва таъсири қувваҳои гуногунсамт ба даст оварда мешаванд [11,с.165].

Ҳангоми маънидод кардани мафҳуми «устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ» таваҷҷӯҳи асосӣ бояд ба қобилияти босубот фаъолият намудани низом, инкишоф ёфтани он, нигоҳ доштани тамоюлоти асосии инкишоф равона карда шавад. Сухан дар бораи диалектикаи тағйироти дохилӣ ва берунаи он, гузариши низом аз як ҳолати устувор ба ҳолати дигар меравад. Мутобиқан, асоси устувории низоми иқтисодӣ субот ва пешрафти муносибатҳои иқтисодии дар ҷомеа ҳукмфармобуда мебошад ва такмили онҳо шартҳои пешакии рушди дарозмуддати низоми иқтисодиро эҷод мекунад. Дар чунин низом механизмҳои истиқрори макроиқтисодӣ ва мувозинат, худтанзимкунии мушаххасоти асосии низом, ки дар сатҳи баланд ба ҳалли ихтилофҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мусоидат менамоянд, самаранок амал мекунанд.

Дар тасаввуроти аввал мафҳуми «устуворӣ» вазъияти иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии минтақа ё ҳудуди алоҳидаро вобаста ба қувваҳои берунаи ба он таъсиркунанда тавсиф менамояд. Агар вазъи иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии минтақа дар сурати таъсири баробари беруна ва пешравиҳои дохилӣ аз ҳолати пешина начандон зиёд каҷравӣ шуда бошад, ин аз устувории вазъият дарак медиҳад. Устуворӣ ин шакли зоҳирии ташаккули сохтори дохилии иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоии минтақа мебошад. Ба ибораи дигар, азбаски шарти устувор будан нисбати таъсироти беруна хусусиятҳои дохилии худи низом мебошад, барои рушди устуворӣ сохтори таркибии дохилии низом бояд такмил дода шавад.

Чунин равиш ба идоракунӣ ва рушди иқтисодиёт, инчунин ба соҳаи иҷтимоии минтақа ё ҳудуди алоҳида ҳангоми таҳияи як қатор консепсияҳои рушди устувор истифода бурда шуд. Дар он бори нахуст таваҷҷӯҳ ба робитаҳои мураккаби байни категорияҳои «устуворӣ» ва «инкишоф» зоҳир карда шуд, ки онҳоро якҷоя истифода мебаранд, вале дар муқобили якдигар намегузоранд.

Тамоюлоти муосир ба назарияи устувории иқтисодӣ тариқи неоинститутсионализм замина мегузоранд. Нақши муассисаҳо дар кам кардани номуайянӣ тариқи барпо намудани робитаҳои устувори байни намояндагони иқтисодии низоми бозории иқтисодӣ ва амалҳои мутақобилаи онҳо дар асоси риояи қатъии «қоидаҳои бозӣ» ифода меёбад. Маҳз муҳити бунёдӣ заминаҳои устувории рушди иқтисодиро барпо мекунад, ки аз ин ҷо хулосаи марбут ба сарчашмаҳои бунёдии устувории иқтисодӣ нисбати ҳама гуна сатҳи низоми иқтисодӣ бармеояд. Вале, ҳамзамон, назарияи устувории рушди иқтисодӣ таъсири аксуламалро ба ақидаҳои намояндагони неоинститутсионализм мерасонад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки суботи муассисаҳои иқтисодӣ на танҳо ҳамчун омили муҳимтарин, балки боз ҳамчун омили устувории низоми иқтисодӣ умуман баррасӣ карда шавад.

Вақте сухан дар бораи устувории иқтисодиёт меравад, аксар вақт устувории бозори дохилӣ фаҳмида мешавад, зеро вазъияти бозорӣ ё пешомади бозор аз бисёр ҷиҳат пешомади иқтисодии кишварро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, дар самти устуворгардонии низоми иқтисодӣ тарзу усулҳои танзими онро бо истифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва пеш аз ҳама маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва соҳаҳои истеҳсолӣ, тамоюли инкишофи инфрасохтори бозор, ки ба шуғли аҳолӣ ва даромади он, инчунин, ба пешниҳоди мол ба бозор таъсир мерасонанд, мегузаронанд.

Дар низоми иқтисоди бозорӣ аввалан механизмҳои танзими мувозинати умумии талаботу таклифоти молҳоро дар бозори дохила бештар истифода мебаранд. Дуввум, механизми бозорӣ, ки мушаххасоти асосии низоми иқтисоди бозорӣ ҳисоб меёбад, вазифаи худтанзимкуниро самаранок бояд адо намояд, дар сатҳи баланд ба ҳалли ихтилофҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мусоидат намояд.

Танзими мувозинати умумии талаботу таклифоти молҳоро дар бозори минтақа ё ҳудуди алоҳида, ки устувории низоми иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамояд, вобаста ба қувваҳои берунаи ба он таъсиркунанда тавсиф менамояд.

Таҳлили назариявии мувозинати умумии талаботу таклифоти молҳо дар бозори минтақа ба мо имкон медиҳад, ки устувориро аз нуқтаи назари методологияи муосир ҳам ба таври зайл маънидод намоем:

1. Устуворӣ ин хусусияти низоми иқтисодӣ буда, аз рӯйи мувозинати нархии талабот ва таклифот ҳамчун натиҷаи амали механизми бозорӣ зоҳир мегардад.

2. Таносуби талаботу таклифот чун нишондиҳандаи вазъияти бозор ва муносибатҳои байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда амалишаванда, ки ба сифати агентҳои бозорӣ баромад менамоянд, инъикос меёбад ва барои тағйир додани он, онҳо манфиатдор нестанд.

3. Ҳолати бозор дар шароити амал намудани қувваҳои рақобати боадолат, ки тибқи он як фурӯшанда (ё харидор) ё гурӯҳи онҳо, ҳамчун унсурҳои бозории ба ҳам амали мутақобиладошта, ки ба нарху вазъи бозор бо мақсади таҳким додани мавқеъҳои худ таъсир расонида наметавонанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили назариявии мафҳумҳои манзуршудаи "рушди устувор" дар адабиёти классикӣ ва муосир овардашуда, ба мо имкон медиҳад, ки ба се заминаи муайянкунандаи онҳо баҳо диҳем:

1. Қисми экологии мафҳуми «рушди устувор». Ин ҷо таваҷҷуҳ ба мувозинати ҳифзи муҳити атроф ва истифодаи оқилонаи табиат бо назардошти манфиатҳои наслҳои имрӯза ва оянда зоҳир карда мешавад. Ҳамзамон, таъсири раванди такрористеҳсол ба муҳити атроф дар доираи ҳаҷми хоҷагии биосфера боқӣ мемонад, ташаккули муносибати оқилона ва ахлоқии инсон ба табиат ва ҷомеа бошад, ҳадафи асосии беҳтар кардани вазъияти экологии ҳудуд мегардад. Рушди устувори экологӣ андешидани тадбирҳоро дар доираи барномаҳои экологӣ оид ба кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба атмосфера аз манбаъҳои номутаҳаррик ва сайёр ва қабл аз ҳама, аз корхонаҳои саноатӣ, баланд кардани сатҳи тозакунии партовобҳо, ташкили низоми боэътимоди мониторинги вазъи муҳити атроф пешбинӣ менамояд. Некуаҳволии экологӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳаҷми сармоягузориҳое, ки ба татбиқу истифодаи васеи технологияҳои сарфаҷӯи захираҳо дар соҳаҳои пешбари иқтисодиёти минтақавӣ равона карда шудаанд, вобастагӣ дорад. Барои муҳайё кардани муҳити мусоиди фаъолияти ҳаётии устувори одамони дар ин ҳудуд сукунатдошта таъсис додани иқтидорҳои нав ва васеъ кардани иқтидорҳои мавҷудаи корхонаҳои коркард ва истифодаи партовҳо, баланд кардани сатҳи кабудизоркунии минтақа ва ободонии он зарур мебошад.

2. Қисми иқтисодии мафҳуми «рушди устувор». Ҳангоми муайян кардани мафҳуми «рушди устувор» қисми таркибии иқтисодӣ аз ҳама бештар истифода бурда мешавад. Ташкили иқтисодиёти ба ҷамъият нигаронидашуда, ки дар истифодаи оқилонаи заминаи захиравӣ ва имконияти бетаҳдиди наслҳои оянда дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ ё

ҳамчун рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ботавозуни ҷомеаи башар, ки муҳити табиии атрофро вайрон намекунад ва раванди муттасили пешрафти ҷомеаро таъмин менамояд, асос ёфтааст.

3. Қисми иҷтимоии мафҳуми «рушди устувор». Мафҳуми устувории рушди иҷтимоӣ бо қонеъ гардонидани натиҷаҳои ниҳоии такрористеҳсол – эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии аҳолӣ алоқаманд гардонида мешавад. Ба ин мазмун, назарияи рушди устувор дар қонунҳои объективии иқтисодии истеҳсоли молӣ ва баланд кардани эҳтиёҷот асос меёбад. Мутобиқан, устувории такрористеҳсол дар шароити амали принсипҳои бозорӣ, ки раванди муттасил маҳсуб мешавад, дар шакли низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки суботи соҳаи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиро бо хароҷоти ҳадди ақал ва бехатарии экологиро дастгирӣ менамояд, баррасӣ карда мешавад ва он ба пурратар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии аҳолии кишвар ва минтақаҳои он мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Байматов А.А. Региональная политика устойчивого социально-экономического развития региона // Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2017. -№1(38). -С.160-164.
2. Бойматов А.А., Ҳошимов Ҳ.Ҳ. Танзими гумрукии иқтисоди минтақа: муаммоҳо ва хусусиятҳои давраи гузариш. Монография. -Хуҷанд, 2014. -180 с.
3. Брутланд Г.Х. Наше общее будущее. Доклад комиссии ООН по окружающей среде 1987г. -М.: Прогресс, 1988. – С. 50.
4. Гутман Г.В. и др. Управление региональной экономикой – М. Финансы и статистика, 2001. -244 с.
5. Доклад Международной комиссии ООН по окружающей среде и развитию. – М.: Прогресс, 1992. – 42 с.
6. Зябирова С.Ф. Формирование механизма выравнивания региональной социально-экономической дифференциации. - Чебоксары, 2012. -28с.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10.2007, № 500.
8. Пулатова И.Р. Доминантные составляющие развития промышленной подсистемы региональной экономики. -Худжанд: Хуросон, 2012. -234 с.
9. Пчелинцев, О.С. Региональная экономика в системе устойчивого развития /О.С. Пчелинцев. -М.: Наука, 2004. - 258 с.
10. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то солҳои 2030.
11. Формирование стратегии устойчивого развития региональной экономики. Коллективная монография. – Душанбе: Ирфон, 2014. -221с.


## НАЗАРИЯИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА ВА САМТҲОИ ТАНЗИМИ МАКРОИҚТИСОДИИ ОН


Дар мақола масъалаҳои рушди устувори минтақа ва роҳҳои ҳалли онҳо дар марҳилаи хотимавии давраи гузариши мамлакат дар низоми иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудааст. Натиҷаҳои таҳлили назариявии мафҳуми «минтақа» хусусияти абстрактӣ ва методӣ будани онро нишон медиҳад. Мафҳуми «рушди устувор» самтҳои экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро дар бар гирифта, моҳияти он дар эҳтиёткорона муносибат намудан бо захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ва нигоҳ доштани онҳо барои наслҳои оянда мебошад. Ҳамчунин иқтидори бойи захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ки барои ҳалли муаммоҳои таъмини рушди устувор кофӣ мебошад. Ба ҳар як марҳилаи раванди ташаккули шароити рушди устувор, асоснокии он ва баҳодиҳӣ бо назардошти ҷиҳатҳои назариявие, ки дар амалия истифода бурда мешаванд, тавсиф дода шудааст. Ҳангоми муайян кардани устувории низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми мураккаб ба як қатор равишҳои назариявие, ки дар амал истифода бурда мешаванд, баҳогузорӣ карда шудааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус ба механизми худтанзимкунанда равона карда шудааст, ки таъминкунандаи мувозинати талаботу таклифоти мол дар бозори дохилӣ мебошад. Натиҷаи таҳлили назариявии мувозинати умумии талабот ва захираҳо боиси зарурати асоснокии методологии раванди танзими рушди устувор бо роҳи истифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии минтақавӣ ва омилҳое, ки ба таклифоти бозории мол таъсир мерасонанд, гардидаст. Дар хулоса се раванди рушди устувор тавсиф шуда, онҳо баҳогузорӣ гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** минтақа, рушди устувор, равишҳои назариявӣ, марҳилаҳои гузариш, механизмҳои танзим, иқтисодиёти минтақавӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, низоми иқтисодӣ, баҳогузорӣ.


## ТЕОРИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА И НАПРАВЛЕНИЯ ЕГО МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ


В статье рассмотрены проблемы устойчивого развития и пути их решения на заключительном этапе перехода страны на рыночную экономическую систему. Результаты теоретического анализа понятия «регион» показали его абстрактность и методическую направленность. Понятие «устойчивое развитие» охватывает экологическую, экономическую и социальную составляющую, сущность которой состоит в бережном отношении к природно-экономическим ресурсам и их сохранении для будущего поколения. Показывается, что Таджикистан имеет водно-энергетические ресурсы, достаточные для решения проблем обеспечения устойчивого развития. Даётся характеристика каждому этапу процесса формирования условий устойчивого развития, его обоснование и оценка с учетом сложившихся теоретических направлений, используемых в практической деятельности. При определении устойчивости социально-экономической системы даётся оценка ряду теоретических направлений, используемых на практике. В условиях рыночной экономики особое внимание уделяется саморегулирующему механизму, обеспечивавшему равновесие спроса и предложения товаров на внутреннем рынке. Результаты теоретического анализа общего равновесия потребностей и ресурсов обуславливают необходимость методологического обоснования процесса регулирования устойчивого развития, путем использования макроэкономических показателей региона и факторов, влияющих на рыночное предложение товаров. В заключение охарактеризованы три составляющих процесса устойчивого развития и даётся их оценка.

**Ключевые слова:** регион, устойчивое развитие, теоретические направления, этапы перехода, регулирующие механизмы, региональная экономика, макроэкономические показатели, экономическая система, оценка.

**THEORY OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION AND DIRECTIONS OF ITS MACROECONOMIC REGULATION**

The article discusses the problems of sustainable development and ways to solve them at the final stage of the country's transition to a market economic system. The results of the theoretical analysis of the concept of "region" showed its abstractness and methodological orientation. The concept of "sustainable development" encompasses the ecological, economic and social component, the essence of which is the careful attitude to natural and economic resources and their preservation for the future generation. It is shown that Tajikistan has water and energy resources sufficient to solve the problems of sustainable development. A characteristic is given to each stage of the process of formation of conditions for sustainable development, its substantiation and assessment, taking into account the existing theoretical directions used in practice. When determining the stability of the socio-economic system, an assessment is made of a number of theoretical directions used in practice. In a market economy, special attention is paid to the self-regulatory mechanism that ensured the equilibrium of demand and supply of goods in the domestic market. The results of the theoretical analysis of the general equilibrium of needs and resources necessitate a methodological substantiation of the process of regulation of sustainable development, by using the macroeconomic indicators of the region and factors affecting the market supply of goods. In conclusion, the authors have characterized and assessed three components of the sustainable development process.

**Keywords:** region, sustainable development, characteristics of the ecological, economic and social components, theoretical directions, stages of transition, regulatory mechanisms, regional economy, macroeconomic indicators, demand and supply of goods, regional market equilibrium, economic system, assessment.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бойматов Алиҷон Азизович*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақа. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрорайони 17, хонаи 1. E-mail: **alijon45@ mail.ru.** Телефон: **92-725-66-76**
***Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ 169. E-mail: **Homid_@mail.ru**. Телефон: **92-766-06-29**

**Сведения об авторах:** ***Байматов Алиджон Азизович*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятий и региона. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **alijon45@ mail.ru.** Телефон: **92-725-66-76**
***Хошимзода Хомид Хасан*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, директор, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони 169. E-mail: **Homid_@mail.ru** Телефон: **92-766-06-29**

**Information about the authors:** ***Baimatov Alijon Azizovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics of Enterprises and the Region. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 Microdistrict, building 1. E-mail**: alijon45 @ mail.ru.** Phone: **92-725-66-76**
***Khoshimzoda Khomid Hasan*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Director, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, I. Somoni 169. E-mail: **Homid_@mail.ru.** Phone: **92-766-06-29**

**УДК: 338.436.33**

# ТАҶРИБАИ ТАНЗИМИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ТАРАҚҚИЁФТА

***Назарзода Алишер Сафар***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар бисёр давлатҳои тараққикарда хоҷагии қишлоқ яке аз самтҳои асосии пешрафти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани принсип, вазифа, механизм ва роҳҳои самарабахши комплекси агросаноатӣ (КАС) омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дар ин ҷода муваффақ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон соҳаи аграрӣ ба бахшҳои муҳимми ташаккули иқтисодӣ ва некуаҳволии халқ табдил ёфт. Дар ин асос, иштироки фаъоли давлат дар ҷараёни истеҳсолоти хоҷагии халқ ва раванди таҳлилу баррасии он барои рушди босуботи иқтисодии минтақаҳои гуногун замина фароҳам меорад, ки ин равандро дар аксари давлатҳои мутараққӣ мушоҳида намоем. Фермер, тоҷир, истеҳсолгарони соҳаи хоҷагии қишлоқ дар ҳама маврид кори худро дар асоси нақшаву барномаҳои давлатӣ, сиёсати дурандешонаи Ҳукумат дар ҷодаи истеҳсолот роҳандозӣ менамоянд. Дар баробари ин чораҳои андешидаи давлат оид ба нигаҳдошти тавозуни талаботу пешниҳод, ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ ва гузаронидани ислоҳоти сохториву иҷтимоӣ дар деҳот дорои хусусияти иқтисодиву ғайриқтисодӣ ва маъмурӣ мебошад.

Чуноне Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Соли 2019 суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 7,5%-ро ташкил намуд ва ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,4%, маҳсулоти кишоварзӣ 7,1%, гардиши савдо 8% ва хизматрасониҳои пулакӣ 1,6% таъмин карда шуд [6,с.3].

Нақши муҳимро дар низоми танзими давлатӣ нигоҳ доштани сатҳи зарурии нарх ва тавозуни нархӣ мебозад, ки маҳз таъмин нанамудани мувозинати механизми нархгузорӣ аксаран боиси оқибатҳои бади иқтисодӣ гардида, ин равандро ҷаҳони муосир борҳо паси сар намудааст. Хатарнок будани низоми нархӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолот, амри воқеӣ ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ин гуфтаҳо чораҳои зарурии давлатӣ, аз як тараф, барои таъмини раванди бонизоми ҷараёни истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва, аз тарафи дигар, барои рафъи ҳолатҳои бекурбшавии асъор ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон равона мегардад.

Воқеан, дар бисёр давлатҳои пешрафтаи дунё қисми бештари хароҷоти давлатӣ дар сиёсати аграрӣ, махсусан, барои нигоҳ доштани нарх рост меояд. Ин омил аз сиёсати дурандешонаи бисёр давлатҳои мутараққӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, имрӯзҳо то дараҷаи муайян дастгирии давлатӣ дар самти кумаки бевосита (кумаки дорои хусусияти истеҳсолӣ) дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бештар ба дастгирии танзими нархгузорӣ нигаронида мешавад, ки дар ин давраи рушди соҳаи мазкур дар давлатҳои Ғарб бозори бисёре аз молу маҳсулот аз фаровонӣ дарак дода, зарурати ҳавасмандгардонӣ дар истеҳсолот аз байн рафта истодааст. Мақсади асосии батанзимдарории бозор ва афзунгардонии даромади фермерҳо, ҳалли бисёр масоили мубрами соҳа ба он алоқаманд аст, ин нигаҳдошти даромади муносиби мардуми деҳот дар муқоиса ба шаҳрнишинон мебошад.

Аз таҳлилу баррасии танзими нахгузории фарогири нархгузориҳои фермерӣ, яклухт ва чакана метавон чанд мақсади муҳимми ин соҳаро ҷудо намуд:

а) батанзимдарории нарх бо дарназардошти тағйирёбии он дар доираи маҳдуд;

б) нигоҳ доштани нархгузории фермерӣ, ки ба истеҳсолгарон имкони барзиёд намудани истеҳсолотро фароҳам меорад;

в) тавассути сиёсати нархгузорӣ дар дараҷаи муайян батанзимдарории ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот.

Бояд ба инобат гирем, ки бе кумаки бевоситаи давлат дар кишварҳои Ғарб вобаста ба сиёсати нахгузорӣ дар шароити фаровонии бозори маҳсулот ва талаботи пардохт нархгузорӣ на танҳо зарари ҷиддӣ медид, балки нисбат ба сатҳи имрӯза ба ҳадди баланд паст мефаромаданд. Барои ба миён омадани чунин дараҷаи баланд ва муътадил зарурати пардохт аз ҷониби истеъмолкунанда, давлат ва андозсупоранда пеш меояд. Дар ин ҷода аҳолии берун аз доираи кишоварзӣ дидаву дониста ин роҳро интихоб менамоянд, то аз хатари зарар дидани иқтидори истеҳсолӣ ва озуқаворӣ худ ва дигаронро эмин нигоҳ доранд.

Барои исботи ин гуфтаҳо вазъи кунунии нархгузориро дар кишварҳои Япония ва Швейтсария таҳлил менамоем. Дар ин ду давлати пешрафтаи дунё аҳолии кишвар ба сатҳи баланди нарху наво одат кардаанд ва медонанд, ки нархи молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар онҳо нисбат ба сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ қимат аст. Ин иқдоми онҳо бесабаб нест, зеро ки тавассути маҳз ҳамин омил онҳо метавонанд оқибатҳои ногувори иқтисодиро дар соҳаи кишоварзӣ рафъ намоянд.

Дар ҷаҳони муосир вазъи зиндагии аҳолии курраи замин рӯз то рӯз ба мушкилӣ рӯ ба рӯ гардида, дар ин шароити ҳассос намояндагони бахшҳои иқтисодии ягон давлат бо дарназардошти эмин аз заиф будани соҳаи кишоварзии худ роҳи таваккалро пеш намегирад. Ҳолатҳои тағйирпазиру дигаргуншавандаи иқтисодиро ин давлатҳо бо роҳҳои амаливу мавҷудаи соҳаи иқтисод ба танзим медароранд.

Нақшаи танзими нархи давлатӣ қариб дар ҳамаи давлатҳои ба шакли иқтисоди бозорӣ рушдкунандаи дунё як ранг менамояд: барқарор намудани сатҳи болоӣ ва поёнии тағйирёбии нархҳо ва нархҳои шартии онҳо, ки давлат барои нигоҳ доштани онҳо талош меварзад. Дар баробари ин барои нигоҳ доштани нархи муносиб хариду фурӯши маҳсулоти иловагӣ аз ҷониби онҳо ба нақша гирифта мешавад.

Танзими нархи давлатӣ дар асоси як қатор меъёрҳо амалӣ мегардад. Барои танзими нархгузории муносиб баъзан давлат ба раванди истеҳсолот ва ҳаҷми он назорат мебарад, ки танҳо механизми нархгузорӣ барои низоми муайяни ин бахшро ба низом даровардан басанда намебошад.

Низоми дуруст дар ин маврид он низоме ба ҳисоб меравад, ки хоҷагидорон аз он ба таври васеъ истифода намуда, бо дарназардошти нишондодҳои давлатӣ ҳаҷму миқдори истеҳсолотро дуруст ба роҳ мемонанд, майдони киштро кам ва ё зиёд мекунанд ва дар сурати зарурӣ аз кумакҳои давлатӣ баҳравар мегарданд. Дар ҳолати зарурӣ давлат ҳамаи иконияттҳоро дорад, ки заминҳои кишт ва киштукори чандинсоларо танзим намояд ва дар сурати риоя нагардидани қоидаҳои маъмул метавонад хоҷагидоронро ба ҷазои маъмурӣ кашад. Дар ин маврид ба таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ бояд такя намуд. Масалан, дар Франсия ҷиҳати барҳам додани майдони кишти пешини ангурзор барои истеҳсоли вино ё майдонҳои дарахти себ бо дарназардошти ҳосили бештар аз байн бурда мешаванд ва ба хоҷагидорон маблағи зарурии кумакпулӣ супурда мешавад. Тавассути ин пардохтҳо ба дарҷаи зарурӣ майдонҳои кишт ба танзим даровардa мешаванд. Дурнамои иқтисодӣ дар асоси раванди истеҳсолии хоҷагии қишлоқ ба бисёр омилҳо вобастагӣ дошта, риояи онҳо самарабахшии соҳаро таъмин менамояд. Масалан, дар Иттиҳоди Аврупо дар шароити истеҳсолоти давравии ҷорисозии кумакхарҷиҳо барои кам кардани майдонҳои кишт, аз ҷумла оид ба лаблабуи қанд, амалӣ гардида, баръакси ин ҷараён, дар як қатор давлатҳо пардохти маблағи майдонҳои муайяни кишт барои афзунгардонии маҳсулоти равғанӣ бо мақсади кам кардани содироти ин навъи маҳсулот аз хориҷа ва ба танзим даровардани истеҳсолоти хӯроки сафедадор татбиқ гардонида мешавад.

Бо вуҷуди ин ҳама иқдомот бояд қайд намуд, ки дар даҳсолаи охир (2010-2020) дар низоми пардохти бевоситаи мабалағ ба хоҷагидорон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Дар солҳои 60-70 ва қисман дар солҳои 90-ум вазифаи асосии хоҷагии қишлоқ зиёд намудани истеҳсолот ба шумор мерафт [9,с.158].

Бо дарназардошти ин кӯмакхарҷиҳои давлатии мақсаднок барои сохтмон, хариди техника, муҷаҳҳазгардонии биноҳои чорводорӣ, кам кардани миқдори қарзҳо ва ғ. ба роҳ монда шуданд. Дар ин самт Япония ва Германия давлатҳои намунавӣ ба шумор рафта, дар ин давлатҳои барномаҳои зиёд барои роҳандозии кӯмакхарҷиҳои давлатӣ бо мақсади ноил гардидан ба таъминоти озуқаворӣ амалӣ мешуданд. Бо гузашти вақт ва фаровон гардидани молу маҳсулот дар бозор, афзун шудани истеҳсолот кумакхарҷии бевоситаи давлатӣ ба ин самт оҳиста-оҳиста коҳиш ёфт. Низоми қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва як қатор чораҷӯиҳо барои мустаҳкамнамоии хоҷагидорӣ, аз байн бурдани замини порчадармиён ва ёрии моддӣ ба хоҷагидорони нав ҳамоно идома дорад. Дар маҷмӯъ, ёрии бевоситаи давлатӣ дигар барои зиёд намудани истеҳсолоти умумиҷаҳонӣ равона намегардад, ки ин давраро аксари давалтҳо, аллакай, паси сар намудаанд.

Ҳоло пардохтҳои бевоситаи давлатӣ (муттасил барои майдонҳои кишт ва ё вобаста ба ҳаҷми маъмулии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ) хусусияти дигар касб намудаанд. Мақсади онҳо ба танзим даровардани истеҳсолот набуда, ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ – нигоҳ доштани сатҳи даромади хоҷагидорон, аз ҷумла вобаста ба гузариш аз консепсияи баробарии нархҳо ба консепсияи баробарии даромадҳо ва сатҳи зиндагӣ аз мақсадҳои асосии онҳо ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти даврони муосири Иттиҳоди Аврупо дар самти сиёсати хоҷагиии қишлоқ аз ҳамин омилҳо қисман маншаъ мегирад. Нигоҳ доштани нархҳои баланд дар дохили ин Иттиҳод наметавонад оқибатҳои беқурбшавиро пурра рафъ намояд, зеро ин роҳ дар роҳандозии даромадҳо ҳамчун ёрии моддӣ моро ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ месозад. Бо дарназардошти ин раванд қарор дар бораи паст кардани нарҳо дар хоҷагиҳо қабул гардида, дар баъзе хоҷагиҳо, масалан франко-ферма татбиқ шуданд, нуқтаҳои фурӯш дар асоси нархи яклухт фаъолияти худро ба роҳ гузоштанд. Бар ивази ин пардохтҳои бевоситаи давлатӣ ба хоҷагиҳо вобаста ба ҳаҷми муайяни истеҳсолоти онҳо амалӣ гардид.

Яке аз шаклҳои махсуси нигоҳ доштани даромад дар шароити номусоиди истеҳсолот ин пардохти давлатӣ дар асоси заминҳои кишт бо ҳисоби гектар ва саршумори чорво мебошад. Мақсади ин пардохтҳо ҷуброн намудани рентаи манфии замин, ки харҷи истеҳсолотро зиёд менамояд, ба шумор меравад. Ин навъи пардохтҳо одатан ҳангоми роҳандозии кишоварзӣ дар манотиқи шимол ва ё кӯҳистон амалӣ мешавад.

Дар Финландия ҳамаи хоҷагиҳо ёрии моддиро аз рӯйи гектар мегиранд, вале дар шимол – фарохии $62^0$ дар ин маврид нархҳои баланд ва иловапулиҳо мадди назар гирифта мешаванд. Ин имтиёзҳои иловапулӣ дар қисмати шимолии Шветсия низ мавҷуд мебошад. Низоми ҳаммонандро дар Норвегия низ мушоҳида менамоем, вале дар ин ҷой он бештар ба манотиқи кӯҳистон дахл дошта, дастгирии хоҷагидории хурд дар ин кишвар муҳим мебошад. Дар Австрия, Шветсария ва Тоҷикистон кайҳо боз низоми гектарии кумакхарҷӣ ва ё аз рӯйи ҳисоби саршумори чорво амал менамояд.

**Ҷадвали 1. Дастгирии давлатии молиявии комплекси агросаноатии Тоҷикистон (ҳазор. сомонӣ)**
**Table 1. State financial support of agro-industrial complex of Tajikistan (thousand somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2010 | 2018 |
|---|---|---|---|
| Ҳаҷми маблағгузории аз буҷети давлат ҷудошуда барои дастгирии комплекси агросаноатӣ – ҳамагӣ | 46622,8 | 66268,7 | 76081,0 |
| Аз Агентии заминсозӣ, геодезия ва картография | 5654,5 | 6200 | 5945 |
| Агентии милиоратсиява беҳдошти замин | 11954,5 | 14723,1 | 24028 |
| Аз ҷумла барои беҳгардонии ҳолати мелио-ративии заминҳо аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ | 1469,2 | 1601,4 | 3944 |
| Вазорати кишоварзӣ ҶТ | 28828 | 45037,8 | 46108 |
| Аз ҷумла, барои харидории тухмии зироатҳои кишоварзӣ | 5500 | 4500 | 5000 |
| - барои харидории моддаҳои заҳрноки химиявӣ баҳри мубориза бо ҳашароти зараррасон | 4500 | 4500 | 5000 |
| - барои рушди боғу токпарварӣ | 1000 | 1000 | 1500 |
| - барои эҳёи занбӯриасалпарварӣ | 150 | 300 | 300 |
| - барои рушди биотехнологии кишоварзӣ | 200 | 200 | 200 |
| - барои харидории доруворӣ бар зидди бемориҳои ҳайвонот | 1100 | 1800 | 8387 |
| - барои мубориза бо бориши жола (харидани мушакҳо) | 1200 | 1200 | 1200 |
| - барои эхё ва дастгирии зотпарварӣ | - | 200 | 200 |
| - барои фаъолияти корхонави воҳиди давлатии «Тоҷикагролизинг» | - | 800 | 800 |
| - барои додани қарз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ | 2658,4 | 13778,4 | 15000 |

*Манбаъ: ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чуноне ки аз ҷадвали мазкур маълум гардид, ҳаҷми маблағгузории аз буҷети давлат ҷудошуда барои дастгирии комплекси агросаноатӣ дар соли 2007-ум 46622,8 ҳазор сомонӣ буда, ин шумора дар соли 2018 ба 76081,0 баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2007 29458,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Солеҳзода А.А. қайд намудаанд бояд дар назар дошт, ки дар мавриди таъмин намудани талаботи физиологии организми инсон бо моддаҳои ғизоӣ ва энергияҳо, дар як мавриди вазифаҳои пешгирикунанда ва табобатӣ иҷро карда мешавад. Мояи ғамхории махсус бояд ташкили ғизои солим, бахусус барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ: кӯдакон, одамони пиронсол ва ғайра бошад. Ҳалли ин вазифаҳо таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодиро барои истеъмолкунандагони маҳсулоти ғизоӣ ба миқдор ва навъҳои зарурӣ тақозо мекунад [7,с.4].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин соҳа дастгирии захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар ин маврид андешае қобили қабул мебошад, ки хоҷагии қишлоқ соҳаи махсус буда, дар он бояд муносибати махсуси бонкӣ мавқеъ дошта бошад.

Дар соҳаи кишоварзӣ яке аз нуктаҳои муҳимми таъмини самарабахшии соҳа ин расонидани дастовардҳои олимону мутахассисони соҳа ба хоҷагидорон мебошад. Бояд қайд намуд, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти илмӣ дар давоми солиёни зиёд шакл гирифта, аз ҷониби олимон дар сатҳҳои гуногун таҷрибаҳои амаливу назариявии зиёд гузаронида мешавад ва маҳз ҳамин нукта бояд дар соҳаи кишоварзӣ мавқеи муносиб пайдо кунад ва хоҷагидорон ин таклифу пешниҳодотро дар амал татбиқ намоянд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки вилоят иқтидори баланди роҳандозии барномаҳо ва корҳои амалиро дар соҳаи кишоварзӣ дошта, пояи ташкиливу ҳуқуқии ин соҳаи ҳаётан муҳим низ барои таъмини маҳсулоти худӣ мусоидат менамояд. Ҳангоми пешбурди корҳои хоҷагидориву фаъолияти бахши кишоварзӣ бояд таҷрибаи давлатҳои пешқадам ба инобат гирифта шаванд, табиати ҳар як минтақа дар ин амалиётҳо таъсиргузор буда, танзими молиявии соҳа дар асоси иштироки бевоситаи давлат амалӣ мешавад, дастгириҳои давлатӣ барои роҳандозиҳои барномаҳои мукаммали илман асоснокгардида заминаи мусоиди иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. – 2019. - №4. -56 с.
2. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019. –Хатлон, 2020. -28 с.
3. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. - Душанбе, 2019.
4. Кудратов Р.Р. Формирование и развитие регионального хлопкового кластера Хатлонской области / Р.Р. Кудратов, М.А. Джураев // Вестн. Тадж. нац. ун-та. -Душанбе, 2019. -№8. –С.47-55.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019. -Хатлон, 2020. -183 с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. - 26.12.2019.

7. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва умумӣ. -Душанбе, 2018. -№3. -С.3-8.
8. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А. Солехзода, И.С. Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 2016. -№8(9). - С.15-23.
9. Тағоев Ҷ.Ҳ. Иқтисодиёти кишоварзӣ. Васоити таълимӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев. –Душанбе, 2005. -343 с.
10. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаъҳои назаривӣ-методологии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Фасеҳзода, С.Н. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№8. -С.111-119.

## ТАҶРИБАИ ТАНЗИМИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ТАРАҚҚИЁФТА

Дар мақола оид ба таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва омӯзиши он дар соҳаи комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Масъалаҳое, ки бояд дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, хусусан маҳсулоти кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки дар шароити кунуни, ки болоравии нархҳо мушоҳида шуда истодааст, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои тараққикарда ва барои рушди истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне Саноатикунонии босуръати кишвар, ҷорӣ намудани он қобили қабул мебошад. Дар мақола самтҳои асосии ислоҳоти комплекси агросаноатӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шуда пешниҳод гардидааст, ки вилоят иқтидори баланди роҳандозии барномаҳо ва корҳои амалиро дар соҳаи кишоварзӣ дошта, пояи ташкиливу ҳуқуқии ин соҳаи ҳаётан муҳим низ барои таъмини маҳсулоти худӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** соҳаи кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди босубот, бехатарии озуқаворӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, танзими нарх дар бозорҳои дохилӣ.

## ОПЫТ НАСТРОЙКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА В РАЗВИТЫХ СТРАНАХ

В статье рассматривается опыт развитых стран и его изучение в сфере агропромышленного комплекса Республики Таджикистан. Вопросы, которые должны быть включены в Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, в том числе физическая и экономическая доступность продуктов питания, особенно сельскохозяйственных продуктов, защита окружающей среды и эффективное управление, соблюдение агротехнических стандартов и общее использование земляных ресурсов в целом, и приоритеты страны в производстве экологически чистых сельскохозяйственных продуктов. В статье утверждается, что в текущих условиях роста цен допустимо изучать опыт развитых стран и внедрять его для развития внутреннего производства при реализации четвертой цели Правительства Республики Таджикистан - быстрой индустриализации. В статье определены основные направления реформирования агропромышленного комплекса и принципы государственной поддержки в сфере сельскохозяйственного производства, а также сделан вывод о том, что регион обладает высоким потенциалом для реализации программ и практической работы в сельском хозяйстве, обеспечивая организационно-правовую основу для этого жизненно важного сектора.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, государственная поддержка, агропромышленный комплекс, устойчивое развитие, продовольственная безопасность, опыт зарубежных стран, регулирование цен на внутренних рынках.

## EXPERIENCE OF SETTING UP AGRICULTURAL COMPLEX IN DEVELOPED COUNTRIES

The article examines the experience of developed countries and its study in the field of the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan. Issues to be included in the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, including the physical and economic accessibility of food, especially agricultural products, environmental protection and effective management, compliance with agrotechnical standards and the general use of land resources in general, and the country's priorities in the production of organic agricultural products. The article argues that in the current conditions of rising prices, it is permissible to study the experience of developed countries and implement it for the development of domestic production in the implementation of the fourth goal of the Government of the Republic of Tajikistan - rapid industrialization. The article defines the main directions of reforming the agro-industrial complex and the principles of state support in the field of agricultural production, and also concludes that the region has a high potential for the implementation of programs and practical work in agriculture, providing an organizational and legal basis for this vital sector.

**Keywords:** agriculture, government support, agro-industrial complex, sustainable development, food security, experience of foreign countries, price regulation in domestic markets.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарзода Алишер Сафар*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 900-72-75-75.** E-mail: **alisher.nazarzoda@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Назарзода Алишер Сафар*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 900-72-75-75.** E-mail: **alisher.nazarzoda@bk.ru**

**Information about author:** ***Nazarzoda Alisher Safar*** - Tajik State University of Finance and Economics, graduate student, Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 900-72-75-75.** E-mail: **alisher.nazarzoda@bk.ru**

УДК 332.34(575.34)

# АРЗЁБИИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

*Комилов Н.Б.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Баҳои иқтисодӣ ба захираҳои замин ин муайян намудани арзиши иқтисодии захираҳои замину об ё саҳми ҳар як воҳиди ченак (як гектар)-и он дар қонеъгардонии талаботи одамон ба воситаи истеҳсол ё арзишҳои истеъмолии маҳсулоти озуқаворӣ ё ифодаи пули арзиши истеъмолии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии он ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки агар ба захираҳои замину об баҳои дурусти иқтисодӣ, яъне андозаи арзиши фоидаи софи онҳоро дар қаламравӣ кишвар муайян намоем.

Барои баҳо додан ба заминҳои аҳмияти кишоварзидошта нақши асосиро замиҳои обӣ мебозад, чунки аз заминҳои обӣ имконияти самаранок итифода бурдан бештар дида мешавад. Аз ҳами нуқтаи назар, истифодаи дурусти заминҳои обӣ метавонад дар арзёбии самаранокии истифодабарии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ назаррас бошад. Ба ақидаи профессор Исайнов Ҳ.Р., «яке аз мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ин кам шудани заминҳои обӣ мебошад. Захираҳои заминҳои обӣ дар кишвар хеле маҳдуданд ва онҳо самаранок истифода бурда намешавад. Агар дар соли 2007 ба ҳар сари аҳолии кишвар 0,10 га замини обӣ рост меомад, дар ҳоли ҳозир ин адад ба 0.6 га рост меояд. Барои ин мебояд, ки танзими иқтисодии истифодабарии замин аз тарафи мақомотҳои дахлдор ҷиддӣ ба роҳ монда шавад ва обёрикунонии заминҳоро сол то сол афзун намоем, онро ба таври мушаххас ба роҳ монем» [2].

Баҳодиҳӣ ба захираҳои замину об ду функсияи асосиро иҷро мекунанд:

-функсияи баҳисобгирӣ, ки захираҳои заминро ҳамчун боигарӣ ё сарвати миллӣ ва фонди асосии истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ эътироф менамояд:

-функсияи ҳавасмандӣ, ки шаклу усулҳои асосии пардохт барои истифодаи захираҳои замину об ва беҳдошти муҳити зистро таъмин менамоянд [9,с.198-199].

Аз нигоҳи олмони ватанӣ Тағоев Ҷ.Ҳ ва Комилов Н.Б., барои муайян кардани баҳои иқтисодӣ ва самаранокии истифодаи дурусти замин мушкилоти зиёд ҷой дорад. Тибқи назари онҳо «мушкилоти наррас дар ин самт истифодаи нуриҳои минералӣ ва тухмиҳои хушсифат мебошад. Масалан, имрӯзҳо дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ 50,9 ҳаз.тонна нуриҳои минералӣ истифода бурда мешавад, ки ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи ба он монанди кишоварзии ҷумҳурӣ дар соли 1960 камтар мебошад» [5,с.173].

Минтақаи Кӯлоб дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини талаботи аҳолии минтақа бо маводи озуқаворӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин, таҳлил ва баҳодиҳии вазъи низоми заминдорӣ ва заминистифодабарӣ дар хоҷагиҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, муайян кардани ҳолат ва мушкилоти имрӯза, пешниҳоди масъалаҳои вобаста ба дурнамои он дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад [4,с.77].

Раванди ислоҳоти замин дар низоми заминдории кишвар тағйиротҳои куллиро ворид намуда, миёни заминитсифодабарандагон аз нав тақсим намудани заминҳои кишти кишоварзиро ба вуҷуд овард. Дар заминаи он гуногунрангӣ ва баробарии ҳамаи шаклҳои моликиятдорӣ: корхонаҳои давлатӣ, кооперативӣ, коллективӣ-ҳиссавии молкият ба замин эътироф гардида, пешрафту равнақи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ: колхозҳо, совхозҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳо ва ассотсиатсияи онҳо мусоидат карда мешавад.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ қариб 164631 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият менамоянд, ки қариб 80% заминҳои дар ихтиёрашон бударо якҷоя бо хоҷагиҳои инфродӣ истифода мебаранд ва қариб 90%-и маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамоянд. Дар ҷадвали 1 динамикаи рушди хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоб, миқдори заминҳои дар ихтиёрашон қарордошта ва ҳолати самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ оварда шудааст.

Агар дар ҷумҳурӣ миқдори умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ 164631 ҳазор-хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин миқдор 27296 ё 16,5%-ро хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳанд. Майдони заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоб 118090 гектар ташкил медиҳад, ки 8,3% фонди замини ҷумҳурӣ ва 16,9% заминҳои аҳамияти кишоварзии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Заминҳои обии хоҷагиҳои деҳқонӣ 56811 гек-ро ташкил дода, 8,3% заминҳои обии кишварро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки миқдори

умумии заминҳои обии кишвар дар соли 2017 -780 620-гектар буда, аз ин миқдор 8,3% (56811-гек) -онро заминҳои обии хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳад [2].

**Ҷадвали 1. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва заминҳои дар ихтиёри кишоварзии ноҳияҳои минтақи Кӯлоб ба ҳолати 01.01.2018**
**Table 1. Number of dehkan farms and agricultural lands of Kulyab region as of 01.01.2018**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ | | Майдони заминҳои корам (га) | | Аз онҳо заминҳои корами обӣ (га) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Адад | % | Майдон (га) | % | Майдон (га) | % |
| Кӯлоб | 2185 | 8 | 5426 | 4,5 | 4034 | 7,1 |
| Муъминобод | 4701 | 17,2 | 8220 | 6,9 | 1627 | 2,9 |
| Восеъ | 4002 | 14,6 | 22511 | 19,6 | 13827 | 24,3 |
| Ҳамадонӣ | 3897 | 14,2 | 12912 | 10,8 | 11079 | 19,6 |
| Фархор | 4539 | 16,6 | 22357 | 18,7 | 18415 | 32,4 |
| Темурмалик | 781 | 2,8 | 9525 | 8,6 | 713 | 1,2 |
| Данғара | 1830 | 6,8 | 18564 | 15,5 | 4715 | 8,1 |
| Ховалинг | 2324 | 8,7 | 6338 | 5,3 | 2205 | 3,9 |
| Ш.Шоҳин | 2693 | 9,9 | 9377 | 7,7 | 127 | 0,2 |
| Балҷувон | 344 | 1,2 | 2860 | 2,4 | 68 | 0,1 |
| **Дар минтақа аз ҷумла:** | **27296** | **100** | **118090** | **100** | **56811** | **100** |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотномаи Кумитаи замини минтақаи Кӯлоб таҳия шудааст.

Тибқи таҳлилҳои оморӣ ба ҳар як хоҷагии деҳқонӣ дар минтақа 4, 32 гектар заминҳои кишоварзӣ рост меояд, ки аз он 2,08 га заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Тавре аз ҷадвали мазкур маълум аст, аз ҳама бештар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар минтақаи Кӯлоб, дар ноҳияи Муъминобод ва Фархор ташкил карда шудаанд. Сабаби зиёд будани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин ноҳияҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар ин ноҳияҳо миқдори заминҳои кишоварзиашон зиёд буда, хоҷагиҳои деҳқонии хурд хеле зиёд аст. Дигар сабаби зиёдшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин ноҳияҳо барвақттар таҷдид намудани колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои коллективию деҳқонӣ, теъдоди зиёд будани шумораи аҳолии ноҳия дар деҳаҳо ва зиёд будани заминҳои обӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2. Миқдори заминҳои кишоварзие, ки тариқи насосҳои обкаш обёрӣ карда мешаванд, дар мисоли минтақаи Кӯлоб дар соли 2018 (ба ҳисоби гектар)**
**Table 2. Number of agricultural lands irrigated by water pumps, on the example of Kulyab region in 2018 (per hectare)**

| Номгӯи ноҳияҳо | Майдони умумии заминҳои тариқи насос обёришаванда. | | Майдони заминҳое, ки айни ҳол дар амал обёрӣ карда шуда истодаанд. | | Заминҳое, ки аз таъминоти об боз монданд | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Масоҳат ба ҳис. га | Масоҳат ба ҳис.% | Масоҳат ба ҳис. га | Масоҳат ба ҳис.% | Масоҳат ба ҳис. га | Масоҳат ба ҳис. % |
| Кӯлоб | 427 | 2,98 | 363 | 4,5 | 64 | 1,0 |
| Восеъ | 3472 | 24,2 | 2220 | 27,9 | 1252 | 19,68 |
| Фархор | 6009 | 42 | 3129 | 39,4 | 2880 | 45,2 |
| Данғара | 948 | 6,6 | 948 | 11,9 | 0 | 0 |
| Темурмалик | 264 | 1,8 | 0 | 0 | 264 | 4,15 |
| Муъминобод | 725 | 5,07 | 0 | 0 | 725 | 11,3 |
| Ховалинг | 2451 | 17,1 | 1275 | 16.06 | 1176 | 18,48 |
| **Ҷамъ дар минтақа** | 14296 | 100 | 7935 | 100 | 6361 | 100 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои омории Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб таҳия ва ҳисоб шудааст.

Чи тавре аз маълумотҳои ҷадвал маълум аст дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аз ҳама бештар заминҳои кишоварзии ноҳияи Фархор тариқи насосҳои обкаш обёрӣ карда мешаванд, ки дар соли таҳлилшуда 42% заминҳои номбурдаи минтақаи Кӯлобро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки обёрикунонии заминҳои кишоварзии тариқи насосҳои обкаш дар ҷумҳурӣ 289,1 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд, ки аз ин миқдор заминҳо 14296 гектар, ё ин ки 4,94%-ро заминҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳанд.

Майдонҳои зиёди замин (8,2 ҳаз. га) дар ҷануби ҷумҳурӣ дар солҳои охир шудгор нашуда мондаанд. Сабаби кам гаштани майдонҳои замини кишт ноустувории иқтисодии вазъи хоҷагиҳо, нарасидани воситаҳои техникӣ, маводҳои сӯзишворию молиданӣ, тухмӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Тибқи нақшаи идораи Кумитаи замини минтақаи Кӯлоб дар соли 2018 дар бораи ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои корами обие, ки ба гардиши кишоварзӣ берун монданд 486,83 гектарро ташкил медод.

**Ҷадвали 3. Майдони заминҳои ба гардиши кишоварзӣ воридшавандаи минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2017-2020 (ба ҳисоби гектар)**

**Table 3. Area of land returned to agriculture in Kulyab region in 2017-2020 (Per hectare)**

| № 1 | Номгӯи ноҳияҳо | Майдони умумии заминҳои корам и обӣ | Шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ | Аз кор баромадани шабакаҳои каналу иншоотҳо | Дар натиҷаи сел зер кардан | Нагузаронидани корҳои мелиоративӣ | Корҳои ғайриқаноатбахши хоҷагидорӣ | Муҳлати иҷроиш | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Кӯлоб | 37 | 0 | 0 | 37 | 0 | 0 | 0 | 17 | 20 |
| 2 | Восеъ | 197 | 0 | 7 | 180 | 10 | 0 | 32 | 55 | 56 |
| 3 | Фарҳор | 252,83 | 215,86 | 0 | 27,77 | 0 | 9,2 | 84 | 84 | 84,3 |
| | **Ҷамъ дар минтақа** | 486,83 | 215,86 | 7 | 244,8 | 10 | 9,2 | 116 | 156 | 160,83 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои омории Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб таҳия ва ҳисоб шудааст.

Тавре аз ҷадвал маълум аст, мувофиқи маълумоти Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб тибқи нақшаи стратегӣ то соли 2020 бояд 432,83 га заминҳое, ки бо сабабҳои гуногун аз гардиши кишоварзӣ берун мондаанд, ба гардиши кишоварзӣ ворид гарданд. Аз ҳама зиёд заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба ноҳияи Фарҳор рост меояд, чунки заминҳои ин ноҳия нисбатан осебпазир мебошанд. Дар натиҷаи шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва фаромадани сел аз дарёи Панҷ ба заминҳои кишоварзии ноҳия талафоти зиёд мерасад.

Мавриди зикр аст, ки дар деҳаҳои ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ ва Фарҳор зимни тадқиқоти идораи минтақавии OXFAM дар минтақаи Кӯлоб оиди баҳои иқтисодии самаранокии захираҳои замин натиҷагириҳо карда шуд. Тадқиқоти мазкур дар деҳаи Бобосафоли ҷамоати деҳоти Гулшан, деҳаи Шаҳртеппаи ҷамоати деҳоти Ватан, деҳаи Некманзари ҷамоати деҳоти Ғайрати ноҳияи Фарҳор, деҳаҳои Ибрат ва Шобикаи ҷамоати деҳоти Тугарак, деҳаи Гулободи ҷамоати деҳоти Абдӣ Авазов, деҳаи Ғофилободи ҷамоати деҳоти ба номи А.Рӯдакии ноҳияи Восеъ, деҳаи Панҷосиёби поёни ҷамоати деҳоти Зарбдор, деҳаи Гулободи ҷамоати деҳоти Даҳана, деҳаи Тоқакаппаи ҷамоати деҳоти Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб гузаронида шудаанд. Дар миёни ин деҳаҳои интихобгардида деҳаи Гулободи ноҳияи Кӯлоб, деҳаи Шобикаи ноҳияи Восеъ ва деҳаи Бобосафоли поёни ноҳияи Фарҳор аз ҳама бештар захираҳои замин доранд.

Аз ҳамин хотир, мо дар тадқиқоти худ ба ин се деҳаи калонтарин равона намудем. (ниг. ба ҷадв 4).

**Ҷадвали 4: Сохтори истифодаи захираҳои замини деҳаҳои тадқиқшудаи минтақаи Кӯлоб дар соли 2019**

**Table 4: Structure of land use of surveyed villages of Kulyab region in 2019**

| № | Номгӯи заминҳо | Деҳаи Гулободи ноҳияи Кӯлоб | | Деҳаи Шобикаи ноҳияи Восеъ | | Деҳаи Бобосафоли ноҳияи Фарҳор | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдор (га) | % | Миқдор (га) | % | Миқдор (га) | % |
| 1 | Заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта, ҳамагӣ (га) | 431 | 100 | 583 | 100 | 386 | 100 |
| 2 | Заминҳои корам, аз ҷумла: | 235 | 54,5 | 559 | 95,8 | 342 | 88,6 |
| | -заминҳои обӣ | 214 | 49,7 | 455 | 78,04 | 285 | 73,8 |
| | -заминҳои лалмӣ | 21 | 4,8 | 104 | 17,8 | 57 | 14,7 |
| 3 | Дарахтони бисёрсола | 8 | 1,9 | 10 | 1,7 | 10 | 2,5 |
| 4 | Чарогоҳ | 188 | 43,6 | 14 | 2,4 | 34 | 8,8 |
| Сохтори заминҳои кишти зироатҳо (бо гектар) | | | | | | | |
| 1 | Зироатҳои ғалладонагӣ | 81,5 | 34,6 | 227 | 40,6 | 185,8 | 54,3 |
| 2 | Пахта | 90 | 38,2 | 215 | 38,4 | 119,6 | 34,9 |
| 3 | Сабзавот ва картошка | 37,1 | 15,7 | 76,0 | 13,5 | 14,0 | 4,09 |
| 4 | Полезӣ | 6,5 | 2,7 | 6,0 | 1,07 | 4,4 | 1.28 |
| 5 | Хӯроки чорво | 14,9 | 6,3 | 35,0 | 6,26 | 18,2 | 5,3 |
| | Ҳамагӣ: | 235 | 100 | 559 | 100 | 342 | 100 |
| Ҳосилнокии зироатҳо (сентнер/га, бо % нисбати ҳосилнокии миёна дар минтақа) | | | | | | | |
| 1 | Зироатҳои ғалладонагӣ | 40 | 76,5 | 40 | 76,5 | 35 | 87,4 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Пахта | 30 | 71 | 42 | 50,7 | 30 | 71 |
| 3 | Сабзавот | 430 | 45,5 | 400 | 49,9 | 470 | 49 |
| 4 | Картошка | 300 | 77,1 | 120 | 192,9 | 310 | 74,6 |
| 5 | Зироатҳои полезӣ | 290 | 110 | 400 | 80 | 320 | 80 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтари баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии деҳоти номбурда таҳия гардидааст.

Ҳангоми тадқиқот маълум шуд, ки парвариши зироатҳои дар заминҳои кишоварзии деҳаҳои зери тадқиқот қарордошта мушкилотҳои зиёде мавҷуд аст, ки ин ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳисобкунии самаранокии истеҳсоли баъзе намудҳои зироатҳои техникӣ дар заминҳои интихобгардидаи деҳаҳои Шобикаи ноҳияи Восеъ, Гулободи ноҳияи Кӯлоб ва деҳаи Бобосафоли поёни ноҳияи Фархор дар як гектар заминҳои кишоварзӣ чунин баҳогузорӣ карда шудаанд (ниг. ба ҷадв.5).

**Ҷадвали 5: Ҳисобкунии самаранокии истифодаи баъзе технологияҳо ва кишти зироатҳо дар деҳаҳои Шобикаи ноҳияи Восеъ, Гулободи ноҳияи Кӯлоб ва Бобосафоли ноҳияи Фархор**
**Table 5: Calculating the effectiveness of the use of some technologies and sowing of crops in Shobika village of Vose district, Gulobod village of Kulyab district and Bobosafol village of Farkhor district**

| Деҳаи Шобикаи н.Восеъ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯи зироат** | **Майдон, га** | **Ҳосилнокӣ, т/га** | **Хароҷот сом/ га** | **Даромади умумӣ, сом/ га** | **Даромади соф, сом/ га** |
| Пахта | 1 | 2 тон | 4.170 | 5508 | 546 |
| Гандум | 1 | 2 тон | 2955 | 4045 | 1045 |
| Помидор | 1 | 40 тон | 16500 | 80000 | 63500 |
| Картошка | 1 | 12 тон | 24700 | 18000 | -6700 |
| Ҷорӯб | 1 | 6000 дон. | 7950 | 42000 | 3405.0 |
| **Деҳаи Гулободи н.Кӯлоб** | | | | | |
| **Номгӯи зироат** | **Майдон, га** | **Ҳосилнокӣ, т/га** | **Хароҷот сом/ га** | **Даромади умумӣ, сом/ га** | **Даромади соф сом/ га** |
| Пахта | 1 | 2,1 | 7970 | 12750 | 4780 |
| Помидор | 1 | 43 | 5180 | 60000 | 54820 |
| Пиёз | 1 | 300 | 7600 | 45000 | 31000 |
| Бодринг | 1 | 300 | 8200 | 4500 | 36800 |
| **Деҳаи Бобосафоли н.Фархор** | | | | | |
| **Номгӯи зироат** | **Майдон, га** | **Ҳосилнокӣ, т/га** | **Хароҷот сом/ га** | **Даромади умумӣ, сом/ га** | **Даромади соф сом/ га** |
| Пахта | 1 | 1,2 | 4295 | 3300 | -995 |
| Юнучқа | 1 | 450 пресс | 2000 | 8000 | 6000 |
| Гандум | 1 | 2 | 1000 | 4800 | 3800 |
| Помидор | 1 | 47 | 5200 | 49570 | 44370 |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳо аз дафтари баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии деҳоти номбурда таҳия гардидааст.

Мушкилотҳои асосие, ки дар заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии деҳаҳои Гулободи ноҳияи Кӯлоб, Шобикаи ноҳияи Восеъ ва Бобосафоли поёни ноҳияи Фархор ҳангоми кишти зироатҳои кишоварзӣ инҳо мебошанд: риоя нагардидани усули киштгардонии замин, нарасидани техникаи кишоварзӣ ва кӯҳна будани техникаҳои мавҷуда ҳангоми шудгори заминҳо, риоя нагардидани қоидаҳои агротехникии кишти зироатҳо, кифоя набудани дониш ва малакаҳои кишоварзони деҳа, дастрасӣ надоштан ба тухмиҳои ба шароити маҳал мутобиқ ва ҳосилхез, самаранок истифода нашудани замин, эрозияи замин, зиёд гардидани ҳашаротҳои зараррасон ва мубориза нокифоя бар зидди онҳо, риоя нагардидани муҳлати кишти зироатҳо, вайрон гардидани структураи хоки замин.

Ҳамин тариқ, баъди таҳлил ва баррасии баҳодиҳии вазъи низоми заминдорӣ ва истифодабарии замин дар хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб иҷрои чунин корҳо барои самаранокии захираҳои замини минтақа ва ҳолати мелиоративии он мусоидат мекунад:

- тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо;
- мукаммалгардонии хоҷагидории воқеӣ ва баланд бардоштани дараҷаи таъминоти техникии хоҷагӣ;
- беҳтар намудани таъмини нуриҳои минералӣ ва органикӣ, заҳрхимикатҳо барои мубориза бурдан бар зиддӣ ҳашаротҳои зараровар;
- таъмин намудан ба маводҳои сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётӣ барои техникаҳои кишоварзӣ;

- ➢ чудо кардани маблағҳои зарӯрӣ аз ҳисоби захираҳои молиявӣ;
- ➢ ташкил кардани хоҷагиҳои махсус барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии мутобиқ ба минтақаҳо;
- ➢ дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ-иқтисодиёти кишоварзӣ ва аз таҷрибаҳои амалии давлатҳои хориҷа.

Ҳамзамон барои беҳтаргардонии ҳолати системаҳои обгузаронӣ ва обрасонӣ, ки ба хизматрасонии заминҳои обии минтақаҳо мусоидат карда, дар самаранок истифодабарии захираҳои обӣ ва амалӣ гардидани корҳои кишоварзӣ, беҳтар гардонидани ҳолати заминҳои обӣ, баланд бардоштани дараҷаи обтаъминкунии зироатҳои обӣ ва дар охир, ба баландшавии ҳосил мусоидат мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Барфиев К.Х. Основные направления система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов / К.Х. Барфиев // Экономика и бизнес: теория и практика. - 2016. -№1. -С.28-32.
2. Исайнов Х.Р. Продовольственная безопасность - приоритетное направление аграрной политики в Республике Таджикистан / Х.Р. Исайнов, Р.Б. Шерматов // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 70-летию Н.Гадоева. –Душанбе, 2008. -С.37.
3. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмааи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. -С.18-20.
4. Комилов Н.Б. Захираҳои замини таъйиноти кишоварзии минтақаи Кӯлоб: мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтарсозии онҳо / Н.Б. Комилов // Паёми ДМТ (маҷалаи илмӣ). –Душанбе, 2016. -№3(2018). -С.76-81.
5. Тағоев Ҷ.Ҳ. Вазъи истифодаи захираҳои замин дар кишоварзии ҶТ ва минтақаҳои он / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Н.Б. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -№3. -Қисми 2. -С.170-180.
6. Хасанов А.А. Эффективное и рациональное использование земельных ресурсов в Таджикистане / А.А. Хасанов // Кишоварз. –Душанбе: ТАУ, 2006. -№1. -С. 40-41.
7. Хлыстун В.Н. Управление земельными ресурсами в России / В.Н. Хлыстун, С.Н. Волков // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2014. -№2. -С.41-43.
8. Хуажева А.Ш. Механизм устойчивого развития регионального агропромышленного комплекса: концептуальное обоснование, формирование территориально-отраслевых кластеров, условия реализации / А.Ш. Хуажева, Н.П. Кетова. -Ростов н/Д: Содействие - XXI век, 2012. -288 с.
9. Шералиев Э.Н. Государственное регулиливание землеползования в аграрном секторе Таджикистана / Э.Н. Шералиев // Материлы юбил. науч-теорет.конф., посвящ.50 летию университета. –Душанбе, 1998. -С.191-198.


## АРЗЁБИИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ


Мақолаи мазкур таҳлилу арзёбии самаранокии истифодаи заминро дар фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб фаро гирифтааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки мафҳум ва моҳияти баҳои иқтисодӣ, истифодаи дурусти заминҳои кишоварзӣ, роҳҳои муайян кардани баҳои самаранокии истифодабарии замин, таркибу сохтори захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар минтақа, мавриди таҳқиқот қарор додааст. Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф таҳлилҳо ва ҳисобкунии самаранокии истифодаи баъзе технологияҳо ва кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб гузаронида шудааст ба монанди ҳисобкунии самаранокии истифодаи баъзе технологияҳо ва кишти зироатҳо дар деҳаҳои Шобикаи ноҳияи Восеъ, Гулободи ноҳияи Кӯлоб ва Бобосафоли ноҳияи Фархор, сохтори истифодаи захираҳои замини деҳаҳои тадқиқшудаи минтақаи Кӯлоб. Қобили қайд аст, ки таҳлили масоили номбурда дар доираи ҷадвалҳо бо истифода аз рақамҳо ва маълумотҳои омори расмӣ бо нишондоди сарчашмаи истифодашуда сурат гирифтааст. Мақолаи мазкур бо пешниҳоду хулосаҳои муаллиф оид ба масоили баррасишаванда ҷамъбаст гардидааст.



**Калидвожаҳо:** арзёбии захираҳои замин, захираҳои замини кишоварзӣ, субъектҳои хоҷагидор, минтақаи Кӯлоб, самаранокии замин, истифодаи оқилонаи замин, ҳисобкунии технологияи замин.


## ЭФФЕКТИВНАЯ ОЦЕНКА ЗЕМЕЛЬПОЛЬЗОВАНИЯ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ФЕРМЕРСКИХ ХОЗЯЙСТВ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА


В статье представлен анализ и оценка эффективности использования земель в деятельности фермерских хозяйств Кулябского региона. В данной статье автор стремится изучить понятие и сущность экономической оценки, целевого использования земель сельскохозяйственного назначения, способов оценки эффективности использования земель, состава и структуры земельных ресурсов сельскохозяйственного назначения в регионе, анализируя при этом эффективность использования земель сельскохозяйственного назначения. При этом автор анализирует и рассчитывает эффективность использования некоторых технологий и культур в хозяйствах Кулябского региона, например, расчет эффективности использования некоторых технологий и культур в селе Шобика Восейского района, Гулобод района Куляб, а также Бобосафол Фархорского, структура землепользования обследованных сел в районах Кулябского региона. Следует отметить, что анализ данных вопросов проводился в рамках таблиц с использованием цифр и данных официальной статистики с указанием использованного источника. Статья завершается выводами автора по рассматриваемым вопросам.



**Ключевые слова:** оценка земельных ресурсов, земельные резервы сельскохозяйственного назначения, хозяйствующие субъекты, Кулябский регион, землепользование, рациональное использование земель, расчет земельной технологии.


## EFFICIENT ASSESSMENT OF LAND USE IN THE ACTIVITIES OF FARMERS OF THE KULYAB REGION


The article presents an analysis and assessment of the efficiency of land use in the activities of farms in the Kulob region. In this article, the author seeks to study the concept and essence of economic assessment, targeted use of agricultural land, methods of assessing the efficiency of land use, the composition and structure of agricultural land

resources in the region, while analyzing the efficiency of agricultural land use. At the same time, the author analyzes and calculates the effectiveness of the use of certain technologies and crops in the farms of the Kulob region, for example, the calculation of the effectiveness of the use of certain technologies and crops in the village of Shobika, Vose district, Gulobod, Kulyab district and Bobosafol of Farkhor, the structure of land use of the surveyed villages in the Kulyab region. It should be noted that the analysis of these questions was carried out in the framework of tables using figures and official statistics, indicating the source used. The article ends with the author's conclusions on the issues under consideration.

**Keywords:** assessment of land resources, land reserves for agricultural purposes, economic entities, Kulyab region, land use, rational use of land, calculation of land technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Комилов Низомиддин*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918-57-92-90**. E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Комилов Низомиддин*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов и кредита. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, Куляб, С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918-57-92-90**. E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Komilov Nizomiddin*** - Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki, candidate of economic sciences, head of the department of finance and credit. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov, 16. Phone: **(+992) 918-57-92-90**. E-mail: **nizomiddin.komilov@mail.ru**

**УДК 332.33**

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ МЕНЕҶМЕНТИ ҶАЛБ ВА ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ КОРАМ ДАР ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ

***Паймони Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав**

Дар масъалаҳои муносибат бо замин ва соҳибмулкии замин муаммои калидие мебошад, ки на танҳо ба соҳаи кишоварзӣ, балки ба тамоми ҷомеа дахл дорад. Ин ҳама дар шароити муосир, вақте ки соҳаи иқтисодиёт дар ҳолати вазнин қарор дорад, боигарии табиӣ ҳамчун сарчашмаи ягонаи боэътимоди даромади давлат боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, мавзӯи муносибатҳои замин ва моликият, айни замон, дар маркази баҳсу мунозираҳои шадид қарор дорад. Ва дар навбати аввал ин ба масъалаи моликияти хусусии замин дахл дорад.

Ислоҳоти муносибатҳои вобаста ба замин далели боэътимодии худтаъминкунӣ ва афзалияти институти моликияти хусусӣ шуда наметавонад, механизмҳои хариду фурӯши заминҳои кишоварзӣ барои ҳалли мушкилоти озуқаворӣ замина шуда наметавонад. Ба ин таҷрибаи мамлакатҳои рушдкарда, ба монанди Исроил, Хитой, Нидерландия далел шуда метавонад, чунки дар он ҷо қисмати асосии замин моликияти истисноии давлат аст [1,с.32]. Ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин одатан одат эълон шуда буд ва қабули бечунучарои он яке аз шартҳои асосии "демократия" ба ҳисоб мерафт.

Кишоварзӣ аз рӯи маънояш анъанаи муҳофизакор аст. Он ба навъи таҳаввулоти эволютсионӣ хос аст, ки системаи ченакҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, табиӣ-ҳудудӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва миллиро дар бар мегирад. Онҳое, ки ҷонибдори моликияти хусусӣ ба заминанд, ба назар намегиранд, ки Тоҷикистон дорои хусусиятҳои миллии худ буда, ба анъанаҳо ва дигар шароити ибтидоӣ хос аст ва онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест.

Баҳсҳо дар бораи хариду фурӯши замин барои Тоҷикистон ҳанӯз давом дошта, ба худ хусусияти сиёсӣ гирифтааст, зеро аллакай зиёда аз 80% ҳуқуқи истифодаи замин хусусӣ мебошад. Гузашта аз ин, заминҳои таъйиноти кишоварзӣ дар назди кооперативҳои боғдорӣ, хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ дар тӯли солҳои дароз, шурӯъ аз замони Шӯравӣ, фурӯхта мешуданд. Шаклҳои хоҷагидорӣ ба замин, инчунин шаклҳои моликияти он метавонанд гуногун бошанд. Инро худи ҳаёт ва таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Дар ҷараёни таҳаввулоти аграрӣ, экологияи фаъолияти иқтисодӣ яксон монд, ҳарчанд онҳо кайҳо ба рӯйхати афзалиятноки кишварҳои пешрафта ворид карда шуда буданд. Мушкилоти экологӣ дар онҳо ҳамчун як ҷузъи мушкилоти глобалии рушди устувори кишоварзӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳалли он бо тағйири парадигмаҳои истифодаи муҳити зист - гузариш аз шакли беэътиноӣ ба ҳимояи муҳити зист, муайян карда мешавад.

Пас аз шурӯи ислоҳоти аграрӣ хатогиҳо дар идораи замин ва танзими муносибатҳои замин, норасоӣ ва мухолифатҳои қонунгузории замин боз ҳам аёнтар шуданд.

Бо назардошти маҳдудияти захираҳои замин ва ҳангоми таҳияи саволҳои муносибатҳо нисбат ба замин, гардиши бозаргонии замин ва ба назар гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ, ки ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёти аҳолии минтақаҳои мушаххаси

кишвар дахл доранд ва дар ин масъалаҳо ҳуқуқҳои васеътари ҷамоатҳо тақвият дода мешаванд.

Ба назар гирифтани ҳолати кунунии захираҳои замин, сатҳи рушду фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, вазъи истифодаи захираҳои меҳнатӣ, шароити иҷтимоию иқтисодии зиндагӣ дар нуқтаҳои аҳолинишини деҳот, инчунин, то чи андоза минтақа барои ташкили бозори мутамаддини замин омода аст аз марказ идора намудан ғайриимкон аст.

Муносибатҳои замин - як маҷмӯи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошанд, ки на ҳама ҷузъиёти он пурра дарк карда шудаанд. Ҳатто он вобаста ба заминҳои кишоварзӣ, дар мавқеи ҷойгиршавии он дар минтақаҳои гуногун: дар нуқтаҳои аҳолинишини деҳот; дар канори шаҳр; дар миқёси наздишаҳрӣ; дар як косибии тобистона; дар кооперативҳои боғдорӣ ва дигар қисмҳое, ки ба категорияи заминҳои кишоварзӣ дохил карда шудаанд, фарқ мекунанд [2,с.34].

Аз ин рӯ, истифодаи танҳо механизмҳои бозор барои танзими ин муносибатҳо ғайриимкон арзёбӣ мегардад. Ҷорӣ намудани гардиши бозори замин таҳқиқоти пешакиро дар доираи як қатор масъалаҳои дастгирии инфрасохтор; баҳодиҳии кадастрӣ ва иқтисодии замин; таҳқиқот оид ба масъалаҳои арзиши замин; пардохти он; андози замин ва иҷораро талаб мекунад. Ҳамаи ин масъалаҳо метавонанд танҳо дар сатҳи давлатӣ ҳаллу фасл карда шаванд.

Амалҳои давлат оид ба пешгирӣ ва рафъи падидаҳои манфӣ дар муносибатҳои замин, сифати замин ва истифодаи он ҳанӯз ба муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, рушди стратегӣ ва консептуалии илми кишоварзӣ асос намеёбанд. Илова бар ин, муносибати муназзам дар маҷмӯъ, беҳбуди муносибатҳои замин, робитаи онҳо бо ноҳиябандӣ дар деҳот, идоракунии замин, мониторинг, арзёбии экологии ҳолати захираҳои заминӣ талаб менамояд.

Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки захираҳои камтарини заминро дорост. Дар оғози соли 2019 ба ҳар як нафар аҳолӣ 0,09 га замини корам рост меояд, ки аз омори миёнаи кишварҳои Аврупо зиёда аз 3 баробар (0,28-0,48) га ва дар муқоиса бо Русия 9,7 маротиба камтар аст. Дар вилояти Хатлон дастрасии заминҳои корам дар санаи зикршуда 0,10 гектар ба 1 нафарро ташкил додааст.

Муносибатҳои замин ҳамчун як соҳаи мушаххаси муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа, ки аз соҳибӣ ва истифодаи замин бармеоянд ва шарти ҳамаҷонибаи воситаҳои меҳнат ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд, аҳамияти хос доранд. Муносибатҳои замин як ҷанбаи васеъ мебошад, ки доираи васеи масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: шаклҳои моликият ва идоракунӣ, бозори замин, пардохтҳои иҷора, андози замин, идораи замин.

Ислоҳоти муосири аграрии замин, пеш аз ҳама тағйир додани моликияти замин ва дар оянда ташаккули шаклҳои дахлдори идоракунии иқтисодро дар бар мегирад. Ҳамзамон, системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мавриди моликият, ихтиёрдорӣ, истифодаи моликият ва гирифтани сарвати моддӣ ба куллӣ тағйир меёбад.

Таҳкими минбаъдаи ислоҳоти деҳот танҳо пас аз табдил ёфтани муносибатҳои дохилихоҷагӣ дар ташкилотҳои дастаҷамъии кишоварзӣ ва муносибатҳои амволӣ имконпазир аст. Бояд ислоҳоти муносибатҳои замин бо назардошти манфиатҳои иқтисодии сокинони деҳот ва соҳибони саҳмҳои замин сурат гирад [6,с.34].

Дигаргуниҳои сохтории соҳаи кишоварзӣ ва ислоҳоти муносибатҳо нисбат ба замин аз ду ҷиҳати асосӣ иборатанд: барқароркунии пурраи замин ва кафолати моликияти хусусии замин (дар кадом шакле, ки набошад); дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар истеҳоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама гуна шаклҳои идоракунӣ.

Инкишофи минбаъдаи муносибатҳои замин, аз нуқтаи назари мутамарказии замин дар субъектҳои амалкунанда, тавассути иҷора, васеъ намудани гардиши бозор ва ипотекаи замин имконпазир аст. Ин ташаккул додани механизми воқеии бозор, танзими дақиқи давлатии муносибатҳои замин, аз ҷумла бозори замин, таъмини ҳуқукии онро талаб мекунад.

Татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти замин бо риояи шартҳои зерин имконпазир аст:

❖ мавҷудияти барномаи возеҳи амал, ки мақсаднок, пайдарҳамӣ, таъмини иҷрои қарорҳо ва тадбирҳои татбиқи онҳоро муайян менамояд;

❖ дастгирии фаъолонаи иттилоотии чорабиниҳо, корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ;

❖ ҳамкории пурраи тамоми шохаҳои ҳокимият;

❖ таъмини захираҳо барои гузаронидани ислоҳот ва ғайраҳо.

Дар дастгирии муносибатҳои нисбат ба замин бояд нақши қонунгузорӣ ва меъёрию методологии дигаргуниҳои замин ба назар гирифта шавад. Сиёсати аграрӣ дар соҳаи муносибатҳои замин бояд на аз тағйири моликият, балки ба ташаккули маҷмӯи омилҳое, ки ҳосилнокии заминро афзоиш медиҳанд, ҳосилнокии зироат ва самаранокии онро меафзоянд ва инчунин воридоти боэътимоди маблағҳоро ба буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳурӣ таъмин намояд.

Ташаккули бозори заминҳои кишоварзӣ – боздоштан ва пешгирӣ кардани мусодираи заминҳои кишоварзӣ аз муомилот ва ба дигар категория гузаронидани онҳо, масъулияти истифодабарандагони замин дар истифодаи мақсадноки заминро дар назар дорад.

Ҳамзамон, муомилоти бозории замин – тағйирёбии соҳибони замин ва истифодабардагони замин, ё аз нав тақсимоти ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо дар асоси шартномаи хариду фурӯши замин, иҷора, тӯҳфа, ҳамчун саҳми гузаштан ба фонди оинномавии корхонаҳои муштарак, гарав, хуруҷи маҷбурӣ ва дигар амалҳои ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузории амалкунандаро дар назар дорад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ қитъаҳои замин ҳамчун объекти амволи ғайриманқул – объекти хариду фурӯш, мубодила, тӯҳфа, гарав ва захираи сармоягузорӣ амал менамояд. Соҳиби замин метавонад маблағҳои аз ҳисоби фурӯши он ба даст овардаро ба навсозӣ ва тавсеаи истеҳсолот равона намояд. Дар шакли гарав замин ҳамчун кафолати иҷрои уҳдадориҳои қарзгиранда дар назди қарздиҳанда баромад мекунад.

Сохти фонди замини вилояти Хатлон дар муқоиса бо минтақаҳои ҳамсоя аз сатҳи баланди рушд шаҳодат медиҳад. Дар оғози соли 2019, заминҳои кишоварзӣ 326,3 ҳазор га (30,0% фонди умумии замин)-ро ташкил кардаанд [9,с.34].

Таҳлили сохтори заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки аз соли 1991 инҷониб заминҳои корам хеле коҳиш ёфтааст. Аз сабаби истифодаи ғайрисамарабахши заминҳои кишоварзӣ, як қисми заминҳои корам кишт карда намешаванд ва ба заминҳои боир, алафзор, чорогоҳҳо табдил ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи босуръати заминҳои кишоварзӣ аз байн мераванд, ки ин тамоюли номатлуб мебошад. Дар робита ба ислоҳот ва тақсимоти хоҷагиҳои коллективӣ ва совхозҳо, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), зиёд шудани масоҳати хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ, тағйироти назарраси сохторӣ ва тағирёбии категорияи истифодабарандагон ба миён омадаанд.

Дар корхонаҳои коллективии кишоварзӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 1991, майдони заминҳои таъйиноти кишоварзӣ 131,4 ҳаз. га (8,3%), аз ҷумла заминҳои обӣ 25,9 ҳаз. га (8,7%) кам шуд. Ҳамзамон, масоҳати заминҳои корами аҳолӣ 42,6 ҳаз. га (188,5%) афзудааст. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар майдони замини корам, ки шаҳрвандон аз аввали соли 2019 истифода мебаранд ба 549,5 ҳаз. га расид, ки 66,5%-и заминҳои киштро ташкил медиҳад [7,с.18]. Коҳишёбии асосии зироатҳои техникӣ ва хӯроки чорво дар хоҷагиҳои коллективӣ - истеҳсолкунандагони асосии ин намуди маҳсулот ба амал омадаанд. Майдонҳои кишти корхонаҳои кишоварзӣ асосан барои кишти ғалладона гузаронида шуда, баъзеҳо аз таъиноти кишоварзӣ берун монданд.

Мавриди қайд аст, ки дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ҳукумат барои таъмини талаботи аҳолӣ дар ду марҳала ба аҳолӣ 75 ҳаз. га заминҳои таъйиноти кишоварзиро чун хоҷагиҳои шахсии аҳолӣ бо ибораи маъмул “Заминҳои Президентӣ” тақсим карда дод.

**Ҷадвали 1. Кам шудани заминҳои Президентӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2000-2019**
**Table 1. Reduction of presidential lands in Khatlon region in 2000-2019**

| Минтақаҳо | Миқдори заминҳо ҳамагӣ | Аз он обӣ | Миқдори заминҳо ҳамагӣ | Аз он обӣ | Фарқ:+,- | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ба ҳолати 1.01.2019 | | Ба ҳолати 1.01.2019 | | Ҳамагӣ | Аз он обӣ |
| **Хатлон** | **26930** | **16061** | **28080** | **17300** | **1150** | **1239** |
| **Минтақаи Кулоб** | **10776** | **3706** | **11391** | **3876** | **615** | **170** |
| Балҷувон | 299 | 20 | 299 | 20 | - | - |
| Восеъ | 1026 | 686 | 1026 | 686 | - | - |
| Кулоб | 788 | 430 | 788 | 430 | - | - |
| Данғара | 1241 | 240 | 1267 | 251 | 26 | 11 |
| Ҳамадонӣ | 1489 | 1416 | 1489 | 1416 | - | - |
| Ховалинг | 1067 | 91 | 1067 | 91 | - | - |
| Муминобод | 1189 | 50 | 1700 | 200 | 511 | 150 |
| Темурмалик | 1172 | 24 | 1231 | 33 | 59 | 9 |
| Фархор | 899 | 749 | 899 | 749 | - | - |
| Шурообод | 1606 | - | 1625 | - | 13 | - |
| **Минтақаи Бохтар** | **16154** | **12955** | **16689** | **13424** | **535** | **469** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ш. Бохтар | 109 | 109 | 109 | 109 | - | - |
| Н.Хусрав | 354 | 354 | 418 | 418 | 64 | 64 |
| Вахш | 1336 | 1120 | 1356 | 1140 | 20 | 20 |
| Бохтар | 1851 | 1778 | 1929 | 1856 | 78 | 78 |
| Ёвон | 1794 | 599 | 1847 | 602 | 53 | 53 |
| Қубодиён | 1543 | 1543 | 1555 | 1555 | 12 | 12 |
| Ҷ. Балхӣ | 1561 | 1561 | 1610 | 1610 | 49 | 49 |
| Ҷайҳун | 1333 | 1333 | 1642 | 1642 | 309 | 309 |
| Норак | 115 | 15 | 115 | 15 | - | - |
| Панҷ | 881 | 881 | 881 | 881 | - | - |
| Сарбанд | 178 | 178 | 179 | 179 | 1 | 1 |
| А.Ҷомӣ | 1521 | 1350 | 1537 | 1250 | 16 | - |
| Шаҳритус | 712 | 712 | 712 | 712 | - | - |
| Хуросон | 2049 | 605 | 2049 | 605 | - | - |
| Ҷиликул | 817 | 817 | 854 | 859 | - | - |

Сарчашма: Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1.01 солҳои 2011-2019 [8,с.18].

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки миқдори заминҳои Президентӣ дар вилояти Хатлон 1150 га кам шудааст, ки 1239 га заминҳои обӣ мебошанд. Таҳқиқот нишон дод, ки дар ин заминҳо асосан сабзавот ва хӯроки чорво кишт мешавад. Дар баъзе ноҳияҳо умуман истифода намешаванд.

Дар марҳалаи аввал метавон гуфт, ки истифодаи ин заминҳо мамлакатро аз бӯҳрони нарасидани ғаллаи хӯрокворӣ раҳонид. Сипас бо мурури замон, мардум ин заминҳоро танҳо баро чаронидани чорво ва истеҳсоли алаф истифода мебаранд. Зарурати баргардонида гирифтани ин заминҳо расидааст, зеро қисми асосии ин заминҳо аз маҳалҳои аҳолинишин дур ҷойгир шуда, самаранокии иқтисодии он ниҳоят паст мебошад.

Усули муҳимтарини танзими муносибатҳои замин ҷалб ва истифодаи самараноки он - усули систематикӣ мебошад. Сарфи назар аз хусусият ва самтҳои таҳқиқот, он бояд тавсифи шароити минтақавӣ, арзёбии дараҷаи интенсификатсияи кишоварзӣ, идораи инноватсионии ҷалб ва истифодабарии замин, таъсири баҳои қобилияти ҳосилхезии замин ба ташаккули арзиши замин, андози замин, пардохти иҷора ва муҳофизати замин.

Дар соҳаи кишоварзӣ вилояти Хатлон дар истифодаи технологияҳо, системаҳои минтақавии кишоварзӣ мавқеи худро аз даст дод, ки ба кам шудани кишти зироатҳо, ҳосилнокии паст ва ҳосили умумии маҳсулоти зироатӣ ва инчунин маҳсулоти чорводорӣ оварда расонид.

Соли 1990 истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулот дар ташкилотҳои кишоварзии ҷумҳурӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок буд ва аз солҳои 2010 бесамар гардид. Соли 2018 сатҳи даромаднокӣ, истеҳсоли ҳама намуди маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварии кооперативи истеҳсолии ба номи Файзали Саидови ноҳияи Бохтар ба 18,0% ва чорводорӣ зараровар буд.

Истеҳсолоти бесамар дар бахшҳои асосӣ боиси тағйири таносуби шумораи хоҷагиҳои коллективии даромадовар ва зиёновар гардид. Агар дар соли 1990–ум, 80,0% корхонаҳои кишоварзӣ фоидаовар буданд, пас дар соли 2019–ум (25,4%) корхонаҳо соли молиявиро бо натиҷаи манфӣ ҷамъбаст намуданд [4,с.18].

Субот ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба ҷалб ва самаранок идора намудани истифодабарии заминҳои корам бо таъмини ҳавасмандии истифодабарандагони замин ба парвариши зироатҳои дар бозор рақобатпазир мебошад.

Проблемаи муҳимтарин дар системаи муносибатҳои замин ин масъалаҳои идоракунии замин мебошад, аз ҷумла:

❖ дифференсиатсияи соҳибмулкии замин;

❖ ҷамъоварӣ ва харҷи маблағҳо аз андози замин, иҷора, фурӯши замин ва дигар амалиётҳо бо онҳо.

Дар асоси таҳлили вазъ ва ҳолати кунунии идораи заминистифодабарӣ самтҳои асосии истифодаи оқилонаи захираҳои замини вилояти Хатлон ва ҳифзи онҳо тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

❖ мӯътадилгардонии муҳити табиӣ тавассути ташкили системаи мӯътадилии муҳити зист ва минтақаҳои махсус ҳифзшаванда, ки тавозуни экологии худро нигоҳ дошта метавонанд;

❖ дар оянда пешгирии таназзули замин;

❖ барқарор кардани талафот ҳангоми идоракунии нодуруст ва харобшавии хосиятҳои аслӣ ва сифатҳои замин, ки ба шароити табиии атроф мутобиқанд;

❖ гузариш ба технологияҳо ва системаҳои сарфаи захираҳои замин ва дигарон.

Вазифаҳои идоракуниро танҳо дар сатҳи минтақавӣ метавон таъсис дод, ки системаи ягонаи танзими захираҳои замин, ки истифодаи оқилона, ҳамаҷонибаи онро сарфи назар аз шакли моликият ва сохтори соҳавии иқтисодиёти минтақа таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров И.С. Аграрная реформа Республики Таджикистан. Монография / И.С. Ашуров. -М.: «НИПКЦ Восхода», 2008. -332 с.
2. Ашуров И.С. Земельная реформа и формирование новой системы земельного строя (научная статья) / И.С. Ашуров // Доклады Таджикской Академии сельскохозяйственных наук. – 2008. -№1-2. -С.31-42.
3. Барфиев К.Х. Основные направления система статистических показателей эффективного использования земельных ресурсов / К.Х. Барфиев // Экономика и бизнес: теория и практика. -2016. -№1. -С.28-32.
4. Молияи Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - С.95-97.
5. Маълумот дар бораи миқдори заминҳо ва тақсимоти он ба намудҳо дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( баҳолати 1.01.2020).
6. Сафарова А.Ҷ. Ислоҳоти кишоварзӣ: дастовардҳо ва муаммоҳо / А.Ҷ. Сафарова, И.С. Ашуров, Паймони Ҷуразода // Паёми Донишгоҳи давлатии Курғонтеппа ба номи Носири Хусрав. - 2017. -№1/4 (49). -С.330-336.
7. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический сборник. –Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2019. -351 с.
8. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). Статистический сборник. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2019. -475 с.
9. Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1.01 солҳои 2011-2019.


**МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ МЕНЕҶМЕНТИ ҶАЛБ ВА ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ КОРАМ ДАР ХОҶАГИҲОИ КИШОВАРЗӢ**


Дар мақола муаллиф механизмҳои такмили менеҷменти ҷалб ва истифодаи заминҳои корам дар хоҷагиҳои кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикичстон баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ислоҳоти гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар интихоб ва парвариши тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, имконияти гузаронидани кишти такрорӣ дар майдонҳои озодшуда дар аксарияти минтақаҳо озодӣ овард. Гузариш ба намиудҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ, ташкили намудҳои нави хоҷагидорӣ ва хусусигардонӣ ба тағйирёбии пурраи соҳаи кишоварзӣ оварда расонд. Бояд қайд намуд, ки солҳои охир соҳаи кишоварзӣ хеле устуыор ва яке аз бахшҳои иқтисод Тоҷикистонро рушддиҳанда маҳсуб меёбад. Муаллиф тавонистааст, дар асоси далелҳо исбот намояд, ки баҳсҳо доир ба хусусигардонии замин дар Тоҷикистон боиси афзун шудани ҳосилнокии заминҳо нагашта, он боиси дар дасти чанде ҷамъ шудани он мегардад, зеро деҳқонон дар ин шароит самаранок истифодабарии онро таъмин карда наметавонад.



**Калидвожаҳо:** замин, хусусигардонӣ, ҳосилнокӣ, заминҳои Президентӣ, менеҷмент, идораи замин, бозори замин, фонди замин, заминҳои корам, хоҷагиҳои деҳқонӣ.


**МЕХАНИЗМЫ УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕНЕДЖМЕНТА ПРИВЛЕЧЕНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПАХОТНЫХ ЗЕМЕЛЬ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ**


В статье автором рассмотрены механизмы усовершенствования менеджмента привлечения и использования пахотных земель в сельском хозяйстве Республики Таджикистан**. Автор отмечает, что п**роведенная реформа в отрасли сельского хозяйства дала свободу дехканским (фермерским) хозяйствам в выборе и выращивания всех видов сельскохозяйственной культуры, а также возможности проведения повторного посева на освобожденных полях во многих местах. Переход к новым видам экономических отношений, организация новых видов хозяйствования и приватизация привели к полному изменению сельскохозяйственной отрасли.Следует отметить, что за последние годы сельскохозяйственная отрасль считается необходимо устойчивым и одним из секторов, развивающих экономику Таджикистана. Автор статьи утверждают, что полемика по поводу приватизации земли в Таджикистане не привела к увеличению продуктивности земли, а, скорее, к небольшому скоплению земли, поскольку фермеры не смогли использовать ее эффективно.



**Ключевые слова:** земля, приватизация, продуктивность, Президентские земли, управление, землеустройство, рынок земли, земельный фонд, пашня, дехканские хозяйства.


**MECHANISMS FOR IMPROVING THE MANAGEMENT OF ATTRACTING AND USING AGRICULTURAL LANDS**


In the article, the author considers the mechanisms for improving the management of attracting and using arable land in agriculture of the Republic of Tajikistan. The author notes that the reform in the agricultural sector has given freedom to dekhkan (private) farms in the selection and cultivation of all types of agricultural crops, as well as the possibility of re-sowing in the vacated fields in many places. The transition to new types of economic relations, the organization of new types of management and privatization has led to a complete change in the agricultural sector. It should be noted that in recent years the agricultural sector is considered necessary stable and one of the sectors that develop the economy of Tajikistan. The author of the article argues that the controversy over land privatization in Tajikistan did not lead to an increase in land productivity, but rather to a small accumulation of land, as farmers were unable to use it efficiently.



**Keywords:** land, privatization, productivity, Presidential lands, management, land management, land market, land fund, arable land, dehkan farms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Паймони Ҷуразода*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **zafar.430105@mail.ru**. Телефон: **985-36-95-97**

**Сведения об авторе:** ***Паймони Джуразода*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрав, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **zafar.430105@mail.ru**. Телефон: **985-36-95-97**

**Information about the author:** ***Paimoni Dzhurazoda*** - Bokhtar State University named after Nosira Khusrav, Ph.D., Department of Economic Theory. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, st. Aini, 67. E-mail: **zafar.430105@mail.ru.** Phone: **985-36-95-97**

**УДК 658.589 (575.3)**

# ТАҲЛИЛИ САТҲИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ КОРХОНАҲОИ КОНСЕРВА ДАР МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН

***Раҳматуллоева М.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зери мафҳуми модернизатсия инқилоби саноатӣ ва саноатикунонӣ фаҳмида мешавад ва дар муқоиса бо ҷомеаи анъанавӣ он заминаи ташаккули ҷомеаи саноатӣ ба шумор меравад. Ба андешаи мо, модернизатсия ин тағйирдиҳии низоми тиҷорат буда, он табиӣ, органикӣ ва шитобкунанда мешавад. Айни замон механизмҳои мавҷудаи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ рушди истеҳсоли молу хизматрасониҳоро ҷавобгӯ ба талаботи замон ҳавасманд насохта, балки ба пешрафти онҳо монеа эҷод карда истодаанд, аз ин рӯ, модернизатсия зарур мебошад. Яке аз монеаҳои калидие, ки пеши роҳи навсозии саноатӣ ва умуман иқтисодиёти ҷумҳуриро мегирад набудани идоракунии ба талаботи замон ҷавобгӯ дар корхонаҳои ватанӣ мебошад. Модернизатсияи иқтисодиёт, пеш аз ҳама, ташаккули шахсияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо тафаккури навро дар назар дорад [1,с.67]. Инчунин, модернизатсияи иқтисодиёт ташаккули шароити мусоиди беруна ва дохилӣ мебошад. Вобаста ба замони муосир метавон гуфт, ки модернизатсияи техникӣ ва технологӣ, моҳиятан, раванди прогрессивии такмилдиҳии сифатии қувваҳои истеҳсолкунанда тавассути татбиқи инноватсияҳо мебошад.

Модернизатсияи технологии комплекси саноатӣ, ба андешаи мо, таҷассуми амалии рушди инноватсионии иқтисодиёт мебошад, ки тамоюлҳои он чунинанд:

- таҳкими ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот;
- тағйир ёфтани хусусияти сармоягузориҳо (бештар таъйиноти инноватсионӣ доранд) ва сохтори манбаъҳои онҳо (сармояи венчурӣ, амалиётҳои лизингӣ, шартномаҳои литсензионӣ ва ғайра);
- тағйир ёфтани хусусияти меҳнат дар тамоми зуҳуроти он, ки бо мураккабӣ ва дигаргунсозии муносибати одамон дар ҷараёни истеҳсолот муайян карда мешавад;
- таҳкими вобастагии мутақобилаи рушди низомҳои хоҷагидории сатҳҳои гуногун.

Саноати хӯрокворӣ соҳаи ниҳоии комплекси агросаноатӣ буда, ба он маҷмӯи соҳаҳое тааллуқ доранд, ки маҳсулоти хуштаъми хӯрокворӣ, инчунин, маҳсулоти тамокуро истеҳсол мекунанд. Саноати хӯрокворӣ бо ҷойгиршавии даврагӣ фарқ мекунад, ҳарчанд маҷмӯи соҳаҳои он дар ҳар як минтақа бо сохтори кишоварзӣ ва ҳаҷми истеҳсолот аз як тараф ва шумораи аҳолии минтақаву шароити интиқоли маҳсулоти тайёр, аз тарафи дигар муайян карда мешавад [3,с.110].

Саноати хӯрокворӣ бо соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд буда, зиёда аз 30 соҳаро бо истифодаи ашёи хоми гуногун муттаҳид месозад. Баъзе соҳаҳо ашёи хоми коркарднашуда (шакар, равған)-ро истифода намуда, баъзеҳо ашёи хомеро, ки аз коркард гузаштааст (нонпазӣ, қаннодӣ, макарон), истифода менамояд, гурӯҳи сеюм бошад, омезиши ду гурӯҳи аввала мебошанд (гӯшт, шир).

Ҷойгирсозии саноати хӯрокворӣ аз мавҷудияти ашёи хом ва истеъмолкунанда вобаста аст. Аз рӯи дараҷаи таъсири онҳо гурӯҳҳои зерини соҳаҳоро метавон аз ҳам ҷудо намуд.

Гурӯҳи якум ба истеҳсоли ашёи хом дар минтақаҳо майл мекунанд, зеро дар ин ҷо хароҷоти ашё барои як воҳиди маҳсулот зиёд буда, ҳамлу нақл бо талафоти зиёд ва бад шудани сифат алоқаманд аст. Ба ин қанд, меваву сабзавоти консервшуда, равғану чарбу, равған ва намак дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм ба ҷойҳои истеъмоли маҳсулоти тайёр марбут буда, маҳсулоти зудвайроншавандаро истеҳсол мекунанд. Ин саноати нонпазӣ, қаннодӣ, шир ва маҳсулот

аз он (сметана, панир, кефир, чурғот, чака ва ғ.) мебошад, ки асосан дар минтақаҳои сераҳолии деҳот ва дар шаҳрҳо мутамарказ шудаанд.

Гурӯҳи сеюм аз соҳаҳое иборат аст, ки, ҳамзамон, ба ашёи хом ва истеъмолкунандагон такя менамоянд. Чунин ҷойгиркунии дутарафа ба истеҳсоли гӯшт, орд, шир тавсиф мешавад.

Айни замон саноати хӯрокворӣ яке аз бахшҳои инкишофёбандаи кишвар буда, бо ҷолибияти сармоягузорӣ фарқ мекунад ва имкон медиҳад, ки шабакаи васеи корхонаҳои коркарди иқтидорҳои хурдро, ки бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидаанд, бунёд карда шаванд. Татбиқи инноватсияҳо ба мақсадҳои рушди босуботи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҷавобгӯ буда, назорат дар ин миён барои татбиқи навовариҳо дар идоракунӣ масъалаи калидӣ дониста мешавад. Замони муосир нисбатан муваффақона татбиқ менамояд. Навовариҳо дар идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ барои ҳалли масъалаҳои зерин тарҳрезӣ шудааст:

– гирифтани маълумоти ибтидоии андозашаванда дар нуқтаҳои назорати интиқодӣ мувофиқ ба меъёри ISO 22000;

– таҳлили маълумоти фаврӣ ва пешгӯии динамикаи ченакҳои сифат бо ҷалби дастгоҳи моделсозии математикӣ;

– пешниҳоди боэътимод ва саривақтии натиҷаҳои назоратӣ ба корбарони манфиатдор;

– ба даст овардани арзёбии ҳамаҷонибаи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ бо назардошти меъёру маҳдудиятҳои мавҷуда;

– дар муддати тӯлонӣ ҷамъоварӣ ва нигоҳдории иттилоот, инчунин таъмини дастрасии осон ба он.

Зарурати модернизатсияи корхонаҳои саноатӣ инчунин дар он аст, ки истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатии безарарро ба роҳ монанд.

Аксар соҳибкорони саноати Тоҷикистон аз навоварон набуда, тақлидкунандагонеанд, ки аз тарҳу технологияҳои озмудашуда истифода мекунанд [6,с.4]. Ба андешаи мо, таъсири манфии муҳити берунаи тиҷорат ба соҳибкорон аз хусусиятҳои соҳибкорӣ буда, хоси соҳибкории ватанӣ низ мебошад. Кӯшишҳои соҳибкорони ватанӣ на ба ташаккули ғояҳои инноватсиониву татбиқи онҳо, балки бештар тиҷоратӣ буда, ба воридоти маҳсулоти тайёр аз кишварҳои хориҷа равона гардидааст. Инчунин, ин воқеият аз норасоии воситаҳо барои татбиқи тадқиқотҳои пешакӣ, яъне пажӯҳиши бозо ва харидорон то татбиқи лоиҳа вобаста аст. Сабаби ин мушкилӣ дар муҳити берунаи тиҷоратии номукаммал дар кишвари мо мебошад.

Тибқи тавсияи олимони соҳаи тиб, ба ҳар сар аҳолӣ бояд дар зарфи як сол 40 қуттӣ сабзавоти консервшуда ва 25 қуттӣ афшураи мевагию компот истеҳсол карда шавад. Айни замон чунин ақида вуҷуд дорад, ки аҳолии деҳот дар давраи тирамоҳу зимистон маҳсулоти мева ва сабзавотро кам истеъмол мекунанд. Аммо пурсишҳои миёни аҳолии деҳоти вилояти Суғд гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ҳар як оилаи иборат аз 5 нафар ҳамасола дар шароити хона 20-35 банкаи муқаррарӣ маҳсулоти гуногунро консерва менамоянд. Ҳаҷми фурӯши зарфҳои шишагӣ аз ҷониби ҶС «Лаъл»-и шаҳри Хуҷанд ба аҳолӣ ва гардиши зарфҳои шишагие, ки пас аз фурӯши маҳсулоти консервшудаи меваю сабзавот ба корхонаҳои соҳа барнамегарданд ба болоравии назарраси ҳаҷми истеҳсоли консерваву афшура дар шароити хона ишора месозанд.

Ба инобат гирифтани ин омилҳо дар сатҳи ҳар як ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи зарурии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди меваю сабзавот барои коркарди маҳаллӣ бунёд гардида, самаранокии истифодаи захираҳои замин ва маҳсулнокии соҳаи растанипарварӣ баланд бардошта шавад. Дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ бунёди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди меваю сабзавот барои боз ҳам амиқгардонии махусгадонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина баланд бардоштани рақобатпазории молистеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат менамояд. Бо назардошти имкониятҳои мавҷуда ба истеҳсоли номгӯи маҳсулоти дилхоҳ махсус гардонида мешаванд. Ҳамаи ин самтҳо хусусияти ташкилию иқтисодӣ дошта, метавонанд дар доираи сиёсати иқтисодии бомуваффақ ҳал карда шаванд. Агар дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муносибатҳо тағйир наёбанд ва муҳити рақобатпазир ба таври зарурӣ ташаккул наёбад, ҳамаи ин тадбирҳо самараи хуб дода наметавонанд.

Таҳлили рақобатпазирии маҳсулоти консервабарории меваю сабзавоти корхонаҳои коркард ақибмонии сатҳи онро аз намудҳои монанди маҳсулотҳое, ки ба бозори дохилии ҷумҳурӣ ворид мешаванд нишон медиҳад [2,с.88].

Пурсиши анҷом додашуда дар миёни 1250 нафар сокинони шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон (Қайроқум) ва Бустон (Чкаловск) нишон дод, ки номгӯи маҳсулоти дар бозори

дохилӣ пешниҳодшаванда ҳоло ҳам аз рӯи намуди молӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Асосан маҳсулоти фурӯхташуда дар зарфҳои шишагини 1; 1,5 ва 2-литра пешниҳод карда мешавад, ки завқи истеъмолкунандаро ба инобат намегиранд. Дар бозорҳо, чи тавре дар боло қайд кардем, ғайр аз маҳсулоти як қатор корхонаҳо маҳсулоти истеҳсолшуда бо истифодаи технологияҳои муосир вуҷуд надоранд, ки бо намуди зоҳирӣ ва борҷомаи хурд муштариёнро ҷалб намояд.

**Ҷадвали 1. Динамикаи истеҳсоли консерваҳо аз рӯи минтақаҳо дар солҳои 2013-2017**
**Table 1. Dynamics of canned food production by regions in 2013-2017**

(млн. адад)

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017/2013. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, банка | 69,9 | 31,4 | 16,1 | 22,1 | 22,7 | 32,4% |
| Вилояти Хатлон | 8,7 | 5,1 | 1,2 | 2,6 | 4,4 | 50,5% |
| Вилояти Суғд | 46,4 | 17,7 | 12,9 | 17,9 | 15,9 | 34,2% |
| ш. Душанбе | 11,9 | 8,0 | 1,5 | 1,0 | 0,8 | 6,7% |
| НТҶ | 2,9 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 27,5% |

Сарчашма: ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти «Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. 2018» (с. 51-52) тартиб дода шудааст.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки истеҳсоли консерва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он қариб ки коҳиш ёфтааст. Инчунин, коҳишёбӣ оид ба истеҳсоли консерва ва минтақаҳои он мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, коҳишёбӣ дар вилояти Хатлон 50,5%, вилояти Суғд 34,2%, дар ш. Душанбе 6,7%, НТҶ 27,5%-ро ташкил дод. Дар умум, коҳишёбӣ дар ҷумҳурӣ 73%-ро ташкил дод. Ба андешаи мо, дар кишвар баҳисобгирии истеҳсоли консерва дар хонаводаҳо ба роҳ монда нашуда, фурӯши он ба сари як оила 250 литр ташкил дода, дар Тоҷикистон аз 850 ҳазор оила истеҳсоли ба ҳисоб нагирифта шуда, 165 млн. банкаи консерваро ташкил медиҳад. Ин мавҷудияти захираҳои калони рушди истеҳсолотро нишон медиҳад. Дар шароити муосир ҷузъи муҳимтарини раванди модернизатсияи корхонаҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистон такмили сиёсати давлатии саноатӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи ин сиёсат ба давлат имкон медиҳад, ки на танҳо муҳити бозор, корхона ва соҳаҳои алоҳидаро танзим намояд, балки масъалаҳои ислоҳоти сохторӣ, рушди инноватсионии иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро низ бо маром ҳал менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Белякова Г.Я. О логической взаимосвязи понятий "инновационное развитие экономики", "модернизация экономики", "инновационная модернизация экономики" / Г.Я. Белякова, Л.Р. Батукова // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2013. -№11-2. -С.64-77.
2. Каюмов Н.К. Система показателей эффективности производства / Н.К. Каюмов, А.А. Самадов. -Душанбе: Дониш, 1988. -С.88-95.
3. Низомова Т.Д. Приватизация и реструктуризация предприятий: теория и практика: Монография / Т.Д. Низомова. -Душанбе: Ирфон, 2006. -109 с.
4. Региональные особенности развития агропромышленного производства в условиях либерализации экономики: автореф. дисс. ... д.э.н. / Ф.Т. Эгамбердиев. -Ташкент, 2003. - 38 с.
5. Промышленность Республики Таджикистан. Статистический сборник. -Душанбе: ГВЦ, 2018. -180 с.
6. Харитонова Т.В. Факторы, влияющие на технологический прогресс в пищевой промышленности / Т.В. Харитонова // Пищевая промышленность. - 2018. -№6. -С.4-17.
7. Шамсиев К.Б. Концепция управления развитием предпринимательства в условиях перехода к рынку / К.Б. Шамсиев // Известия Академии Наук РТ. - 2003. -№3-4(7-8). -С.19-27.
8. Шамсиев К.Б. Развитие производственного предпринимательства – как фактор преодоления хремотистики Таджикистана / К.Б. Шамсиев // Материалы круглого стола. -Душанбе: ТГНУ, 2008. –С.25-26.
9. Шамсиев К.Б. Стратегия стимулирования и регулирования развития предпринимательства / К.Б. Шамсиев // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. – 2001. -№2.
10. Шамсиев К.Б. Экономические основы развития производственного предпринимательства АПК Таджикистана / К.Б. Шамсиев // Известия Академии наук РТ. – 2005. -№3-4.


**ТАҲЛИЛИ САТҲИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ КОРХОНАҲОИ КОНСЕРВА ДАР МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур шароити ҳозираи истеҳсоли консерва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Танзими соҳа тавассути истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ имконияти корхонаҳои ватаниро баҳри ҷалби сармоягузориҳо бо мақсади модернизатсияи истеҳсолот ва гузаштан ба рушди инноватсионӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, коркарди бештару босифаттари ашёи хоми маҳаллӣ имконият дода, бо ин барои баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳоти мамлакат мусоидат менамояд. Ба андешаи муаллиф дар мамлакат баҳисобгирии консерваҳои аз тарафи хоҷагиҳои оилавӣ истеҳсолшаванда ба роҳ монда нашудааст, инчунин, муайян нест, ки фурӯши он бар сари ҳар оила чӣ қадар рост меояд. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мо захираҳои назарраси афзоиши истеҳсолот мавҷуданд ва метавонанд ҳаҷму миқдори истеҳсоли саноати консервабарориро такмил диҳанд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар деҳоти мамлакат ҷумҳурӣ метавонем корхонаҳои хурди саноатиро барои истеҳсоли

консервахои меваю сабзавот бунёд кунем, то талаботи аҳолии аҳолии деҳот низ ба ин намуди маҳсулотҳо таъмин карда шавад. Бо мақсади камгардонии талафоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар мавсими зимистон аз тарафи корхонаҳои консервабарорӣ ба роҳ мондани истеҳсоли консерваҳо аз ҳисоби меваю сабзавот ва гӯшти дар анборҳои яхдондор нигоҳдошташаванда манфиатнок аст.

**Калидвожаҳо:** модернизатсияи саноат, саноати консервабарорӣ, минтақаҳои саноатӣ, истеҳсоли консерваҳо, инноватсия дар соҳаи саноат, маҳсулоти меваю сабзавот.

**АНАЛИЗ УРОВНЯ МОДЕРНИЗАЦИИ КОНСЕРВНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕГИОНОВ ТАДЖИКИСТАНА**

В работе анализируются условия модернизации производства консервной промышленности Таджикистана. Использование механизмов государственного стимулирования даст возможность развитию отрасли и её отдельных предприятий, способствует решению проблем инновационного преобразования отрасли, повышения уровня и качества жизни населения регионов страны. Проведенный опрос показал, что ассортимент предлагаемых продукций на внутреннем рынке не отвечает повысившимся требованиям спроса по товарным видам у потребителей. По мнению автора, в стране не налажен учет производства консервов в домашних хозяйствах и реализации в расчете на 1 семью. Это показывает наличие больших резервов роста производства, что позволяет совершенствовать объем и ассортимент производства консервной промышленности. Исходя из этого, на сельских и предгорных регионах республики можно создать мини-промышленные предприятия по производству плодоовощных консерв, которые могут способствовать удовлетворению потребностей жителей сельской местности. С целью минимизации потерь сельхозпроизводителей и удовлетворения спроса в зимнем сезоне следует наладить производство замороженных плодов, ягод, фруктов и овощей на предприятиях консервной промышленности региона.

**Ключевые слова:** модернизация промышленности, консервная промышленность, промышленные регионы, инновации в промышленности, плодоовощная продукция.

**ANALYSIS OF THE LEVEL OF MODERNIZATION OF CANNED ENTERPRISES OF THE REGIONS OF TAJIKISTAN**

In work, conditions of modernization of manufacture of canned food of Tajikistan are analyzed. Use of mechanisms of stimulation allows the state to carry out not only management of the market environment in the branch, separate branches, the enterprises, but also to solve problems of structural transformations, innovative development of economy, increase of level and quality of life of the population of regions of the country. A survey was conducted among 1,250 residents of Khujand, Gulistan and Bustan, who showed that the range of products offered to the domestic market is still not in demand by commodity types among consumers. According to the author, in the country there is no accounting for the production of canned food in households and the sales per 1 family of 250 liters, and in Tajikistan there are about 850 thousand families, which is unrecorded production of 165 million cans of canned food. This shows the presence of large reserves of production growth, which allows us to improve the volume and range of production of the canning industry. Based on this, it is possible in the rural and foothill regions of the republic to create mini-industrial enterprises for the production of canned fruits and vegetables, which can help meet the needs of rural residents and the rural population. In order to minimize losses of farmland and meet the demand in the winter season, production of frozen fruits of berries, fruits and vegetables should be organized at the enterprises of the canning industry in the region.

**Keywords:** industrial modernization, canning industry, industrial regions, industrial innovation, vegetable products.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳматуллоева Мошариф Раҳматуллоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: **(+992) 918-90-27-27**

**Сведения об авторе:** ***Рахматуллоева Мошариф Рахматуллоевна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-90-27-27**

**Information about the authors:** ***Rakhmatulloeva Mosharif*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Economics of Enterprise and Entrepreneurship. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-90-27-27**

**УДК 336.127**

# НАҚШИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲ ВА СИФАТИ ҲАЁТИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

***Раҷабов Ҳ.Ҳ,***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Даромадҳои пулии аҳолӣ ҳамчун ҷузви муҳимтарини некуаҳволии мардум баромад мекунанд, ки аз даромадҳо аз молу мулки хусусӣ, музди меҳнат, пардохтҳои характери иҷтимоидошта, интиқол (трансфертҳо)-и иҷтимоӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ иборат мебошанд. Бо вуҷуди ин, тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар андозаи даромад, инчунин тағйир додани принсипҳои тақсимот бояд дар якҷоягӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ, ки ба иқтисодиёт ва соҳаҳои назарияи даромад алоқаманданд, таҳқиқ карда шаванд [7,с.68].

Дар мақолаи мазкур муаммои даромадҳо дар чорчӯбаи ташаккули даромадҳои аҳолӣ дар амсилаҳои гуногуни он, инчунин дар шакли тақсимоти даромадҳо дар ҳама шароити имконпазири хоҷагидорӣ баррасӣ мешавад. Аксар вақт ин масъала танҳо дар робита бо

камбизоатӣ, қашшоқӣ, ҳифзи иҷтимоии сокинон омӯхта мешавад. Аммо, тағйироти миқдорӣ ва сифатии сохтори даромадҳо, инчунин, табдили принсипҳои тақсимотӣ дар робита бо муқарраroти назариявӣ, ки ба иқтисодиёт ва соҳаи назарияи даромадҳо мансубанд, бояд таҳқиқ карда шаванд. Омӯзиши ин масъалаҳо шароит муҳайё менамоянд, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт муайян гардида, чораҳои мушаххаси босамар таҳия гарданд [8,с.100].

Пас, робитаи мавҷуда байни мафҳумҳои «даромад» ва «сарват»-ро қайд кардан зарур аст. Ба андешаи мо мафҳуми «сарват» аз мафҳуми «даромад» фарохтар аст, зеро он аз захираҳои пул, неъматҳо ва хизматрасонӣ иборат буда, на ҳамеша бо истифодаи онҳо тавассути истеъмол алоқаманд мебошад. Айни замон даромад ин асоси ташаккули сарват мебошад, ки он дар ягон фосилаи вақт муайян карда мешавад. Аммо на ҳама вақт афзоиши даромад ва сарват дар ҳамон як самт тағйир меёбанд. Масалан, даромад метавонад зиёд шавад, вале омилҳои дигари таъсиррасон ба сарват (беқурбшавии асъор, пастравии нархи коғазҳои қиматнок ва ғ.) ҳаҷми онро коҳиш диҳад. Умуман, даромад ва сарвати аҳолӣ асоси қонеъ гардонидани талаботи моддиву маънавии онҳоро ташкил дода, омили муҳимми афзоиши некуаҳволии ҷамъиятӣ мебошад [2,с.42].

Аҳаммияти даромадҳо дар баланд бардоштани некуаҳволии ҷомеа аз он иборат аст, ки онҳо дар ихтиёри аҳолӣ қарор гирифта, шакли амволӣ доранд, тавассути талаботи пардохтпазир ба раванди истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, рушди онро ангезиш медиҳанд, сатҳи некуаҳволии ба дастовардашуда, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, инчунин, тағйироти дар ҳаёт ва суботи иҷтимоии ҷомеа ба вуҷудомадаро тавсиф медиҳанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар сохтори даромадҳои аҳолӣ тағйироти муайян ба вуҷуд омаданд. Масалан:

- шаклҳои даромадҳо тағйир ёфтанд, яъне ба даромадҳои анъанавӣ даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз амвол, амволи ғайриманқул, коғазҳои қиматнок ва ғайра илова шуданд;
- ҷузъҳои миқдорӣ ва сифатии даромадҳои аҳолӣ тағйир ёфтанд;
- самтҳою навъҳои нави истифодаи даромадҳо илова шуданд ва ғ.

Қайд бояд кард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, чунин шаклҳои даромад, ба монанди музди меҳнат ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, даромад аз хоҷагиҳои ёрирасон ва хусусӣ, нафақа, кумакпулӣ ва идрорпулӣ ё стипендияҳо, дивидендҳо ва даромадҳо аз фурӯши саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок ва асъори хориҷӣ, даромад аз қарзҳо, даромад аз фурӯши амвол, даромад аз суғурта ва дигар даромадҳои пулӣ фарқ мекардагӣ шуданд [3,с.168].

Самтҳои тағйирёбии ҳиссаи шаклҳои алоҳидаи даромадҳои сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори умумии онҳоро метавон ба таври мушаххас таҳлил намуд, ки он дар ҷадвали 1 ба пуррагӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори даромадҳои умумии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо – барои як аъзои хонавода дар як моҳ, сомонӣ)**
**Table 1. Structure of total income of the population in the Republic of Tajikistan (according to the sample household survey - for one household member per month, Somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 с. нисбати 2015 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади умумӣ | 225,6 | 351,1 | 374,1 | 409,8 | 475,5 | 210,8 |
| Аз ҷумла:<br>- даромади меҳнатӣ | 96,2 | 164,1 | 177,6 | 197,0 | 217,9 | 226,5 |
| - нафақа, ёрдампулӣ, стипедия | 9,8 | 22,0 | 24,9 | 26,7 | 30,8 | 314,3 |
| -даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 45,6 | 43,8 | 19,9 | 22,4 | 23,0 | 50,4 |
| - дигар даромадҳои пулӣ | 74,0 | 121,2 | 151,7 | 163,7 | 203,8 | 275,4 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - С. 114.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 1 дар солҳои 2015-2019 дар сохтори даромади умумии аҳолӣ тағйироти муайян мушоҳида мешавад. Умуман, даромади умумии аҳолӣ 110,8 банди фоиз афзуда, танҳо камшавии даромади аҳолӣ аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба миқдори 49,6 банди фоиз мушоҳида мешавад. Аз ҳама бештар, яъне 214,3 банди фоиз нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия афзудааст. Дар умум, сохтори даромади миёнаи аҳолӣ ба ҳар як сари аҳолии хонаводаҳо сатҳи пасти зиндагии аҳолиро тасдиқ мекунад. Ба ғайр аз ин, ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ дар даромадҳои умумии аҳолӣ ҳамагӣ 48,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ҳавасмандии аҳолиро ба меҳнат паст менамояд [4,с.41].

Ҳарчанд ҳиссаи музди меҳнат дар таркиби даромадҳои пулии сокинон нисбат ба давраи оғози ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст, вале то ҳол кифоя

нест. Барои иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар он тақрибан 50,0% аҳолӣ коргари кироя мебошанд, чунин тамоюли болоравии вазни хоси музди меҳнат аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан, шуғли асосӣ манбаи асосии ҳаётгузаронӣ намебошад. Тамоюли мавҷуда боиси афзоиши заминаи андозбандӣ ва интиқолҳои пулӣ ба фондҳои ғайрибуҷавӣ мегардад. Паствавии ҳиссаи даромадҳо аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки чунин ҳаҷми даромадҳои аҳолӣ дар ҳалли муаммоҳои иқтисодию иҷтимоии табақаҳои гуногуни ҷомеа ёрираслон буда наметавонанд ва зарур аст, ки дар ин самт ниҳодҳои зарурӣ маҷмуи чорабиниҳои мушаххасро таҳия ва амалӣ намоянд [5,с.10].

Тағйиротҳои дар сохтори даромади аҳолӣ дар солҳои охир бавуҷуд омадаистода, асосан, бо афзоиши назарраси вазни хоси даромадҳо аз фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, инчунин тамоюли афзоиши ҳиссаи трансфертҳо (интиқол)-и маблағҳои пулӣ мушоҳида мешавад, ки баландшавии мақоми давлатро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа ва ба самти иҷтимоӣ нигаронда шудани сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос мекунад.

Ба даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ инчунин музди меҳнати кормандони аз андоз пинҳоншуда, даромад аз фаъолиятҳои ғайрирасмӣ, инчунин аз манбаъҳои хусусияти ҷиноятидошта ва ғайра низ дохил мешавад [6,с.118].

Дар баробари гуфтаҳои боло, ба фикри мо, барои афзоиш додани ҳиссаи музди меҳнат дар сохтори даромадҳои аҳолӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Рушди механизмҳои бозорӣ дар иқтисодиёт, маъмулан, самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот, аз ҷумла қувваи кориро низ баланд карда, мувофиқан музди меҳнати кормандонро низ афзоиш медиҳад.

2. Ташаккули муносибатҳои нави моликият дар шароити гузаронидани ислоҳот боиси тағйирёбии назаррас дар сохтори шуғли пурсамари аҳолӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, гузариши қувваҳои корӣ ба он соҳаҳое ба амал меояд, ки дар он ҷо соҳибкорон фоидаҳои зиёд ба даст меоранд (масалан, бунёди манзил, соҳаи молиявӣ) ва мувофиқан сатҳи музди меҳнати кормандон баланд мешавад.

Мутаассифона, тағйирёбии назаррас дар даромади сокинон дифференсиатсия (фарқият)-и байни сатҳи даромадҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти соҳавӣ ва ҳудудии даромади сокинон вуҷуд дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он тамоюли мусбӣ дар музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо мушоҳида мешавад. Мувофиқи ҳисобу китоби мо, умуман дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз 33,7 банди фоиз то 71,1 банди фоиз афзоиш ёфтааст [9,с.22].

Дар раванди анҷом додани таҳқиқот мо муайян кардем, ки сатҳи нисбатан баланди даромади сокинон дар он минтақаҳое мушоҳида мешавад, ки ҳоло инфрасохтори бозорӣ, саноат ва барои ташаккули фаъолияти муштараки тиҷоратӣ шароит муҳайё шудааст, Ба чунин минтақаҳо қабл аз ҳама шаҳри Душанбе дохил мешавад, ки дар он сатҳи нисбатан баланди музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар муқоиса бо сатҳи миёнаи умумиҷумҳуриявӣ мушоҳида мешавад (ниг.: ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳа, ки ба кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст (сомонӣ)**
**Table 2. Average monthly nominal wage paid to employees of enterprises and organizations at the regional level of the Republic of Tajikistan (Somoni)**

| № р/т | Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019с. нисбати 2015 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 878,9 | 962,2 | 1144,2 | 1233,8 | 1335,5 | 152,0 |
| 2. | ш. Душанбе | 1526,6 | 1619,5 | 1800,5 | 1935,3 | 2040,5 | 133,7 |
| 3. | Вилояти Хатлон | 645,1 | 714,1 | 843,4 | 913,3 | 998,5 | 154,8 |
| 4. | Вилояти Суғд | 696,8 | 774,2 | 1013,0 | 1072,3 | 1182,7 | 169,7 |
| 5. | ВМКБ | 701,5 | 796,2 | 917,0 | 1034,7 | 1200,4 | 171,1 |
| 6. | НТҶ | 832,2 | 901,8 | 968,6 | 1038,2 | 1120,1 | 134,6 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. - С. 133.

Таҳлили анҷомдодашудаи таҳқиқот нишон дод, ки дараҷаи пасттарини даромадҳои аҳолӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ хеле зиёд азият кашиданд ва инчунин дар ноҳияҳои вилояти Суғд мушоҳида мешавад. Дар давраи таҳлилӣ суръати бештари афзоиши музди меҳнат дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (71,1 банди фоиз) ва дар вилояти Суғд (69,7 банди фоиз) мушоҳида мешавад. Новобаста аз он, ки дар шаҳри Душанбе музди меҳнати номиналии баландтарин (2040,5

сомонӣ) мавҷуд аст, вале суръати афзоиши он дар соли 2019 назар ба соли 2015 ҳамагӣ 33,7 банди фоизро ташкил додааст, ки назар ба дигар минтақаҳо пасттар аст.

Агар соли 1998 коэффисиенти детсилии тафовут (дифференсиатсия) - даромади 10 фоиз (қисм)-и нисбатан таъминшудаи аҳолӣ назар ба гурӯҳи нисбатан камтаъмин (таъминашон паст) 11,5 борро ташкил дода бошад, пас дар оғози соли 2017 – он тақрибан 16,0 баробар зиёд буд.

Қайд бояд кард, ки маълумотҳои омори расмӣ танҳо гурӯҳи даромадашон миёнаи аҳолиро дар бар гирифта, маълумотҳоро дар бораи гурӯҳҳои камдаромад ва сердаромади аҳолӣ ба эътибор намегиранд. Қабл аз ҳама, ин ба интихоби таҳқиқоти буҷетии даромадҳои аҳолӣ вобаста аст, ки он сокинонро дар заминаи ҳудудӣ ва соҳавӣ дар бар гирифта, пурра гурӯҳҳои камдаромад ва ҳам сердаромади аҳолӣ ва табақаҳои иҷтимоиро дар бар намегирад.

Тарзҳои мавҷудаи таҳқиқи даромадҳои сокинон бо мураккабӣ ва дарки назариявии шаклҳои муҳимтаринии даромадҳо дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ муайян карда мешаванд [10,с.13].

Аз ин рӯ, даромади аҳолиро ҳамчун ташкилаи бонизом (системавӣ)-е таҳқиқ кардан зарур шуда, ки дар он методологияи тарз, таҳлил, усул ва принсипҳои илмии бонизомро дарбаргиранда мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Айни замон ба мутобиқати шаклҳои даромадҳо ва моликият; муносибатҳои мавҷуда дар соҳаи таълимот, инчунин танзими воситаҳои пулӣ ва пардохтҳои нақдӣ дар шароити сатҳҳои гуногуни идоракунӣ; мушкилоти мавҷуда нисбати ягонагии муносибатҳои дохили система (низом), тақсимот ва азнавтақсимкунии даромадҳои аҳолӣ; муносибатҳои байни бузургии даромадҳо ва сатҳи некуаҳволии аҳолиро барои таҳияи тавсияҳо оид ба рушд ва такмили назарияи даромадҳо ва истифодаи онҳо дар шароити муосири рушди хоҷагии халқ бояд диққати зарурӣ дода шавад.

Дар навбати худ таҳлили музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандони корхонаю ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ фарқият байни музди меҳнати кормандони кироя хеле назаррас аст (ниг.: ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сомонӣ)**

**Table 3. Average monthly nominal salary of employees of enterprises and organizations by types of economic activity in the Republic of Tajikistan (Somoni)**

| № р/т | Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019с. нисбати 2015 с., бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 878,9 | 962,2 | 1144,2 | 1233,8 | 1335,5 | 152,0 |
| 2. | Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 278,2 | 303,0 | 451,5 | 492,1 | 544,4 | 195,7 |
| 3. | Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 1900,6 | 1988,9 | 2374,5 | 2422,0 | 2597,5 | 136,7 |
| 4. | Саноати коркард | 962,8 | 1139,3 | 1273,9 | 1460,0 | 1580,3 | 164,1 |
| 5. | Неруи барқ, газ ва таъминоти об | 1306,6 | 1378,9 | 1617,3 | 1676,5 | 2034,1 | 155,7 |
| 6. | Сохтмон | 2017,2 | 2170,0 | 2022,3 | 2325,4 | 2435,1 | 120,7 |
| 7 | Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа | 1871,4 | 2096,9 | 2183,7 | 2337,0 | 1961,0 | 104,8 |
| 8 | Фаъолияти молиявӣ | 2320,6 | 2283,3 | 2892,8 | 3203,9 | 3333,1 | 143,6 |
| 9 | Мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 926,7 | 996,8 | 1018,4 | 1061,7 | 1092,8 | 117,9 |
| 10 | Маориф | 710,7 | 773,9 | 892,0 | 938,5 | 1058,6 | 149,0 |
| 11 | Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 678,0 | 735,2 | 800,7 | 831,1 | 900,0 | 132,7 |

Сарчашма : Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикстон. –Душанбе, 2020. -С. 124-127.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 3 гувоҳи онанд, ки музди миёнаи меҳнати номиналии баландтаринро кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки ба фаъолияти молиявӣ (3333,1 сомонӣ) ва дар саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо (2597,5 сомонӣ) фаъолият доранд, ба даст меоранд. Маоши камтарин бошад ба кормандони соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (544,4 сомонӣ), тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ

(900, сомонӣ) пардохт карда мешавад, ҳарчанд, ки суръати балантарини афзоиши музди меҳнат дар давраи таҳлилӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (95,7 банди фоиз) рост меояд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар доираи амалисозии консепсияву стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ин масъала диққати махсус дода шавад [11,с.190].

Умуман, таҳқиқи моҳият ва таркиби даромадҳои аҳолӣ барои баровардани хулосаҳои зерин имкон медиҳад:

– даромадҳои аҳолӣ вазъи муносибатҳои иқтисодии байни давлат, субъектҳои хоҷагидор ва аҳолиро ҷиҳати ба даст овардан, тақсим намудан ва аз нав тақсим кардани қисми муайяни арзиши ба вуҷудовардашуда ва истифодаи онҳоро ифода мекунад;

– сохтори даромади аҳолӣ аз даромадҳои пулӣ, истифодаи хидматрасониҳои ройгон ва ғ., ки ҳамчун пасандози хеш истеъмол карда ва истифода бурда мешавад, иборат мебошад;

– дар асоси тарзи бонизом (системавӣ) таҳқиқи даромадҳои аҳолӣ гузаронида шуд, ки он имкон дод консепсияи таҳлил, принсипҳо ва усулҳои илмии асоси методологии омӯзиши даромадҳои аҳолиро дар шароити муосир ташкилкунанда таҳия карда шаванд.

Дар раванди анҷом додани таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири таҳлил арзёбии нақш ва аҳаммияти даромадҳо дар баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ анҷом дода шуд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳангоми интихоби мавқеи асосноккардашудаи методологӣ таҳия кардан ва татбиқ намудани ислоҳоти бозорӣ дар соҳаи сиёсати давлатии иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат, ки боиси баланд шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар саросари кишвар, вилоятҳо ва ноҳияҳои мегардад, зарур аст.

Ҳамин тариқ, барои таҳияи тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон гузаронидани мониторинги муаммоҳои иҷтимоии ҷомеаро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мувофиқи мақсад мешуморем. Аз ин рӯ, мо ба баррасии масъалаи мазкур мегузарем.

### АДАБИЁТ


1. Барфиев К.Х. Статистический анализ структуры расходов населения как основной показатель уровня жизни / К.Х., Барфиев С.С. Мирзоев, Ф.М. Ахмадов // Таджикистан и современный мир. – 2019. -№4(67). -С.191-206.
2. Кадыров Д.Б. Управление изменениями и изменения в управлении в условиях рынка / Д.Б. Кадыров // Вестник ТГНУ. –Душанбе: Сино, 2008. -№1(45). -С.33-42.
3. Кадыров Д.Б. Экономика рынка труда / Д.Б. Кадыров, И.А. Ашмаров, С.Дж. Комилов. -Душанбе: Илм, 2010. - 172 с.
4. Кадыров Д.Б. Содержание и факторы роста благосостояния населения / Д.Б. Кадыров, Х.Х. Раджабов // Вестник ТНУ. –Душанбе: Сино, 2013. -№2/1(103). -С.41-46.
5. Комилов С.Дж. Теоретические основы формирования и развития механизмов регулирования национального рынка труда / С.Дж. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2014. - №2(155). -С.8-14.
6. Комилов С.Дж. Основы развития инновационной деятельности предприятий / С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2004. -118 с.
7. Нуралиев А. Система показателей уровня жизни населения / А. Нуралиев // Мат. Межд. научно-практ. конф. «Достойные условия трудовой жизни как основа развития общества». –Воронеж, 2010.
8. Нуралиев А.Н. Некоторые показатели динамики уровня жизни населения / А.Н. Нуралиев, С. Саидов // Мат. научно-практ. конф. «Трансформация экономики Таджикистана: состояние, проблемы и перспективы». -Душанбе: Ирфон, 2011.
9. Шамсов И.С. Занятость населения как фактор повышения уровня благосостояния / И.С. Шамсов, Х.Х. Раджабов // Вестник ТНУ. – 2015. -№2-1(157). -С.22-27.
10. Юсупов Ш.Н. Обеспечение конкурентоспособности рабочей силы на целевом рынке труда: методологические аспекты / Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе, 2017. -№1. -С.13-18.
11. Юсупов Ш.Н. Анализ состояния конкурентоспособности рабочей силы на рынке труда Республики Таджикистан / Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2016. -№2/10(219). -С.190-196.


### НАҚШИ ДАРОМАДҲОИ ПУЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲ ВА СИФАТИ ҲАЁТИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


Дар мақола муаммоҳои даромади аҳолӣ ва низоми нишондиҳандаҳои ичтимоӣ, инчунин сатҳи сифати ҳаёти аҳолӣ дида баромада шудааст. Инчунин таъмини даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби музди меҳнат, нафақаи ичтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ баррасӣ гардидааст. Дар мақола пардохтҳои ичтимоӣ, яъне дататсияи давлатӣ, пардохтҳои транфертӣ, ҷубронпулиҳо дида баромада шудаанд. Муаллиф дар мақола муаммоҳои даромадҳои пулии аҳолиро аз ҳисоби фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши хусусӣ дар шакли ҷадвалҳо ва маълумотҳои оморӣ таҳлил кардааст. Аҳаммияти даромадҳо дар баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа аз он иборат аст, ки онҳо дар ихтиёри аҳолӣ қарор гирифта, шакли амволӣ доранд, тавассути талаботи пардохтпазир ба раванди истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, рушди онро ангезиш медиҳанд, сатҳи некуаҳволии ба дастовардашуда, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, инчунин, тағйироти дар ҳаёт ва суботи иҷтимоии ҷомеа ба

вуҷудомадаро тавсиф додааст. Даромади пулии аҳолӣ ҳамчун манбаи сарвати миллии бахши хонаводаҳо ва аҳолӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидааст.
**Калидвожаҳо**: даромади аҳолӣ, кафолати иҷтимоӣ, меҳнат, музди меҳнат, бекорӣ, сарват, сатҳу сифати зиндагӣ, шуғли аҳолӣ, кумакпулиҳои давлатӣ, пардохтҳои трансфеертӣ, дататсияи давлатӣ.

**РОЛЬ ДЕНЕЖНЫХ ДОХОДОВ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ**

В статье исследуются проблемы доходов и системы социальных показателей, а также качества жизни населения. Также учитывается обеспечение доходов населения за счет заработной платы, социальных пенсий, предпринимательской деятельности, доходов населения за счет частного сектора. В статье рассматриваются социальные выплаты: государственные субсидии, трансфертные выплаты и компенсации. В статье автор анализирует проблему доходов населения за счет занятости в организациях и предпринимательской деятельности в частном секторе в виде таблиц и статистики. Важность доходов в повышении благосостояния общества заключается в том, что они находятся в распоряжении населения, имеют форму собственности, через требования ликвидности влияют на производственный процесс, стимулируют его развитие, достигаемый уровень благосостояния, удовлетворение потребностей, а также изменения в описании жизни и социальной стабильности зарождающегося общества. Автор рассматривает денежные доходы населения как источник национального богатства домохозяйства и сектора населения.
**Ключевые слова:** доход, социальное обеспечение, труд, заработная плата, безработица, благосостояние, уровень жизни, занятость, государственные пособия, трансфертные выплаты, государственные субсидии.

**THE ROLE OF CASH INCOME IN INCREASING THE STANDARD AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION IN A MARKET ECONOMY**

The article examines the problems of income and the system of social indicators, as well as the quality of life of the population. It also takes into account the provision of income of the population through wages, social pensions, entrepreneurial activity, income of the population through the private sector. The article deals with social payments: government subsidies, transfer payments and compensations. In the article, the author analyzes the problem of incomes of the population due to employment in organizations and entrepreneurial activity in the private sector in the form of tables and statistics. The importance of income in improving the welfare of society lies in the fact that they are at the disposal of the population, have the form of ownership, through liquidity requirements they affect the production process, stimulate its development, the level of well-being achieved, satisfaction of needs, as well as changes in the description of life and social stability of the emerging society. The author considers monetary incomes of the population as a source of national wealth of the household and the sector of the population.
**Keywords:** income, social security, labor, wages, unemployment, welfare, standard of living, employment, government benefits, transfer payments, government subsidies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Ҳилолиддин Ҳамроҳқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 918-86-88-81**

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Хилолиддин Хамрокулович*** – Таджикский национальный университет, старщый преподователь кафедры информационные системы в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 918-86-88-81**

**Information about the author:** ***Radjabov Khiloliddin Hamrokulovich*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (**+992) 918-86-88-81**

**УДК: 330.567.26: 31 (575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКА ВА ТАҒЙИРЁБИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сафаров Н.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар солҳои охир масъалаи камбизоатӣ ва роҳҳои паст намудани он яке аз масъалаҳои муҳимми кишварамон гардидааст. Камбизоатӣ қариб дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҷой дорад. Вале сабабҳои пайдоиши он бо хислатҳои ба ҳар яки он хос ба вуҷуд меояд. Ҳар як давлати дар он сатҳи камбизоатӣ вуҷуд дошта, дар дохили кишвари худ барои паст намудан ва аз байн бурдани камбизоатӣ вобаста ба имкониятҳои худ чораҳои зарурираро меандешад. Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади таъмини самарабахшӣ ва иҷрои муваффақонаи функсияҳое, ки ба он қисми зиёди аҳолӣ эҳтиёҷ доранд, ислоҳотро тақозо менамояд. Ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ маъюбон, аҳолии калонсол, оилаҳое, ки занон сарварӣ менамоянд, бекорон, ятимон, оилаҳои серфарзанд ва аҳолие, ки ба меҳнати дастии ғайритахассусии кишоварзӣ машғуланд, шомил мебошанд. Солҳои охир сарфи назар аз он, ки хароҷоти буҷети кишвар барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ меафзояд, дар маҷмӯъ ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ва суроғавӣ будани онҳо ҳанӯз назаррас намебошад. Бинобар ин, пардохтҳои иҷтимоӣ наметавонанд барои паст кардани сатҳи

камбизоатӣ таъсири судманд расонанд ва муассирии онҳо нисбат ба маблағгузаронӣ аз хориҷа ва кумакҳои мухталифи башардӯстона камтар ба мушоҳида мерасад. Имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳо, инчунин, системаи таъминоти нафақа, ки ба дастгирии устувори молиявӣ эҳтиёҷ дорад, дар шароити имрӯза бояд муносиб карда шавад. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки таҳияи Ҳуҷҷати муҳимми Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро қабул ва ҳавасманд намояд. Ба даст овардани мақсадҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо дарназардошти иқтисодиёти воқеӣ самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Имрӯз дар мамлакат дастрасии қувваи барқ, оби нӯшокӣ ва хизматрасониҳои алоқа низ ҳанӯз нокифоя аст. Сарфи назар аз дастрасии умумии қувваи барқ, инчунин, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он интиқоли қувваи барқ номунтаззам буда, сифати таъминот махсусан дар фасли зимистон то ҳол паст аст. Дар Тоҷикистон аксари аҳолӣ ҷиҳати дастрас намудани оби нӯшокӣ мушкилотро эҳсос мекунад. Пардохтҳои расмӣ (музди меҳнат ва нафақа) на ҳамеша имконият медиҳанд, ки хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз гурӯҳи камбизоатон раҳҳоӣ ёбанд [6,с.13]. Вобаста ба ин омили муҳиме, ки ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонад, манбаъҳои даромади хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз заминҳои наздиҳавлигӣ, парвариши чорвои хурд ва маблағгузаронӣ аз хориҷа ба ҳисоб меравад. Чуноне аз маълумоти мавҷуда бармеояд, хоҷагиҳои ҳавлигӣ, ки даромадашон танҳо ба пардохтҳои расмӣ алоқаманд аст, вобаста ба камбизоатӣ нисбат ба онҳое, ки манбаҳои гуногуни даромад доранд, бештар осебпазиранд.

Сабабҳои пайдоиши камбизоатӣ дар ҳар як кишвари ҷаҳон ба таври гуногун ба вуҷуд меоянд. Ба ақидаи мо сабабҳои пайдоиши камбизоатӣ метавонанд чунин омилҳо бошанд:

- Вазъияти сиёсии давлат – яъне ноором будани вазъият дар дохили кишвар, мавҷуд будани ихтилофот миёни гурӯҳҳои алоҳида, афзоиш ёфтани ҷинояткорӣ, сар задани ошӯбҳои ғайрирасмӣ ва ғ.;
- Муҳити экологии кишвар – ифлос будани муҳити атрофи аҳолӣ, нарасидани оби ошомиданӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки ҳамаи ин ба бемориҳои гуногун оварда мерасонад;
- Сатҳи пасти саводнокӣ низ метавонад ба камбизоатӣ оварда расонад;
- Ноадолатона будани идоракунии давлат, ки ба норозигии аҳолӣ оварда муаммоҳои зиёдро ба миён меорад;
- Гирифтор будан ба касалиҳои сироятии табобатнашаванда (СПИД, нашъамандӣ ва ғ.);
- Дар бумбасти коммуникатсионӣ қарор доштани мамлакат;
- Аз меъёр зиёд будани қарзҳои хориҷӣ аз кишварҳои дигар;
- Баланд будани сатҳи андозбандӣ.

Устувории иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои арзёбишавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат буда, қудрати давлат ва сохторҳои ҳукмрони онро дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ, бунёди механизми бонуфуз барои доир ва ҳифз намудани манфиатҳои субъектҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад. Бинобар ин, дар стратегияи давлатии бехатарии иқтисодӣ таъмини шароити мусоид барои ҳаёти солим ва инкишофи шахсият, барои устувории иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа чун ҳадафи ингуна стратегия ва пешравии давлат дониста мешавад. Маҳз ҳамингуна шароит барои бомуваффақият пеш бурдани дигар вазифаҳо, чунончи таъмини якпорчагию ягонагии мамлакат, мубориза алайҳи ҳаргуна таҳдидҳои дохилию беруна хизмат мекунад [11,с.303].

Барои муайян намудани вазъи иҷтимоии ҷомеа таҳдиди хатарҳое, ки дар заминаи бахши иҷтимоӣ ба миён меоянд, бояд таҳлилу таснифот гарданд.

Яке аз роҳҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ин таҳия ва қабул намудани «Барномаҳо» ва «Стратегияҳо» дар солҳои гуногун оид ба вазъияти ҷории кишвар мебошад. Стратегияҳо метавонанд кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат бошанд. Ҳангоми таҳияи Стратегияҳои давлатӣ оид ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ вазъи имрӯзаи камбизоатӣ ба инобат гирифта шуда, мақсадҳои ба худ хосро мегузоранд. Мақсад аз таҳияи чунин ҳуҷҷатҳо ин бо роҳҳои гуногун зина ба зина кам кардани аҳолии камбизоат мебошад. Ҳадафи асосии Стратегияи барои солҳои 2005-2015 ва 2015-2030 қабулгардида аз зиёд кардани даромадҳои воқеии аҳолӣ ва тақсими одилонаи натиҷаҳои рушди иқтисодӣ иборат мебошад. Дар маҷмӯъ натиҷаи татбиқи Ҳуҷҷати Стратегӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ гуногун тавсиф карда мешавад. Сарфи назар аз

дастовардҳои муайян дар идоракунии макроиқтисодӣ ва рушди қонунгузорӣ тадбирҳо оид ба дигаргуниҳои сохторӣ пурра дар амал татбиқ гашта истодаанд [10,с.36].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи методологияи миллӣ барои ченкунии камбизоатӣ дар кишвар яке аз афзалиятҳо дар доираи Стратегияи миллии рушд то соли 2015 гардида буд. Барои ченкунии сатҳи камбизоатӣ ва дигар нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ аз рӯи методологияи нав Тадқиқоти Буҷети Хонаводаҳо (ТБХ) истифода карда мешавад [5,с.13].

Аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии техникии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ «Шарҳи методологии арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон» таҳия гардид.

Асосан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар аксар кишварҳои ИДМ нишондиҳандаҳои асосӣ барои ҳисоб кардани сатҳи камбизоатӣ нишондиҳандаи маҷмӯи истеъмолӣ моҳона ба ҳар сари аҳолӣ истифода карда мешавад. Натиҷаи тадқиқоти буҷети хонаводаҳо тибқи баҳодиҳии Агентии омор ва Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳамасола нишондиҳандаи камбизоатӣ ва камбизоатии шадид (ғизоӣ) коҳиш ёфта истодааст.

**Расми 1. Нишондиҳандаи камбизоатӣ ва камбизоатии ғизоӣ (шадид) дар солҳои 2013-2019 (аз рӯи тадқиқоти буҷети хонаводаҳо)**
**Poverty and Nutritional Poverty Indicators (acute) in 2013-2019 (Based on household budget surveys)**




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ тартиб дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ҳангоми муқоисаи маҷмӯи истеъмоли моҳона ба ҳар сари аҳолӣ бо ҳудуди камбизоатӣ нишон дод, ки ҳудуди камбизоатии шадид (озуқаворӣ) дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2019-ум 10,7% ва сатҳи умумии камбизоатӣ бошад 26,3%-ро ташкил медиҳад, дар соли 2018 сатҳи камбизоатӣ 27,4% ва камбизоатии шадид (ғизоӣ) 11,8%-ро ташкил дода буд. Дар муқоиса нисбат ба соли 2018 сатҳи камбизоатии умумӣ ва камбизоатии шадид (ғизоӣ) дар сатҳи 1,1 банди фоиз коҳиш ёфтааст. Сарфи назар аз афзоиши назарраси суръати паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо, камбизоатӣ ба таври афзалиятнок хоси деҳот мебошад. Камбизоатӣ дар шаҳрҳо аз бисёр ҷиҳат ба мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва гирифтани маош дар иқтисодиёти расмӣ ва дар деҳот бошад аз сабаби даромади паст, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин, дастрасии нокифоя ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, таъминот бо об ва ғайра) алоқаманд мебошад [5,с.24]. Таъсири самараи рушди иқтисодӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот бештар аст. Беш аз 70%-и аҳолии Тоҷикистон ва аксари аҳолии камбизоат дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар ҷадвали 1 натиҷаҳои сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018-2019**
**Results of the poverty level in the Republic of Tajikistan in 2018-2019**

| | Сатҳи умумии камбизоатӣ бо фоиз | Сатҳи умумии камбизоатӣ бо фоиз | Сатҳи камбизоатии шадид бо фоиз | Сатҳи камбизоатии шадид бо фоиз | Ҳиссаи камбизоатии умумӣ дар сатҳи минтақаҳо дар соли 2019 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| | с.2018 | с.2019 | с.2018 | с.2019 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 27,4 | 26,3 | 11,8 | 10,7 | 100,0 |
| Шаҳр | 21,5 | 18,4 | 9,1 | 7,6 | 76,2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Деҳот | 30,2 | 30,1 | 13,1 | 12,3 | 23,8 |
| ш.Душанбе | 18,0 | 18,0 | 11,1 | 9,4 | 7,8 |
| Вилояти Суғд | 17,5 | 15,4 | 6,1 | 4,4 | 15,5 |
| Вилояти Хатлон | 32,7 | 32,8 | 12,6 | 13,5 | 39,3 |
| НТҶ | 33,2 | 32,4 | 17,5 | 14,0 | 28,3 |
| ВМКБ | 27,7 | 29,7 | 11,9 | 13,3 | 9,1 |

Сарчашма: омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -С.11-12

Нишондиҳандаи ниҳоии некуаҳволӣ маҷмӯи умумии хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо бо ҳаҷми хонавода ва индекси миёнаи нархҳо тақсим карда шуда мебошад. Ҷамъи маҷмӯавии бадастомада ҳамчун "Хароҷоти воқеии истеъмолӣ" унвон дода мешавад [8,с.10].

Нишондиҳандаи миёнаи воқеии маҷмӯи истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2019 дар Тоҷикистон аз рӯи ҳисоб 321,37 сомониро ташкил медиҳад, яъне аз 133,79 сомонӣ (детсили якум) барои қишри камбизоати аҳолӣ то 717,01 сомонӣ барои қишри доро (сарватманд-детсили даҳум). Нишондиҳандаи миёнаи истеъмол дар маҳалҳои шаҳрӣ (372,65 сомонӣ) назар ба хонаводаҳои маҳалаҳои деҳот (296, 62 сомонӣ) ба 25,6% зиёд мебошад. Нишондиҳандаи аз ҳама баланди истеъмол ба сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе (387,44 сомонӣ) ва вилояти Суғд (375,10 сомонӣ), аз ҳама пастарин дар ВМКБ ба назар мерасад (208,11 сомонӣ). Ба ҳисоби миёна 61,0%-и буҷети хонавода барои маҳсулоти хӯрока ва 39,0% барои маҳсулотҳои ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ сарф карда мешавад (дар соли 2018 ин таносуб 62,0 ва 38,0%-ро ташкил медод). Ҳудуди хатти камбизоатии шадид (озуқаворӣ) 166,25 сомонӣ (дар соли 2018-ум 154,25 сомонӣ буд) муайян карда шудааст.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаи умумии хароҷотҳои истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ бо нархҳои доимӣ ифодашуда, дар Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019**
**The total indicator of consumer spending per capita per month in constant prices in Tajikistan for 2018-2019**

| | с.2018 | | | с.2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сомонӣ /моҳ | хароҷоти озуқа, бо фоиз | хароҷоти ғайриозуқа, бо фоиз | сомонӣ/ моҳ | хароҷоти озуқа, бо фоиз | хароҷоти ғайриозуқа,бо фоиз |
| Душанбе | 318,43 | 175,86 | 142,57 | 387,44 | 218,28 | 169,16 |
| Суғд | 344,25 | 198,98 | 145,26 | 375,10 | 214,26 | 160,83 |
| Хатлон | 267,78 | 179,05 | 88,73 | 281,62 | 183,63 | 97,99 |
| НТҶ | 277,68 | 174,80 | 102,88 | 296,98 | 184,50 | 112,47 |
| ВМКБ | 265,55 | 174,75 | 90,80 | 279,51 | 178,34 | 101,17 |
| Квинтили 1 (нодортарин) | 143,00 | 104,40 | 38,59 | 157,01 | 113,25 | 43,76 |
| Квинтили 2 | 205,19 | 143,48 | 61,70 | 223,73 | 154,23 | 69,49 |
| Квинтили 3 | 258,69 | 173,37 | 85,31 | 280,12 | 186,47 | 93,65 |
| Квинтили 4 | 330,37 | 209,48 | 120,89 | 357,45 | 223,39 | 134,07 |
| Квинтили 5 (аз ҳама сарватманд) | 541,07 | 282,09 | 258,98 | 588,53 | 299,30 | 289,22 |
| Ҳамагӣ | 295,66 | 182,57 | 113,10 | 321,37 | 195,33 | 126,04 |
| Шаҳр | 322,03 | 183,97 | 138,06 | 372,65 | 209,78 | 162,88 |
| Деҳот | 282,96 | 181,89 | 101,07 | 296,62 | 188,36 | 108,26 |

Сарчашма: омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. –С.22-23.

Аз соли 2018 ин ҷониб бо тавсияи Шурои камбизоатии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ аз ҷониби Агентии Омор ва Бонки Ҷаҳонӣ анҷом дода мешавад.

Дар соли 2019 нишондиҳандаи сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 24,7%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2018-ум 0,8 банди фоиз баландтар мебошад (дар соли 2018 нишондиҳандаи сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 23,9% баробар буд).

Нишондиҳандаи аз ҳама баландтарини табақаи миёнаи аҳолӣ дар шаҳри Душанбе 38,0% ва вилояти Суғд 36,1% мушоҳида карда шудааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ 20,6% вилояти Хатлон 15,9% ва ВМКБ 14,8%-ро ташкил додааст. Хатти поёнии табақаи миёнаи аҳолӣ дар соли 2019-ум 384,09 сомонӣ ва хатти болоии табақаи миёнаи аҳолӣ 611,30 сомониро ташкил додааст, мутаносибан дар соли 2018 ин нишондиҳандаҳо ба 356,38 сомонӣ баробар буд. Дар расми 2 синфи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Расми 2. Синфи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фоиз)**
**Middle class of the population in the Republic of Tajikistan (in percent)**




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ тартиб дода шудааст.

Хулоса имрӯз дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ вобаста ба мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва даромад аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар тӯли солҳо хеле тағйир меёбад. Ба хотири расидан ба ин ҳадафҳои дар пеш гузошташуда, ҳукумат як қатор амалҳоро афзалиятнок намуд, ки ба онҳо ҳамгирой ба зиёд шудани даромадҳои аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот, ҷавонон ва занҳо марбут донистан мумкин аст; ташкил намудани шароитҳо барои ба даст овардани кори мувофиқ ва пурмаҳсул, аз он ҷумла, бо кор таъмин намудани қишри осебпазири аҳолӣ; коҳиш додани сатҳи нобаробарӣ дар ҷомеа мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар ояндаи наздик ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, баланд шудани сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ ва инкишофи як қатор соҳаҳои иқтисодиёт мусоидат менамояд, ки дар натиҷа ба зиёд шудани шуғлнокии аҳолӣ ва зиёд гардидани даромаднокии категорияҳои осебпазири аҳолӣ оварда мерасонад. Сатҳи баланди бори демографӣ дар деҳот мушкилоти шуғл ва даромади деҳотро нишон медиҳад. Дар чунин шароит, ба назари мо, яке аз нишондиҳандаҳои андозагирии камбизоатӣ бояд ба вазъи бозори меҳнат ва шиддати он вобаста бошад. Хушбахтона бо сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон бо қабул шудани ҳадафи чоруми мамлакат яъне "саноатикунонии босуръат" сол то сол бо зиёд шудани корхонаҳои нави саноатӣ дар ҷумҳурӣ ин камбудиҳо ҳалли худро хоҳанд ёфт.

**АДАБИЁТ**


1. Адам Смит «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» Монография / А. Смит – Британияи Кабир: нашри Уилям Стрэнд, 1776 – 627 с.
2. Артур Пигу «Назарияи иқтисодии некуаҳволӣ» Монография / А. Пигу – Москва: – 1985 – 512 с.
2. Барномаи рушди иқтисодии ҶТ дар давраи то соли 2015. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/programm_tj.pdf. (санаи истифодабарӣ (19.01.2020).
3. Барномаи давлатии рушди иҷтимоии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. [Манбаи электронӣ]. https: //www.filial-nic-mkur.tj/index.php/tj/manbai-ma-lumot-o-oid-ba-mz-va-ru/strategiyakho-barnomakho. (санаи истифодабарӣ (24.01.2020).
4. Барномаи миёнамӯҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2016 - 2020. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/programm_tj.pdf. (санаи истифодабарӣ (16.02.2020).
5. Барфиев К.Х. Статистический анализ структуры расходов населения как основной показатель уровня жизни / К.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, Ф.М. Ахмадов // Таджикистан и современный мир. – 2019. -№4(67). - С.191-206.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj. (санаи истифодабарӣ: 22.02.2020).
7. Мирдал Гуннар. Проблемаҳои муосири ҷаҳони сеюм. Монография / Мирдал Г. –М., 1990. -181 с.
8. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL:https://stat.tj/tj/news/publications/main-indicators-of-the-survey-of household-budgets-of-the-republic-of-tajikistan (санаи истифодабарӣ (20.01.2020).
9. Носирова У.Н. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар шароити табадулоти иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон): автореф. дис… барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.01 / У.Н. Носирова – Хуҷанд, 2014. -24 с.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 26 декабри соли 2020, маҷаллаи «Ҷумҳурият» аз 27 декабри соли 2020 таҳти № 252.

11. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ].URL:https://vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246 strategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (санаи истифодабарӣ 21.02.2020).

## ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКА ВА ТАҒЙИРЁБИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон ки дар як вазъи басо вазнини иқтисодӣ қарор гирифтааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Проблемаи камбизоатӣ дар мамлакати мо яке аз мушкилоти калидӣ ва муҳим мебошад. Аз ҷониби муаллиф қайд карда шудааст, ки аз таҳлилу баррасии стратегияҳову барномаҳои хориҷии мубориза бо камбизоатӣ ва системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки нақшаи ягонаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ вуҷуд надорад. Чунки баъзе кишварҳо дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гаштанд дар ҳоле ки баъзеҳо метавонанд аз таҷрибаи худ ё баъзе аз ин таҷриба баҳравар шаванд. Аммо, бояд дар назар дошт, ки ҳар як кишвар хусусиятҳои хоси худро дорад ва нусхабардории таҷрибаи ҳифзи иҷтимоии кишварҳои пешрафта ғайриқобили қабул аст. Дар мақола муаллиф тамоми стратегияҳо ва барномаҳое, ки ҳукумат дар ин соҳа қабул ва амалӣ кардааст, таҳлил намуда, усулҳои пешниҳодкардаи ҳукуматро барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ таҳлил кардааст. Муаллиф изҳор медорад, ки ҳукумати моро зарур аст, ки бештар ба сӯи кумаки мақсаднок ҳаракат кунад, то дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ натиҷаҳои назаррас ба даст орад.

**Калидвожаҳо:** сатҳи зиндагонии аҳолӣ, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, дастовардҳои бузург, стратегия ва барномаҳо, кумаки мақсаднок, камбизоатии шадид, сифати зиндагонии аҳолӣ, нобаробарии минтақавӣ.

## АНАЛИЗ ДИНАМИКИ И ИЗМЕНЕНИЯ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается и анализируется качество и уровень жизни населения Таджикистана в этой непростой ситуации для всего человечества. Проблема бедности в нашей стране была и остается одной из ключевых и важных проблем. Было отмечено, что из анализа зарубежных стратегий по борьбе с бедностью и систем социальной защиты можно сделать вывод, что нет единого плана по сокращению бедности. В то же время некоторые страны добились значительного прогресса в сокращении бедности, а другие страны могут извлечь выгоду из своего собственного опыта или некоторого из этого опыта. Однако следует иметь в виду, что каждая страна имеет свои особенности и недопустимо копировать опыт социальной защиты развитых стран. Однако, несмотря на большие достижения человечества в области социального, экономического и технологического развития, проблема бедности еще не полностью решена. Именно бедность определяет ограниченность доступа значительной части населения республики к ресурсам развития: высокооплачиваемой работе, качественным услугам образования и здравоохранения, возможности успешной социализации детей и молодежи. В статье автор рассматривает все стратегии и программы, принятые и реализуемые правительством в этой области, и анализирует предлагаемые правительством способы повышения уровня жизни и качества жизни населения. Автор утверждает, что нашему правительству надо переходить больше к адресной помощи, чтобы добиться еще более значительных результатов по улучшению качества жизни населения.

**Ключевые слова:** уровень жизни населения, способы повышения уровня жизни, большие достижения, стратегия и программы, адресная помощь, крайняя нищета, качество жизни населения, неравенство регионов.

## ANALYSIS OF DYNAMICS AND CHANGE OF LIVINGS STANDARDS OF THE POPULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines and analyzes the quality and standard of living of the population of Tajikistan in this difficult situation for the entire humanity of the world. The problem of poverty in our country has been and remains one of the key and important problems. It was noted that from the analysis of foreign strategies to combat poverty and social protection systems, it can be concluded that there is no single plan to reduce poverty. At the same time, some countries have made significant progress in reducing poverty, while others may benefit from their own experience or some of that experience. However, it should be borne in mind that each country has its own characteristics and it is unacceptable to copy the experience of social protection of developed countries. However, despite the great achievements of mankind in the field of social, economic and technological development, the problem of poverty has not yet been fully resolved. It is poverty that determines the limited access of a significant part of the population of the republic to development resources: high-paid work, high-quality education and health services, the possibility of successful socialization of children and youth. In the article, the author examines all the strategies and programs adopted and implemented by the government in this area, and analyzes the methods proposed by the government to improve the standard of living and the quality of life of the population. The author argues that our government needs to move more towards targeted assistance in order to achieve even more significant results in improving the quality of life of the population.

**Keywords:** living standards of the population, ways to improve living standards, great achievements, strategies and programs, targeted assistance, extreme poverty, quality of life of the population, regional inequality.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Навруз Умаралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, мутахассиси Шуъбаи назорати сифати таҳсилот. **Суроға** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **988-72-21-23.** E-mail: **cheh-16@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Навруз Умаралиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, специалист Управления образовательным процессом. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **988-72-21-23**. E-mail: **cheh-16@mail.ru**

**Information about author:** ***Safarov Navruz Umaralievich*** – Tajik National University, candidate of economic Specialist educational process management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **988-72-21-23**. E-mail: **cheh-16@mail.ru**

**УДК 331.45(575.3)**

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ МИНТАҚА – САМТИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРӢ

***Исайнова М.Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа, ки самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, нақши беандоза муҳимми худро дар қатори расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунони босуръат, ки ҳамчун ҳадафҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ гардидаанд, мебозад. Новобаста аз он ки дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ локалӣ (миллӣ) ва глобалӣ (байналмилалӣ) будан, дар баробари дар сатҳи минтақа муҳиммият ва ҳозиразамон будани худро аз даст надода, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди минтақаҳо боқӣ мемонад. Зеро ки маҳз таъмини рӯзафуни аҳолӣ бо маводи озуқаи худӣ аз рушди иқтисоди минтақаҳо вобастагӣ дорад. Бо махсусгардонии рушди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки ҳамчун ноҳияҳои иқтисодӣ муайян шудаанд, такя намуда, метавон бо истеҳсол ва таъмини озуқаи алоҳида, ки ба шароитҳои табиию иқлимӣ вобастагӣ доранд, на танҳо худтаъминкунии озуқаи ватаниро ба роҳ монд, балки рушди минтақаҳоро дар оянда ҳамчун комплекс (кластер)-и ҷудонашавандаи сиёсати аграрию иқтисодӣ боз ҳам тараққӣ дод.

Маҳз рӯзмарра ва ҳалталаб будани масъалаи мазкурро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ (26.01.2021) таъкид намуданд, ки «бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза мо минбаъд низ бояд тарзе кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ ва муҳтоҷӣ кашанд» [1,с.2-3]. Аз ин ҷост, ки бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ Пешвои миллат пешниҳод намудаанд, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол (2021) аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд, ки ҳамовозии гарму ҷӯшонро, бахусус дар байни кишоварзон пайдо намудааст [1,с.4].

Бо вуҷуди он ки дар ҷаҳони муосир масъалаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ хусусияти ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақа низ ба як системаи мураккаб табдил меёбад. Ин маънои онро дорад, ки омили минтақавӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар нақши фавқулодда муҳимро иҷро менамояд.

Ҳамзамон, дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи худтаъминкунии озуқаворӣ аҳамияти миллӣ касб мекунанд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзӯъҳои сиёсии минтақа ва кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст. Ин масъала дар шароити таъсири ногувори пандемия (COVID-19) ба масъалаи якумдараҷа табдил ёфтааст, зеро бо сабаби ворид нагардидани баъзе маҳсулоти озуқаворӣ боиси камчинии маводи озуқа ва душвор гардидани дастрасии аҳолӣ ба маводи озуқаворӣ гардидааст. Ҳамзамон, мураккаб гардидани худтаъминкунии озуқаворӣ дар минтақа на танҳо бо афзоиши бемайлони хароҷотҳои истеҳсолӣ, балки бо раванди беназорати нархгузорӣ ба маҳсулот ва рушд накардани инфрасохтори бозори кишоварзӣ низ шарҳ дода мешавад. Гузашта аз ин, бартарии сохторҳои миёнарав дар бозори озуқаворӣ ва амали як қатор омилҳои дохилию хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои минтақавии истеҳсолоти кишоварзӣ ба таъмини устувори аҳолии минтақаҳо бо озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Сарфи назар аз мушкилоти давраи гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ робитаҳои байниминтақавии озуқаворӣ на танҳо табиати худро ҳамчун зарурати объективӣ гум накарданд, балки аҳамияти худро дар худтаъминкунии озуқаворӣи ҳар як минтақа нигоҳ доштанд. Рушди онҳо ба истифодаи оқилонаи захираҳои минтақавӣ бо сабаби ба роҳ мондани робитаҳои истеҳсолӣ, коркард, захира, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатӣ истеҳсол мешаванд, мусоидат мекунад. Канда шудани робитаҳои қаблан барқароршудаи системаи истеҳсолот ва механизми аз нав тақсим кардани маҳсулоти тайёрро вайрон карда, ба бад шудани таъмини озуқаворӣ, ҳам дар минтақаҳои

алоҳида ва ҳам дар кишвар мусоидат менамояд. Дар ин асос омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии худтаъминкунии озуқаворӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар ҳисобида мешавад.

Таҳти мафҳуми «худтаъминкунӣ»-и минтақа, пеш аз ҳама, маҳорати бо таври мустақилона тараққӣ додани воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии худӣ фаҳмида мешавад. «Худтаъминкунии озуқаворӣ» дар сатҳи минтақа бошад, пеш аз ҳама, қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои замини кишоварзидошта, воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии минтақа фаҳмида мешавад [2,с.34; 4,с.12].

Дар радифи мафҳуми худтаъминкунии озуқаворӣ мафҳуми «мувозинатии озуқаворӣ» низ истифода мешавад, ки он ҳаҷми хароҷотҳои пешбинишудаи буҷети минтақа ва истифодаи самараноку мақсадноки воситаҳои буҷетӣ, захираҳои дар ихтиёрбуда бо мақсади дар сатҳи кофӣ (мувозинатӣ) нигоҳ доштан ва самтҳои истифодаи оқилонаи захираҳои озуқа фаҳмида мешавад [4,с.13].

Ҳамзамон, мафҳуми «худмустақилият» низ истифода мешавад, ки ба ҳуқуқ доштан ва вазифаи таъмини мувозинатии қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа бо озуқа дар асоси истифодаи захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва дигар иқтидорҳои иқтисодӣ-табиӣ худӣ равона карда шудааст. Ҳамин тавр дар расми поёнӣ алоқамандии худтаъминкунӣ бо мафҳумҳои мувозинатӣ ва худмустақилиятӣ оварда шудаанд (расми 1).

**Расми 1. Алоқамандии худтаъминкунӣ бо дигар категорияҳои иқтисодӣ**
**Figure 1. Relationship of self-sufficiency with other economic categories**




Бояд қайд намуд, ки мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта, баъд аз буҳрони ғалла аз тарафи ФАО (Ташкилоти байналхалқии кишоварзӣ ва озуқаворӣ) дохил карда шуд. Яъне, ин мафҳум соли 1974 дар шаҳри Рим (давлати Италия), дар конфронсе, ки оид ба муаммоҳои ҷойдоштаи озуқаворӣ, ки бо ташабусси ФАО баргузор гардид, баъди қариб 3 маротиба боло рафтани нархи ҷаҳонии ғалла дар солҳои 1972-1974 дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода шудааст. Соли 1996 бошад, дар конфронси баъдӣ «амнияти озуқаворӣ» ҳамчун мафҳуми алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифт. Маълум аст, ки ғалла манбаи асосии таъмини озуқа дар ҷаҳон буда, дар ҷумҳурии мо он ҳамчун маводи асосии хӯрока ба ҳисоб меравад. Мутобиқи маълумоти ташкилоти ФАО ин маҳсулот ҳамчун эталони мушоҳидаи балanси озуқаворӣ қабул шудааст. Аз ин рӯ, он барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҳаҷми 140 кг/одам дар як сол муайян гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки истилоҳи аз забои англисӣ овардашудаи «food security» ҳамчун амнияти озуқаворӣ ва ё таъмини озуқаворӣ тарҷума карда мешавад. Варианти дуюми тарҷумашуда нисбатан аниқу дақиқ мазмуни ин мафҳумро дар бар гирифта, метавонад таъмини кафолати ҷисмонӣ ва иқтисодии дастрас будани маҳсулоти озуқавориро барои ҳар як шахс дар бар гирад [2,с.37].

Аз ин ҷост, ки дар бораи мафҳуми амнияти озуқаворӣ ақида ва фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд. Масалан, ба ақидаи баъзе аз олимон мафҳуми бештар истифодашавандаи амнияти озуқаворӣ чунин мебошад: «амнияти озуқаворӣ вазъи иқтисодие мебошад, ки дар он кафолати таъмини дастрасии озуқаворӣ барои аҳолӣ дар дилхоҳ вақт, дар миқдоре, ки барои зиндагии фаъол ва солим зарур аст, муайян карда мешавад» [2,с.39]. Дар маҷмӯъ ҳар як муаққиқ ба таври худ мафҳуми амнияти озуқавориро фаҳмида, онро шарҳ медиҳад. Дар як нукта аксари муҳаққиқон ҳамфикранд: «Амнияти озуқаворӣ таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа бо дарназардошти талаботи имконияти пардохткунӣ мебошад» [2,с.42; 3,с.21].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои гуногун, аз қабили вазъ, тамоюл ва тағйирёбии таъмини амнияти озуқавориро арзёбӣ менамоянд. Аз ин ҷост, ки зимни интихоби нишондиҳандаҳои мазкур роҳҳои умумии муайянсозии таъмини амнияти

озуқаворӣ истифода бурда мешавад. Роҳҳои умумӣ барои муайян сохтани таъмини амнияти озуқаворӣ ва омӯзиши он ки ба ҳар як шахси алоҳида дар дилхоҳ ҷойи истиқомат бо дарназардошти даромадҳои худ хос аст, истифода мешаванд [7,с.133].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқа дар шароити ҳозира талаботи меъёри хӯрокии истеъмолиро қонеъ карда наметавонад. Он якчанд сабабҳои худро дошта, миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

- васеъ гардидани талаботи истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ бо сабаби зиёд шудани номгӯ (ассортимент)-и озуқа. Мувофиқи нишондиҳандаҳои ташкилоти ФАО ин рақам то соли 2015 метавонад қариб ба 3000 ккал/одам дар як рӯз расад (дар шароити ҳозира ин нишондиҳанда 2409 ккал/одамро дар як рӯз ташкил медиҳад);

- афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла аҳолии деҳот, ки аз рӯйи ин нишондиҳанда ҷумҳурии мо дар миқёси мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ҷои аввалро мегирад. Бояд қайд намуд, ки аҳолии ҷумҳурӣ тайи 24 соли охир (дар солҳои 1996-2020) ба миқдори 3,5 млн. зиёд гардидааст (яъне аз 6,1 млн. то 9,6 млн.) ва мувофиқи баъзе аз нишондиҳандаҳои тахминӣ агар шумораи аҳолӣ ҳамин тавр афзоиш ёбад, он гоҳ метавонад то соли 2025 ба 12 млн. одам расад;

- маҳдуд будани захираҳои замин, бахусус заминҳои кишоварзӣ. Мувофиқи нишондиҳандаҳо имрӯз ба ҳар сари аҳолӣ 0,10 га замини кишт ва 0,06 га замини обӣ рост меояд, ки ин нишондиҳанда дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ яке аз нишондиҳандаҳои нисбатан камтар ба ҳисоб меравад;

- баланд гардидани сатҳи талабот ба воридоти маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ бо сабаби нисбатан қафомонии истеҳсолоти ватанӣ, бахусус корхонаҳои истеҳсолии коркардабароии маҳсулотҳои кишоварзӣ, яъне агросаноатӣ, аз талаботи ҳозираи аҳолӣ;

- нокифоя будани усулҳои танзими давлатии бозори озуқаворӣ, ки бартараф намудани онҳо метавонад муаммоҳои бо маводи озуқаи худӣ таъмин намудани аҳолиро то қадре ҳал намояд [5,с.237].

Худтаъминкунии маҳсулоти озуқаворӣи давлат ҳолати иқтисодӣ ва як унсури ҷудонашвандаи амнияти озуқаворист, ки кафолоти дастрасии аҳолӣ бо маҳсулоти рӯзмарра мебошад.

Дар бештари кишварҳои рӯ ба тараққӣ мушкилоти озуқаворӣ ошкор мешавад, аммо дар мағозаҳо нобоварӣ оид ба дастрасии озуқаворӣ ба миён намеояд. Бо вуҷуди ин, дурнаморо бояд ба инобат гирифт, зеро то ҳол қисми зиёди маҳсулоти озуқа ба таври воридот ба даст меояд.

Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандуму орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд ва, ҳамзамон, қанду шакар, равғани растанӣ, сабзавот, меваҷот, картошка, маҳсулот аз орд (макарон, угро, макарони қучқорак, нон, кулчақандҳо) маҳсулоти ширӣ, тухм, чой ва ғайраҳо (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ-декабри солҳои 2018-2019**

**Table 1. Exports and imports of basic food products and their share in the total trade volume in January-December 2018-2019**

**(ҳазор тонна)**

| | **Содирот** | | **2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018** | **Воридот** | | **2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2019** | | **2018** | **2019** | |
| Молҳои озуқаворӣ | 145,2 | 131,8 | 90,8 | 1623,7 | 1849,6 | 113,9 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 1018,9 | 1090,2 | 107,0 |
| Орд | - | - | - | 4702 | 85,8 | 181,8 |
| Қанду шакар ва маснуоди қандӣ | 0,07 | 0,05 | 71,4 | 116,7 | 162,6 | 139,3 |
| Макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра | 0,16 | - | - | 13,4 | 17,4 | 129,8 |
| Равғани растанӣ | 0,11 | - | - | 80,9 | 100,5 | 124,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | - | 0,02 | - | 8,2 | 8,3 | 101,2 |
| Тухм | - | - | - | 34,4 | 40,3 | 117,2 |
| Чой | - | 0,1 | - | 5,1 | 5,8 | 113,7 |
| Картошка | 0,02 | 0,03 | 150,0 | 32,2 | 3,7 | 11,5 |
| Сабзавот | 84,8 | 84,5 | 99,8 | 39,5 | 10,9 | 28,0 |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 48,7 | 18,5 | 38,0 | 28,4 | 27,3 | 95,8 |
| Шарбати мева ва сабзавот | 0,07 | - | - | 4,9 | 6,9 | 140,8 |
| Сабзавоти консервашуда, | 0,03 | 0,03 | 100 | 0,3 | 0,2 | 66,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| қайлаҳои помидор | | | | | | |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 2,3 | 2,8 | 121,7 | 19,6 | 20,5 | 104,6 |

Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – С. 21.

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, молҳои озуқаворӣ ба миқдори 145,2 ҳазор тонна дар соли 2018 ва дар соли 2019 бошад, 131,8 ҳазор тонна содирот карда шудаанд. Масалан, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 0,05, шир ва маҳсулоти ширӣ 0,02, чой 0,1, картошка 0,03, сабзавот 84,5, меваҷот ва бехмеваҳо бошад 18,5 ҳазор тонна.

Воридоти молҳои озуқаворӣ бошад, 1623,7 ҳазор тонна дар соли 2018 ва дар соли 2019 бошад 1849,6 ҳазор тонна молҳои зерин: гандум 1018,9 ҳазор тонна дар соли 2018 ва 1090,2 ҳазор тонна дар соли 2019, орд 47,2, 85,8, қанду шакар 116,7, макарон, угро, макарони кучқорак 162,6 ва ғайра [3,с.21].

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2018 дар муқоиса нисбат ба соли 1991, дар маҷмӯъ, афзоиши истеҳ-соли маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба чашм мерасад. Бахусус зиёдшавии истеҳсоли ғалла, картошка ва сабзавоту мевагиҳо мушо-ҳида мегардад, ки афзоиши ин нишондиҳандаҳо аз 2 то 3 маротиба ба чашм мерасад. Аз он ҷумла, зиёдшавии истеҳсоли гӯшт дар даҳсолаи охир мушоҳида мегардад, ки ба афзоиши ин нишондиҳанда истеҳсоли гӯшти мурғ ва зиёдшави саршумори чорвои хурд дар ҷумҳурӣ мусоидат намудааст (бо дарназардошти ба кор андохтан ва тараққӣ додани корхонаҳои мурғпарварӣ ва зиёд намудани саршумори чорвои хурд дар бисёре аз минтақаҳои ҷумҳурӣ). Новобаста аз муваффақиятҳои ба дастомада дар шароити ҳозира барои амалисозии ин чорабинӣ сухан рондан хело барвақт аст, зеро меъёри воқеии пешниҳодшудаи истеъмолии маҳсулоти озуқа ба ҳар сари аҳолӣ қонеъ карда намешавад. Барои ба ин гуфтаҳо боварӣ ҳосил намудан нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворино дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назар мегузаронем (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ бо килограмм дар як моҳ)**

**Table 2. Consumption of basic foodstuffs in the Republic of Tajikistan (on average per capita in kilograms per month)**

| **Номгӯи маҳсулотҳои асосии озуқа** | **Солҳо** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2018 с.** | **2019 с.** | **2019/2018** | |
| | | | бо рақам | бо фоиз |
| Маҳсулоти ғалладона (ба ҳисоби орд) | 13,8 | 13,2 | - 0,6 | - 95,6 |
| Картошка | 3,8 | 3,5 | - 0,3 | -92,1 |
| Сабзавоту полизӣ | 7,4 | 7,2 | - 0,2 | - 97,3 |
| Меваҷоту буттамева | 3,2 | 2,7 | - 0,5 | - 84,4 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 1,4 | 1,3 | - 0,1 | - 92,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 1,2 | 1,1 | - 0,1 | - 91,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 5,1 | 5,3 | 0,2 | 103,9 |
| Тухм (дона) | 7,0 | 8,0 | 1,0 | 114,3 |
| Равғани растанӣ | 1,5 | 1,4 | -0,1 | - 93,3 |
| Моҳӣ ва маҳсулотҳои моҳӣ | 0,04 | 0,04 | 0 | 100 |

Маъхаз: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. №1-2020. - Душанбе: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 21.

Таҳлил ва тамоюли нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба чашм мерасад. Масалан, истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти нонӣ, картошка, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, равғани растанӣ, тухм ва қанду шакар тамоюл ба пастравӣ доранд. Танҳо нишондиҳандаҳои истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ аз қабили ширу маҳсулоти ширӣ ва тухм дар соли 2019 дар муқоиса ба соли 2018-ум каме ҳам бошад рӯ ба афзоиш дорад.

Дар солҳои охир як қисм олимон ҳалли таъмини бехатарии озуқавориро бо муаммои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд медонанд. Имрӯзҳо афзудани масоҳати харобшавии заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта (аз қабили ба эрозия дучор шудани заминҳои обӣ, шӯршавию биёбоншавии заминҳо ва ғ.) ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, сатҳи ҳосилхезии хок ва дар ниҳоят кор ба кам гардидани маҳсулоти кишоварзии озуқа таъсири манфӣ мерасонад. Аз рӯйи баъзе нишондиҳандаҳо имрӯз дар ҷумҳурии мо зиёда аз 200 ҳазор гектар замин ба эрозияи обӣ дучор шуда, 120 ҳазор гектар

дар ҳолати шӯршавӣ қарор дошта, дар масоҳати зиёда аз 150 ҳазор гектар замини аҳамияти кишоварзидошта баландшавии обҳои зеризаминӣ ба чашм мерасад. Ба ҳисоби миёнаи мутахассисон аз ҳар як гектар замини ба харобшавӣ (деградатсия) дучор омада, ба ҳисоби миёна аз 10 то 20 сентнер ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ талаф меёбад, ки ба ҳисобҳои миёна ба соҳаи кишоварзии мамлакат миллионҳо сомонӣ зарари молиявӣ мерасонад. Ҳамаи ин муаммоҳо ба пастравии ҳосили умумии зироатҳои кишоварзӣ ва мураккаб гардидани таъмини озуқаи худии мамлакат оварда расонида, боиси воридоти маҳсулотҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда (ГМП) мерасонанд.

Мувофиқи баъзе аз сарчашмаҳои илмӣ соли 1982 олимони ширкати амрикоии Монстанто (Monsanto) аввалин шуда ҳуҷайраҳои растаниҳоро дар сатҳи ирсӣ дигаргун намуданд. Якумин растании дар сатҳи ирсӣ дигаргуншуда помидори навъи “Flavr Savr” буд, ки ба тағйир додани ирсият мутобиқ ва устувор шуд. Ин намуди помидор асосан аз тарафи ширкати калифорнии Калген (Calgene) ихтироъ гардида, баъдтар ба ширкати Monsanto фурӯхта шуд. Ҳамин тавр, аз соли 1996 сар карда, тиҷоратикунонии растаниҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда оғоз гардида, айни замон ин намуди растаниҳо дар масоҳати қариб 200 ҳазор гектар кишт ва парвариш карда мешаванд. Ҳаҷми нисбатан васеи майдонҳои ба ин намуди растаниҳо бандбуда асосан дар ИМА (50% масоҳати ҷаҳонӣ), дар давлатҳои Аргентина, Бразилия, Канада ва Парагвай (қариб 90% масоҳати заминҳои кишт) ба таври васеъ паҳн гардидааст [8].

Ширкатҳое, ки бевосита ба истеҳсоли тухмии растаниҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда алоқаманданд, на танҳо ба растаниҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда машғуланд, балки дар шароити ҳозира якчанд ширкати фаромиллатӣ бозори тухмиро танзим менамоянд. Умуман, даҳ ширкати калон 57%-и бозорро назорат мекунанд. Чортои он – Monsanto, DuPont-Pioneer, Syngenta ва Bayer мебошанд, ки ба ҳиссаи онҳо 41% бозори тухмӣ рост меояд. Баъди ташкил шудани ширкатҳои калонтарин, ки ба истеҳсоли тухмӣ сару кор доранд, ба мисоли - Dekalb Genetics ва Seminis, инчунин истеҳсолкунандаи калонтарини тухмии пахта - Delta and Pine Land Company, ширкатии амрикоии Monsanto, ки пешвои асосии ҷаҳон дар истеҳсоли растаниҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда (86% ҳамаи чунин растаниҳо бевосита ба ширкати Monsanto алоқаманд аст) ва калонтарин ширкати тухмибарорӣ ба ҳисоб меравад, рушди бозори тухмии ин намуди маҳсулот бемайлон таъмин гардида истодааст [7,с.94; 8].

Таҷрибаи баъзе кишварҳои дунё аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати савдо аксар вақт нақши ниҳоят муҳимро дар воридоту содироти маҳсулотҳои озуқаворӣ мебозад. Масалан, бисёр давлатҳои Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Қариб барои ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз воридоти арзон аз Бразилия ва Иёлоти Муттаҳида боҷи гумрукӣ барои гӯшти парранда ҷорӣ кардаанд. Аз ин ҷост, ки сатҳи номиналии ҳифзи ашёи гаронарзиш (аз қабили сабзавот ва мева) бо муаммоҳои шадид барои кишварҳои камдаромад рӯ ба рӯ мешаванд [10]. Ғайр аз он, тадбиру чорабиниҳои сиёсие, ки нисбати ин молҳо дар ҳамаи кишварҳои ин гурӯҳ татбиқ карда мешаванд, нисбатан якхела мебошанд ва онҳо ҳимояи боэътимоди нархиро таъмин мекунанд, ки ин нишондиҳандаи сатҳи номиналии ҳифзро баҳо медиҳад.

Чунин чорабиниҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои маҳдуд кардани воридот самаранок буданд, аммо айни замон онҳо ба болоравии нархи мурғи дар худи кишварҳо истеҳсолшуда оварда расонданд, ки ин дастрасии молиявии яке аз манбаъҳои асосии сафедаи ҳайвонотро барои аҳолӣ коҳиш медиҳад. Истифодаи чунин тадбирҳо дар кишварҳои Иттиҳоди Африқои Шарқӣ (EAC) натиҷаҳои дучанд ба бор овард. Бо қарори мақомотҳои соҳавии кишварҳои Кения, Руанда ва Уганда барои воридоти маҳсулоти стратегӣ, аз ҷумла биринҷ, боҷи ягона (то 75 фоиз) ҷорӣ карда шуд [9; 10].

Шоликорон ва коркарди биринҷ бошанд, баъзе кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро аз воридоти арзон муҳофизат кардаанд, аммо далелҳо нишон медиҳанд, ки биринҷи чакана барои истеъмолкунандагон бо чунин муҳофизат гаронтар мешавад. Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ, илова бар сиёсати тиҷорат ва бозор, ки дар боло баррасӣ шуда буд, дигар чорабиниҳо барои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо мавҷуданд, ки метавонанд ба нархҳои озуқаворӣ таъсир расонанд.

Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон чораҳои танзими нархҳо амалӣ карда мешаванд. Дар давраи баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ кишварҳои даромади баланд дошта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, назорати нархҳоро ҳамчун воситаи дастгирии деҳқонон дар тӯли даҳсолаҳо нигоҳ доштанд. Аммо чанде пештар пардохтҳои мустақим иваз шуданд, ки ҳоло чунин чорабиниҳо бо нарху ҳаҷми истеҳсолот вобаста нестанд [9].

Ҳукуматҳои кишварҳои миёнаҳол ва камдаромад то ҳол чунин чораҳоро барои ҳимояи истеъмолкунандагон аз нархҳои баланд ё ҳавасмандгардонии истеҳсолоти дохилии кишоварзӣ ва пешгирии талафоти даромад истифода мебаранд. Дар кишварҳои даромади миёна дошта чунин чорабиниҳо одатан нархи озуқавориро ба танзим медароранд, андозҳои истеъмолотро коҳиш медиҳанд, имкониятҳои монополизатсия ва олигополияро маҳдуд мекунанд ва маҳсулоти хӯрокввориро ба бозор мебароранд. Дар кишварҳои камдаромад сиёсатгузорон истеҳсолотро тавассути механизми таъйини нарх, ки муқаррар кардани нархи пасттарин ва истинодтаринро дар бар мегирад ё тавассути хариди молҳо бо нархи субсидия ҳавасманд мекунанд. Сарфи назар аз ҳадафҳои сиёсӣ, ҳар як чунин тадбир боиси он мегардад, ки як қисми аҳолӣ бурд мекунад ва қисми дигар мағлуб мешавад ва дастрасии молиявии ғизои солим ҳамеша коҳиш меёбад. Масалан, танзими нархҳо барои болоравии нархҳо метавонад фарогирии молиявии ғизои солимро барои табақаҳои осебпазир зиёд кунад. Аммо танзими нархҳои чакана ҳавасмандии деҳқононро барои истеҳсоли хӯрокҳои серғизо аз даст медиҳад, ки дастрасии чунин хӯрокҳоро дар ҷаҳон коҳиш медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлили рақаму далелҳои дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаммоҳои ҷойдошта аксаран ба ин ё он муносибатҳо якҷоя таъсир мерасонанд. Аммо сабаби асосӣ, аз як тараф, дар мутаносибии байни афзоиши аҳолӣ ва бевосита талабот бо озуқа, аз дигар тараф, имконияти ин талаботро таъмин намудан мебошад. Гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи чорабинӣ ва пешниҳодҳои зикршуда ба як мақсад – таъмини доимоафзоишёбандаи аҳолии кураи Замин бо маводи озуқа равона карда мешаванд. Аз ин ҷост, ки ҳар як давлат барои амалисозии яке аз мақсадҳо ва ҳадафҳои асосии давлат, яъне амнияти озуқаворӣ аз роҳҳо ва имкониятҳои гуногун истифода бурда, талаботи рӯзафзояндаи аҳолиро бо маводи озуқа таъмин менамоянд.

Дар маҷмӯъ, барои таъмини амнияти озуқавории минтақа меъёрҳои ратсионалии маҳсулоти озуқаворӣ зарур аст, ки метавонад бо воситаи танзими давлатии озуқаворӣ ҷорӣ карда шавад, ки асосан ду сатҳи дараҷаи таъмини маҳсулоти озуқавории аҳолиро дар бар мегирад: кифоя будани озуқа, ки барои ҳисобҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити муътадил истифода бурда мешавад ва ҳадди ақалли захираи озуқа барои кафолати таъмин намудани аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда. Дар баробари ин бояд пайваста чорабиниҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- дар асоси талаботҳои аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ муайян намудани меъёри сатҳи даромад ва нархҳо барои таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқа тибқи меъёрҳои тиббӣ дар шароити нархҳои бозорӣ;
- дар асоси моделҳои фаъолияти комплекси агросаноатӣ муайян намудани арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, чорводорӣ, коркард ва нархҳои ҳадди ақал барои кори фоиданокии агробизнес;
- дар асоси модели воридоти маҳсулоти хӯрокворӣи самти иқтисодии хориҷӣ муайян намудани низоми тарифҳои гумрукӣ ва имтиёзҳо, аз як тараф, сатҳи муътадили ҳифзи истеҳсолоти аграрӣ (“сиёсати протексионистӣ”), аз тарафи дигар, дигаргунии рақобатпазирии маҳсулоти воридотӣ таъмин карда мешавад;
- дар асоси моделҳои банақшагирии давлатӣ ва модели умумӣ дар бозори аграрӣ стратегияи дастгирии давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла системаи субсидияҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо ва ғ., таъмини тавозуни таъминот ва талабот дар минтақаи иҷозатдодашудаи кафолати бехатарии озуқаворӣ бо ҳадди ақалли хароҷотҳои давлатӣ.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили амнияти озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳои комплексӣ лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди захираҳои инсонии мамлакат ва минтақаҳо алоқаманд гузаронида шаванд ва пеш аз ҳама дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам, аз он ҷумла заминҳои обӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, далелу рақамҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо дар ҳолати амалисозии самтҳо ва ҳалли комплексии чорабиниҳои зикршуда қадре ҳам бошад, истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқа рӯ ба афзоиш ниҳода, таъмини амнияти озуқавории минтақа ва кишвар ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёфта истодааст. Ҳалли пурраи чорабиниҳои номбаршуда имкон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқавии воридотивазкунандаро тараққӣ дода, коркард ва истеҳсоли онҳоро бо истифода аз маҳсулотҳои худӣ дар дохили кишвар ба роҳ монд ва ба ин васила ҷумҳурии аграриро ба ҷумҳурии саноатию аграрӣ табдил дод. Инчунин, дар шароити ҳозира ҳалли

таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун низоми муҳимми пешбурди зиндагӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли вазифаҳо дар соҳаи мудофиавию бехатарии умумииқтисодӣ нақши ниҳоят муҳимро мебозад. Бе таъмини озуқаи худӣ (ватанӣ) дигар омилҳое, ки амнияти миллиро таъмин месозанд (ба мисли амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, энергетикӣ ва ғ.) ҳеҷанд, зеро дар ниҳояти кор сухан сари масъалаи бо маҳсулоти озуқа таъмин намудани аҳолӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум меравад, ки ин нукта дар маркази диққати доимии сиёсати давлату Ҳукумат қарор дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси намояндагон аз 26 январи соли 2021 // Садои мардум аз 28 январи соли 2021. – С.1-6.
2. Алтухов А.И. Продовольственная безопасность страны: проблемы и пути решения // Экономика региона. Приложение к №2/2008. – С. 33-48.
3. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. №1-2020. – Душанбе: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 21.
4. Дьяченко О.В. Глобализация и продовольственная безопасность России // Никоновские чтения. Глобализация и аграрная экономика России: тенденции, возможные стратегии и риски. - М.: ВИАПИ им. А.А. Никонова РАСХН: «Энциклопедия российских деревень», 2011. – С. 13-14.
5. Исайнов Х.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 648 с.
6. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – 364 с.
7. Положение дел в области продовольственной безопасности и питания в мире. - Рим: ФАО, 2020. - С. 133.
8. Ag-Incentives, 2020. Nominal rate of protection. См.: Ag-Incentives [онлайн]. Washington, DC. [По состоянию на 26 апреля 2020 года]. http://ag-incentives.org/indica-tor/no-minal-rate-protection.
9. Jayne, T., Yeboah, F.K. & Henry, C. 2018. The future of work in African agriculture: trends and drivers of change. ILO Research Department Working Paper 25. Geneva, Switzerland, ILO.
10. Pernechele, V., Balié, J. & Ghins, L. 2018. Agricultural policy incentives in sub-Saharan Africa in the last decade (2005- 2016): Monitoring and Analysing Food and Agricultural Policies (MAFAP) synthesis study. FAO Agricultural Development Economics Technical Study 3. Rome.


## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ МИНТАҚА - САМТИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРӢ


Дар мақола масъалаҳои амнияти озуқаворӣи минтақа ҳамчун самти стратегии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба таҳлили вазъи ҳозираи худтаъминкунии озуқаворӣ, тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушди таъмини амнияти озуқаворӣ дода шудааст. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи дастовардҳои онҳо дар мисоли ҷумҳурии мо ва минтақаҳои алоҳидаи он омӯхта шудааст. Фишангҳои иқтисодии танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва дурнамои амалисозии самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа коркард ва пешниҳод гардидааст.



**Калидвожаҳо:** озуқа, бозори озуқаворӣ, минтақа, худтаъминкунии озуқаворӣ, вазъи ҳозира, дурнамо, амнияти озуқаворӣ, самтҳо, таъмини амнияти озуқавории минтақа, самтҳои асосии таъмини амнияти озуқавории минтақа.


## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕГИОНА - ОСНОВНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ


В статье рассматриваются вопросы обеспечения продовольственной безопасности региона - как стратегическое направление экономического развития Республики Таджикистан. Особое внимание уделено анализу современного состояния продовольственной самообеспеченности и динамики показателей развития обеспечения продовольственной безопасности. Изучен зарубежный опыт обеспечения продовольственной безопасности и использования передового их опыта в условиях нашей республики и ее отдельных регионов. Исследованы экономические рычаги государственного регулирования продовольственного рынка и перспективы реализации основных направлений обеспечения продовольственной безопасности. Разработаны и предложены основные направления обеспечения продовольственной безопасности региона.



**Ключевые слова**: продовольствие, продовольственный рынок, регион, продовольственная самобобеспеченность, современное состояние, перспективы, продовольственная безопасность, обеспечение продовольственной безопасности региона, основные направления обеспечения продовольственной безопасности региона.


## ENSURING FOOD SECURITY OF THE REGION IS THE MAIN DIRECTION OF DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC


The article discusses the issues of ensuring food security in the region - as a strategic direction of economic development of the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the analysis of the current state of food self-sufficiency and the dynamics of indicators of the development of food security. The foreign experience of ensuring food security and using their advanced experience in the conditions of our republic and its individual regions has been studied. The economic levers of state regulation of the food market and the prospects for the implementation of the main directions of ensuring food security have been investigated. The main directions of ensuring the food security of the region have been developed and proposed.



**Keywords:** food, food market, region, food self-sufficiency, current state, prospects, food security, food security in the region, the main directions of food security in the region.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исайнова Манижа Хисайновна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Сурога**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 933-13-03-43**. E-mail: **isainovam@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исайнова Манижа Хисайновна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **(+992) 933-13-03-43.** E-mail: **isainovam@mail.ru**

**Information about the author:** ***Isainova Manizha Khisainovna*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: **(+992) 933-13-03-43**. E-mail: **isainovam@mail.ru**

**УДК 330.342.23**

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ ИТТИЛООТИ ИДОРАКУНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Мирзоев Н.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои самаранок гардонии равандҳои бо ҳам алоқаманди истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои моддӣ иттилооти идоравӣ зарур мебошад. Чунки иттилооти идоравӣ ҳалли масъалаҳои идоракуниро тавассути маълумотҳои гуногуни мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва бозори доштаро дар худ ифода менамояд. Иттилооти идоракунӣ захираи муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки он дар асоси технологияҳои гуногуни коркарди иттилоот ҳамчун олот ва маҳсули меҳнат баромад мекунад.

Иттилооти иқтисодӣ яке аз ҷузъҳои асосии иттилооти идоравӣ ба ҳисоб меравад, ки яке аз олимони соҳаи технологияи иттилоотӣ В.Д. Бройдо онро чунин таъриф додааст: "Иттилооти иқтисодӣ ин иттилооте мебошад, ки дар рафти тайёрӣ ва раванди фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ба вуҷуд меояд ва барои идоракунии ин фаъолият равона шудааст" [1,с.45].

Назарияи омории иттилоот ва назарияҳои ба он мувофиқ дар коркарди иттилоот барои идоракунии объекти иқтисодӣ ба таври васеъ паҳн нагаштаанд, чунки он махсусияти маълумотҳои иқтисодӣ, ҳолатҳои истифодаи он дар идоракуниро ба назар намегирад. Дар он алоқаҳои маъноӣ, дараҷаҳои зарурияти идоракунӣ, шаклҳои инъикосёбӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифодашаванда дар ҳама дараҷаҳо аз рӯи мундариҷаи худ гуногун мешаванд [1,с.46].

Дар дараҷаи ширкат (корхона)-ҳо ба он дохил мешавад:
- тавсифоти техникии воситаҳои истеҳсолот (дар навбати аввал, дастгоҳҳо);
- тасвири технология ва шарти истеҳсолот;
- вазъи бозорӣ (нарх, ҳаҷми талабот);
- маълумот оиди воситаҳои гардиш;
- маълумот оиди ҳайати кадрҳо;
- маълумот оиди мавҷудият ва зарурият ба захираҳо;
- нормативҳо, вазифаҳои нақшавӣ;
- маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҳисобӣ (ба монанди ҳаҷми фондҳо, фоиданокӣ, арзиш);
- фармонҳои гуногун, қоидаҳо, усулҳо ва ғ.

Иттилооти иқтисодӣ равандҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро дар тамоми зинаҳои идоракунӣ ифода менамояд, ки онро аз рӯи хусусиятҳои хоси зеринаш тавсиф додан мумкин аст, ба монанди: саҳеҳӣ, зарурият, аслият, аниқӣ, муҳиммӣ ва пуррагӣ, даврият ва дорои ҳаҷм будани онҳоро нишон медиҳад [2,с.28].

Агар иттилооти иқтисодӣ аз шакл ва мазмуне иборат бошад, ки дарки ягонагии он аз тарафи ҳамаи истеъмолкунандагон таъмин гардад он барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда мешавад. Мукаммалии иттилоот ин хусусияти иттилооти иқтисодиро мефаҳмонад, ки агар он дараҷаи ноилгардии ҳадаф ва масъалаҳои истеъмолкунандаро ифода намояд.

Аслияти иттилооти иқтисодӣ хусусияти ҷиҳати мазмунии онро бо олами объективӣ алоқаманд намуда, аниқии иттилоотро ҳамчун ченаки наздикӣ ё дурии онро ба ягон ҳодиса ё зуҳурот ифода мекунад.

Муҳиммияти иттилоот имконияти тағйирёбии ҳолат ва хусусияти объекти онро дар муҳити атроф ифода мекунад. Пуррагии иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ кифоя буда мазмуни қарорҳои идоракуниро инъикос менамояд [3,с.101].

Даврияти иттилооти иқтисодӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои ҳалли мошинии масъалаҳо барои як давраи иҷрои коркарди иттилоот тартиб дода шуда, барои давраҳои оянда он низ мавриди истифода қарор мегирад.

Хусусияти дигари иттилооти иқтисодӣ ин дорои ҳаҷмнок будани он мебошад, ки барои ҳисобкунии эҳтиёҷот ба кормандони соҳаи идоракунӣ, воситаҳои техникӣ ва захираҳои системаҳои иттилоотӣ ва ғайраҳо истифода бурда мешавад [4,с.26].

Барои муайян кардани ҳаҷми иттилооти иқтисодӣ аз ченакҳои зерин истифода мебаранд:

-реквизитҳо;
-нишондиҳандаҳо;
-массивҳои иттилоотӣ;
-зерсистемаҳои базаҳои иттилоотӣ;
-базаҳои иттилоотии объекти иқтисодӣ ва ғайраҳо.

Реквизит ин воҳиди тақсимнашавандаи иттилооти иқтисодӣ мебошад, ки онро ба чунин намуд ҷудо намудан мумкин аст:

-реквизити асосӣ;
-реквизити аломатӣ.

Реквизити асосӣ бузургии миқдорӣ ва реквизити аломатӣ бошад хосиятҳои сифатии объекти иқтисодиро муайян менамоянд.

Нишондиҳандаи иқтисодӣ аз ду ва зиёда реквизитҳои асосӣ ва аломатӣ сохта шуда, барои тартиб додани ҳуҷатҳои иттилооти иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

Масалан: Нишондиҳандаи "25 нафар донишҷӯ" иборат аст аз як реквизити асосӣ- "25" ва ду реквизити аломатӣ "нафар" ва "донишҷӯ".

**Расми 1. Хусусиятҳои истифодаи иттилооти иқтисодӣ дар идоракунӣ**
**Figure 1. Features of the use of economic information in management**




Сарчашма Таҳияи муаллиф

Гуногунии намудҳои иттилооти иқтисодӣ ба соҳаҳои мухталиф ва дараҷаи идоракунӣ вобастагии калоне дорад [5,с.168]. Дар раванди коркард иттилоот дараҷаҳои монанди коркардро мегузарад, ки он барои идоракунии объектҳои иқтисодии гуногун умумӣ ба ҳисоб меравад. Тарҳи соддашудаи коркарди иттилоотро чунин нишон додан мумкин аст, ки дар он вазифаҳои иттилоот ва манбаи бавуҷудоии он инъикос меёбанд.

Гурӯҳбандӣ ин тақсимкунии маҷмӯъҳои объектҳо ба зермаҷмӯъҳо дар асоси аломатҳои муқарраргардидаи монандӣ ва ё фарқияти онҳо мебошад. Ҳар як маҷмӯи иттилоотӣ аз рӯи як ё якчанд аломат гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Дар объектҳои иқтисодӣ барои ботартибдарории иттилоот аз гурӯҳбандии иттилоот истифода мебаранд. Иттилооти иқтисодиро вобаста ба хусусиятҳояш ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

Ба монанди иттилооти воридшаванда, ибтидоӣ, воқифӣ, дастурӣ, баҳисобгирӣ, нақшавӣ, пешгуикунанда, хориҷшаванда ва ғайраҳо мебошанд [6,с.368].

Иттилооти воридшаванда иттилооте мебошад, ки ба зинаҳои идоракунӣ аз берун ворид мегардад. Як қисмати он иттилооти ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооти ибтидоӣ аз объекти идоракунӣ ворид мешавад ва он аз рӯи ченкунии бевосита ва ҳисобкуниҳо ба вуҷуд омадааст.

Фарз мекунем, барои ширкатҳое, ки ба истеҳсолот сару кор доранд ба сифати иттилооти ибтидоӣ ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, миқдори маҳсулотҳои вайроншуда, миқдори коргарон, захираҳо дар анбор ва ғайраҳо буда метавонанд.

Махсусияти иттилооти ибтидой он мебошад, ки дар бисёр мавридҳо хусусиятҳои кори объекти дорои ҳаҷми калон бударо дарбар мегирад. Дар асоси ин хусусиятҳои калон бо истифодаи иттилооти меъёрӣ-маълумотӣ дар оянда аниқ баҳодиҳии ҳолати ҳақиқӣ ва динамикаи идоракунии объект ҳосил кардан мумкин аст.

Иттилооти воридшавандаро баъзан иттилооти беруна низ мегӯянд ва онро шартан ба қисматҳои воқифӣ ва дастурӣ (директивӣ) ҷудо кардан мумкин аст [7,с.102].

Иттилооти дастурӣ аз зинаҳои болоии идоракунђ омада, дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои тобеият дорои параметр ва шартҳои ташкилкунии маблағгузорониҳои ҳатмӣ (ба монанди андозсупорӣ), меъёрҳои ҷудошуда, вазифаҳои нақшавӣ мебошад.

Иттилооти воқифӣ аз зинаҳои болоӣ, ширкатҳо, корхонаю ташкилотҳои бо объекти идоракунӣ алоқадошта ворид мегардад. Инҳо таъминотгарон, пудратчиён, ташкилотҳои нақлиётӣ, донишкадаҳои молиявӣ (бонкҳо, фонди нафақа, ширкатҳои суғуртавӣ), зинаҳои музофотии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравaнд. Агар иттилооти дастурӣ бевосита ба мақсади амалкунии объект таъсир расонад, пас иттилооти воқифӣ ба шароитҳои кории он таъсир мерасонад. Иттилооти дастурӣ ва воқифӣ, назар ба иттилооти ибтидоӣ, хусусиятҳои арзишӣ ва беандоза доранд.

Аз рӯи зудии тағйирёбӣ ва шакли истифода иттилооти меъёрӣ-маълумотӣ ҷудо карда мешаванд. Ин меъёрҳои иқтисодӣ, технологӣ, моддию меҳнатӣ, коэффитсиентҳои ҳисобкуниҳо, каталогҳо, маълумотҳои номгӯӣ, маълумотномаҳо ва ғайраҳоро инъикос менамоянд [8,с.3].

Дар коркард чун дар раванди табдилдиҳии иттилоот давраҳои ҳосилкунии иттилооти баҳисобгирӣ, нақшавӣ ва пешгуикунандаро ҷудо кардан мумкин аст. Иттилооти баҳисобгирӣ ба раванди асосии истеҳсолот ва шартҳои мушахаси иқтисодии он равон карда шудааст, ки ба он иттилооти ибтидоӣ ва қисман истеҳсолӣ дохил мешаванд.

Ба ин маълумотҳои оиди истеҳсоли аслии маҳсулот аз рӯи арзишаш, рӯйхат ва сифаташ, оиди харҷи захираҳо, сарфакориҳо, захираҳо, истифодаи дастгоҳҳо, ҷудонамоии музди меҳнат, андозсупориҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Иттилооти баҳисобгирӣ равандҳои иҷрошударо ифода менамоянд, ки иттилооти муайян буда, аз қарорҳои баъд қабулшаванда вобастагӣ надорад. Дар фарқият иттилооти пешгӯикунанда ва нақшавӣ ҳангоми дигаршавии шартҳо ва мақсадҳо дигар тағйир намеёбанд. Нисбати иттилооти баҳисобгирӣ ва нақшавӣ коркарди иттилоотӣ иҷро карда мешаванду ҳалли масъалаҳои идоракуниро таъмин менамоянд. Ҷамъбасти охирини коркарди иттилоот ин гирифтани иттилооти хориҷшаванда, яъне иттилооти натиҷавӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооти натиҷавӣ барои он мегӯянд, ки идоракунии вай аз тарафи зинаҳои болоии идоракунӣ сурат мегирад.

Бо назардошти он ки додугирифт, мубодила ва интиқоли иттилоот ҳақиқӣ сурат гирад, бояд барандаи иттилоот, интиқолдиҳанда, канали алоқа, қабулкунак ва ғабулкунандаи иттилоот мавҷуд бошанд. Муҳити интиқол манбаъ ва ғабулкунандаи иттилоотро дар системаи иттилоотӣ муттаҳид мегардонад. Коркарди иттилоот дар системаҳои иттилоотӣ сурат мегирад.

**Расми 2. Системаҳои иттилоотӣ**
**Figure 2. Information systems**




Системаҳои иттилоотӣ дастаи алоқаманди воситаҳои барномавию дастгоҳӣ ва хизматрасонии идоравие мебошанд, ки ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, таҳлил ва инъикоси иттилоотро барои таъмини равандҳои қабули қарорҳо иҷро мекунанд. Мақсади асосии амалкунии системаҳои иттилоотӣ ин ба ширкатҳо ва корхонаҳо таъмин намудани сатҳи соҳибгардии имкониятҳои рақобатию ташкили бартарии рақобатӣ мебошанд [9,с.121].

Вазифаҳои асосии системаҳои иттилоотӣ дар замони муосир инҳо мебошад:

1. Дар сатҳи стратегӣ таъмин кардани роҳбарияти болоӣ бо иттилооти комёбиҳо дар инкишофи тиҷорат, технологияҳои беҳтарин, маҳсулотҳо, усулҳои идоракунӣ ва тарзҳои ивазшавии тиҷорати аз берун ба ташкилот дохилшаванда мебошад.

2. Системаҳои иттилоотӣ имконияти дар базаи амсилаҳои аналитикӣ баҳо додани намунаҳои инкишофёбии тиҷоратро бояд инъикос намоянд.

3. Дар сатҳи идоракунӣ роҳбарияти миёна ва болоиро бо иттилооти баландсифат ба таври максималӣ таъмин карда тавонад.

4. Тайёркунии ҳисоботҳо ва маърузаҳои фаврӣ дар асоси регламент ва сабаби мушахаси аз дохили корхона гирифташавандаро инъикос намояд.

5. Истеҳсоли маҳсулотҳои навро таъмин намояд.

6. Тайёркунӣ, бақайдгирӣ ва назорат аз рӯи иҷроиши ҳуҷҷатҳо дар дохили корхона иҷро намояд.

7. Дар сатҳи амалиётӣ иҷроиши босифат ва баландсуръати амалҳои зуд-зуд такроршавандаро коркард намояд.

Системаҳои иттилоотӣ бахши муҳими системаҳои идоракунии равандҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд. Системаи иттилоотии иқтисодӣ ин системае мебошад, ки амалкунии вай дар замон ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоот оиди фаъолияти ягон объекти иқтисодӣ мебошад. Системаи иттилооти иқтисодӣ барои объекти иқтисодии мушахас сохта шуда бояд дараҷаи муайян алоқаи байниҳамдигарии ҷӯзъҳои онро инъикос намояд [10,с.121].

Ба таври дигар, системаи иттилооти иқтисодӣ ин чунин системаи иттилоотие мебошад, ки он тамоми воситаҳои коркарди иттилооти иқтисодӣ (ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, мубодила, интиқол) ва ғайраҳоро дарбар гирад. Системаи иттилооти иқтисодӣ ин маҷмӯи селобҳои иттилоотии дохилӣ ва берунии алоқаҳои иттилоотии яксара ва чаппаи объекти иқтисодӣ, усулҳо, воситаҳо, мутахасисони дар раванди коркарди иттилоот ва қабули қарорҳои идоракунӣ иштироккунандаро дарбар мегирад. Системаи иттилооти иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои коркарди иттилоот (идоракунии истеҳсолот ва ғайраҳо) хизмат менамояд. Амалкунии системаи иттилооти иқтисодӣ барои татбиқи бомувафаққияти якчанд мақсадҳо хизмат мекунад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1. Баландбардории самаранокии идоракунии объект аз ҳисоби пуррагии иттилоот барои таъмини қабули қарорҳои идоравӣ, пешкашкунии иттилоот бо суръати баланд ва фаврият, мусоидии ҳамкории система бо истеъмолкунандагони иттилоот мебошад.

2. Истифодаи пурсамари захираҳои системаи иттилооти иқтисодӣ аз ҳисоби камкунии хароҷотҳо барои сохтмон, истифодабарӣ ва инкишофи системаи иттилооти иқтисодӣ, гирифтани миқдори зарурии иттилооти хориҷшаванда аз ҳаҷми мавҷудбудаи маълумотҳо, камкунии иттилооти барзиёд ва барҳамдиҳии такроршавии иттилоот мебошад.

Ҳамаи воситаҳои техникӣ дар идоракунӣ барои коркарди иттилоот хизмат менамоянд, ки аз натиҷаи коркард истифодабарандагон қарорҳои лозимиро қабул мекунад. Ҳар ду равандҳо, яъне коркарди иттилоот ва қабули қарорҳои идоракунӣ баробар иҷро карда мешаванд ва равандҳоро чун равандҳои муқарарию мураккаб дидан мумкин аст, ки дар он давраҳои коркарди иттилоот ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар омехтагӣ иҷро мешаванд.

Ҳамин тавр, пас аз каме коркард таҳлили он сурат мегирад, ки иттилоот бояд чӣ гуна коркард шавад ва бо чӣ восита истифода шавад. Баъд аз ин, боз коркарду таҳлилҳо сурат мегиранд, иттилооти идорашаванда ба коркарди навбатӣ ва қабули қарори идора равона карда мешавад [11,с.184].

Идоракунии системаҳои иттилооти иқтисодӣ ин таъминоти оқилонаи ҳамбастагии технологияҳои иттилоотӣ, зерсистемаҳои функсионалӣ ва мутахасисони бо он коркунанда дар тамоми фаъолияти системаҳои иттилоотӣ мебошанд. Идоракунии системаҳои иттилоотӣ иҷрои чунин вазифаҳоро доранд: идоракунии кормандон, идоракунии истифодабарандагон, идоракунии тараққиёт, идоракунии фаврӣ, идоракунии сифат, идоракунии молиявӣ ва ғайраҳо мебошад.

Идоракунии сифат аз чунин корҳо иборат аст:

- коркарди стандартҳои корпоративӣ;
- баҳодиҳии самаранокии фаъолияти кормандон;
- банақшагирии фаъолияти кормандон;
- банақшагирии вазифаи кормандон.

Идоракунии истифодабарандагон иборат аст:

- аз таълими истифодабарандагон, дастгирии техникӣ, ташкили "алоқаи мунтазам".

Идоракунии инкишофи системаҳои иттилоотӣ иборат аст аз: банақшагирии инкишофи системаҳои иттилоотӣ;

- банақшагирии буҷавӣ;
- банақшагирии навкуниҳо.

Идоракунии фаврӣ иборат аст аз:

- мониторинги амалкунӣ;
- таҳлил;

- барқароркунӣ;
- нусхакунии иловагӣ;
- хизматрасонии озод;
- сохторсозӣ;
- ҷуркунӣ;
- идоракунии истеҳсолот;
- идоракунии бехатарӣ;
- маъмуригардонии истифодабарандагон.

Идоракунии молиявӣ иборат аст аз:
- идоракунии буҷа;
- идоракунии харидорӣ;
- идоракунии воситаҳои асосӣ.

Барои он ки дилхоҳ объект, ҳодиса ё зуҳуроти иқтисодӣ идора карда шавад, пеш аз ҳама, бояд системаи иттилооти иқтисодии он сохта шавад [12,с.100]. Дар ин система дар асоси натиҷаҳои коркарди иттилоот бояд қабули қарорҳои идоракунии он сурат гиранд ва барои сохтани системаи иттилоотӣ, пеш аз ҳама, вазифаҳои асосие, ки ин система иҷро мекунад муқарар карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Мирзоев Н.Х. Экономические информационные системы-важный фактор управленческой деятельности / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов, Ш.Н. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. - №8. -С.46-51.
2. Мирзоев Н.Х. Информационная система в экономике / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов, Р.Б. Шерматов. -Душанбе, 2016. -286 с.
3. Мирзоев Н.Х. Основы обеспечения информационнной безопасности / Н.Х. Мирзоев, И.С. Шамсов, Д.С. Мухсинов. -Душанбе, 2017. -192 с.
4. Мирзоев Н.Х. Использование информационно-технологических компонентов в развитии рынка хлопка-сырца / Н.Х. Мирзоев, Р.Б. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. - №2/5. -Часть II. С.26-33.
5. Мирзоев Н.Х. Информационная технология и ее использование в системах управления / Н.Х. Мирзоев, Р.Б. А.Сабзаев // Материалы международной научно-практической конференции на тему “Реализация целей устойчивого развития: зарубежная и национальная практика”. -Душанбе, 13 октября 2020. -С.168-174.
6. Мирзоев Н.Х. Роль и место автоматизированных информационных систем в национальной экономике / Н.Х. Мирзоев, Р.Б. Шерматов // Материалы международной научно-практической-конференции на тему “Реализация целей устойчивого развития: зарубежная и национальная практика”. -Душанбе, 13 октября 2020. -С.368-372.
7. Мирзоев Н.Х. Причины возникновения и функции предпринимательского риска / Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2010. -№8(64). -С.102-106.
8. Мирзоев Н.Х. Информационные особенности аграрного рынка проблемы социально-экономичекого развития в Таджикистане / Н.Х. Мирзоев, Р.Б. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе: Сино, 2015. -С.3-7.
9. Макаров Н.В. Экономическая информатика: Введение в экономический анализ информационных систем / Н.В. Макаров. -М.: ИНФРА-М, 2011. -121 с.
10. Сангинов Х. Информационная система в экономике/ Х.Сангинов, М. Курбонов .-Душанбе, 2016.
11. Хафизов Ш.Д. Роль и значение информационных технологий в образовательном процессе / Ш.Д. Хафизов, М.Д. Хафизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.-Душанбе: Ирфон, 2017. -№2/9. -С.184-187.
12. Шерматов Р.Б. Проблемы стимулирования производства и реализации хлопка-сырца в Республике Таджикистан / Р.Б. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2011. -№6(70). -С.100-106.


## НАҚШ ВА МАВҚЕИ ИТТИЛООТИ ИДОРАКУНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур нақш ва мавқеи иттилооти идоракунӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки аз истифодаи иттилооти идоравӣ ҳалли масъалаҳо иҷро шуда маълумотҳои гуногуни мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва ғайра доштаро ифода мегардад. Иттилооти идоракунӣ захираи муҳимтарин ба ҳисоб рафта, он дар технологияҳои гуногуни коркарди иттилоот ҳамчун олот ва маҳсули меҳнат баромад мекунад. Муаллиф қайд менамояд, ки назарияи омории иттилоот ва назарияҳои ба он мувофиқ дар коркарди иттилоот барои идоракунии объекти иқтисодӣ ба таври васеъ паҳн нагаштаанд, чунки он махсусияти маълумотҳои иқтисодӣ, ҳолатҳои истифодаи он дар идоракуниро ба назар намегирад. Дар он алоқаҳои маъноӣ, дараҷаҳои зарурияти идоракунӣ, шаклҳои инъикосёбӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифодашаванда дар ҳама дараҷаҳо аз рӯи мундариҷаи худ гуногун мешаванд. Тавсиф дода шудааст, ки агар иттилооти иқтисодӣ аз шакл ва мазмуне иборат бошад, ки дарки ягонагии он аз тарафи ҳамаи истеъмолкунандагон таъмин гардад он барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурда мешавад. Инчунин шарҳ дода шудааст, ки комилии иттилоот хусусияти иттилооти иқтисодиро мефаҳмонад, ки агар он дараҷаи ноилгардии ҳадаф ва масъалаҳои истеъмолкунандаро ифода намояд. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки аслияти иттилооти иқтисодӣ хусусияти ҷиҳати мазмунии онро бо олами объективӣ алоқаманд намуда, аниқии иттилоотро ҳамчун ченаки наздикӣ ё дурии онро ба ин олам ифода мекунад.

**Калидвожаҳо**: иттилоот, нишондиҳанда, итилооти иқтисодӣ, технология, барнома, реквизит, иттилооти ибтидоӣ, системаҳои иттилооти иқтисодӣ, иттилооти идоракунӣ, захираҳои иттилоотӣ.

## РОЛЬ И МЕСТО УПРАВЛЕНИЧЕСКОЙ ИНФОРМАЦИИ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассмотрены роль и место управленической информации в развитии национальной экономики. Использование служебной информации означает решение проблем и представление данных в различных социально-экономических, демографических и других контекстах. Управленческая информация - важнейший ресурс, поскольку она используется в различных технологиях обработки информации как инструмент и продукт труда. Автор отмечает, что статистическая теория информации и соответствующие ей теории обработки информации для управления хозяйствующим субъектом широко не используются, так как это зависит от того, что такое поведение не учитывает специфику экономических данных, их использования в управлении. Семантические связи, уровни управленческой необходимости и формы рефлексии не принимаются во внимание. Информация, используемая для принятия управленческих решений, различается по содержанию на всех уровнях. Если экономическая информация состоит из формы и содержания, понятных всем потребителям, ее можно использовать для принятия управленческих решений. Под целостностью информации понимается характер экономической информации, если она отражает степень достижения целей и проблем потребителя. Автор указывает на то, что подлинность экономической информации связывает ее семантическую природу с объективным миром и выражает точность информации как меру ее близости или удаленности от этого мира.

**Ключевые слова:** информация, показатель, экономическая информация, технология, программа, реквизиты, первичная информация, экономические информационные системы, управленческая информация, информационные ресурсы.

## ROLE AND PLACE OF MANAGEMENT INFORMATION IN THE DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY

The article examines the role and place of management information in the development of the national economy. Using inside information means solving problems and presenting data in different socio-economic, demographic and other contexts. Management information is the most important resource, since it is used in various information processing technologies as a tool and product of labor. The author notes that the statistical theory of information and the corresponding theories of information processing for managing an economic entity are not widely used, since it depends on the fact that such behavior does not take into account the specifics of economic data and their use in management. Semantic connections, levels of management necessity and forms of reflection are not taken into account. The information used for making management decisions differs in content at all levels. If economic information consists of a form and content that are understandable to all consumers, it can be used to make management decisions. The integrity of information is understood as the nature of economic information if it reflects the degree of achievement of the goals and problems of the consumer. The author points out that the authenticity of economic information connects its semantic nature with the objective world and expresses the accuracy of information as a measure of its proximity or distance from this world.

**Keywords:** information, indicator, economic information, technology, program, requisites, primary information, economic information systems, management information, informational resources.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Неъматулло Ҳакимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14**

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Неъматулло Хакимович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14**

**Information about the author:** ***Mirzoev Nematullo Khakimovich*** **-** Tajik National University, Associate Professor of the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-35-35-14**

**УДК 33 точик+ 1336.2**

# МЕХАНИЗМҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАРКЕТИНГ ДАР КОМПЛПЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Ҳасанова Ф.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва истифода бурдан аз усулҳои асосии идоракунии иқтисодӣ, васеъ кардани худфаъолиятии корхонаҳо, муассисаҳо корхонаҳои хоҷагии қишлоқ боиси истифода бурдани усулҳои асосии идоракунии маркетинги ҳамаи соҳаҳо, аз он ҷумла КАС, ба ҳисоб меравад, ки дар бисёр мамлакатҳои имрӯзаи ҷаҳони истифода бурда мешавад [5,с.125].

Маркетингро ҳамчун соҳаи махсуси илми иқтисод, ки ба идора намудани истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот ё мухтасар ба идора намудани талабот дар низоми хоҷагии бозорӣ маънидод мекунанд.

Имрӯз маъною мазмуни маркетингро мутахассисон ҳархела шарҳ медиҳанд. Вале ба андешаи Филипп Котлер, олими машҳури соҳаи маркетинг (бозоргонӣ) маркетингро ҳамчун намуди фаъолияти инсоне, ки бо қонеъ намудани талабот тавассути мубодила маънидод кардааст, хело дуруст мебошад. Унсурҳои асосии фаъолияти маркетингӣ дар шароити бозор талабот, дархост, мол, мубодила, нарх ва бозор мебошанд. Дар шароити ҳозира аз рӯйи принсипҳои маркетингӣ бисёр давлатҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, ШМА, Япония ва як қатор давлатҳои Аврупо корхона ва ширкатҳои калони худашонро ташкил кардаанд.

Маркетинг системаи дуруст ташкил ва бо ҳам пайвастани истеҳсолот ва истеъмолот, қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон, ба даст овардани фоида ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ба ҳисоб меравад [1,с.122].

Молистеҳсолкунандагон ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки маҳсулоташонро фурӯшанд. Аммо, бояд бо усулҳои истифода бурдани фурӯш сарфаҳм рафт. Ин корро маркетинг имконият медиҳад, ки мо ба сифати истеъмолкунандагон оқилона рафтор намоем. Ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистони имрӯза дар заминаи бухрони аниқи тамоми самту соҳаи он, аз ҷумла дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, ба вуқӯъ мепайвандад. Паст будани самаранокӣ ва мавҷуд набудани омилҳои фаъолияти корчалонӣ, номутаносибиҳои барҷастаи сохторӣ, захиранокӣ ва ба итмом расидани механизмҳои тақсимоти ин ҳама мероси боқимондаи системаи куҳнаи маъмуриву фармондеҳӣ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ, дар натиҷаи таҷдиди колхозу савхозҳо ва дар заминаи онҳо ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ (фермерӣ) ва ғайра, ки даромаднокии истеҳсолоти соҳаҳои комплекси агросаноатиро таъмин мекунад, ташкил карда шудаанд. Баъди ташкил кардани системаи хоҷагидорӣ ҳалли ҳамаи муаммоҳои муассисаҳои маркетинги агрорӣ аз назорати мол, омӯзиши эҳтиёҷот, пешгӯии талабот, кор карда баромадани сиёсати пешниҳоди мол, то ташкили хизматрасонии пас аз фӯруши молро дар бар мегирад [4,с.151-159].

Дар муассисаҳои ба тариқи самарабахш амалкунанда консепсияи маркетинг, фалсафа ва системаи он барои маҳфумҳо бурда мешавад. Дар ин маврид асосҳои принсипиалии маркетинг дар соҳаи комплекси агросаноатӣ татбиқ мегарданд.

Маркетингро ҳамчун муносибати барономавию мақсаднок дар идора намудани фаъолияти муассиса дар бозор тасаввур кардан мумкин аст [4,с.488]. Ҳадафи идора кардани системаи маркетингӣ дар шароити истеҳсолоти бозаргонӣ ин ба даст овардани фоидаи зиёд ба шумор рафта, дастоварди он бошад, дар заминаи омӯзиши аниқ ва ба даст овардани мавқеи устувор дар бозор тибқи омӯзиши аниқу ҳамаҷониба, қобилияти талаботи харидорӣ ва талабот нисбат ба мол доштаи харидорон ва минбаъд қонеъ гардонидани онҳо, ки ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани фоида ба шумор меравад, фаҳмида мешавад.

Тағйироти дар солҳои охир ба амал омада истода дар истеҳсолоти аграрӣ, савдо, илму техника, технологияи истеҳсолот дар якҷоягӣ бо афзоиш ёфтани миқёс ва мураккабии он, тиҷорат аз корхонаи комплекси агросаноатӣ талаб мекунад, ки консепсияҳои маркетингро ба сифати фаъолияти асосии хеш интихоб намоянд.

Муассисаҳои касбӣ ва фаъолияти маркетингии он системаи кушода буда, алоқаеро бо муҳити беруна тавсиф менамояд ва ҳудудҳои нуфузпазирро соҳиб мебошад. Муасиссаҳои касбӣ системаи таъминкунанда ба ҳисоб намераванд, аз ин рӯ, байни он ва муҳити маркетингӣ бо захира ва ахборот мубодилаи ҳамешагӣ сурат мегирад.

Системаи маркетинги КАС ин маҷмӯи муносибатҳои нисбатан моҳиятноки бозорӣ ва ахборотро дар бар мегирифта, муассисони КАС-ро ба бозори фурӯши маҳсулот алоқаманд месозад. Муассисаҳо алоқаашонро ба бозор ва унсурҳои он бо муҳити агромаркетингӣ барқарор намуда, бо он ахборот, маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва хадамотро равона сохта, бар асари ин мубодилаи пул, ахбор, ашёи хом, хадамот ва ғайраро ба даст меорад. Зери мафҳуми системаи агромаркетинг маҷмӯи ҳамаи навъҳои фаъолият, ки ба ҷараёни хароҷотҳои маҳсулоти ғизоӣ ва хадамотӣ марбут мебошад, аз истеҳсолоти кишоварзӣ сар карда, то лаҳзае, ки онҳо ба дасти истеъмолкунандагон расондаанд, фаҳмида мешавад [3,с.112].

Масъулиятҳои маркетинги КАС бо масъулиятҳои хоҷагии кишоварзӣ муайян карда мешавад:

**Якум,** вобастагии натиҷаи иқтисодӣ аз шароитҳои табиӣ. Истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ бо замин, яъне сифат ва истиффодаи интенсивии он алоқаманд буда, дар заминаи он муайян карда мешавад.

**Дуюм,** нақша ва моҳияти мол. Мутахассисон ва ҳадамоти маркетинг бо амволе, ки дорои моҳияти аввалиндараҷа мебошанд сару кор доранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд сари вақт ва дар ҳаҷми лозимаи навъҳои гуногуни мол ҳамчун бо назардошти синну сол, ҷинс, вазъи сиҳатии истеъмолкунандагон эҳтиёҷоти онҳоро қонеъ гардонанд.

**Сеюм,** мувофиққат кардани давраи корӣ бо давраи истеҳсолот. Масалан, маҳсулоти растанипарвариро дар як сол 1-2 маротиба ба даст меоранд, вале давраи корӣ тамоми соли идома меёбад. Зеро самарабахшии маркетинг аз ҳамин вобастагӣ дорад.

**Чорум,** мавсимӣ. Ҷиҳати таъминоти маркетинги омӯзиши бозори фурӯш ва ҳаракати маҳсулот мавсимӣ будани раванди истеҳсолот мавқеи муҳим дорад.

**Панҷум,** шаклҳои гуногуни моликият дар КАС нисбати замин ва воситаҳои истеҳсолот.

**Шашум,** шаклҳои гуногунии ташкилии хоҷагидорӣ.

**Ҳафтум,** нобаробарӣ ва гуногунмоҳиятии сатҳи татбиқи фаъолияти маркетинг.

**Ҳаштум,** ҳассосияти таъсирпазир, мутобиқатшавӣ, худташкилӣ, худидоракунии баланди системаи агромаркетинг ва дар муқоиса бо системаҳои дигар.

**Нуҳум,** махсусияти амалии агромаркетинг ва дар сатҳи паст қарор доштани фаъолияти агромаркетинг дар муқоиса бо дигар навъҳои он.

Функсияи маркетинг аз маҷмӯи фаъолияти маркетинги устувор, тақсимпазир ва самтҳои ба худ хос иборат мебошад, ки ҳангоми омода намудани татбиқи қарорҳо аз ҳадафҳои маркетинг сарчашма мегиранд.

Дар ҷараёни фаъолияти маркетинг функсияҳои мушаххаси маркетингӣ бо ҳам алоқаманд мебошад. Ҳангоми татбиқи ҳамагуна функсияҳои мушаххас ҳамаи функсияҳои умумӣ ба иҷро мерасанд. Ба функсияҳои умумии маркетинг дохил мешаванд: идоракунӣ, корҳои ташкилӣ, банақшагирӣ, ташхис намудани ҳадаф, баҳодиҳи, таҳлил, баҳисобгирӣ, назорат бурдан ва ғайра. Ба функсияҳои мушаххаси маркетинг бошад, марбут мебошанд: омӯзиши бозор, истеъмолкунанда ва талаботи он, таҳлили муҳит, татбиқи сиёсати мол, таъминот ба молҳои асосӣ, ташаккули нарх ва сиёсати нарх, ҳаракати мол ва фурӯши маҳсулот, фаъолияти тиҷорати маркетинги байналмилалӣ, фаъолияти баҳисобгириву молиявӣ ва идора кардани маркетинг.

### АДАБИЁТ


1. Баҳромӣ Т. Проблемаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т. Баҳромӣ // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2007. -№3. -С.122.
2. Барфиев К.Х. Обеспеченность дехканских (фермерских) хозяйств материально-техническими средствами / К.Х. Барфиев // Крымский научный вестник. – 2016. - №2(8). – С. 319-324.
3. Ганиев Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана / Т.Б. Ганиев. -М.: Диалог-МГУ, 1997. -112 с.
4. Исайнов Х.Р. Мелиорация и эколого-экономические проблемы развития сельского хозяйства в Таджикистане / Х.Р. Исайнов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2005. -№4. -С.151-159.
5. Карим Б. Тоҷикистон: дурнамои рушд. (китоби сафеду сабз) / Баҳромӣ Т.. - 2017. -125 с.
6. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / А. Ҳакимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -488 с.


### МЕХАНИЗМҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАРКЕТИНГ ДАР КОМПЛПЕКСИ АГРОСАНОАТӢ


Мақолаи илмӣ дар рушди механизми комплекси агросаноатӣ асос ёфтааст. Яке аз мушкилоти асосии Тоҷикистон рушди саноат мебошад ва аз ин рӯ, муаллиф мавзӯи худро дар ин самт таҳия намуда, дар соҳаи комплекси агросаноатии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод кардааст. Дар мақола қайд карда мешавад, ки ҳадафи асосии ҳар як истеҳсолкунандае, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад, дуруст арзёбӣ кардани хусусиятҳои истеҳсолот ва ноил шудан ба самаранокии баландтарин мебошад. Ин, дар навбати худ, ташаккул ва баррасии хусусиятҳои хоси агромаркетингро талаб мекунад, ки система барои ба даст овардани самаранокӣ дар хариду фурӯши маҳсулот ва молҳои кишоварзӣ хизмат мекунад. Дар шароити соҳибкории озод истеҳсолкунандагон маҷбуранд ҳангоми муайян кардани нархҳо, омӯзиши шумора ва қобилияти харидории истеъмолкунандагон, муқаррар намудани омилҳои дохилӣ ва берунӣ мустақилона қарор қабул кунанд. Омӯзиши шумораи фурӯшандагон ва сатҳи таъминоти бозор бозори муассири фурӯшро муайян мекунад, ки дастрасӣ ба бозорҳои хориҷиро таъмин, банақшагирӣ, пешгӯӣ мекунад. Муаллиф чунин мешуморад, ки ин ҳама муҳим будани наздикшавии агромаркетингро ҳамчун система исбот мекунад.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, секторҳои аграрӣ, механизмҳои бозорӣ, маркетинг, логистика, тиҷорат, замин, кишоварзӣ, пул, менеҷмент, соҳибкорӣ, сиёсат.


### МЕХАНИЗМЫ И ХАРАКТЕРИСТИКИ МАРКЕТИНГА В АГРОПРОМЫШЛЕННОМ КОМПЛЕКСЕ


Научная статья основана на развитии механизма агропромышленного комплекса. Одной из основных проблем Таджикистана является развитие промышленности, и поэтому автор разработал свою тематику в данном направлении и представил рекомендации в области агропромышленного комплекса Таджикистана. В статье отмечается, что основной целью каждого производителя, работающего в сельском хозяйстве, является правильная оценка особенностей производства и достижение максимальной эффективности. Это, в свою очередь, требует формирования и учета особенностей агромаркетинга, системы, которая служит для достижения эффективности в области покупки и продажи сельскохозяйственной продукции и товаров. В условиях свободного предпринимательства производители вынуждены самостоятельно принимать решения при определении цены,

изучении количества и покупательной способности потребителей, установлении внутренних и внешних факторов. Изучение количества продавцов и уровня предоставления рынка определяет эффективный рынок продаж, обеспечение доступа к внешним рынкам, планирование, прогнозирование. Автор считает, что все это доказывает важность подхода к агромаркетингу как к системе.

**Ключевые слова**: экономика, аграрный сектор, рыночные механизмы, маркетинг, логистика, коммерция, земля, сельское хозяйство, деньги, менеджмент, предприниматель, политика.

**THE MECHANISM VIA VA HUSET VIA MARKETING GIFT COMPLEXY OF IN THE AGRO-INDUSTRIAL ORDER**

The scientific article is based on the development of the mechanism of the agro-industrial complex. One of the main problems of Tajikistan is the development of industry, and therefore the author has developed his own topic in this direction and presented recommendations in the field of the agro-industrial complex of Tajikistan. The article notes that the main goal of each manufacturer working in agriculture is to correctly assess the characteristics of production and achieve maximum efficiency. This, in turn, requires the formation and consideration of the peculiarities of agro-marketing, a system that serves to achieve efficiency in the purchase and sale of agricultural products and goods. In the conditions of free enterprise, manufacturers are forced to make decisions on their own when determining prices, studying the number and purchasing power of consumers, establishing internal and external factors. The study of the number of sellers and the level of market provision determines an effective sales market, providing access to foreign markets, planning, forecasting. The author believes that all this proves the importance of approaching agromarketing as a system.

**Keywords:** economy, agricultural sectors, market mechanisms, marketing, logistics, commerce, land, agriculture, money, management, entrepreneur, politics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанова Фарзона*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, унвонҷӯ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **988-50-45-85**

**Сведения об авторе:** ***Хасанова Фарзона*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **988-50-45-85**

**Information about the author:** ***Khasanova Farzona*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16. Phone: **988-50-45-85**

**УДК: 338.24(575.3)**

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ИТТИЛООТИ БАҲИСОБГИРӢ–ТАҲЛИЛӢ ДАР НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ КОРХОНА

***Файзализода М.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир иттилоот ва иқтисодиёт алоқамандии зич дошта, ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Дар навбати худ, технологияҳои иттилоотӣ ва рушди онҳо ба пешрафти иқтисодиёти муосир таъсири ҳалкунанда расонида истодааст. Иттилоотикунонӣ ин раванди ташкилшудаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ барои муҳайё намудани шароитҳои беҳтарин ва қонеъсозии талаботи иттилоотӣ, амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандон, мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти идоракунии маҳаллӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ (корхона, муассиса, ташкилот, ширкат, ҷамъиятҳои саҳомӣ) дар асоси ташкилкунӣ ва истифодабарии захираҳои иттилоотӣ мебошад. Иттилоот ва захираҳои иттилоотӣ дар тӯли таърихи инсоният мавҷуд буданд ва дар ду даҳсолаи охир ба яке аз соҳаҳои рушдёфта табдил ёфтааст. Ҳама вақт ин захираҳо барои идоракунии одамон, ҷараёнҳо, фаъолият ва ғайра истифода мешуд ва бо инкишоф ёфтани ҷамъият, технологияҳои расонидани иттилоот низ рушд карда, инсоният воситаҳои нави таҳвили онро кашф намуда истодааст.

Имрӯзҳо иқтисодиёти муосирро иқтисодиёти иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, интернет-иқтисодиёт меноманд, ки барои рушди тиҷорат ва дастрасии корхонаҳоро бо бартариятҳои рақобат дар иқтисоди бозорӣ фароҳам сохтааст. Рушди технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ қисми ҷудонопазири низоми идоракунии муносибатҳои бозорӣ гашта сатҳи баланди идоракунии иқтисодиро тақозо менамояд. Раванди идоракунӣ ин ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил, пешниҳод, ҳифзу нигоҳдорӣ ва ирсоли иттилоотро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар бар мегирад. Зеро дар шароити низоми муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мустақил гардида, самаранок идоракунии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхонаҳо бештар аз сатҳи таъминоти иттилоотии онҳо вобастагӣ дорад. Дар замони муосир яке аз захираҳои муҳимтарини корхонаю, ширкатҳо ва ташкилотҳо иттилоот ба ҳисоб рафта, инкишофи иқтисодиёт ва ҷамъият талабот ба иттилоотро зиёд мегардонад. Чунки ҳама гуна идоракунӣ ба иттилоот асос меёбад.

Иттилоот дар ҷаҳони муосир ин ҳама гуна маълумот набуда, балки ҳамон маълумоте ба ҳисоб меравад, ки дар худ навгонӣ дошта бошад. Зеро низоми менеҷменти корхонаро бидуни муқаррар кардани ҳадафи дақиқи муайяншуда, бидуни маълумоту ҳисоботҳо ва хусусан захираҳои иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ имконнопазир мегардонад.

Байни захираҳои иттилоотӣ нисбат ба дигар захираҳо (моддӣ, молиявӣ, энергетикӣ ва ғ.) як ҷиҳати умумият вуҷуд дорад. Захираҳои дигари номбаршуда шароити зарурӣ ва элементҳои дилхоҳи фаъолияти истеҳсолӣ ба шумор меравaнд ва истифодабарии онҳо хароҷотҳои мувофиқро, ки бо амалиётҳои асосии табдилдиҳӣ алоқаманданд, талаб менамояд. Фарқияти асосии захираҳои иттилоотӣ аз дигар захираҳо дар он аст, ки иттилоот бо гузашти замон нест намешавад, метавонад бисёр маротиба истифода шавад ва васеъшавии он тамоман маҳдудият надорад, ба ҳисоб меравад [7,с.119–121].

Низоми менеҷмени корхона аз маҷмӯи иттилоотҳои умумӣ иборат буда, истифодаи он имкон медиҳад, ки аз он вариантҳои алтернативиро интихоб намуда, қарори беҳтарини идоракуниро барои меъёрҳои мухталиф дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ қабул карда шавад. Он ба таркиби манбаъҳои берунӣ ва дохилии иттилоот, ташкили манбаъҳои иттилоот ва низоми истифодаи иттилоотҳо барои идоракунӣ асос ёфтааст [4,с.24]. Дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ иттилоот, захираҳои иттилоотӣ ҳамчун нишондиҳандаи алоҳидаи иқтисодӣ дида баромада мешавад, ки яке аз элементҳои муҳимми менеҷменти ҳозиразамон буда, асоснокунандаи қарори идоракунӣ баҳисоб меравад.

Инкишофи иқитисодиёт ва ҷамъият талабот ба иттилоотрро зиёд мегардонад. Дар давраи иқтисоди бозорӣ нақши иттилоот бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: ҷаҳонишавии бозорҳо, пурзӯркунии кӯшишҳои ба талаботи харидорон нигаронидашуда, дар итеҳсолот ҷорӣ намудани навигариҳои илмӣ-техникӣ, ташкилию технологӣ, мураккабшавии муҳити беруна, пурзӯршавии муносибатҳои байниҳамдигарии омилҳои муҳити беруна, мураккабшавии низоми идоракунии корхона ва суръатафзоии давраи ҳаётии маҳсулот [5,с.417].

Низоми иттилоотӣ - ин маҷмӯи ба ҳам алоқаманди воситаҳои иттилоотӣ, техникӣ, барномавӣ, воситаҳои риёзӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, забонӣ, технологӣ ва дигар воситаҳо, инчунин, ҳайати кормандоне, ки барои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва интишори иттилооти иқтисодӣ ва қабули қарорҳои самаранокӣ идоракунӣ пешбинӣ шуда мебошад. Инкишофи муносибатҳои бозорӣ баланд бардоштани сатҳи идоракунии иқтисодро тақозо мекунад. Раванди идоракунӣ аз ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ иборат мебошад [12]. Таъминоти иттилооти низоми менеҷменти корхона захираҳои иттилоотии онро ташкил намуда, фаъолияти дурусти дарозмуддат ва самаранокро таъмин менамояд.

Мувофиқи дараҷаи идоракунӣ дар корхона низомҳои иттилоотии зерин истифода бурда мешавад:

1. **Низоми иттилоотии стратегӣ**. Рушд ва муваффақияти ҳар як корхонаро бештар стратегияи дар он қабулшуда муайян мекунад. Стратегия ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои ҳалли вазифаҳои дарозмӯҳлат фаҳмида мешавад, ки ба тағйирёбии интихоби ҳадафҳои корхона, вазифаҳо, усулҳо, маҳсулот ва ба хизматрасонии он таъсир мерасонад. Барои муайян кардани рақибон дар бозори истеҳсол ва фурӯш, инчунин, ҳамкории зичро байни истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон ба роҳ мемонад. Низоми иттилоотии стратегӣ пеш аз ҳама барои вазифаҳои банақшагирии дарозмуддат ва истифодабарии роҳбарони баландпоя бидуни миёнарав тарҳрезӣ карда мешавад.

2. **Низоми иттилоотии тактикӣ** (сатҳи миёна) - ин ҷараёни ташкили заминаҳо барои амалисозии имкониятҳои нави стратегияи корхона, асосноккунии мақсад ва воситаҳое, ки барои ноилшавӣ ба мақсадҳои пешакӣ муқарраршуда ва ё анъанавӣ қабулкардашуда заруранд мебошад.

Вазифаҳои асосии ин системаи иттилоотӣ:

–муқоисаи нишондиҳандаҳои ҷорӣ бо нишондиҳандаҳои гузашта;

–омода сохтани ҳисоботҳои даврӣ барои як муддати муайян;

–таъмини дастрасӣ ба иттилоотӣ базавӣ ва ғайра.

3. **Низоми иттилоотии фаврӣ** - ин низом мутахассисон, муҳосибон ва менеҷерони корхонаро тавассути коркарди маълумот дар бораи муомилотҳо ва ҳодисаҳо (ҳисобҳо, хароҷотҳо, истеҳсолот, музди меҳнат, қарзҳо, гардиши захираҳо ва масолеҳҳо) дастгирӣ менамояд. Ҳадафи низоми иттилоотӣ дар ин сатҳ посух додан ба саволҳо оиди ҳолати кунунӣ ва пайгирии ҷараёнҳои муомилотӣ дар корхона мебошад, ки ба қабули қарори фаврӣ ва идоракунии самаранок таъсири мусбӣ мерасонад. Барои дарки ин сатҳи низоми

иттилоотӣ маълумотҳо бояд осон, дастрас ва доимо амалкунанда бошанд ва дар баробари ин, маълумоти дақиқу саҳеҳ пешниҳод карда шавад [13].

Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки низоми иттилоотии фаврӣ робитаи байни корхона ва муҳити берунаро таъмин менамояд. Агар ин низоми иттилоотӣ фаъолияти дурустро бароҳ монда натавонад, пас корхона ё аз берун иттилоот дастрас карда наметавонад, ва ё иттилоот пешниҳод карда наметавонад. Низоми иттилоотии фаврӣ таъминкунандаи асосии иттилоот барои дигар намудҳои низомҳои иттилоотии корхона ба ҳисоб рафта, маълумоти амалиётҳои ҷорӣ ва ҳам бойгониро дар бар мегирад.

Вазифаи низоми иттилоотӣ ин тавлиди иттилооте мебошад, ки барои корхона зарур аст, то идоракунии самарабахши тамоми захираҳои худро фароҳам оварда, муҳити иттилоотӣ ва технологӣ барои идоракунии корхонаро таъмин намояд.

Вазифаи асосии низомҳои иттилоотии корхона аз инҳо иборатанд:

– таъмини раванди қабули қарор;
– пешниҳоди иттилоотӣ зарурӣ дар замон ва макони лозима;
– баландбардории самаранокии низоми идоракунӣ
– ташкили муҳити иттилоотӣ ва техникии идоракунии корхона;
– раддабандии иттилоот ва ғайра.

Намуд ва хусусияти низомҳои иттилоотӣ аз як қатор омилҳо вобаста мебошанд: намуди фаъолияти корхона, хусусият ва ҷараёни қабули қарорҳои идоракунӣ, сохтори ташкилии корхона, маданияти корпоративӣ, ҳайати кормандон. Низоми иттилоотӣ пурра сохтори идоракунии корхонаро такрор менамояд [5,с.420–421].

**Хусусиятҳои низомҳои иттилоотӣ**:

– ҳама гуна низомҳои иттилоотиро дар асоси принсипҳои умумии сохтани системаҳои мураккаб таҳлил кардан, ташкил ва идора кардан мумкин аст;

– ҳангоми ташкили низомҳои иттилоотӣ истифодаи равиши систематикӣ лозим аст;

– низоми иттилоотӣ, низоми динамикӣ ва ташаккулёбанда мебошад;

– низоми иттилотӣ бояд ҳамчун системаи коркарди иттилоот фаҳмида шавад, ки аз дастгоҳҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар заминаи технологияҳои муосир татбиқ карда мешавад;

– натиҷаи низоми иттилоотӣ -ин иттилооте, ки дар асоси он қарорҳо қабул карда мешаванд ё амалиёти муқаррарӣ автоматӣ иҷро карда мешаванд;

– иштироки инсон аз мураккабии система, намудҳо ва маҷмӯи маълумотҳо, дараҷаи расмикунонии вазифаҳо вобаста аст.

**Равандҳо дар низоми иттилоотӣ:**

–ворид намудани иттилоот аз сарчашмаҳои берунӣ ва дохилӣ;
–коркарди иттилоотӣ воридотӣ;
–нигоҳдории иттилоот барои истифодаи минбаъдаи он;
–хулосабарории иттилоот дар шакли ба истифодабаранда сода;
–фикру мулоҳизаҳо, яъне пешниҳоди иттилооте, ки дар корхонаи мазкур барои танзими маълумоти воридшуда коркард шудаанд ва ғайра [10,с.7-24.].

Бешубҳа дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ, ки дар он пешрафти илмӣ-техникӣ бараъло рушд намуда истодааст, фаъолияти инноватсионии корхона мақоми махсусро соҳиб мегардад. Корхонае, ки дар шароити муосир фаъолияти худро ба роҳ мондааст, бояд истеҳсоли маҳсулоти навро ҷорӣ карда тавонад, ки ин бевосита ба даромаднокии баланди молиявӣ ва устувории иқтисодӣ мусоидат менамояд. Маҳсулоти наве, ки ба бозор ворид мешавад, аз маҳсулоте, ки такрористеҳсолшудаи мукаммалгардида (копия) аст даромаднокии баландро соҳиб мегардад. Зеро ин дар таҷрибаи корхонаҳои хориҷӣ зиёдтар мушоҳида мешавад. Корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти комилан нав бояд кӯшиш намояд, маҳсулоти вай, ақаллан, аз ягон ҷиҳат аз моли истеҳсолнамудаи корхонаҳои дигар (рақибон) бартарии худро соҳиб бошад. Тарағиботи маҳсулот бояд на танҳо дар бораи мавҷудияти моли пешниҳод гардида, балки ҳатто бовар кунонад, ки танҳо ҳамин маҳсулот талаботи ӯро қонеъ гардонида метавонад. Маҳз ҳамин нуктаҳои зикргардида, ки шуҳрати корхонаро баланд ва мавқеи онро дар бозор мустаҳкам мегардонанд, бевосита аз низоми иттилотии он вобастагии амиқ дорад.

Ташаккули иқтисодӣ пеш аз ҳама ба рушди таҳлил дар зинаи поёнии (появии) иқтисодиёт боис гардид, чунки ин зина асоси иқтисоди бозориро ташкил медиҳад. Сифат ва самаранокии баланди натиҷаҳои таҳлили иқтисодӣ аз ҷалбкунӣ ва коркарди таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ вобаста мебошад. Манбаҳои иттилоотии барои омӯзиши фаъолияти хоҷагидории корхона истифодашаванда, пояи иттилоотии таҳлили иқтисодиро ташкил медиҳанд. Иттилооти дар таҳлили иқтисодӣ истифодашаванда ба намудҳои нақшавӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайрибаҳисобгирӣ ҷудо мешаванд [1,с.22]. Дар

таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо гурӯҳбандии иттилоот ба банақшагирӣ, муҳосибӣ ва ғайримуҳосибӣ ҷудо карда мешавад, ки шарҳи возеҳи онҳо дар зер оварда шудааст.

Ҳар як корхона ба мониторинг ва назорати доимии натиҷаҳои фаъолияти худ ниёз дорад, то дурустии сиёсати баҳисобгирӣ ва нақшаҳои фаъолияти тиҷоратиашро сари вақт муайян намояд. Нақшагирӣ ин чораёни асосноксозӣ ва интихоби мақсадҳои корхона барои марҳилаи муайян, самтҳои асосӣ ва қарорҳо бо коркарди технологияи муайян барои ноилшавии он мебошад. Нақшагирӣ дар қатори назорат яке аз функсияҳои идоракунӣ ба шумор рафта, ҷараёни муайянкунии фаъолияту ҳаракатро, ки бояд ба иҷро расонида шаванд, таҷассум менамояд. Вобаста ба ин қайд намудан ба маврид аст, ки иқтисоди бозорӣ нисбат ба иқтисоди пешинаи планӣ, ба банақшагирӣ зиёдтар гирифтор аст. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки дар шароити бозор субъекти нақшагирӣ дигар мешавад. Нақшагирӣ, ки қаблан вазифаҳои давлат ва мақомотҳои он буд, бевосита ба корҳонаҳо гузаштанд, ки ин зарурати дар сатҳи корхона ба роҳ мондани нақшаи стратегии инкишофро тақозо менамояд [5,с.209]. Раванди банақшагирӣ бояд аз арзёбии вазъи кунунӣ, муайян кардани ҳадафҳои системаи иттилоотӣ, шиддатнокии истифодаи иттилоот, истифодабарандагон, баҳодиҳии муҳити корхона, мавқеи корхона дар бозор, ҷиҳати мусбат ва манфии он, таҳияи стратегияе, ки бояд асоси нақшаи тиҷоратӣ (бизнес-план)-ро барои ташкили низоми иттилоотӣ ташкил медиҳад, иборат бошад. Банақшагирӣ ки мавқеи калидиро дар корхона иҷро менамояд аз панҷ марҳила иборат аст, ки инҳоро дар бар мегирад:

1. Ояндабинӣ ин марҳила бо мақсади ошкоркунии ин ё он тамоюлот ва қонуниятҳо дар фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона, баҳодиҳии иҷроиши нақша, пешгирикунии натиҷаҳои номатлуб дар давраи оянда, ки барои асосноккунии нақшаҳо ва қарорҳои идоракунӣ лозим аст, анҷом дода мешавад.

2. Муқоиса ва интихоби вариантҳои инкишофи корхона амалӣ карда мешавад. Мақсад аз ин муқоисаи нақшаҳо ва интихоби варианти бештар мувофиқи самаранок гузаронидашуда ба ҳисоб меравад.

3. Шаклгирии мақсад ва вазифагузорӣ, ки ба беҳтаргардонии сифати маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, камкунии арзиши аслӣ, инчунин, баландбардории фоиданокии максималӣ нигаронида шудааст.

4. Барномаи амалиётҳоро бо нақшаҳои корӣ дар бар мегирад. Дар ин марҳила пайдарпаии иҷроиши вазифаҳо муайян карда мешавад.

5. Баҳодиҳии арзишии барнома ва тақсимоти захираҳо, пеш аз ҳама, захираҳои молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

Банақшагирӣ хусусияти муҳмимми низоми менеҷменти субъекти хоҷгидорӣ (корхона, ширкат) баҳисоб меравад. Ин ҳолат, дар низоми менеҷменти корхона, ҳамчун раванди таъмини фаъолият барои расидан ба ҳадафҳои худ мувофиқи нақшаҳои пешбинишуда фаҳмида мешавад.

Дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ талабот ба сифати иттилооти баҳисобгирӣ ҳамчун заминаи иттилоотии назорат ва идоракунии ҷараёнҳои фаъолияти хоҷагидорӣ меафзояд. Иттилооти баҳисобгирӣ ба монанди дигар намудҳои иттилооти иқтисодӣ, дорои хусусиятҳои умумӣ, принсипҳо ва объектҳо мебошад. Марҳилаҳои ҷамъоварӣ, тағйири маълумотҳои ибтидоӣ, бақайдгирӣ, интиқоли иттилоот ба марказҳои ҳисоббарорӣ ё дастгоҳи идоракунӣ барои коркарди иттилоот, назорати фаврӣ, ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии иттилоот аз рӯи давраҳо ва принсипҳои муайян, ташаккули иттилооти ҷамъбастӣ ва ҳисобҳои истеҳсолӣ, истифодаи ҳисобҳои аналитикӣ ва синтетикӣ, таҳияи ҳисоботи дохилӣ ва берунаро дар бар мегирад.

Иттилооти баҳисобгирӣ худ аз худ вуҷуд надорад, балки муҳосибот онро барои истифодабарандагони гуногун таҳия мекунад. Аз ин рӯ, ҳамаи маълумоти сабтшуда дар бораи амалиётҳои хоҷагӣ бояд ба принсипи возеҳият мувофиқат кунанд. Ҳамзамон, баҳисобгирӣ ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва молиявӣ дар дохили корхона ва берун аз он хизмат намуда, иҷрои вазифаҳои муҳимтарин, аз қабили иттилоот, банақшагирӣ, назорат, нигоҳдорӣ ва таҳлилро таъмин менамояд [11]. Баҳисобгирӣ дар миқёси корхона ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ҷудо карда мешавад.

Баҳисобгирии молиявӣ масъалаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаро бо мақомоти давлатӣ ва дигар истифодабарандагони берунии иттилоот дар бораи корхона баррасӣ менамояд. Баҳисобгирии молиявӣ ва хосса ҳисоботи молиявии нашршаванда бо стандартҳои байналмилалӣ (СБҲМ) ва миллӣ танзим карда мешавад, ки онҳо манфиатҳои истифодабарандагони берунии иттилоотро таъмин мекунад. Пешбурди баҳисобгирии

молиявӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки таҳти №702 аз 25 марти соли 2011 қабул шуда, ки 5 боб ва 29 моддаро дар бар мегирад, танзим карда мешавад. Дар қонуни мазкур мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ чунин шарҳ дода шудааст: «баҳисобгирии муҳосибӣ - низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд» [6].

Масъалаҳои истилоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар доираи самти дуюм қарор доранд, ки рӯзмаррагии он аз шароитҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ва фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхона (фаъолияти соҳибкорӣ), ташаккули корхонаҳои бузурги байналмилаллӣ ва рушди бозорҳои сармоя бармеояд.

Вазифаи аввалиндараҷаи баҳисобгирии молиявӣ омода намудани ҳисоботи гурӯҳи якум (ҳисоботи молиявии беруна) ва пешниҳоди он ба истифодабарандагони берунаи иттилоот мебошад. Аз ин рӯ, ба гурӯҳи истифодабарандагони берунаи иттилоти молиявӣ шомил мегарданд дорандагони саҳмияҳои корхона, қарзхоҳон, таъминкунандагон, харидорон, нозироти андоз, идораҳои омор, сармоягузорон, бонкҳо ва дигар фондҳои давлатию ғайридавлатӣ. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони берунаи ахборот муҳосиб бояд тибқи талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стандартҳои байналмилалӣ ҳисоботи молиявӣ ва қонунҳои аз ҷониби давлат батанзим даровардашуда такя намояд.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун соҳаи мукаммал дар фанҳои иқтисодӣ, хусусан яке аз шохаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар қатори баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ба омӯзиши ҳолатҳо, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои дар дохили корхонаҳо ба амаломада машғул буда, барои идоракунандагон ва менеҷерҳои дохили корхона иттилоотӣ зарурирo тайёр ва пешниҳод менамояд. Иттилооте, ки баҳисобгирии идоракунӣ бахшида ба истеҳсолот, тиҷорат, банақшагирӣ, буҷанигорӣ, нархгузорӣ, сармоягузорӣ, фаъолияти зерсохторҳо ва дигар паҳлуҳои ҳаёти идоракунии корхона тайёр менамояд, барои қабули қарорҳои идоракунӣ нақши муҳим мебозад.

Вазифаи баҳисобгирии идоракунӣ аз омода намудани ҳисоботҳои гурӯҳи дуюм ва сеюм, ки маълумоти он барои соҳибмулкони корхона (муассиса, ташкилот), роҳбарият, сардорони идораҳо, шуъбаҳо, зерсохторҳо, яъне ба истифодабарандагони дохилӣ лозим аст, иборат мебошад. Ин ҳисобот на танҳо иттилоотро оид ба ҳолати умумии молиявии корхона, балки оид ба дигар зершуъбаҳои корхона ва истеҳсолотро дар бар мегирад [2,с.8-9].

Баҳисобгирии идоракунӣ алоқаҳои дохилихоҷагӣ дар корхона, яъне алоқаи байни шахсони дар худи корхона фаъолияткунандаро ташкил менамояд, аз ин хотир онро баҳисобгирии дохилӣ низ меноманд.

**Расми.1 Низоми итилоотӣ-таҳлилии корхона**
**Figure 1. Information and analytical system of the enterprise**




Маълумоте, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми менеҷменти корхона омода менамояд, яке аз самтҳои нав ва ояндадори амалияи ҳисобдори баҳисогирӣ ба шумор меравад. Дар асоси иттилооти омоданамудаи баҳисогирии идоракунӣ дар сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхона, ки оид ба истеҳсолот, банақшагирӣ, фурӯш, нархгузорӣ, сармоягузорӣ ва ғайра омода карда шуда, қарорҳои идоракунӣ қабул карда мешавад.

Ба иттилооти ғайрибаҳисобгирӣ чунин иттилооти асосӣ мансуб аст:

– маводи ревизияҳо (тафтишҳо), аудити берунӣ ва дохилӣ;
– маводи санҷишҳои мақомоти давлатии танзимкунанда ва назораткунанда;
– ҳуҷҷатҳои расмии барои истифодабарӣ дар корхона ҳатмӣ буда: қонунҳо, қарорҳо, фармоишҳо ва дигар санадҳои меъёриву қонунгузорӣ;
– маводи машваратҳо, маҷлисҳои саҳомон, коллективҳои меҳнатӣ;
– ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқӣ;
– маводи назорати озмоишгоҳӣ ва тиббиву санитарӣ;
– маълумот дар бораи корхонаҳои дигар;
– қарордодҳо ва шартномаҳо, созишномаҳо (бо тарафҳо ва ғ.) [14];

Буҷанигорӣ яке аз унсурҳои муҳимми баҳисобгирии идоракунии ҷараёни банақшагирӣ фаҳмида мешавад. Мувофиқан мафҳуми буҷетро (ё ин ки сметаро) ҳамчун мафҳуми банақшагирӣ инъикос намудан ҷоиз аст. Буҷанигорӣ ҳамчун зербинои асосии ташкили истеҳсолот барои ташаккулёбии иттилооти қиёсшаванда дар сатҳи корхона тартиб дода шуда, дар он ҳар як намуди хароҷот, захира, даромад, фоида, воситаҳои пулӣ, захираҳои молию масолеҳӣ, тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва ғайра барои як сол аз ҷониби менеҷорони идоракунӣ ва дигар мутахасисон ба нақша гирифта мешавад. Моҳияти буҷет дар он аст, ки нишондиҳандаҳои зикршуда ба нақша гирифта шуда, дар давоми сол истифодабарӣ ва иҷрои онҳо зери назорат гирифта мешавад [2,с.213].

Буҷетҳо метавонанд аз рӯи ҳар як намуди алоҳидаи фаъолият (таъминотӣ, истеҳсолот, фурӯш, маркетинг), сегментҳои корхона, намудҳои хароҷот (моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, маъмурӣ) тартиб дода шаванд. Буҷетҳо дар таҷриба бештар барои як сол тарҳрезӣ карда мешаванд, ки онҳоро сметаи солона ҳам мегӯянд, аз он ҷумла бо тақсимкунӣ ба се моҳа (квартал) ва моҳона. Дар ҳолати тағйиротҳои назаррас (масалан, истеҳсоли маҳсулоти нав, ҷорӣ намудани таҷҳизот ва технологияи муосир), ки маблағгузории иловагиро талаб мекунанд, буҷетҳо барои панҷ сол ва зиёда аз он таҳия карда мешаванд [3,с.43]. Инчунин, буҷет бояд иттилоотеро ба таври сода, саҳеҳ ва возеҳ пешниҳод намояд, то моҳияти он ба истифодабарандагон фаҳмо бошад.

Буҷетҳо аз рӯи таъйинот ба буҷети асосӣ (генералӣ) ва буҷетҳои амалиётӣ (буҷетҳои ҷузъӣ) ҷудо карда мешаванд. Буҷете, ки тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаро барои давраи оянда дар бар мегирад, буҷети асосӣ (генералӣ) номида мешавад. Мақсади он муттаҳидсозии сметаҳои сохторҳои гуногун ва намудҳои фаъолият дар асосӣ ҷамъбасти буҷетҳои амалиётӣ барои тарҳрезӣ намудани сметаи умумии (молиявии) корхона барои давраи ҳисоботӣ мебошад. Дар натиҷаи тартибдиҳии сметаи асосӣ (буҷети генералӣ) буҷетҳои дигар ба мисли буҷети ҳаракати воситаҳои пуллӣ, буҷети фоида ва зарар, буҷети тавозуни муҳосибӣ таҳия карда мешаванд [8,с.234-235].

Ҳамин тавр, раванди буҷетикунонӣ ҷанбаи стратегии фаъолияти корхона буда, дар ҷараёни иттилоотӣ-таҳлилии низоми менеҷмети корхона нақши калидиро дорост. Буҷетикунонӣ дар низоми менеҷменти корхона барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, устувории ҳолати молиявӣ, имконияти пешгӯинамоии натиҷаи амалиётҳои идоракунӣ батанзимдарории самтҳои фаъолияти корхона, роҳ надодан ба истеҳсолоти нуқсондор, каҷравӣ дар истеҳсолот ва назорат аз болои самаранок истифодабарии захираҳои моддию молӣ кумак мерасонад.

Таҳияи дуруст ва илман асосноки буҷет барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, тақсимоти вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва масулиятҳо дар ҳама зинаҳои сохторию ташкилӣ мусоидат намуда, кафолатдиҳандаи асосии рушди фаъолият, устувории иқтисодӣ ва молиявии корхона мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Барфиев Қ.Ҳ. Таҳлили иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Қ.Ҳ. Барфиев. -Душанбе: Ирфон. 2019. -400 с.
2. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: Китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоимардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. –Душанбе: Балоғат, 2019. -540 с.
3. Егорова Л.И. Бухгалтерский управленческий учет / Л.И. Егорова. -М.: Московская финансово-промышленная академия, 2004. -52 с.
4. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / В.Б. Ивашкевич. -2-е издание, перерабат. и доп. –М: Магистр, Инфра-М, 2011. -576 с.
5. Комилов С.Ҷ. Иқтисоди корхона / С.Ҷ. Комилов, У. Давлатзод. –Душанбе: Собириён, 2012. -448 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011. №702. [Манбаи электронӣ]. http:// mmk.tj
7. Мирзоев Н.Ҳ. Раванди иттилоотикунонӣ дар идоракунии ташкилоту муассисаҳо / Н.Ҳ. Мирзоев, А. Разоқова // Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили ва аудит: мушкилот ва дурнамои рушд дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи кофронси байналмиллалии илмӣ-амалӣ (30 апрели соли 2015). –Душанбе, 2015. С.119-121.

8. Низомов С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ: Китоби дарсӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. –Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
9. Низомов С.Ф. Формировании элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2020. -№3(30). -С.206-210.
10. Соколов А.В. Информатические опусы. Опус 3. Онтология информации. Типы реальностей и типы информации / А.В. Соколов // Науч. и техн. б-ки. – 2010. -№11. -С.7-24.
11. Технический словарь Том 5. Учетная информация. [Электронный ресурс]. http://www.ai08.org.xhtml (дата обращение 17-11-2020)
12. [Электронный ресурс]. https://cde.osu.ru/demoversion/course157/text/1.5.htm (дата обращение 12-11-2020).
13. [Электронный ресурс]. https://tsput.ru/res/informat/sist_seti_fmo (дата обращение 20-10-2020).
14. [Электронный ресурс]. https://studref.com. (дата обращение 22-10-2020).

## МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ИТТИЛООТИ БАҲИСОБГИРӢ–ТАҲЛИЛӢ ДАР НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ КОРХОНА

Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилииро дар низоми менеҷменти корхона баррасӣ намудааст. Зеро такмили салоҳиятнокии иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ шарти зарурии рушди устувории иқтисодӣ ва натиҷаҳои молиявии корхонаи муосир мебошад. Дар шароити имрӯза тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ ба иттилооти аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш эҳтиёҷ доранд. Муваффақиятҳои фаъолияти ҳоҷагидории корхонаҳо пеш аз ҳама, дар асоси иттилооти ҷамъоваришуда, коркард, таҳлил ва қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ вобастааст. Дар мақола мавқеъ ва нақши иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, низоми иттилоотӣ, вазифаҳо, хусусиятҳо, ва равандҳои низоми иттилоотӣ дар таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии низоми менеҷменти корхона дарҷ карда шудааст. Унсурҳои низоми иттилоотии баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона, аз низоми итттилоотии стратегӣ, ки барои банақшагирии дарозмуддат, низоми иттилоотии тактикӣ барои амалисозии стратегияи корхона ва асосноккунии мақсадҳо пешбинӣ шудааст, дар мақолаи мазкур баён гардидааст. Инчунин, низоми иттилоотии фаврӣ оид ба воқиф сохтани менеҷерон дар бораи ҳодисаҳо, муомилот ва воқиф сохтан аз ҳолати кунунии корхона ва тавсифи мухтасари онҳо оварда шудаанд. Равнди таҳлил низ яке аз қисматҳои асосии иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар низоми менеҷменти корхона ба ҳисоб меравад ва дар асоси иттилооти банақшагирӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва қисматҳои он, буҷетикунонӣ, ки барои коркарди низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ заруранд, инъикос гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, низоми иттилоотии стратегӣ, идоракунӣ, стратегия, банақшагирӣ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, буҷетикунонӣ, корхона.

## МЕСТО И РОЛЬ УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКОЙ ИНФОРМАЦИИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЕМ

В данной статье автор рассматривает роль учетно-аналитической информации в системе управления предприятием. Потому что повышение учетно-аналитической компетенции является необходимым условием развития экономической устойчивости и финансовых результатов современного предприятия. В современных условиях информация экономически необходима всем хозяйствующим субъектам. Успех хозяйственной деятельности предприятий зависит, прежде всего, от собранной информации, обработки, анализа и эффективных управленческих решений. В статье описываются положение и роль информации, информационных ресурсов, информационных систем, функции, особенности и процессы информационных систем в ведении учетно-аналитической системы управления предприятием. В статье описаны элементы учетно-аналитической информационной системы предприятия, от стратегической информационной системы, предназначенной для долгосрочного планирования, до тактической информационной системы для реализации стратегии предприятия и обоснования целей. Также имеется оперативная информационная система для информирования менеджеров о событиях, транзакциях и текущем состоянии предприятия и краткое описание. Процесс анализа также является одним из основных компонентов аналитической информации в системе управления предприятием и основан на информации планирования, бухгалтерского учета и его составляющих, бюджетирования, которые необходимы для развития учетно-аналитической системы.

**Ключевые слова**: информация, стратегическая информационная система, менеджмент, стратегия, планирование, финансовый учет, управленческий учет, бюджетирование, предприятие.

## PLACE AND ROLE OF ACCOUNTING AND ANALYTICAL INFORMATION IN THE ENTERPRISE MANAGEMENT SYSTEM

In this article, the author examines the role of accounting and analytical information in the enterprise management system. Because increasing the accounting and analytical competence is a prerequisite for the development of economic stability and financial results of a modern enterprise. In modern conditions, information is economically necessary for all business entities. The success of the economic activity of enterprises depends, first of all, on the information collected, processing, analysis and effective management decisions. The article describes the position and role of information, information resources, information systems, functions, features and processes of information systems in maintaining an accounting and analytical system of enterprise management. The article describes the elements of the accounting and analytical information system of an enterprise, from a strategic information system designed for long-term planning to a tactical information system for implementing the enterprise's strategy and justifying goals. There is also an operational information system to inform managers about events, transactions and the current state of the enterprise and a brief description. The analysis process is also one of the main components of analytical information in the enterprise management system and is based on planning information, accounting and its components, budgeting, which are necessary for the development of the accounting and analytical system.

**Keywords:** information, strategic information system, management, strategy, planning, financial accounting, management accounting, budgeting, enterprise.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзализода Муҳаммадрабӣ Музаффар*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-48-98-94.** E-mail: **mfaizalizoda@hotmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Файзализода Мухаммадраби Музаффар*** - Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-48-98-94.** E-mail: **mfaizalizoda@hotmail.com**

**Information about the author:** ***Fayzalizoda Muhammadrabi Muzaffar*** - Tajik national Universiny, doktoral student PhD. **Adress**: 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **987-48-98-94.** E-mail: **mfaizalizoda@hotmail.com**

**УДК 337.665:23 (110.3)**

# ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МЕҲНАТ

***Сафаров Б.Г., Мирзозода А.Д.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Натиҷаи фаъолияти субъекти муносибатҳои иқтисодӣ асосан аз захираҳои мавҷуда ва истифодаи самараноки онҳо вобаста мебошад, ки дар навбати худ он аз рӯи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии одамон ба меҳнат, шаклҳо ва усулҳои ҳавсмандгардонии моддии фаъолияти меҳнатӣ муайян карда мешавад.

Ба тадқиқоти низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ва ҷузъиётҳои он дар илми иқтисодӣ корҳои зиёди классикон ва муосирони тафаккури итисодӣ бахшида шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳалли муаммои ҳавасмандгардонии коргарон дар баланд бардоштани самаранокии меҳнат самти асосии рушди истеҳсолот дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Дар давраи ибтидоии рушди ҷомеа саъю талоши инсон асосан барои дарёфт намудани миқдори зиёди ғизо ва дигар молҳои талаботи аввалия ҳамчун омили моддии меҳнати бошиддат маҳсуб мешуд.

Бисёре аз иқтисодчиён талаботи коргарро ҳамчун асоси ҳавасмандгардонии моддӣ таъриф намудаанд. Воқеан бо баррасӣ намудани талабот ҳамчун «ниёз ё норасоии ягон чизи зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди инсон, ки вайро ба амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ, истеҳсол намудани неъматҳои зиндагӣ таҳрик менамояд» [4,с.59], бояд розӣ шуд, ки талабот дар давраи ибтидоии рушди ҷомеа асоси ҳавасмандгардонии меҳнат будааст. Маҳз талабот одамро ба машғул шудан ба кишоварзӣ, шикор, сохтмон ва дигар намудҳои фаъолият водор намудааст.

Баъзе аз иқтисодчиён қайд менамоянд, ки «талабот – ин аксуламали инсон ба тағйироти шароити биологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароити фаъолияти зист дар муқоиса бо одатҳо ва амалҳои ҳаррӯзаи вай мебошад» [2,с.3-16]. Аммо чунин тафсир маънои онро дорад, ки талаботи инсон бетағйир мемонад, зеро амалҳои он доимӣ мебошанд, ки ин на он қадар саҳеҳ мебошад. Талабот воқеан аксуламали инсонро нишон медиҳад, чунки онҳо ба ҳаракат ва тағйирёбӣ таъсирпазир бар асари ҳолатҳои объективӣ пайдо мешаванд.

Ҳамзамон, чи тавре ки Л.С. Шаховская қайд намудааст, ин бо он вобастааст, ки талабот дар сатҳи шахсият пайдо мешавад. Моҳиятан, онҳо «шароити фаъолияти зисти инсон» мебошанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки шакли зоҳир шудани талабот манфиатҳо мебошанд. Дар ин робита таҳти манфиатҳо омилҳои ҳаракатдиҳанди дохилӣ (ангезаҳои ташвиққунанда) фаъолияти инсонро мефаҳмонанд [17,с.21-24].

Л.И. Лазаренко ва Н.И. Агафонов муқобили чунин тафсир мебошанд ва тасдиқ мекунанд, ки «манфиатҳои одамон ҳамеша бо талаботи онҳо пайваст мебошанд, ки ин талабот ба вуҷуд овардаанд ва боиси он гаштаанд» [12,с.24].

Бисёре аз иқтисодчиён таҳти шакли зоҳир шудани талабот ангезаро мефаҳманд. Дар ин маврид дигарон тасдиқ мекунанд, ки «манфиат» ва «ангеза» синоним мебошанд. Аммо ин он қадар саҳеҳ нест. «Ангеза ин талабот, маҳаки арзишӣ ва манфиати коргар мебошад, ки вайро ба ҳал кардани мушкилот, ба равиши хос амал кардан дар чунин вазъият таҳрик менамояд. Аммо ангезаҳо дар он сурат пайдо мешаванд, агар таъсири иловагии беруна дар шакли ҳавасманд (таҳрикдиҳанда) мавҷуд бошад. Ангезаҳо талаботи муҳими коргар мебошанд» [16,с.254]. Илова бар ин, ангеза ҳамчун шакли зоҳир шудани талаботи аллакай даркшудаи инсон мебошад, дар ҳоле, ки «манфиат ба таври объективӣ вуҷуд дорад, новобаста аз он, ки вай дарк шудааст ё не» [4,с.144]. Бинобар ин, таҳти мафҳуми манфиат

маъмулан ашёи мавриди иштиёқ, хоҳиш ва ангезаҳои таҳрикдиҳандаи амалҳои субъектҳои иқтисодиро мефаҳманд.

Иқтисодчиён ҳамагӣ бар он ақидаанд, ки самаранокии ҳавасмандгардонӣ ба андозаи калон аз мувофиқати манфиатҳои коргари кироя ва корфармо, мувофиқати ангезаҳо бо ҳавасмандгардониҳо вобаста мебошад [15,с.80].

Ин ба мо имкон медиҳад, ки мутобиқи се намуди ҷудошудаи ангеза (моддӣ, иҷтимоӣ (ахлоқӣ), ташкилӣ (маъмурӣ) гурӯҳҳои ҳавасмандгардониҳои баробар бо онҳо муайян карда шаванд, ки бо ёрии онҳо асаргузорӣ ба ҳавасмандгардонии меҳнат ба амал меояд.

Ҳамин тавр мо чунин меҳисобем, ки муваффақ шудан ба маҳсулнокии баланди меҳнат танҳо ҳангоми мувофиқ омадани ангезаҳои коргарон ва ҳавасмандгардониҳои корфармоён имконпазир мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқати ангезаҳо ва ҳавасмандгардониҳо, аз рӯи ақидаи Демков Д.В., дар низоми шарикии иҷтимоӣ, ҷараёнҳои музокирот дар байни коргарон ва корфармоён ба амал меояд.

Ҳангоми баррасӣ намудани раванди ҳавасмандгардонӣ баъзе аз иқтисодчиён механизми ҳавасмандгардониро ҷудо мекунанд, ки таҳти он «қоидаи қабул намудани қарорҳо аз тарафи марказ нисбати ҳавасманд намудани агент (коргар)» фаҳмида мешавад [1,с.47]. Дар ин ҳол онҳо қайд мекунанд, ки механизми ҳавасмандгардонӣ дар худ низоми ҳавасмандгардониро, ки амали ҳавасмандгардониро муайян мекунад, дар бар мегирад. Лекин бояд ба робитаи ғайрисаҳеҳи низомӣ диққат дод. Ба ақидаи мо низоми ҳавасмандгардонӣ механизмҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо ҷузъҳои ин ҳавасмандгардонӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҷузъҳои низоми ҳавасмандгардонӣ аз рӯи моҳияти худ асбобҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо таҳрики коргарон ба меҳнат ба амал меояд.

Бахши ҷудонопазири ҳавасмандгардонӣ механизмҳое мебошанд, ки ба воситаи онҳо ҷузъҳо амалӣ мешаванд. Масалан, механизми муқаррар намудани ҳаҷми маош, механизми мукофотонидан, механизми баланд бардоштани савияи тахассусӣ ё болоравӣ дар мансаб, механизми мукофот додан ё ҷазо додан.

Навъи аз ҳама бештар омӯхташудаи низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ҳавасмандгардонии моддӣ мебошад. Маъмулан иқтисодчиён ҳавасмандгардонии моддиро ҳамчун низоми шаклҳои иқтисодӣ ва усулҳои таҳрики коргарон ба меҳнат, баланд бардоштани фаъолияти меҳнатии онҳо ва манфиатдор будан ба беҳтар намудани натиҷаҳои ниҳоии меҳнат баррасӣ мекунанд.

Баъзе аз иқтисодчиён чунин меҳисобанд, ки «Ҳавасманд – шабеҳи манфиат нест ва иловаи он низ намебошад. Ҳавасманд – ҷузъи манфиат, шакли мушаххаси амалӣ намудани он ва ҳатто ҳомили моддӣ, ҳамчун нишондоди миқдории дараҷаи амалишавии манфиат мебошад».

Ҳавасмандгардониҳо ин шароити беруние мебошанд, ки худи субъектҳои хоҷагӣ барои бомуваффақият амалӣ намудани талаботи худ созмон додааст, новобаста аз он, ки дувумӣ кадом манфиат дошта бошад ва бо кадом ҳадаф роҳандозӣ шудааст [17,с.21-24]. Ҳавасмандгардониҳо – ин шаклҳо, усулҳо, воситаҳои ҷалб ва таҳрики одамон ба меҳнат мебошанд.

Аммо, Буланова Т. чунин меҳисобад, ки мафҳуми ангеза бояд нисбат ба мафҳуми ҳавасманд васеътар баррасӣ карда шавад. Ангеза дар дохили сохтори худ дорои ҳавасманд мебошад, яъне ҳар кадом ҳавасманд – ин ангеза мебошад, аммо на ҳар ангеза метавонад ҳавасманд бошад.

Ихтилофҳо дар маънидод намудани ангезаҳо ва ҳавасмандгардониҳо дар байни иқтисодчиён дар равишҳои муайян намудани моҳияти ангеза ва ҳавасмандгардонӣ низ вомехӯранд.

Масалан, Ф. Арутюнян қайд мекунад, ки механизми расонидани моҳияти ангезаҳо ва ҳавасмандгардониҳо то иҷрокунандаҳо ангеза (таҳрик додан) ва ҳавасмандгардони номида мешавад. Дар ин маврид, моҳиятан, якҷояшавии ду истилоҳ ба амал меояд, ки ноодилона мебошад.

Дар ҳамон замон ҳавасмандгардонӣ ҳамчун тариқи идоракунии рафтори меҳнатии коргар аз таъсири мутамарказ ба рафтори корманд тавассути таъсир ба шароити фаъолияти зисти вайи иборат мебошад, бо истифода аз ангезаҳое, ки вайро ба фаъолият таҳрик медиҳанд. Асосан, ҳавасмандгардонӣ дар мақомоти идоракунӣ мавҷуд будани маҷмӯи неъматҳое мебошад, ки қобилияти таъмин намудани талаботи кормандро доранд ва истифода намудани онҳо ба сифати мукофот барои бомуваффақият анҷом додани амалҳои меҳнатӣ.

Чунин маънидод намуданро аксари иқтисодчиёне ҷонибдорӣ мекунанд, ки ҳавасмандгардонии меҳнатро ҳамчун дараҷаи иқтисодии муносибатҳо миёни ташкилот ва

корманд дар мавриди неъматҳо, ҳавасманди меҳнат, ки якумӣ ба охирӣ барои кор пешниҳод мекунад, баррасӣ мекунанд.

Он чӣ дар боло зикр гардид, ба Г.В. Илина имкон дод, то чунин хулосабарорӣ намояд, ки ангеза ин таҳрики дохилӣ мебошад, дар ҳоле ки ҳавасмандгардонӣ ин таъсири берунӣ мебошад [7,с.22].

Маҳз бо ёрии ангеза ва ҳавасмандгардонӣ равандҳои дарк намудани манфиатҳои объективии субъектҳое, ки ин манфиатҳо барои вай таъйин шудаанд таъмин мешаванд, пайвастшавии ин манфиатҳо бо хӯҷаинон субъектҳо ҳомилони ин манфиатҳо ба амал меояд [1,с.95].

Иқтисодчиён дар он ҳамфикранд, ки самаранокии ҳавасмандгардонӣ ба андозаи кофӣ аз мувофиқати манфиатҳои коргари кироя ва корфармо, мувофиқати ангезаҳо бо ҳавасмандгардониҳо вобаста мебошанд.

Ҳамин тавр мо чунин меҳисобем, ки муваффақ шудан ба маҳсулнокии баланди меҳнат танҳо ҳангоми мувофиқ омадани ангезаҳои коргарон ва ҳавасмандгардониҳои корфармоён имконпазир мебошад.

Ҳангоми баррасӣ намудани раванди ҳавасмандгардонӣ баъзе аз иқтисодчиён механизми ҳавасмандгардониро ҷудо мекунанд, ки таҳти он «қоидаи қабул намудани қарорҳо аз тарафи марказ нисбати ҳавасманд намудани агент (коргар)» фаҳмида мешавад. Дар ин ҳол онҳо қайд мекунанд, ки механизми ҳавасмандгардонӣ дар худ низоми ҳавасмандгардониро, ки амали ҳавасмандгардониро муайян мекунад, дар бар мегирад.

Ангеза ба меҳнат бо нотавонии нисбӣ тавсиф карда мешавад, ки бо робитаи ангезаҳо, талаботҳо, ҳавасмандгардониҳо шарҳ дода мешавад. Талаботҳо моҳиятан мутаҳаррик ва тағйирёбанда мебошанд, ҳавасмандгардониҳо танҳо зоҳиран тағйирёбанда мебошанд, асосан нисбатан мунтазам мебошанд ва ба талабот таъсир мерасонанд.

Ҳавасманд, бо таъсир расонидан ба манфиатҳо, ангезаи манфиатдориро ташкил мекунад.

Талаботҳои бисёри иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мавҷуданд, ки дар самтҳои гуногуни илмӣ омӯхта ва ба назар гирифта мешаванд, дар навбати аввал дар илми иҷтимоъшиносӣ.

Дар қиёс бо талабот манфиат ба он муносибатҳои иҷтимоие нигаронида шудааст, ки аз онҳо қонеъ намудани ниёзҳои корманд вобаста мебошанд. Агар талаботҳо нишон диҳанд, ки ба инсон барои ҳаёти муътадил чӣ зарур аст, пас манфиат ба саволе ҷавоб медиҳад, ки чӣ гуна бояд амал намуд, то ин ки ин талабот қонеъ карда шавад. Бояд қайд намуд, ки хусусияти вижаи манфиат ин муносибати амалӣ ба истифодаи шароитҳои мавҷудияти субъект мебошад, дар ҳоле ки талабот ҳолати зарурати ба даст овардани ин шароитҳоро инъикос менамояд.

Аммо низоми иштирок дар сармояи корхона, ки О. Баянова дар назар дорад, кӯшиши таъсир намудан ба кормандон бо мақсади таҳрик намудан ба баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ба воситаи ҳисси соҳибмулк мебошад. Ба ақидаи мо ин ҳавасмандгардонии моддии меҳнат набуда, балки ҳавасмандгардонии ахлоқӣ мебошад, зеро ки меҳнат мустақиман ҳавасманд карда намешавад, балки бо роҳи ахлоқан қабул намудани меҳнат ҳамчун коре, ки барои худ иҷро мекунӣ. Ба ғайр аз ин, гирифтани дивидендҳо ва фоизҳо, пардохт барои истифодаи сармояҳои молиявӣ ва воқеӣ маҳсуб мешавад, низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат бошад, барои таҳрик намудани самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ нигаронида шудааст.

Г.В. Илина чунин меҳисобад, ки низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ин маҷмӯи ҳавасмандгардониҳои моддии корфармо мебошад, ки ба ангезаи моддии кормандон бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва натиҷаҳои фаъолияти корхона равона гардидааст [7,с.37].

Аммо мо чунин меҳисобем, ки чунин маънидод на он қадар саҳеҳ мебошад, чунки мақсади низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат на танҳо баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мебошад, балки таҷдиди неруи корӣ низ мебошад. Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ин маҷмӯи ҳавасмандгардониҳои моддии корфармо мебошад, ки ба ангезаҳои моддии кормандон бо мақсади таҷдиди неруи корӣ ва ноил шудан ба нишондодҳои миқдорӣ ва сифати фаъолияти субъекти хоҷагӣ нигаронида шудааст.

Мо чунин меҳисобем, ки маънидоди ҳавасмандгардонии меҳнат моҳияти ин гурӯҳро нисбатан пурра инъикос мекунад, зеро ки бар робитаи ташвиқҳо ҳамчун таҳрикдиҳандаи берунии меҳнат ва ангезаҳо ҳамчун таҳрикдиҳандаи дарунӣ асос ёфтааст. Ин ҳамчунин ақидаи бархе аз иқтисодчиёнро дар мавриди он, ки «муваффақияти ширкат, пеш аз ҳама, аз самаранокии кори корманд вобаста мебошад, ки дар навбати худ тавассути низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони ташкилот ва сатҳи ангезаи кормандон муайян

карда мешавад», тасдиқ мекунад [3].

Самаранокии ангеза, ҳамчун самаранокии таъсири ангеза метавонад аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти кормандон ва ташкилот бо ёрии нишондодҳои иқтисодӣ баҳогузорӣ карда мешавад ва ҳам аз рӯи тавсифот, ки бо ёрии онҳо метавон муносибати инсон ба меҳнатро муайян намуд (устуворӣ, талош ва диққат дар расидан ба мақсадҳои гузошташуда, инчунин, поквиҷдонӣ ҳангоми иҷрои амалҳои вогузоршуда).

Сиёсати давлат ҳамчун неруи муқтадири рушди иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ барои иҷрои нақши калидӣ дар танзими одилонаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва ҳалли масоили иҷтимоии кишвар пешбинӣ шудааст.

Мафҳуми ҳавасмандгардонии моддӣ дар фаҳмиши имрӯза то як андоза нав мебошад, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудааст. Дар ин ҳол, низоми ҳавасмандгардонии моддӣ дар таҳаввулоти худ, ба ақидаи мо се марҳиларо тай намудааст.

Аксаран, чунин нуқтаи назар мавқеи иқтисодчиёнро ифода мекунад, ки мувофиқи он манфиатҳои корманд дар муқобили манфиатҳои корфармо гузошта мешавад. Бинобар ин, «аввалинҳо, ки дар мавриди боло бурдани маош қарор намоянд, охиринҳо бошад, барои он ки онро поин бибаранд», кӯшиш мекунанд. Дар ин робита бояд қайд кард, ки маош аз ҷониби иқтисодчиён ҳамчун «пардохт барои кор» шинохта мешуд, на ҳамчун ташвиқ барои кор. Бинобар ин, К. Маркс қайд кардааст, ки маош метавонад бетағйир монад, новобаста аз тағйири нархи кор, яъне арзиши маҳсулоти истеҳсолкардаи коргар [13,с.891].

Вазъият чунин сурат гирифта буд, ки ҳангоми фаъолияти пуршиддат ва маоши кам, ки дар он замон аз рӯи соати корӣ пардохта мешуд, низоми ангезандаи меҳнат самараи ками ҳавасмандӣ дошт. Дар ин ҳолат коргар метавонист, ки маоши худро танҳо дар сурати зиёд намудани вақти корӣ баланд намояд. Лекин ба даст овардани ҳадаф аз ҳисоби зиёд намудани соати корӣ ғайримумкин буд, зеро давомнокии вақти корӣ 10-14 соатро ташкил медод.

Ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ иборат аст, аз шароити (муносибати) қабул ва ихтисор намудани коргарон, чорабиниҳо оид ба инсонпарварии меҳнат, чорабиниҳо оид ба инкишофи ҳайат, иштироки коргарон дар идоракунии корхона, ихтисор намудани тафовути дараҷавии байни коргарон ва ҷорӣ намудани фарҳанги корпоративӣ, ташаккули коллективҳои меҳнатӣ бо як мақсади умумӣ муттаҳидшаванда ва ғайраҳо.

Шароити қабул ва ихтисори коргарон ба рафтори коргар, дар ҳамаи доираҳо, мустақиман таъсир мерасонанд. Муҳимми ин низоми қоидаю меъёрҳо, талаботҳои ба кор қабул шудани коргаронро муайян намуда, шароитҳои ворид шудан ба корхона ва боз баргаштани онҳоро ба бозори меҳнат ба низом медарорад.

Алоқаи мутақобилаи дохилӣ ба коргар бевосита ҳангоми иҷрои вазифаҳо таъсири нисбатан боэътимод мерасонад. Тарзи дурусти ҳавасмандгардонӣ, ин алоқа дар муқаррар кардани мақсадҳои аниқу мушаххас ва надодани амр ҳангоми амалигардонии онҳо маънидод мегардад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу омӯзиши заминаҳои назариявию методологии низоми ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон дар ҷараёни инкишофи шаклҳои гуногуни ҳоҷагидорӣ, ки дар натиҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат ба вуҷуд омадааст, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои ҳалли масъалаҳои мазкур ба эътибор гирифтани чунин нуқтаҳо зарур мебошанд:

1. Ворид намудани пардохти шартномавии меҳнат дар устувор шудани низоми ҳавасмандгардонии меҳнат қадами якум буда, чунки дар ин низом ба ақидаи К. Маркс «манфиати шахсӣ коргарро маҷбур мекунад, ки неруи кории худро ҳар чӣ бештар сарф намояд».

2. Дар музди меҳнати соатбайъ маъмулан, принсипи музди баробар дар ҳамон як амали меҳнат бартарӣ дорад.

3. Дар оғози бартараф намудани муноқиша коркарди «усули иловапулӣ» мусоидат намудааст.

4. Марҳилаи сеюм ба он оварда расонд, ки дар он музди меҳнат ва дигар пардохтҳо ба коргар ҳамчун ташвиқ ба меҳнати истеҳсолӣ шинохта мешуд. Иқтисодчиён чунин меҳисобиданд, ки дар бозор неруи корӣ хариду фурӯш карда мешавад, аммо корфармо самаранокии меҳнатро бо ёрии ҷузъҳои низоми ҳавасмандгардонии он ташвиқ мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Агеев В.М. Системы экономических отношений в России / В.М. Агеев, Н.Н. Щербаков. -М.: Московский государственный социальный университет, 1998. -95 с.
2. Арутюнян Ф. Интересы и развитие распределительных отношений вчера и сегодня / Ф. Арутюнян // Нормирование и оплата труда в сельском хозяйстве. – 2005. -№4. -С.3-16.

3. Белкин В. Потребности, интересы, мотивы, стимулы / В. Белкин, Н. Белкина // Нормирование и оплата труда в сельском хозяйстве. – 2005. -№4. -С.51-54.
4. Бобков А.М. Стимулирование труда / А.М. Бобков // Человек и труд. – 2015. -№14. -144 с.
5. Исламов С.И. Научно-технический прогресс и кадры. Учебник / С.И. Исламов. –Душанбе: Ирфон, 1981. -110 с.
6. Жуков А.Л. Методы стимулирования с учетом результатов деятельности организации / А.Л. Жуков // Справочник кадровика. - 2004. -№5. -С.69-74.
7. Ильина Г.В. Материальное стимулирование работников сельскохозяйственных организаций / Г.В. Ильина, А.Е. Ильин. -Курск: Изд-во Курск, гос. с.-х. ак., 2008. -183 с.
8. Кодекси мењнати Љумњурии Тољикистон дар тањрири нав 23.06. 2016 сол.
9. Котлер Ф. Маркетинг менеджмент. Экспресс курс / Ф. Котлер; пер. с англ., под ред. Ю.Н. Каптуревского. -СПб: Питер, 2002. -496 с.
10. Кочеткова А.И. Психологические основы современного управления персоналом / А.И. Кочеткова. -М.: ЗЕРЦАЛО, 1999. -384 с.
11. Кочиева Т.Б. Базовые системы стимулирования / Т.Б. Кочиева, Д.А. Новиков. -М., 2000. -110 с.
12. Лазаренко Л.И Научные основы реформирования аграрного производства при переходе к рынку / Л.И. Лазаренко, Н.И. Агафонов, и др. -Днепропетровск: Пироги, 1996. -24 с.
13. Маркс К. Капитал / К. Маркс. -М.: Политиздат, 1988. -т.1. -891 с.
14. Першукевич П.М. АПК Сибири: тактика и стратегия экономических реформ / П.М. Першукевич. -Новосибирск, 2001. -258 с.
15. Рофе А.И. Организация и оплата труда на предприятии / А.И. Рофе. -М.: Профиздат, 1991. -80 с.
16. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. -М.: Российская АН, 1993. -254 с.
17. Чеканов Е. Нерыночные регуляторы заработной платы в системе механизмов формирования и реализации социальной политики в России / Е. Чеканов // Человек и труд. – 2010. -№3. -С.21-24.

## ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МЕҲНАТ

Дар мақола таҳқиқот оид ба ҷанбаҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии меҳнат дар доираи ақидаҳои илмӣ ва институтсионалӣ баррасӣ шудааст. Муаллифон кӯшиш намуданд, ки дар доираи ақидаҳои назариявӣ-амалии гуногуни илмӣ ва андешаҳои олимони соҳаро ҷамъовари намуда, моҳият ва мафҳуми ангеза ва ҳавасмандгардонии меҳнатро шарҳ доданд. Инчунин, муаллифон қайд менамоянд, ки масъалаҳои ташкили меҳнат ва пардохти он дар шакли ҳавасмандгардонӣ, яке аз омили ҳалкунандаи фаъолияти инсон мебошад, ки барои тараққиёти самараноки истеҳсолот, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар мақола муҳим ва зарур будани ҳавасмандгардонии меҳнатро дар корхонаҳо асоснок намуда, чунин меҳисобанд, ки пардохти ҳавасмангардонӣ омили маҳсулнокии меҳнат ва рушди корхона мебошад. Муаллифон дар мақолаи худ робитаҳои ангеза (таҳрик намудан) ва ҳавасмандгардонии меҳнат, низом ва ҷузъҳои ҳавасмандгардонии меҳнатро шарҳ дода, тартиби ба роҳ мондани пардохти меҳнатро дар корхонаҳо асоснок намуда, оид ба риояи онҳо дар корхонаю муассисаҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод менамояд. Бинобар ин, муаллифон зарур мешуморанд, ки масъалаи ҳавасмангардонии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба шароити муосир ва мавқеи ҷуғрофии минтақаҳо мутобқ кунонида шуда, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ шарҳи васетари худро ёбад.

**Калидвожаҳо:** ангеза, муносибатҳои меҳнатӣ, ҳавасмандгардонии моддӣ, иловапулӣ, созишномаҳои коллективӣ, қувваи корӣ, маҳсулнокии меҳнат, механизм, даромади иҷтимоӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ СТИМУЛИРОВАНИЯ ТРУДА

В статье проводится исследование теоретико-методологических аспектов стимулирования труда в контексте научных и институциональных представлений. Авторы попытались собрать мнения ученых в данной области в рамках различных теоретических и практических идей и объяснить сущность и понятие мотивации и стимулирования труда. Также отмечается, что организация труда и его оплата в виде поощрений и стимулирований является одним из решающих факторов человеческой деятельности, что имеет решающее значение для эффективного развития производства.В статье обосновывается важность и необходимость стимулирования труда на предприятиях, а также полагается, что использование поощрений и стимулов является фактором производительности труда и развития предприятия. В своей статье исследователи объясняют взаимосвязь между мотивацией и стимулированием труда, системой и компонентами стимулирования труда, обосновывают порядок оплаты труда на предприятиях и дают практические рекомендации по их соблюдению на предприятиях и в учреждениях. Таким образом, авторы считают, что вопрос стимулирования труда в Республике Таджикистан должен быть адаптирован к современным условиям и географическому положению регионов и должен быть широко определен в нормативно-правовых актах.

**Ключевые слова:** мотив, трудовые отношения, материальное стимулирование, премии, коллективные договоры, рабочая сила, производительность труда, механизм, социальный доход.

## RESEARCH OF THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF LABOR INCENTIVES

The article examines the theoretical and methodological aspects of labor incentives in the context of scientific and institutional concepts. The authors tried to collect the opinions of scientists in this area in the framework of various theoretical and practical ideas and explain the essence and concept of motivation and stimulation of labor. It is also noted that the organization of labor and its payment in the form of rewards and incentives is one of the decisive factors of human activity, which is crucial for the effective development of production. Thus, the article substantiates the importance and necessity of stimulating labor in enterprises, and also assumes that the use of incentives and stimulations is a key factor in labor productivity and enterprise development. In their article, the researchers explain the relationship between motivation and labor incentives, the system and components of labor incentives, substantiate the procedure for remuneration in enterprises and give practical recommendations for their observance in enterprises and institutions. Thus, the authors believe that the issue of labor incentives in the Republic of Tajikistan should be adapted to modern conditions and the geographic location of the regions and should be broadly defined in the regulatory legal acts.

**Keywords:** worm, additional payments, material incentives, bonuses, collective agreements, labor force, labor productivity, mechanism, social income.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Бахром Гулматович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисод, муовини ректор оид ба илм. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 919-00-05-15.** E-mail: **bahrom_1975@list.ru**
***Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, докторанти PhD кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **207-76-16-80**. E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафаров Бахром Гулматович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории, проректор по науке. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 919-00-05-15.** E-mail: **bahrom_1975@list.ru**
***Мирзозода Ахлиддин Довудходжа*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета, докторант PhD кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел: **207-76-16-80**. E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Safarov Bakhrom Gulmatovish*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory, Vice-Rector for Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 919-00-05-15**. E-mail: **bahrom_1975@list.ru**
***Mirzozoda Ahliddin Dovudkhodja*** - Tajik State Finance and Economics University, assistant at the Department of Accounting, PhD candidate at the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 207-76-16-80.** E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

**УДК 681.5.015.42**

# ЭКОНОМИКО-СТАТИСТИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА ОКАЗЫВАЕМЫХ УСЛУГ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ ОБРАЗОВАНИЕМ

***Джураева А., Ибодзода З.Х., Таибов О.Р.***
**Таджикский национальный университет**

Принимая во внимание преобладание в Республике Таджикистан молодого населения и высоких показателей рождаемости, Правительство Республики Таджикистан делает шаги по устранению недостатков в сфере человеческого капитала посредством инвестиций в молодое поколение.

Инвестиции в высококачественное раннее развитие детей, раннее образование и уход за детьми жизненно важны они приведут к высокой экономической и социальной отдаче, за счёт улучшения здоровья детей, доступа к дошкольному образованию и повышению его качества с ранних лет.

Дошкольное образование ориентировано на предоставление услуг по развитию ребёнка и является одним из приоритетных направлений сферы образования поддерживаемых Правительством Республики Таджикистан, дошкольное образование, охватывает детей в возрасте от 1.5 до 7 лет. Несмотря на то, что услуги дошкольного образования предоставляются на 87% государственными учреждениями, в стране успешно функционируют частные дошкольные учреждения на платной основе. В соответствии с данными Всемирного Банка, 67% детей, охваченных дошкольным образованием, приходятся на детские сады полного дня, 32% - на центры раннего развития и 1% - на учреждения стационарного типа. С 2010 по 2018 года уровень охвата детей дошкольным образованием увеличился более чем вдвое и продолжал расти. Вместе с этим, за последние 27 лет общее количество детей в возрасте до 7 лет возросло с 2000 г. до 2018 года на 25.7%. Охват детей в возрасте от 3 до 6 лет дошкольными образовательными учреждениями в 2018 г. составил 14.7% от общего количества детей дошкольного возраста в Республике Таджикистан.

По рекомендациям МВФ и Всемирного банка в Таджикистане размер внешнего долга не должен превышать 40% от ВВП. Но по факту, размер государственного долга в 2018 году составил 3,7 млрд. долларов США (или 48,2% от ВВП). Необходимо отметить, что обслуживание внешнего долга также выросло, которое в 2015 году составил 4,4% госбюджета, а в 2018 году 9,6% госбюджета, поэтому в связи с существующими ограничениями государственного бюджета, нет возможности в краткосрочном периоде увеличения бюджета сферы образования, следовательно, данные факторы станут препятствием для перехода Таджикистана к увеличению охвата детей ДДОУ и переходу на 12-летнее школьное

образование. Поэтому на первый план выходит необходимость привлечения иностранных инвестиций, а также совершенствование системы управления государственными финансами в сфере образования, как важнейшим элементом уменьшения финансовой нагрузки на ДДОУ.

Нами подробно рассмотрено несколько алгоритмов определения охвата детей ДДОУ, каждый из которых, в зависимости от числовых показателей, меняет предложенный алгоритм расчета. Для разработки оценки определения алгоритма состояния детских дошкольных образовательных учреждений необходимо управлять ресурсными потоками, так как следующие факторы оказывают серьезное влияние на оценочные коэффициенты: время поступления ресурсов, интенсивность потока, пропускная способность канала связи, а также на систему управления ДДОУ. Именно системный подход позволяет не только алгоритмизировать процесс функционирования подавляющего большинства социально-экономических объектов, но и сделать механизм алгоритмизации более теоретически обоснованным, по сравнению с другими исследованиями.

Определяется современное состояние развития ДДОУ, путем анализа полученных данных на основе исследования существующей системы управления ДДОУ по конкретным объектам управления. Определены основные факторы, оказывающие положительное и отрицательное влияние на развитие ДДОУ г. Гиссара, г. Пенджикента, Душанбе: здоровье, установка на овладение способами мышления и деятельности, развитие речи, дифференциация и индивидуализация воспитания и обучения [5].

Считаем, что на региональном уровне, с научной точки зрения, необходимо использовать следующий алгоритм экономико-статистической оценки детских дошкольных образовательных учреждений (ДДОУ).

Дар зери мафҳуми ашё – шайъ (чизҳо, чизу чора) фаҳмида мешавад [28,с.108].

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ чунин омадааст: предметҳое, ки бо сифати худ, аломатҳои махсус ё худ мавҷудияташон ҳамчун воситаи муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятнок хизмат мекунанд, далелҳои шайъӣ мебошанд [27,с.141].

Ба андешаи Абдуллоев П.С., далелҳои шайъӣ ашёҳое мебошанд, ки тибқи меъёри муқаррарнамудаи қонун ҷамъоварӣ шуда, ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ доштаро ошкор менамоянд [1,с.74].

Тибқи назари муаллифони китоби дарсии “Мурофиаи ҷиноятӣ” далели шайъӣ – ин предмети олами моддӣ буда, дар шакл ва хусусияти хос аккосӣ шудани маълумоте, ки бо парвандаи ҷиноятӣ санҷидан, баҳо додан, ҳатмӣ мебошад, дониста мешавад. Маънои калимаи «шайъ» ин «чиз» (ашё, мол, анҷом ва ғайра) аст, ки вуҷуд доштани он далелро ташкил медиҳад [17,с.141].

Далелҳои шайъиро дар умум метавон ҳамчун оқибат ва нишонаҳои моддии ҷиноят тавсиф кард [25,с.136].

Ҳамаи муаллифон, дар маҷмӯъ, дар зери мафҳуми далелҳои шайъӣ предмет ва ё ашёҳоеро мефаҳманд, ки то андозае ба ҳодисаи ҷиноят алоқаманд буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дарёфт ва ба парвандаи чиноятӣ ҳамроҳ карда шудаанд. Лекин, ба назари мо, чунин мафҳуми далелҳои шайъӣ доираи тамоми обеъктҳоеро, ки одатан дар амалия зарурияти ба сифати далели шаъйӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешаванд, дар бар намегирад [28,с.92-108].

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки аксарияти хусусиятҳои далели шайъӣ (масалан таркиби химиявӣ) бо мушоҳидаи бевоситаи босиравӣ имконнопазир аст, аз ин рӯ, тадқиқоти амиқро бо истифода аз донишҳои махсус тақозо менамоянд.

Ба андешаи Абдуллоев П.С., гарчанде моддаи 78 КМҶ ҶТ ашёҳоро номбар менамояд, ин маънои онро надорад, ки мушаххасан ҳамаи ашёҳоро қонун муайян мекунад. Зеро ибораи ашёи дигар имконият медиҳад, ки ҳудуди бешумори ашёҳо далел ҳисобида шаванд [1,с.74].

Дар адабиётҳои илмӣ бамаврид таъкид карда мешавад, ки барои он ки ашё аҳамияти далели шайъиро пайдо кунад, он бояд аз нигоҳи мурофиавӣ ба расмият дароварда шавад:

1) лаҳзаи пайдо шудани ашё дар парванда бо роҳи тартиб додани протоколи амали тафтишӣ, ки дар натиҷаи гузаронидани он дарёфт шудааст, мустаҳкам карда шавад;

2) аз назар гузаронида шавад, ба таври муфассал дар протокол сабт карда шавад, аз рӯйи имкон бо мақсади муайян кардани хосиятҳои ашё, ки барои парванда аҳамият дорад, аксбардорӣ карда шавад;

3) масъалаи эътироф намудани далели шайъӣ ва ба парванда ҳамроҳ кардани он бо роҳи баровардани карори дахлдори мурофиавӣ ба расмият дароварда шавад [25,с.136-137].

Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии мурофиавӣ ва криминалистӣ, ҳамчунин таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда метавон чунин нишонаҳои муҳим ва асосии далелҳои шайъиро нишон дод:

- хусусияти моддӣ ва ашёӣ доштани объект;
- алоқамандии объект ба ҳодисаи ҷиноят;
-имконияти мусоидат намудани объект ва предмет барои муқаррар намудани мавҷудият ва ё мавҷуд набудани ин ва ё он нишонаҳои ҷиноят;
- ивазнашаванда будани он;
- далелҳои шайъӣ ҳамеша далелҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравaнд;
- онҳо бояд ҳатман дар шакли воқеӣ ва ё дигар шакле, ки мазмуну моҳияти онро пурра фаро мегирад, ба суроғаи муайян пешниҳод шаванд;
- агар барои муайян кардани далели шайъӣ экспретиза таъйин шуда бошад, пас суд бояд тамоми ҳолатҳоеро, ки дар протоколи гирифти предмет ва ашё ҳамчун далели шайъӣ омадааст, ба назари эътибор гирад;
- нишона ва хусусиятҳои предмет бояд ба ҳодисаи ҷиноят иртибот дошта бошанд;
- риояи меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми ошкор кардан, мустаҳкам намудан ва ба расмият даровардани далелҳои шайъӣ;
- ба таври пурра ва аниқ дар протоколҳои дахлдор қайд намудани раванди ошкор, дарёфт ва мустаҳкам намудани далелҳои шайъӣ;
- бо мақсади нигоҳ доштани нишонаҳои далелҳои шайъӣ он бояд ҳатман бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиави ҷиноятӣ ба расмият дароварда шавад;
- далели шайъӣ бояд аз ҷониби шахси масъули мансабдор аз назар гузаронида шуда, дар ин хусус протокол тартиб дода шавад; дар протокол тамоми маълумоти дахлдор дар хусуси хусусият, шакл, ҳаҷм, андоза, замон ва макони дарёфт ва ошкор намудани он ва дигар хусусиятҳояш дарҷ карда шуда, он сурат гирифта шавад а ё ба навори видео гирифта шавад (моддаҳои 78, 182, 187-и КМҶ ҶТ);
- дар хусуси муайян намудани робитаи далели шайъӣ бо предмети исботкунӣ амалҳои тафтишотӣ гузаронида шавад (нишондиҳӣ барои шинохтан, гузаронидани экспертиза, пурсиш ва ғ.);
- баровардани қарори алоҳида дар хусуси эътироф намудани объект ба сифати далели шайъӣ ва ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардани он (қисми 2 моддаи 78 КМҶ ҶТ);
- нигоҳ доштани далелҳои шайъӣ ҳамроҳ бо парвандаи ҷиноятӣ, ё ин ки дар ҷойҳое, ки аз ҷониби шахси пешбарандаи таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд муайян карда шудааст ( моддаи 79 КМҶ ҶТ) [29,с.230].

Дар асоси таҳлилҳои илмӣ, афкори пешқадами олимони соҳа ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳоди зерини мафҳуми далелҳои шайъиро мувофиқи мақсад мешуморем: «Далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ашёҳои олами моддие мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба даст оварда шуда, бевосита ва ё бавосита ба ҳодисаи ҷиноят ва ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, алоқаманд буда, аз нигоҳи мурофиавӣ ба расмият дароварда шудаанд ва бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя (суд) бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шудаанд» [29,с.228].

Зимнан бояд қайд намуд, ки давоми солҳои охир дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои хориҷ тамоюлҳои тағйирёбии таркиби далелҳои шайъӣ ва зарурати эътирофи объектҳои иловагӣ ба сифати далелҳои шайъӣ ба мушоҳида мерасанд. Табиист, ки рушди бемайлони муносибатҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва пешбурди фаъолияти серпаҳлуи хоҷагидорӣ, ки ба моликияти гуногун асос меёбанд, ба такмили мафҳум ва ҳайати таркибии далелҳои шайъӣ боис гаштаанд.

Тавре ки амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, зарурати ҳарчи бештари ба сифати далелҳои шайъӣ истифода намудани ашёи ғайриманқул ва дигар дастгоҳу таҷҳизотҳои хусусияти амволию истеҳсолидошта ҷой доранд. Ба сифати далели шайъӣ гирифтан ва нигоҳ доштани ашё ва предметҳое, ки барои истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, оқибатҳои ногуворро дар пай дошта, дар умум ба таври ҷиддӣ ба пешбурди фаъолияти муназзами истеҳсолӣ, иҷрои уҳдадориҳо таъсир гузошта, ба қатъ гаштани фаъолияти соҳибкорӣ, вазнин кардани аҳволи кормандон ва дахолат кардан ба ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо сабаб мегарданд.

Тавре ки дар сарчашмаҳои илмӣ зикр мешавад, чунин мушкилиҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ табиист, ки ба ихтисори воридшавии маблағҳои андоз ба буҷет оварда расонда, аз дигар тараф барои амалӣ намудани функсияҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар функсияҳои давлат мушкилиҳоро ба миён меорад [14,с.27-28].

Дар иртибот ба мавзӯи мавриди назар О.И. Соколова менависад, ки дар шароити муосир зарурати ҳарчи бештар ба сифати далелҳои шайъӣ эътироф намудани молу маҳсулоти қиматбаҳо ва ба миқдори махсусан калон, маблағҳои пулӣ, ҳуҷҷатҳое, ки ба гардиши фаъолияти соҳибкорӣ иртибот доранд, инчунин ҳомилони электронӣ ва қоғазии иттилоот, сабти аудио ва видео ба миён омадаанд [32,с.514].

Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳое, ки аз 3.07.2016 ба КМҶ ФР ба вуқӯъ пайвастанд, моддаи алоҳида ба масъалаи тартиби ба сифати далелҳои шайъӣ эътироф намудани ашё ва ҳуҷҷатҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии ба ҷиноятҳои иқтисодӣ алоқамандбуда илова карда шуд.

Дар адабиётҳои илмӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххас дар мавриди такмили минбаъдаи далелҳои шайъӣ бо дарназардошти як қатор омилҳо баён шудаанд. Аз ҷумла: ҳаддалимкон бо истифода аз тамоми имкониятҳо бо ёрии воситаҳои техникии муосир дарёфт ва мустаҳкам намудани маълумотҳое, ки сарчашмаи инъикоси онҳо далелҳои шайъӣ мебошанд; ба қадри кофӣ мусоидат кардан ба кам кардани хароҷотҳо ҷиҳати нигоҳ доштани далелҳои шайъӣ; фароҳам овардани шароит барои ба моликон баргардонидани арзишҳои қиматбаҳо ва рӯёнидани зарар дар давраи тафтишоти пешакӣ; муҳайё сохтани механизми аниқи ҳалли тақдири далелҳои шайъӣ баъди ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд, ё ин ки қарор дар хусуси қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ [32,с.517].

Дар хусуси такмили танзими ҳуқуқии мафҳуми ҷамъоварии далелҳо [18,с.73] ва тартиби мурофиавии ҷамъоварии онҳо [31,с.56] қаблан низ муаллифони мақолаи мазкур андешаву назари хешро изҳор намуда буданд.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ меҳисобем, ки дар пасманзари дигаргуниҳое, ки дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои хориҷ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии КМҶ Федератсияи Россия, баъзе таклифу тавсияҳоро дар мавриди такмили танзими ҳуқуқии далелҳои шайъӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем.

1. Дар таносуб бо КМҶ ҶТ соли 1961 дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда сарчашмаҳои нави далел пешбинӣ шудаанд. Дар асоси таҳлили моддаи 72-юми Кодекс намудҳои зерини иловагии сарчашмаҳои далелҳо пешбинӣ шудаанд: 1) нишондоди коршинос; 2) хулосаву нишондоди мутахассис; 3) сабтҳои пинҳонӣ; 4) гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; 5) мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ. Чунин навовариро метавон, пеш аз ҳама, бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ асоснок намуд. Пеш аз ҳама, ба ин мураккабшавии механизмҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои алоҳидаи содиршуда сабаб шуданд, ки масъалаи истифодаи мақсадноки алоқаҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таҷҳизотҳои нави техникии замонавӣ дар раванди исботкунӣ мавриди танзими қонунӣ қарор дода шаванд. Воқеан, дар шароити муосир бе истифодаи мақсадноки дастовардҳои техникӣ, аз қабили мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, кушодани ҷиноятҳои алоҳида имконнопазир аст. Муқаррароти боби 9-уми КМҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд дар он мазмуну моҳияти ҳар як намуди мустақили далел дар алоҳидагӣ шарҳ дода шуда, тартиби мурофиавии расмигардонии сарчашмаҳои далел пешбинӣ мешуданд. Вале таҳлили боби 9-уми КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар асл вазъ чунин набуда, мазмуну моҳияти на ҳамаи навъҳои алоҳидаи далелҳо ошкор карда шудаанд. Чунин муқаррарот дар қисми махсуси КМҶ ҶТ низ вонамехӯрад.

Ба андешаи Абдуллоев П.С., мазмуну моҳияти «сабтҳои пинҳонӣ», «гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида»; «мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ» ҳамчун намудҳои далел дар КМҶ ҶТ шарҳу тавзеҳ дода нашудаанд, ки ин омил қобили дастгирӣ нест. Яъне, ба назари ӯ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо чунин мазмун ба табиати ҳуқуқии далелҳо мувофиқ нестанд, мафҳуми ин намуди далелҳо муайян карда нашудаанд ва ҳамчунин шакли мурофиавии ба даст овардан ва ба расмият даровардани онҳо аниқ нашудаанд. Зеро, тавре ки амалия собит менамоянд, дар аксарияти мавридҳо натиҷаҳои ин намуди далелҳо ба сифати далелҳои шайъӣ истифода мешаванд.[2]

Аз ин рӯ, бо назардошти талаботҳои мурофиавӣ зарур аст, ки ба боби нуҳуми КМҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, ба он моддаҳои нав ба масъалаи танзими ҳуқуқии навъҳои алоҳидаи далел, ки дар Кодекс ба расмият дароварда нашудаанд, бахшида шаванд. Аз

ҷумла зарур аст, ки сарчашмаҳои зерини далел, аз қабили «хулоса ва нишондоди мутахассис», «сабтҳои пинҳонӣ», «гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида»; «мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ» дар КМҶ ҶТ илова карда шаванд. Шарҳи мазмуни ин навъҳои нави далел дар КМҶ ҶТ дар воқеъ ба масъулини исботкунӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ аз ин сарчашмаҳои исботкунӣ ба таври фаровон истифода намоянд.

2. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба қисми 1 моддаи 78 КМҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, ба он ибораи зайл илова карда шавад: «ашёе, ки ба он фаъолияти ҷинояткорона равона карда шудааст» [29].

Ҳамзамон, дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҷрибаи пешқадами кишварҳои олам, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастовардҳои илмӣ дар соҳаи тиб, генетика, биотехнология ва дигар соҳаҳои донишҳои илмӣ, зарурати ворид намудани намудҳои нави далелҳои шайъӣ ба КМҶ ҶТ ҷой дорад.

3. Зарур мешуморем, ки ҳамчунин масъалаи ҳалли тақдири минбаъдаи далелҳои шайъӣ ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда ва сафедкунанда, ҳангоми қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ аз лиҳози қонунӣ дар қисми 3 моддаи 78 алоҳида танзим карда шавад. Ҳамчунин, то андозае бояд масъалаи ҳалли тақдири далелҳои шайъӣ ҳангоми боздоштани парвандаи ҷиноятӣ, агар он бар зарари манфиати исботкунӣ набошад, дар КМҶ низ ба роҳ монда шавад.

4. Таклиф менамоем, ки ба қисми 2-юми моддаи 79 ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Шахсони алоҳида барои нигоҳдошти далелҳои шайъӣ вазифадор карда мешаванд» [29,с.228].

5. Воситаҳои мақбули ба даст овардани далелҳои шайъӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: гузаронидани амалҳои тафтишӣ; гузаронидани дигар амалҳои мурофиавӣ: талаб карда ва гирифтани ҳуҷҷат ва ашёҳо; пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти оппеpативӣ-ҷустуҷӯӣ; пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар ашёҳо аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин айбдоркунандаи давлатӣ, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо; пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар ашёҳо аз ҷониби шаҳрванд, шахсони мансабдор, муассиса ва ташкилотҳо бо мақсади ҳамроҳ кардани онҳо ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифтати далел.

Яке аз роҳҳои асосии ба даст овардани далелҳои шайъӣ ин гузаронидани амалҳои тафтишӣ, аз қабили азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, кофтуков, ёфта гирифтан, ҳабси муросилоти почта ва хабарҳои телеграфӣ, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, озмоиши тафтишӣ, нишон додан барои шинохтан, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ ва экспертиза баромад менамоянд. Аслан, зимни гузаронидани амалҳои тафтишии зикршуда дар аксарияти ҳолат далелҳои шайъӣ дарёфт ва гирифта мешаванд.

Аз ҳама воситаи маъмулии санҷиши ҳуҷҷат ва далелҳои шайъӣ экспертиза мебошад [3,с.120].

Вобаста ба ҳамин масъала муаллифони монографияи муштарак чунин менависанд: «Масъалаи гузаронидани экспертизаҳо, кофтукови шахсӣ, гирифтани далелҳои шайъӣ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ низ яке аз мушкилоти ҳамарӯзаи мақомоти тафтишоти пешакӣ мебошад. Муссалам аст, ки дар сурати мавҷуд будани асоси кофӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Ҷой доштани ашё ва предметҳое, ки метавонанд дар оянда ба сифати далелҳои шайъӣ истифода шаванд, барои тафтиши парванда ва исбот кардани ҳолатҳо мусоидат мекунанд. Ин гуна ашё ва предметҳо аксар вақт бо гузаронидани кофтукови шахсӣ ва амали тафтишии ёфта гирифтан ба даст оварда мешаванд ва хулосаи (маълумотнома)-и экспертиза дар ин ё он соҳа мебошанд. Аммо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидани чунин амалҳои тафтиширо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҷоиз медонад. Ғайр аз амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса (м.182 КМҶ ҶТ), дигар амалҳои тафтишӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Дар амалия бошад, фоизи хеле зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ маҳз дар асоси гузаронидани ин амалҳои тафтишӣ ҳамчун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтан оғоз карда мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид намуда, бояд дар мавридҳои истисноӣ имконпазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтанро пеш аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ (чун протоколҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтукови шахсӣ) таъмин намуд. Дар қонунгузориҳои мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия (б.4 м. 146 КМҶ ФР), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (банди 2 м. 180 КМҶ ҶТ) Ҷумҳурии Белорус (банди 2. М. 226 КМҶ ҶБ) пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани экспертиза иҷозат дода шудааст» [22,с.85-87].

Зимни назарпурсӣ аксарияти муфаттишону судяҳо бо дарназардошти КМҶ Федератсияи Россия зарурати дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ҳамзамон гузаронидани амали тафтишии шаҳодаткунонӣ ва экспертизаро дар ҳолатҳои истисноӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷонибдорӣ намуданд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта такмили КМҶ ҶТ-ро дар мавриди то лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат додан ба гузаронидани дигар амалҳои тафтишии таъхирнопазир, аз қабили шаҳодаткунонӣ, экспертиза ва кофтукови шахсиро мувофиқи мақсад меҳисобем.

6. Пешниҳоди далелҳо, аз ҷумла далелҳои шайъӣ воситаи асосӣ ва муҳимми ба даст овардани маълумот дар бораи исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 86 КМҶ ҶТ тартиби ҷамъоварии далелҳо пешбинӣ шудааст. Чун қоида, аз рӯйи таълимоти маъмули назарияи далелҳо ва муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ далелҳо дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи КМҶ ҶТ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя ҷамъоварӣ шуда, субъектони дигар ҳуқуқи пешниҳоди на далел, балки ҳуҷҷат, ашё ва маълумоти заруриро доранд.

Аз ин рӯ, пешниҳоди далелҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаву ваколати ҳокимиятиро надоранд, ба такмил ниёз доранд.

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ, маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудио ва видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷаҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилот, муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод намоянд. Вале дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷкикистон тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби субъектони мазкур танзими қонунии худро наёфтааст. Чунин ҳолат хоҳу нохоҳ дар амалия мушкилиро ба миён оварда, ба субъектони исботкунӣ, ки ваколатҳои ҳокимиятии мурофиавиро доранд, намегузорад саривақт далелҳои дахлдорро ҷамъоварӣ ва мустаҳкам намоянд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 86 КМҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар он тартиби аниқи мурофиавии пешниҳоди далелҳо аз ҷониби шахсони зикршуда пешбинӣ карда шавад. Ҳамзамон зарур аст, ки сархати якуми қисми 3 моддаи мазкур, ки ҳуқуқи ҳимоятгарро бобати пешниҳоди далелҳо пешбинӣ менамояд, бояд таҷдиди назар карда шавад.

Дар робита ба ҳамин масъала дар таҳқиқоти диссертатсиони худ Арипов А.Л. пешниҳод менамояд, ки ба қисми 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ, ки тартиби пешниҳоди маълумотҳоро аз ҷониби дигар иштирокчиёни мурофиа танзим менамояд, тағйирот дароварда шавад [4,с.14]. Таклифҳои муаллиф қобили дастгирианд.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки қисмҳои 3 ва 4 - и моддаи 86 КМҶ ҶТ ба мазмуни зайл ифода карда шуда, ба он қисми 5 илова карда шавад.

“Моддаи 86 Ҷамъ овардани далелҳо

.....3. Ҳимоятгаре, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои иштирок дар баррасии парванда роҳ дода шудааст, ҳуқуқ дорад:

- ашё, ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар маълумотҳоро, ки мумкин аст ба сифати далел эътироф карда шаванд, пешниҳод намояд;

- маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад;

- маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассиса, ташкилот, корхона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, талаб кунад;

- бо ризои ҳимояшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад.

3.Маълумот дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дар намуди сабти аудио ва видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки метавонанд ҳамчун далел баромад намоянд, метавонанд аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилот ва муассиса пешниҳод шаванд.

Дар хусуси пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар ҳузури холисон протокол тартиб медиҳанд. Суд бошад, дар протоколи маҷлиси суд дар ин хусус бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ қайди дахлдорро ворид менамояд. Дар протокол бояд маълумот дар хусуси шахсе, ки ашё ва ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намудааст,

инчунин тафсилоти бештар оид ба ашё ва ҳуҷҷати пешниҳодшуда нишон дода шаванд.

4. Ашё ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст оварда шудаанд, аз мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо тартиб ва ҳолатҳои бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» муқарраршуда талаб карда мешаванд".

7. Чун қоида, далелҳои шайъӣ бояд бо парвандаи ҷиноятӣ якҷоя нигоҳ дошта шаванд. Мувофиқи талаботи моддаи 79 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар далели шайъӣ бинобар калонҳаҷм буданаш ё бо сабаби дигар ба парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ доштанаш имконнопазир бошад, аксбардорӣ карда, мухр зада, дар ҷое, ки муфаттиш (шахси тафтишбаранда) нишон медиҳад, нигоҳ дошта, дар ин бора дар парванда маълумоти дахлдор сабт карда мешавад. Дар вақти аз мақомоти таҳқиқ ба муфаттиш ё аз як муфаттиш гирифта ба муфаттиши дигар супоридани парвандаи ҷиноятӣ, инчунин ба прокурор ва суд супоридани он далели шайъӣ якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ равон карда мешавад, ба истиснои калонҳаҷм будан ё бо сабаби дигар бо парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ доштанаш имконнопазир будани далели шайъӣ. Далели шайъиро ба соҳибаш барои нигоҳдорӣ ва истифода супоридан мумкин аст, агар ин ҳолат ба зарари парванда набошад. Соҳибмулк огоҳонида мешавад, ки дар сурати содир намудани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ нисбат ба далелҳои шайъӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.362 КҶ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Мувофиқи талаботи моддаи 80 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои шайъӣ, ҳамчунин намунаи далелҳои шайъии дар қисми 5 моддаи 185 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ё ҳалномаи суд (агар баҳси ҳуқуқ доштан ба ашё бо роҳи мурофиаи судии гражданӣ ҳал карда шавад) ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, нигоҳ дошта мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин санадҳои меъёрии идоравие амал мекунанд, ки тартиби бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва ҳалли тақдири минбаъдаи далелҳои шайъиро пешбинӣ менамоянд. Аз ҷумла, бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5-112, аз 23 апрели соли 2014 Дастурамал "Дар бораи тартиби гирифтан, азназаргузаронӣ, таҳқиқ, нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ, ашёҳои арзишнок ва дигар молу мулк аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ" тасдиқ шудааст.

Дар ҳамин дастурамал аз ҷумла, зикр мешавад, ки ҷой ва тарзи нигоҳдории далелҳои шайъии аҳамияти махсус дошта, аз ҷумла, тилло ва дигар металлу дурдонаҳои қиматбаҳо, пул ва дигар коғазҳои қиматнок ба миқдори махсусан калон, воситаҳои заҳролудкунандаю ашёҳои махсуси ба муҳити зист, ҳаёту саломатии одамон, набототу ҳайвонот таҳдидкунанда ва фалокати экологиро бавуҷудоварандаро (яроқи зарравӣ (атомӣ), нейтронӣ, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ), иқлимӣ) дар қарори эътироф намудани далели шайъӣ қайд намуда, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар ҷойҳои муайянкардаи ин санадҳо барои нигоҳдорӣ супоридан лозим аст. ...Силоҳҳои оташфишон, воситаҳои тарканда, техника ва дигар лавозимоти ҷангӣ ва воситаҳои нашъадори бо парвандаҳои ҷиноятӣ ё маводҳо гирифташуда баъди азназаргузаронӣ ва таҳқиқи онҳо ба мақомотҳои корҳои дохилӣ барои нигоҳдорӣ супорида мешаванд. Техникаи ҳарбӣ мумкин аст ба қисмҳои ҳарбие, ки ба онҳо ин техника тааллуқ дорад, супорида шавад. Дар ҳамин замина пешниҳод менамоем, ки дар КМҶ ҶТ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, хусусан Федератсияи Россия ба таври мушаххас тартиби нигоҳдории як қатор намуди далелҳои шайъӣ, аз қабили воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо, спирти этилӣ ва машрубот, ки аз муомилоти ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, инчунин ҳайвонот, дигар маъхазҳои электронии иттилоот, ашё ва ҳуҷҷатҳо оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шавад.

8. Тавре ки амалияи мақомоти тафтишотӣ нишон медиҳад, дар аксарияти мавридҳо зарурияти баргардонидаи далелҳои шайъӣ ба соҳибони қонунӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ҳам аз нуқтаи назари илми мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳам тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба мақсади таъмини манфиатҳои қонунии ҷабрдида ҳалли ин масъала имконпазир аст. Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 80-и КМҶ ҶТ дар баъзе мавридҳо далели шайъиро то тамом шудани муҳлатҳое, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр ёфтаанд, ба соҳибонашон баргардонидан мумкин аст, ба шарте ки ин ба тафтиши парванда зарар нарасонад. Ҳарчанд дар КМҶ ҶТ тартиби мурофиавии ҳалли масъала пешбинӣ нашуда бошад ҳам, вале дар асл аксари муфаттишон дар ин хусус қарори мурофиавӣ қабул менамоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки ба қисми дуюми моддаи 80-и КМҶ ҶТ ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Ҳангоми ҷой

доштани зарурати ба соҳибонашон баргардонидани далелҳои шайъӣ дар ин хусус санад тартиб дода шуда, далелҳои шайъӣ аксбардорӣ ва сабти видео карда мешаванд. Дар хусуси ба соҳибонашон баргардонидани далелҳои шайъӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор қарор ва суд бошад, таъйинот мебароранд».

Чунин тартиб, аз як тараф, барои пешгирии хароҷотҳои молиявии иловагӣ дар мавриди нигоҳдошт ва интиқоли далелҳои шайъӣ ва аз дигар тараф, барои таъмини манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар вазъияти бавуҷудомада, бояд аз дигар вариантҳои алтернативии нигоҳ доштан ва ба соҳибонашон баргардонидани далелҳои шайъӣ васеъ истифода бурд.

Аз ин рӯ, барҳақ дар таҳқиқоти илмӣ ишора мешавад, ки нигоҳ доштани молу маҳсулот ба миқдори махсусан калон ва дигар объектҳои калонҳаҷм то лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм бояд танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ истифода шуда, он набояд ки ба қоидаи асосӣ табдил ёбад. Бо мақсади таъмини манфиатҳои адолати судӣ бояд ки ҳал кардани тақдири далели шайъӣ дар давраҳои тосудӣ тавассути иҷозат додани тарафи ҳимоя ҳангоми азназаргузаронии ашё, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ ва минбаъд маҳфуз доштан, имконпазир гардад. Чунин тартиби ҳалли масъала ҳам ба талаботи ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва ҳам шахсӣ комилан созгор аст [14,с.27-28].

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. - С. 74.
2. Абдуллоев П.С. Новеллы УПК РТ на понятие «доказательство» // Законодательство. №3 (7). Душанбе, 2012.С.21-28.; Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография. – М.: Юрлитинформ, 2016. С.80.
3. Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография. - М.: Юрлитинформ, 2016. – 224 с. С. 120.
4. Арипов А.Л. Деятельность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии (по законодательству Республики Таджикистан). Дисс. … канд.юрид.наук. М., 2011. С.14.
5. Божьев В.П. Советский уголовный процесс: Учебник: / В.П. Божьева.-М.: Юридическая литература, 1990 .- С.111.
6. Божьев В.П. Уголовный процесс: Общая часть: Учебник: / В.П.Божьева. -М.: Спарк, 1997.-С.142.
7. Вещественные доказательства: информационные технологии процессуального доказывания / под общ. ред. В.Я Колдина. М.: Норма, 2002.С.7.
8. Дорохов В.Я. Природа вещественных доказательств // Советское государство и право. 1971. № 10. С.113-114.
9. Егоров Н.Н. Собирание вещественных доказательств: понятие, содержание, направления совершенствования: монография. Хабаровск: Изд-во ДВГУПС, 2005. С.6-7.
10. Искандаров З.Ҳ. Нақши Конститутсия дар инкишофи ҳуқуқи судӣ // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 17-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе: Эксклюзив, 2012. -С.15.
11. Искандаров З.Ҳ. Баъзе аз масоили қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмӯи далелҳо // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. 237 с.
12. Кудрявцева А.В., Худякова Ю.В. Вещественные доказательства в уголовном процессе России. Челябинск: Полиграф - Мастер, 2006. С.35-36.
13. Костенко Р.В. Теоретические, законодательные и правоприменительные аспекты понятия уголовно-процессуальных доказательств. Краснодар: Экоинвест, 2005. С.106.
14. Козловский П.В. Обращение с вещественными доказательствами: конкуренция публичных и частных интересов / Научный вестник Омской Академии МВД России. № 3 (78). 2020. С. 27-28.
15. Лопаткин Д.А. Вещественные доказательства (процессуальные и криминалистические аспекты) . дисс. …канд.юрид.наук.Краснодар. 2003. С.43.
16. Маҳмудов И.Т. Мавқеи мурофиавии прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. -Душанбе, 2014. -№3/4.(139). -С.83-84.
17. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: Эр-граф, 2018. -С.141.
18. Махмудов И.Т., Ходжаева Н.Б. К вопросу о совершенствовании процессуального порядка собирания вещественных доказательств //Бизнес в законе. -2011. -№ 1. -С. 73.
19. Очередин В.Т. Доказательства в уголовном процессе: сущность, источники, способы собирания. М.: Юрлитинформ, 2009. С.62-63.
20. Попова Н.А. Вещественные доказательства: собирание, представление и использование их в доказывании: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 2007. С.8.
21. Рясов А.А. Проблемы собирания вещественных доказательств в досудебных стадиях Российского уголовного процесса: автореф. дис. … канд.юрид.наук. Волгоград, 2008. С.7.
22. Раҳмадҷонзода Р.Р., Маҳмадализода А.М., Арипов А.Л., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 96. С. 85-87.
23. Строгович М.С. Избранные труды. Т.3. М.: Наука, 1991. С. 234.

24. Селиванов Н.А. Вещественные доказательства. Криминалистическое и уголовно-процессуальное исследование. М.: Юридическая литература, 1971. С.10.
25. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан: учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифирова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «Таджпринт», 2017. С.136.
26. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н (нашри дувум). -Душанбе: ҶДММ «Шуҷоиён», 2010. - 417 с.
27. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. - Душанбе: Эр-граф, 2004. 620 саҳ. (нашри дуюм) С. 141.
28. Хоҷаева Н.Б. Сарчашмаҳои далел мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 3/1 (158) Душанбе: Сино, 2015. - С.92-101.
29. Хоҷаева Н.Б. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, истифодабарӣ ва нигоҳдории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2017. -№ 2/6. -С. 230.
30. Хоҷаева Н.Б. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, истифодабарӣ ва нигоҳдории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2017. № 2/6 . С. 228 Ходжаева Н.Б., Махмудов И.Т. Уголовно-процессуальная регламентации: изъятие, осмотр и хранения вещественных доказательств // Вестник Таджикского национального университета. 2015. № 3/3 (166). С. 56.
31. Цоколова О.И. Актуальные проблемы хранения, учета и предачи вещественных доказательств // Совремменые проблемы доказывания и принятия решений в уголовном процессе. Социальные технологии и правовые институты (г. Москва, Университет имени О.Е. Кутафина (МГЮА), 8 апреля 2016 г.): материалы конференции / отв. Ред. С.Б. Россинский. – Москва: Оригинал-макет, 2016 – 592 с. С. 514.
32. Эйсман А.А. О понятии вещественного доказательства и его соотношение с понятием доказательств других видов // Воросы борьбы с преступностью. Вып.1. М., 1965. С. 84-88.


## ДАЛЕЛҲОИ ШАЙЪӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ: МАФҲУМ, АҲАМИЯТ ВА ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ


Муаллифон дар асоси истифодаи сарчашма ва адабиётҳои васеи илмии олимони ватаниву хориҷӣ, дастовардҳои муосири илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, таҳлили қонунгузории мурофиавиии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофавии ҷиноятии кишварҳои хориҷ, аз ҷумла КМҶ Федератсияи Россия, мафҳум ва аҳамияти далелҳои шайъиро дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода, дар хусуси такмили танзими ҳуқуқии далелҳои шайъӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу тавсияҳои судманди илман асоснокро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, зикр менамоянд, ки тибқи яке аз сарчашмаҳои мустақил далелҳо далелҳои шайъӣ ба ҳисоб рафта, аз дигар манбаъ ва намудҳои далел қувваи бештари ҳуқуқӣ ва ё бартарияти мурофиавӣ надошта, дар маҷмӯъ, бо тамоми далелҳои оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда баҳогузорӣ карда шуда, барои исботи ҳолатҳои кор мусоидат менамоянд. Таъкид шудааст, ки далелҳои шайъӣ дар тақвияти таъмини воқеияти содиршавии ҷиноят, сафед кардан ва ё айбдор кардани ашхоси гунаҳкор нақши муассир доранд. Аксарияти парвандаҳои ҷиноятиро бе мавҷудияти далелҳои шайъӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Муаллифон мафҳуми зерини далеҳои шайъиро пешниҳод намудаанд: «Далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ашёҳои олами моддие мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба даст оварда шуда, бевосита ва ё бавосита ба ҳодисаи ҷиноят ва ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, алоқаманд буда, аз нигоҳи мурофиавӣ ба расмият дароварда шудаанд ва бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя (суд) бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шудаанд».



**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ, далел, исбот, далели шайъӣ, мафҳум ва аҳамияти далели шайъӣ, такмили танзими ҳуқуқии далелҳои шайъӣ.


## ВЕЩЕСТВЕННЫЕ ДОКАЗАТЕЛЬСТВА В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ: ПОНЯТИЕ, ЗНАЧЕНИЕ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ


Авторы на основе использования обширных научных источников и специальной юридической литературы отечественных и зарубежных авторов современных достижений уголовно-процессуальной науки, анализа уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан, а также сравнительно-правового анализа уголовно-процессуальных законодательств зарубежных государств, в том числе Российской Федерации, рассмотрели понятие и сущность вещественных доказательств, разработали и представили научно-обоснованные предложения и рекомендации по совершенствованию вещественных доказательств в УПК Республики Таджикистан. В частности утверждается, что вещественное доказательство, как самостоятельный вид доказательств, не имеет большую юридическую силу и процессуальное преимущество перед другими доказательствами и, в целом, оценивается с другими доказательствами и способствует доказыванию обстоятельств дел. Авторы предлагают следующее понятие вещественных доказательств: “Вещественные доказательства в уголовном процессе – это объекты материального мира, полученные в установленном процессуальном законом порядке, имеющие прямую, либо опосредованную связь с событием преступления и подлежащим доказыванию обстоятельствами, процессуально закреплены и приобщенны в качестве бавовых к материалам уголовного дела постановлением дознавателя, следователя, прокурора и суда».



**Ключевые слова:** уголовный процесс, доказательства, доказывание, вещественное доказательтсво, понятие и значение вещественного доказательства; совершенствование правового регулирования вещественных доказательства.


## SUBSTANTIAL EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEDURE: CONCEPT, SIGNIFICANCE AND IMPROVEMENT OF LEGAL REGULATION


The authors, based on the use of extensive scientific sources and special legal literature of domestic and foreign authors of modern achievements of criminal procedural science, analysis of the criminal procedural legislation of the Republic of Tajikistan, as well as a comparative legal analysis of the criminal procedural legislation of foreign states, including the Russian Federation, considered the concept and essence of material evidence, developed and presented scientifically grounded proposals and recommendations for improving material evidence in the Code of Criminal Procedure

of the Republic of Tajikistan. In particular, it is argued that physical evidence, as an independent type of evidence, does not have great legal force and procedural advantage over other evidence and, in general, is assessed with other evidence and contributes to proving the circumstances of the case. The authors propose the following concept of material evidence: “Material evidence in criminal proceedings is objects of the material world, obtained in the manner prescribed by procedural law, having a direct or indirect connection with the crime event and the circumstances to be proved, procedurally fixed and attached as bavaids to the materials of the criminal cases by a resolution of an inquiry officer, investigator, prosecutor and court. "

**Keywords:** criminal procedure, evidence, proof, material evidence, concept and meaning of material evidence; improving the legal regulation of material evidence.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмудов И.Т.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**
***Хоҷаева Н.Б.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992) 918-65-82-88**

**Сведения об авторах:** ***Махмудов И.Т.*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующая кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**
***Ходжаева Н.Б.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 918-65-82-88**

**Information about the authors**: ***Makhmudov I.T.*** - Tajik National University, Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of judicial law and prosecutor’s supervision of law faculty. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**
***Khodzhaeva N.B.*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone **(+992) 918-65-82-88**

**УДК: 342 (575.3)**

# ИНЪИКОСИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК

***Элназаров Д.Х.***
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

Гузаштагони тоҷик дар мулкҳои Суғду Бохтар, Хоразму Хуросон аз давраи қадим сукунат намуда, ба ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳои қадима таъсири бузург расонидаанд. Дар давраи тамаддуни зардуштӣ, ки аз ибтидои ҳазораи яки қабл аз мелод то қарни VII мелодиро фаро мегирад, қисмати асосии мардуми форсу тоҷик зери таъсири тамаддуни ҳуқуқии зардуштӣ қарор дошт. Сарчашмаҳои ҳуқуқии «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» [7,с.58; 13,с.36-37] ва ғайра аз дастовардҳои ҳуқуқие буданд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар ин давра муқаррар мекарданд.

Қобили қайд аст, ки мардуми форсу тоҷик аз қадим ба инсон ҳамчун ба муъҷизаи марказии олам муносибат намуда, ҳамеша дар боби ҳурмату эҳтироми ҳаққи инсон, волоияти мақоми он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқукҳои молумулкӣ ва озодии ӯ фикрҳои судманд гуфтаанд.

Яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар давраи охири тамаддуни зардуштӣ нозил шудааст, нақл дар бораи марди рӯҳониест бо номи Вироф, ки ба ҷаҳони мурдагон сафар кардааст. Вироф дар мурофиаи судии охират ширкат варзида, аз он нақл мекунад, ки чӣ тавр дар он дунё шахсоне, ки ҳуқуқҳои инсонро поймол кардаанд, сазовори ҷазо мегарданд ва онҳое, ки кори нек кардаанд, қадр карда мешаванд [13,с.43]. Тибқи ин сарчашма ҷазои вазнин барои дуздӣ, зино, расонидани зарари маънавӣ муқаррар шудааст. Ҳуқуқ ба моликият, ба шаъну шараф, тозагии оила, муҳити зист дар ин сарчашма ҳамаҷониба ҳифз гардидаанд [7,с.48]. Ин асар мазмунан ба ривояти мисрӣ ва мурофиаи судии Осирис монандӣ дорад.

Баъд аз паҳн гардидани дини ислом дар Осиёи Марказӣ ҳуқуқи исломӣ ҳамчун қисмати таркибии он ба ин минтақа роҳ ёфт. Сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ чун муайянкунандаи ҳадду мазмуни ҳуқуқи инсон баромад мекарданд. Акнун мазмун ва муҳтавои инсон ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ аз назари ҳуқуқи исломӣ ва таълимоти динии нав таҳлил мегардид. Гарчанде дар давраи ибтидои паҳншавии ҳуқуқи исломӣ аз ҷониби

ғозиёни исломӣ (онҳое, ки бо зӯрӣ исломро паҳн менамуданд) [7,с.104] ақидаҳои суннатгароӣ бештар ҳис мешуд, вале баъдан исломи асрҳои миёна аз таҷрибаи идоракунии шоҳони Аҷам, фалсафаи Юнон ва ҳуқуқи римӣ васеъ истифода менамояд. Маҳз тавассути олимону донишмандони ғайриараб (Форобӣ, Берунӣ, Ғазолӣ, Сино ва дигарон) ислом аз ин манбаъҳои пурғановати маънавӣ истифода намуд. Ҳамин тавр, назария оид ба хуқуқи инсон ба зинаҳои нави инкишофи ақлгароёнаи худ расид, ки дар он инсон ҳамчун мавҷудоти марказӣ таҳлил мешуд. Олимону ҳуқуқшиносони форс-тоҷик дар пайи эҷоди арзишҳои нави ҳуқуқии таъйиноти Қуръон, ҳадис ва дигар сарчашмаҳои шаръиро ба назар гирифта [12,с.92], воситаҳои миллии эҷод, таҳия ва танзими ҳуқуқи инсонро кор карда баромаданд.

Асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ роҷеъ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон панду андарзҳои зиёде гуфтааст. Ӯ тамоми инсонҳоро, новобаста аз вазъи иҷтимоию нуқсони ҷисмонӣ, дар як сатҳ гузошта, мардӣ ва ҷавонмардиро ба шахсоне мансуб донистааст, ки дасти маъюбону ятимонро гирифта, онҳоро чун инсони комил эътироф мекунанд:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодав бигирӣ, мардӣ [11,с.78].

Ақидаҳои Рӯдакӣ бештар ба ҷанбаҳои ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон бахшида шуда, дар онҳо омилҳои табиӣ ва иҷтимоии ҳифзи ҳуқуқҳои барҷомондагон ва пиронсолон махсус таъкид шудаанд. Дар «Қасидаи шикоят аз пирӣ» шоир бештар аз рӯзгори пирӣ ҳамчун давраи нотавонии инсон изҳори мулоҳиза намуда, зарурати нигоҳубин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро дар ин давра баён намудааст.

Гарчанде Форобӣ падари фалсафаи сиёсии араб ба шумор равад ҳам, андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ӯ дар ташаккул ва тақвияти ақидаҳои ҳуқуқии мардуми форс хеле назаррас мебошад. Ақидаҳои ҳуқуқии ӯ дар асарҳояш «Шаҳри накурой», «Моҳияти қонунҳои Афлотун» ва «Сухан оид ба таснифи илмҳо» гирд оварда шудаанд. Бахусус дар асари «Шаҳри накурой» [6,с.5; 12,с.66] ӯ ба ташкили ҷомеаи адлпарвар кӯшиш намуда, роҳҳои нигоҳ доштани идоракунии адолатнок ва таъмини некуаҳволии мардумро муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ, санъати идоракунии ҳоким бояд ба таъмини шароити мусоид барои хушбахтии одамон мувофиқат кунад. Дар пояи фаҳмиши хушбахтон ва бадбахтон ӯ ҷамъияти давлатҳои нек ва бадро кашф мекунад. Танҳо дар давлатҳои нек инсон худро озод ва хушбахт ҳисобида метавонад.

Тибқи ақидаи Форобӣ, ҳар як шаҳрванди шаҳри идеалӣ бояд дар ҳолати озодии дохилӣ ва баробарии зоҳирӣ қарор гирад. Ҳамин тавр, ба тариқи сатҳӣ ҳам бошад, Форобӣ заминаҳои назарияи ҷомеаи шаҳрвандиро ҳанӯз дар он давра кор карда баромад, ки асоси онро баробарии шаҳрвандон, озодӣ ва таъмини хушбахтии аъзои ҷомеа ташкил медиҳад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари зинда намудани тамаддуни мардуми форсу тоҷик ғояҳои олии инсондӯстии шоҳигариҳои Пешдодию Каёнии Аҷамро бо низоми устувори давлату давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и безавол манзури ояндагон гардонидааст [3,с.93]. Ӯ аз адлу инсоф, баробарию бародарӣ, озодию мустақилияти халқу миллатҳо дар либоси назм ақидаҳои судманду ибратбахш гуфтааст. Фирдавсӣ то дараҷае ҳуқуқи инсонро мадди назар гирифтааст, ки дар пайравии таҷрибаи идоракунии шоҳони одили Сосонӣ дар ҳолати наборидани борони баҳор аз заминҳои лалмӣ гирифтани андозро манъ кардааст:

Абӯалӣ Алӣ Аҳмад ибни Муҳаммад Ибни Масъуд ибни Яъқуб ибни Мискавайҳ (932/936 - 1030) муаррих, шоир ва файласуфи машҳури тоҷик мебошад, ки ҳаёти бобаракаташро дар ҳудуди муосири Эрон ва Ироқ сипарӣ намудааст. Мискавайҳро дар таърихи фалсафаи исломӣ "Устоди Сеюм" [8,с.193] номидаанд ва аввалин мутафаккири пайрави дини ислом мебошад, ки илми ахлоқ, яъне фалсафаи амалиро, ки масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи он таҳлилу баррасӣ мегардиданд, аз нуқтаи назари илмӣ тафсир ва пешниҳод намудааст. Дар Шарқ ба сари ҳокимият омадани ин ё он сулола, салтанат ё аморат заминаи ҷамъ овардани намояндагони бузурги илму маърифат - шоиру нависандагон, ҳакимону нобиғаҳо дар дарбор гашта, ба василаи онҳо сарнавишти салтанату сулолаҳо таҳия ва дар таърихномаҳо навишта мешуд. Намунаи равшани чунин равандро мо дар симои Абӯалии Сино ва Мискавайҳ мушоҳида менамоем. Аз ҷумла, Абӯалӣ ибни Сино дар даврони сулолаи Сомониён (875-1005) ҳаёт ба сар бурда, бо афкори тиббию фалсафиаш ҳам номи худ ва ҳам номи ин сулоларо дар таърих абадӣ гардонидааст. Мискавайҳ, дар навбати худ, маъруфтарин шахсияти илмӣ-фарҳангии давлати Бувайҳиён (945-1056) ба шумор меравад. Ӯ аз як тараф, ҳамчун як таърихнигор,

ҳодисаҳои таърихро аз "Тӯфони Нӯҳ" то асри X дар асари шашҷилдааш - "Таҷориб-ул-умам" гирд оварда, аз тарафи дигар, фалсафаи амалии мутафаккирони гузаштаю муосирашро дар "Таҳзиб-ул-ахлоқ" [8,с.194] таҳлилу баррасӣ намуда, бо ин ду асар ҳам худаш ва ҳам мақоми сулолаи Бувайҳиёнро ба ҷаҳониён шиносонидааст.

Абӯҳамид Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111) яке аз бузургтарин алломаҳои форсу тоҷик аст, ки доир ба ҳуқуқ, давлатдорӣ, фалсафа ва диншиносӣ асарҳои зиёде таълиф намуда, барои пешбурди тамаддуни пешқадами асрҳои миёнаи Шарқ хизмати арзандае кардааст. Аз Муҳаммад Ғазолӣ асарҳои зиёд то ба замони мо омада расидаанд. Дар байни онҳо «Кимиёи саодат», «Эҳё улум-ид-дин», «Насиҳат-ул-мулук» [3,с.78] ва ғайра маъруфу машҳур мебошанд. Ақидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳуҷҷатулислом Муҳаммад Ғазолӣ дар аксари асарҳои ӯ ба назар мерасанд, вале дар байни онҳо «Насиҳат-ул-мулук» сирф ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Ғазолӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро бо роҳи тарбия намудани мақомоти роҳбарикунанда талқин мекунад. Аз ин назар ӯ ба фалсафаи сиёсии юнониён, подшоҳони Аҷам, паёмбарони қавми яҳуд ва асосгузорону донишмандони исломӣ такя намуда, кӯшиши дар доираи адл, инсоф, авф, баробарӣ, хайрхоҳӣ маҳдуд намудани ҳокимиятро талқин менамояд. Ӯ ба ҳокимон муроҷиат намуда, чунин андарзҳо мегӯяд: «Фарзанди одамро адл кун, ҳамчунон ки бо ту адл кунанд».

«Ҳамдастон мабош бо зулм, ки вилоят вайрон шаваду раият дарвеш гардад. Ту он гоҳ подшоҳи дарвешон бошиву солори вайронӣ ва дар ҷаҳон бадном шавӣ».

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1184-1293) яке аз мутафаккирони бузурги форсу тоҷик аст, ки дар мавзӯи баробарии инсонҳо, дастгирии ятимон, маъюбон ва дармондагон андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Ӯ тамоми одамонро мансуб ба табиати ягонаи одамӣ ҳисобида, таъкид мекунад, ки онҳо бояд дар ғаму шодии якдигар шарик бошанд, ба зердастон раҳму шафқат намуда, ятимону бепарасторонро эҳтиром созанд: «Ҳар кӣ ба зердастон набахшояд, ба ҷабри забардастон гирифтор ояд». «Бар раияти заиф раҳм кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ» [11,с.126].

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар асари безаволаш «Маснавии маънавӣ» [10,с.531] пайванди ногусастании дӯстии мардуми форс, араб ва туркро суруда, дар либоси назм ҳамдигарфаҳмию гуфтугӯйи воқеии намояндагони динҳои масеҳият, насрония ва исломро бо маърифати баланди инсонӣ сурудааст:

Дар маонӣ қисмату аъдод нест,
Дар маонӣ таҷзия в-афрод нест.
Иттиҳоди ёр бо ёрон хуш аст,
Пойи маънӣ гир, сурат саркаш аст [11,с.128].

Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) роҷеъ ба адолати иҷтимоӣ изҳори назар намуда, аввалин шуда зарурати фардикунонии мансабдорони давлатиро таъкид кардааст. Тибқи ақидаи ӯ, як шахс дар як вақт наметавонад ҳам низоми идории шаҳрро бар ӯҳда дошта бошад ва ҳам низоми идории деҳро. Дар чунин сурат ҳуқуқҳои инсонҳо поймол мегарданд, зеро шаҳр барои қонеъ гардонидани талаботи худ неруи муайянро доимо талаб дорад ва деҳ бошад, мутобиқан сарвари худро бояд дошта бошад [2,с.453]. Гузашта аз ин, дар чунин сурат як шахс бар манфиати худ суиистифода аз мансаб намуда, ҳуқуқҳои авомро поймол хоҳад намуд. Аммо дар масъалаи қонунгузорӣ бошад, Сино ҷонибдори он аст, ки як мақоми қонунбарор метавонад ҳам барои танзими низоми шаҳр ва ҳам барои танзими низоми деҳ қонун қабул намояд. Ба назар чунин мерасад, ки ин табиби бузург аз илми сиёсат ва ҳуқуқ хуб огоҳӣ дошта, аввалин шуда назарияи тақсимоти ҳокимиятро дар Шарқ тарҳрезӣ намудааст.

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсии машҳур ба Низомулмулки Тӯсӣ (1017-1092) шахсест, ки дар ҳаёти сиёсӣ, адабӣ ва мадании халқҳои Шарқ мавқеи хоссаро дорост. Ӯ дар байни мутафаккирони форсу тоҷик ва умуман ҷаҳон яке аз аввалин шахсиятҳои сиёсиест, ки дар сари қудрати вазирӣ нишаста, бо супориши сарвари замони хеш китобе роҷеъ ба идораи давлат бо номи «Сиёсатнома» [11,с.367; 12,с.173] навиштааст. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ба давлату давлатдорӣ диққати махсус дода, назарияи идоракунии шарқиро, ки аз таҷрибаи пешқадами шоҳони пешин ва замони исломӣ сарчашма мегирифт, барои давлатҳои қуруни вустоӣ ҳамчун намунаи амсила тарҳрезӣ намудааст, ки дар он хушбахтии инсон ва ҳимояи ҳаққу инсоф мавқеи марказиро ишғол менамояд.

«Чун дуои халқ ба некуӣ пайваста гардад, мулк пойдор бувад ва ҳар рӯз зиёдат бошад, он малик аз давлату рӯзгори худ бархӯрдор бувад. Бад-ин ҷаҳон номи неку ва бад-он ҷаҳон растагорӣ ёбад ва ҳисобаш осонтар бувад, ки бузургон гуфтаанд: «Мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд».

Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз машҳуртарин донишмандони замони Абдураҳмони Ҷомию Алишери Навоӣ буда, бо эшон мукотибаю дӯстӣ доштааст. Мақоми ӯ махсусан дар воизиву тарғиби ахлоқи ҳамида шоистаи таваҷҷуҳ аст. Мероси адабиву ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ доманаи бепоён дошта, он мабнои фанҳои таърих, тафсир, тасаввуф, фиқҳ ва ғайраро фарогир аст. Ба қавли муҳаққиқин, миқдори асарҳои илмии ӯ беш аз чил номгӯй аст. Дар байни онҳо «Тафсири Ҳусайнӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Рисолаи Ҳотамия», «Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ул-ашъор», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Мавоҳиб-ул-зуҳал» [11,с.502] ва ғайраҳо мавқеи назаррасро ишғол менамоянд. Дар асарҳои ӯ назарияҳои ҷолиби диққат оид ба адлу ҳақиқат, инсоф ва ҳуқуқу озодиҳои инсон баён ёфтаанд.

Додгарӣ шарти ҷаҳон дорияст,
Давлати боқӣ зи камозорияст.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад барор [11,с.504].

Дар охир метавон гуфт, ки адабиёт дар зеҳну тафаккури афроди ҷомеа беҳтарин арзишҳои инсониро парвариш медиҳад. Дар саҳифаҳои заррини адабиёти классикии тоҷик, ки таърихи чандинҳазорсола дорад, ғояҳои олии башарият тарғибу ташвиқ гардидаанд, ки онҳо барои хештаншиносии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Самти дигари худшиносиву худогоҳии инсон аз ҳифзи Ватан-Модар ва ҷомеа бармеояд. Ҳифзи Ватан, пеш аз ҳама, ҳифзи хонаи худ ба шумор меравад. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтааст: «Ватандӯстӣ ва амнияти миллӣ асоси сиёсати давлатии мо мебошад».

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» асос ёфта, аз дигар санадҳои қонунгузорӣ, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Агар одамон эҳсоси ватандӯстӣ намедоштанд, аз зебоии хонаи худ, кишвари худ, Ватани хурду бузургашон ҳаловат бурда наметавонистанд. Ҷангҳо дар ҳамаи давру замонҳо буданд, аммо ҳазорҳо сарбозон муҳофизони Ватан низ буданд, ки барои Ватани худ ҷони хешро дареғ намедоштанд. Торумор кардан ва рондани душман ҳамеша вазифаи муқаддаси ҳар як сокини кишвар дониста мешуд [4,с.567; 1,с.306]. Бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ин лаҳзаҳо онҳоро фақат як чиз муҳаббат ба Ватан ба корнамоиҳо ҳидоят менамуд.

Дар тарбияи ватандӯстии, мардум шоирону нависандагон нақши муҳим мебозанд. Фирдавсии бузург навиштааст:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [5,с.253].*

Ӯ баробари ватандӯстӣ сипоҳиёнро ба тартибу интизом ва омодагии ҳамешагии ҷангӣ даъват карда, хештаншиносию худогоҳӣ, ваҳдату ягонагӣ ва муттаҳидиро тарғиб менамояд.

Шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ бошад чунин мегӯяд:

*Дар сафои сураи Қуръон сухан омӯхтам,*
*Аз китоби зери болинам Ватан омӯхтам [9,с.87].*

Дар ин байт устод Лоиқ иброз медорад, ки замонҳои пеш, вақте ки кӯдак таваллуд мешуд, модарони азиз ва бибиҳо китобҳои муқаддаси «Қуръон», «Ҳафтяк», «Чоркитоб», девони Ҳофизу Камол, Бедилу Ҷомӣ ва ғайраҳоро зери болини навзодон мегузоштанд, то тансиҳат ба воя расанд. Албатта, ин аз худогоҳ ва инсони комил будани гузаштагони мо шаҳодат медиҳад.

Ё ки шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри худ «Ба Ватан» изҳор кардааст, ки тайёр аст чизи аз ҳама беҳтарин - ҷонашро дар роҳи Ватан нисор намояд:

*Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,*
*То шавам чун каҳрамонони ту ман ҳам қаҳрамон [11,с.353].*

Яке аз намунаҳои шоҳкориҳо баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ иншошуда, ки бузургӣ ва ҳифзи Ватанро барои тоҷикон ва тоҷикистониён тараннум мекунад, Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муаллифаш Гулназар Келдӣ) мебошад.

Суруди миллӣ дар мазраи дилҳои ҳар як шаҳрванд тухми садоқату муҳаббат ба Ватанро кишт мекунад.


**АДАБИЁТ**

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Осор. -Душанбе: Адиб, 1989. -544 с.
2. Абӯали ибни Сино. Осор. -Душанбе: Дониш, - Ҷ.2. -С.593-618.
3. Абӯнаср ал-Форобӣ. Ал-Алфоз ал-мустаъмала фи-л-мантиқ. "Ҳаққақаҳу ва қаддама лаҳу ва алака алайҳи Муҳсин Маҳдӣ. -Бейрут, 1968.
4. Айнӣ С. Воспоминания. -М-Л.: Изд-во АН ССР, 1960. -1087 с.
5. Азизов К.Ҷ. Ифтихори ватандорӣ дар "Шоҳнома" / К.Ҷ. Азизов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба "25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". -Данғара, 2016. -С. 251-255.
6. Буриев И.Б. Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ / И.Б. Буриев. -Душанбе: Ирфон, 2016. -232 с. Нашри 2.
7. Буризода Э.Б. таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. –Душанбе: Хирадмандон, 2020. -260с.
8. Қодирзода С.М. Ахлоқ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ. Форуми илмии умумидонишгоҳии "Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ" бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев- аввалин прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (20-21 марти соли 2020) Данғара 2020. -Душанбе: "Графика-83", 2020. -С.192-195.
9. Лоиқ Шералӣ. Куллиёти ашъор. -Душанбе: Адиб, 2001.
10. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ. (дар асоси матни Р.Никелсон ва муқобилаҳо бо дигар нусхаҳо). -Теҳрон: Замон, 2001. -728 с.
11. Рипка Я. История персидской и таджикиской литературы. -М.: Прогресс, 1970. -439 с.
12. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе: Эр-граф, 2011. -460 с.
13. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1 / А.Ғ. Холиқов. -Душанбе: Матбуот, 2002. -301 с.


## ИНЪИКОСИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК


Ҳифзи Ватан на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки қарзи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҳар як шаҳрванд аст. Мутафаккирони форсу тоҷик, ки дар бунёди маънавиёти воло ва фарҳанги олӣ саҳмгузор мебошанд, дар боби маънии зиндагӣ ва ҳаёти инсон панду андарзҳои зиёде гуфтаанд. Дар баробари номуайянии табиати инсон бузургони мо ба кушодани маънии ҳаёт ҳаргиз бетараф набуданд ва кӯшиш кардаанд, ки инсоният мавқеи сазовори худро ишғол намуда, барои имрӯзиёну оянддагон хизматҳои арзанда намояд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» асос ёфта, аз дигар санадҳои қонунгузорӣ, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.



**Калидвожаҳо**: Ватан, ҳуқуқ, давлат, миллат, парчам, мутафаккир, бунёд, муқаддасот, амният, иқтидор.


## ИЗОБРАЖЕНИЕ НАЦИОНОЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ, ЛЮБВИ К РОДИНЕ И ТВОРЧЕСТВА ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ


Защита родины – это не только правовая обязанность каждого гражданина; она также является патриотическим и моральным долгом для каждого. Персидско-таджикские мыслители, внесшие огромный вклад в формировании духовной и культурной ценностей, писали много наставлений и нравоучений о смысле жизни. Перед неопределенностью человеческой природы наши мыслители никогда не оставались в стороне и прилагали все усилия, чтобы человечество заняло достойное место в мимолетной жизни, и внесли свой неоценимый вклад в развитие настоящих и будущих поколений. Законодательство Республики Таджикистан о всеобщей воинской повинности и военной службе основывается на Конституции Республики Таджикистан, Законе Республики Таджикистан «О всеобщей воинской службе и военной службе» и состоит из иных законодательных актов, а также международно-правовые акты, признанные Республикой Таджикистан. Конституция Республики Таджикистан гласит, что защита Родины, защита интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и обороноспособности - священный долг гражданина. Если бы у людей не было чувства патриотизма, они не смогли бы наслаждаться красотой своего дома, своей страны, своей малой и большой родины.



**Ключевые слова:** родина, право, государство, народ, нация, флаг, мыслитель, формирование, ценности, безопасность, потенциал.


## THE IMAGE OF SELF KNOWLEDGE AND PATRIOTISM IN GREAT TAJIK TLINKTRIS NOVELS


The defense of the homeland is not only the legal obligation of every citizen; it is also a patriotic and moral duty for everyone. Persian-Tajik thinkers, who made a huge contribution to the formation of spiritual and cultural values, wrote a lot of instructions and moralizing about the meaning of life. Faced with the uncertainty of human nature, our thinkers never stood aside and made every effort to ensure that humanity took its rightful place in fleeting life and contributed to present and future generations. The legislation of the Republic of Tajikistan on universal military service and military service is based on the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan "On general military service and military service" and consists of other legislative acts, as well as international legal acts recognized by the Republic of Tajikistan. The Constitution of the Republic of Tajikistan says that defending the Motherland, protecting the interests of the state, strengthening its independence, security and defense capability is the sacred duty of a citizen. If people did not have a sense of patriotism, they would not be able to enjoy the beauty of their home, their country, their small and large homeland.



**Keywords:** homeland, law, state, people, nation, flag, thinker, formation, values, security, potential.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Элназаров Д.Х.*** **–** Донишгоҳи Славиянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ. **Суроға:** 734000, ш.Душанбе, хиёбони. М.Турсунзода, 30. Телефон: **(+992) 984-82-75-642**

**Сведения об авторе:** ***Эльназаров Д.Х.*** **–** Российско-Таджикский (Славянский) университет, доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой государственно-правовых диципплин. **Адрес:** 734000, г.Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. Телефон: **(+992) 984-82-75-642**

**Information about the author:** ***Elnazarov D.Kh.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Law, Dotsent, Head of the Department of State and Legal Disciplines. **Address**: 734000, Dushanbe, st. M. Tursun-zade, 30. Phone: **984-82-75-642**

**УДК 343.13(575.3)**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТЕРРОРИЗМ АЗ РӮЙИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Мирзоахмедов Ф.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар аввали асри XXI бисёр давлатҳои ҷаҳон (аз он ҷумла давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ), инчунин ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Афғонистон, Ҳиндустон, Ироқ, Миср, Сурия ва ғ. оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки терроризмро дар худ ҳис намуданд ва мутаассифона, то ҳол ҳис намуда истодаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намуд, ки терроризм проблемаи дохилии як давлат нест, балки масъалаи ҷаҳонӣ аст. Мубориза бо он ҳамчун яке аз қисми таъмин намудани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ гаштааст. Илова бар ин, яке аз самти сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи таъмин намудани амният – мубориза бар зидди терроризм ба шумор меравад. Мубориза бар зидди терроризм ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот пеш аз ҳама, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, амнияту тамомияти арзии тамоми давлатҳои дунё зарар мерасонад ва ё таҳдиди расонидани зарарро дорад.

Бояд қайд намуд, ки терроризми муосир ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқии мураккаб ва бисёрҷабҳа тавсиф меёбад, ки аз ҳудуди таъсири ҳуқуқии дохилидавлатӣ берун баромада, хусусияти байналмилалиро касб намуда, яке аз таҳдидҳои хатарноктарини ҷаҳонӣ ба шумор меравад [2,с.72]. Беҳуда нест, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ олимон мубориза бар зидди терроризмро ҳамчун «ҷанги садсола» баён менамоянд, ки инсоният дар остонаи он қарор дорад [5,с.164].

Яке аз шартҳои ҳамкории бомуваффақияти давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, махусан давлатҳои узви ИДМ дар ҷодаи мубориза бар зидди терроризм – ин мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо дарназардошти стандартҳои ҷаҳонӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷа мебошад. Дар ин ҷода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда истодаанд. Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 26-уми декабри соли 2019 ироа гашта буд, чунин қайд намудаанд: «Мо робитаҳои муассиру самарабахш ва созандаи худро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, шарикони рушд ва ниҳодҳои бонуфузи молиявие, ки бо онҳо тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои судманд дорем, идома хоҳем дод. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз шаҳри Душанбе ба маркази баррасии масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Дар ин росто, танҳо соли ҷорӣ дар пойтахти кишвар як қатор чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба мубориза бар зидди терроризм ва маблағгузории он доир гардиданд» [9].

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) ки 21 майи соли 1998 қабул гардида, 1 сентябри ҳамон сол ба қувваи қонунӣ даромадааст, «терроризм» дар моддаи алоҳида – моддаи 179 КҶ ҷойгир карда шудааст ва таркиби мустақил дорад. Ин модда дар боби 21 КҶ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» фасли VIII КҶ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ» ҷойгир карда шудааст.

Дар солҳои гуногун ба КҶ ҶТ тағйирот ва иловаҳо дохил карда шудаанд, ки дар асоси онҳо ба м. 179 КҶ ҶТ иловатан моддаҳои зерин дохил карда шудаанд: м. $179^1$ «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта, ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо» (Қонуни ҶТ аз 17 майи соли 2004); м. $179^2$ «Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта», м. $179^3$ «Даъвати оммавӣ барои содир намудани

ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ» (Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008).

Бояд қайд намуд, ки дар м. 179 КҶ ҶТ қонунгузор, мафҳуми терроризмро муайян намуда, дар эзоҳи моддаи мазкур ибораи «кирдори террористӣ»-ро истифода бурдааст, ки дар ин ҳолат байни «терроризм» ва «кирдори террористӣ» аломати баробариро гузоштааст, ки ин ҳолат баъзе мушкилиҳоро ба миён меоварад. Чи тавре маълум аст, терроризм ин падидаи ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ аст, ки маҳз вобаста ба ин, ба фикри мо, аломати баробариро байни «терроризм» ва «кирдори террористӣ» гузоштан мумкин нест [6,с.92.]. Қонуни ҷиноятӣ бошад, вобаста ба хусусияти хосси худ метавонад мафҳуми терроризмро танҳо бо роҳи тасвир кардани аломатҳои зоҳиргардии он нишон диҳад, ки дар содир намудани кирдори мушаххас, яъне акти террористӣ ифода мегардад. Дар асоси ин, ба фикри мо, кирдорҳое, ки дар моддаи 179 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, бояд маҳз «акти террористӣ» номида шаванд. Барои ҳимояи ин ақида якчанд далелҳоро овард. Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки пешниҳоди баъзе олимон оиди истифода намудани истилоҳи «амали террористӣ» барои номгузорӣ намудани ин ҷиноят, маънои васеъро дорад, ки дар Конуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» амали террористӣ ҳамчун бевосита содир намудани ҷинояти дорои хусусияти террористӣ муайян гардидааст. Илова бар ин, таҷрибаи давлатҳои хориҷиро низ истифода намудан аз манфиат холӣ нест, масалан таҷрибаи Федератсияи Россияро, ки мақомоти қонунгузори ин кишвар пас аз 10 соли қабул намудани Кодекси ҷиноятии худ аниқтараш соли 2006 маҳз ба ҳамин хулоса омада, номи моддаи 205 КҶ ФР «Терроризм»-ро ба «Акти террористӣ» иваз намуданд [11], ки ба ақидаи мо дуруст аст. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки истилоҳи «акти террористӣ» аллакай дар моддаи 310 КҶ ҶТ «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳангоми сохтани диспозитсияи он истифода шудааст. Аз ин сабаб барои роҳ надодан ба хатогиҳо чунин пешниҳод дорем: якум, номи моддаи 179 КҶ ҶТ -«Терроризм» ба «Акти террористӣ иваз карда шавад»; дувум – дар эзоҳи моддаи 179 КҶ ҶТ истилоҳи «кирдори террористӣ» ба «акти террористӣ» иваз карда шавад; сеюм – аз диспозитсияи моддаи 310 КҶ ҶТ ибораи «акти террористӣ» хориҷ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳое вуҷуд доранд, ки мувофиқи онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ моддаи алоҳиде, ки ҷавобгариро барои терроризм пешбинӣ намояд, лозим нест, зеро, ба ақидаи олимон, дар Кодекси ҷиноятӣ моддаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо барои содир намудани амалҳои алоҳидаи террористӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст [8,с.24; 10,с.33]. Ин ақида, ба фикри мо баҳснок аст, зеро бо шаклҳои гуногун зоҳир гаштани актҳои террористиро дар замони муосир, моддаҳои мавҷудбудаи КҶ ҶТ дар бар гирифта наметавонанд. Бинобар ин, бо ҷудо намудани моддаи алоҳида дар Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои терроризм пешбинӣ менамояд, қонунгузор ин камбудиро бартараф намуд. Яъне, таҳдиди содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон, ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, криминализатсия карда шудаанд [3].

Зери мафҳуми терроризм, дар асоси қ. 1 м. 179 КҶ ҶТ содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, фаҳмида мешавад. Аммо, дар ин мафҳуми терроризми пешбининамудаи қонунгузор низ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки онҳо мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Масалан, муқаррарот оиди он ки оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки акти террориистӣ мумкин аст дар хавфи марги одамон ифода ёбанд, ба фикри мо, ба аниқу равшан намудан эҳтиёҷ доранд, барои он ки дар ин ҷо суоле ба миён омаданаш мумкин аст, ки агар содир намудани акти террористӣ боиси хавфи марги як одам гардад, пас дар ин ҳолат чӣ бояд кард? Оиди ин масъала муҳаққиқони зиёд бар он ақидаанд, ки барои бандубаст намудани ин ҷиноят марги як нафар ҳам кифоя аст [1,с.278; 4,с.9]. Ақидаи мазкурро дастгирӣ намуда, чунин меҳисобем, ки барои баҳои аниқ додан ва дуруст бандубаст намудани акти террористӣ хубтар мешавад, ки дар вақти муайян намудани сохти таркибии моддаи 179 КҶ ҶТ бо нишон додани марги як инсон маҳдуд гардем. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки дар диспозитсияи м. 179 УК РТ ибораи «марги одамон» ба «марги одам» иваз карда шавад.

Илова бар ин, мувофиқи диспозитсияи м. 179 КҶ ҶТ оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ҳангоми содир намудани терроризм дар «ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок» пешбинӣ гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки ҳар як ҷиноят оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро ба вуҷуд меорад ё таҳдиди ба вуҷуд омадани онҳо мавҷуд аст [7,с.19]. Бинобар ин, ҷойгир намудани истилоҳоти «оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок» дар диспозитсияи м. 179 КҶ ҶТ баъзе нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад. Бояд қайд намуд, ки қонунгузор, ба фикри мо, он оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро дар назар дорад, ки онҳо аз рӯйи хусусият ва дараҷаи хавфнокиашон ба марги инсон ва ё зарари ҷиддии молумулкӣ баробар мебошанд. Дар ин ҳолат, ба андешаи мо, бояд ҳангоми тавсифи терроризм, ки мантиқан дуруст меояд, истилоҳи «ба миён омадани оқибатҳои дигари хавфнок»-ро бояд истифода кард. Ба андешаи мо, дар ин ҳолат оиди он оқибатҳои хавфноке, ба монанди расонидани зарари миёна ё вазнин ба саломатии як одам ё одамони зиёд, қатъ намудани алоқаи автомобилӣ, аз он ҷумла заминӣ, ҳавоӣ, обӣ ё роҳи оҳан ва ғайра сухан меравад. Дар асоси гуфтаҳои боло чунин пешниҳод менамоем, ки дар диспозитсияи м. 179 КҶ ҶТ муқаррароти «оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок» ба «оқибатҳои дигари хавфнок» иваз карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси диспозитсияи м. 179 КҶ ҶТ, таҳдиди содир намудани кирдорҳои дар он зикршуда ҳамчун ҷинояти ба охиррасида эътироф гардидааст. Аммо ин ҳолат низ баъзе аниқнамоиҳоро талаб менамояд. Албатта, мо бояд эътироф намоем, ки таҳдиди содир намудани кирдорҳои дар диспозитсияи м. 179-и КҶ ҶТ пешбинигардида ба оқибатҳои зарарнок оварда мерасонанд (масалан, ба вуҷуд овардани тарси одамон, ба воҳима андохтани одамон, вайрон намудани алоқаи нақлиётӣ ва ғ.). Аммо онро низ эътироф намудан лозим аст, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин таҳдид аз хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии оқибатҳои воқеии бавуҷудомада ҳангоми содир намудани акти террористӣ камтар аст. Бинобар ин, чунин фикр дорем, ки баробар намудани ин ду ҳолат дар диспозитсияи м. 179-и КҶ ҶТ, ба мақсад мувофиқ нест. Барои ҳал намудани ин масъала, мо чунин пешниҳод дорем, ки бо назардошти он ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии таҳдиди анҷом додани кирдорҳои дар м. 179 зикршуда назар ба воқеан анҷом додани онҳо камтар аст, дар КҶ ҶТ моддаи алоҳида барои таҳдиди анҷом додани акти террористӣ ҷудо гардад, ки ҷазои он назар ба содир намудани акти террористӣ, ки дар м. 179 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, камтар бошад.

Аммо бояд қайд намуд, ки суоли дигаре оиди муайян намудани ҷазо барои чунин ҷиноят ба миён меояд. Таҳлили санксияҳои баъзе аз меъёрҳои КҶ ҶТ, ки дар онҳо таҳдид ҳамчун ҷинояти хотимаёфта эътироф гардидааст (м. 120 КҶ ҶТ – Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), инчунин м. 180 КҶ ҶТ – Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ, ба мо имконият доданд, то ба хулосае оем, ки таҳдиди анҷом додани амали террористӣ сазовори ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол мебошад.

Дар охир ҳаминро бояд қайд намоем, ки пешниҳодҳои дар боло овардашуда вобаста ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм, як кӯшиши таъсир расонидан ба раванди пешгирӣ ва муқовимат ба терроризм бо усулҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Антонян Ю.М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование. Монография / Ю.М. Антонян. -М.: Щит-М, 1998. – 306 с.
2. Дегтярёв А.В. Проблемы правового регулирования преступлений террористической направленности / А.В. Дегтярёв, А.К. Киселев // Юридическая наука. – 2014. – № 1. – С. 72-75.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998 (дар ҳолати аз 17.05.2018). [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дохилшавӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 26.11.2019).
4. Кириллов И.А. Уголовно-правовые меры борьбы с терроризмом. Учебное пособие для вузов / И.А. Кириллов. – М.: Академия управления МВД России, 1999. – 65 с.
5. Малков В.Д. Уголовно-правовые и криминологические характеристики терроризма и его предупреждение в системе обеспечения национальной безопасности России / В.Д. Малков // Общество и право. – 2012. – № 4 (41). – С. 164-171.
6. Мирзоахмедов Ф.А. К вопросу об определении понятия терроризма / Ф.А. Мирзоахмедов // Правовая жизнь. – 2015. – № 4 (12). – С. 84-95.
7. Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ф.А. Мирзоахмедов. – М., 2016. – 26 с.
8. Назаркин М.В. Криминологическая характеристика и предупреждение терроризма: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / М.В. Назаркин. – М.: Академия управления МВД России, 1998. – 197 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/21975 (санаи истифодабарӣ: 30.12.2019).
10. Терроризм: психологические корни и правовые оценки. «Круглый стол» // Государство и право. – 1995. - № 4. – С. 33-34.
11. Федеральный закон от 27.07.2006 № 153-ФЗ «О внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации в связи с принятием Федерального закона «О ратификации Конвенции Совета Европы о предупреждении терроризма» и Федерального закона «О противодействии терроризму» (с изм. и доп.)» [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://base.garant.ru/12148566/ (дата обращения: 26.11.2019).

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТЕРРОРИЗМ АЗ РӮЙИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола дар бораи баъзе масъалаҳои такмилдиҳии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сухан меравад. Дар натиҷаи омӯхтани адабиётҳои илмӣ оиди мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд карда мешавад, ки мубориза бар зидди терроризм яке аз омилҳои таъмин намудани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи таъмин намудани амният – мубориза бар зидди терроризм ба шумор меравад. Нишон дода мешавад, ки яке аз шартҳои ҳамкории бомуваффақияти давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, махусан давлатҳои узви ИДМ дар ҷодаи мубориза бар зидди терроризм – ин мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо дарназардошти стандартҳои ҷаҳонӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷа мебошад. Қайд карда мешавад, ки дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 майи соли 1998 қабул гардидааст, «терроризм» дар моддаи алоҳида – моддаи 179 КҶ ҷойгир карда шудааст ва таркиби мустақил дорад. Аммо дар ин модда то ҳол баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ба раванди пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм монеаҳо эҷод мекунанд. Аз ин лиҳоз, барои бартараф намудани ин камбудиҳо ва мукаммалгардонии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд, аз тарафи муаллиф якчанд пешниҳодоти муфид манзур гардидаанд. Хулоса карда шудааст, ки пешниҳодҳои дар мақола овардашуда вобаста ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм, як кӯшиши таъсир расонидан ба раванди пешгирӣ ва муқовимат ба терроризм бо усулҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** терорроризм, террор, амали террористӣ, акти террористӣ, мафҳуми терроризм, мубориза бар зидди терроризм, муқовимат ба терроризм, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ТЕРРОРИЗМ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье речь идет о некоторых вопросах совершенствования уголовной ответственности за терроризм по законодательству Республики Таджикистан. В результате изучения научной литературы по теме исследования и уголовного законодательства Республики Таджикистан, отмечается, что борьба с тероризмом стала важнейшей частью обеспечения национальной и международной безопасности. Поэтому одним из приоритетных направлений уголовно-правовой политики Республики Таджикистан в деле обеспечения безопасности является борьба с терроризмом. Указывается, что одним из условий успешного сотрудничества стран мирового сообщества, в частности стран СНГ, в борьбе с терроризмом является совершенствование национального уголовного законодательства с учетом международных стандартов и передового зарубежного опыта. Отмечается, что в действующем Уголовном кодексе Республики Таджикистан, принятом Маджлиси Оли Республики Таджикистан 21 мая 1998 года, «терроризм» выделен в отдельную статью – 179 УК и имеет самостоятельный состав. Однако до сих пор в данной статье наблюдаются некоторые недостатки, которые могут создавать барьеры в процессе предупреждения и борьбы с терроризмом. Исходя из этого, для устранения этих недостатков и совершенствования Уголовного кодекса Республики Таджикистан в данном направлении автором приведено несколько выгодных предложений. Делается вывод, что приведенные в статье предложения по внесению изменений и дополнений в Уголовный кодекс Республики Таджикистан, касающиеся уголовной ответственности за терроризм, являются попытками влиять на процесс предупреждения и противодействия терроризму методами уголовно-правового воздействия.

**Ключевые слова:** терроризм, террор, акт терроризма, террористический акт, понятие терроризма, борьба с терроризмом, противодействие терроризму, уголовная ответственность за терроризм.

## SOME QUESTIONS OF IMPROVING CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR TERRORISM UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with some issues of improving the criminal liability for terrorism under the legislation of the Republic of Tajikistan. As a result of studying the scientific literature on the topic of research and the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, it is noted that the fight against terrorism has become an essential part of ensuring national and international security. Therefore, one of the priority areas of the criminal law policy of the Republic of Tajikistan in ensuring security is the fight against terrorism. It is indicated that one of the conditions for successful cooperation of the countries of the world community, in particular the CIS countries in the fight against terrorism is the improvement of national criminal legislation, taking into account international standards and best foreign practices. It is noted that in the current Criminal Code of the Republic of Tajikistan adopted by the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on May 21, 1998, “terrorism” is singled out in a separate article - 179 of the Criminal Code and has an independent composition. However, so far in this article there are some shortcomings that can create barriers in the process of preventing and combating terrorism. Based on this, in order to eliminate these shortcomings and improve the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in this direction, the author presents several advantageous proposals. It is concluded that the proposals in the article on introducing amendments and additions to the Criminal Code of the Republic of Tajikistan regarding criminal liability for terrorism are attempts to influence the process of preventing and countering terrorism, using criminal law methods.

**Keywords:** terrorism, terror, act of terrorism, terrorist act, concept of terrorism, the fight against terrorism, counter-terrorism, criminal liability for terrorism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоахмедов Фирдавс Аҳмадович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мубориза бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. E-mail: **mfa2@yandex.ru**. Телефон: **919-53-36-11**

**Сведения об авторе:** ***Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mfa2@yandex.ru**. Телефон: **919-53-36-11**

**Information about the author:** ***Mirzoakhmedov Firdavs Akhmadovich*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **mfa2@yandex.ru**. Phone: **919-53-36-11**

**УДК: 340.1**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАФСИРИ ҲУҚУҚ

***Давлатзода Ш.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои муайян кардани техникаи ҳуқуқӣ дар раванди тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба андешаи мо, бояд мафҳумҳое, ба монанди техникаи ҳуқуқӣ ва тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ тавзеҳ дода шаванд.

Дар таърифи мафҳуми "технологияи ҳуқуқӣ" якчанд равишҳо мавҷуданд: 1) инструменталӣ: технологияи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳои муайяни ҳуқуқӣ (усулҳо, воситаҳо), ки барои такмили ҳуқуқ зарур аст [6,с.293];

2) фаъолият: ҷонибдори ин равиш В.И. Червонюк мебошад, ки ба андешаи ӯ, техникаи ҳуқуқӣ истифодаи усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки оқилонаи ҳуқуқӣ мебошад, воситаҳо ва расмиёти ворид кардани қонун ба шуур, рафтор ва фаъолияти намудҳои алоҳида ва ҷомеаҳои иҷтимоӣ, ки бо таҷриба санҷида шудаанд [8,с.36];

3) сифатӣ: тарафдорони ин равиш техникаи ҳуқуқиро сатҳи такомули қонуни амалкунанда мешуморанд [6,с.293];

4) динамикӣ: технологияи ҳуқуқӣ на танҳо маҷмӯъ, системаи унсурҳои муайян, балки фаъолият низ ҳисобида мешавад;

5) муносибати ҳуҷҷатӣ: намояндаи намоёни он А.Ф. Черданцев мебошад, ки ӯ техникаи ҳуқуқиро чунин муаян кардааст – маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо, усулҳои таҳия, таҳия, бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ба низом даровардан ва баҳисобгирии онҳо [8,с.35].

Ба андешаи мо, техникаи ҳуқуқӣ бояд ҳамчун маҷмӯи принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва усулҳои муайяне, ки барои босифат навиштан ва иҷрои матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заруранд, фаҳмида шавад.

Инчунин, қоидаҳои техникаи ҳуқуқие мавҷуданд, ки тасдиқи қонунгузории худро нагирифтаанд. Ин қоидаҳоро аз рӯйи хусусияти робитаҳояшон бо унсурҳои техникаи ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст:

1) қоидаҳои сохторӣ. Ин қоидаҳо дар тарҳрезии дурусти сохтори ҳар як санади мушаххаси ҳуқуқӣ: сарлавҳа, дебоча, муқаррароти ниҳоӣ, инчунин ҷузъиёти дахлдори ҳуқуқии санадҳо ифода ёфтаанд;

2) қоидаҳои меъёрӣ ва техникӣ қоидаҳое мебошанд, ки сифати дастурҳои меъёрии санадҳои ҳуқуқиро таъмин мекунанд, қоидаҳои ҳуқуқие, ки бо санади ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд, тағйир дода шудаанд ё бекор карда шудаанд;

3) қоидаҳои лингвистие, ки воситаҳои лингвистиро дар назар доранд, бо ёрии онҳо сифати санадҳои ҳуқуқии қабулшуда (баровардашуда) дар кишвар таъмин карда мешавад [5,128-129].

Воситаҳои технологияи ҳуқуқӣ чунин воситаҳое мебошанд, ки ифодаи иродаи қонунгузор бо роҳи мустаҳкам кардани он дар волоияти қонун ва муроҷиат ба ин ё он соҳаи ҳуқуқ мебошад; риояи талабот ба ҳуҷҷате, ки тасдиқи ҳуқуқии онро мегирад; риояи тартиби муайяни қабул; раддияҳои қонунӣ.

Муҳаққиқон техникаи ҳуқуқии зеринро муайян намудаанд:

1) абстрактӣ - ҳангоми муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқ, формулаҳои умумӣ истифода мешаванд;

2) казуистӣ - ҳангоми муайян кардани волоияти қонун, шартҳое номбар карда мешаванд, ки ин қоида амал мекунад;

3) мустақим - як моддаи санади меъёрӣ дорои гипотеза, ихтилоф ва санксия мебошад;

4) ҳаволакунанда - яке аз унсурҳои волоияти қонун (фарзия, диспозитсия, санксия) дар моддаи мушаххас нишон дода нашудааст, аммо ҳузури он дар моддаи мушаххаси санади дигари меъёрӣ ишора карда мешавад ё ба он ишора карда мешавад;

5) бланкетӣ - меъёр аломатҳои мушаххасро нишон медиҳад, аммо барои дарки пурраи онҳо, шумо бояд ба як амали дигар муроҷиат кунед.

Мақомоти қонунгузорӣ ва судҳои сатҳҳои гуногун усулҳои гуногуни техникаи ҳуқуқиро истифода мебаранд. Инҳо, аз ҷумла усулҳои марбут ба таҳияи асноди меъёриро дар бар мегиранд: таърифи мафҳумҳо, мушаххассозӣ, тафсир, меъёрҳои истинод, систематикӣ, ва ғ. [3,с.1].

Бояд мафҳумҳои «тафсири қонун», «тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ» тавзеҳ дода шаванд.

О.М. Беляева чунин менависад: "Тафсири қонун унсури зарурӣ ва муҳимми раванди татбиқи қонун мебошад, зеро бидуни дарки маънои дақиқи он ва дар баъзе ҳолатҳо шарҳи он, татбиқи меъёри қонун ғайриимкон аст; тафсир инчунин барои тахассуси ҳуқуқӣ ва ҳангоми қабули қарор оид ба парванда зарур аст» [1,с.35].

Мо бо О.М. Беляева розӣ шуда метавонем, ки тафсири қонун воқеан ба дуруст фаҳмидани маънои волоияти қонун мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, тафсири қонунҳо як намуди махсуси фаъолияти ҳуқуқӣ барои ошкор кардани мундариҷаи маъноии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳам дар раванди қонунгузорӣ ва ҳам татбиқи қонун зарур аст.

В.О.Белоносов қайд мекунад, ки «тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ дар давраҳои мухталифи таърихи ҳуқуқшиносӣ якхела набуд. Баъзеҳо тафсирро танҳо ҳамчун фаҳмиши маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ, дигарон - танҳо шарҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ номидаанд. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон комилан дуруст мешуморанд, ки тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ раванди духӯраи ҳам аниқ ва ҳам дақиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад» [2,с.96].

А.В. Мелехин тафсири ҳуқуқро тавзеҳ додааст, аввалан, фаҳмиши маънои меъёри ҳуқуқӣ, яъне мундариҷае, ки қонунгузор ба он гузоштааст, иродаи ӯ ва сониян, натиҷаи ин фаҳмиш (тафсир) [7,с.313].

Тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ як шакли татбиқи амалисозии қонун мебошад, ки аз фаҳмидани маънои волоияти ҳуқуқ иборат аст. Зарурияти тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ бо эҳтиёҷоти субъект дар таъмини истифодаи дурусти меъёрҳои ҳуқуқ ифода карда мешавад.

Техникаи тафсири меъёрҳои ҳуқуқ, тарзҳои тафсири онҳо, инчунин усулҳои дарки маънои меъёрҳои ҳуқуқро дар бар мегирад. Усули тафсир маҷмӯи амалҳои равонӣ ё усулҳои махсуси равшан кардани иродаи субъекти қонунгузорӣ дар санади меъёрӣ мебошад [4,с.379].

Дар илм усулҳои зерини тафсир фарқ карда мешаванд:

1) тафсири лингвистӣ - фаҳмидани маънои волоияти қонун дар асоси таҳлили матни он;

2) тафсири таърихӣ - омӯзиши он шароити таърихӣ, ки дар он ин меъёр ба вуҷуд омадааст;

3) тафсири мантиқӣ - омӯзиши робитаҳои дохилии байни калимаҳо, матнҳо ва ҳукмҳо;

4) тафсири муназзам - шарҳ додани маъно ва мундариҷаи волоияти қонун (гипотеза, диспозитсия, санксияҳо);

5) тафсири функсионалӣ - омӯзиши таҷрибаи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ;

6) тафсири грамматикии қоидаҳои ҳуқуқ - таҳлили матни ҳуқуқӣ бо истифодаи қоидаҳои забоншиносӣ;

7) тафсири теологӣ (мақсаднок). Моҳияти он аз муайян кардани самти ҳадафи волоияти қонун иборат аст;

8) тафсири махсуси ҳуқуқӣ. Он, пеш аз ҳама, омӯзиши усулҳои ҳуқуқиро, ки барои ифодаи иродаи қонунгузор истифода мешаванд, пешбинӣ мекунад [4,с.338-385].

Хулоса, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолати сифати онҳост. Риоя накардани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ метавонад боиси нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои қонун ё ҳатто имконнопазирии татбиқи онҳо гардад. Бояд дар хотир дошт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус қонунҳо, на танҳо барои адвокатҳо, балки барои шаҳрвандони одӣ таҳия ва қабул карда мешаванд

Тафсир барои муқаррар намудани мундариҷа ва моҳияти қонун, зарур аст.

**АДАБИЁТ**


1. Беляева О.М. Понятие и сущность толкования права / О.М. Беляева // Российская юстиция. - 2012. - №10. - С. 35-37.
2. Белоносов В. О. Актуальные вопросы права и правоохранительной деятельности / В. О. Белоносов // Вестник БИСТ. - 2010. - №2(6). - С. 95-103.

3. Жильцов М. Особенности юридической техники при принятии норм трудового права / М.Жильцов // Кадровик. Трудовое право для кадровика. - 2011. - №8. - 10 с.
4. Кашанина Т.В. Юридическая техника / Т.В. Кашанина. - Москва, 2011. - 496 с.
5. Любимов Н.А. Правотворчество в Российской Федерации: проблемы теории и практики / Н.А. Любимов. - Издательство Московского университета, 2009. - 160 с.
6. Мамедов Э.Ф. Юридическая техника и механизм правового регулирования: понятие и соотношение / Э.Ф.Мамедов // Вестник ИрГТУ. - 2013. - №7(78). - С. 293-297.
7. Мелехин А.В. Теория государства и права / А.В. Мелехин. - Москва, 2009. - 545 с.
8. Пронина М.П. Соотношение понятий «юридическая техника» и «юридическая технология» / М.П. Пронина // Юридический мир. - 2013. - №6. - С. 35-37.

**ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАФСИРИ ҲУҚУҚ**

Дар мақола мушкилоти муайян кардани мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ ва усулҳои техникаи ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳуми тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ кушода тавзеҳ дода шудааст, инчунин роҳҳои тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд. Нақши техникаи ҳуқуқӣ дар раванди тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Хулоса, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолати сифати онҳост. Риоя накардани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ метавонад боиси нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои қонун ё ҳатто имконнопазирии татбиқи онҳо гардад. Бояд дар хотир дошт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус қонунҳо, на танҳо барои адвокатҳо, балки барои шаҳрвандони одӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Тафсир барои муқаррар намудани мундариҷа ва моҳияти қонун, зарур аст.

**Калидвожаҳо**: техникаи ҳуқуқӣ, усулҳои техникаи ҳуқуқӣ, воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ, тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, усули тафсир.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРАВОВОЙ ТЕХНИКИ В ПРОЦЕССЕ ТОЛКОВАНИЯ ПРАВА**

В статье рассматриваются проблемы определения понятия юридической техники, приемы и способы юридической техники, раскрывается понятие толкования правовых норм, а также рассматриваются способы толкования норм права. Определяется роль юридической техники в процессе толкования правовых норм. Словом, соблюдение правил юридической техники при принятии правовых актов - гарантия их качества. Несоблюдение правил юридической техники может привести к неправильному применению законов или даже невозможности их применения. При этом следует учитывать, что нормативные правовые акты, особенно законы, разрабатываются и принимаются не только для юристов, но и для простых граждан. Толкование необходимо для установления содержания и существа закона.

**Ключевые слова**: юридическая техника, приемы юридической техники, средства юридической техники, толкование правовых норм, способ толкования.

**USE OF LEGAL TECHNIQUE IN THE INTERPRETATION OF LAW**

The article examines the problems of defining the concept of legal technique, techniques and methods of legal technique, reveals the concept of interpretation of legal norms, and also considers ways of interpreting the norms of law. The role of legal technique in the process of interpreting legal norms is determined. Failure to comply with the rules of legal technique can lead to the incorrect application of laws or even the impossibility of their application. It should be borne in mind that regulatory legal acts, especially laws, are developed and adopted not only for lawyers, but also for ordinary citizens. Interpretation is necessary to establish the content and essence of the law.

**Keywords:** legal technique, methods of legal technique, means of legal technique, interpretation of legal norms, ways of interpretation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Шуҳрат Шерафган*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-12-03-03**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Шухрат Шерафган*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-12-03-03**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Shukhrat Sherafgan*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-12-03-03**

**УДК: 341.3(575.3)**

# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Яқубова С.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташаббуси қонунгузорӣ давраи аввали ҷараёни эҷоди қонунҳо мебошад. Дар ин давраи фаъолияти талаботи қонунгузорӣ талаботи объективии ҳаёти ҷомеа, зарурати танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ниёзи ҷомеа ба қонун муайян карда мешавад [5,с.4].

Дар таҷрибаи қонунгузории мутамаддин ба ташаббуси қонунгузорӣ ва субъектҳои он таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар аксари давлатҳо ташаббусҳои қонунгузории

Президент, Сарвазир ва ҳукумат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нақши асосӣ ва ҳалкунанда доранд. Дар давлатҳои дорои шакли идоракунии президентӣ ба ташаббуси қонунгузории Президент афзалият дода мешавад. Дар ин кишварҳо маҳз Президент қонунҳои муҳимтаринро ба баррасии парламент пешниҳод мекунад. Аз ин лиҳоз қайд намудан мумкин аст, ки мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз иштирокчиёни фаъоли раванди ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ чунин муқаррар шудааст: баамалбарории ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ (моддаи 58 Конститутсияи ҶТ); баимзорасонии қонунҳои қабул намудаи Маҷлиси Олии ҶТ (моддаи 62 Конститутсияи ҶТ); баргардонидани қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабулнамудааст ва Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ кардааст (моддаи 62 Конститутсияи ҶТ); нашри расмии қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси ОлииҶТ (моддаи 62 Конститутсияи ҶТ) дар расонаҳои расмӣ.

Мутобиқи моддаи 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд. Чанд хосияти амалӣ гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар ин ҷо номбар менамоем. Аввалан, лоиҳаи қонунҳо дар шакли матни пурраи лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд. Дуюм, дар ин ҷода Маҷлиси намояндагон мувазҳаф аст муайян намояд, ки то кадом дараҷа ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ гаштааст. Сеюм, бе пешниҳоди лоиҳаи қонун ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ намегардад (дар назар дошта шудааст, бо таклиф намудани қабули ин ё он қонун ва ё таклиф оиди ворид намудани тағйироту илова ба қонунҳои амалкунанда).

Саҳми Сардори давлат дар такмилу инкишофи қонунгузорӣ, идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, роҳандозии ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳким ва ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва фаъолияти озоди иқтисодӣ, танзими фаъолияти бонкӣ, амалӣ гаштани сиёсати андозу молия бағоят калон аст. Яъне, Сарвари давлат доир ба ин ва дигар масоил метавонад лоиҳаи қонун пешниҳод намояд. Ва лоиҳаи қонунҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод шуда, ба назари мо, бояд баррасии он дар мадди аввал гузошта шавад. Доираи масоиле, ки сарвари давлат лоиҳаи қонунҳоро пешниҳод менамояд, хеле васеъ аст.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда, доир ба амалӣ гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузори баъзе аз хусусиятҳо мавҷуданд. Масалан, ҳуқуқи пешниҳод намудани лоиҳаи Қонун “Дар бораи авф„ танҳо ба Президенти кишвар вобастагӣ дорад. Ва ин ба салоҳияти истисноии Президенти ҶТ дохил мешавад. Ҳамчунин, мутобиқи моддаи 99-и Конститутсия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ-ро дорад. Аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш истифода бурда, Президенти ҶТ соли 1999 тағйиру илова ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуда, бо ҳамин ташаббуси қонунгузориро амалӣ гардонд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт Раиси Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун сарвари ҳокимияти иҷроия дар амалӣ гаштани ташаббусҳои қонунгузории Ҳукумати ҶТ низ бевосита саҳм мегузорад. Одатан, ташаббусҳои қонунгузории Ҳукумат ба тариқи коллегиалӣ ба Маҷлиси намояндагон пешбарӣ мешаванд. Аз ин рӯ, Президенти ҶТ ба ҳайси ҳам Сарвари давлат ва ҳам ҳокимияти иҷроия аз ташаббуси қонунгузорӣ истифода мебарад.

Ҳангоми ба Маҷлиси намояндагон аз тарафи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, аз ҷумла Президенти кишвар ирсол намудани лоиҳаи қонун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1) мактуби расмии субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ;

2) тавзеҳнома, ки мазмун, мундариҷа, мақсад ва ғояи лоиҳаи қонуни пешниҳодшавандаро баён мекунад;

3) матни лоиҳаи қонун ва шакли электронии он;

4) номгӯйи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки бо қабул шудани қонуни мазкур беэътибор дониста мешаванд ва ё ба онҳо тағйиру иловаҳо дохил карда мешаванд ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул карда мешаванд;

5) асоснокгардонии молиявию иқтисодии лоиҳаи қонун, ки он ҳангоми қабул шудани хароҷоти молиявиро талаб мекунад [1].

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шаклҳои нави амалӣ гаштани ташаббуси қонунгузории Президенти ҶТ ташаккул ёфтаанд. Дар ин давра асосан ду шакли амалишавии ташаббуси қонунгузории Сарвари давлат васеъ истифода шуд: 1) дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонун бевосита аз ҷониби Сарвари давлат; 2) дар шакли пешниҳодҳои қонунгузорӣ, яъне пешниҳодҳо дар хусуси зарурати таҳия ва қабули қонунҳо.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қисми зиёди лоиҳаи қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон ворид мешаванд. Чунин таҷриба на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба давлатҳои дигар низ хос аст. Дар тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки "Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ гуна меъёре оид ба оне, ки нисбат ба кадом масъалаҳо лоиҳаи қонун аз ҷониби Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоҳида пешниҳод карда шавад, муайян накардааст» [7]. Моддаи 59-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар намудааст: "Лоиҳаи қонун дар бораи афв аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад» [4]. Дар зимн аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба таҷлили 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ёдовар шуд, ки чунин гуфта шудааст: "Ба хотири татбиқи меъёри конститутсионӣ ва бо дарназардошти он ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар меҳвари сиёсати инсондӯстонаи давлати мо қарор дорад, дар муддати бист сол бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон понздаҳ маротиба лоиҳаи қонунҳо "Дар бораи афв„-ро ба парламент пешниҳод намуд ва онҳо аз ҷониби мақоми олии қонунгузор қабул гардиданд» [6]. Ва ин, пеш аз ҳама, аз принсипи инсондӯсти бармеояд. Қисми сеюми моддаи мазкур чунин муқаррар намудааст: "Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад» [6]. Ҳамзамон, моддаи 99-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи пешниҳод намудани "Тағйиру илова ба Конститутсияро Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд» [6] муқаррар намудааст.

Аз соли 2000 то 2004 бо ташаббуси Президент ба Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунҳо пешниҳод шуда, 61-тои он қабул шудааст [2,с.22].

Аз соли 2010 то 2015 ҳамчунин бо ташаббуси Президент ба палатаи поёнии парламент ду қонуни конститутсионӣ, як кодекс ва 53 тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда пешниҳод шудааст.

Пешниҳодҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бештар дар шакли паёмҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ зикр мешаванд. Дар ҳар як Паёми Сарвари давлат ин ё он пешниҳоди қонунгузорӣ ироа мегардад. Аз ин рӯ, Паёми Президент Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Оли дар шакли нави амалӣ гаштани ташаббуси қонунгузории Сардори давлат маҳсуб мешавад, менависанд академик Маҳмудзода М. ва Сотиволдиев Р. Дар Паём нуқтаҳои асосии қабули қонун дар Маҷлиси Олӣ иброз карда мешаванд. Чунончи, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 16 апрели соли 2006 Президент Эмомали Раҳмон зарурати қабули кодексҳои нави андоз ва гумрук ва аз ибтидои соли 2006 мавриди амал қарор гирифтани онҳоро пешниҳод карда буд. Ҳамчунин, дар хусуси зарурати таҳияи қонунҳо «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорони хурду миёна», «Дар бораи танзими техникӣ» ва ғ. пешниҳодҳои муфид зикр шудаанд. Дар Паёми мазкур дар баробари пешниходҳои қонунгузорӣ, ҳамчунин зарурати таҳия ва қабули қонунҳои муҳимтарин бо далелҳои кофӣ исбот мешаванд. Дар Паём ворид намудани тағйиру иловаҳои лозимӣ ба қонунҳои амалкунанда пешниҳод карда мешаванд.

Чи тавре дар боло кайд намудем, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз вақти пешниҳод намудани лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, бо гуфтаҳои олимони ватании дар боло номбаршуда пурра розӣ шуда наметавонем. Чунки баъд аз оне, ки дар Паём таклифҳои қонунгузорӣ аз тарафи Президент иброз мешаванд, бояд дар шакли лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шавад. Ва чи тавре ки дар боло қайд кардем, бо лоиҳаи қонун ҳуҷҷатҳои дигари зарурӣ (дар боло номбар шудааст) бояд пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолате мо метавонем гӯем, ки ташаббуси қонунгузории Президент амалӣ гаштааст, агар Президент таклифҳои қонунгузорӣ ва ё қабули қонунҳои навро, ки дар Паём иброз карда шуданд бо тамоми қоидаҳои пешниҳод намудани он дар шакли лоиҳаи конун ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд. Дар ғайри ин сурат ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ гашта ба ҳисоб намеравад.

Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳамаи давраҳои раванди қонунгузории парламент дидан мумкин аст. Президент бевосита ва ё бавосита дар давраҳои раванди қонунгузорӣ иштирок менамояд. Президент метавонад дар ҷаласаҳои пӯшида ва ошкорои Маҷлиси намояндагон ва Мачлиси миллӣ иштирок намояд. Дар раванди қонунгузорӣ, яъне аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушовири Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд. Яъне, аз раванди қонун қабул намудан дар Парламент вокиф аст.

Ҳамчунин, қарори Маҷлиси намояндагон дар бораи дар қироати аввал ва қироати дуюм қабул намудани лоиҳаи қонун ба Президент фиристода мешавад. Ва ин қарор дар давоми панҷ рӯз ба Президент фиристода мешавад [1].

Мувофиқи моддаи 62 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудаасту Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намудааст, дар давоми як ҳафта барои имзо ва интишор ба Президент фиристода мешаванд [3]. Президент дар муддати понздаҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва ё бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Дар ҳолати баргардонидани қонун Президент боз ҳам иштирокчии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ барои бартараф намудани эродҳои Президент қонунҳоро аз нав баррасӣ ва қабул менамоянд. Ҳангоми баррасии такрории қонуни баргардонидаи Президент дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон мушовири Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо нашудани қонунҳоро шарҳ медиҳад.

Ҳамчунин, иштироки Президентро дар раванди таъйин намудани раъйпурсии умумихалқӣ дидан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки қонунҳое, ки бо ташаббуси қонунгузории Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон қабул шудаанд, анъанаҳои миллӣ, суннатҳои давлатдории миллӣ, фарҳанги миллӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ифода мекунанд. Ин хусусиятҳои асосии ҳамаи қонунҳое мебошад, ки лоиҳаи онҳо бевосита аз ҷониби Сарвари давлати Тоҷикистон пешкаш шудаанд. Ва ин гуфтаҳо бесабаб нест. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ду қонуни ҳаётан муҳимми миллӣ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо„ ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд„ ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шуданд ва аввалин маротиба дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун баргузор гардид.

Ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти нави ташаббуси қонунгузорӣ асос гузоштанд, ки солҳои истиқлолияти давлатӣ ташаккул ёфт. Тибқи таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин пеш аз пешниҳод шудан ба парламенти кишвар ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта мешаванд, дар натиҷа афкори умум заминаи иҷтимоии ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, яъне халқ шарики ташаббусҳои қонунгузории Сарвари давлат мегардад, ки падидаи нав дар таҷрибаи ҷаҳонии қонунгузорӣ мебошад.

Ташаббуси Президенти кишвар бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ ҷиҳати таҳия ва қабули қонунҳои муҳиму дархӯри манофеи миллату давлат пайваста ба назар мерасад [8,с.10]. Ҳамаи ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон бо мақсади ташкилу таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, таъмини рушду нумӯи ҷомеаи Тоҷикистон ва танзими кунунии муносибатҳои нави ҷомеа амалӣ гардидаанд.

Ва иштироки дигари Президент дар раванди қонунгузорӣ ин баъд аз ҷониби Президент имзо шудани қонунҳо мебошад ва дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз дар рӯзномаи "Ҷумҳурият„ инчунин дар "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон„ ва "Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон„ ба забони давлатӣ нашр мешаванд. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳои ҶТ баъд аз интишори расмӣ дар нашрияҳои расмӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол собит менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ иштирокчии фаъоли раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**

1. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2010. -Б. 292.

2. Имомов А. Таъсисёбӣ ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ – Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон: даъвати якум (2000-2004) / А. Имомов // Қонунгузорӣ. -2017. - № 2, (26), апрел-июн -С. 22.
3. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / А. Имомов. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. –Душанбе: Офсет Империал, 2017. - С. 601.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйироту иловаҳои минбаъда. -Қ. 2. - М.59.
5. Маҳмудзода М. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-м./ М.Маҳмудзода, Р.Сотиволдиев. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 4.
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанави бахшида ба таҷлили 20 – умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014. -№3. -С. 12.
7. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. -С. 302.
8. Шоназаров С.А. Мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ / С.А. Шоназаров //Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2012. -№ 2. -С. 10.

## НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, ба Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунҳоро пешниҳод менамояд. Ҳамчунин, таклифҳои қонунгузорӣ менамояд. Инчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 59-и Конститутсия, Президент лоиҳаи Қонун “Дар бораи авф„- ро ба Маҷлиси намояндагон ирсол менамояд. Пешниҳод намудани қонуни номбурда ба салоҳияти истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Дар давраҳои гуногуни раванди қонунгузории парламент иштироки Президент баръало дида мешавад: дар вақти имзо кардани қонунҳои қабул кардаи Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдорӣ намудаи Маҷлиси миллӣ, дар вақти баргардонидани қонун ба Маҷлиси намояндагон, дар вақти интишори қонунҳо ва ғ. Баъд аз ҷониби Президент имзо шудани қонунҳо дар давоми на дертар аз понздаҳ рӯз қонунҳо дар рӯзномаи “Ҷумҳурият„ инчунин дар “Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон„ ва “Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон„ ба забони давлатӣ нашр мешаванд. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо баъд аз интишор дар нашрияҳои расмӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Ҳамин тариқ, таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол собит менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ иштирокчии фаъоли раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, раванди қонунгузорӣ, истиқлолияти давлатӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо, қабули қонунҳои ҶТ.

## РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЗАКОНОДАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В научной статье речь идет об участии Президента Республики Таджикистан в законодательном процессе Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Президент Республики Таджикистан, являясь субъектом права законодательной инициативы, представляет в Маджлиси намояндагон законопроекты и законодательные предложения. В том числе, согласно статье 59 Конституции, Президент вносит в Маджлиси намояндагон законопроект “Об амнистии, и это входит в исключительную компетенцию Президента РТ. Участие Президента можно видеть на разных стадиях законодательного процесса. Во время подписания законов, принятых Маджлиси намояндагон и одобренных Маджлиси милли Маджлиси Оли РТ, во время отклонения (вето), мотивируя эго обоснованность, во время опубликования законов и т.д. Другой формой участия Президента в законодательном процессе является подписание и опубликование законов, принятых Парламентом страны. Законы подписываются в течение 15 дней и публикуются в газетах «Джумхурият», а также в «Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан», «Свод законов Республики Таджикистан». Законы опубликуются на государственном языке. Согласно законодательству Республики Таджикистан, законы, подписанные Президентом страны официально публикуются в официальных изданиях и после вводятся в действие. Таким образом, на практике суверенного Таджикистана, Президентом страны за годы независимости для осуществления права законодательной инициативы применяются новые формы и участие в законодательном процессе Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** права законодательной инициативы, законодательный процесс, суверенитет государства, субъекты права законодательной инициативы, всенародное обсуждение законопроектов, принятие законов РТ.

## THE ROLE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE LEGISLATIVE PROCESS OF MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The scientific article deals with the participation of the President of the Republic of Tajikistan in the legislative process of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. The President of the Republic of Tajikistan, being the subject of the right of legislative initiative, submits draft laws and legislative proposals to the Majlisi Namoyandagon. In particular, according to Article 59 of the Constitution, the President submits to the Majlisi Namoyandagon a draft law “On amnesty, and this is within the exclusive competence of the President of the Republic of Tajikistan. The involvement of the President can be seen at different stages of the legislative process. During the signing of laws adopted by the Majlisi Namoyandagon and approved by the Majlisi Milli Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, during the rejection (veto), motivating the ego's validity, during the publication of laws, etc. Another form of the President's participation in the legislative process is the signing and publication of laws adopted by the country's Parliament. Laws are signed within 15 days and published in the newspapers "Jumhuriyat", as well as in "Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan", "Code of Laws of the Republic of Tajikistan". The laws will be published in the state language. According to the legislation of the Republic of Tajikistan,

the laws signed by the President of the country are officially published in official publications and then put into effect. Thus, in the practice of sovereign Tajikistan, the President of the country over the years of independence for the exercise of the right of legislative initiative has applied new forms and participation in the legislative process of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** rights of legislative initiative, legislative process, state sovereignty, subjects of the law of legislative initiative, nationwide discussion of bills, adoption of laws of the Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-68-10-46.** E-mai: **saradukht.@ru**

**Сведения об авторе:** ***Якубова Сабохат Нарзуллоевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры конституционного права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-68-10-46.** E-mai: **saradukht.@ru**

**Information about the author:** ***Yakubova Sabohat Narzulloevna*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **918-68-10-46**. E-mai: **saradukht.@ru**

**УДК: 34.03**

# БАЪЗЕ АЗ ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ МЕЪЁРҲОИ КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ

***Акрамова Ш.М., Нуриддинзода С.Н.***
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз замони соҳибистиқлолӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз давлату ҳукумат кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ҳар самти муқаррargardида ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ҳифз карда шаванд. Аз ҷумла, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиати давлату ҷамъият аз кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибихтиёрӣ се маротиба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул карда шуд. Албатта, бо қабули Кодекс дар лоиҳаи нав дар соли 2008, проблемаҳои ҷиддии ҷойдошта аз байн бурда шуда, норасоиҳои қонун бартараф карда шуданд.

Ба ҳамаи навгониҳо дар самти таҳлилшаванда нигоҳ накарда, боз ҳам баъзе аз проблемаҳои татбиқи муқаррароти меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ вохӯрдан мумкин аст.

Дар моддаи 10 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он шахси воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои он кирдоре (амал ё беамалие) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки гуноҳаш дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ исбот шудааст.

Моддаи 24 Кодекси зикргардида бошад, муқаррар менамояд, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеие кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад. Аммо дар мувофиқа бо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” барои кирдори зиддиҳуқуқии фарзанди ноболиғ падару модар ё шахси онҳоро ивазкунанда масъулият ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорад [1]. Ноболиғ бошад, мувофиқи муқаррароти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ шахсе дар назар дошта мешавад, ки ҳанӯз ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст [2].

Яъне вобаста ба таҳлили меъёрҳои дар боло зикргардидаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад, ки барои амали зиддиҳуқуқии субъекти мустақили ҷавобгарӣ шахси дигар ҷавобгар аст, ки ин метавонад зидди принсипи ҷавобгарии фардӣ маънидод карда шавад. Суканов Н.Н. вобаста ба татбиқи амалии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ қайд менамояд, ки вобаста ба муайян намудани ҳолати воқеии кор аз рӯйи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бояд худи шахси гунаҳгор ба ҷавобгарӣ гирифтор шавад ва ногузирии ҷавобгариро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шарҳ дода, алоқамандии принсипи зикршударо ба принсипи ҷавобгарии фардӣ муайян намудааст [3].

Моддаи 16 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби шарҳи меъёрҳои дар Кодекс зикргардидаро муайян менамояд. Мувофиқи муқаррароти он, агар меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дорои ду ё зиёда маъно бошанд, ё онҳоро ҳар навъ шарҳ додан имконпазир бошад, дар ин сурат он меъёрҳо метавонанд ба манфиати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудааст, маънидод карда

шаванд. Дар доираи Кодекси зикршуда ба маънои гуногун шарҳ додани мафҳумҳои якхела манъ аст, ба шарте ки дар қонунгузорӣ нишондоди махсус мавҷуд набошад. Инчунин, вобаста ба татбиқи меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қиёс манъ карда шудааст. Аммо ба баъзе меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ назар афканда, духӯрагӣ ё ба маънои гуногун шарҳ додани баъзе аз мафҳумҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, мувофиқи муқаррароти моддаи 460 Кодекси зикргардида барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дашном додан, ба таври таҳқиромез дарафтодан ба одамон, ҳамчунин содир намудани дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва осудагии одамонро халалдор мекунад, кирдор майдаавбошӣ эътироф гардида, барои он ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ мегардад.

Дар моддаи номбаргардида "истилоҳи ҳамчунин содир намудани дигар кирдорҳои ба ин монанд" [4] тарафи объективии кирдорро ифода намуда, метавонад ба маънои гуногун шарҳ дода шавад ё якхела фаҳмидани муқаррароти меъёрро мушкил гардонад.

Бурсев А.С. дар таҳқиқи илмии худ аслан он амали зиддиҳуқуқии шахсро дар ҷойи ҷамъиятӣ майдаавбошӣ эътироф менамояд, ки оромии одамонро халалдор менамояд [5].

Аз ин рӯ, бо мақсади дарки воқеии мазмуни меъёри қонун аз ҷониби субъекти татбиққунандаи он хуб мешавад, агар дар моддаи 460 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳаракатҳои алоҳидаи ташкилкунандаи тарафи объективии майдаавбошӣ дохил карда шаванд ё дар модда бо эзоҳи алоҳида чунин ҳаракатҳо (беҳаракатӣ) дарҷ карда шаванд.

Аз санаи 14.03.2014 дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ институти шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо моддаи 23-1 дохил карда шудааст. Аммо аз маълумотҳои шифоҳии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бармеояд, ки аз ин навигарӣ дар Кодекс бехабар мебошанд. Бехабарӣ аз меъёри зикргардида ҳуқуқу озодиҳои дар якҷоягӣ содиркунандагони ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳдуд мегардонад. Чунки ҳамчун ҳамиҷрокунандагони содирнамоии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудан аз ҳамчун дар шарики содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фарқ дорад. Истилоҳи "ҳамиҷрокунандагон" фақат яке аз аломатҳои тарафи объективии иҷрокунандаи ҳуқуқвайронкунандаи маъмурӣ буда, ташкилкунанда ва ёрдамчӣ мавқеи алоҳидаро ишғол менамоянд ва дар бандубасти кирдор бошад, чунин хусусият ба инобат гирифта шуда, ҷавобгарии маъмурии онҳо низ фарқ менамояд [6].

Муқаррар гардидааст, ки ҷавобгарии ташкилкунанда ва ёрдамчӣ бо ишора ба моддаи 23-1 мутобиқи моддаи дахлдори қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар мегардад. Аммо то кадом дараҷа (фоиз ё ҳисса)-и санксияи муқарраркардаи моддаи дахлдори қисми махсуси Кодексро нисбати ташкилкунанда ва ёрдамчӣ татбиқ намудан, номуайян мебошад.

Меъёри моддаи 33 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки агар аз рӯзи содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ се моҳ гузашта бошад, ба истиснои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии алоҳида, ки қонунгузорӣ муайян менамояд, шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад. Инчунин, барои як қатор кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (вобаста ба ҳифзи саломатӣ, вазъи санитарию эпидемиологии аҳолӣ; дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; дар соҳаи истифодаи замин; вобаста ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ (ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки боиси расонидани зарари сабук ба саломатии ҷабрдида гардидаанд ва ғайра) муҳлати шашмоҳаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан муқаррар гардидааст. Аммо аз фаъолияти амалии мақомоти татбиққунандаи меъёри қонун бармеояд, ки чунин муқаррароти муҳлати ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта намешавад ё ба маънои дигар риоя карда намешавад. Вобаста ба чунин мушкилот қайд намудан бамаврид аст, ки дар сурати нисбати шахс оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷамъ овардани маводҳои парванда мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ бояд шахс огоҳ карда шавад. Дар сурати огоҳ накардан бо сипарӣ гардидани муҳлати зикргардидаи боло муҳлати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гузаштташуда ҳисобида мешавад. Гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан бошад, ҳамчун ҳолати истиснокунандаи ҷавобгарии маъмурӣ эътироф мегардад [7], яъне ҷавобгарии маъмурии шахсро истисно менамояд.

Меъёри моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмуриро ҳамчун намуди ҷазои маъмурӣ пешбинӣ намудааст.

Дар қисми 4 моддаи номбаршуда муқаррар гардидааст, ки андозаи ҳадди ниҳоии ҷаримаи маъмурӣ аз шахси воқеӣ ва соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, набояд аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз шахси мансабдор аз дусад

нишондиҳанда барои ҳисобҳо, соҳибкори инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамояд, аз сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва аз шахси ҳуқуқӣ аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё аз дусад фоизи маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии пардохтнашуда зиёд бошад, агар Қисми махсуси ҳамин Кодекс андозаи дигарро муқаррар накарда бошад.

Ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ назар афканда, аз ҳадди ниҳоии муқарраршудаи ҷаримаи маъмурӣ ҳадди баландро нисбати субъектони ҷавобгар муайян намудан мумкин аст. Чунин муқаррарот ба духӯрагӣ маънидод намудани он сабаб мешавад. Бо сабаби аз байн бурдани чунин мушкилфаҳмӣ ё содафаҳм гардонидани меъёр дар моддаи 39 дар қисмати дахлдор андозаи ҳадди ниҳоии ҷаримаи маъмуриро нисбати субъектони алоҳида ба пуррагӣ дарҷ карда, қисми умумии Кодексро ба қисми махсуси он мувофиқ гардонидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Оид ба татбиқи ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима Лукянова Г.В. дар кори илмии хеш қайд менамояд, ки ҳадди татбиқи ҷарима ба кирдори содиршуда бояд ба меъёрҳои муқарраркардаи қонун мутобиқ бошад, аз ин рӯ мувофиқати меъёрҳои қисми умумӣ ба қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ёдовар шудан мумкин аст [8].

Мутобиқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таъйини ҷазои маъмурӣ барои содир намудани якчанд ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардида, қайд карда мешавад, ки агар шахс якчанд ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир карда бошад ва парвандаҳоро нисбати ӯ дар як вақт як мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори ваколатдор баррасӣ намояд, ҷазои ниҳоии нисбат ба ин шахс татбиқшаванда дар доираи танҳо як модда муайян карда мешавад, ки ҷазои нисбатан вазнини маъмуриро пешбинӣ менамояд.

Яъне, меъёр мазмуни мантиқии такроршавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дорад. Ҳамчунин, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар сурате мунтазам содиршуда эътироф мегардад, ки аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар давоми як сол ду маротиба ё бештар аз он содир шуда бошад [9]. Масленников М.Я. қайд менамояд, ки дар сурати ҷой доштани чунин ҳолат, агар якчанд кирдори содиршуда таркиб ё қисмати таркибии як меъёри моддаи қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ташкил намояд, бояд ҳамчун ҳолати такрорӣ дар доираи моддаи дахлдор бандубаст карда шавад, на ҳамчун амалҳои алоҳида, ки дар бахши ҷавобгарӣ аз рӯйи фаъолияти амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ принсипи замкунӣ истифода бурда мешавад [10]. Мо низ ба ақидаи олими болозикр розӣ ҳастем, чунки фикри ӯ ба мазмуни мантиқии меъёри моддаи 51 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд. Аммо эътирофи ақида, ҳамфикрӣ ва муқаррароти мазмунию мантиқии қонунгузорӣ оид ба татбиқи ҷазои маъмурӣ барои содир намудани якчанд ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати як шахс ба баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ паҳн намегардад, ба монанди ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи андоз, ки чунин муқаррарот талаби қонунгузорӣ буда, дуруст ва зарурӣ эътироф мешавад. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили ҳамаҷониба бо бартараф намудани норасоиҳои қонунгузорӣ ва ислоҳи фаъолияти амалии мақомоти ваколатдори соҳавӣ вобаста ба масъалаҳои болозикр кафолати эътироф ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, аз ҷумла манфиатҳои қонунии мурофиавӣ дар назар аст.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 02.08.2011.м.4.
2. Конвенксия оид ба ҳуқуқи кӯдак.20.11.1989. м.1.
3. Цуканов Н.Н. Правовые презумпции в административной деятельности милиции: Монография / Н.Н. Цуканов. - Красноярск, 2003.
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 31.12.2008.м.460.
5. Бурцев А.С. Административная ответственность за мелкое хулиганство : автореф. дис. . канд. юрид. наук / А.С. Бурцев. -М.: Академия управления МВД России, 2003.
6. Морозова Н.А. Соучастие в совершении административного правонарушения / Н.А. Морозова // Журнал "Российского права". -2004. - №8.
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 31.12.2008. м.33.
8. Лукьянова Г.В. Административный штраф как вид административного наказания / Г.В. Лукьянова. - Санкт-Петербург, 2007.
9. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 31.12.2008. м. 22.
10. Масленников М.Я. Повторность как квалифицирующий признак административного правонарушения / М.Я. Масленников // Закон. -М.: Юрист, 2011. -№9.


## БАЪЗЕ АЗ ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ МЕЪЁРҲОИ КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ


Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки баъзе аз мухолифат ё норасоиҳои меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намоянд.

Дар қонунгузории амалкунанда ҷой доштани мухолифати меъёрҳо байни якдигар ё норасоӣ дар қонунгузорӣ, дар татбиқи амалии онҳо мушкилот ва нофаҳмиро ба вуҷуд меорад, ки оқибат ба таври нодуруст татбиқ гардида, метавонад ба маҳдудшавии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандон оварда расонад. Дар ҳақиқат, таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба баррасӣ ва татбиқи ҷазои маъмурӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар бахши мурофиавии қонунгузории маъмурӣ ва ҳам дар меъёрҳои моддии он аз рӯйи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баъзе аз мухолифатҳоюю норасоиҳо ҷой доранд. Бартараф намудани мухолифати пешбинигардидаи меъёрҳо яке аз шартҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки бе таҳлили илмӣ воқеият ва зарурияти чунин бартарафкуниро дарк намудан номумкин аст. Маҳз ҳамин гуна таҳлилҳо бо нашри маводҳои илмӣ ва дар оянда бо пешниҳодҳои асосноки илмӣ ба мақомоти ваколатдор метавонад, боиси тағйиру иловаҳо дар қонунгузорӣ гардида, мухолифати байни меъёрҳои қонунгузориро аз байн барад ва ҷойи холигии қонунгузориро пурра намояд.
**Калидвожаҳо:** гунаҳгории инфиродӣ, ноболиғ, ҷавобгарии фардӣ, қиёс, майдаавбошӣ, шарикӣ, ташкилкунанда, ёрдамчӣ, ҷаримаи маъмурӣ, ҳуқуқвайронкунии такрорӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛОЖЕНИЙ НОРМ КОДЕКСА ОБ АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРАВОНАРУШЕНИЯХ

В данной статье авторы попытались раскрыть некоторые противоречия и недостатки в нормах действующего Кодекса административных правонарушений Республики Таджикистан. Наличие некоторых нормативных противоречий или недостатков в действующем законодательстве приводит к некоторым трудностям и непониманию при практической реализации, и в результате это может привести ограничениям законных прав и свобод человека и гражданина. В действительности, практический опыт уполномоченного государственного органа по рассмотрению и реализации административных правонарушений показывает, что и в процессуальной части административного законодательства, и в его нормах имеются некоторые противоречия и недостатки. Устранение предлагаемых противоречий является одним из требований защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина, и без научного анализа невозможно понять важность и значимость устранения этих недостатков. Именно такой анализ в издаваемых научных работах и последующие обоснованные научные предложения уполномоченному органу могут стать причиной для внесения дополнений и изменений в законодательство и исправления противоречий между нормами законодательства и заполнения пробелов в законодательстве.
**Ключевые слова:** персональная вина, несовершеннолетний, личная ответственность, сравнение, мелкое хулиганство, соучастие, организатор, пособник, административный штраф, повторное правонарушение

## SOME PROBLEMS OF REALIZATION OF THE PROVISIONS OF THE CODE ON ADMINISTRATIVE OFFENCES

In this article, the authors have tried to identify some inconsistencies or shortcomings in the provisions of the Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan. Existence of contradictions in the current legislation or gaps in the legislation, of course, creates problems and misunderstandings in their practical implementation, which can be misapplied and lead to the restriction of the legitimate rights and interests of person and citizen. In fact, the practical experience of the authorized government agencies on consideration and application of administrative penalties shows that there are some contradictions and shortcomings both in the procedural part of the administrative legislation and in its material norms according to the Code of Administrative Offenses. Elimination of the intended contradictions of norms is one of the conditions for the protection of the constitutional rights and freedoms of man and citizen, without scientific analysis it is impossible to understand the reality and the need for such an elimination. It is such an analysis with the publication of scientific materials and, in the future, with substantiated scientific proposals to the authorities that can lead to changes and additions to the legislation, eliminate inconsistencies between the norms of the legislation and fill the gaps in the legislation.
**Keywords**: individual guilt, juvenile, individual responsibility, analogy, disorderly conduct, partnership, organizer, assistant, administrative fine, repeated offense.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Акрамова Шукрона Муҳаммадиевна* -** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, майори милитсия. **Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **900-09-04-61**
***Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин*-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, майори милитсия. **Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3

**Сведения об авторах:** ***Акрамова Шукрона Мухаммадиевна*** - Академия МВД Республики Таджикистан, майор милиции, преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета №2. **Адрес*:*** 734012, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3. Телефон: **900-09-04-61**
***Нуриддинзода Суфи Нуриддин*** - Академия МВД Республики Таджикистан, майор милиции, доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета №2. **Адрес*:*** 734012, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3.

**Information about the authors: Akramova Shukrona Mukhammadievna** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police major, teacher of the Department of Administrative Law and Administrative Activities of Faculty No. 2. **Address:** 734012, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Mastongulova, 3. Phone: **900-09-04-61**
***Nuriddinzoda Sufi Nuriddin*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Major, Associate Professor of the Department of Administrative Law and Administrative Activities of Faculty No. 2. **Address:** 734012, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Mastongulova, 3.

УДК: 340.131(575.3)

# БОЗГАШТ БА ПРОБЛЕМАҲОИ ЗАБОНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Азизқулова Г.С., Давлатзода Ш.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Санадҳои ҳуқуқӣ воситаи танзимнамоии рафтори одамон буда, дар аввал на ба ҳиссиёт ва тасаввуроти инсон, балки ба озодӣ ва иродаи инсон таъсир расонида, муқаррароти давлатие мебошанд, ки рафторро муайян менамоянд. Бинобар ин, забони санадҳои ҳуқуқӣ махсус буда, характери расмӣ, ҳокимиятӣ дорад. Бинобар ин таҳиякунандагони санадҳои ҳуқуқӣ бояд қоидаҳои забонро риоя (иҷро) намоянд.

Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мухтасар, бо забони сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд ва зимни ин услуби расмии забони адабӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ риоя гардад. Истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шавад. Ҳамон як истилоҳи санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад. Дар ҳолати зарурати дақиқ намудани истилоҳот ва мафҳумҳои дар санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашуда дар санад моддае (қисме, банде) оварда мешавад, ки дар он моҳияти ин истилоҳоту мафҳумҳо шарҳ дода мешавад. Истилоҳоти махсус мумкин аст дар санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо ҳамон маъное истифода гардад, ки он дар соҳаи махсуси дахлдор истифода мешавад. Истилоҳоти махсус бояд дар санади меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода шаванд. Дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи чунин калимаву ибораҳо норавост:

- забони гуфтугӯи халқӣ (лаҳҷавӣ, шевагӣ ва ғайра), ифодаҳои маҷозӣ ва пуробуранг;
- мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно;
- истифодаи калима ва истилоҳоти бегонаи ғайримаъмул дар сурати дар забони давлатӣ мавҷуд будани чунин калима ва истилоҳот;
- ибора ва таркибҳоиноравшан (муғлақ), мулоҳизот, хитобу даъватҳои умумӣ;
- калимаҳои мураккаби ихтисоршуда (аббревиатура);
- истилоҳоти ғайримеъёрӣ.

Дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи ҷумлабандиҳои дақиқан мухтасаршуда норавост. Аз нуқтаи назари Е.С.Шугрина, санадҳои ҳуқуқӣ бояд ба талаботҳои асоснокӣ ва қонуният ҷавобгӯ бошанд. Барои он ки ҳар кас хуб донаду фаҳмад, ки чи уҳдадориҳоро дорад ва кадомашро надорад, инчунин бояд донад, ки дар рафти мурофиа аз кадом қонун вобаста ба кори мушаххас истифода намояд. Забони санадҳои ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, бояд ба се талабот ҷавобгӯ бошад: бояд аниқ, фаҳмо, асоснок бошад [130-132]. Забони асноди ҳуқуқи хусусиятҳои худро дорад:

1. ҷой надоштани тобишҳои эҳсосотӣ дар санадҳо. Матни ҳуҷҷат бояд шакли содаю одӣ дошта бошад, эҳсосоти иловагиро талаб накунад. Бояд қайд кард, ки дар баъзе ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, дар аризаи даъвогӣ тобиши эҳсосотӣ лозим аст. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шартномаҳо ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ бояд истилоҳоти халқиву тобишдор истифода нагардад. Бетарафии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самаранокии танзими ҳуқуқиро таъмин мекунад.

2. Алоқамандӣ ва пайдарҳамии ҷобаҷо гузории маводҳо. Агар дар матн ягон масъалаи мантиқӣ ҳалли худро ёфта бошаду, бо истилоҳоти бетартибу бе алоқамандии ҳамдигар навишта шуда бошад, мазмуни онро дарк намудан мушкил аст.

3. Равшан, аниқ, дастрас, кӯтоҳ ва сода омода намудани мавод. Бо дарназардошти он ки ин мақоларо донишҷӯён низ мутолиа менамоянд мафҳумҳои равшан, саҳеҳ ва содаро пешкаш менамоем.

Равшан будани матни санад дар он ифода меёбад, ки ҳуҷҷати ҳуқуқӣ бояд фаҳмо бошад. Ҳуҷҷати ҳуқуқӣ бояд тавре омода гардад, ки ба ҳамаи шахсоне, ки ҳуҷҷат паҳн мегардад, фаҳмо бошад. Сифати матн дар шаклҳои гуногун ба самаранокии истифодаи ҳуқуқ ва ба кори мушаххас таъсир мерасонад. Аниқият дар он ифода мегардад, ки бояд ба талабот ҷавобгӯ бошад. Забони соҳаи ҳуқуқӣ бояд нисбати забони соҳаи журналистика аниқ бошад. Барои таъмини аниқият, бояд меъёри ҳуқуқ муносибатҳои мушаххасро танзим намояд.

Дастрасӣ дар он ифода мегардад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба ҳамаи мардум дастрас бошанд. Масалан, қонунҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиавӣ. Дастрасӣ дар инҳо ифода меёбад:

- истифодаи калимаву истилоҳоти сода, барои ҳама фаҳмо будан;

- худдорӣ кардан аз истифодаи калимаҳои мураккаб дар матни санадҳои меъёрӣ;
- худдорӣ кардан аз истифодаи истилоҳоти хориҷии номувофиқ.

Кӯтоҳбаёнӣ дар он ифода мегардад, ки матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ҳаҷман кутоҳ бошад ва ин на бояд ба мазмуни он таъсир намояд.

Дар матни санадҳои меъёрӣ бояд калимаҳои мураккабу душворфаҳм роҳ дода нашавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Регламенти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Регламенти Ҳукумати ҶТ муқаррар менамояд, ки фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ бояд бо забони давлатӣ-тоҷикӣ ва забони русӣ - забони муошироти байни миллатҳо ба роҳ монда шавад. Мувофиқи моддаи 6 қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ»: «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд».

Дар марҳилаи қонунгузорӣ як қатор ҳолатҳое ҷой доранд, ки матни тоҷикӣ бо русӣ мувофиқ нест ё баръакси ин. Мисол, дар Кодекси граждании ҶТ боби аввал дар матни русӣ «Қонунгузории граждании» дар матни тоҷикӣ «Қонунҳои гражданӣ» омадааст. Дар Кодекси граждании ҶТ моддаи 1 дар матни тоҷикӣ «Муносибатҳое, ки қонунҳои гражданӣ танзим менамояд» дар матни русӣ бошад, «Муносибатҳое, ки қонунгузории гражданӣ танзим менамояд» унвон дорад. Чунин номувофиқатро дар як қатор моддаҳои Кодекси граждании ҶТ (моддаҳои 2,5,7) ва дигар кодексҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Бояд гуфт, ки низоми истилоҳоти ҳуқуқии кишвар ба дараҷаи лозимӣ коркард нашудааст, бинобар ин дар матни тоҷикии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд як қатор калимаҳо шарҳ дода шаванд. Дар забони тоҷикӣ як қатор синонимҳои калимаҳо ҷой доранд ва ин фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро душвор мегардонад. Ҳангоми коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд калимаҳои мувофиқ истифода шаванд. То ҳол ягон дастури методӣ барои коркард ва омодасозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Танҳо соли 2005 аз ҷониби муаллифон Давлатов Д.М., Муродов Д.Х., Менглиев Р.Ш., Фозилов Н.Н., Исмоилов Ш.М., ду дастурамал оиди коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода гаштааст.

Ҳангоми омода намудани як қатор ҳуҷҷатҳо аз ҷониби ҳуқуқшиносон хатогиҳое роҳ дода мешаванд, ки чунин ҳолат бояд дар матни санадҳо дида нашавад. Чунин ҳолат аз беаҳмиятӣ ё бесалоҳиятии ҳуқуқшиносон ҳангоми омодасозии санадҳо ба амал меояд.

### АДАБИЁТ


1. Азизкулова, Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан (досоветский период) /Г.С. Азизкулова. - Душанбе, 1995.-212 с.
2. Алексеев, С.С. Право: азбука – теория – философия: Опыт комплексного исследования /С.С. Алексеев. – М.: Статут, 1999. – 712 с.
3. Бабаев, А.Д. Авеста: по следам древнейшей цивилизации таджиков / А.Д. Бабаев, Т.Д. Каримов. – Худжанд, 2001. – 190 с.
4. Безуглов, А.А. Почему многие законы рождаются мертвыми или как повысить эффективность законов? /А.А. Безуглов // Пять лет региональной законодательству: проблемы, опыт, перспективы. – Тюмень, 1999 – стр
5. Бентам, И. Рассуждения о гражданском и уголовном законоположении: в 3-х т. Т.1 / И. Бентам. - СПб., 1805 – 578 с.
6. Власенко, Н.А. Законодательная технология: (Теория,опыт,правила): учеб. пособие /Н.А. Власенко. – Иркутск: Восточно – Сибирская издательская компания, 2001. – 144 с.
7. Власенко Н.А. Законодательная технология: (Теория. Опыт. Правила). – Иркутск: Восточно-Сибирская издательская компания, 2001 // Хрестоматия к учебнику «Проблемы теории государства и права». – М.: Российская академия правосудия, 2007. - 28845 с. - www.directmedia.ru
8. Гафуров, А.М. Ревкомы Таджикистана (1917 – 1924) /А.М. Гафуров. – Душанбе, 2008. – 144 с.
9. Гвоздев, А.Н. Очерки по стилистике русского языка /А.Н. Гвоздев. – М.: Просвещение, 1965. – 407 с.
10. Сморгунова, Е.М. Язык закона: черты, особенности / Е.М. Сморгунова. – М.: Юрид. лит., 1990. – 192 с.
11. Иеринг, Р. Юридическая техника / Р. Иеринг, сост. А.В. Поляков. – М.: Статут, 2008. – 231 с.
12. Казьмин И.Ф., Прянишников Е.А. Унификация и стандартизация юридических терминов / И.Ф.Казьмин, Е.А. Прянишников; под ред. А.С. Пиголкина // Язык закона– М.: Юрид. лит., 1990. –192 с.
13. Кашанина, Т.В. Юридическая техника: учебник / Т.В. Кашанина. – М.: Эксмо, 2007. - 437 с.
14. Пиголкин, А.С. Язык закона: черты, особенности /А.С. Пиголкин,
15. Сативалдыев, Р.Ш. Теория государства и права: учебник /Р.Ш. Сативалдыев. – Душанбе: Империал - Групп, 2009. – 412 с.
16. Тахиров, Н. Конституция 1994 года: развитие законодательной деятельности в Республике Таджикистан /Н. Тахиров // Изв. АН Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003. - № 3. – С. 63 – 65.
17. Тахиров, Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917 – 2007 гг.) /Н.Ф. Тахиров. – Душанбе, 2009. – 196 с.



### БОЗГАШТ БА ПРОБЛЕМАҲОИ ЗАБОНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба забони қонун ва қонунгузорӣ баррасӣ шудаанд. Оиди забони қонугузорӣ ва камбудиҳои он дар фаъолияти қонунгузорӣ ибрози назар шудааст. Муаллифон қайд

менамоянд, ки ҳангоми омода намудани як қатор ҳуҷҷатҳо аз ҷониби ҳуқуқшиносон хатогиҳое роҳ дода мешаванд, ки чунин ҳолат бояд дар матни санадҳо дида нашавад. Чунин ҳолат аз беаҳмиятӣ ё бесалоҳиятии ҳуқуқшиносон ҳангоми омодасозии санадҳо ба амал меояд. Дар матни санадҳои меъёрӣ бояд калимаҳои мураккабу душворфаҳм роҳ дода нашавад. Дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи ҷумлабандиҳои дақиқан мухтасаршуда норавост.
**Калидвожаҳо:** қонун, қонунгузорӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ.

**ВОЗВРАЩЕНИЕ К ПРОБЛЕМАМ ЯЗЫКА ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье изложены вопросы, связанные с языком закона и законодательства. Законодательство и его языком и недостатки описаны в законодательной деятельности. Существенное значение языка законодательство очень важно в условиях современности. Авторы отмечают, что при оформлении ряда документов юристы допускают ошибки, которые не должны быть видны в тексте документов. Это связано с халатностью или некомпетентностью юристов в оформлении документов. В тексте нормативных актов нельзя допускать сложных и трудных для понимания слов. В тексте нормативного правового акта не допускается использование точных сокращенных фраз.
**Ключевые слова:** закон, законодательство, язык закона, законодательная деятельность, нормативный правовой акт.

**RETURN TO THE PROBLEMS OF THE LANGUAGE OF LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article sets out issues related to the language of law and legislation. Legislation and its language and shortcomings are described in legislative activity. The essential importance of language legislation is very important in modern times. The authors note that when preparing a number of documents, lawyers make mistakes that should not be visible in the text of the documents. This is due to the negligence or incompetence of lawyers in the preparation of documents. Complex and difficult to understand words should not be allowed in the text of regulatory enactments. In the text of a regulatory legal act, the use of precise abbreviated phrases is not allowed.
**Keywords:** law, legislation, language of law, legislative activity, normative legal act.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатзода Шухрат Шерафган*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-12-03-03**
***Азизқулова Г.С.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсенти. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Давлатзода Шухрат Шерафган*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-12-03-03**
***Азизкулова Г.С.*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Davlatzoda Shukhrat Sherafgan*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-12-03-03**
***Azizkulova G.S.*** - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

**УДК:349.442**

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ ИШТИРОК ДАР СОХТМОНИ ҲИССАГӢ

***Султонова Д.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ яке аз шартномаҳои ҳуқуқи граждании мебошад, ки дар адабиёти илмӣ вобаста ба мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, хусусиятҳо ва дигар паҳлуҳои он нуқтаҳои назари гуногун ва баҳснок вуҷуд дорад. Шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шартномаи дар қонунгузории граждании амалкунанда пешбининашуда маҳсуб меёбад. Бо назардошти он ки бевосита дар қонунгузорӣ шартномаи мазкур ҳамчун шартномаи мустақил муайян нашудааст, дар назарияи ҳуқуқи граждании вобаста ба вазъи ҳуқуқи граждании он нуқтаи назари ягона мавҷуд нест.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2014, таҳти №235, Замимаи 5 «Тартиби муайян намудани сатҳи масъулиятнокии корҳои

иҷрошаванда ҳангоми иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмони биноҳо ва иморату иншоот, аз ҷумла васеъкунӣ, азнавсозӣ, таъмир ва барқарор кардани объектҳои мавҷуда» ба «Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти мазкур бевосита ва ё бавосита тааллуқдошта.

Тибқи шартномаи ҳиссагӣ, як тараф (иморатсоз) уҳдадор аст бинои истиқоматӣ, ва ё дигар объекти молу мулки ғайриманқулро дар муҳлати пешбининамудаи шартнома бо қувваи худ ва ё бо ҷалби шахсони дигар хонаи бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқулро бунёд кунад ва пас аз гирифтани иҷозат барои ба истифода додани ин объектҳо, объектҳои дахлдори сохтмони ҳиссагиро ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ диҳад ва тарафи дигари шартнома (иштирокчии шартномаи ҳиссагӣ) дар навбати худ уҳдадор аст, ки ҳангоми мавҷуд будани иҷозатнома барои ба истифода додани хонаи бисёрошёна ва (ё) дигар объекти молу мулки ғайриманқул объекти шартномаи ҳиссагиро қабул намояд ва нархи дар шартнома муайяншударо пардохт кунад [19,с.75; 8,с.82; 24,с.60].

Асоси пайдоиши уҳдадориҳои вобаста ба иштирок дар сохтмони ҳиссагиро шартнома ташкил медиҳад, ки мутобиқи он як тараф (иморатсоз) уҳдадор аст, ки бинои истиқоматӣ ва ё дигар объекти молу мулки ғайриманқулро дар муҳлати пешбининамудаи шартнома бо қувваи худ ва ё бо ҷалби шахсони дигар хонаи бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқулро бунёд кунад ва пас аз гирифтани иҷозат барои ба истифода додани ин объектҳо, объектҳои дахлдори сохтмони ҳиссагиро ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ диҳад ва тарафи дигари шартнома (иштирокчии шввртномаи ҳиссагӣ) дар навбати худ уҳдадор аст, ки ҳангоми мавҷуд будани иҷозатнома барои ба истифода додани хонаи бисёрошёна ва ё дигар объекти молу мулки ғайриманқул объекти шартномаи ҳиссагиро қабул намояд ва нархи дар шартнома муайяншударо пардохт кунад.

Шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ байни иморатсоз ва иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад, ки тибқи он иморатсоз уҳдадор мегардад, ки объекти молу мулки ғайриманқулро сохта, онро ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ диҳад ва тарафи дигар дар навбати худ уҳдадор аст объекти мазкурро қабул карда, онро пардохт намояд, аз ин лиҳоз шартномаи сохтмони ҳиссагӣ шартномаи консенсуалӣ, дутарафа ва музднок мебошад.

Иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ яке намудҳои маъмулӣ ба даст овардани молу мулки ғайриманқул (бинои истиқоматӣ) ба ҳисоб меравад. Моҳияти иқтисодии иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба шартномаи хариду фурӯ ш ва пудрат, ба истиснои пудрати коркарди ашё монанд мебошад. Дар ҳарду ҳолат як тараф, тарафи дигарро бо мақсади ба даст овардани молу мулк маблағ медиҳад.

Ба ақидаи К.И. Скловский хусусияти шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагиро дақиқ муайян кардан зарур аст, зеро ҳалли мушкилоти дигар аз ин вобаста аст [20,с.761].

Е.В. Лапутева дуруст қайд мекунад, ки муайян намудани табиати ҳуқуқии шартнома барои ба воҳиди ягона муттаҳид кардани муносибатҳои шартномавӣ ва аломатҳое, ки дар доираи як воҳиди ягона, як мунсобитаҳои шартномавиро аз дигараш фарқ намудан муқаррар кардан зарур аст [12,с.25]. Ба андешаи Ю. Романетс шартномаи сохтмони ҳиссагӣ шартномае мебошад, ки як тараф (иморатсоз) уҳдадор аст бинои истиқоматӣ ва ё дигар объекти молу мулки ғайриманқулро дар муҳлати пешбининамудаи шартнома бо қувваи худ ва ё бо ҷалби шахсони дигар бинои бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқулро бунёд кунад ва пас аз гирифтани иҷозат барои ба истифода додани ин объектҳо, объектҳои дахлдори сохтмони ҳиссагиро ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ диҳад ва тарафи дигари шартнома (иштирокчии шартномаи ҳиссагӣ) дар навбати худ уҳдадор аст, ки ҳангоми мавҷуд будани иҷозатнома барои ба истифода додани бинои бисёрошёна ва ё дигар объекти молумулки ғайриманқул объекти шартномаи ҳиссагиро қабул намояд ва нархи дар шартнома муайяншударо пардохт кунад [19,с.75].

Тибқи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ як тараф – иморатсоз уҳдадориро мустақилона ё бо ҷалби шахсони сеюм дар мӯҳлати дар шартнома пешбиншуда сохтмони манзили истиқоматӣ ва ё бинои ғайриистиқоматиро дар бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ ва дигар объекти ғайриманқули ба он алоқаманд ба зимма мегирад ва баъди қабулу ба истифода додан, объекти сохтмони ҳиссагиро ба молу мулки ҳиссагузор диҳад, тарафи дигар – ҳиссагузор уҳдадор мешавад, ки маблағи муайяншударо супорад ва объекти сохтмони ҳиссагиро тибқи шартнома қабул кунад. Аз мафҳуми шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бармеояд, ки он дорои хусусияти консенсуалӣ мебошад. Сохтмони манзили бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқул ва додани объекти сохтмони ҳиссагӣ ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ, ин иҷрои шартномаи ба қувваи қонунӣ даромада, аз

ҷониби иморатсоз ба ҳисоб меравад. Шартномаи сохтмони ҳиссагӣ дутарафа ва музднок мебошад. Ҳамчунин шартномаи мазкур синаллагматикӣ мебошад, зеро ухдадориҳои иморатсоз дар мавриди иҷрои корҳои сохтмонии манзили бисёрошёна ва ё дигар объекти молу мулки ғайриманқул ва додани объекти сохтмони ҳиссагӣ ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ иҷрои ухдадориҳои охирин оид ба пардохти нархи дар шартнома пешбинишуда вобаста мебошад.

Масъалаи оммавӣ будани шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ мебошад, дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ баҳснок мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба ин масъала нуқтаҳои назари мухталиф мавҷуд аст. Масалан, А.А. Маковская чунин мешуморад, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шартномаи оммавӣ нест [14,с.25; 2,с.13].

Назари баръакси оммавияти шартномаи сохтмони ҳиссагиро О.Л. Капитса ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки таҳлили моҳияти ҳуқуқии шартомаи иштироки шаҳрвандон дар сохтмони ҳиссагии манзил ба чунин хулоса меорад, ки онро метавон дар қатори дигар шартномаҳои оммавӣ ба монанди шартномаи пудрати маишӣ ва хизматрасонӣ шомил кард [9,с.117; 1,с.55; 23,с.22-23; 15,с.8-16; 10,с.64].

Эътироф намудани шартномаи сохтмони ҳиссагӣ маънои ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ додани кафолатҳои иловагиро дорад. Дар миёни онҳо ҳолати истисноӣ дар сурати мавҷуд набудани муқаррарот дар қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон додани як шахс нисбат ба дигарон мавриди бастани шартномаи оммавӣ ухдадори оид ба муқаррар намудани нархи молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин шароити дигари шартномаи оммавӣ ба истиснои ҳолатҳои қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Эътироф намудани шартномаи иштироки ҳиссагӣ ҳамчун шартномаи оммавӣ маънои онро дорад, ки нархи шартномаи иштироки ҳиссагӣ ва дигар шартҳои шартномаи мазкур барои ҳамаи истеъмолкунандагон ягона мебошад. Тавре, ки Т. Рогожина қайд мекунад, ки нархи объекти сохтмони ҳиссагӣ мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи муайян намудани нархи сохтмони бино, иншоот ва таҳияи ҳуҷҷатгузорӣ барои ҳамаи саҳмгузорон ягона мебошад.

Тарафдории хулосаи мазкур, инчунин амалия шоҳидат медиҳад, ки бастан ва иҷрои иштироки ҳиссагӣ вақте, ки иморатсоз мустақилона нархи шартнома тартиби тағйири он, пешниҳод намудани тахфифҳо барои объектҳои муайяни сохтмони ҳиссагӣ (масалан, барои хонае, ки дар ошёнаи якум ва охирон ва хонаҳое, ки дар кунҷи бино қарор доранд, инчунин тахфифҳо ба иштирокчиёни сохтмони худсаронае, ки ду ва ё зиёда шартнома бастаанд) муқаррар мекунад. Ақидаи дигарро Т.Ю. Майборода дар мавриди таснифи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳамчун шартномаи оммавӣ изҳор намудааст. Ба андешаи вай хусусияти фаъолияти иморатсоз ба хусусияти истисноии оммавии он ишора мекунад [14,с.25; 2,с.13].

Ҳамзамон дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи дигаре мавҷуд аст, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба қатори шартномаи ҳамроҳшавӣ тасниф менамоянд, ки чунин пешниҳод баҳснок аст. Тарафдорони ин нуқтаи назар ба он хулосае буданд, ки амалияи бастани шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили бисёрошёна аз он шаҳодат медиҳад, ки дар робита бо шумораи бисёри будани объекти сохтмони ҳиссагӣ ва иштирокчиёни ин сохтмон шартҳое, ки иморатсоз дар шартнома муайян намудааст дар стандарти муайян ташкил карда мешаванд ва онҳо бо мақсади осонтар ва имтиёзнок бастани шартнома мебошанд [7,с.84]. Ба ақидаи онҳо шаҳрванд шартномаи тайёреро, ки дар он шартҳои дар шартнома муқарраршуда барои ҳамаи иштирокчиён ягона буда имзо менамояд. Дар коркарди онҳо ӯ тамоман иштирок намекунад. Тавре ки М.Н. Малеина қайд мекунад, баъзе аз шаклҳои стандартӣ як ё якчанд шартҳоро барои созиш бастан пешниҳод менамоянд ва шартҳои боқимондаро оферент дар таҳрири тағйирнопазир қабул мекунад. Вале мафҳуми расмӣ имконият намедиҳад, ки шартномаҳои зеринро ба зумраи шартномаҳои ҳамроҳшавӣ дохил намуд [17].

Ба ақидаи В.В. Витрянский шартномаи ҳамроҳшавӣ бояд ду хусусият дошта бошад: якум шартҳои шартнома бояд аз ҷониби як тараф дар шакли стандартӣ муайян шуда бошад, ки ба шумораи онҳо намунаҳои такрории матни шартномаро дохил кардан мумкин нест, гарчанде дар ин ҳолат тарафи дигари шартнома ҳуқуқ дорад ихтилофотро барои шартнома изҳор намояд ва дар охир шартҳои чунин шартнома бо тартиби умумӣ муайян карда мешавад, яъне бо розигии тарафҳо; дуюм, шартҳои шартнома, ки бо дарназардошти шаклҳои стандартӣ муайян шудаанд, тарафи дигар метавонад бо роҳи ҳамроҳшавӣ қабул намояд; ин талабот имкони тарафҳоро барои дар шартномаи ҳамроҳшавӣ бо розигии ҳамдигар муқаррар намудани шартҳое, ки аз шартҳои стандартӣ хубтар ҳастанд, барои тарафи пайвастшаванда ва худи ӯ имконияти изҳор намудани ихтилофотро барои шартҳои муайяни шартнома имкон намедиҳад [11].

Ба андешаи мо шартномаи иштироки ҳиссагӣ наметавонад шартномаи ҳамроҳшавӣ эътироф карда шавад, барои он, ки объекти сохтмони ҳиссагӣ, нархи шартнома, тартиби пардохт ва дигар шартҳо дар дилхоҳ ҳолат фардӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин дар ҳолати бо шартҳои алоҳидаи шартнома розӣ набудани иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ ӯ ҳуқуқи протокол карданро дар робита ба ихтилофот доштан ба лоиҳаи пениҳоднамудаи иморатсозро дорад. Дар амалия иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ихтилофотҳоро бо шартҳое, ки бо ҷудокунии манзил алоқаманд мебошанд (мисол, иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ талаб менамояд, ки ягон намуди кор иҷро карда нашавад (гаҷкорӣ, нақшгарӣ) ё ин ки баръакс иҷрои корҳои иловагиро талаб менамояд (часпондани гулкориҳо дар девор, васл намудан фарши хона ва ғ.) ё васл намудани васоилҳо (мисол, иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ талаб менамояд, ки ҳисобкунаки об, ё газро васл накунад).

Ба андешаи мо ҳамаи гуфтаҳои болозикр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шартномаи сохтмони ҳиссагӣ на шартномаи оммавӣ ва на шартномаи ҳамроҳшавӣ мебошад. Вале онҳо асоснокии хулосаҳои болозикро тасдиқ наменамояд. Бо таҳлили моҳияти ҳуқуқии шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ барои имконияти ба шартномаи оммавӣ ва аз рӯ и шакли бастан ба шартномаи ҳамроҳшавӣ таваҷҷуҳ кардан зарур аст [9,с.117; 15,с.8-15].

Дар ин маврид бояд аломатҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ таҳлил карда шаванд. Аломати якуми шартномаи мазкур дар субъекти махсус доштани он зоҳир мегардад. Ба сифати иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ дилхоҳ субъети ҳуқуқи гражданӣ, ки дорои қобилияти амаликунидошта баромад карда метавонад, вале ба сифати иморатсоз метавонад танҳо шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие, ки дар молу мулки худ ё ин ки қитъаи замини ба воситаи иҷорае, ки ҳуқуқи молу мулкии ба ӯ ё ба воситаи шартномаи иҷорае, ки бақайдгирии давлатиро гузаштааст, доро мебошад.

Аломати дигари шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар хусусияти хос доштани предмети он ифода меёбад. Агар уҳдадории иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ танҳо дар пардохти нархи муқарраршудаи шартнома ва қабули объекти тайёри сохтмони ҳиссагӣ ифода ёбад, лекин уҳдадории иморатсоз дорои хислати мураккабтар мебошад. Ин сохтмони манзили бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқулеро, ки иморатсоз бо қувваи худ ва ё бо ҷалби дигар шахсон дар қитъаи замини ба ӯ тааллуқдошта дар мӯ ҳлати муайяншуда бо маблағи иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ иҷро мекунад ва ба иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ объекти сохтмони ҳиссагиро ҳангоми тамом шудани сохтмон ва ба истифода додани манзили бисёрошёна ва ё дигар объекти ғайриманқул медиҳад. Сеюм аломати шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар он зоҳир мегардад, ки тарафҳои шартномаи мазкур дорои мақсадҳои гуногун мебошанд. Мақсади иморатсоз ин ба даст овардани воситаи пулӣ ва фоида аз ҳисоби иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ мебошад, мақсади иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ бошад, ба даст овардани объекти сохтмони ҳиссагӣ ба молу мулки худ ба ҳисоб меравад.

Дар робита бо ин ба андешаи В.В. Витрянский мақсади иморатсоз ҳамчун ба даст овардани маблағи ташкилотҳо ва шаҳрвандон барои сохтмони манзили бисёрошёна ва дигар молу мулки ғайриманқул мебошад, розӣ шудан бисёр мушкил аст [5,с.717].

Аломати чоруми шартномаи мазкур дар даъват барои ҳимояи манфиатҳои тарафи заиф (истеъмолкунанда) ифода меёбад.

Аломати панҷуми шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар талаботи бақайдгирии давлатии шартнома ифода меёбад. Аломатҳои болозикр имконият медиҳанд, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагиро ба сифати шартномаи мустақили ҳуқуқи гражданӣ фарққунада аз дигар шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи пудрат баррасӣ карда шавад.

Барои ҳаматарафа хусусиятҳои ҳуқуқии шартномаи иштирок дар сохтмони худсаронаро ошкор намудани аломатҳои мавҷудаи он, дар баробари дигар шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ таҳқиқи баррасии сохти шартномаи мазкур муҳим мебошад. Зери мафҳуми сохти шартнома дар доктринаи ҳуқуқи гражданӣ субъектҳои шартнома, предмети он, мазмуни шартнома (ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо) фаҳмида мешавад.

Ба сифати иштирокчии шартномаи сохтмони ҳиссагӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки барои сохтмони манзили бисёрошёна ё дигар объекти ғайриманқул дар асоси шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ маблағгузорӣ кардаанд. Куллан ба ақидаҳои як зумра муаллифонро ҷонибдор ҳастем, ки мафҳуми шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ягон талаботи махсусро нисбати иштирокчиёни шартномаи мазкур талаб наменамояд, бояд набудани ягон маҳдудиятро дар таркиби субъекти шартномаи сохтмони ҳиссагӣ барои тарафи иштирокчии сохтмони ҳиссагиро муайян кард. Хулоса, дар адабиёти илмӣ ақидаҳои зиёде дар робита ба он, ки муассисаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ (давлат, субъектҳои

давлат, ҳокимияти маҳаллӣ), ба сифати иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ баромад карда наметавонанд, бинобар сабабе, ки ба сифати субекти сохтмони ҳиссагӣ танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд, пишниҳод карда шудааст [18].

Барои баррасии ин масъала бояд ба назар гирифт, ки як иштирокчии сохтмони ҳиссагии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти давлат заруранд, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии граждани баромад мекунанд ва мувофиқан, ин субъектҳо на ҳамчун субъекти дорои ҳокимият, балки бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ баробаранд. Тавре ки дар қонунгузории гражданӣ шӯ равӣ қайд гардида буд, қобилияти ҳуқуқдории чунин субъектҳо хусусияти хос ва на умумӣ (универсалӣ) доранд [21,с.270-271].

Аз ин рӯ, ин субъектҳо метавонанд танҳо он ҳуқуқ ва ӯ ҳдадориҳои гражданиро дошта бошанд, ки ба ҳадафҳои фаъолият ва манфиатҳои ҷамъиятиашон мувофиқат кунанд. Дар чунин ҳолатҳо, агар аз қонун ё хусусиятҳои чунин субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди давлат, субъектҳои давлатӣ тартиби дигаре барнаояд, қоидаҳои танзими иштироки шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои бо қонунгузории шаҳрвандӣ танзимшаванда истифода мешаванд. Қонунгузории амалкунанда мавҷудияти муносибатҳо оид ба сохтмони муштарак бо иштироки шаклҳои гуногуни кооперативиро истисно намекунад. Дар ин ҳолат, таркиби гуногун имконпазир аст. Кооператив метавонад ҳам иморатсоз бошад, ҳам ҳамчун иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ баромад намуда, тибқи шартнома бо иморатсоз маблағгузории сохтмони қисмати муайяни иншоотро таъмин намояд. Дар ҳолати охирин, нисбат ба иморатсоз, ӯ ҳамчун иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ амал мекунад, аммо ҳуқуқҳои аъзои он ба объектҳо дар асоси узвият ба вуҷуд меоянд. Иштироки кооператив дар сохтмон ҳамчун иморатсоз тавассути ҷалби ашхос ба сохтмон дар асоси шартномаҳои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба узвияти кооператив қабул накардани онҳо, инчунин ташкили кооперативе, ки нисбати аъзои кооператив ҳамчун иморатсоз баромад мекунад, ки ҳадафи он танҳо сохтани объект ва пайдоиши ҳуқуқи моликияти аъзои он буда метавонад.

Тарафҳои шартнома барои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ (субъектҳои он) иморатсоз ва иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки гарчанде ки истилоҳи иморатсоз дар айни замон дар қонунгузорӣ хеле васеъ истифода мешавад, аммо мафҳумҳое, ки ин истилоҳро тавсиф кардааст, бо вуҷуди ин дар он бешубҳа тафсир карда мешаванд. Ҳамин тариқ, иморатсоз шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки сохтмон, бозсозӣ, таъмири асосии объектҳои сохтмони асосиро дар қитъаи замини ба ӯ тааллуқдошта, инчунин татбиқи тадқиқоти муҳандисӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон, азнавсозӣ, таъмири онҳоро таъмин менамояд.

Масъалаи предмети шартнома барои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба мисли ҳама шартномаҳои дигари ҳуқуқи гражданӣ яке аз масъалаҳои баҳснок ва мушкил ҳалшаванда мебошад. Дар робита ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ қоидае мавҷуд аст, ки ба мо имкон медиҳад хулоса намоем, ки маҳз биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ қисми бинои истиқоматӣ ё дигар объекти манзилӣ мебошанд, ки қонунгузор онҳоро ба сифати предмети шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳисоб мекунад.

Дар як қатор таҳқиқот, таърифи предмети шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бо нишон додани объекти дахлдори молу мулки ғайриманқул (бинои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ), ки ҷузъи объекти дигари молу мулки ғайриманқул мебошад, маҳдуд карда мешаванд, пас аз гирифтани иҷозат барои ба истифода додани молу мулк ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ супорида мешавад [22]. Ин фаҳмиши предмети шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шубҳаҳои муайянро ба вуҷуд меорад ва хилофи таълимоти предмети шартнома мебошад. Дар доктринаи ҳуқуқи гражданӣ муддати тӯлонӣ мушкилоти тафсири ягонаи предмети шартномаи ҳуқуқи гражданӣ вуҷуд дорад, ки дар робита ба он якчанд равишҳои асосӣ ба таърифи он ташаккул ёфтанд. Масалан, Д.И. Мейер қайд менамояд, ки предмети шартнома ҳамеша ҳуқуқ ба амали бегона аст. Ба ақидаи вай предмети шартномаи хариду фурӯ ш амалҳои фурӯ шанда оид ба интиқоли мол ба моликияти харидор ва амали харидор оид ба қабули ин мол ва пардохти нархи муқарраршуда барои он мебошад, на мол (миқдори он ва ном), чунон ки баъзан баррасӣ карда мешавад [16,с.462,575].

Муаллифони дигар баръакс, қайд мекунанд, ки предмети шартнома объекти моддӣ (ашё, амвол) ё оламй ғайримоддӣ мебошад, ки иродаи тарафҳои аҳдкунанда мустақиман ба он равона карда шудааст ё иродаи тарафҳои аҳдкунанда бо он мустақиман равона карда шудааст ва барои аз дигар объектҳо ҷудо кардани он ба қадри кофӣ инфиродӣ мебошад [4,с.9]. Ба ақидаи М.И. Брагинский яке аз хусусиятҳои муттаҳидкунандаи шартномаҳо дар он аст, ки онҳо метавонанд предмети мураккаб дошта бошанд, аз он

ҷумла ҳам амали тарафҳои ӯҳдадор, аз ҷумла интиқол ва қабули амвол (объекти навъи якум) ва ҳам худи амвол (объекти навъи дуюм) [3,с.6]. Ба ақидаи Ф.И. Гавзе зери мафҳуми предмети ҳама гуна шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ амалҳое мебошад, ки қарздор бояд иҷро кунад ва объекте, ки ин амалҳо ба он равона карда шудаанд [6,с.26].

Предмети шартнома ҳамеша он чизест, ки шартнома дар бораи он баста мешавад. Шартнома ҳамчун созишномаи тарафҳо дар бораи пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ, танҳо дар сурате ба амал меояд, ки дар мавриди предмети шартнома маҷмӯъи ягонаи манфиатҳои тарафҳо ба даст оварда мешавад. Дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, манфиатҳои ҷонибҳо барои ба даст овардани натиҷаи муайяни иқтисодӣ тавассути таъмини сохтмон объекти молу мулки ғайриманқул равона карда шудаанд. Манфиати иморатсоз дар мукофоти пулӣ барои ташкили сохтмони объекти молу мулки ғайриманқул ва интиқоли он, иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ – ба даст овардани объекти молу мулки ғайриманқул мебошад, зеро аз ҳисоби он ӯ қаноатмандии иқтисодии манфиатҳо худро мегирад.

Баррасии муқаррароти назариявӣ оид ба предмети шартномаи ҳуқуқи гражданӣ ба имкон медиҳад, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ предмети ягона дошта, аз маҷмӯ и тамоми амалҳои гуногун иборат бошад, ки боиси пайдоиши натиҷаи моддӣ мешаванд: таъминот тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва маълумоте, ки дар эъломияҳои лоиҳа мавҷуданд, иҷрои корҳо оид ба сохтмони бинои истиқоматӣ ё дигар объекти молу мулки ғайриманқул ба истифода додани иншоот ва додани биноҳои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ, ки қисми ин молу мулки ғайриманқул мебошанд. Бояд қайд намуд, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ аз рӯи табиати ҳуқуқӣ ба зумраи падидаҳои байнисоҳавӣ дохил мешавад, зеро механизми танзими ҳуқуқии онро дар соҳаҳои гуногун дидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шартномаест, ки миёнаравӣ ба пешбурди корҳо буда, натиҷаи он сохтани бинои истиқоматӣ ё дигар объекти молу мулки ғайриманқул ва ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ интиқол додани иншооти дахлдор дар чунин объекти молу мулки ғайриманқул мебошад, тибқи табиати ҳуқуқии худ, он бояд ба гурӯҳи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки ба иҷрои корҳо равона карда шудаанд, мансуб дониста шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Акчулпанова Е.Х. Правовое регулирование договора участия в долевом строительстве. – С. 55;
2. Бобровникова М.А. Договор участия в долевом строительстве // Строительство и право. – 2006. – № 6. – С.13.
3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: Договоры о передаче имущества 5-й завод. – М.: «Статут», 2003. – С. 6.
4. Гражданское право: В 4 т. Том 3: Обязательственное право / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 717.
5. Гражданское право: учебник / Под ред. А.П. Сергеева. Ю.К. Толстого. Ч. II. - М., 1997. – С. 9.
6. Гавзе Ф.И. Обязательственное право (общие положения). – Минск, 1968. – С. 26.
7. Згонникова Е.П. Правовое регулирование отношений, возникающих из договора участия в долевом строительстве. – С. 84; Бобровникова М.А. Указ. соч. – С. 14.
8. Козлова Е. Поиск модели договора долевого участия в строительстве и его учетная регистрация // Хозяйство и право. – 2002. – № 2. – С 82;
9. Капица О.Л. Правовое регулирование участия граждан в долевом строительстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2005. – С. 117;
10. Кирсанова Е.В. Цена как существенное условие договора участия в долевом строительстве // Юридические науки. – 2007. – № 3. – С. 64.
11. Кодификация российского частного права / Под ред. Д.А. Медведева. – М.: Статут, 2008. – С. 100.
12. Лапутева Е.В. Совершенствование договорных отношений в области жилищного строительства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 25;
13. Медведев С.Н. Правовая природа договора долевого участия в строительстве жилья // Проблемы гражданского права. Сборник научных статей. – Ставрополь, 2006. – С. 134.
14. Маковская А. Договор участия в долевом строительстве // Хозяйство и право. – 2005. – № 5. – С. 25.
15. Майборода Т. Ю. Договор долевого участия в строительстве жилья: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2007. – С. 8-15.
16. Мейер Д.И. Русское гражданское право (в 2 ч.). По исправленному и дополненному 8-му изд., 1902. Изд.3-е, испр. – С. 462, 575.
17. Научно-практический комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части первой (постатейный) / Под ред. В.П. Мозолина, М.Н. Малеиной (автор комментария - М.Н. Малеина). – М.: Норма, 2004 // СПС «Консультант Плюс».
18. Пиксин Н., Оксюк Т. О тех, кто в доле // Бизнес-адвокат. – 2005. -№15, 16 // Справочная система «Консультант Плюс».
19. Романец Ю. Как квалифицировать договоры долевого участия в строительстве? // Хозяйство и право. – 2000. – № 3. – С. 75.
20. Скловский К.И. Собственность в гражданском праве. 4-е изд., перераб., доп. – М.: Статут, 2008. – С. 761.
21. Советское гражданское право. Субъекты гражданского права / Под ред. С.Н. Братуся. – С. 270-271.

22. Сутягин А.В. Договоры в строительстве с комментариями. ГроссМедиа. РОСБУХ. 2008 // Справочная система «Консультант Плюс».
23. Тархова О.Ю. Договор долевого участия в строительстве как основание возникновения права собственности на жилое помещение. – С. 22, 23;
24. Щербинин Л.Г. Особенности правового регулирования долевого участия граждан в строительстве жилых помещений для личных нужд: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2003. – С. 60.

**МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ ИШТИРОК ДАР СОХТМОНИ ҲИССАГӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф зуҳуроти иштирок дар сохтмонро бо истифодаи адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамчунин кӯшиш намудааст, мафҳуму хусусият ва фарқияти шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ муайян намояд. Масъалаи предмети шартнома барои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба мисли ҳама шартномаҳои дигари ҳуқуқи граждании яке аз масъалаҳои баҳснок ва мушкил ҳалшаванда мебошад. Дар робита ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ қоидае мавҷуд аст, ки ба мо имкон медиҳад хулоса намоем, ки маҳз биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ қисми бинои истиқоматӣ ё дигар объекти манзилӣ мебошанд, ки қонунгузор онҳоро ба сифати предмети шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳисоб мекунад. Ҳамин тариқ, шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шартномаест, ки миёнаравӣ ба пешбурди корҳо буда, натиҷаи он сохтани бинои истиқоматӣ ё дигар объекти молу мулки ғайриманқул ва ба иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ интиқол додани иншооти дахлдор дар чунин объекти молу мулки ғайриманқул мебошад, тибқи табиати ҳуқуқии худ, он бояд ба гурӯҳи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки ба иҷрои корҳо равона карда шудаанд, мансуб дониста шавад.

**Калидвожаҳо:** шартнома; сохтмон; қонунгузории гражданӣ; иқтисодиёт; шарикӣ; иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ.

**ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ДОГОВОРА УЧАСТИЯ В ДОЛЕВОМ СТРОИТЕЛЬСТВЕ**

В настоящей статье автор анализирует феномен участия в строительстве, используя научную литературу, национальное законодательство. Также попытался определить понятие, характер и отличия договора участия в строительстве долей. Вопрос о предмете договора об участии в строительстве долей, как и всех других договоров гражданско-правового характера, является одним из самых спорных и трудноразрешимых. В отношении договора участия в долевом строительстве существует норма, позволяющая сделать вывод о том, что именно жилые и нежилые здания, входящие в состав жилого дома или иного жилищного объекта, законодатель считает предметом договор участия в долевом строительстве. Таким образом, договор участия в долевом строительстве - это соглашение, опосредующее работы, результатом которых является строительство жилого дома или иного объекта недвижимости и передача соответствующего объекта участнику долевого строительства в таком объект недвижимости должен принадлежать к группе гражданско-правовых договоров, направленных на выполнение работ.

**Ключевые слова:** договор; строительство; гражданское законодательство; экономика; партнерство; участие в долевом строительстве.

**SOME LEGAL ISSUES RELATED TO EQUITY CONSTRUCTION**

In the article, the author analyzes the phenomenon of participation in the construction of shares, using scientific literature, national legislation. I also tried to define the concept, nature and differences of the contract for participation in the construction of shares. With regard to the contract for participation in shared construction, there is a rule that allows us to conclude that it is residential and non-residential buildings that are part of a residential building or other housing object, the legislator considers the subject of an agreement for participation in shared construction. Thus, an agreement for participation in shared construction is an agreement that mediates work, the result of which is the construction of a residential building or other real estate object and the transfer of the corresponding object to a participant in shared construction in such a real estate object must belong to the group of civil law contracts aimed at performing work.

**Keywords:** contract; construction; civil law; economy; partnership; participation in shared construction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Султонова Дилрабо Шодихоновна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 7340253, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: **901-80-85-45** E-mail: **dilrabo_8545@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Султонова Дилрабо Шодихоновна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Талджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **901-80-85-45** E-mail: **dilrabo_8545@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sultonova Dilrabo Shodikhonovna*** - Tajik National University, assistant of the Civil Law Department of the Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Taljikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **901-80-85-45** E-mail: **dilrabo_8545@mail.ru**

**УДК 330.342.173(575.3)**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА

***Азимов Ҳ.Р.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои шартномаҳои паҳншудаи шартномаи хариду фурӯш мебошад. Дар роҳи ба истеъмолкунанда расидани мол, одатан,

як қатор марҳилаҳои (хариди ашёи хом, истеҳсол, тақсимот) миёнаравӣ як қатор шаклҳои ҳуқуқӣ мегузаранд. Дар ин марҳилаи гузариш, давлат ҳанӯз ҳам дорои қобилияти фаъолона дар танзими раванди тақсимоти мол дахолат карданро дорад, ки он ба ислоҳи муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунандаи мол равона карда шудааст. Ин як сиёсати таъсирасонии давлатӣ дар самти ба тартиб даровардани муносибатҳои хариду фурӯши чакана, ҳимояи бозори молӣ, аз молҳои бесифат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мебошад. Бо вуҷуди ин, истеъмоли мол қисман аз тарафи қонунгузории фурӯши чакана идора карда мешавад. Агар ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аз тарафи фурӯшанда поймол карда шуда бошанд, қонун ҳифзи онҳоро то иҷрои ниҳоии шартнома кафолат медиҳад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана ҳамчун яке аз воситаҳои ҳуқуқии муҳимми қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба моли босифат ва бехатар, барои ҳаёт ва саломатӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон баромад мекунад. Бинобар ин, нисбати танзими муносибатҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, дар баробари боби 29 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 таҳти №802 [3] (минбаъд-КГ ҶТ), ҳамчунин муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 таҳти №72 [6] (минбаъд – Қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон) низ татбиқ карда мешавад. Тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи мол анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъйин гардидаанд (қ.1, м.528 КГ ҶТ). Пайдоиши мафҳуми расмии шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузорӣ марҳилаи рушди таърихиро паси сар намуда, пас аз он дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд.

Аз таҳлили меъёрҳои боби 29 КГ ҶТ маълум мегардад, ки ҷузъиёти шартномаи хариду фурӯши чаканаро тарафҳо (субъектон), предмет (объекти шартнома), нарх, муҳлат, шакл ва мазмун ташкил мекунанд. Дар ин қисмати таҳқиқоти худ мо тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар адабиётҳо зикр мешавад, ки тарафҳои шартнома иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳамчун барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян ба муқобили тарафи дигар баромад мекунанд [1,с.25]. О.А. Красавчиков ишора мекунад, ки «таркиби субъективии шартнома шахсоне мебошанд, ки дар бастан ва амалишавии шартномаи муайян иштирок мекунанд» [7,с.438].

Ҳамин тариқ, тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, пеш аз ҳама, иштирокчиёни асосии шартнома мебошанд, ки байни худ дар асоси озодона ифода кардани ирода шартномаро баста, барои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро муайян мекунанд. Таҳқиқи шартномаи хариду фурӯши чакана бидуни муайян сохтани тарафҳои ин шартнома аз имкон берун аст. Чунки яке аз унсурҳои асосии шартномаи хариду фуруши чаканаро тарафҳои шартнома ташкил медиҳанд. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ба монанди дигар шартномаҳои хариду фурӯш, харидор ва фурӯшанда мебошанд. Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҳамдигар фарқ менамоянд, аммо қоидаҳои умумие, ки қонунгузории граждании нисбати субъектони ҳуқуқи граждании муайян кардааст, ҳам ба фурӯшанда ва ҳам ба харидор тааллуқ дорад. Масалан, ҳарду тараф бояд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии дахлдор барои бастани шартнома бошанд. Ҳамчунин, хусусияти шартномаи хариду фурӯши чакана дар он аст, ки дар ин шартнома ҳам аз тарафи фурӯшанда ва ҳам харидор мумкин аст, ки якчанд нафар баромад намоянд. Масалан, ба сифати истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана шахсе, ки молро харидааст, ҳамчунин аъзои оилаи шахсе, ки ин молро харидааст, истеъмол кардааст, баромада карда метавонад.

Тибқи муқаррароти моддаи 528 КГ ҶТ дар шартномаи хариду фурӯши чакана, шахсе ба сифати фурӯшанда баромад мекунад, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши молҳои чакана анҷом медиҳад. Ба сифати фурӯшанда ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ баромад карда метавонанд. Бояд зикр намуд, ки муайян кардани тарафи фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана аҳамияти муҳим дар самти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дорад. Сабаб дар он аст, ки муайян кардани фурӯшанда ба харидор имконият медиҳад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояшро, ки қонун пешбинӣ намудааст, ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояш истифода намояд.

Таҳлили тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана хусусан фурӯшанда, тибқи муқаррароти моддаи 528 КГ ҶТ, нишон дод, ки ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакани мушаххас нишон дода нашудааст. Бинобар ин, мо ба қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муроҷиат менамоем. Дар қонуни мазкур омадааст, ки фурӯшанда ташкилоте мебошад, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба

истеъмолкунанда мефурӯшанд. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ низ метвонанд, ба сифати фурӯшанда дар хариду фурӯши чакана баромад намоянд. Тибқи моддаи 50 қисми 3 КГ ҶТ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст. Аммо, дар асоси қ.2 м.528 КГ ҶТ шартномаи хариду фурӯши чакана оммавӣ (моддаи 458) мебошад. Шартномаи оммавӣ шартномае мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ баста шудааст. Моддаи 458 КГ ҶТ, ки ба шарномаи оммавӣ бахшида шудааст, нишон медиҳад, ки ба ғайр аз ташкилотҳои тиҷоратӣ ба ҳайси фурӯшанда дигар субъектон ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана наметавонанд баромад намоянд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, ки дар сархати аввали моддаи 458 КГ ҶТ ба ҷойи ибораи «ташкилоти тиҷоратӣ» тағйирот даровварда шуда, дар он «шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд», илова карда шавад.

Аз рӯи шартномаи хариду фурӯши чакана танҳо соҳибкорон (коллективӣ ё индивидуалӣ)-е, ки фаъолияти тиҷорати чаканаро ба роҳ мондаанд, ба монанди фурӯшанда баромад карда метавонанд. Тибқи қонунгузории ҶТ, барои фурӯши чаканаи молҳои аксизӣ, мисли маҳсулоти машруботӣ, тамоку, доруворӣ, ҷавоҳирот, мошинҳои сабукрав ва ғайраҳо литсензияи махсус лозим мебошад. Яъне, шахсе, ки ба хариду фурӯши чакана машғул мебошад, бояд дорои патент ва ё шаҳодатнома оиди фаъолияти соҳибкорӣ бошад. Масъалаи дигар ин аст, ки дар муомилоти гражданӣ ҳолатҳое дида мешаванд, ки шахсони муайян бидуни қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд. Дар асоси моддаи 24 КГ ҶТ шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо вайрон намудани қисми 1 моддаи мазкур амалӣ менамоянд, ҳақ надоранд нисбат ба аҳдҳои бастаашон ба он истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд. Суд метавонад ба чунин аҳдҳо қоидаҳои кодекси мазкурро оид ба уҳдадориҳое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, татбиқ намояд.

Бояд тазаккур дод, ки ба истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот на танҳо соҳибкорони инфиродӣ, инчунин дигар шахсон низ бо шартҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун машғул шуда метавонанд. Масалан, шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебаранд ва фаъолияти онҳо дар бобати пешбурди чунин хоҷагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад (банди 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8- декабри соли 2003, №47), ҳуқуқ доранд на танҳо ба мақсади қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул шаванд (банди 1 моддаи 3 Қонуни мазкур), инчунин ҳуқуқ доранд маҳсулоти зиёдатии истеҳсолнамудаи худро ба фурӯш бароранд (банди 4 моддаи 6 Қонуни мазкур).

Дар адабиётҳо нисбати ин муқаррароти қонун андешаҳо зиёд баён гардидаанд. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки расман ба сифати истеҳсолкунанда ва фурӯшанда эътироф накардани чунин шахсони воқеӣ, ки расман дорои мақоми соҳибкори инфиродӣ набуда, аммо амалан ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, истеъмолкунандагонро дар назди чунин шахсон ба субъектони бепаноҳ табдил медиҳад [8,с.10-11]. Ҳамчунин, ба сифати фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана баъзе субъектони ҳуқуқи гражданӣ, низ баромад карда метавонанд. Масалан, бонкҳо ва давлат. Ҳамин тавр, доираи фурӯшандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана нисбат ба шартномаи маҳсулотсупорӣ маҳдудтар мебошад.

Масъалаи дигар, вобаста ба пайдоиши интернет ва ривоҷи технологияи иттилоотӣ мебошад, ки баъза субъектон тавассути савдои электронӣ молу ашёҳояшонро ба истеъмолкунандагон мефурӯшанд. Дар ин миён зарурати танзими ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меояд. Аммо, дар КГ ҶТ ва қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон меъёри алоҳидаи танзимкунандаи хариду фурӯши электронии мол ё хариду фурӯши фосилавии чаканаи мол муқаррар нашудааст. Дар КГ ҶТ танҳо дар қисми 1 моддаи 534 КГ ҶТ, фурӯши тибқи намуна (тасвир, феҳраст ва ғайра) муқаррар шудааст. Ин меъёр ба пуррагӣ хариду фурӯши фосилавии чаканаи молро ба танзим намедарорад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс байни харидорони молу маҳсулот, ки тавассути мағозаҳои онлайн ин молҳоро харидорӣ мекунанд, муайян кардани вазъи ҳуқуқии фурӯшанда, ки тавассути технологияи иттилоотӣ молро ба фурӯш мебароранд, норавшан мемонад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад мебуд, ки дар КГ ҶТ ва қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон моддаи алоҳида оиди хариду фурӯши фосилавии мол бо нишон додани воситаҳои технологияи иттилоотӣ қабул карда мешуд. Ба ҳамин восита як механизми ҳуқуқии мукаммали ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон қабул мешуд.

Тарафи дигари шартномаи хариду фурӯши чакана харидор мебошад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати харидор, одатан, шаҳрвандон баромад мекунанд.

Шарҳрвандон ҳамчун истеъмолкунанда ба сифати харидор имконияти бастани шартномаи хариду фурӯши чаканаро танҳо дар ҳолате доранд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва пурраи амалакуниро дошта бошанд. Ба миён омадани қобилияти амали гражданӣ дар ҳаҷми пурра бо фарорасии балоғат алоқаманд аст. Балоғат ба расидан ба сини 18-солагӣ фаро мерасад. Дар шартномаи хариду фурӯши чакана хурдсолони аз шаш то чаҳордаҳсола метавонанд, аҳдҳои хурди маиширо дар намуди харидани нон, китоб, қаламу дафтар тавассути шартномаи хариду фурӯши чакана анҷом диханд. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки бидуни ризоияти волидайн, фарзандхондагон ва парасторонашон музди меҳнат, идрор ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд, аҳдҳои хурди маишии дар банди 2 моддаи 29 КГ ҶТ пешбинишударо анҷом диҳанд. Ин аҳдҳо бошанд, ба шартномаи хариду фурӯши чакана дохил мешаванд.

Имконияти аз ҷониби шаҳрвандон бастани шартномаи хариду фурӯшро қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳаҷми қобилияти амали онҳо маълум менамояд. Масалан, хурдсолони аз шаш то чордаҳсола метавонанд мустақилона шартномаҳои хариду фурӯши чаканаи маишӣ банданд (б. 2 м. 29 КГ). Ё ки ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки бидуни ризоияти волидайн, фарзандхондагон ва парасторонашон музди меҳнат, идрор ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд; аҳдҳои хариди маишии дар б. 2 м. 29 КГ ҶТ пешбинигардидаро анҷом диҳанд (б. 2 м. 27 КГ ҶТ). Ба монанди харидани нон, китоб, қалам ва ғ.

Харидор дар шартномаи хариду фурӯши чакана ба сифати истеъмолкунанда баромад карда, вазъи махсусро соҳиб мешавад, бинобар ин нисбати харидор талаботи қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон татбиқ мегарадад. Аммо, дар мафҳуми овардашудаи шартномаи хариду фурӯши чакана дар моддаи 528 КГ ҶТ мафҳуми харидор номбар шуда, истеъмолкунанда истифода нашудааст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи истеъмолкунанда, маънои истеъмол мекунад ё истифода мебарад, бакорбаранда, корфармоянда, сарфкунандаро дорад [9,с.559].

Мафҳуми истеъмолкунанда дар қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон оварда шудааст. Мувофиқи моддаи 1 қонуни мазкур, истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқиест, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Аз ин муқаррароти қонун ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба сифати истеъмолкунанда ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ баромад менамояд. Дар адабиётҳо оиди он, ки ба сифати истеъмолкунанда шахсони ҳуқуқӣ низ баромада карда, молро тавассути ин тарз харидорӣ карда метавонанд, андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки шахсони ҳуқуқӣ ба воситаи шартномаи хариду фурӯши чакана, бо мақсади иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ молро бо ин роҳ харида наметавонанд. Бояд зикр намуд, ки нисбат ба ташкилотҳои тиҷоратӣ фарзиявӣ амал мекунанд, ки мувофиқи он тамоми аҳдҳое, ки онҳо мебанданд, бояд характери соҳибкорӣ дошта бошанд. Бо ҳамин сабаб иштироки онҳо дар шартномаи хариду фурӯши чакана маҳдуд мебошад [10,с.29-30]. Ғаюров Ш.К. чунин менависад: «Дар ҳолати истеъмолкунанда эътироф шудани шахси ҳуқуқӣ ин маъно аҳамияти худро гум мекунад» [2,с.36-39].

Л.А. Шашкова дар таҳқиқоти худ чунин менависад: «Чунин мешуморем, ки дар мавридҳои алоҳида ворид намудани вожаи шахси ҳуқуқӣ ба мафҳуми истеъмолкунада» боиси коста шудани сиёсат оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мегардад, зеро қонун ҳадафи асосии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон шахси ғайрикасбиро дорад, ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар нисбати шарики худ дар бозори истеъмолӣ заифтар мебошад” [9,с.16].

Дар Федератсияи Россия зарурати дохил намудани шахсони ҳуқуқӣ ба мафҳуми «истеъмолкунанда» аз ҷониби муҳаққиқони рус Э. Корнилов, пешниҳод шудааст. Ин муҳаққиқ андешаи худро бо он далел асоснок мнамояд, ки дар бисёр соҳаҳо ва шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун мутахассисони ғайрикасбӣ, ки ба муҳофизати иловагӣ ниёз доранд, ё аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ харида шудани баъзе молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) на барои фаъолияти тиҷоратӣ, балки барои қонеъ сохтани ниёзҳои кормандони худ кор мекунад [4,с.120-123]. Масалан, ширкати соҳибмулкони манзил, ки як гурӯҳ шаҳрвандон соҳибмулкони манзилҳоро муттаҳид месозад, онҳо метавонанд ҳамчун истеъмолкунанда молу маҳсулотро барои таъмини биноҳои бисёрошёнаи сокинонро харидорӣ карда ин маҳсулотро бо мақсадҳои таъмири биноҳои сокинони манзилҳо истифода мебаранд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикитон, пас аз қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории

биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» аз 5 августи соли 2009 таҳти №542 [5] чунин намуди шахсони ҳуқуқӣ фаъолият карда истоданд.

Дар шартномаи хариду фурӯши чакана, истеъмолкунада ҳамчун тарафи шартнома шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки молро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода менамояд. Бо ин хусусият шартномаи хариду фурӯши чакана аз шартномаи маҳсулотсупорӣ фарқ менамояд, чунки дар шартномаи маҳсулотсупорӣ харидор ба сифати истеъмолкунанда баромад накарда, дар ин шартнома харидор ҳамчун соҳибкор, тарафи шартнома амал менамояд, ки молро на барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, истифода менамояд, балки барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шартномаи хариду фурӯши тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, як тараф фурӯшанда, ки ба сифати соҳибкор новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он ва аз тарафи дигар харидор, истеъмолкунанда, ки молро барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва манзилии худ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад, харидорӣ мекунад, баромад менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Гунин, А.В. Договор субаренды в российском гражданском праве: [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. 12.00.03 / Гунин Андрей Вадимович. -Курск, 2011. -С.25.
2. Ғаюров Ш.К. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунадагон ва масъалаҳои такмилталаби он” // «Қонунгузорӣ». - 2016. -№2. -С.36-39.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, № 802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.11.2020).
4. Корнилов Э. Г. Юридическое лицо как потребитель // Закон. -1999. -№ 3. -С. 120-123.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» аз 5 августи соли 2009, №542 //Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.11.2020).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.11.2020).
7. Советское гражданское право: учебник. В. 2-х томах. Т. 1 / под ред. О А Красавчикова – М., 1985. – С. 438.
8. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»/ Зери тахрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. -Душанбе: Эр-граф, 2013. – С.10-11.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. -Ҷилди 1. - Душанбе, 2010. -С.559.
10. Ҳуқуқи граждани: қисми I.Китоби дарсӣ. / Зери таҳрири узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. -Душанбе: ЭР-граф, 2007. -С.29-30.
11. Шашкова Л.Ю. Права потребителей и их защита в Российской Федерации гражданско правовым средствами: дис. ... канд. юрид. наук. 12.00.03. -Ульяновск. 2004.- С.16.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи яке аз унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана тарафҳои шартнома маълумот додааст. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, пеш аз ҳама, иштирокчиёни асосии шартнома мебошанд, ки байни худ дар асоси озодона ифода кардани ирода шартномаро баста, барои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро муайян мекунанд. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ба монанди дигар шартномаҳои хариду фурӯш, ин тарафи харидор ва фурӯшанда мебошанд. Муаллиф қайд менамояд, ки муайян кардани тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ҳатмӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана бо дарназардошти муқаррароти Кодекси граждании ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар мақолаи мазкур нуқтаҳои назари гуногуни олимон вобаста ба мавзӯи мазкур таҳлил шуда, уҳдадориҳои фурӯшанда ва харидор ҳамчун тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф таклифу пешниҳодҳоро ба қонунгузорӣ оид ба муайян кардани тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана манзур намудааст.



**Калидвожаҳо:** шартномаи хариду фурӯши чакана, мафҳум, тарафҳо, харидор, фурӯшанда, истеъмолкунада, шартномаи хариду фурӯш, субъекти шартнома, шартномаи оммавӣ, вазъи ҳуқуқӣ.


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СТОРОН ДОГОВОРА РОЗНИНИЧНОЙ КУПЛИ - ПРОДАЖИ


В данной статье автор рассматривает один из элементов договора о розничной купле-продаже. Сторонами договора розничной продажи являются основные участники договора, которые заключают договор на основе свободного волеизъявления и создают для себя права и обязанности. Сторонами договора розничной купли-продажи, а также других договоров купли-продажи являются покупатель и продавец. Автор подчеркивает важность определения сторон договора розничной продажи для защиты прав потребителей при нарушении прав потребителей. В данной статье проводится анализ сторон договора розничной продажи в соответствии с Гражданским кодексом Республики Таджикистан и Законом Республики Таджикистан «О защите прав потребителей». В статье анализируются различные точки зрения ученых на предмет сторон договора розничной купли-продажи, а также обсуждаются характеристики продавца и покупателя как стороны договора розничной

продажи. Автор также проанализировав закон, выдвинул предложения по усовершенствованию законодательства Республики Таджикистан по определению сторон договора розничной продажи.

**Ключевые слова:** договор розничной купли-продажи, понятие, стороны договора купли - продажи, продавец, покупатель, потребитель, субъект договора; публичный договор, правовой статус.

**SOME ISSUES OF LEGAL REGULATION OF THE PARTIES TO THE RETAIL SALE AGREEMENT**

In this article, the author examines one of the elements of a retail sale and purchase agreement. The parties to a retail sales agreement are the main parties to the agreement, who enter into an agreement on the basis of free will and create rights and obligations for themselves. The parties to the retail sales contract and other sales contracts are the buyer and the seller. The author emphasizes the importance of identifying the parties to a retail sales contract for the protection of consumer rights in the event of consumer violation. This article analyzes the parties to a retail sales agreement in accordance with the Civil Code of the Republic of Tajikistan and the Law of the Republic of Tajikistan "On Protection of Consumer Rights". The article analyzes the various points of view of scientists on the subject of the parties to the retail sale agreement, and also discusses the characteristics of the seller and the buyer as parties to the retail sale agreement. The author also analyzed the law and put forward proposals for improving the legislation of the Republic of Tajikistan to determine the parties to the retail sale agreement.

**Keywords:** retail sale and purchase agreement, concept, parties to the sale and purchase agreement, seller, buyer, consumer, subject of the agreement; public contract, legal status.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азимов Ҳайдаршоҳ Раҷабович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идоракунии давлатӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **939-01-90-23**

**Сведения об авторе:** ***Азимов Хайдаршох Рачабович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, преподаватель кафедры права и государственного управления. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон:93 **9-01-90-23**

**Information about the author:** ***Azimov Khaidarshokh Rachabovich* -** Bokhtar State University named after Nosira Khusrava, lecturer at the Department of Law and Public Administration. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **93 9-01-90-23**

**УДК: 343.848**

# ПРОБЛЕМАҲОИ МУБРАМИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ВА НАЗОРАТБАРИИ СУДӢ АЗ БОЛОИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

***Авзалов А.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Паҳлуҳои гуногуни илм, назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ дар кишварамон зина ба зина инкишоф ёфта истодааст. Тафтишоти пешакӣ ҳамчун як падидаи муҳими муносибатҳои ҳуқуқӣ, бевосита муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки амалияи пешбурд ва омӯзиши назариявии он мубрам аст ба таври хоса тағйири сифат ва моҳият карда истодааст. Чуноне, ки бештари муҳаққиқон қайд менамоянд ва мо низ ба он андешаҳо побандем "ҳоло ҷараёни ислоҳоти тафтишоти пешакӣ ҳамчун қисми таркибии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишварамон ба анҷом нарасидааст" [1,с.205]. Ва барои боз ҳам самаранок ва саҳеҳ гардонидани рафти тафтишоти пешакӣ миёни олимона соҳа ва кормандони амалӣ пайваста масъалагузории мушкилот ва фикру мулоҳиза инчунин андешаҳои созгор ҷиҳати тараққӣ додани он пешбарӣ шудаистодааст.

Тафтишоти пешакӣ сатҳи олии дар амал татбиқ кардани волоияти қонун ба ҳисоб меравад. Бинобар ин консепсияи волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳаки асосии созмон додани давлати ҳуқуқбунёдро ташкил дода, тафтишоти пешакӣ бошад бевосита баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Ҳол онки, мушкилот дар ин самти фаъолият бениҳоят зиёд ба чашм мерасанд.

Вобаста ба ин, ҳануз 13.03.2018 сол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Суханронииаш ҳангоми мулоқот бо кормадони мақомоти прокуратура, дар радифи падидаи тафтишоти пешакӣ ва мушкилоти аз он бар омада изҳор дошта буд, ки "вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои таҳқиқу тафтиш ба талабот пурра ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набудани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд [27]. Инъикоси мушкилот ва нигаронии Роҳбари давлат аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъияти мавҷуда, дар заминаи таҷрибаи давлатдории миллиамон ба вуҷуд омада, барои бунёди ҷомеаи шакли нав, ҷомеае, ки дар он қонун ва талаботи қонун таъсири

аввалиндарача дорад ва тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҷамеъаи шаҳрвандӣ дар асоси он амал мекунанд, монеаи ҷиддӣ ба шумор меравад.

Ҷиҳати ҳалли мушкилот, пеш аз ҳама қайд кардан зарур аст, ки дар ҳудуди кишварамон аллакай базаи муҳими қонунгузорӣ ташкил карда шуда, низоми қонунгузорӣ созмон дода шудааст. Дар асоси талаботи Конститутсия, кишварамон давлати ҳуқуқбунёд эълон карда шуд. Чуноне, ки профессор Сотиволдиев Р.Ш., қайд менамояд, "давлати ҳуқуқбунёд эълон гардидани Тоҷикистон маънои эътирофу риояи як қатор ақидаву назарияҳо, аз қабили, волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон ва шаҳрванд, афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ, қонунияти конститутсионӣ ва монанди инҳо, талаб мекунад" [22,с.476]. Яъне, падидаи давлати ҳуқуқбунёд бо падидаи волоияти қонун (волоияти ҳуқуқ) алоқаи ногусастанӣ доранд. Якеро бе мавҷудияти дигар дарк кардан номумкин аст. Дар маҷмуъ тамоми онҳо дар рафти фаъолияти тафтишотӣ бояд бемайлон риоя ва иҷро карда шавад.

Дар баробари ин соли 2009-ум аз ҷониби мақомоти қонунгузор Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (минбаъд – КМҶ) дар таҳрири нав қабул гардид. Мутобиқи он тамоми фаъолияти тафтишотӣ танзими меъёри гардид, аз ҷумла мақсад, мазмуни фаъолият, ҳудуди корӣ, ваколат ва салоҳияти субъектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ, имконпазирии рафтори расмии он, маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муфаттиш мавриди танзимнамоӣ қарор дода шуд [11].

Тафтишоти пешакӣ падидаи аслии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор рафта, мутобиқан дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мустаҳкам шудааст. Тафтишоти пешакӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки тахминан онҳо чунин мебошанд. Аз ҷумла;

- мустақилона амали шудани тафтишоти пешакӣ [5,с.225; 14,с.287]. Муфаттиш ҳамчун субекти мустақили мурофиаи ҷиноятӣ тамоми амали худро дар асоси талаботи КМҶ ба роҳ монда барои қабули қарори қонуни масъулияти ҳуқуқӣ дорад;
- тафтишоти пешакӣ давраи худмухтори мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Дар ин давраи мурофиа андешаи алоҳидаи муфаттиш баҳри ошкор кардани ҷиноят, собит кардани аломатҳои таркиби ҷиноят, фош намудани шахси содиркардаи ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят айбдор мебошад, ҷамъоварии далелҳо (чи айбдоркунанда ва чи сафедкунанда), муқаррар кардани оқибати ҷинояти содиршуда ва ҳаҷми зарар, инчунин дигар талаботҳои пешбиникардаи КМҶ-ро ба иҷро расонида хулосаи дақиқи худро интишор медиҳад.
- тафтишоти пешакӣ дорои мақсад, вазифа, субъект ва санади ниҳоии худ мебошад;
- тафтишоти пешакӣ ин сатҳи баланди барасмиятдарории муносибатҳои ҳуқуқӣ (муносибатҳое, ки ба содиршавии ҷиноят ва ҳодисаи ҷиноятӣ алоқамандӣ дошта) ба шумор меравад [3,с.130].

Мусаллам аст, ки тафтишоти пешакӣ бинобар сабаби ба таввакал гирифтор шуданаш бояд доимо таҳти назорат ҷиҳати қонуни будани амалу санадҳои қабулшаванда, қарор дода шавад. Таввакалият дар он дида мешавад, ки қонунгузории мурофаивии ҷиноятӣ ба муфаттиш имкониятҳои фаррох баҳри қабули қарор додааст. Тамоми қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба рафти тафтишоти пешакӣ мутаалиқ мебошанд имкониятҳои истиснокунанда бениҳоят зиёд доранд. Ин тарзи меъёрмуқарраркунӣ дуруст мебошад. Чунки, субъекти пешбарандаи тафтишоти пешакӣ имконияти воқеъии рафтори дурусти қонунии худро пайдо карда метавонад ва ҳодисаи тафтишшавандаро баҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

Дар ҳудуди мурофиаи ҷиноятӣ тартиб, асосҳо, механизмҳо ва алоқамандию вобастагии маҷмуи амалҳо, салоҳиятҳо ва ваколатҳои субектони муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мавриди танзимнамоӣ қарор гирифтааст. Тамоми рафти тафтишоти пешакӣ танҳо ва танҳо бояд аз руи талаботи КМҶ баргузор карда шавад. Чунки, КМҶ сарчашмаи бевоситаи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Пешбини кардани падидаи назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ аз болои тафтишоти пешакӣ яке аз қоидаҳои муҳими муносибатҳои мурофаивии ҷиноятӣ ба шумор мераванд [30]. Ба воситаи амали намудани назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ мо имконияти воқеъи пайдо менамоем, ки қонунӣ, асоснок ва дуруст будани амалҳо ва санадҳои қабулнамудаи субектони пешбарандаи тафтишоти пешакиро мавриди санҷиш қарор диҳем. Ин ду шакли назорат дар алоҳидаги аз руи предмети худ ва салоҳияти дар қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда аз болои фаъолияти тафтишоти пешакӣ ба роҳ монда мешаванд.

Аввалан, аз болои тафтишоти пешакӣ падидаи назорати прокурорӣ амал мекунад, ки он аз руи сохти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муайян гардидааст. Он баҳри

санҷидани қонуни будани қарорҳои қабулнамудаи субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ равона шуда, имконият намедиҳад, ки аз як тараф талаботи муқарраркардаи КМҶ вайрон шавад ва аз тарафи дигар бо роҳи қабул шудани санади тафтишотӣ ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд поймол карда шавад. Назорати прокурорӣ аз болои тафтишоти пешакӣ пай дар пай ба роҳ монда шуда як навъ таъминоти ҳуқуқӣ ва таъмини кафолатҳои конститусионии риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад мекунад. Дар ниҳоят мавҷудияти падидаи назорати прокурорӣ аз болои фаъолияти субектони пешбаранадаи тафтишоти пешакӣ дуруст ва саривақтӣ мебошад. Барои собит сохтани ин ақида ба омори мақомоти прокуратура диққат диҳем пас маълум мешавад, ки танҳо дар як соли ҳисоботи аз болои 20445 парвандаи ҷиноятӣ назорати прокурорӣ ба роҳ монда шудааст [26].

Сониян, аз руи тафтишоти пешакӣ падидаи назоратбарии судӣ амал мекунад. Ин падида аввалин маротиба бо қабул шудани Кодекси нави мурфиавии ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Албата, кодекси қаблии мурофаивии ҷиноятӣ назоратбарии судиро инкор намекард, аммо дар чунин шакле, ки айни ҳол он ҷой дорад, мавҷуд набуд. Назоратбарии судӣ аз назорати прокурорӣ дида ба куллӣ тафовут дорад. Чунки мақомоти судии кишварамон мутобиқи Конститусия адолати судиро ба амал мебарорад. Яъне, таъиноти асосии мақомоти судии кишвар амалигардонии адолати судӣ бо роҳи татбиқи талаботи қонун ба ҳисоб меравад. Лекин, бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидани устувории таъмини кафолатҳои конститусионӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон, шаҳрванд, ҷамъият ва давлат падидаи назоратбарии судӣ дар қонунгузории соҳавӣ мустаҳкам карда шудааст. Назоратбарии судӣ нисбат ба назорати прокурорӣ маҳдудтар буда оид ба масъалаҳое равона шудааст, ки танҳо дар меъёри дахлдори КМҶ пешбини шудаанд. Аз ҷумла мубрам будани ин масъаларо омори судӣ тасдиқ менамояд, ки мувофиқи он танҳо дар соли ҳисоботии 2017-ум 7613 адад дархостҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ оид ба татбиқи чораҳои пешгирӣ ва маҷбуркунии мурофиавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд [20]. Бинобар ин мавҷудияти падидаи назоратбарии судӣ низ аз болои фаъолияти тафтишоти пешакӣ дуруст ва саривақтӣ мебошад.

Барои асоснок кардани мавҷудияти падидаҳои назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ асосҳои бениҳоят зиёдро овардан мумкин аст. Аммо нигаронии мо баҳри он равона карда мешавад, ки мо худ азму нияти созмон додани давлати воқеии демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки бошем пас аз чунин филтрҳо ба монанди назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ васеъ, дуруст, ҳамаҷониба ва самаранок истифода кардан лозим аст.

Ба андешаи мо, мушкилоти асосии дар рафти баргузории тафтишоти пешакӣ, ки дар кишварамон мушоҳида карда мешавад аслан аз хусусияти декларативӣ доштани аксарияти принсипҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, интихобан татбиқ кардани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дастгирии ғайрирасмии як субекти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ субекти дигари пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ ва монанди инҳо шаҳодат медиҳанд. Таҳлили баъзе аз ин мушкилот чунин махсусият доранд.

Қоидаи ҳифзи судӣ. Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд [12, с.9]. Чунончи, мутобиқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ шахси дахлдор (ҳуқуқпоймолшудаи эҳтимолӣ) аз руи амалу санадҳои субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ шикоят менамояд. Аммо шикояти ӯ аз ҷониби суд бинобар сабаби идома доштани тафтишоти пешакӣ, қонунӣ ва асоснок будани амалу санадҳо ва ё ошкор нашудани ҳуқуқпоймолкунӣ ва қонуншиканӣ дар амали субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ рад гардида шахс бо проблемааш боқи мемонад [29]. Танҳо аз руи як сарчашмаи иттилоотӣ, яъне мутобиқ ба маълумоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон [15,с.13; 16,с.12; 17,с.8] ҳамасола ба Дастгоҳи ӯ зиёда аз 30 арзу шикоятҳо бинобар асоси дастарси ба адолати судӣ оварда мешавад. Чуноне, ки аз руи талаботи қонунгузори маълум аст, шаҳрвандон ба Ваколатдор танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ барои мусоидат ҷиҳати риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва озодиҳояшон [13, модд. 12] муроҷиат менамоянд. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳудуди ҳамин миқдор ҳолат ҳамасола ҳуқуқи шаҳрвандон аз ҷониби судҳо ҳифз карда намешаванд.

Қоидаи мустақилияти судяҳо. Мутобиқи талаботи қонунгузории кишварамон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Агар судя мустақил набошад пас чигуна метавонад баробарии моро таъмин намояд. Дар мавриде, ки судя аз субъекти пешабарандаи тафтишоти пешакӣ шакли электронии хулосаи айбдорӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро хоҳиш менамояд ва ё аз ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ аз тобеъияти воҳидҳои Агентии назорати далватии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҳазар мекунад, пас дар мустақил будани судяҳо ҳангоми баровардани санади судӣ эътимод нест. Барои ин ҳолатро истисно

кардан, қонунгузор ба судя пеш аз ҳама падидаи тафтиши судии парванда ва пасон иқтидори кормандонро дар шакли котиби маҷлиси судӣ додааст, ки вазифаи функсионалиашон бевосита баҳри ҳамин амал равона шудааст. Боз дигар ҳолате, ки мустақилияти судяро истисно менамояд ин ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Судя мустақилияти худро таъмин карда натавониста аз ноуҳдабароии худ парвандаи ҷиноятиро ба тафтишоти иловагӣ бармегардонад. Ҳол онки, дар КМҶ ва КҶ кишварамон тамоми имкониятҳои воқеи баҳри дар рафти муҳокимаи судӣ ҳал кардани тамоми паҳлуҳои парвандаи ҷиноятӣ ҷой дорад.

Мутобиқи талаботи КМҶ муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо иштироки айбдоркунандаи давлатӣ баргузор карда мешавад. Айбдоркунии давлати давоми мантиқии падидаи таъқиботи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки айбдоркунандаи давлатӣ мусалаҳона ба мурофиаи судӣ ворид мешавад. Ӯ бо эътимоди қавӣ ҷиҳати доштани далелҳои саҳеҳ, холис ва собитсозандаи айби шахс дар содир кардани ҷиноят айбдоркуниро дастгирӣ менамояд. То ба суд додани парванди ҷиноятӣ тамоми механизми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбиникардаро андешида, қонунӣ ва асоснок будани тафтишоти пешакиро баҳои ҳуқуқӣ додааст. Дар ин маврид судяро зарур аст, ки парвандаи воридшударо моҳиятан баррасӣ карда нисбати он хулосаи ниҳоиро ҳосил намояд. Умуман ба ақидаи мо [4,с.30; 24,с.120], падидаи ба тафтишоти иловагӣ баргадонидани парвандаи ҷиноятӣ, танҳо дар доираи ваколатҳои судӣ, аз мазмуни КМҶ барканор карда шавад. Чунки суд мақоми таъқиботи ҷиноятӣ нест ва ӯ танҳо баҳри амали намудани адолати судӣ муввазаф гардидааст.

Қоидаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ. Танзими расмии қоидаи мазкур дар моддаи 12 КМҶ пурра аз руи талаботи Конститутсияи ҶТ ва санадҳои байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Мутаасифона вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар рафти тафтишоти пешакӣ ҳамоно зери савол боқи мондааст. Дар рафти тафтишот гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва дар баъзе мавридҳо ҳатто шоҳидон ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқашон шикоятҳо менамоянд. Шикоят аз он менамоянд, ки субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ нисбати онҳо таҳдид, иръоб, зуроварӣ, ҳатто зуроварӣ бо истифодаи қувваи ҷисмонӣ менамоянд [15].

Мавҷудияти ин принсип умуман зери хатар қарор гирифтааст. Чунки тахминан ҳар сол дар воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) нафаре вафот мекунад. Сабабҳо гуногун мебошанд, аз ҷумла истифодаи роҳу воситаҳои зуроварона ва қувваи ҷисмонӣ баромад мекунад. Мисоли оддӣ таҷрибаи ШВКД №2 н.Сино шуда метавонад, ки талхбории ӯро мо чанд вакт пеш мушоҳида кардем [18, 21, 25, 8]. Як унсури асосии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар он аст, ки фаъолияти онҳо баҳри ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудааст, вақте, ки чунин ҳодисаҳо пай дар пай руй медиҳанд, боварии мардум нисбати онҳо ва фаъолияти кории онҳо аз даст меравад. Таҷриба ва ақидаи иҷтимоии мардум айни замон аз он шаҳодат медиҳад, ки алакай боварии мардум хусусияти манфи пайдо кардааст. Мавҷудияти хатти телефонии мустақими вазири корҳои дохилӣ бо номи “телефони боварӣ” ин худ шаҳодати ин гуфтаҳост. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат на инки мардум балки боварии роҳбарияти мақомоти корҳои дохили аз кормандони тобеъ намондааст. Роҳбарияти МКД дар тақдири минбаъдаи обру ва эътбори МКД бетараф набуда азму хоҳиши барканор кардани падидаҳои номатлуброро дар фаъолияти МКД дорад, ки аз мавҷудияти падидади сеюм бо номи назоратбарии маъмурӣ ва дохилиидоравӣ шаҳодат медиҳад, ки мавзуи тадқиқоти алоҳида мебошад.

Қоидаи эҳтимолияти бегуноҳӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо одамро бо далелҳои бавосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ҳатто онро бо як ариза ва нишондоди аризанавис то ба маҳкумият (ҳукми айбдоркунӣ дар назар дошта шудааст) оварда мерасонанд.

Вобаста ба ин мушкилот Р.А. Юлдошев [28,с.33] тамоюли ислоҳоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятиро таҳлили илмӣ-амалӣ карда қайд менамояд, ки “ҳангоми тафтиши парвандҳои ҷиноятӣ кормадони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (судя, прокурор, муфаттиш дар назар дошта шудааст – шарҳи А.А.) аксаран қарорҳои худро аз руи эътимоди ботинии худ қабул менамоянд. Аммо мутаасифона чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, ҳолатҳое кам нестанд, ки вазъияти аз руи эътимоди ботини ҳал кардани масъала бо осони ба вазъияти суистифодаи мансаб ва ё баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, мубаддал мегардад”. Ақидаи Диноршоев А.М., ва Холова Н.Р., оид ба талаботи эҳтимолияти бегуноҳи ба ҳамин монанд буда, мо ба мазмуни иброзкардаи муаллифон рози мешавем [9,с.137]. Ба ақидаи мо, дар баъзе ҳолатҳо бо мақсади ҳимояи сифатҳои ғайрикасбиашон низ истифода мешаванд.

Мушкилии ба ин алоқаманди амалия дар он дида мешавад, ки парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор оғоз карда мешавад, пасон ин парванда барои пешбурд ба муфаттиш супорида мешавад. Бадбахти дар он аст, ки муфаттиш парвандаро ба пешбурд қабул намуда ба гумонбари эҳтимолӣ иброз менамояд, ки ин парвандаро прокурор оғоз кардааст ва ӯ ҳеҷ кор карда наметавонад. Агар иродаи мустақили ӯ бошад дар кирдори гумонбари эҳтимолӣ ягон айбро намебинад ва аз таъқибот нисбати ӯ даст мекашад. Муфаттиш бо иродаи нохост ба ҷамъоварии далелҳо машғул мешавад. Пасон шоҳид мекобад, одамони тасодуфиро барои додани шоҳиди гап зада моил мекунад, ки бар зидди ин ё он шахс нишондод диҳад. Ин шахсон дар баъзе мавридҳо, аз муфаттиш ва прокурор дида бовиҷдонии худро зоҳир намуда ба гумонбаршудаи эҳтимолӣ ин навъи рафторро арз мекунанд. Бо нишондод ва дигар далелҳои ноустувор айб эълон мекунад ва бо хулосаи айбдоркунӣ парвандаро ба суд ирсол менамояд. Ҳамзамон, дар як маврид амали муқобилмаъно содир карда мешавад. Аз ҷумла, арзу дархости ҳимоятгар вобаста ба ҷоизӣ ва дахлияти далелҳо ҳамзамон саҳеҳии онҳо аз ҷониби муфаттиш рад карда мешавад ва ё ба онҳо диққати зарурӣ дода намешавад. Лекин муқобилмаънои онро мо дар чунин вазъият дида метавонем, яъне агар ин гуна далелҳо ба манфиати айбдоркунӣ набошанд аз ҷониби муфаттиш бо ҳар роҳу баҳона инкор ё рад карда мешаванд ва ё бо баҳонаҳои пуч, бемантиқ ва беасоси қонунӣ рад карда мешаванд. Дар ин замина моро зарур аст, ки танҳо аз руи талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки дар КМҶ пешбини шудааст амал кардан даркор асту бас. Чунки вобаста ба ин вазъият таҷрибаи талхбори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҷазо додани шахсони мансабдор, кормандони фаврӣ ва муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кардан мумкин аст [6].

Махсусан вобаста ба ин ҳолат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки пас аз ба тафтишоти иловагӣ баргардондани 1159 парвандаи ҷиноятӣ 160 адади он қатъ карда шудааст, ки ишора аз беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани одамон медиҳад. Ба замми ин мақомоти прокуратура 1215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор кардаанд. Илова бар ин 228 қарори мақомоти тафтишот оид ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бинобар сабаби беасос оғоз карда шуанашон қатъ карда шуданд [27]. Нишондиҳандаҳои зикршуда танҳо он ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд ва ин ҳолатҳо дар омори мақомоти судӣ ва прокуратура расман инъикос шудаанд. Бо ҳамин миқдор ва аз он ҳам зиёд боз ҳолатҳое ҷой доранд, ки бинобар сабаби бемасъулиятӣ, беэҳтироми нисбати инсон ва шаҳрванд, коррупсия дар шаклҳои гуногунаш, худсарӣ ва хунукназарӣ аз маърази адолат, қонуният ва ҳақиқат берун мемонад.

Ноустувории қоидаи эҳтимолияти бегуноҳиро мо ҳамзамон дар натиҷаи фаъолияти судӣ мушоҳида менамоем. Аз ҷумла, аз ҷониби судҳо дар даҳ соли охир танҳо 38 нафар пурра сафед карда шудааст [27]. Ҳол онки, дар ин даҳ соли охир аз ҷониби судҳо дар кишварамон зиёда аз 126000 [28] парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ карда шудаанд.

Қоидаи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо. Ин принсип дорои механизми дахлдор нест, онро ҳамту дар кодекс мондаанд, “ради галочки”. Масалан, дар урфият гуфтаанд, “бо ширин гуфтан даҳон ширин намешавад”. Бинобар ин моро зарур аст, ки дар мазмуни КМҶ механизми коидаи мазкур пурра коркард карда шуда, инъикоси зарури шавад. Дар амалияи судӣ ҳолатҳое дида мешавад, ки фикру андеша ва мулоҳизаҳои тарафи ҳимоя дар рафти муҳокимаи судии парванда ба инобат гирифта намешаванд. Ин вазъият дар баъзе мавридҳо бо он асоснок карда мешавад, ки барои чи ҳимоятгар далелҳои ба муҳокимаи суди пешниҳодкардаашро қаблан дар рафти тафтиши пешакии парванда пешниҳод накарда буд. Ҳамзамон рад кардани изҳори норозигӣ ва қаноатманд нашудани судшаванда аз далелҳои дар қабати парванда мавҷудбуда бо асосе, ки гуё барои чи судшаванда қаблан дар ҳуҷҷатҳои дахлдори парвандаи ҷиноятӣ имзои худро гузоштааст ва ё айби пешбаришударо эътироф кардааст (бигузор қисман бошад). Ҳол онки ақидаи марказии принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо маънои онро дорад, ки маҳз дар назди адолатпарвар (судя) ҷанбаи таркибии айбдоркунӣ ва ҳимоя дар тори ҳақиқат ва қонуният гузошта шуда ба он баҳои холисона дода шавад на инки аз рӯи эҳсосот ва омилҳои шахсию зиддиҳуқуқӣ.

Қоидаи таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксар мавридҳо муфаттишон бо фиребу найранг даст зада шахсро аз имкониятҳои сари вақт раҳои ёфтан аз тортани мурофиаи ҷиноятӣ маҳрум менамоянд [7]. Аз чумла, бо роҳи фиреб додани гумонбаршуда ва айбдоршаванда аз онҳо аризаи даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи ёрии ҳимоятгар

(адвокат) гирифта онро ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда, тамоми амалҳои тафтишотиро ба ҳазур анҷом дода, пасон дар эълон кардани айб, ки қонунгузорӣ маҷбур мекунад, иштироки ҳимотгар таъмин карда шавад, ҳимоятгарро ба тафтишот ворид карда дар "бинои вайронаи сохташуда" (парвандаи ҷиноятӣ дар назар дошта шудааст) уро ворид мекунанд, ки аллакай имконияти воқеъии ҳимоя кардани шахс аз даст рафтааст. Ё инки умуман парвандаро ба суд бе иштироки ҳимоятгар ирсол менамоянд.

Дар ин маврид тамоми кушиш ва талабҳои ҳимоятгар вобаста ба ҳифзи манфиатҳои шахс ғайриимкон мегардад. Тасаввур кунед, ки амали тафтишотии алакай баргузоршударо кадом муфаттиш ва ё прокурори онро тасдиқ карда розӣ мешавад, ки аз сари нав баргузор намояд ва таасурот вобаста ба айби пешниҳодшуда тағйир ё бекор карда шуда, ботил эътироф карда шавад. Ҳеҷ як муфаттиш ба ин ҳолат розӣ нашуда, тамоми кушишу тавоноиашро баҳри деградатсия кардани ҳимоятгар равона мекунад, ки "танҳо парвандаи ҷиноятиаш ба суд ирсол карда шавад" ва аҳамият надорад, ки дар онҷо ҳуқуқи инсон поймол мешавад ва ё инсон дар заминаи хатогиҳои судӣ ба ҷазои носазо гирифтор мешавад.

Қоидаи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаи ҷиноятӣ. Принсипи мазкур кулан поймол мегардад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои таҳқиқу тафтиш ба талабот пурра ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандашо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, банду басти нодурусти кирдори айбдоршавандагон кам нестанд [27]. Чуноне, ки дар боло ишора намудем, мутобиқ ба ҳисоботи омори дар даҳ соли охир бо сабаби пурраву ҳаматарафа тафтиш нагардидани ҳолатҳои парванда, дар маҷмуъ, тахминан 1200 парвандаи ҷиноятӣ ба тафтишоти иловагӣ баргардонда шудааст. Барои мисол, таҷрибаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятиро аз Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи давлатии аминяти миллӣ ва Мақомоти корҳои дохилӣ овардан мумкин аст. Ҳамагуна парвандаҳои хому хуфталаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия "дар вақташ аз суд мегузашт" ҳозир бошад ҳамагуна парвандаҳои хому хуфталаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ "аз суд гузашта истодааст". Як фикр карда монед, чӣ? Ба андешаи мо барои ин масъаларо дарк кардан дониши ҳуқуқи низ даркор нест, танҳо ақли расо ва фазилати умумии инсонӣ лозим асту зарурат ба шарҳу возеъ надорад.

Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки мутобиқ ба талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои ба падидаи тафтишоти пешакӣ алоқаманд, ҳамзамон таҷрибаи анқариб 80-90 солаи мавҷудияти мақомоти тафтишотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воҳидҳои тафтишотӣ дар панҷ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амал мекунанд. Онҳо дар як маврид зери тобеъияти як чанд шахси мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла агар дуруст диққат диҳем пас мушоҳида мешавад, ки як муфаттиши мақомоти корҳои дохили дар як маврид дорои чунин зинаи тобеъиятӣ мубошад, якум сардори шуъбаи тафтишотии ШВКД, дуюм муовини сардори ШВКД, сеюм сардори ШВКД, чорум ёрдамчии прокурор дар самти назорати тафтишоти пешакӣ, панҷум муовини прокурор дар самти назорати тафтишоти пешакӣ, шашум прокурор.* Ҳар як зинаи номбаршуда имкониятҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба ҷараёни тафтишоти пешакиро доранд ва ҳеҷ як муфаттиш аз таъсиррасонӣ ба рафти кориаш аз ин зинаҳо орӣ нест. Инчунин аз нуқтаи назари салоҳиятнокӣ прокурор дар кишварамон аз болои рафти тафтишоти пешакӣ ваколатҳои ҳокимиятӣ дорад [2,с.51]. Маҷмӯи ҳолатҳои номбаргардида табиист, ки ба рафти солими пешбурди тафтиши пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ таъсири худро мегузорад [3, с.99]. Бинобар ҳамин алакай вақти он расидааст, ки мо ҷиҳати созмон додани сохтори махсуси тафтишоти чораҳои мушахас андешем. Пешниҳод менамоем, ки дар шабоҳат ба монанди таҷрибаи созмон додани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз руи қиёс дар атрофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар боз як мақомоти нав бо назардошти мустақилияти корӣ, ки самти асосии фаъолияташ тафтиш кардани парвандаҳои ҷиноятӣ бошад, созмон дода шавад. Ин мақомот бо шакли Агентӣ созмон дода шавад. Ба ин мақомот мустақилияти амиқ дода шавад.

Барои шарҳи проблемаҳои падидаи тафтишоти пешакӣ асосҳои гуногунро номбар кардан мумкин аст, ки таҷрибаи тафтишоти пешакиро мавриди муҳокимаи танқидӣ қарор дода шавад [19,с.112-118]. Лекин мақсад аз он иборат аст, ки мо тавонем аз омузиши ин мушкилотҳо роҳи дурусти татбиқи талаботи қонунҳоро ошкор кунем. Бинобар ин мо чунин мешуморем, ки мавҷудияти майли айбдоркунӣ дар фаъолияти муфаттиш, прокурор

* Мисоли мазкур танҳо барои ҳудуди як ноҳия оварда шудааст.

ва судя, набудани таҷриба вобаста ба баровардани ҳукми сафедкунанда [27], ба сиёсат алоқаманд кардани мазмуну мундариҷаи парвандаҳои ҷиноятӣ, сатҳи баланди хатогии судӣ (дар маҷмуъ барои тафтишот, назорати прокурорӣ ва баррасии судии парвандаҳо), надоштани салоҳияти дуруст аз ҷониби адвокат, муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, судя ҷиҳати одилона ва холисона ҳимоя кардани ҳуқуқи инсон ба шумор меравад.

Мутобиқ ба ҳисоботи оморӣ дар даҳ соли охир танҳо нисбати 38 нафар ҳукми сафедкунӣ бароварда шудааст [27]. Ин ҳолати бениҳоят мураккаби татбиқи қонун ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки дар боло қайд кардем, агар ба омори парвандаҳои ҷиноятии баррасишуда назар кунем пас маълум мешавад, ки аз ҷониби судҳо дар даҳ соли охир зиёда аз 126000 ҳазор парвандаҳои ҷиноятӣ барраси карда шуданд. 38 нафари сафедшуда ҳоло таҷрибаи аниқ омухташуда нест ва зарурат ба муайян кардани он пеш омадааст, ки онҳо кадом категорияҳои парвандаҳои ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Мутаасифона дар амалия ба дараҷае ба хатогӣ роҳ медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо субекти ҷиноятсодиркарда пас аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони бегуноҳ ошкор карда мешавад.

Худ як қазоват кунед, барои мисол, як парвандаи бо ҳодисаи қаллобӣ тафтишшавандаро ба иродаи сиёсии давлат алоқаманд менамоянд. Ин тарзи масъалагузорӣ ба истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ ягон алоқамандӣ надошта, баръакс, ба имиҷи сиёсии давлат, рахна мезанаду халос. Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқро аз ин қабил субектон абадулмавт раҳо кардан даркор. Чунки, тамоми ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ касби ғайрисиёсӣ ба шумор рафта дар рафти фаъолияташон умуман ба корҳои сиёсӣ дахолат намекунанд. Чунки падидаи сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ дар меъёрҳои қонун ҷой кардан ғайриимкон аст ва касбиятҳои ҳуқуқшиноси бошанд, танҳо ва танҳо аз руи талаботи қонунҳо амал мекунанд. Ин ҳолат ҳам дар амалия ва ҳам дар назарияи дарки муносибатҳои ҳуқуқӣ, доимо таъкид карда мешавад. Кадом асареро нахонем ба ин андеша моро побанд менамояд [23,с.727; 10,с.282-283]. Яъне, тамоми тарзи рафтори қонунӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шуда танҳо аз ҷониби ҳуқуқшинос барасмият дароварда мешаванд.

Баъзе аз муаррихон масъалаи надоштани мустақилияти воқеъӣ дар амалигардонии адолати судӣ, мустақилият ва озоди дар бавуҷуд овардан ва дастгири кардани айбдоркунии давлатӣ дар проблемаҳои татбиқи қонун мебинанд. Марҳамат! Чигуна назаре надошта бошанд, ин қабил муаррихон, ва аз кадом нуқтаи назар баҳо додани ин падидаҳоро раво каниста бошанд ҳам, проблемаи волояти қонун боқи мемонад ку! Дар таҷриба бо андешаи маҳдуди шахсии худ, бо тангназарии худ дарк кардану нисбати муносибатҳои ҷамъияти раво донистани тадбиқи “интихобии” меъёри қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар баробари рад кардани талаботи принсипиалии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дар ҳамагуна самтҳои тадбиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мушоҳида мешавад.

Мусаллам аст, ки чунин тарзи татбиқи қонун то кунун падидаи “хатогии судӣ”-ро дар кишварамон ба сатҳи кунди оварда расонидааст. Дар ин маврид падидаи хатогии судӣ бо мазмуни васеъаш фаҳмида мешавад. Хатогии асосӣ аз давраҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ маншаъ гирифта дар ҷараёни адолати судӣ, яъне мавриди моҳиятан муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ боз идома меёбад. Дар аксар мавридҳо дониши ягонае, ки вобаста ба талаботи қонунгузорӣ дар муҳити ҳуқуқшиносон мавҷуд аст ва аксарият онро пазирой мекунанд, аз ҷониби баъзе аз ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шакли шикаста ва беназардошти талаботи дигари қонун, ки алоқамандии зич ва таъсири бевосита дорад ва дар ниҳоят мантиқан зарурати зинаи минбаъдаи тадбиқи қонунро ташкил медиҳанд, мавриди радия қарор дода мешавад.

Мо ин проблемаро чигунае, ки арзёби накунем, проблема боқи мемонад ва мутаасифона ин қабил проблема ба тариқи низомнок ва муттасил то ҳол дар таҷриба пайдо шуда истодааст ва нисбати шахсони ба муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ воридшаванда раво дониста шуда истодааст. Лекин, мутаасифона маҳаки ягонаи муайянкунӣ, ошкоркунӣ ва сари вақт бартараф кардани онҳо дар таҷриба то ҳол коркард нашудааст.

Албата, барои ҳалли ин проблема мавчудияти падидаи назорати прокурорӣ ва назоратбарии судиро номбар кардан мумкин аст, аммо чи суд, ки субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ ва субектони амаликунандаи назорати прокурорӣ зери падидаи таъқиботи ҷиноятӣ амал карда, дар бартараф кардани чунин проблемаҳо манфиатдор нестанд. Дар ниҳоят мавҷудияти риоя ва иҷрои ҳуқуқ, озоди ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд зери савол гузошта мешавад. Ҳамзамон хатари дигар дар он дида мешавад, ки тамоми субектони масъул аз мавҷудияти ин навъи муносибатҳои

“нонавишта” огоҳи доранд, лекин дар бартараф кардан ва аз байн бардоштани онҳо бемасъулияти зоҳир намуда манфиатҳои шахсии худро болотар аз талаботи корӣ ва талаботи қонунҳо мегузоранд.

Агар баъзе аз масъулон ба он андеша бошанд, ки талабот талаботи сиёсӣ аст ва ба замона мувофиқ аст, бо камоли эҳтиром иброз менамоем, ки ин тарзи ақидарони ботил аст. Мо эътироф мекунем, ки алоқамандии сиёсат дар ин мавврид ҷой дорад, лекин ӯ бояд аз нигоҳи талаботи қонун ва танҳо дар заминаи риояи талаботи қонун ба амал баровардa шавад. Чунки дар давлати ҳуқуқбунёд маҳаки асосӣ риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта, падидаи “қонуни ҳуқуқӣ” амал мекунад. Яъне, дар ҳар маврид чигуна вазъияти ҳуқуқие набошад, бояд ҳуқуқи инсон дар мадди аввал гузошта шуда муносибати ҳуқуқи ҳал карда шавад.

Ин ҳолат моро водор менамояд, ки ҳангоми ҳал кардани проблемаи ҳуқуқи (ҳодисаи ҷиноятӣ) сараввал ба талаботҳои КМҶ ва КҶ такя намоем. Агар гумон бошад пас ӯро бо роҳу воситаҳои ҳақиқии дар КМҶ инъикос шуда тасдиқ кард, агар айб бошад пас ӯро бояд дар асоси мавҷудияти далелҳо собит сохт, дар ин маврид хусусияти далелҳо ҳатман бояд ба инобат гирифта шавад (саҳеҳи, дахлият ва м.и.). Агар бо роҳу воситаҳои қонунӣ гумон ё айби шахс дар содир кардани ҷиноят тасдиқ нагардад пас вазъияти ҳуқуқӣ бояд ба манфиати шахс ҳал карда шавад. Шубҳа бояд ба фоидаи гумонбаршуда ва айбдоршаванда баҳо дода шавад [11, модд. 15]. Гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз таъқиботи ҷиноятӣ ё ҷазо озод карда шавад ва ё сабукии дахлдор нисбати ӯ раво дониста шавад. Тамоми ин масъалаҳо прерогативаи функсионалии падидаи назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ мебошад, ки аз ҷониби прокурор ё судя бояд амали карда шавад.

Ҳамин тариқ, моро зарур аст, ки бо мақсади барангехтани полемикаи илмӣ-амалӣ дар доираи мушкилоти падидаҳои таҳлилшуда ибрози назар кунем. Чунки тамоми кӯшишу имкониятҳои кормандони амалӣ ва илм бояд баҳри таъмини воқеъии риоя ва иҷрои маҷмӯи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд равона карда шавад. Аз ин рӯ, хулосарони кардан мумкин аст, ки дар маҷмуъ риояи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва моро зарур аст, ки баҳри аз байн бурдани чунин ақида корҳои зиёдеро ба анҷом расонем. Дар ин замина вобаста ба масъалаи омухташуда пешниҳодҳои саривақти менамоем.

- ➢ мазмуни талаботи баъзе аз қоидаҳои асосии Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ куллан таҷдиди назар карда шавад. Аз ҷумла;, принсипи мубоҳисави ва баробарии тарафҳо ба тарзи дуруст дар КМҶ инъикос карда шавад. Масъалаи таъиноти кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва дар ин замина таъиноти асосии субектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ дуруст арзёбӣ карда шавад.
- ➢ падидаи тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё хулосаи айбдоркунӣ пас аз анҷом ёфтани тафтишоти пешакӣ барҳам дода шавад.
- ➢ падидаи ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд, судя пурра барҳам дода шавад.
- ➢ бо мақсади таъмини мақсадноки баробарвазнӣ ба ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ салоҳияти дуруст ва мантиқан солим дода шавад.
- ➢ дар меъёри дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аниқ ва саҳеҳ инъикос карда шавад, ки “субекти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳолати ворид шудани ариза, шикоя, дархост ва дигар мурооҷиатҳо уҳдадор аст, ки ба шахси муроҷиаткунанда ҷавоби аниқ, дақиқ ва саҳеҳ бо нишон додани ваҷҳ, асосҳо ва ҷавоб ба саволи дар муроҷиат зикршуда, дар шакли хаттӣ диҳад”.
- ➢ барои ба кор қабул намудани шахс ба сифати муфаттиш ва таҳқиқбаранда бояд шахсоне интихоб карда шаванд, ки сатҳи баландтарини дониш, қобилияти амиқи таҳлилӣ, малакаҳои ҷустуҷӯӣ, дорои ахлоқ ва маданияти сатҳи олӣ, инсондуст, ватандуст, адолатпарвар, иродаи матин ва ҳифзкунандаи манфиатҳои қонунӣ дошта бошад. Ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории муфаттишон ва таҳқиқбарандаҳо аз хизмати психологҳо истифода кардан лозим аст, ки потенсиали кории номздро арзёбӣ карда тавонад.
- ➢ созмон додани мақомоти мустақили тафтишотӣ оид ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Авзалов А.Х. Некоторые рассуждения относительно программы судебно-правовой реформы в Республике Таджикистан (перспективы развития судебной системы) / А.Х. Авзалов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. -№2-3(201). с. 205.
2. Авзалов А.Х. Некоторые аспекты прокурорского надзора при приостановлении и прекращение производства по уголовным делам преступлений коррупционного характера / А.Х. Авзалов // Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности: материалы международной конференции). – Душанбе: Визави, 2016. – С.51.

3. Авзалов А.Х. Психологияи ҳуқуқӣ. Васоити таълимӣ / А.Х. Авзалов. – Душанбе: Эр-граф, 2014. С. 130.
4. Авзалов А.Х. Некоторые вопросы прокурорского надзора за предварительным расследованием преступлений коррупционного характера / А.Х. Авзалов // Тезисы научных докладов республиканской научно-теоретической конференции (г.Душанбе, 21-29 апрел 2008 г.) – Душанбе: Изд-во. «ТГПУ», 2016. – С.30.
5. Бобоҷонзода И.Ҳ. Курси лексияҳо аз фанни ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Васоити таълимӣ / И.Ҳ. Бобоҷонзода ва диг. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – С.225.
6. В Таджикистане арестованы около 10 сотрудников Антикоррупции [Электронный ресурс]. *URL:* http://www.gumilev-center.tj/v-tadzhikistane-arestovanyi-okolo-10-sotrudnikov-antikorruptsii/ (дата обращения 25.05.2018).
7. Вокуниш ба мақолаи «Судьи не имеют права ошибаться» // ASIA-PLUS. – 2016. – 11 июл. – №52 (1137). [манбаи электронӣ]. URL: http://www.sudioli.tj/tj/vokunish-o/84-vokunish-sudi-ne-imeyut-prava-oshibatsya-asia-plus-az-11-iyuli-soli-2016-52-1137.html (санаи истифодабарӣ: 16.06.2018).
8. В Таджикистане суд впервые рассмотрит иск против Генеральной прокуратуры. [Электронный ресурс]. *URL:* http://news.tj/news/tajikistan/laworder/20180607/v-tadzhikistane-sud-vpervie-rassmotrit-isk-protiv-generalnoi-prokuraturi (дата обращения: 15.06.2018).
9. Диноршоев А.М. Содержание конституционного принципа презумпции невиновности и его закрепление в уголовно-процессуальном законодательстве / А.М. Диноршоев, Н.Р. Холова // Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности: материалы международной конференции (г.Душанбе, 25 ноября 2016 г.) – Душанбе: Виза, 2016. – С.137.
10. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С.282-283.
11. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул 3.12.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. С. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 618, аз 25.03.2011 № 692, аз 2.08.2011 № 755, аз 16.04.2012 № 809, аз 03.07.2012 № 864, аз 01.08.2012 № 878, аз 28.12.2012 № 927, аз 28.12.2012 № 932, аз 22.07.2013 № 982, № 983, аз 14.03.2014 № 2014 № 1067, аз 27.11.2014 № 1134, аз 23.11.2015 № 1229, аз 15.03.2016 № 1275, аз 14.05.2016 № 1306, аз 23.07.2016 № 1332, № 1333, аз 24.02.2017 № 1381.
12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русcӣ ва англисӣ). – Душанбе: Нашриёти “Контракт”, 2016. – С.9.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ”. Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 20.03.2008 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2008, № 3, мод. 191; с. 2011, №6, мод. 453; с. 2012, №4, мод. 261; с. 2014, №7, s. 1, мод. 398; с. 2016, №3, мод. 134.
14. Манова Н.С. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан. Учебник / Под. ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: ТАДЖПРИНТ, 2017. – С.287.
15. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон барои соли 2015. – Душанбе. 2016. С.13.
16. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон барои соли 2013. – Душанбе. 2014. С.12.
17. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон барои соли 2012. – Душанбе. 2013. С.8.
18. Марги Абдурасул Назаров баъди як рӯзи боздошт дар Душанбе [манбаи электронӣ]. *URL:* https://www.ozodi.org/a/abdurahmon-nazarov-died/29134847.html (санаи истифодабарӣ: 15.06.2018).
19. Неъматуллоев У.Э. Соотношение обыска и выемки в уголовно-процессуальном праве / У.Э. Неъматуллоев // Правовая Жизнь. – 2015. – №3 (11). -С.112-118.
20. Нишасти матбуотӣ дар Суди олии ҶТ [манбаи электронӣ]. *URL:* http://www.sudioli.tj/tj/asos/144-hishasti-matbuot-1-fevrali-soli-2018.html (санаи истифодабарӣ: 20.07.2018)
21. Оғози тафтиши марги Абдурасул Назаров дар прокуратура ва ВКД [манбаи электронӣ]. *URL:* http://news.tj/tj/news/tajikistan/laworder/20180405/oozi-taftishi-margi-abdurasul-nazarov-dar-prokuratura-va-vkd (санаи истифодабарӣ: 16.06.2018).
22. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал – Групп, 2003. С.476.
23. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – С.727.
24. Тугел А.К. Соотношение судебного контроля и прокурорского надзора / А.К. Тугел // Актуальные проблемы совершенствования прокурорского надзора, предварительного расследования по уголовным делам и уголовно-исполнительного законодательства в свете конституционных преобразований в Казахстане: Материалы международной научно-практической конференции (г.Астана, 18-19 октября 2007 г.) – Астана, 2008. – С.120.
25. Хатлонского милиционера судят за смерть человека при задержании [Электронный ресурс]. *URL:* http://news.tj/ru/news/tajikistan/laworder/20180609/hatlonskogo-militsionera-sudyat-za-smert-cheloveka-pri-zaderzhanii (дата обращения 15.06.2018).
26. Ҳисоботи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017” // Садои мардум. – 2018. - 22 феврал. – №23 (3817). С. 3.
27. Э.Раҳмон. Кормандони прокуратура таҷассумгари сиёсат ва симои давлат мебошанд. Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони прокуратура // Садои мардум. – 2018. – 15 март. – №34 (3828). Саҳ. 2.
28. Юлдошев Р. Р. Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.). Научно-практическое пособие / Р.Р. Юлдошев, Х.Х. Махмадиев, А.А. Акбарзода. – Душанбе: Издательство «КОНТРАСТ», 2018. – С.33.
29. Чӣ гуна исбот кунам, ки дар асл, бегуноҳам? // Имрӯз News. – 2016. - 11-12 август. –№87-88 (1284-1285).
30. Цветкова А. Соотношение прокурорского надзора и судебного контроля за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности в Республике Таджикистан / А. Цветкова, И. Махмудов // Уголовный процесс. – 2008. –№3. С.83.

**ПРОБЛЕМАҲОИ МУБРАМИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ВА НАЗОРАТБАРИИ СУДӢ АЗ БОЛОИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи масъалаҳои мубрами падидаҳои назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ аз болои тафтишоти пешакӣ таҳқиқот бурдааст. Мавҷудияти шакли назорат аз болои

раванди фаъолияти тафтишоти пешакӣ дар намуди назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ маҳаки муҳими асоснок, қонунӣ ва адолатнок будани санадҳои қабулнамудаи муфаттиш баромад мекунад. Ҳамагуна кафолатҳои конститусионие, ки дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба инсон ва шаҳрванд дода шудааст, ба воситаи амалигардонии ваколатҳои тафтишотӣ ва назоратӣ дар амал татбиқ карда мешаванд. Дар ин замина мавҷудияти мушкилоти амалигардонии ин кафолатҳоро муаллиф дар риоя нагардидан ва ё ба таври бояду шояд риоя нашудани мазмуну талаботи асосии коидаҳои принсипиалии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мебинад. Муаллиф баъзе аз принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро аз қабили эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳифзи судӣ, таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя, мустақилияти судҳо ва монанди инҳоро мавриди омузиш ва таҳлили қарор додааст. Коркарди механизмҳои самарбахши падидаҳои назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ, аз ҷуниби муаллиф ҳамчун масъалаи маркази арзёбӣ гардида, дар баробари он барои беҳтар кардани таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ таклифу пешниҳодҳои судманд намудааст.
**Калидвожаҳо:** назорати прокурорӣ, назоратбарии судӣ, тафтишоти пешакӣ, принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, прокурор, судя, муфаттиш, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти корҳои дохилӣ, ҳуқуқи инсон, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд.

## АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА И СУДЕБНОГО КОНТРОЛЯ ЗА ПРЕДВАРИТЕЛЬНЫМ РАССЛЕДОВАНИЕМ

В данной стате автор исследует актуальные проблемы институтов прокурорского надзора и судебного контроля за предвартельным расследованием. Существование форма контроля за деятельности органов предварительного расследования в виде прокурорского надзора и судебного кантроля выступает как важнейшая предпосылка для принятия обоснованого, законного и справедливого процессуального решения со стороны следователя. Всякие конституционые гарантии входящие в круг уголовно-процессуальных правоотношений претворяется посредством осуществление следственных и надзорно-контрольных полномочий. В этой связи, автором, существование проблем претворение конституционных гарантии видится в соответствующем образом несоблюдение либо недостаточного соблюдения требования принципов уголовного процесса. Автором изучено и исследована некоторые принципы уголовного процесса, такие как презумпция невиновности, судебная защита, обеспечение подозреваемого, обвиняемого и подсудимого права на защиту, независимость судей и др. Разработка эффективных механизмов института прокурорского надзора и судебного контроля автором оценивается как центральный вопрос, и наряду с этим в целях улучшения практики правоприменения автором предлагается предложения по его улучшению.
**Ключевые слова:** прокурорский надзор, судебный контроль, предварительный расследование, принципы уголовного процесса, уголовно-процессуальных правоотношений, прокурор, судя, следователь, правоохранительные органы, органы внутренних дел, права человека, защита прав человека и гражданина.

## ACTUAL PROBLEMS OF PROSECUTOR'S SUPERVISION AND JUDICIAL CONTROL OVER PRELIMINARY INVESTIGATION

In this article, the author investigates the actual problems of the institutions of prosecution supervision and judicial control over the preliminary investigation. The existence of a form of control over the activities of the preliminary investigation bodies in the form of prosecutor's supervision and judicial control acts as the most important prerequisite for adopting a justified, legal and fair procedural decision on the part of the investigator. Any constitutional guarantees entering into the range of criminal procedural legal relations are implemented through the implementation of investigative and supervisory-control powers. In this regard, the author, the existence of problems the implementation of the constitutional guarantees is seen in the corresponding manner as non-compliance or insufficient compliance with the requirements of the principles of the criminal process. The author has studied and studied several principles of the criminal process, such as the presumption of innocence, judicial protection, the provision of the suspect, accused and defendant of the right to defense, the independence of judges, etc. The author develops effective mechanisms of the institution of prosecutorial supervision and judicial control as a central issue, and along with In order to improve the practice of law enforcement, the author proposes proposals to improve it.
**Keywords:** prosecutor's supervision, judicial control, preliminary investigation, principles of criminal procedure, criminal procedural legal relations, prosecutor, judge, investigator, law enforcement bodies, law enforcement bodies, human rights, protection of human rights and citizenship.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Авзалов Ардашер Хайруллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-40-03-03**. E-mail: **aardasher@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Авзалов Ардашер Хайруллоевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры судебного прапва и прокурорского надзора. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-40-03-03**. E-mail: **aardasher@gmail.com**

**Information about the author:** ***Avsalov Ardasher Khairulloevich*** - Tajik National University, assistant of the Department of judicial law and prosecutor's supervision. **Address**: 734001, Republic Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki, 17. Phone: **904-40-03-03**. E-mail: **aardasher@gmail.com**

УДК: 342 (575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

*Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқэҷодкунӣ собит менамояд, ки бо мурури пешравии ҷомеа, ба вуҷуд омадани тағйиротҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ зарурати ба шароити нав мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба миён меояд. Чун, ки ҳаёт доим дар такомулу тағйирот аст, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мувоҷеҳи тағйирот мегарданд. Аз ин лиҳоз, мақоми олии қонунгузории кишвар бояд ба сифат, ва ҳолати амалӣ қонунҳое, ки тағйирталаб мегарданд эътибори ҷиддӣ диҳанд. Зеро то кадом сатҳу дараҷа ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу сифати қонунҳои он сахт вобаста аст. Аз ин рӯ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ раванди табиии қонунгузорӣ буда, он дар таҷрибаи қонунгузории ҷумҳурии мо васеъ истифода бурда мешавад.

Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳои қонунгузорӣ барои танзими муносибатҳои нави дар ҷомеа ба миён омада, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Иҷрои қоидаҳо, усулҳо, воситаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин марҳалаи таҳияи лоиҳаи қонун, сифати қонун ва мувофиқан сифати дигар санадҳои дар асоси он қабулшаванда вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз дар адабиётҳои муосир ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ диққати калон дода мешавад. Аз ҷумла ҳуқуқшиноси машҳур А. С. Пиголкин талаботҳои зеринро вобаста ба техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд: пайдарҳамии мантиқии баён, робитаи мутақобилаи баён, алоқамандии дастурҳои меъёрие, ки дар санади меъёрӣ ҷой дода шудаанд, набудани мухолифат дар санади меъёрии соҳаи қонунгузорӣ, тарзи максималии баёни меъёр, ҳуқуқ ва инъикоси ҳаматарафии мазмуни он, саҳеҳи ва фаҳмо будани тасвияҳо ва истилоҳоти дар қонунгузорӣ истифодашаванда, то ҳадди ақал кам кардани миқдори санадҳо оид ба як масъала ба хотири назарандозии дурусти моводи меъёрӣ, сабуксозии истифодаи он ва мукаммалсозии санадҳои меъёрӣ. Ба ақидаи ҳуқуқшиноси рус Аликсеев А. А. ҷараёнир техникаи қонунгузорӣ аз омодасозии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ оғоз меёбад. Дар марҳилаи ибтидоии омодасозии лоиҳа бояд тамоми қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҳаматарафа риоя шаванд. Сифати санади таҳияшаванда аз он, ки то кадом дараҷа қоидаҳои болозикр риоя шаванд, вобастагӣ дорад.

Агар ба таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, дар як муддати кӯтоҳи истиқлолият барои дастрас намудани ғояҳои асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ корҳои назаррасе ба сомон расид. Пас аз қабули Конститутсияи навини давлати тоҷикон, зарурати ислоҳоти ҳуқуқи ба миён омад, ки дар натиҷа санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде кабул карда шуданд. Дар шароити барпо намудани давлати ҳуқуқӣ талаботи нав ҷиҳати эҷоди қонунҳо ба миён меояд, ки бо хизмат ва таъмин намудани қобилияти муназзами худ барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёси, фарҳангӣ ва дигаргуншавии ҳолати маънавии ҷомеа алоқаманд мебошад. Тавре ҳуқуқшиноси барҷаста Юртаев Е. А. дар омӯзиши техникаи ҳуқуқӣ таъкид намуда аст, ду ҷонибро муайян намуд. Ин аввал, таҷрибаи муайяни иҷтимоӣ, дуюм муайян кардан ва асоснок намудани хусусият ва самти ташкили қисми сиёсии ҳуқуқӣ дар соҳаи қонунгузорӣ афзун намудани таҷрибаи ҳуқуқӣ. Таҳқиқи таърихӣ ва ҳуқуқии техникаи ҳуқуқӣ аҳамияти илмӣ дорад, зеро он марҳилаҳо тамоюлҳо ва тамоилҳои таърихи ҳуқуқиро дар давлати худ инъикос мекунад.

Тазакур бояд дод, ки дар илмӣ ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои гуногуни техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амал менамояд, он дар таносуб бо техникаи ҳуқуқӣ барои фаҳмиши қоида, усул ва тарзи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ ба онҳо на ҳамеша дуруст итико мегардад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир ба праблемаҳои назариявии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ бештар гаштааст.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ қисми таркибии ҷудонашавандаи ҷараёни техникаи қонунгузорӣ буда, низоми қонунгузорӣ зуд тағйирёбанда ва он маълум мебошад. Номукаммал будани техникаиҳои қонунгузорӣ ин натиҷаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар як ҷой наистодани ҷомеа мебошад. Аз

ин лиҳоз, ба низоми қонунгузорӣ навоварӣ ворид шуда, муқаррароти кӯҳнашуда ва хислати ҳуқуқиашонро аз даст дода, ба муқаррароти нави шароити ҷамъиятӣ мувофиқ ва ба талаботи ҳаёт ва инкишофи ҷомеа ҷавобгӯ, бояд иваз карда шаванд. Ҷоиз ба қайд аст, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба муқаррароти ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, кофи аст, ки он аз нав хислати ҳуқуқӣ пайдо кунад ва барои ин зарурати қабул кардани санади нав намегардад. Маҳз барои ҳамин, ворид намудани тағйиру илова ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҷараёни табӣ буда, омӯзиши қойдаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо, элементи ҷудонопазири техникаи қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Ҷамъшавии зиёди санадҳои кӯҳнашудаи қонунгузорӣ, ки хусусияти ҳуқуқиашонро аз даст доданд ба санадҳои қабулшудаи аҳамияти баланди ҳуқуқидоштаи қонунгузорӣ мухолифанд, имкониятҳои танзимӣ ва самараноки қонунгузориро паст мекунанд, баҳри ҷобаҷогузории ин мушкили дар қонунгузории Тоҷикистон басо аҳамиятнок мебошад.

Бинобар ин субъекти танзими ҳуқуқӣ, бояд дорои тасавуроти пурра оид ба он, ки ба кадом модда, қисм ё сархати қонун ё санади зерқонунӣ тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, дошта бошад. Аз ин рӯ, зарур аст дилхоҳ тағйиру иловаҳо, ки ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ворид мегарданд, бо роҳи қабул намудани санади махсуси қувваи ҳуқуқиашон баробар қабул карда шавад. Барои ба чунин тарз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади қонунгузорӣ, техникаи махсус татбиқ мегардад, ки пас аз тағйирот низоми қонунгузориро нигоҳ дошта, омехтагӣ, такроршавӣ ва аз ҳама муҳим бархурди меъёрҳо ва фосилаҳоро аз байн мебарад. Ғайр аз ин, коркарди илмии методологияи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба санади меъёрӣ–ҳуқуқӣ бояд ягонагии таъсироти ҳуқуқэҷодкунӣ ба шуури субъекти танзими ҳуқуқӣ нигоҳ дошта шавад ва пайдарпаии байни дастурҳои ҳуқуқи нав ва кӯҳна (манъ карда шуда) ҳифз карда шаванд.

Дар низоми ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қойдаҳои техникӣ – ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёри ҳуқуқӣ вуҷуд доранд:

- ивазнамоии калимаҳо ва рақамҳо;

-ихтисори калимаҳо, рақамҳо ва ҷумлаҳо;

-ихтисори воҳиди сохтори санадҳои меъёри ҳуқуқӣ;

-таҳрири нави воҳиди сохтории санадҳои меъёри ҳуқуқӣ;

-илова намудани рақам, калима ва ҷумлаҳо ба воҳидҳои сохтории моддаи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ;

- иловакунии воҳидҳои сохторӣ ба санадҳои меъёри ҳуқуқӣ;

-дароз намудани муҳлати амали санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ё воҳиди сохтории он;

- мутобиқатии санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- боздоштани амали санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ё воҳиди сохтории он.

Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрӣ ҳуқуқӣ, бо қабули санади махсуси тағйирдиҳандаи қувваи ҳуқуқии баробар дошта, ворид карда мешаванд. Яъне, қонун бо қонун иваз карда мешавад, қонуни конститутсионӣ бо қонуни конститутсионӣ, фармони Президент бо фармони Президент, қарори шахси мансабдор бо қарори шахси ҳамон мансабдор дошта иваз карда мешавад. Ворид намудани тағйирот бо санади меъёрӣ ҳуқуқӣ бо истифодаи дигар санад раво нест (ҳатто агар қувваи ҳуқуқӣ баландтар дошта бошад). Ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсия хусусияти хоси худро дорад, ки он аз эътибори олӣ доштани ин санади муҳими давлатӣ дарак медиҳад. Мутобиқи талаботи моддаи 98 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Мисол, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо бо роҳи раъйпурсӣ ворид мегардад, ки худи раъйпурсӣ ин техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия мебошад, ки дорои хусусиятҳои муайян мебошад, аз ҷумла чоп намудани тағйиру иловаҳо дар матбуот ё мавриди амал қарор гирифтани қарори раъйпурсӣ. Тибиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Қарорҳое, ки раъйпурсии умумихалқӣ қабул менамояд, эътибори олии ҳуқуқи дошта, ба ҳеҷ гуна тасдиқшавӣ эҳтиёҷот надоранд ва иҷрои онҳо дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон ҳатмист.

Ronун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо аз дигар қонун аз рӯи шакл бо хусусиятҳояш фарқ мекунад. Чунин хусусиятҳоро метавон ҷудо кард:

- дар номи он таъиноти максаднокаш ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунандаи пештар қабулгардида ишора карда мешавад ва дар номи он чунин истинод мешавад (масалан, лоиҳаи Ronуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». Муқаррароти аввали чунин Ronун, муқаррарот оид ба ворид намудани тағйиру илова бо ишораи ҳатмии намуди қонуни тағйиру иловаи воридшаванда, санаи имзошавии қонуни

мазкур, рақами бақайдгирии он, номгузории он ва инчунин, сарчашмаи нашри расмии он, мебошад (масалан, «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Ronуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ. 1, мод. 271; соли 2019, №7, мод. 465).

- дар чунин Ronун дастурҳои меъёрии бевосита муносибатҳои субъектонро танзимкунанда нишон дода нашуда, балки танҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо гуфта мешвад;

- тағйирот ба қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо, дар ҳолати зарурияти воридоти тағйиротҳои нави такроршаванда ба қонуни асосӣ даровarda намешаванд, барои онҳо мебояд Ronуни нави тағйирдиҳанда қабул кард.

Оид ба Ronун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо пешниҳод менамоем, ки чунин қонунҳо набояд ҳаҷми калон дошта бошад, ҳангоми ба чунин қонун ворид намудани тағйиру иловаҳо, ки зиёда аз 25 қисмро дар бар мегирад номатлуд ҳисобида шавад ва агар тағйиротҳо хислати бузург дошта бошанд, ё агар бештари моддаҳои қонун тағйир ёбанд, пас беҳтар аст онро дар дигар қонун баён намоем. Дар акси ҳол, субъекти танзими ҳуқуқӣ бо мушкилиҳои дар хотир нагирифтани ҳамаи тағйиротҳои сершумор рӯ ба рӯ шуда, кадоме дастурҳо аз қонунгузории амал кунанда ва кадоме аз онҳо нав ворид шудаанд, мумкин аст ба хатогӣ роҳ диҳанд, ва ҳангоми мурратабсозии тағйиру иловаҳои воридгардида, ки мурратабсози дар навбати худ, қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ мебошад, барои дар амал дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои воридгардида муфид мебошад. Ин қоидаҳо барои вориднамоӣ тағйиру иловаҳо ба санади зериқонунӣ низ бояд истифода гардад. Танҳо тағйиру иловаҳо бо қабули санади қувваи ба он барорбардошта ворид карда шаванд.

Дар раванди қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир субъектони қонунгузор ба мушкилиҳои зиёд вомехӯранд, яке аз ин мушкилиҳо ин ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар вақти иваз намудани якчанд калимаву ибораҳо ба калимаву ибораҳои ҳаммонанди дигар ба миён меояд. Аммо ҳангоми иваз намудани ин калимаву ибораҳо ба калимаву ибораҳои ҳаммонанд, ки ҳадафи асосии ҳамин тағйирот мебошад, матни санади меъёрии ҳуқуқӣ душворфаҳм мегардад. Дар ин гуна мавридҳо барои ба мушкили дучор нагардидан ҳангоми мурратабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ беҳтар мебуд, ки матни тағйирёбанда дар таҳрири нав дода шавад, то ки матн равону сода ва меъёрҳо омафаҳу равшан бошанд.

Ҳолати дигаре, ки дар таҷрибаи имрӯзаи қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад, дар сурати илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида ба миён меоянд. Дар ин ҳолатҳо чунин калима, ибора ё рақам дар шакл зайл ифода мегарданд, дар ҳамин модда ва минбаъд дар тамоми матни қонун иваз, тағйир ё хориҷ карда шавад.

Масалан, дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», омадааст дар моддаи 3 ва минбаъд дар тамоми матни Кодекс калимаҳои «авиация», «Сертификатция», «аттестатция», «авиатцияи», «авиатционӣ», «авиатциониро», «аттестатция», «авиатцияе», «милитция», «авиатционии», «авиатцияро», «сертификатцияи», «сертификатцияро», «сертификатсия», «навигатция», «радиолокация ва радионавигация», «Сертификатцияи», «инженерию авиатционӣ», «принципҳо», «авиатционие», «АВИАТЦИЯ», «АВИАТСИЯИ», «Авиатцияе», «Авиатцияи», мувофиқан ба калимаҳои «авиатсия», «Сертификатсия», «аттестатсияи», «авиатсияи», «авиатсионӣ», «авиатсиониро», «аттестатсия», «авиатсияе», «милитсия», «авиатсионии», «авиатсияро», «сертификатсияи», «сертификатсияро», «сертификатсия», «навигатсия», «радиолокатсия ва радионавигатсияи», «Сертификатсияи», «муҳандисию авиатсионӣ», «принсипҳо», «авиатсионие», «АВИАТСИЯ», «АВИАТСИЯИ» «Авиатсияе», «Авиатсияи» иваз карда шаванд. Ба ақидаи ҳуқуқшиносӣ машҳур Холиқзода А.Ғ. чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои қонунгузорӣ мухолифат надошта бошад ҳам, ҳангоми мурратабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амалия татбиқ намудани он ба мушкилӣ дучор омадан мумкин аст. Оид ба ин масъала бо муаллиф ҳамфикр буда, қайд менамоем, ки мутобиқи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, ки қисмҳои таркибии санади меъёрии ҳуқукиро муқаррар намудааст, ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳом меъёрии ҳуқуқӣ ҳар як тағйироти иловашаванда ё хориҷшаванда ба кадом қисми санади меъёрии ҳуқуқи дахл дошта, дар алоҳидагӣ нишон дода шавад. Масалан, дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” дар қисми 3 лоиҳаи мазкур пешбини гардидааст (Аз матни моддаҳои

2, 4 ва 17 калимаи “(Сарқонун)” хориҷ карда шавад). Чунин тартиб барои мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ натиҷаи мусби мебахшад.

Ба кодексҳо ҳангоми ворид намудани тағйиру илова, ки аз якчанд қисм иборат мебошанд, бо воситаи санади конунгузорӣ қабул шудаанд, бо тартиби ҳатмӣ қисми кодекс, ки ба он тағйиру илова ворид мешавад, нишон дода шавад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади қонунгузорӣ, аввал кадом воҳиди сохторӣ тағйир меёбад нишон дода мешавад, пас аз он хислати тағйиротҳо баён карда мешаванд (ивазё ихтисор намудани калимаҳо, ихтисори воҳидҳои сохторӣ, илованамоӣ ва ғайраҳо). Тағйиру илова воридкунӣ ба санади қонунгузориро мебояд аз воҳидҳои сохтории хурд тарин оғоз намуда, тартиб дод. Ба санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми ворид намудани тағйиру илова, матни лозима дар нохунак гирифта шавад. Дар шакли васеъшуда ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо раво дида намешавад (масалан, иваз калимаҳо ё ибораҳо бо истифодаи тасвияти «аз рӯи матн»). Аз рӯи қоидаи умумӣ, ҳар як тағйирот бояд, дар алоҳидагӣ бо ишораи дақиқи сохтории тағйирёбандаи санади қонунгузорӣ, ба тартиб даровarда шавад.

Илова намудан ба модда, қисми модда, банд, зербанд, сархат, калимаҳое нишон дода мешаванд, ки пас аз онҳо бояд иловаҳои мазкур қарор гиранд, масалан «Дар моддаи 1 пас аз калимаҳои «….» калимаҳои «….» илова карда шаванд».

Дар ҳолате, ки агар ба воҳиди сохтории моддаи муайяни санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ калимаҳо бояд илова шаванд, дар охири воҳиди сохтории мазкур чунин тасвият татбиқ мешавад: «ба банди 1, қисми 1 моддаи 1 чунин калимаҳо илова карда шаванд: «……».

Ҳангоми зарурияти иваз намудани маънидодкунандаҳои рақамӣ, истилоҳи «рақам» истифода шуда, истилоҳи «адад» - ро танҳо навистан мумкин нест (масалан, рақамаи «125» ба рақами «126» иваз карда шаван). Зарурияти ивазнамоии калимаҳои дақиқ, истилоҳи «калима» истифода мешаванд «масалан, калимаҳои «50 маротиба» ба калимаҳои «100 маротиба» иваз карда шаванд.

Зарурият оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба сохтори санади қонунгузорӣ бояд, пайдарҳамии рақамгузории онҳо ҳифз карда шаванд. Дар ҳолате, ки агар тағйиротҳо пурра мазмуни аввалаи санади қонунгузориро тағйир диҳад ва дастурҳои он ба таври принсипӣ хислати нав пайдо кунанд, пас ин санадро дар таҳрири нав баён намудан мувофиқи мақсад мебошад. Дар таҳрири нав баён намудани санад, маънои аз нав ва такроран қабул шудани санади пештараро бо тағйиротҳои нави аллакай воридшуда ифода менамояд, ки дар натиҷа санади қаблан амалнамуда қувваи худро аз даст медиҳад. Ин тарзи ворид намудани тағйирот танҳо дар ҳолатҳои зарурии зерин раво мебошад:

- ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру илова, ки коркарди санадро аз рӯи моҳият талаб менамоянд ва иҷозати маҳдудшавӣ бо таҳрири нави воҳидҳои сохтории алоҳидаи онро намедиҳанд (масалан, агар зарурияти иваз намудани принсипҳои танзими ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад);
- ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйиротҳое, ки ба қисми зиёди воҳидҳои сохтории он таъсир мерасонад (масалан, ба бештари боб ё фаслҳои он);
- қисман нигоҳ доштани танҳо аҳамияти воҳидҳои сохтории алоҳидаи санади қонунгузорӣ;
- ворид намудани тағйирот ба қисми ҷудонашавандаи қувваи ҳуқуқияшро аз даст додани санади қонунгузорӣ;
- дар таҳрир нав баён намудан на танҳо тамоми санад, балки ба моддаҳои алоҳидаи он низ мумкин мебошад. Воҳиди сохтории санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ ба шарте дар таҳрири нав баён мешавад, ки агар зарурияти ворид намудани тағйиротҳои муҳим ба воҳиди сохторӣ аллакай якчанд маротиба тағйирот ворид шуда бошад.

Баён намудани воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ дар таҳрири нав, асос барои эътирофи аз дастдиҳии қувваи ҳамаи таҳрирҳои фосилавии воҳиди сохтории мазкур шуда наметавонад. Ҳангоме, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ зарурият ба тағйири пурраи меъёрҳо дар таҳрири нав набошад, матни онҳо бо роҳи хориҷ, илова, тағйир ва иваз намудани баъзе калимаҳо, ибора, ҷумла ва рақамҳо ислоҳ карда мешаванд.

Дар ҳолати зарурият пеш омада барои бекор намудани санади қонунгузорӣ (пурра ё қисман), ду тарзи бекор кардан мавҷуд аст. Аввалан, барои бекор намудани санади қонунгузорӣ, санади нави он муносибатҳои ҷамъиятиро ба тарзи нав танзимкунанда қабул карда мешавад. Ин услуб аз дигар услубҳо бартарӣ дорад, чунки ҳангоми бекор намудани санади қонунгузорӣ фосилаҳои ҳуқуқи ба вуҷуд намеоянд. Дар ин ҳолат, дар матни санади нав (дар ташкилдиҳандаи сохторӣ ба муқарраротҳои гузаранда бахшидашуда) махсус бояд

ишора шавад, ки кадом санад ва дар кадом қисм қувваи ҳуқуқиашро аз даст медиҳад. Дуюм мумкин аст, санади махсус қабул кард, ки дигар санадро аз қувваи ҳуқуқиаш маҳрум мекунад. Дар ҳар ду намуди бекор намудани санадҳои қонунгузорӣ, мебояд санади қувваи баробардошта қабул кард.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, метавон хулосаи зеринро баён кард:

1. Қоидаҳои техникӣ – ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ қисми таркибии техникаи «техникаи қонунгузорӣ» мебошад, ки бо техникаи қонунгузорӣ хос буда, якдигаро пурра менамоянд.

2. Дар таҷрибаи имрӯзаи қонунгузории Тоҷикистон ҳолатҳое ба мушоҳида мерасад, ки ҳангоми илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида ба миён меоянд. Дар ин гуна ҳолатҳо чунин калима, ибора ё рақам дар чунин шакл ифода мегарданд, дар ҳамин модда ва минбаъд дар тамоми матни қонун иваз, тағйир ё хориҷ карда шавад. Чанде чунин таҷриба хилофи қонунгузорӣ набошад ҳам ҳангми мураттабсозӣ, ки яке аз қоидаҳои муҳими ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад, мушкилии зиёдеро ба миён меорад. Бинобар ин, ҷиҳати рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудан ба талаботи замон зарурат ба миён омадааст, ки ба модда 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” қисми 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

“10. Ворид намудани тағйиру иловаҳо аз рӯи матн дар шакли ҷамъи калимаҳои гуногун маъно ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мумкин нест, дар сурати аз рӯи матн ворид намудани тағйиру иловаҳо дар шакли ҷамъи калимаҳо, қисмҳои таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқи нишон дода шавад”.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон «Кафили истиқлолияти миллӣ ва пойдории давлат»
2. Теория государства и права: учебник для академического бакалавриата /.А. С.Пиголкин, А. Н. Головистикова, Ю.А. Дмитриев ; под ред.А. С.Пиголкина .. с. 439
3. Алексеев С. С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. - М.: Статут, 1999. - С. 143.
4. Юратаева Е.А. Журнал российского права 2009 г.
5. Чухвичев Д В. Законодательная техника, второе издания 2014 г.
6. Холиқзода А. Ғ Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» соли 2017
7. Раҳимзода М. ва Неъматов А. Техникаи қонунгузорӣ, соли 2016
8. Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат – Душанбе, 2008
9. Кашанина Т. В. Юридическая техника – 2008г.
10. Поленина С. В. Качество закона и эффективность законодательства, 1993


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола масоили вобаста ба истифодаи усулиҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, андешаи як қатор олимон вобаста ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи қонунгузорӣ, инчунин мушкилотҳое, ки дар раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир субъектони қонунгузор зиёд вомехӯранд ва ҳолати дигаре, ки дар таҷрибаи имрӯзаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад, дар сурати илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида ба миён меоянд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, техникаи қонунгузорӣ, техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ.


## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПОРЯДКА ВНЕСЕНИЯ ИЗМЕНЕНИЙ И ДОПОЛНЕНИЙ В НОРМАТИВНЫЕ ПРАВОВЫЕ АКТЫ


В статье рассматриваются использование способов внесения изменений и дополнений в нормативные правовые акты, соблюдение правил правовой техники внесения изменений и дополнений в законодательство, взгляды ряда ученых на правовую и законодательную технику, а также правотворческие и законодательные методы. В последние годы в Таджикистане существует большое количество законодательных единиц, и еще одна ситуация, наблюдаемая в нынешней законодательной практике Республики Таджикистан, - это добавление, замена или удаление одного слова, фразы или числа одновременно в нескольких отдельных статьях или статьях.



**Ключевые слова**: законодательство, законодательная техника, поправки, законодательная техника.


## SOME THEORETICAL ISSUES OF THE PROCEDURE FOR MAKING CHANGES AND ADDITIONS TO REGULATORY LEGAL ACTS


The article discusses the use of methods for making changes and additions to regulatory legal acts, compliance with the rules of legal techniques for making changes and additions to legislation, the views of a number of scientists on legal and legislative techniques, as well as lawmaking and legislative methods. In recent years, there have been a large number of

legislative units in Tajikistan, and another situation observed in the current legislative practice of the Republic of Tajikistan is the addition, replacement or deletion of one word, phrase or number at the same time in several separate articles or articles.

**Keywords:** legislation, legislative technique, amendments, legislative technique.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедари ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **(+992) 907-00-22-07.** E-mail**: m. maorif@yandex.ru**

**Сведения об авторе:** ***Джамшедзода Комрон Джамшед* -** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-00-22-07.** E-mail**: m. maorif@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Jamshedzoda Komron Jamshed*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-00-22-07** E-mail**: m. maorif@yandex.ru**

УДК: 323.3(575.3)

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИҶТИМОИСОЗИИ СИЁСӢ

*Саидзода Шӯҳрат Шукур*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ нақши институтҳо ва агентҳои сиёсӣ бисёр назаррас мебошад. Ҳизби сиёсӣ ҳамчун субъекти фаъоли сиёсии ҷомеаи демократӣ дар рушди ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон, яъне ҷалби онҳо ба сиёсат ва ҳаёти сиёсии давлат мақоми назаррасро соҳиб мебошад. Ҳизби сиёсӣ аз рӯйи мақсад ва табиати фаъолияти хеш бо роҳи ҷалби бештари аъзоён ва тарафдорони худ ба сиёсат ва идоракунӣ мақсади расидан ба ҳокимиятро дорад. Аз дигар ҷониб, ҳар як ҳизби сиёсӣ ба шаҳрвандони аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол ниёз дорад ва бо ҷалби онҳо неруи кадрии худро тақвият бахшида, дар интихоботҳо бо омодагии ҷиддӣ ширкат меварзад. Рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо ба инкишофи демократия, ҳамчунин ба раванди иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон, такони ҷиддӣ мебахшад ва сатҳи рӯоварии мардумро ба сиёсат бештар менамояд. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот ҳизби сиёсиро водор месозад, ки аъзоёну тарафдорони худро зиёд намуда, ғолибият ба даст оварад. Маҳз ҳамин мақсад на танҳо ҳизбро водор мекунад, ки бештар мардумро ба сиёсат ҷалб намояд, балки бо ин роҳ торафт ҳизби сиёсӣ имконияти бештари ғолибият дар интихоботро ба даст меорад.

Мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ асосан хосси ҷомеаҳои демократӣ мебошад. Дар режимҳои ғайридемократӣ, ки амалан шаҳрвандон озодии сиёсӣ надоранд, ҳизбҳои сиёсӣ низ дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ ягон нақшеро иҷро намекунанд. Маҳз режими демократӣ шароит фароҳам меорад, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои расидан ба мақсади асосии хеш, яъне ба даст овардани ҳокимият ба иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон машғул гардида, шумораи аъзоёну ҷонибдорони худро бештар намуда, сатҳи фаъолнокии сиёсии онҳоро баланд бардоранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ маҳсули на давлат, балки ҷомеа буда, ба таври ихтиёрӣ аз ҷониби гурӯҳи муайяни ҷамъият созмон дода мешаванд. Ҳизби сиёсӣ ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ дар асоси худидоракунӣ фаъолият намуда, хусусияти таърихии ташаккули рушди системаи сиёсиро инъикос менамояд. Асоси муҳимми фаъолияти ҳизбҳо коркарди лоиҳаҳои низоми ҷомеа ва рушди он мебошад. Воситаи асосии амалинамоии ин лоиҳаҳо ҳокимияте ба ҳисоб меравад, ки онро ҳизб дар натиҷаи раванди интихобот ба даст меорад [2,с.116].

Гарчанде пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷаҳон таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, марҳилаи асосии ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон асосан ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар ҳафтод соли давраи шӯравӣ танҳо як ҳизби сиёсӣ – Ҳизби коммунистӣ амал менамуд. Ҳизб идеологияи сотсиалистиро пешбарӣ менамуд ва дар сари қудрат қарор дошт. Дар ин давра дар мактабҳои олӣ илми сиёсӣ таълим дода намешуд, иҷтимоисозии сиёсӣ аз рӯйи як идеология, яъне аз рӯйи низоми тарҳрезишуда, зина ба зина ва ҳадафмандона сурат мегирифт. Идеологияи ягонаи давлатӣ тақозо мекард, ки мардум мафкураву ҷаҳонибинии ягона дошта бошанд. Фаъолияти тамоми субъектони иҷтимоисозии сиёсӣ якҷо ва якмаром сурат мегирифт ва иҷтимоисозии сиёсӣ ба тарбияи шаҳрванди содиқ ва вафодор ба идеологияи ягонаи давлат нигаронида шуда буд. Дар ин давра фаъолияти институтҳо ва агентҳои иҷтимоисозии сиёсӣ бисёр шаффоф, равшан ва аз рӯйи идеологияи ягонаи давлатӣ пеш мерафт.

Пошхӯрии Давлати Шӯравӣ ба фаъолияти институтҳо ва агентҳои иҷтимоисозии сиёсӣ таъсири манфӣ расонид. Мушаххасан дар Тоҷикистон аз байн рафтани идеологияи пешин ва ба миён омадани холигии мафкуравӣ, мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти муназзами институтҳои иҷтимоисозии сиёсӣ таъсири манфӣ расонид. Гарчанде дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар ҳизбҳои сиёсӣ таъсис ёфта бошанд ҳам, аз сабаби ноороми дохилӣ ба таври муназзам фаъолият надоштанд.

Мутобиқи Конститутсия пеш гирифтани роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ ҳоло мазмуни онро надошт, ки тамоми шаҳрвандон ва сохтору муассисаҳои давлативу ҷамъиятӣ аз рӯйи принсипҳои демократия фаъолияти худро пеш баранд. Ҷомеаи тоҷикистонӣ аз демократия бисёр дур буд ва ҳоло ҳам бо гузашти наздик се даҳсола қисмати назарраси аҳолӣ ба он омода нестанд. Аз ҷониби дигар, баъзе аз кишварҳои дорои таҷрибаи бузурги демократӣ, ба монанди ИМА, ҳоло ҳам бо мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ рӯ ба рӯ гардида истодаанд. Татбиқ ва амалӣ намудани тамоми принсипҳои

демократия ва идораи давлат аз рӯйи режими демократӣ кори осон нест. Агарчи давлатҳои демократӣ ба дастовардҳои назарраси илмӣ-техникӣ ноил гардиданд, аммо на ҳамаи онҳо таҷрибаи худии демократияро соҳиб мебошанд. Қисме аз давлатҳо дар роҳи ҷустуҷӯи модели демократияи мувофиқ ба арзишҳои милливу фарҳангиашон қарор доранд.

Ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ҳолати объективии инкишофи ҷомеа бошад ҳам, аммо фаъолияти воқеии онҳо яке аз принсипҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад. Дар давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки мақсади асосии он бунёди ҷомеаи шаҳрвандист, ташаккули гуногунандешӣ (плюрализм) ва мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ заминаи фаъолнокшавии шаҳрвандон ва рушди давлатро кафолат медиҳад. Ин бевосита тавассути иштироки фаъолонаи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар имконпазир мегардад [11,с.250].

Мушкилоти дигари роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ бо сатҳи иҷтимоиёти шаҳрвандон ва рушди иқтисодии давлат иртибот дорад. Паст будани сатҳи зиндагии мардум намегузорад, ки онҳо аз ҷиҳати мафкура ва фарҳанги ҷомеа барои татбиқи принсипҳои демократӣ қадамҳои устувор гузоранд. Зеро яке аз заминаҳои асосии рушди демократия аз шароити хуби иҷтимоӣ ва сатҳи маънавиёти мардум вобаста мебошад. Дар ин самт дар замони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии шаҳрвандон ду барномаи муҳимми стратегӣ қабул намуд. Якум, Барномаи давлатӣ оид ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ки он то соли 2013 амал намуд; дувум, Барномаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум. Самараи ин барномаҳо буд, ки теъдоди камбизоатон дар Тоҷикистон аз 81% то ба 23% поён рафт. Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 сатҳи камбизоатӣ ба 15% расонида мешавад [12,с.101]. Барои ноил шудан ба ин нишондиҳанда рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва амалӣ гардидани стратегияҳои давлатӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, аз як ҷониб, авзои ноороми сиёсӣ ва мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷониби дигар, нокифоя будани таҷрибаи демократия ба фаъолияти босамари ҳизбҳои сиёсӣ таъсири манфӣ расонид. Дар даҳсолаи аввали давраи соҳибистиқлолӣ шаш ҳизби сиёсӣ ташкил гардида бошанд ҳам, онҳо дар ҳаёти ҷомеа чандон фаъолияти чашмрас надоштанд. Ахиран ду ҳизби дигар – Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон соли 2013 таъсис ёфтанд ва намояндагони онҳо назар ба дигар ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботҳои президентӣ ва парлумонӣ иштироки фаъолона дошта, натиҷаҳои нисбатан беҳтар ба даст оварданд.

Ба вуҷуди он ки системаи бисёрҳизбӣ яке аз аломатҳои демократия ба ҳисоб меравад, аммо аз ҷиҳати иқтидори молиявию кадрӣ заиф будани ҳизбҳои сиёсӣ имкон намедиҳад, ки дар интихоботҳо ва дар ҳаёти сиёсӣ байни онҳо рақобати шоистаи сиёсӣ сурат гирад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҷиҳати аъзо, неруи кадрӣ, имконияти молиявӣ ва таҷрибаи сиёсӣ аз ҳизбҳои дигар, ба монанди Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳизби коммунистии Тоҷикистон тафовути зиёде дорад.

Вақте ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷиҳати неруву тавонмандӣ фарқияти назаррас дошта бошанд, он гоҳ дар интихоботҳо байни худ дуруст рақобат пеш бурда наметавонанд. Гузашта аз ин, пуриқтидору тавонманд будани ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули парламентаризм ва фаъолсозии сиёсии шаҳрвандон таъсири назаррас дорад.

Фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ боис мегардад, ки маърифати сиёсии мардум боло рафта, дар равандҳои сиёсӣ ва давлатдорӣ шаҳрвандон нақши муассир иҷро кунанд. Зеро ҳизбҳои сиёсӣ воситаи баамалбарории демократияи намояндагӣ буда, тавассути онҳо шаҳрвандон дар идораи давлатӣ иштирок менамоянд [10,с.17]. Тавассути ҳизби сиёсӣ шаҳрвандон ҳуқуқҳои сиёсии худро қонеъ намуда, ба сиёсат ва раванди идоракунии давлат таъсир мегузоранд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 28-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандон ҳуқуқи ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизби сиёсӣ, аъзо гардидан ва аз он хориҷ шуданро доранд. Ҳамзамон, дар моддаи мазкур принсипи фаъолият ва сохтори ҳизби сиёсӣ чунин муайян карда шудааст: «Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд» [5,с.22].

Ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо фаъолнокии шаҳрвандонро баланд мебардоранд, ҳамчунин бо ин восита барои таҳкими суботу амният ва пешрафти давлат мусоидат менамоянд. Ҳар як ҳизби сиёсӣ аз рӯйи идеология ва мақсадҳои худ метавонад дар таҳкими суботи сиёсӣ хизмати арзишмандеро ифо намояд. Имрӯз зарур аст, ки ҳамаи созмонҳои ғайридавлатии

характери сиёсидошта дар баланд бардоштани шуури сиёсии ҷомеа мавқеи устувор дошта бошанд ва корҳои ташвиқу тарғиботиро хуб ба роҳ монанд, то ки оромии ҷомеа таъмин гардад. Агар фаҳмиши сиёсии мардум баланд шавад, дарки мақсад, моҳият ва фаъолияти ҳукумат барояшон ҳамон қадар осонтар мегардад ва тавозуни муносибатҳои байни ҳокимияти давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа муайян мешавад ва дар муттаҳидии онҳо баҳри иҷрои мақсади ягона шароити мусоид фароҳам меояд [9,с.46].

Маданияти сиёсии шаҳрвандон падидае нест, ки он дар як сол инкишоф ёбад ва ё худ аз худ дигаргун шавад. Солҳо ва омилҳои зиёд лозиманд, ки маданияти ғайрифаъол ба маданияти фаъол мубаддал гардад.

Бояд гуфт, ки дар асоси таҳқиқоти олимони амрикоӣ се навъи маданияти сиёсӣ муайян гардидааст, ки мутобиқи он навъи сеюми маданияти сиёсӣ – маданияти сиёсии фаъол (иштирокӣ) ба шаҳрвандони давлатҳои Ғарб, ИМА тааллуқ дорад. Шаҳрвандони дорои маданияти сиёсии фаъол дар муқоиса бо маданияти сиёсии музофотӣ ва тобеиятӣ дар сиёсат фаъолона иштирок менамоянд ва ба равандҳои сиёсӣ таъсири муайян доранд. Ба сатҳи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон аз рӯйи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ баҳо додан мумкин аст. Зеро дараҷаи фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва рақобати байни онҳо пайванди мустақим дорад.

Саволе ба миён меояд, ки чаро маҳз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар муқоиса ба шаш ҳизби сиёсии дигар бисёр фаъол буда, дар ҳаллу фасли масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа иштироки бевосита намуда, бо роҳи саҳмгузорӣ дар ҳаёти сиёсӣ ҳузури худро собит месозад. Мусаллам аст, ки роҳбари ин ҳизб Президенти кишвар мебошад ва зиёда аз ду даҳсола инҷониб Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳизби ҳоким ба ҳисоб меравад. Баробари ин чандин омилҳои дигаре ҳастанд, ки сол аз сол қудрати тавоноии молияву кадрии ҳизбро бемайлон боло мебардоранд. Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омили маъруфият ва мақоми ҳизбро чунин тавзеҳ додаанд:

Якум, охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-ум ҳизбҳое арзи ҳастӣ намуданд, ки соҳиби ҳокимият шудан мехостанд. Аммо ҳизби моро ашхосе таъсис доданд, ки аллакай ҳокимият доштанд. Онҳо мехостанд ба давлатдорӣ, ба ҳамкории сиёсӣ ҳазорҳо нафар одамони ҳаммаслакашонро ҷалб кунанд, ки дар сояи мансабталошиҳо аз назар дур монда буданд. Ҳизби мо чун роҳнамои демократия ба вуҷуд омад.

Дувум, мо ҳамчун ҳомии манфиати мардуми Тоҷикистон арзи ҳастӣ кардем. На манфиати қишри алоҳидаи ҷомеа, гурӯҳи ҷудогонаи одамон, балки тамоми халқро таҳти ҳимояи худ эълон кардем. Ва ин орзуи тамоми мардум буд. Номи ҳизби мо ҳам аз ҳамин усули фаъолият бармеояд.

Сеюм, мо ба муқобили дини мубини ислом ҷанг накардем, балки эҳтироми имон ва озодии виҷдонро эътироф намудем” [17,с.79].

Ҳамчунин, муҳаққиқон дигар омили комёбии ҳизбро дар он мебинанд, ки ҲХДТ идеяҳои стандартии сиёсиеро, ки дар ҷаҳон борҳо таҷриба шудаанд, нусхабардорӣ накардааст. Дар меҳвари фаъолияти худ танҳо арзишҳои ҷаҳони сармоядорӣ (капиталистӣ), либералӣ, иҷтимоӣ (сотсиалистӣ) ва диниву мазҳабиро қарор дода, бо онҳо маҳдуд нашудааст, балки беҳтарин дастовардҳои башариро бо тафаккури миллӣ ҳамоҳанг сохтааст [16,с.14].

Саволи асосии мавзӯи мо ин аст, ки имрӯз ҳизбҳои сиёсӣ то куҷо дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ, яъне дар раванди рӯоварии мардум ба сиёсат, тарбияи сиёсӣ ва фаъолнокии сиёсии онҳо нақш бозида истодаанд? Зеро аз рӯйи назарияи ҳизбҳои сиёсӣ, яке аз вазифаҳои ҳизб иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон мебошад, яъне дар ҷомеаи демократӣ ҳизб яке аз институтҳои асосии иҷтимоисозӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне ки муҳаққиқи рус Вагина Р.С. зикр намудааст: «Имрӯз ҳизбҳои сиёсӣ яке аз механизмҳои босамар ва универсалии иҷтимоисозии сиёсиро доро мебошанд. Дар баробари бисёр баланд будани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар иҷтимоисозии сиёсӣ мақоми онҳо сол аз сол меафзояд. Махсусан нақши ҳизбҳои сиёсӣ ҳангоми ташаккули авлавиятҳои сиёсии ҷавонон ва самтгирии дастаҷамъонаи онҳо бисёр назаррас мебошад” [4,с.193].

Барои ба ин масъала баҳо додан, аз меъёрҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Аз ҷумла, аз рӯйи меъёри сол аз сол зиёд шудани аъзоёни ҳизб, миқдори чорабиниҳои аз тарафи ҳизб ташкилкардашуда, ба даст овардани миқдори овозҳои шаҳрвандон дар интихоботҳои президентӣ ва парлумонӣ ва маъруфияти ҳизб дар байни аҳолӣ.

Дар кишваре, ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти густурда надоранд, баҳо додан ба чигунагии кори онҳо душвор аст. Мутаассифона, дар Тоҷикистон гарчанде наздики бист сол мешавад, ки ҳафт ҳизби сиёсӣ амал менамоянд, аммо шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, аз фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ маълумоти кофӣ надоранд. Дар ин масъала бо нигоҳи Муҳаббатов А. розӣ шудан мумкин аст, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ҳизбҳои

сиёсӣ дар Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти сиёсӣ ва муборизаи сиёсии онҳо бештар хусусияти даврагӣ ва замонавӣ дорад. Ин хусусияти фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо фақат дар давраҳои гузаронидани марҳилаҳои интихобот дар сатҳҳои гуногун ба шохаҳои ҳокимият ҷоннок мешавад ва муборизаҳои сиёсии байни онҳо тезутунд мегардад [9,с.45]. Дар саҳифаҳои матбуот ва маҳфилҳои гуногун гуфта мешавад, ки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон танҳо дар давраи интихоботҳои парлумониву президентӣ фаъол мешаванд ва номи баъзе аз ҳизбҳо аввалину охирин бор танҳо дар интихобот садо медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи ҷойивазнамоии ҳокимият неруманд нестанд. Ба ақидаи коршиносон, ба истиснои ҲХДТ ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ қариб ки ягон нақше намебозанд: «Ба назар чунин мерасад, ки раисону аъзои ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон рисолати худро танҳо дар гузаронидани анҷуману интихоб кардани раисони худ ва пешбарӣ кардани номзадҳои ҳизб ба интихобот мебинанду тамом. Ҳол он ки дар дигар кишварҳои мутамаддин маҳз ҳизбҳои сиёсӣ платформаи рушди иқтисодии мамлакат, самти сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳои ҳаёти сокинони кишварро дар асоси таҷрибаҳои таърихӣ пешбарӣ ва амалӣ мекунанд» [3,с.46].

Инҷониб барои исбот намудани ин ақидаи олимон ду ҳафта қабл аз баргузории интихоботи парлумонӣ соли равон байни донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси таърих (сиёсатшиносӣ), ки қисми нисбатан фаъоли ҷавонон ба ҳисоб меравад, пурсиш гузаронидем. Аз натиҷаи пурсиш маълум гардид, ки онҳо ба ғайр шумора ва номи ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи роҳбарон ва фаъолияти шаш ҳизби сиёсӣ ба ҷуз ҲХДТ тамоман маълумот надоранд.

Баргузории маъракаҳои интихоботӣ дар соли 2020 махсусан интихоботи парлумонӣ бори дигар ин андешаро собит намуд. Ягона Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буд, ки дар аксари ҷойҳои ҷамъиятӣ – истгоҳҳо, дар нақлиёти мусофиркашон, ошхонаву гузаргоҳҳо варақаҳои рӯйхати номзадонро насб намуда, диққати шаҳрвандонро ҷалб намуд ва ба фазои пешазинтихоботӣ рӯҳияи фаъолмандӣ бахшид. Аз шаш ҳизби дигар нисбатан Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон фаъолтар буданд, ки дар баъзе ҷойҳои ҷамъиятӣ бо пешбарии даҳ номзад аз рӯйи рӯйхати ҳизбашон варақаҳои тарғиботӣ насб намудаанд.

Натиҷаи овозҳои бадастовардаи ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботҳои парлумонӣ низ сатҳи фаъолнокии онҳоро нишон медиҳад. Зеро то куҷо эътироф ва пуштибонӣ пайдо намудани ҳизби сиёсӣ дар интихоботҳо аз ҷониби шаҳрвандон дараҷаи маъруфият ва иқтидори ҳизби сиёсиро инъикос менамояд. Дар интихоботи парлумонии соли 2020 аз ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 50,4%-и овозҳо ва 12 курсии вакилӣ, Ҳизби аграрии Тоҷикистон 16,5%-и овозҳо - 4 курсӣ, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон 16,61%-и овозҳо - 4 курсӣ, Ҳизби демократии Тоҷикистон 5,10 дарсади овозҳо - 1 курсӣ, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон - 5,15%-и овозҳо - 1 мандати вакилиро соҳиб шуданд. Ба ғайр аз Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон панҷ ҳизби сиёсӣ ба Парлумон роҳ ёфтанд.

Дар Маҷлиси намояндагон се ҳизби сиёсӣ фраксияи худро таъсис додаанд. Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз бузургтарин фраксияҳои ҳизбӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки 42 нафар аз вакилони мардумӣ узви он мебошанд. Фраксияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон аз 7 нафар ва фраксияи Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон аз 5 нафар вакилони мардумии Маҷлиси намояндагон иборат мебошад [15].

Бе фаъолияти густурда ва иқтидори кофии моливу кадрӣ комёбии ҳизби сиёсӣ имконнопазир аст. Махсусан ҳамкории зичи ҳизби сиёсӣ бо шаҳрвандон ва робитаи наздик аз муваффақиятҳои ҳизб ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, ҳизбҳои сиёсии фаъол, ба монанди ҲХДТ, самти меҳварии худро густариш бахшидани робита бо ҷомеа муайян намудааст. Зеро бо мардум будан, ҳамрозу ҳаммароми халқ будан ҳизбро ҳамчун қувваи пешбаранда ва пешоҳанги ҷомеа тавсеа мебахшад, ки дар натиҷа ин неру барои тараққиёти кишвар самаранок истифода хоҳад шуд [1,с.21].

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит менамояд, ки ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ба таҳкими субoти сиёсӣ ва рушди давлат мусоидат хоҳад кард. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан ҳизбҳо ва ҳаракатҳо, ҳатто муқобили низоми ҳокимият ҳамчун оппозитсия қарор дошта, дар чунин шароит бе ҳамкории зич бо ҳокимияти амалкунанда буда наметавонанд [18,с.256]. Дар ҳалли масъалаҳои умумимиллӣ ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ва давлат бисёр муҳим мебошад. Дар ин самт Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон метавонад нақши муассир дошта бошад. Чун Шӯрои мазкур дар ибтидои таъсисёбиаш тавонист, институтҳои мухталифи ҷамъиятиро муттаҳид сохта, неруи онҳоро ба ҳалли

муаммои ҷомеа сафарбар намояд [14,с.11]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими савгандёкунии хеш дар таърихи 30.10.2020 с. ба ин масъала ишора намуда, зикр карданд, ки "дар ҷараёни татбиқи барномаҳо тавсияву пешниҳодҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои онҳо, ки ба манфиати иқтисодиву иҷтимоии давлат ва мардуми кишвар мебошанд, ба эътибор гирифта мешавад" [13]. Воқеан, бе ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсӣ ҳалли баъзе масъалаҳои ҷомеа боз ҳам тӯлонитару душвор мегардад. Ин ҷо масъалаи асосӣ «ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории самараноки байни ҳизбҳо ва созмонҳо» мебошад, ки агар он ба даст оварда шавад, муваффақ шудан ба мақсади асосии ҷомеа – рушди бемайлони он оварда мерасонад [9,с.50].

Яке аз омилҳои асосии баланд рафтани эътибору мақоми ҳизби сиёсӣ дар ҷомеа аз натиҷаҳои интихобот вобаста мебошад. Махсусан ғалаба ва комёбии ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботҳо имкон медиҳад, ки нуфузу эътибори онҳо дар байни аъзоёну ҷонибдорон ва дар назди ҳокимият боло гардад. Талошу кӯшиши ҳизбҳои сиёсӣ ва ғалабаи онҳо дар интихобот имкон медиҳад, ки дар ҷомеа нуфузи бештар пайдо намуда, ба равандҳои сиёсӣ таъсири худро расонанд. Бинобар ин, ҳизбҳо танҳо дар доира ва имконияти гирифтани ҳокимият ва нигоҳ доштани он ба қувваи сиёсии ҷиддӣ ва эътирофгашта табдил ёфтанашон мумкин аст [8,с.7]. Дар ҳолати мавҷудияти намояндагони ҳизби сиёсӣ дар Парлумон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар равандҳои сиёсии ҷомеа, то андозае дар ҳифзи эътибору мақом ва ба болоравии нуфузи онҳо таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ҳизбҳои сиёсие, ки фаъолияти худро танҳо дар давраи маъракаҳои интихоботӣ маҳдуд менамоянд, на танҳо имкони ба даст овардани раъйи шаҳрвандонро надоранд, ҳамчунин дар муддати дароз нуфузи хешро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳдуд менамоянд.

Хулоса, ҳафт ҳизби сиёсӣ дар фазои Тоҷикистон фаъолият дошта бошанд ҳам, бо сабабҳои гуногун ба ҷуз ҲХДТ боқимонда шаш ҳизби дигар чандон фаъол нестанд ва дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ нақши чашмрас надоранд. Аз нигоҳи мо, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар рушди демократия, пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва раванди иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон замоне муассир хоҳад буд, ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро ҷоннок намоянд. Бо соҳиб гаштан ба курсиҳои вакилӣ дар Парлумони кишвар фаъолияти худро маҳдуд накарда, дар ҳаллу фасли муаммоҳои ҷомеа ва мушкилоти шаҳрвандон саҳмгузор бошанд.

Ба андешаи мо, омилҳои зерин метавонад, ба қувват гирифтани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва боло рафтани нақши онҳо дар иҷтимоисозии сиёсии шаҳрвандон муассир гарданд:

1. ҲХДТ ҳамчун ҳизби сиёсии ҳоким бо мақсади сафарбар намудани неруи созандаи шаҳрвандону институтҳои ҷомеа ҳизбҳои сиёсиро ба ҳамкорӣ даъват намуда, таклифу пешниҳодҳои барои ҷомеа муфиди онҳоро мавриди истифода қарор диҳад;
2. дар телевизионҳои давлатӣ барои гузориши ҳисоботҳои нимсола ва солона ба ҳизбҳои сиёсӣ ҷудо намудани вақти муайян;
3. вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳамаи онҳо аъзоёни ҳизби сиёсӣ ба ҳисоб мераванд, алоқаи худро бо шаҳрвандон зич намуда, дар ҳалли мушкилоти онҳо кӯшишу талош намоянд;
4. ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти худ арзишҳои умумимиллиро ҳамчун арзиши меҳварӣ қарор дода, идеяҳои созандагиву бунёдкорӣ, истиқлолияту ваҳдати миллӣ ва ватандӯстиро дар байни аъзоён ва ҷонибдорони худ тарғиб намоянд;
5. ҳизбҳои сиёсӣ дар баробари ҷалб намудани аъзоёну ҷонибдорони нав ба масъалаи иҷтимоисозии сиёсии онҳо низ диққати махсус зоҳир намоянд;
6. аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ бо дарки масъулияти баланд ҳамчун барандаи ақидаҳои сиёсии созанда, аз рӯйи принсипи созандагиву бунёдкорӣ дар ҷомеа кору фаъолият бурда, барои шаҳрвандони дигар рафтори сиёсии намунавӣ нишон диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Амонзода М. Нақшаҳо ва дурнамои ҳизб / Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – неруи пешбари ҷомеаи муосир. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С. 21-24.
2. Барамидзе С.М. Роль политических партий России в гражданском обществе // Вестник удмуртского университета. – С. 116-119.
3. Баҳромбеков Д.А., Миров Ф.С. Давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ / Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир / Д.А. Баҳромбеков, Ф.С. Миров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: ДМТ, 2018. -С.40-49.
4. Вагина Л.С. Партии России в процессе политической социализации молодого поколения (на примере Оренбургской области) / Л.С. Вагина // Вестник Башкирского университета. -2011. -Т. 16. -№1. – 189-197 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
6. Қарори Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=40010 (Санаи муроҷиат 14.10.2020 с.)

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ. Суроғаи эл.: www.majmilli.tj (Санаи муроҷиат 24.08.2020 с.)
8. Муҳаббатов А.М. Инкишофи системаи бисёрҳизбӣ дар раванди тағийрёбии ҷомеа / Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ / А.М. Муҳаббатов //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: ДМТ, 2017. – С. 7-11.
9. Муҳаббатов А.М. Мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ / Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ / А.М. Муҳаббатов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: ДМТ, 2018. – С. 43-55.
10. Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий. – Варшава: POLIGRAFUS Jacek Adamiak, 2011. – 130 с.
11. Саидзода Ш.Ш. Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар раванди сотсиализатсияи сиёсии ҷавонон / Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – неруи пешбари ҷомеаи муосир. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С. 248-255.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 103 с.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. https://khovar.tj/2020/10/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-ba-munosibati-savgandyodkunii-prezidenti-um-urii-to-ikiston/ (Санаи муроҷиат 07.11.2020 с.)
14. Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 96 с.
15. Фраксияҳои ҳизбӣ. [Манбаи электронӣ]. https://parlament.tj/party-fractions (Санаи муроҷиат 03.08.2020 с.)
16. Фаттоҳзода С. Ҳизби ормонҳои миллӣ / Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – неруи пешбари ҷомеаи муосир. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – с. 8-14.
17. Ҷалилов А. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – ҳизби мардумӣ / Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – неруи пешбари ҷомеаи муосир / А.Ҷалилов. -Хуҷанд: Ношир, 2019. -С.76-84.
18. Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.) / С.И. Шарипов. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – 376 с.

## ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ИҶТИМОИСОЗИИ СИЁСӢ

Солҳои охир олимону муҳаққиқон атрофи мавзӯи мақому нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа пажӯҳишҳои зиёд анҷом додаанд. Аксари онҳо ҳизби сиёсиро институти муҳимми системаи сиёсии ҷомеа медонанд. Аммо бо назардошти низоми сиёсии демократӣ, ки ҳоло аксарияти кишварҳои олам ин низомро интихоб намудаанд, ба ҳизби сиёсӣ назар афканем, он на танҳо дар инкишофи демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки дар раванди иҷтимоисозии сиёсӣ яке аз нақшҳои асосиро иҷро менамояд. Бинобар ин, агар ба мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар иҷтимоисозии сиёсӣ назар андозем, моҳият ва хусусияти ҳизби сиёсиро возеҳтар ошкор намудан мумкин аст. Ҳизбҳои сиёсӣ яке аз субъектони асосии ҳаёти сиёсӣ ба ҳисоб рафта, онҳо дар боло бардоштани маърифати сиёсӣ, фаъолноксозии сиёсии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва раванди идоракунии давлат мақоми махсусро соҳиб мебошанд. Муаллиф чунин меҳосибад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар баробари субъекти муҳимми сиёсӣ будан, дар инкишофи арзишҳои демократӣ, баргузории интихоботҳои шаффоф, фаъолгардонии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, боло бурдани маърифати сиёсии онҳо ҷойгоҳи махсусро соҳиб мебошанд. Дараҷаи фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ ва таъсири онҳо дар раванди дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ, дар навбати худ, аз режими сиёсӣ ва низоми сиёсӣ вобаста буда, бо беҳтар гардидани вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии давлат онҳо низ то ба дараҷае дар ҳаёти сиёсӣ фаъол мегарданд. Сатҳи майлу рағбати шаҳрвандон ба сиёсат, давлат ва ҳокимияти сиёсӣ, ки он асоси фаъолияти ҳизби сиёсиро ташкил медиҳад, ба рақобати байни ҳизбҳои сиёсӣ ва мақоми онҳо дар равандҳои ҳаёти сиёсӣ нақши назаррас дорад. Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба истиснои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки он ҳизби ҳоким ба шумор меравад, шаш ҳизби сиёсии дигар дар байни мардум теъдоди кофии аъзоёну ҷонибдор пайдо карда натавонистанд ва дар сатҳи миллӣ рушд накарданд. Чунин ҳолат, аз як ҷониб, бо вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вобаста бошад, аз тарафи дигар, он инъикоскунандаи дараҷаи нокифояи майлу рағбати шаҳрвандон ба сиёсат мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҳизбҳои сиёсӣ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷтимоисозии сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ, интихобот, системаи сиёсии демократӣ, режими сиёсӣ, иштироки мардум дар ҳаёти сиёсии ҷомеа.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПАРТИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ИХ РОЛЬ В ПРОЦЕССЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ

В последние годы ученые провели огромные исследования о роли и месте политических партий в политической жизни общества. Многие из них считают политические партии важным институтом политической системы общества. Если рассматривать демократическую политическую систему, то многие страны на данном этапе находятся на пути реализации данной системы и политические партии занимают в ней особое место, не только в развитии демократии и гражданского общества, но и в процессе политической социализации. Поэтому, если рассмотреть место политических партий в процессе политической социализации, то можно четко осознать и определить сущность и особенности политических партий. Ведь политические партии являются не только одним из основных субъектов политической жизни общества, но и имеют особую функцию в повышении политической грамотности, в улучшении политических особенностей личности. Автор считает, что политические партии как важный субъект политики вносят особый вклад в развитие демократии, в организацию и проведение прозрачных выборов, в повышение активности участия граждан в политической жизни государства. Наряду с другими факторами степень активности политических партий и их влияние на процесс изменения социально-экономической и политической ситуации зависят от политического режима и политической системы общества. Улучшение социально-экономического и политического положения государства, несомненно, способствует улучшению качества деятельности политических партий в политической жизни общества. Интерес и вовлеченность граждан в политику и в государственные дела приводит к конкуренции между политическими

партиями и их активизации в процессе политической жизни государства. За годы независимости Республики Таджикистан, за исключением Народно-демократической партии Таджикистана, которая является властвующей партией, остальные шесть политических партии не смогли набрать достаточного количества сторонников и не развивались в масштабах страны. Такое положение, с одной стороны, связано с социально-экономической и политической ситуацией, а с другой стороны - это отражение малого интереса населения к политике, или, другими словами, - это признак аполитичности граждан.

**Ключевые слова:** Политические партии, Народно-Демократическая Партия Таджикистана, Республика Таджикистан, политическая социализация, политические процессы, выборы, демократическая политическая система, политический режим, участие граждан в политической жизни общества.

**POLITICAL PARTIES IN TAJIKISTAN AND THEIR ROLE IN THE PROCESS OF POLITICAL SOCIALIZATION**

In recent years, scientists have conducted extensive research on the role and place of political parties in the political life of society. Many of them consider political parties to be an important institution of the political system of society. If we consider a democratic political system, many countries are on the way to implementing this system at this stage, and political parties occupy a special place in it, not only in the development of democracy and civil society, but also in the process of political socialization. Therefore, if we look at the place of political parties in the process of political socialization, we can clearly understand and define the essence and features of political parties. After all, political parties are not only one of the main subjects of the political life of society, but also have a special function in improving political literacy, in improving the political characteristics of the individual. The author believes that political parties, as an important subject of politics, make a special contribution to the development of democracy, to the organization and conduct of transparent elections, and to increasing the active participation of citizens in the political life of the state. Along with other factors, the degree of activity of political parties and their influence on the process of changing the socio-economic and political situation depend on the political regime and the political system of society. Improving the socio-economic and political situation of the state undoubtedly contributes to improving the quality of political parties activities in the political life of society. The interest and involvement of citizens in politics and state Affairs leads to competition between political parties and to their activation in the political life of the state. During the years of independence of the Republic of Tajikistan, with the exception of the people's democratic party of Tajikistan, which is the ruling party, the other six political parties were not able to gain enough supporters and did not develop on a national scale. On the one hand, this situation is related to the socio-economic and political situation, and on the other hand, it reflects the low interest of the population in politics, or, in other words, it is a sign of apolitical citizens.

**Keywords:** political parties, People's Democratic Party of Tajikistan Republic of Tajikistan, political socialization, political processes, elections, democratic political system, political regime, participation of citizens in the political life of society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Шӯхрат Шукур*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ. **Адрес**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони 17, дом.1. Телефон: **939-38-88-66**. E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Шухрат Шукур*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат политических наук, дорцент, заведеющий кафедрой политологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **939-38-88-66**. E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidzoda Shuhrat Shukur*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Political Sciences, Dorcent, Head of the Department of Political Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **939-38-88-66.** E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**УДК: 32.019.51**

# ОМӮЗИШИ НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

***Баротов И.И., Абдусаломзода А.М.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баховаддинови АМИТ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар ҷаҳони мутамаддин омӯзиши сиёсати хориҷӣ ва ташаккули симои мароқангези кишвар барои ҳар як давлат хислати ҳаётан муҳим дошта, таҳкими самтҳои афзалиятноки сиёсати миллиро дар минтақа ва ҷаҳон амалӣ менамояд. Махсусан падидаи мазкур дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ ва табдили низоми байналмилалии муосир, ки боиси дигаргуниҳои бунёдӣ дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ гардидааст, таҷдид ва таваҷҷуҳи сифатан навро тақозо менамояд. Аз ин нуқтаи назар аҳамияти таҳлилу баррасии назарияҳои муосири сиёсати хориҷӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии ҷаҳон махсусан муҳим арзёбӣ гардида, метавонад дар раванди татбиқи фаъолияти байналмилалии давлат нақши назаррас дошта бошад. Дар ин замина барномаи сиёсати хориҷӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманди давлатро бо субъектҳои дигари муносибатҳои байналхалқӣ ба роҳ монда онҳоро дар чаҳорчӯбаи афзалиятҳои умумимиллӣ танзим намуда, мавқеи давлатро бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар системаи сиёсати муосири ҷаҳонӣ роҳандозӣ менамояд. Инчунин, дар мундариҷаи сиёсати

хориҷии ҳар як давлат равишу оҳанги равобити мутақобила бо шарикон ва мухолифон дар раванди байналмилалӣ таҷассум мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши сиёсати хориҷии кишварҳои муосир, пеш аз ҳама, аз он нуқтаи назар асоснок мегардад, ки вобаста ба воқеиятҳои давру замони муосир ба мундариҷаи афзалиятҳои он вижагиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ва низомии ҷомеа ва давлат таъсири ҳаматарафа мерасонад.

Дар робита ба воқеиятҳои муосири сиёсати ҷаҳонӣ консепсияҳои мухталифи татбиқи сиёсати хориҷӣ коркард шудаанд. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки консепсияи сиёсатшиноси амрикоӣ ва намояндаи мактаби неоидеализм Ҷозеф Най «неруи нарм» дар амалияи муосири сиёсати байналмилалӣ маъруфияти хосса касб намудааст. «Консепсияи «неруи нарм» дар низоми дипломатияи байналмилалии ҷаҳони муосир маъруфияти хос дошта, ҳадафаш мусоидат намудан ба таъмини амнияти манфиатҳои миллӣ, эҷоди камарбанди боварӣ ва заминаи мусоид фароҳам овардан ба ташаккули шаъну шарафи байналмилалии давлату миллат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад» [3,с.171-180]. Бештари муҳаққиқон истифодаи неруи нармро танҳо ба қудратҳои бузурги сиёсати ҷаҳонӣ нисбат медиҳанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки «давлатҳои гуногуни олам вобаста ба имконият ва манбаъҳои дарихтиёрдоштаи худ метавонанд муайян намоянд, ки «неруи нарм»-ро дар кадом самт – дар сиёсати дохилӣ ва ё сиёсати хориҷӣ, дар кадом ҳаҷм ва дар кадом шакл истифода намоянд» [9,с.35-52].

Ҳамзамон, мақсади сиёсати хориҷии давлат таъмини амнияти миллӣ, ташаккули шароити муносиби беруна барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои сиёсати дохилӣ, таҳкими пояҳои истиқлоли сиёсӣ, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои миллию давлатӣ равона шудааст, ба шумор меравад. Давлати миллӣ, пеш аз ҳама, ба истиқлоли сиёсӣ ва давлатӣ, бартараф намудани таҳдиди беруна ба ягонагии миллӣ ва суботу амният, ҷустуҷӯи иттифоқчиён ва шарикон дар равандҳои байналмилалӣ, дастгирии нақш ва ташаккули чеҳраву нуфузи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ афзалияти бештар медиҳад. Дар воқеъ, «имиҷи байналмилалии давлат ба роҳу равиши сиёсати хориҷӣ алоқамандии зич дорад» [2,с.276-283].

Илова бар ин, мафҳуми «сиёсати хориҷӣ» яке аз масъалаҳои баҳсноктарин дар назарияи муосири муносибатҳои байналмилалӣ боқӣ монда, бо назардошти авзои байналмилалӣ ва воқеиятҳои нави ҷаҳони муосир такмил мегардад. Зеро, сиёсати хориҷии давлат зери таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ ташаккул ёфта, ҳамчун маҳсули алоқамандии мураккаби онҳо баррасӣ карда мешавад. Аксари муҳаққиқон чунин ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд, ки сиёсати хориҷӣ мувофиқи манфиатҳои миллӣ ташаккул ёфта, бо сиёсати дохилии давлат робитаи ногусастанӣ дорад ва ҳамчун омили муҳимми муайянкунандаи қувваи давлат баромад менамояд. «Ҳамчунин бояд дар хотир дошт, ки таҳияи сиёсати хориҷии давлат аз лаҳазоти мушаххаси таърихӣ ва хусусияти равандҳои дохилии сиёсат дар давлат ва нишондиҳандаҳои низоми байналхалқӣ вобастагӣ дорад. Ба ҳамин навъ, вижагии сиёсати хориҷии давлат бо хусусияти хосси низоми равобити байналмилал, ки дар он ин сиёсат амалӣ мегардад, робитаи зич дорад» [8,с.4-16].

Хусусиятҳои сиёсати хориҷии давлатҳо бо муносибатҳои созанда бо давлатҳои гуногун, сарфи назар аз шакл ва сохтори идоракунӣ тасниф карда мешаванд. Сиёсати хориҷӣ дар заминаи равандҳои дохилии сиёсӣ ташаккул меёбад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ мазмуну мундариҷаи сиёсати хориҷии давлатро ҳамчун иштирокчии сиёсати ҷаҳонӣ баррасӣ намуда, маҷмӯи манфиат ва мавқеи субъектро дарк менамояд, ки барои монанд намудани сиёсати давлат ба тамоми кишвар ва ҳатто аҳолии он кифоя аст [3,с.67].

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки миқдори зиёди назарияҳои сиёсати хориҷӣ пешниҳод карда шудаанд. Аз назарияҳои мушаххаси сиёсати хориҷӣ, назарияи классикии сиёсатшиноси амрикоӣ Х. Моргентау маъруф ва диққатҷалбкунанда аст. Ин муҳаққиқ сиёсати хориҷиро ҳамчун сиёсати қувва муайян мекунад, ки дар он манфиатҳои миллӣ аз ҳама гуна меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ афзалият пайдо менамояд, аз ин рӯ иқтидори беруна дар ҳампайвастагӣ бо захираҳои иқтисодию молиявӣ ба воситаи асосии бадастории мақсадҳои стратегӣ табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, Х. Моргентау мақсади сиёсати хориҷиро тавассути манфиатҳои миллӣ муайян намуда, неруи низомию ҳарбиро дар раванди амалишавии аҳдофи мазкур махсусан муҳим арзёбӣ менамояд [11,с.473].

Дар ҷаҳони муосир тамоили вобастагии кишварҳо аз ҳамдигар бештар гардида истодааст. Зеро, рушди кишварҳои алоҳида танҳо тариқи ҳамкории байни кишварҳо таъмин карда мешавад. Дар чунин шароит, ҳар як давлат манфиати миллии худро дарк намуда, дар сиёсати хориҷӣ манфиатҳои алоҳидаро пайгирӣ менамояд. Ҳолати мазкур дар аксар маврид ба бархӯрди манофеи кишварҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ боис мегарданд.

Ба таври умумӣ эътироф карда шудааст, ки сиёсати хориҷӣ ин идомаи сиёсати дохилист. Лекин муҳаққиқ Л. Гумплович мазмуну моҳияти баръаксро тасниф намудааст: сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама, сиёсати дохилиро муайян менамояд. Дар назарияи Л. Гумплович сиёсати хориҷӣ дар доираи се категория амалӣ карда мешавад:

-сиёсати дохилӣ бояд амалӣ гардидани таҳкими қувваи ҳарбиро ба даст орад, ки бо ёрии он давлат амнияти худро таъмин менамояд;

-ҳамкории наздисарҳадӣ ё мухолифат аз барои хатти сарҳадот байни кишварҳои ҳамсоя;

-давлат бояд таҳкими ҳарбии давлати ҳамсояро барои тавозуни қувваҳо нигоҳ дорад [1,с.69].

Аз назари мавқеи геополитикии давлат ва неруи захиравии он метавон сиёсати хориҷиро нисбат ба сиёсати дохилӣ ба доираи консервативӣ ворид намуд. Ба ин нигоҳ накарда, метавон қайд намуд, ки афзалияти сиёсати дохилӣ ё сиёсати хориҷӣ дар ҳар як ҳолати алоҳида аз вазъияти объективӣ-таърихӣ вобаста аст. Ҳамоҳангсозии асосии байни сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар доираи раванди фаъолияти сиёсии хориҷӣ муайян карда мешавад.

Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун соҳаи мустақили илмӣ таҳқиқотҳои дақиқ ва саҳеҳро талаб менамояд, зеро аксарияти таҳқиқот ба чунин ҷанбаҳои муносибатҳои байналхалқӣ, ба монанди амният, режимҳои сиёсӣ, мубориза барои захираҳои энергетикӣ равона карда шудаанд [4,с.35]. Илова бар ин, сиёсати хориҷӣ тариқи муносибатҳои умумиилмӣ ва муқоисавӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Натиҷаи амалӣ гардидани самти фаъолияти хориҷии давлат таҳти таҳлили дақиқ қарор дода мешавад. Намояндагони ин муносибати илмӣ механизмҳои ташаккули сиёсати хориҷӣ, инчунин алоқаи онро бо сиёсати дохилии давлат таҳлил менамоянд [7,с.243].

Дар сиёсати хориҷӣ сохтори муносибатҳои байналхалқӣ асосӣ ҳисобида мешавад. Дар ин асос ду воситаи таҳлили сохтор мавриди истифода қарор дода мешавад. Воситаи якум – ин назарияи тавозуни қувваҳо аст, ки қисме аз самти фаъолияти хориҷии давлат бо мақсади роҳ надодан ба неруманд гардидани давлати алоҳида аст. Дар ҳолати неруманд гардидани давлати алоҳида тавозуни қувваҳо халалдор мегардад. Воситаи дигар дар он зоҳир мегардад, ки сохтори системаи ҷаҳонӣ, ҳамчун натиҷаи ҳамкориҳои иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ метавонад ҳам фаъолиятро дар арсаи байналхалқӣ маҳдуд намояд, ҳам имкониятҳои васеи фаъолиятро пешниҳод намояд. Фарқият дар мақсад ва натиҷаи фаъолияти сиёсати хориҷии кишварҳо маҳз аз барои хусусиятҳои сохтории системаи байналхалқӣ ба миён меояд [10,с.173].

Намояндагони либерализм дар сиёсати хориҷӣ нақши манфиатҳои миллиро рад менамоянд ва чунин мешуморанд, ки манфиатҳои шахс дар асоси манфиатҳои давлат ва худи сиёсати хориҷӣ ниҳон аст. Иштироккунандаи асосии сиёсати ҷаҳонӣ гурӯҳи алоҳидаи шахсиятҳо ба ҳисоб меравад. Самти фаъолияти хориҷии давлат аз элитаи ҳукмрони давлат вобаста аст. Қайд намудан зарур аст, ки барномаи сиёсати хориҷии давлат бар мабнои имкониятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, ҳарбӣ, демографӣ ва фарҳангии давлат асос ёфта, ба таҳаввули муносибатҳои бисёрсамтӣ равона мегардад. Имкониятҳои мазкур, дар маҷмӯъ, рафтори давлатро дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ муайян намуда, тавассути афзалиятҳои сиёсию иҷтимоӣ фаъолияти хориҷии давлатро дар равандҳои минтақа ва ҷаҳон ташаккул медиҳад.

Мавқеи геополитикӣ ба интихоби шарикон дар муносибатҳои байналхалқӣ ва ташаккули муносибатҳои тарафайн бо мухолифон таъсири бузург мерасонад. Неруи фаъолияти сиёсии хориҷӣ ба раванди мубаддал гардонидани манфиатҳои миллӣ ба мақсадҳои сиёсати хориҷӣ мусоидат менамояд, ки бидуни он ҳеҷ як муқаррароти фаъолияти беруна амалӣ намегардад.

Вазифаҳои берунаи давлат, ки фаъолияти онро дар самтҳои мушаххас муайян менамояд, масъалаҳои зеринро фарогир мебошанд: кафолати сулҳ ва нигоҳ доштани тартиботи ҷаҳонӣ; амнияти давлат, ҳифзи истиқлолият, худуд, ҳалли дигар масъалаҳо дар самти таъмини амнияти миллӣ; ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ; ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоту таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ бо дигар кишварҳо [5,с.52].

Як қатор муҳаққиқон бар он назаранд, ки муносибатҳои байналхалқии анъанавӣ мувофиқи принсипи суверенитети давлат ва дахолат накардан ба корҳои дохилии давлати дигар тақсимоти ҷиддии байни сиёсати беруна ва сиёсати дохилӣ мавҷуд буд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, объекти ҳамкории давлатҳо масъалаи рафтори онҳо нисбати якдигар, на нисбати шаҳрвандони худ аст. Ҳамкории байни субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ бо контури беруна ба миён меомад. Аз ин хотир, объекти омӯзиши илми анъанавӣ оид ба

муносибатҳои байналхалқӣ соҳаи ҳамкории сиёсати хориҷии давлатҳои алоҳида буд [6,с.32].

Дар таҳқиқоти назариявӣ нисбати мавҷудияти сиёсати хориҷии давлат шубҳае нест. Самтҳои мухталифи назариявӣ ба сифати ҷанбаи асосии таҳқиқот ба унсурҳои гуногуни муносибатҳои байналхалқӣ ва сисати ҷаҳонӣ диққат медиҳанд, ки дар натиҷа ба сиёсати хориҷӣ аҳамият дода намешавад, он танҳо соҳаи доимии ҳамон муаллифон боқӣ мемонад, ки дар доираи шаклҳои гуногуни реализм фаъолият доранд. Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи амалҳои расмӣ фаҳмида мешавад, ки аз тарафи мақомотҳои ваколатдори давлат ба роҳ монда шуда, ба муҳити берунаи давлат равона карда шудааст.

Дар шароити имрӯза, дар бораи назарияи ягонаи таҳлили сиёсати хориҷӣ сухан гуфтан номумкин аст, зеро мураккабӣ ва тағйирпазирии мавзӯи таҳқиқот, инчунин гуногуншаклии асосҳои методологии таҳқиқи он ба фаҳми сиёсати хориҷӣ таъсири амиқ мерасонанд. Гарчанде оид ба як навъ «тағйирёбии» муайяни муносибатҳои илмӣ гуфтан мумкин аст, лекин истифодаи истилоҳи «эволютсия» ва «мавҷудияти якҷоя»-и самтҳои гуногуни илмӣ дуруст аст, ки дар шароити имрӯза омӯзиш ва тавсифи фаъолияти сиёсати хориҷии давлатҳоро дар арсаи байналмилалӣ мақсади худ қарор додаанд.

Дар доираи назарияҳои идеалистӣ механизмҳое коркард шудаанд, ки дар ҳолати ворид намудан ба системаи байналхалқӣ, онҳо ба бартараф намудани заминаҳои пайдоиши моҷароҳо мусоидат менамоянд. Мувофиқи ақидаи намояндагони идеализми сиёсӣ, моҷаро натиҷаи хусусияти механизмҳои иҷтимоӣ ва сиёсии табиати инсон ба ҳисоб намеравад. Диққати бештар ба зарурати рушди демократия равона карда мешавад, зеро он ҳамчун режиме баррасӣ мегардад, ки ба ҳамзистии осоиштаи кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Сиёсати хориҷиро тариқи фаҳмиши эволютсионӣ тавассути табиати инсон, инчунин сохторҳои мавҷудаи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, ки дар аксар маврид осоиштагии байналмилалиро халалдор менамоянд, нишон медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар сиёсати хориҷӣ маҷмӯи амалҳо оид ба бунёди муҳити воқеан осоиштаи байналмилалӣ буда, таҷассумгари манфиатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳамин тариқ, омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ дар доираи муносибати идеалистӣ ба ислоҳоти мусбати онҳо монанд аст [13,с.238].

Муносибатҳои байни давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ ҳеҷ гоҳ баробар набуд ва дар оянда низ баробар буда наметавонад. Нақши ҳар як давлат дар заминаи имкониятҳои иқтисодӣ, технологӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ муайян карда мешавад. Маҳз чунин имкониятҳо хусусияти муносибати байни давлатҳо ва шакли системаи муносибатҳои байналмилалиро муайян менамоянд. Навъбандии муносибатҳои байналхалқӣ аҳамияти амалӣ дорад, зеро ҳолати мазкур имконият медиҳад, ки омилҳои глобалии инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мушаххас муайян карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Баранов Н.А. Теория политики / Н.А.Баранов // Международные отношения и геополитика. - 1999. -№5. -С.64-73.
2. Баротов, И. И. Пути и способы повышения международного имиджа государства / И. И. Баротов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 276-283.
3. Баротов, И. И. Роль "мягкой силы" в формировании международного имиджа государства / И. И. Баротов // Приоритетные направления и перспективы многовекторной политики Республики Таджикистан в современных условиях : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 11 декабря 2019 года / Таджикский национальный университет. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2019. – С. 171-180.
4. Кондратов А.И. Направление внешнеполитической деятельности государства / А.И. Кондратов // Научно-аналитический журнал Обозреватель. -2010. -№1.-С. 48-54.
5. Косолапов Н.А. Внешняя политика и внешнеполитический процесс субъектов международных отношений / Н.А. Косолапов // Мировая экономика и международные отношения. -1999. -№3.64-73.
6. Лебедева М.М. Внешняя политика: исчезновение или перезагрузка? / М.М.Лебедева // Материалы научного семинара «Внешняя политика: вопросы теории и практики» / Под ред. П.А. Цыганкова. –М., 2009. –С.32-42.
7. Моргентау Г. Международная политика / Антология мировой политической мысли: в 5 т./ Г. Моргентау. - М.: Мысль, 1997. -Т.2.

8. Самиев Х.Д. Внешняя политика государства в условиях трансформации международных отношений: теоретические подходы Х.Д. Самиев // Материалы республиканской научно-практической конференции «Приоритетные направления и перспективы многовекторной политики республики Таджикистан в современных условиях». -2019. -С. 4-16.
9. Сафарализода Х.К. Реальности «мягкой силы»: защита национальных интересов и перспектива борьбы с новыми угрозами современности // Таджикистан и современный мир. -2020. -№ 2 (70). -С. 35-52.
10. Хрусталев М.А. Основы теории внешней политики государства / М.А. Хрусталев. –М., 1984. -80 с.
11. Foreign Policy in Comparative Perspective: Domestic and International Influences on State Behavior / Eds. by R. Beasley et al. Washington D.C.: CQ Press, 2001. -368 p.
12. Long D., Wilson P. Thinkers of the Twenty Years' Crisis: Inter-War Idealism Reassessed. –Oxford: Clarendon Press, 1996. -368 p.
13. Waltz K. Theory of International Politics / Long Grove, III.: Waveland Press, 2010. -251 p.

## ОМӮЗИШИ НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур назарияҳои гуногуни омӯзиш ва баррасии категорияи сиёсати хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки мақсадҳои асосии сиёсати хориҷии давлат таъмини амнияти миллӣ, ташаккули шароити муносиби беруна барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои сиёсати дохилӣ, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ-давлатӣ равона карда шудаанд, ба ҳисоб меравандд. Хусусиятҳои сиёсати хориҷии давлатҳо бо муносибатҳои созанда бо давлатҳои гуногун, сарфи назар аз шакл ва сохтори идоракунӣ тасниф карда мешаванд. Сиёсати хориҷӣ аз маҷмӯи равандҳои дохилии сиёсӣ ташаккул меёбад. Дар ҷаҳони муосир дар заминаи сабабҳо ва омилҳои мухталиф кишварҳо ба ҳамдигар алоқаманд ва вобаста гардидаанд, рушди кишварҳои алоҳида танҳо тариқи ҳамкории байни кишварҳо таъмин карда мешавад. Дар чунин шароит, ҳар як давлат манфиати миллии худро дарк намуда, дар сиёсати хориҷии худ бояд манфиати дигар давлатҳоро ба инобат гирад ва онҳоро эҳтиром намояд. Қайд намудан зарур аст, ки сиёсати хориҷии давлат дар имкониятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, ҳарбӣ, демографӣ ва фарҳангии давлат асос меёбад. Маҷмӯи ин имкониятҳо неру ва рафтори давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ, афзалиятҳо, имконият ва мафиатҳои онро муайян намуда, неруи фаъолияти хориҷии давлатро ташаккул медиҳанд. Дар шароити имрӯза, дар бораи назарияи ягонаи таҳлили сиёсати хориҷӣ сухан гуфтан номумкин аст, зеро мураккабӣ ва тағйирпазирии мавзӯи таҳқиқот, инчунин гуногуншаклии асосҳои методологии таҳқиқи он ба фаҳми сиёсати хориҷӣ таъсири амиқ мерасонанд.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, сиёсати дохилӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, давлат, тавозуни қувваҳо, системаи ҷаҳонӣ, таҳқиқоти назариявӣ, неруи ҳарбӣ, имкониятҳои иқтисодӣ.

## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕОРИИ ИЗУЧЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ

В данной статье исследуется различные теории изучения и рассмотрения категории внешней политики. Автор отмечает, что целью внешней политики государства является обеспечение национальной безопасности, создание благоприятных внешних условий для реализации целей и задач внутренней политики, направленных на реализацию национальных и государственных интересов. Особенности внешней политики государств характеризуются конструктивными отношениями с другими государствами независимо от формы и структуры правления. Внешняя политика формируется из совокупности внутриполитических процессов. В современном мире страны взаимосвязаны и взаимозависимы на основе различных причин и факторов, и развитие отдельных стран обеспечивается только посредством сотрудничества между странами. В этом контексте каждое государство, признавая свои национальные интересы, должно учитывать и уважать интересы других государств в своей внешней политике. Следует отметить, что внешняя политика государства основана на социальных, экономических, научно-технических, военных, демографических и культурных возможностях государства. Совокупность этих возможностей определяет силу и поведение государства на мировой арене, его приоритеты, возможности и интересы, а также формирует потенциал для внешней деятельности государства. Сегодня нельзя говорить о единой теории анализа внешней политики, поскольку сложность и вариативность темы исследования, а также разнообразие методологических основ ее исследования оказывают глубокое влияние на понимание внешней политик и.

**Ключевые слова:** внешняя политика, внутренняя политика, международные отношения, национальная безопасность, национальные интересы, государство, баланс сил, глобальная система, теоретические исследования, военная мощь, экономические возможности.

## MODERN THEORIES OF THE STUDY OF FOREIGN POLICY

This article explores various theories of the study and consideration of foreign policy categories. The author notes that the goal of the state's foreign policy is to ensure national security, creating favorable external conditions for the implementation of the goals and objectives of domestic policy aimed at realizing national and state interests.Features of the foreign policy of states are characterized by constructive relations with other states, regardless of the form and structure of government. Foreign policy is formed from the totality of internal political processes. In the modern world, countries are interconnected and interdependent on the basis of various reasons and factors, and the development of individual countries is ensured only through cooperation between countries. In this context, each state, recognizing its national interests, must take into account and respect the interests of other states in its foreign policy. It should be noted that the foreign policy of the state is based on the social, economic, scientific, technical, military, demographic and cultural capabilities of the state. The combination of these opportunities determines the strength and behavior of the state on the world stage, its priorities, opportunities and interests, and also forms the potential for the external activity of the state. Today it is impossible to speak of a unified theory of foreign policy analysis, since the complexity and variability of the research topic, as well as the variety of methodological foundations of his research, have a profound effect on the understanding of foreign policy.

**Keywords:** foreign policy, domestic policy, international relations, national security, national interests, state, balance of forces, global system, theoretical research, military power, economic opportunities.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Баротов Исроил Иброҳимович*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аспиранти шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 33. Телефон**: (+992) 900-70-90-00**

***Абдусаломзода Абдулқодир Маҳмадулло*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67

**Сведения об авторах:** ***Баротов Исроил Иброхимович*** **–** Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, аспирант отдела политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон**: (+992) 900-70-90-00**

***Абдусаломзода Абдулкодир Махмадулло*** **–** Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67

**Information about the authors:** ***Barotov Isroil Ibrokhimovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, post-graduate student of the department of political problems of international relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: (**+992) 900-70-90-00**

***Abdusalomzoda Abdulgodir Mahmadullo*** - Bokhtar State University named after Nosira Khusrava, applicant for the Department of Political Science. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67

**УДК: 321.01**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ

***Малоҳати Раҷабалӣ***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнокии давлат ва ҷомеа эътироф гардид. Гузоштани масъалаҳои иҷтимоиро дар мадди аввали сиёсати давлати навбунёд таъмини амният ва

некуаҳволии ҷомеа талаб мекарданд. Ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои иҷтимоӣ аз таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ вобаста аст.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ аҳамияти муҳимми илмӣ-амалӣ дошта, аз рӯзмарра будани тадқиқотҳо дар ин самт шаҳодат медиҳад.

Сиёсати иҷтимоӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми фаъолияти институтҳои сиёсӣ буда, дорои механизми ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва рушди устувор ва пешрафтаи ҷомеа мебошад. Мазмун ва сохтори сиёсати иҷтимоӣ аз арзишҳои эътирофгардидаи ҷомеа ва парадигмаҳои идеологӣ, усул ва роҳҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ моделҳо ва равишҳои гуногуни сиёсати иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ мешаванд.

Сиёсати иҷтимоӣ як падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, фаъолияти субъектҳои сиёсат, пеш аз ҳама давлат, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ нигаронида шудааст, мебошад. Дар муқобили адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ, ки идеалҳое бунёдии ҷомеаи одилона, обод ва устуворро инъикос мекунанд, мушкилоти иҷтимоӣ шароити воқеии зиндагии иҷтимоӣ мебошад.

Мушкилоти иҷтимоӣ на танҳо мавҷуд набудани адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа, балки ноороміи муносибатҳои иҷтимоӣ ва фазои зиндагии ҳаррӯзаи инсонро низ дар назар доранд. Танзими равандҳои иҷтимоӣ дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар мушкилоти иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли он дар сиёсати иҷтимоии давлат инъикос ёбанд. Бартараф намудани маҷмӯи мушкилоти иҷтимоӣ тавассути сиёсати иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад, ки рушди ҳамаҷонибаи инсон таъмин карда шавад. Сиёсати иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои сиёсӣ (давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), ки ба татбиқи идеалҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ тавассути танзими равандҳо дар соҳаҳои ғайрисиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва рушди неруи инсонӣ нигаронида шудаанд, ифода меёбад.

Дар адабиёти муосири илмӣ мо таърифҳои мухталифи мафҳуми «сиёсати иҷтимоӣ»-ро, ки аз ҷониби намояндагони илмҳои сиёсатшиносӣ, назарияи иқтисодӣ ва ҷамъиятшиносӣ пешниҳод шудаанд, вомехӯрем.

Профессор Холстова Е.И. чунин таърифи сиёсати иҷтимоиро пешниҳод намудааст: «Сиёсати иҷтимоӣ маҷмӯи ғояҳои идеологии ҷомеа ва давлат дар бораи ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ ва фаъолият барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои иҷтимоие мебошад, ки ба ин ҳадафҳо ҷавобгӯ ҳастанд» [14].

Зайнишева И.Г. мавқеи худро дар ин масъала чунин муайян кардааст: «Сиёсати иҷтимоӣ як ҷузъи таркибии сиёсати дохилии давлат мебошад, ки дар барномаҳо ва амалияи иҷтимоии он таҷассум ёфтааст ва муносибатҳоро дар ҷомеа ба манфиат ва тавассути манфиатҳои гурӯҳҳои асосии иҷтимоии аҳолӣ ба танзим медарорад» [6].

Капитсин В.М. сиёсати иҷтимоиро аз нуқтаи назари тафсири сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, чунин менависад: «Сиёсати иҷтимоӣ ба маънои васеъ таъсири идоракунии давлатӣ, ки ба низоми қоидаҳо (меъёрҳо), сохторҳои танзимкунанда, ки қарор қабул мекунанд ва чорабиниҳоеро ташкил мекунанд асос ёфта, барои ҷалби фаъолонаи субъектҳои гуногун ба равандҳои сиёсат мусоидат мекунад. Ҳадафи чунин таъсир - мусоидат ба ташаккули манфиатҳои умумии табақаҳои васеи аҳолӣ ва ба ин васила, муттаҳид сохтани ҷомеа барои дастгирии фаъолияти давлат мебошад» [7].

Аз таърифе, ки Григорева И.А. пешниҳод намудааст, чунин бармеояд, ки сиёсати иҷтимоӣ дар робита бо иқтисодиёт аввалиндараҷа аст: «Сиёсати иҷтимоӣ ин фаъолияти давлат барои ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҷамъиятҳои иҷтимоию ҳудудӣ дар соҳаи истеҳсолот, тақсимот ва истеъмол мебошад, ки имкон медиҳад манфиатҳои ин гурӯҳҳо бо манфиатҳои шахс ва ҳадафҳои дарозмуддати ҷомеа ҳамоҳанг карда шаванд» [5].

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти муосири илмӣ давраи истиқлолияти давлатӣ ба моҳият ва хусусиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат аз тарафи олимони ватанӣ Амонова Д.С., академик Рахимов Р.К., академик Қаюмов Н.Қ, Қурбонов Қ., Кошонова М.Р., Ҳожиматова Х.Р., Юнусова М.М. ва дигарон низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд [4,8,10,11,12,13,15].

Аз таҳлили ақидаҳои мухталифи тадқиқотчиён оид ба моҳияти сиёсати иҷтимоии давлат ҳамчун мафҳуми иқтисодию иҷтимоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳар яке онҳо ҷанбаҳои гуногуни сиёсати иҷтимоии давлатро ифода менамоянд. Вале барои амалия зарур аст, ки таърифи ин мафҳум моҳият ва хусусиятҳои асосии онро дар худ таҷассум намуда, имконияти истифодаи он дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ имконпазир бошад. Ба ақидаи мо, таърифе, ки Қурбонов Қ. ба ин мафҳум додааст, қобили қабул

мебошад: «Сиёсати иҷтимоии давлат ба маънои амалияш маҷмӯи чорабиниҳои мушаххас, ки ба таъминоти муътадили ҳаёти аҳолӣ равона гардидаанд, мебошад. Дар маънои васеъаш бошад, сиёсати иҷтимоӣ на танҳо маҷмӯи чорабиниҳо ё тадбирҳост, балки як низоми мураттаби муносибатҳои тарафайн ва мутақобила байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва табақаҳои иҷтимоии ҷамъият мебошад, ки дар маркази онҳо ва мақсади ниҳоии онҳо – инсон ва некуаҳволии ӯ, ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии аҳолӣ меистад. Аз сӯйи дигар, сиёсати иҷтимоӣ маҷмӯи идоракунии таъсиррасонии бисёрдараҷа ба зисту зиндагии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ бо мақсади муттаҳидкунии ҷомеа ва таъмини суботи ҳукумати сиёсӣ бо роҳ ё ба васила танзимоти ҳуқуқӣ мебошад. Вобаста ба мавзӯи мавриди назари мо объекти сиёсати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, инсон, идоракунии ҷамъият ва таъмини суботи ҳукумати сиёсӣ ба шумор меравад» [13].

Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар марҳилаи саноатии рушд ба вуҷуд омада, тавассути шиддатёбии мушкилоти иҷтимоӣ тавлид мешавад, ки ҳалли он ё кам кардани он бо иштироки давлат шарти зарурии мавҷудият ва рушди ҷомеа мегардад. Ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоии давлат дар аввали асри XIX оғоз ёфта, дар инкишофи худ се марҳиларо тай кардааст, ки дар ҳар кадоми онҳо як намуди муайяни сиёсати иҷтимоии давлатӣ баромад мекунад:

- навъи «танзимкунанда» - ба даст овардани функсияҳои иҷтимоии давлат дар танзими равандҳои иҷтимоӣ (солҳои 50-уми асри XIX - 30-и асри XX). Дар ин марҳила консепсияи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ба расмият дароварда шуда, дар сатҳи давлатӣ мустаҳкамкунии қонунии онҳо ба амал омада, низоми суғуртаи иҷтимоӣ, амнияти иҷтимоӣ ва тақсимоти ҳамбастагии захираҳо таъсис дода мешавад;

- навъи «мудохилавӣ» - тавсеаи функсияҳои иҷтимоӣ ва идоракунии фаъоли давлатӣ равандҳои иҷтимоӣ (солҳои 40-80-уми асри XX). Марҳилаи дувум бо тавсеаи функсияи иҷтимоии давлат ва ташаккули «мудохилавӣ»-и сиёсати иҷтимоӣ тавсиф мешавад. Давлат ба пешниҳоди хадамоти иҷтимоӣ, ташкили системаҳои тандурустӣ, маориф ва нафақа мегузарад. Равандҳои иҷтимоиро фаъолона идора мекунад, афзоиши синфи миёнаро ҳавасманд мекунад, табиати ниёзҳои иҷтимоиро тағйир медиҳад;

- навъи «ҳаматарафагӣ» - муносибкунии функсияҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии шахс, ғайримутамарказонии соҳаи иҷтимоӣ (аз солҳои 90-уми асри XX то имрӯз) [3]. Марҳилаи сеюм бо ҷаҳонишавии раванди ташаккули системаи сиёсати иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯи асосҳои умумиҷаҳонии он тавсиф мешавад. Намуди «ҳаматарафагӣ»-и сиёсати иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки дар он давлат ҳаҷми функсияҳои иҷтимоии худро коҳиш дода, ба идоракунии мақсадноки соҳаи иҷтимоӣ мегузарад. Нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ меафзояд. Давлатҳо хароҷоти иҷтимоиро коҳиш медиҳанд, аз низоми кумакпулӣ даст мекашанд ва ба низоми ҷуброни пулӣ мегузаранд (монетизатсияи имтиёзҳо, системаи GASP - кумаки мақсаднок). Табиати ҳамкории иҷтимоӣ аз шакли амудии «давлат - ҷомеа – шахс» ба «уфуқӣ - гурӯҳ – шахс» тағйир меёбад.

Имрӯз аксарияти давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон худро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон карда, онро дар Конститутсия дарҷ намудаанд. Дар моддаи 1 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [1]. Аз ин лиҳоз, сабабҳои пайдоиш, моҳият ва моделҳои давлати иҷтимоиро дида мебароем.

Истилоҳи «давлати иҷтимоӣ» аз ҷониби Л. фон Штейн дар муомилоти илмӣ соли 1850 ҷорӣ карда шуд, то фаҳмиши нав барои он замони тағйирот дар вазифаҳои анъанавии давлат муайян карда шавад [9].

Ташаккули давлати иҷтимоӣ ба ташаккул ва рушди намудҳои таърихии сиёсати иҷтимоии давлат вобаста аст. Пайдоиши давлати иҷтимоӣ натиҷаи тағйир ёфтани нақши иҷтимоии давлат дар марҳилаи саноатии рушди ҷомеа буд. Давлат бо гирифтани ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ ва тасдиқи арзишҳои адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ, сиёсати иҷтимоиро таҳия ва татбиқ мекунад. Он аз институте, ки тартиботи мавҷудаи иҷтимоиро ба танзим меоварад, ба институте, ки вазифаи муҳимтарини он татбиқи сиёсатҳои он ба рушди неруи инсонӣ нигаронида шудаанд,табдил меёбад.

Дар ҷаҳони муосир якчанд модели давлати иҷтимоӣ таҳия карда шудааст, аз ҷумла моделҳои либералӣ, консервативӣ ва сотсиал-демократӣ давлати иҷтимоӣ, инчунин модели патерналистӣ - сотсиалистӣ. Модели патерналистӣ-сотсиалистӣ ва ё баробаркунии тамоми аъзоёни ҷомеа барои Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ дар марҳилаи муайяни мавҷудияти таърихии онҳо хос буд.

Модели либералии давлати иҷтимоӣ, ки Иёлоти Муттаҳида ва Британиёи Кабирро ба он нисбат додан мумкин аст, ба сиёсати иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки иштироки давлатро дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба намудҳои гуногуни ҷуброн коҳиш медиҳад. Сиёсати иҷтимоӣ характери пешгирикунанда надорад, балки ба вазъи кунунии иншоот вокуниш нишон медиҳад. Аксари уҳдадориҳои иҷтимоӣ ба сохторҳои бозор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва оила гузаронида мешаванд.

Модели консервативӣ (ё консервативӣ-корпоративӣ)-и давлати иҷтимоӣ, ки ба баъзе кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон хос аст, ба принсипи прагматизм асос ёфтааст. Дар сиёсати иҷтимоии худ, чунин давлат ба мушкилоти бамиёномадаи иҷтимоӣ вокуниш нишон медиҳад ва онҳоро ҳал мекунад. Барои ҷуброни омилҳои бесуботии иҷтимоӣ, ҳамкории гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар асоси корпоратсия, ки уҳдадориҳои иҷтимоии байни давлат ва корфармоёнро тақсим мекунад, ҳавасманд карда мешавад.

Модели сотсиал-демократии давлати иҷтимоӣ, ки барои Олмон, Шветсия, Норвегия хос аст, сиёсати иҷтимоии худро дар асоси принсипи пешбинии мушкилоти иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, амнияти иҷтимоӣ ва хидматҳои иҷтимоӣ дар асоси баробар, аксар вақт озод, мунтазам месозад. Маҳз давлатҳои сотсиал-демократӣ бо таъсиси стандартҳои иҷтимоӣ, хароҷоти калони иҷтимоии давлатӣ ва барномаҳои доимии иҷтимоии давлатӣ тавсиф мешаванд.

Модели патерналистӣ-сотсиалистӣ ва ё баробаркунии тамоми аъзоёни ҷомеа бо дараҷаи баланди тамаркузи функсияҳои иҷтимоӣ дар дасти давлат ва иҷтимоӣ шудани моликият ба воситаҳои истеҳсолот тавсиф карда мешавад. Давлат соҳаи иҷтимоиро пурра маблағгузорӣ мекунад, ташаккули «тарзи ҳаёти сотсиалистиро» назорат мекунад ва эҳтиёҷоти иҷтимоиро ба нақша мегирад. Бояд қайд кард, ки ин модел бо назардошти таҷрибаи таърихӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ асосист.

Унсурҳои сохторӣ ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун як намуди фаъолияти давлат вобаста аз он, ки кадом усули назариявӣ ва методологӣ - сотсиологӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ истифода шудааст, муайян карда мешаванд. Бинобар ин, дар баъзе ҳолатҳо, сохтори сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи сиёсати танзим барои соҳаҳои гуногуни бахши иҷтимоии ҷомеа, дар ҳолатҳои дигар - ҳамчун технологияи идоракунии равандҳо ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа маънидод карда мешавад.

Асоси умумии ҳамаи равишҳоро доираи таъсиррасонӣ, яъне фазои зиндагии ҳамарӯзаи мардум ташкил медиҳад. Субъектҳои сиёсати иҷтимоӣ мақомоти ҳокимияти марказӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилоту муассисаҳо мебошанд, ки барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои он таъсис ва ташкил дода мешаванд. Равиши ҳамгироӣ (интегралӣ) ба мо имкон медиҳад, ки мавқеъҳоро оид ба унсурҳои сохторӣ ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ муттаҳид кунем ва онро ҳамчун як низоми мураккаби бисёрҷанба баррасӣ кунем.

Сиёсати иҷтимоӣ се сатҳи асосиро дар бар мегирад: стратегӣ - интихоб ва таҳияи самтҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ; технологӣ - интихоби усулҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, сатҳи функсионалӣ, ки дар доираи он давлат чунин вазифаҳои сиёсати иҷтимоиро, ба монанди пешгирии мунокишаҳои харобиовари иҷтимоӣ амалӣ менамояд ва таъмини амнияти иҷтимоӣ (вазифаи сиёсӣ), танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, рафъи оқибатҳои манфии рушди иқтисодӣ, рушди сармояи инсонӣ (вазифаи иқтисодӣ) ва сохторсозии соҳаи иҷтимоии ҷомеа, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ (вазифаи иҷтимоӣ)-ро иҷро менамояд. Механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ин барномаҳо ва чорабиниҳои иҷтимоӣ, захираҳо ва технологияҳои идоракунӣ мебошанд.

Дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккули асосҳои институтсионалии сиёсати иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи механизмҳои нави татбиқи он (маблағгузории сарикасӣ, нафақаи суғуртавӣ, барномаҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ мардум) дар шароити иқтисоди бозорӣ, таҳияи модели мақсадноки сиёсати иҷтимоӣ дар шароити гузариш аз модели патерналистӣ-сотсиалистӣ ба модели дар асоси расонидани кумаки суроғаи иҷтимоӣ ва соҳаи рушдёфтаи хидматҳои иҷтимоӣ (модели мақсаднок) мувофиқи ташаккули ҷомеаи кушод ва навъи «ҳаматарафагии» сиёсати иҷтимоии давлат ҳалли худро ёфтанд.

Баҳри таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ зиёда аз 10 қонунҳо ва даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар таҳия ва тасвиб расидаанд. Аз ҷумла: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар диданд», «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи суғуртаи

иҷтимоии давлатӣ», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ», «Дар бораи стандартҳои иҷтимоӣ» ва «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон».

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 таҳти №636 тасдиқ шудааст, дар асоси консептуализатсияи сиёсати иҷтимоӣ ва истифодаи усули муқоисавӣ самтҳои асосии ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ муайян карда шуданд. Самти асосӣ вазифаи анҷом додани гузариш ба модели дар асоси расонидани кумаки суроғаи иҷтимоӣ ва соҳаи рушдёфтаи хизматҳои иҷтимоӣ (модели мақсаднок) мувофиқи ташаккули ҷомеаи кушод ва навъи «ҳаматарафагии» сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Дар заминаи модели мақсадноки сиёсати иҷтимоӣ мавқеъ ва нақши шахс ва давлат дар танзими равандҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад. Ғайримутамарказонии соҳаи иҷтимоӣ, рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, гузариш аз системаи имтиёзҳо ба кумаки суроғаи иҷтимоӣ, ки ба воқеиятҳои асри XXI ва самти стратегии рушди давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон - рушди неруи инсонӣ мувофиқат мекунад. Ҳадафи стратегии сиёсати муосири иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини сифати зиндагии сазовори мавҷудияти инсон, таъмини шуғли оптималӣ, кафолатҳои зарурӣ барои рушди ҳар як шахс ва озодии ӯ, аз ҷумла дар соҳаи кор ва зиндагӣ пешбинӣ шудааст. Мушкилоти асосии татбиқи он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои умумиҷаҳонӣ ба даст овардани тавозуни муносиб байни рушди иқтисодӣ ва талаботи иҷтимоӣ ба давлат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар СМР-2030 омадааст: «Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ» [2].

Бояд дар назар дошт, ки сиёсати оқилонаи иҷтимоӣ ҷомеаро дар шароити бухрони доимии системавии ҷаҳонӣ ба эътидол меорад ва амнияти иҷтимоӣ ва соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистонро таъмин мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. -С.6.
3. Абдулкеримов К.К. Государственная социальная политика в современной России: автореферат дисс. на соиск. учен. степени к.п.н./ К.К. Абдулкеримов. –Москва, 2012. -С.8.
4. Амонова Д.С. Рынок, государство и социальная справедливость / Д.С.Амонова //Экономика Таджикистана: Стратегия развития. -Душанбе, 2005. -№3. -С.43-58.
5. Григорьева И.А. Социальная политика и социальное реформирование в России в 90-х годах / И.А. Григорьева. -СПб, 1998. -С.20-21.
6. Зайнышева И.Г. Взаимосвязь социальной политика и социальной работы / И.Г. Зайнышева. - М.,1994. - С.6.
7. Капицын В.М. Социальная политика и право: Сущность и взаимозависимости / В.М. Капицын //Общерос. журнал социальной работы. -1998. -№8 – С.31.
8. Каюмов Н.К. Социальная политика социального государства / Н.К. Каюмов //Экономики Таджикистана: Стратегия развития. -Душанбе, 2007. - №4. -С.34-47.
9. Кочеткова Л. Н. Теория социального государства Лоренца фон Штайна / Л. Н. Кочеткова // Философия и общество. -2008. – Вып. 3 (51). – С. 69-79.
10. Кошонова М.Р. Приоритеты социальной политики в условиях переходной экономики Республики Таджикистан / М.Р. Кошонова //Экономики Таджикистана: Стратегия развития. -Душанбе, 2007. -№2.-С.99-112.
11. Рахимов Р.К. Социальная политика Республики Таджикистан в условиях переходной экономики / Р.К. Рахимов [и др.] // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. -Душанбе, 2000. - №2.
12. Хожиматова Развитие концепции социального рыночного хозяйства // Экономики Таджикистана: Стратегия развития. -Душанбе, 2008. - №2.--С.49-61.
13. Қурбонов К. Сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ / К. Қурбонов // Имрӯза Тоҷикистон ва ҷаҳон. -2015.-№ 6 (49).- С.66-73.
14. Холостова Е.И. Социальная политика и социальная работа: учебное пособие / Е.И. Холостова. - 2-е изд. - М.,2008. -С.16.
15. Юнусова М.М. Заминаҳои назариявӣ ва методологии сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Юнусова //Паёми ДДТТ. -2014. -№3(8). -С.68-72.


**ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ**


Дар асоси таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ, моҳият ва нақши сиёсати иҷтимоӣ, инчунин, пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи намудҳои он ("танзимкунанда", “интервенсионалистӣ” ва "универсалӣ"), тавсифи сиёсати иҷтимоӣ муайян шудаанд. Муаллиф зарурати тағйироти системавиро дар институтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва муносибатҳо дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ собит мекунад. Диққати асосӣ ба таҳлили моделҳои сиёсати иҷтимоӣ, ки айни замон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода мешаванд, равона гардидааст. Тавре ки дар мақола нишон дода шудааст, раванди гузариш аз модели патриархаливу сотсиалистӣ ё баробарҳуқуқӣ ба модели ҳадафноки сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи анҷомёбист. Муаллиф инчунин вобастагии татбиқи сиёсати иҷтимоиро ба таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ асоснок кардааст.



**Калидвожаҳо**: сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, моделҳои давлати иҷтимоӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ.

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ**

В статье на основе анализа имеющихся в экономической литературе научных взглядов, раскрыта сущность и роль социальной политики, исследован её генезис с выделением этапов ее развития и дана характеристика типам («регулятивный», «интервенционистский» и «универсалистский») социальной политики. Автором обоснована необходимость системной трансформации социальных, экономических, политических институтов и отношений в условиях перехода к рыночной экономике. Большое внимание в статье уделено анализу моделей социальной политики, которые в настоящее время используются в отдельных странах мира. В Республике Таджикистан, как показано в статье, процесс перехода от патерналистско-социалистической или уравнительной модели к адресной модели социальной политики находится на стадии завершения. Автором также обосновывается зависимость реализации социальной политики от обеспечения устойчивого развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** перспективы экономической литературы, социально-экономическая политика, социальная защита населения, модели социального государства, социально-экономические вопросы.

**THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION AND DEVELOPMENT SOCIAL POLICY**

Based on the analysis of scientific views available in the economic literature, the essence and role of social policy is revealed, its genesis is investigated with the identification of stages of its development and the characteristics of the types ("regulatory", "interventionist" and "universalist") of social policy are given. The author substantiates the need for a systemic transformation of social, economic, political institutions and relations in the transition to a market economy. Much attention is paid to the analysis of social policy models that are currently used in individual countries of the world. In the Republic of Tajikistan, as shown in the article, the process of transition from a paternalistic-socialist or egalitarian model to a targeted model of social policy is nearing completion. The author also substantiates the dependence of the implementation of social policy on ensuring sustainable development of the national economy.

**Keywords:** prospects for economic literature, socio-economic policy, social protection of the population, models of the welfare state, socio-economic issues.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Малоҳати Раҷабалӣ*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **935-08-08-84.** E-mail: **rajabali_mr@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Малохати Раджабали*** - Таджикский государстенный финансово-экономический университет, докторант кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **935-08-08-84.** E-mail: **rajabali_mr@mail.ru**

**Information about the author:** ***Malohati Rajabali*** - Tajik State University of Finance and Economics, doctoral student of the Department of Economic Theory. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **935-08-08-84**. E-mail: **rajabali_mr@mai./ru**

**УДК: 327.5**

# НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА БАНИЗОМДАРОРИИ ОНҲО

***Юсупов Ғ.М.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкилёбии давлатҳои нави мустақил дар Осиёи Марказӣ, илова бар тағйирёбии вазъи геополитикии ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ, бархамхӯрии низоми иқтисодии нақшавӣ, яку якбора паст рафтани сатҳи зиндагӣ, муҳоҷиршавии қисмати зиёди аҳолӣ ва дигар падидаҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар ин минтақа ба амал омаданд. Минтақаи Осиёи Марказӣ бо якчанд низоъҳои минтақавӣ ва дохилӣ рӯ ба рӯ гашт. Масъалаи низоъҳои минтақавӣ ва дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар корҳо ва таҳқиқоти олимони гуногун омӯзишу баррасӣ шудааст. Илова бар ин, масъалаи низоъҳои минтақавӣ ва роҳҳои батанзимдарории онҳоро ташкилотҳои байналмилалӣ ва сиёсатмадорону дипломатҳои давлатҳои бузурги дунё баррасӣ менамоянд. Аз ҷумла, донишманди тоҷик А.Н. Маҳмадов қайд мекунанд, ки “омӯзишу таҳқиқи низоъҳои минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи илми сиёсатшиносӣ дар муқоиса ба солҳои пешин муҳимтар гаштааст, чунки дар ҳаёти сиёсӣ илова бар пешбинӣ ва танзими низоъҳо, онҳоро ба сифати рушди давлат низ истифода мебаранд” [6,с.3].

Бояд қайд намуд, ки хусусияти бевоситаи низоъҳо ин доштани шакл ва сарчашмаҳои махсуси худ дар ҳар як минтақаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Низоъҳо аз рӯйи ифодаи худ дар фазои як минтақа паҳн гашта, берун аз ҳудуди он баромада метавонанд ва ба низоъҳои байналмилалӣ мубаддал гаштанашон имконпазир аст. Дар натиҷа, мушкилиҳои калони гуманитарӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ сар мезананд, ки бартараф намудани онҳо вақту маблағҳои зиёдро талаб мекунад. Дигар ҷанбаи муҳими низоъҳои минтақавӣ ин сиёсати нодурусти пештар бавуқӯъомада, ё худ пешгирифта мебошад. Масалан, ҷудо намудани як қисмат, як порчаи замин ва ё як вилояти ягон давлат ва додани он ба давлат ва миллати бегона, ки садсолаҳо ин масъала боиси ҷангу ҷидолҳо, низоъ ва кашмакашиҳо мегардад

(Қарабоғи Кӯҳӣ, Абхазия, Осетияи Ҷанубӣ ва ғ.). Вобаста ба мафҳуми “низоъ” чунин қайд менамоянд: “низоъ ин бархӯрд, мувофиқ наомадан ва баъзан ихтилофоти манфиатҳо, амалҳо, ақида ва андешаи шахсиятҳои алоҳида, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, синфҳо, табақаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, давлатҳо, минтақаҳо ва мақомотҳои онҳо, низомҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад” [1,с.14].

Бояд қайд кард, ки низоъҳои минтақавӣ дар вазъи сиёсии ҷаҳон ба сифати амаликунонӣ, нигоҳ доштан, васеъ намудани манфиатҳои давлатҳои гуногуни абарқудрат ва ташкилотҳои сиёсӣ (террористӣ ва экстремистӣ) баромад мекунанд. Ин ҳолатро дар мисоли паҳншавии босуръати терроризм ва экстремизми динӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Имрӯз, дар Осиёи Марказӣ метавон се навъи низоъҳои минтақавиро ҷудо намуд: масъалаи тақсимоти сарҳадҳо, масъалаи истифодаи обҳои наздисарҳадӣ ва масъалаи экстремизми динӣ [4]. Ин се навъи низоъ дар дохили худ боз ба самтҳои мухталиф тақсим шуда, метавонанд шакл ва мазмуни худро тағйир диҳанд.

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо падидаи номатлуби асри XXI – экстремизми динӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Аз ҳама воқеаҳои мудҳиштарин дар оғози ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон рух доданд. Ҳизби исломии Тоҷикистон, ки сабабгори ин воқеаҳо буд, кишварро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд.

Сабабҳои сар задани ин ҷанги шаҳрвандӣ гуногун тавсиф меёбад. Лекин дигар воқеаҳои дар минтақа рухдода, ба монанди амалиётҳои ҷангии гурӯҳҳои террористии «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» дар вилояти Фарғона ва амалиётҳои гурӯҳи террористон дар Қирғизистон (1999-2000 с.) ва Қазоқистон, фаъолияти якчанд ҳизбу ҳаракатҳо, ба монанди «Ҳизб-ут-таҳрир», ваҳҳобия, акрамия ва дигарон, аз он шаҳодат медиҳад, ки экстремизми динӣ ва ҳаракатҳои исломиён на ба як давлат ва ё ягон халқият равона шудаанд, балки ин падидаи мушкили асри XXI ба ҳисоб меравад ва ба якчанд кишварҳои Осиё, аз ҷумла Осиёи Марказӣ равона шудааст. Тибқи андешаи донишмандони тоҷик, дар айни ҳол радикализми ифротӣ бештар дар Тоҷикистон ва Қирғизистон мавқеъгирии сахттар дорад. Дар Қазоқистон низ ҷараёнҳои гуногуни ифротӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда истодаанд, ки ин боиси нигаронист. Дар Ӯзбекистон бошад, пас аз тағйиротҳои кадрӣ дидгоҳ ва назари давлатдорони ин кишвар куллан тағйир ёфта истодааст, аммо решаҳои ифротгароии динӣ дар ин кишвар ҷой доранд [7].

Аз ин рӯ, дар минтақа дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ воқеаву падидаҳои гуногуни ин мушкилоти аср ба чашм мерасид. Ногуфта намонад, ки давлату кишварҳо, ташкилоту ҳизбҳои махсусе вуҷуд доштанд, ки ба воқеаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ доштанд ва манфиатҳои хосси худро доштанд. Ба ин воқеаҳои охири баамаломада дар кишварҳои Шарқи Наздик, инчунин дар Афғонистон, ҳаракатҳои экстремистии гурӯҳҳои ифротгарои ДИИШ (ИГИЛ), «Толибон», «Ал-Қоида» ва дигарон далел шуда метавонанд. Гузашта аз ин, тамоюли хатарноки дигар аз Сурия (Шом) ва Ироқ ба сарҳадҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ кӯч бастани террористони байналмилалӣ маҳсуб мегардад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" дар шаҳри Душанбе изҳор намуданд, баъди амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Сурия ва Ироқ аъзои гурӯҳҳои алоҳидаи экстремистиву террористӣ ба давлати Афғонистон омада, қаламрави онро ба майдони ҳарбу зарби терроризми байналмилалӣ табдил додаанд [8].

Маълум аст, ки 80% обҳои (дарёҳо) Осиёи Марказӣ дар ду ҷумҳурӣ – дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҷойгир шудаанд.

Дар истифодаи захираҳо ва сарчашмаҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ доимо дигар проблема ва мушкилотҳо ба назар мерасанд:

- таҳдид ба амнияти иқтисодӣ (мавҷуд набудани маблағгузорӣ барои дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани иншоотҳои гидротехникӣ, метавонад ба оқибатҳои бебозгашт оварда расонад);
- афзоиши аҳолӣ дар якҷоягӣ бо норасоии об ва минтақаҳои маҳдуди киштшаванда дар пайдоиш ва рушди ихтилофоти байнидавлатӣ, ки метавонад ба низои байналмилалӣ мубаддал гардад, нақши муҳим хоҳад дошт;
- масъалаҳои истифодаи захираҳои об на танҳо шакли иқтисодӣ, балки сиёсиро торафт бештар ба худ касб мекунанд;
- ҳалли масъалаи «тағйирёбии» захираҳои обӣ аз ҷузъи табиӣ ба маҳсулот;

- муайян кардани мавқеи Тоҷикистон ва Қирғизистон дар робита бо истифодаи захираҳои обӣ (ки бартарӣ асосан ба тавлид ва коркарди неруи барқ дода мешавад) [2,с.186].

Мувофиқи андешаи муҳаққиқ Ш.З.Имомов, омилҳои гуногуни табиӣ ва таърихӣ ду намуди захираҳо - об ва заминро ба манбаи муҳимми низоъҳо дар Осиёи Марказӣ мубаддал гардонидааст [5].

Ба андешаи мо, дар аввали ташкили Ҳукумати Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ тақсимоти нодурусти сарҳадҳои ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ба амал омада буд. Масалан, Аморати Бухоро, ки давлати асосии тоҷикон ба ҳисоб мерафт, ноадолатона, байни се ҷумҳурӣ – Ҷумҳурии Автономии Сотсиалистии Тоҷикистони Шӯравӣ дар ҳайати Ӯзбекистони Шӯравӣ ва баъдтар Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистони Шӯравӣ, Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистони Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Сотсиалистии Қирғизистони Шӯравӣ (қисман) аз ҷониби Ҳукумати онвақтаи Шӯравӣ тақсимот шуд, ки қисмати зиёди тоҷикони муқимӣ дар Ӯзбекистон маскан гирифта мондаанд. Ҳамин тавр тоҷикон дар Қирғизистон ва қисман дар Қазоқистон (вилояти Ҷамбул) низ берун аз давлати худ боқӣ монданд, ки то ҳоло ин масъала баҳсталаб буда, байни табақаҳои гуногуни ҷомеа оид ба он фикру андешаҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд. Ҳукумати Шӯравӣ, ки мехост ҳамаи халқу миллатҳоро дар давлати ягона муттаҳид созад, мақсади бад надошт, вале бо мурури замон маълум гашт, ки масъалаи миллатгароӣ вуҷуд дошта, ҳар як халқу миллат мехоҳад алоҳида, мустақил зиндагӣ ба сар барад. Аз ин ҷо, байни халқу миллатҳои гуногун, ки дар кишварҳои бегона умр ба сар мебаранд, доимо ҷангу низоъҳо ба амал меоянд (Қарабоғи Кӯҳӣ, Фарғона, Абхазия ва ғ.).

Ҳамин тавр, низоъҳои минтақавиро таҳлил намуда, метавон чунин хулосабарорӣ кард:

1. Тамоми низоъҳои дар боло қайдшуда дар оянда метавонанд ба як проблемаи калони минтақавӣ ва шояд глобалӣ мубаддал гарданд.

2. Дар мубориза бо экстремизми динӣ ва терроризм муттаҳидии тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ зарур ва ҳатмӣ аст. Барои ин саъю кӯшиши ҳамаи иштирокчиёни иттиҳоди минтақавӣ аз фаъолияти коргари одӣ, журналистону зиёиён то роҳбарону ҳукуматдорон зарур аст. Аввал, бояд масъалаи тарафи ҳуқуқии мубориза ва пешгирии экстремизм ҳаллу фасли худро ёбад. Дувум бошад, нақша ва барномаи махсуси он. Дар ин самт бо ҷомеа, алалхусус ҷавонон бояд корҳоро амалан ва ҷиддӣ пеш бурд.

3. Дар масъалаи низоъҳои истифодаи сарчашмаҳои обӣ, ҳамкорӣ ва музокирот гузаронидан дар сатҳи минтақавӣ зарур ва ҳатмӣ мебошад. Масъалаи ҳуқуқии ин проблема бояд ҳал карда шавад.

4. Барои ҳалли низои ҳудудӣ-сарҳадӣ бояд қайд кард, ки тамоми давлатҳои тараққикарда ва минтақаҳои ҷаҳон бо ҳамдигар дар иттиҳодҳои гуногуни иқтисодӣ якҷоя шуда истодаанд, - Иттиҳоди Аврупо, АвруОсиё ва ғ. Дар ҳолати низои сарҳадии Осиёи Марказӣ ва роҳи ҳалли он мавқеъ ва нақши бузургро – интегратсия ва ё якҷояшавии халқу миллатҳо, тамоми минтақа ба шакли як иттиҳод, хоҳ иқтисодӣ ва ё хоҳ сиёсӣ мебозад. Агар дигар роҳҳо интихоб карда шаванд, ба монанди низоъ ва ё муноқиша оқибатҳои онро пешбинӣ кардан хеле ҳам душвор аст ва ба низои глобалӣ мубаддал гаштани он ногузир аст. Дар ҳолати ҳозираи рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ низоъ ва ё мунокиша дар масъалаи тақсимоти сарҳадҳо барои ҳеҷ як кишвари Осиёи Марказӣ нолозим аст. Бояд аз паси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳо шуд.

5. Барои ҳалли дилхоҳ низоъҳо ва мунокишаҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, дар ҳолати кунунии рушди ин минтақа ва кишварҳо, пеш аз ҳама, бояд масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ин минтақа ҳал карда шавад. Баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, некуаҳволии минтақа, сатҳи донишу малакаи ҷавонон, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои гуногун, бо ҷойҳои кории нав таъмин намудани аҳолӣ, беҳтар намудани шароитҳои зиндагӣ дар шаҳрҳо ва деҳаҳо, беҳтар намудани сифати равобит ва рафтуомади аҳолии минтақа байни тамоми кишварҳо, нест кардани бюрократизм ва коррупсия, паст намудани сатҳи ҷинояткории маҳаллӣ ва трансмиллӣ, батанзимдарорӣ низоми визаҳо барои ҳаллу фасли қисмати зиёди низоъ ва мунокишаҳои барои аҳолии одӣ нолозим нақш ва аҳамияти бузург доранд.

**АДАБИЁТ**

1. Абилов С.А. Низоъҳои минтақавӣ ва хусусиятҳои онҳо дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа (таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ / С.А. Абилов. –Душанбе, 2019. -С.14.
2. Валаматзаде Т. Водные ресурсы Таджикистана в стратегии национальной региональной политики // Центральная Азия и Кавказ. -2001. - №2(14). –С.186.

3. Гусев Л. Борьба с терроризмом и экстремизмом в странах ЦА и Афганистане. Роль ОДКБ / Проблемы безопасности. Научная статья. С.1-2.
4. Исмаилов Э. Центральная Евразия. Геополитическое переосмысление / Э.Исмаилов, В.Папава // CA&CC PRESS. -Стокгольм. -2010. -С.169; Лихачева А.Б. Дефицит воды как фактор современных международных отношений: диссертация на соискание к.п.н. / А.Б. Лихачева. - 2015. -С.49; Малышева Д.Б. Центральноазиатский узел мировой политики / Д.Б. Малышева. - ИМЭМО РАН. – 2010. -С.100.
5. Имомов Ш.З. Таснифи низоъ: навъ, сатҳ ва ҳаракати он // Мукаддимаи низоъшиносӣ /Ш.З. Имомов. - Душанбе: Эр-граф, 2006. -С.52.
6. Махмадов А.Н. Социология конфликта. Учебное пособие / А.Н. Махмадов. -Куляб: Сада, 1995. -С.3.
7. Муҳаммад А.Н. Амнияти миллӣ / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. - Душанбе, 2019. -226 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" 04.05.2018, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ] URL:http://www.president.tj/node/17564#murghob.

## НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА БАНИЗОМДАРОРИИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мубрам ва воқеии замони муосир - низоъҳои минтақавӣ ва батанзимдарории онҳоро дар ҷанбаи геополитикӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Муаллиф паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо ҳаллу фасл ва баррасӣ карда, вобаста ба таҳлилу омӯзиши адабиёту сарчашмаҳои гуногуни илмӣ сабаб, шакл ва намудҳои асосии низоъҳои минтақаи Осиёи Марказиро ошкор ва муайян намудааст. Чуноне ки муаллиф қайд мекунад, хусусияти хосси низоъҳо доштани шакл ва сарчашмаҳои махсуси худ дар ҳар як минтақаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Низоъҳо аз рӯйи ифодаи худ дар фазои як минтақа паҳн гашта, берун аз ҳудуди он баромада метавонанд ва ба низоъҳои байналмилалӣ мубаддал гаштанашон имконпазир аст. Дар натиҷа, мушкилиҳои зиёди гуманитарӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ сар мезананд, ки бартараф кардани онҳо вақту маблағҳои калонро талаб мекунад. Дигар ҷанбаи муҳими низоъҳои минтақавӣ ин сиёсати нодурусти пешгирифта маҳсуб меёбад. Муаллифи мақола вобаста ба андешаву фикрҳои олимону таҳқиқотчиёни ҳам ватаниву ҳам хориҷӣ, доир ба ҳаллу фасл ва пешгирии низоъҳо ва муноқишаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ пешниҳоду хулосаҳои худро ба таври муфассал ва саҳеҳ манзур намудааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, геополитика, давлат, кишвар, минтақа, низоъ, муноқиша, ҳал, музокирот.

## РЕГИОНАЛЬНЫЕ КОНФЛИКТЫ И ИХ УРЕГУЛИРОВАНИЕ

В этой статье автор рассматривает и затрагивает актуальную и важную проблему нашего времени - региональные конфликты и их урегулирование в геополитическом аспекте. Автор, исследуя различные аспекты этой проблемы, в зависимости от анализа и изучения различной научной литературы и источников выявил и определил причины, формы и основные типы конфликтов в центрально-азиатском регионе. Как указывает автор, характерной чертой региональных конфликтов является то, что каждый регион мира имеет свои особые форму и источники возникновения конфликтов. Конфликты, по своему выражению, распространяются на одну и ту же территорию и могут выйти за рамки и стать международными конфликтами. В результате возникают серьезные гуманитарные, политические и экономические проблемы, которые требуют значительных затрат времени и денег. Другим важным аспектом региональных конфликтов является неправильная проведенная политика прошлого. Автор статьи, опираясь на мнения и взгляды ученых и исследователей, как отечественных, так и зарубежных, представляет читателю подробные и существенные предложения и рекомендации о разрешении и предотвращении конфликтов в Центральной Азии.

**Ключевые слова:** политика, геополитика, государство, страна, регион, конфликт, разрешение, переговоры.

## REGIONAL CONFLICTS AND THEIR SETTLEMENT

In this article, the author examines and touches on a topical and important problem of our time - regional conflicts and their settlement in the geopolitical aspect. The author, exploring various aspects of this problem, depending on the analysis and study of various scientific literature and sources, identified and determined the causes, forms and main types of conflicts in the Central Asian region. As the author points out, a characteristic feature of regional conflicts is that each region of the world has its own special form and sources of conflict. Conflicts, in their expression, spread over the same territory and can go beyond and become international conflicts. As a result, serious humanitarian, political and economic problems arise that require a significant investment of time and money. Another important aspect of regional conflicts is the misguided policies of the past. The author of the article, relying on the opinions and views of scientists and researchers, both domestic and foreign, presents the reader with detailed and substantial proposals and recommendations on the resolution and prevention of conflicts in Central Asia.

**Keywords:** politics, geopolitics, state, country, region, conflict, resolution, negotiations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсупов Ғайрат Маъруфҷонович*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, аспирант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **929-16-16-40**. E-mail: **gairati.m@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Юсупов Гайрат Маруфжонович*** - Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.Телефон: **929-16-16-40**. E-mail: **gairati.m@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yusupov Gairat Marufzhonovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, postgraduate student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, Telephone: **929-16-16-40**. E-mail: **gairati.m@mail.ru**

УДК: 323.1

# ЭКСТРЕМИЗМИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН

*Аланазаров Ш.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Экстремизм фаъолияти сиёсие мебошад, ки барои амалӣ гардидани мақсадҳои авантюристӣ, моҷароҷӯӣ, зӯрӣ, услубҳои ҳарбӣ, террор ва фитнаро истифода мебарад. Экстремизм терроррo васеъ истифода мебарад, ба тезутундшавии зиддиятҳои байнимилалӣ кумак мерасонад ва вонамуд месозад, ки масъалаҳоро ҳал менамояд [9,с.553].

Дар низоми навини олам яке аз масъалаҳои мураккабтарин ва пурихтилофтаринро экстремизм ташкил медиҳад. Он дар навъҳо ва шаклҳои гуногун ба амал омада, вобаста ба макон ва замон хусусиятҳои мухталифро ба худ мегирад.

Масъала асосан, дар ду сатҳ гузошта мешавад. Аввалан, кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, ки ба моҳияту хусусиятҳо, сабабу оқибатҳои экстремизми сиёсӣ ва шаклҳои мухталифи зуҳури он амиқ муайян карда шаванд. Баъдан, роҳҳои самараноки пешгирии он дарёфт шаванд. Дар мавриди зарурӣ дарёфти роҳу воситаҳои мубориза фаъолу воқеии зидди он ҷустуҷӯ мегарданд.

Дар маҷмӯъ, сабабҳо ва заминаҳои ҷараёнҳои экстремистӣ, аз ҷумла шакли мураккабтарини он – экстремизми сиёсиро тарзи ҳаёти одамон ва муносибатҳои сиёсии ҷомеа ташкил медиҳанд. Омилҳои зиёде заминаи ба амалҳои канора, зӯроварӣ ва радикалӣ даст задани ашхоси гуногун ва неруҳои сиёсӣ мегарданд. Шароити бади зиндагӣ, қашшоқӣ ва омилҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ бештар дар ташаккули ҷараёнҳои ифротӣ саҳм мегиранд. Инкишофи бuҳронии ҷомеа ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт таъсири манфӣ мерасонад. Одамонро ноумедиҳо фаро мегиранд. Аз мақоми иҷтимоии хеш бенасиб гашта, дар низоми навин ҷойи сазовор намеёбанд. Ҳокимияти сиёсӣ фалаҷ мегардад.

Арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва сиёсӣ иваз мегарданд. Таҳаввулоти мафкуравӣ ба амал меояд. Муддати тӯлонӣ дар ҳолати нокомӣ зистан ба одамон таъсир мерасонад. Одамон ба хотири беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва мавҷудият даст ба амалҳои иртиҷоӣ мезананд.

Масъалаҳо ва равандҳои навъи мазкур то ба сатҳи даркорӣ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор нагирифтаанд. На танҳо таърифҳои ҳамаро қаноаткунандаи мафҳуми «терроризм» вуҷуд надоранд, балки дастгоҳи мафҳуми комил нест. Дастгоҳи мафҳумии ҳодисаи мазкур дар илми сиёсӣ низ дар сатҳи нокифоя қарор гирифтааст. Бисёр мафҳумҳо ва категорияҳо ба таври мафҳумӣ мавриди истифода қарор доранд ва таърифҳои умумиро пайдо накардаанд. Андешаҳои том дар бораи маъно ва мазмуни онҳо вуҷуд надорад. Дар аксари маврид҃о ба назар мерасад, ки онҳо фаҳмо мебошанд. Масалан, бештари одамон баробари шунидани мафҳумҳои «экстремизм», («ифротгароӣ»), «исломигароӣ», «терроризм» ва ғайраҳо дар мадди аввал мепиндоранд, ки барои бештари онҳо маънои чунин мафҳумҳо фаҳмо бошанд. Чунин ҳолатро дар байни олимон низ бештар вақт мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин хотир, бештар муаллифон ба шарҳу эзоҳи онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир наменамоянд [11,с.151].

Экстремизми сиёсӣ дар сатҳи гуногун ба амал меояд. Дар солҳои охир на танҳо ташкилот ва неруҳои гуногуни сиёсӣ, балки мақомоти давлатӣ низ метавонанд ҳамчун субъекти экстремизми сиёсӣ баромад намоянд. Дар шакли экстремизми давлатӣ ба амал омадани фаъолияти радикалию канора низоми пурмоҷарои олами муосирро боз ҳам мураккабтар гардонида, муносибатҳои байналмилалиро пурмуқовимат менамояд. Аз ин хотир, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки на танҳо бар зидди ташкилот ва ҷараёнҳои эътирофгаштаи экстремистӣ мубориза баранд, балки монеаи амалҳои ифротии давлатҳои алоҳида гарданд. Махсусан, вақте ки давлатҳои абарқудрат ба амалҳои экстремистӣ ҳамроҳ мегарданд ва ё равандҳои экстремистии дигарро ҷонибдорӣ менамоянд, ҳолати пурмуқовимати муносибатҳои байналмилалӣ пуршиддат гашта, боиси босуръат инкишоф ёфтани моҷароҳои сиёсӣ мегарданд.

Он ҷиҳатро ба эътибор бояд гирифт, ки мафҳумҳои навъи мазкурро дар маънои гуногуну мухталиф истифода менамоянд. Масалан, дар як ҳолат истифодаи мафҳуми «экстремизм»-ро метавон ҳам дар маънои манфӣ ва ҳам дар маънои мусбат мушоҳида намуд. Дар маънои мусбат мафҳуми «экстремизм»-ро дар бештари ҳолатҳо худи намояндагони неруҳои сиёсии марбути он истифода менамоянд. Масалан, дар яке аз мусоҳибаҳояш собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон С.А. Хоманеӣ ба хабарнигори

маҷаллаи «Ал-Алам» изҳор намуда буд, ки вай далелро дар бораи он, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон «қисмати экстремистии ҳаракати ҷаҳонии исломро» муаррифӣ менамоянд, рад намекунад. Зеро, «давлатҳои бузург ва Ғарб террористони аз ҳама бузурганд» ва ба муқобили онҳо фақат бо методҳои худи онҳо мубориза бурдан мумкин аст. «Мо чунин меҳисобем, ки фақат ҳаракатҳои экстремистӣ қобилияти муқобилият ба деспотизми сиёҳи давлатҳои бузурги ҷаҳониро доранд ва ба он муваффақ мешаванд. Аз ин хотир, на танҳо муносибати экстремистии худро ба деспотизми глобалӣ инкор наменамоем, балки онро эътироф намуда, аз он ифтихор дорем» [12,с.121].

Ба хусусияти дигари ҳаракати экстремистӣ метавон андешаҳо ва амалияи ба «хуб» ва «бад», ба «худӣ» ва «бегонагон» ва ғайраҳо ҷудо намудани одамонро дохил намуд. Дар чунин ҳолат принсипи «Ҳар касе бо мо нест, душмани мост» фаъол мегардад.

Экстремизм ҳаракати фаъол аст. Он мақсаднок буда, хосияти таҷовузкорона дорад.

Таълимоти экстремизм дар бештари ҳолатҳо хосияти оригиналӣ надошта, мустақилиятро соҳиб нестанд. Зеро онҳо аз дунболи андешаҳо ва таълимоти дигар рафта, онро то ба сатҳи ифротгароӣ мерасонанд.

Таълимоти экстремизм хосияти примитивӣ дорад. Ба он ҷаҳонбинии маҳдуд хос буда, дорои масъалаҳо ва манфиатҳои танг мебошанд. Дар низоми арзишҳо теъдоди номи ғояҳо хосияти инҳисорӣ пайдо намуда, андешаҳои дигарро эътироф намекунанд ва ҳуқуқи мавҷудияти онҳоро барҳам мезанад.

Экстремизми сиёсӣ зери таъсири омилҳои мухталиф ташаккул меёбад. Дар натиҷаи тағйироти кулли ҷомеа тартиботи иҷтимоии он пурра дигар мешавад. Унсурҳои иҷтимоии ҷомеа ҷояшонро иваз менамоянд.

Аз даст рафтани мақоми иҷтимоӣ боиси тағйироти мафкураи иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷаи бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ шароити ҳаёти аксарияти аҳолӣ бад гардида, сатҳи зиндагӣ поён мефарояд. Ҳокимияти давлатӣ таназзул ёфта мақомоти гуногуни он, пеш аз ҳама, мақомоти қудратӣ ва молиявӣ коҳиш ва бадном мегарданд. Арзишҳои ғоявию сиёсӣ ва фарҳангӣ аз байн мераванд ва ба ҷойи онҳо низоми нави қоидаҳо ва рӯовариҳои арзишӣ ташаккул меёбанд.

«Ҳоло, ки экстремизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷониба пеш меояд» [13,с.5].

Экстремизми сиёсӣ, асосан аз солҳои 70-уми асри XX авҷ гирифта, ба зинаи хеле баланд расид. Он ҳама гуна низоми сиёсию ҳуқуқиро сарфи назар намуда, новобаста аз меъёрҳои конститутсионӣ, амалҳои худро ҳақ баровардани мешавад. Ба гарав гирифтани роҳбарони сиёсӣ, ходимони давлатию ҷамъиятӣ ва одамони дигар, кушторҳои сиёсӣ, ҳуҷумҳои мусаллаҳона ба мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фаъол гаштани ташкилотҳои фашистӣ, анархистӣ ва ғайраҳо шаҳодати ин гуфтаҳост.

Ҷараёнҳои экстремизм бештар ба ишораҳо ва даъватҳои авомфиребонаю чоҳталабона тимсоли хаёлии душманро чун сароб меофаранд. Онҳо бештар ба эҳсосоти одамон таъсир мерасонанд. Нооромиро ба вуҷуд меоранд. Одамонро ба саркашӣ ва шаклҳои дигари эътирози сиёсӣ даъват менамоянд. Дар мавриди зарурӣ даст ба суиқасд мезананд.

Экстремизми сиёсӣ ба ду навъи асосӣ тақсим мешаванд: экстремизми чап ва экстремизми рост.

Дар тамоми мамлакатҳои олам ташкилот, иттиҳодияҳо ё гурӯҳҳоеро дарёфт намудан мумкин аст, ки аз ин ё он ҷиҳат назария ва амалияи иртиҷоиро ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳатто дар мамлакатҳои мутамаддини аврупоӣ, ки режими либералию демократиашон моҳиятан ҳар гуна назария ва амалияи радикалию иртиҷоиро рад менамоянд, ташкилот ва гурӯҳҳои экстремистиро пайдо намудан мумкин аст.

Ҳоло дар илми сиёсӣ ба иттиҳодияҳои экстремистии чап ташкилот ва гурӯҳҳои зеринро мансуб медонанд: анархизм, радикализми чап, фашизм, коммунизм, «фраксияи Армияи Сурх» дар Германия, «Бригадаҳои сурх» дар Италия, «Сантендеро Хуминос» дар Перу, полподчиён дар Камбоҷа, Ҳизби натсионал-болшевикии Э. Лимонов дар Федератсияи Русия ва ғайраҳо.

Ба экстремизми рост «Ҳизби коргарии аврупоӣ», «Низоми нави аврупоӣ», «Неруҳои рости Аврупо», «Интернатсионализми сиёҳ», «Ҷабҳаҳои миллӣ»-и Франсия, «Ҳаракати иҷтимоии Италия», «Ҳизби ҷумҳуриявӣ ва натсионалию демократӣ» дар Германия шомил мебошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Айнӣ С. Акнун навбати қалам.– Душанбе: Ирфон, 1978. -Ҷ. II. – 463 с.

2. Антонян Ю.М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование / Ю.М. Антонян. –М., 1998. –156 с.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, моддаи 697.
4. Батошова А.К. Политический терроризм: детерминация и формы проявления / А.К. Батошова. – М., 2004. – 194 с.
5. Бернгард А.С. Стратегия терроризма / А.С. Бернгард. –Варшава, 1978. –140 с.
6. Буданова В.П. Древний Рим – АСТ – Астрель / В.П.Буданова, В.Н.Токмаков, В.И.Уколова, Н.А.Чаплыгина. – Москва, 2006.
7. Вешняков А.Д. Основы противодействия терроризму / А.Д. Вешняков.– М.: Академия, 2006. – 240 с.
8. Витюк В.В. «Левый» терроризм на Западе: история и современность / В.В. Витюк. – М., 1987. – 230 с.; Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. -Душанбе: Ирфон, 1983. -Ҷ. I. – 704с.
9. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 553
10. Договор между Республикой Казахстан, Кыргызской Республикой, Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан о совместных действиях по борьбе с терроризмом, политическим, религиозным и транснациональным экстремизмом.
11. Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2008, – С. 151.
12. Исламский фактор в международных отношениях. Азия – М., 1987. – С.121.
13. Зокиров Г.Н. Терроризм / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – С.5.
14. Жаринов К.В. Терроризм и террористы / К.В. Жаринов. – М.: Харвест, 1999. – 608 с.

## ЭКСТРЕМИЗМИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН

Экстремизми сиёсӣ ҳамчун омили асосии пайдоиши терроризм дар асарҳои илмӣ исбот гардидааст. Маҳз ҷавонон дорои неруи беназирӣ физиологӣ ва зеҳнӣ буда, имконияти тағйирёбии босуръат ва рӯ овардан ба омӯзиши илмҳои гуногун ва корҳои созандагиро доранд. Барои ба ин мақсад расидан, пеш аз ҳама, фарҳанги сиёсии ҷавонон зарурат ба ташаккул дорад, ки экстремизми сиёсӣ метавонад дар ин самт садди он гардад. Экстремизми сиёсӣ зери таъсири омилҳои мухталиф ташаккул мёбад. Дар натиҷаи тағйироти кулли ҷомеа тартиботи иҷтимоии он пурра дигар мешавад. Унсурҳои иҷтимоии ҷомеа ҷояшонро иваз менамоянд. Аз даст рафтани мақоми иҷтимоӣ боиси тағйироти мафкураи иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ шароити ҳаёти аксарияти аҳолӣ бад гардида, сатҳи зиндагӣ поён мефарояд. Ҳокимияти давлатӣ таназзул ёфта мақомоти гуногуни он, пеш аз ҳама, мақомоти қудратӣ ва молиявӣ коҳиш ва бадном мегарданд. Арзишҳои ғоявию сиёсӣ ва фарҳангӣ аз байн мераванд ва ба ҷойи онҳо низоми нави қоидаҳо ва рӯовариҳои арзишӣ ташаккул мёбанд.Дар мақолаи мазкур паҳлуҳои масъалаи мазкур ба таври дақиқ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, андешаҳои илмӣ баён карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** экстремизми сиёсӣ, терроризм, фарҳанги сиёсӣ, давлат, ҷавонон, сиёсат.

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ ЭКСТРЕМИЗМ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА МОЛОДЕЖНУЮ ПОЛИТИЧЕСКУЮ КУЛЬТУРУ

Доказано, что политический экстремизм является основным фактором появления терроризма в научной литературе. Именно молодые люди обладают уникальным физиологическим и интеллектуальным потенциалом, имеют возможность быстро меняться и обращаться к изучению различных наук и творчеству. Для достижения этой цели, прежде всего, необходимо формировать политическую культуру молодежи, предотвращать которую может политический экстремизм. Политический экстремизм формируется под влиянием различных факторов. В результате изменений в обществе в целом его социальный строй полностью изменится. Меняются социальные элементы общества. Утрата социального статуса ведет к смене социальной идеологии. В результате экономического, социального и политического кризиса условия жизни большинства населения ухудшились, а уровень жизни упал. Государственная власть приходит в упадок, сокращаются и дискредитируются различные ее органы, прежде всего правоохранительные и финансовые органы. Идеологические, политические и культурные ценности исчезают и заменяются новой системой правил и ценностей. В данной статье подробно изучаются аспекты данной проблемы и высказываются научные мнения.

**Ключевые слова:** политический экстремизм, терроризм, политическая культура, государство, молодежь, политика и др.

## POLITICAL EXTREMISM AND ITS INFLUENCE ON YOUTH POLITICAL CULTURE

It has been proven that political extremism is the main factor in the emergence of terrorism in the scientific literature. It is young people who have unique physiological and intellectual potential, have the ability to quickly change and turn to the study of various sciences and creativity. To achieve this goal, first of all, it is necessary to form the political culture of young people, which can be prevented by political extremism. Political extremism is shaped by various factors. As a result of changes in society as a whole, its social structure will completely change. The social elements of society are changing. The loss of social status leads to a change in social ideology. As a result of the economic, social and political crisis, the living conditions of the majority of the population have deteriorated and the standard of living has fallen. State power is declining, its various bodies, primarily law enforcement and financial bodies, are being reduced and discredited. Ideological, political and cultural values disappear and are replaced by a new system of rules and values. In this article, aspects of this problem are examined in detail and scientific opinions are expressed..

**Keywords:** political extremism, terrorism, political culture, state, youth, politics, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аланазаров Шарафҷон Шарифович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯй. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Марказӣ, 34/2

**Сведения об авторе:** ***Аланазаров Шарафджон Шарифович*** - Дангаринский государсвенный университет, соискатель. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 34/2

**Information about author:** ***Alanazarov Sharafjon Sharifovich*** - Dangara state University, applicant. **Adress:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazi street, 34/2

УДК:323.1(575.3)_

# ОМӮЗИШИ ТАҲЛИЛИИ РАВАНДИ ДАВЛАТ-МИЛЛАТСОЗӢ

*Воҳидов Н.Ҳ.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Чи гунае ки дар масъалаи давлат-миллатсозӣ мушоҳида мешавад, муҳаққиқони мухталиф дар таҳқиқоти худ ба омилҳои гуногуне ишора намуда, дар асоси фаҳмиши худ назари хешро ҷиҳати дарки комили раванди давлатсозиву миллатсозӣ баён доштаанд.

Яке аз баҳсҳои асосӣ дар мавриди таъйини унсурҳои давлат-миллатсозӣ ба S. Cornel ва Kalt J.P. тааллуқ дорад, ки ишора ба он аз аҳамият холӣ нест [1,с.187-214]. Ба андешаи муҳаққиқони мазкур, ба сифати унсурҳои калидии раванди мазкур инҳо баромад мекунанд:

- амалӣ кардани ҳокимият;
- ҷиҳатгирии (мавқеъгирии ) стратегӣ;
- сиёсатгузориҳои дурусту босубот ва ниҳодҳои муассир;
- ҳаллу фасли одилона ва таъсирноки ихтилофҳо;
- ҷудоии сиёсат аз идоракунии иқтисодиёт;
- як бюрократияи муваффақ;
- баробарии фарҳангӣ.

Қобили зикр аст, ки шохаҳои дар боло овардашуда комилан дар иртибот ва пайвастагӣ бо якдигар қарор доранд ва наметавон онҳоро аз ҳам ҷудо ба назар гирифт. Инчунин, шохаҳои мазкур ҳамчун намунаи маваффақи раванди давлатсозиву миллатсозии нисбӣ интихоб ва матраҳ мегарданд. Наметавон гуфт, ки шохаҳои зикргардида, барои раванди давлат-миллатсозӣ кофӣ ҳастанд, балки ҳамчун унсурҳои асосӣ барои ҳамаи равандҳои давлатсозиву миллатсозӣ дар назар гирифта мешаванд [2,с.77-101].

**Раванди давлат-миллатсозӣ ва ҳокимияти сарзаминӣ.** Ҳокимияти сарзаминӣ дар раванди давлатӣ миллатсозӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва муҳим ба ҳисоб меравад. Бо муқоисаи ин шохис дар байни кишварҳое, ки дар ин раванд таҷрибаи муваффақе доштаанд ва бо кишварҳое ки ҳанӯз ҳам дар буҳрони давлат-миллатсозӣ қарор доранд, метавон бо истифода аз ин таҷриба ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Дар намунаҳои муваффақи аврупоӣ дар тули чанд аср дар натиҷаи омӯзиш ва амалҳои гуногун, бахусус тавассути ҷанг, масоил ва ихтилофҳои марзӣ – сарзаминии кишварҳо бо кишварҳои ҳамсоя тақрибан ба таври комил ҳаллу фасл гардидаанд. Ба ҷуз чанд мавриде, ки ҳанӯз ҳам роҳи ҳалли худро пайдо накарданд, монанди Фаронса ва Испания. Чунки миллатҳои аврупоӣ бо мурури замон дар сарзамини мушаххасе ҳувияти худро тавассути марзҳо муайян карда, худро аз дигар миллатҳо ба таври мушаххас ҷудо карданд.

Дар ин раванд аксари кишварҳои аврупоӣ тавонистаанд тавассути марказонидани қудрати сиёсӣ, тавсеаи низомию ҳуқуқӣ дар асоси як миллати ягона, ҳокимияти миллии худро ба таври муносиб таъмин кунанд. Ба ин васила давлатҳои миллии аврупоӣ тавонистанд зарфияти ҳимоят аз сарзамин ва ҳувияти миллии худро бисёр баланд бардошта, ҳудуди муайянеро дар низоми кишварҳои худ ба таври комил ҷой кунанд.

Дар баробари аврупоиҳо, дар бештари кишварҳои пасоистеъмории ҷануб, масоили марзӣ-ҳудудӣ яке аз масъалаҳои мушкилзо ба ҳисоб меравад, ки солҳо мешавад ҳалли худро намеёбад. Барои мисол, дар баъзе кишварҳои пасошӯравӣ, ҳатто бо гузаштани се даҳсола аз соҳибистиқлолиашон аксари онҳо натавонистанд мушкилоти марзӣ-ҳудудии худро байни ҳамдигар ба таври аниқу дақиқ ҳаллу фасл намоянд. Баъзе аз ин кишварҳо ё қисме аз сарзамин ё ҳудуди муайяни кишварашон мавриди иддаои кишварҳои нисбатан бузурги минтақавӣ қарор дорад ва ин амал боиси ноамнӣ ва бесуботии кишварҳо мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳатто кишварҳои заиф низ бо пуштибонии дигар кишварҳо ихтилофоти марзиро дар марҳилаҳои ҳассос истифода мебаранд.

Кишварҳое, ки бо мудохилаи мустақими кишварҳои истеъморгар эҷод шудаанд, бештар бо чунин вазъият рӯ ба рӯ ҳастанд. Барои мисол Қувайт пайваста мавриди иддаои Ироқ қарор мегирад, ҳатто ин даъво ҳудуди солҳои навадум боиси ҳамлаи Ироқ ва ишғоли Қувайт гардид. Ироқ низ бо ин мушкилӣ рӯ ба рӯ мебошад. Қисме аз шимоли Ироқ, аз ҷумла минтақаи Каркук ва Сулаймония мавриди иддаои ҳамешагии Туркия қарор дорад. Ва бовар доранд, ки то баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Ироқ қисме аз империяи Усмонӣ ба ҳисоб мерафт. Инчунин, Эрон ва Ироқ дар Арвандруд бо масъалаи мазкур рӯ ба рӯ ҳастанд. Давлати Исроил ба ҳайси як кишвари нав дар минтақаи Шарқи Наздик бо чунин мушкилот дар рӯ ба рӯйи Сурия, Лубнон, Урдун ва Миср қарор дорад. Ҳатто мушкилоти дигар байни кишварҳои минтақа ин аст, ки мавҷудияти Исроилро эътироф

надоранд, аммо Фаластинро ҳамчун кишвар эътироф менамоянд. Ва Исроил бо Фаластин, албатта, баҳси марзӣ-ҳудудӣ доранд [3,с.273-274].

Кишварҳои пасошӯравӣ низ бо мушкилоти зиёди масоили марзӣ-ҳудудӣ гирифторанд. Барои намуна се ҷумҳурии Қафқози Ҷанубӣ бо ҳамдигар ва ҳамсоягони худ нофаҳмоиҳои зиёд ва ҷиддие доранд. Мисоли равшан ҳодисаҳои тирамоҳ ва зимистони ҳамин сол (2020) байни Озарбойҷон ва Арманистон дар минтақаи Қарабоғи Кӯҳӣ мебошад. Гурҷистон тавассути ҷудоиталабии Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ бо Русия масъалаи муштарак доранд.

Чунин мушкилиҳои марзӣ-ҳудудӣ байни бештари кишварҳои ҷануби Осиё, Африқо, Амрикову Аврупо зиёд дида мешаванд. Кишваре, ки ба моҳияти сарзамине бо ҳувияти мушаххас ноил нашуда бошад, пас дар ноамнӣ ва бесуботӣ қарор дошта, аз назари раванди давлатсозиву миллатсоӣ дар вазъияти чандон муносибе қарор надорад.

Андешаи ҳокимияти миллӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷанубӣ бо дахолати бевоситаи кишварҳои нисбатан қавии минтақа ва ҷаҳонӣ, моҳияти худро гум намудааст. Барои мисол давлатҳо ё худ шайхнишиҳои Халиҷи Форс, ки ҳанӯз аз нуқтаи назари анбошти қудрат ва зарфияти сиёсиву ниҳодӣ дар шароити начандон муносибе қарор доранд, аз ҷумла дар таъмини амнияташон ба кишварҳои ғарбӣ (махсусан Амрико) такя менамоянд. Раванди давлат-миллатсозии чунин кишварҳо бо сабабҳои зикргардида, дар вазъияти начандон муносибе қарор дорад.

**Масъалаи сарзамин дар раванди давлат-миллатсозӣ.** Сарзамин ва марзу бум, ки ба ибораи беҳтар мафҳуму моҳияти Ватанро ифода мекунад, барои ҳар як инсон ва як миллат яке аз муқаддастарин арзишҳо ба ҳисоб меравад. Ватан ҷое фаҳмида мешавад, ки дар он хотираҳо решаи таърихӣ доранд ва ҳамчун як унсури калидӣ дар ҳувиятёбии миллӣ хизмат менамояд [5,с.502-508]. Як миллат ва ҳувият дар марҳилаҳои аввал аз Ватан сарчашма мегирад. Ватан барои ҳар як миллат, аз ҷумла барои тоҷикон, чунон муқаддас аст, ки мисли Модар ёд ва ҳифз мешавад. Барои ҳамин ҳам дар бисёр ҷойҳо модар ҳаммаъно ё худ синоними Ватан мешавад. Бинобар ин, ҳар гуна хатару таҳдиди бегона нисбат ба Ватан барои аъзои як миллат қобили таҳаммул нест. Аввалин хоҳиши як миллат аз давлат ин аст, ки аз хавфу хатари бегонагон марзу буми худро ҳифз намояд.

Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон баъди ҷанги якум ва дувуми ҷаҳонӣ бо сабаби ҳукмрон будани идеологияи фаромиллиятӣ (транснатсионалистӣ) мафҳуми Ватан дар асоси ҳудудҳои ҷуғрофӣ фаҳмида намешуд. Аксарияти ин кишварҳо таҷрибаи таърихии ҳамзистии осоишта дар як сарзаминро надоштанд. Вобаста ба ин дар сохтани мафҳуми Ватан ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешуданд. Аксарияти кишварҳои ҷаҳони сеюм аз ҳисоби бисёрқавмӣ ва бисёрҳувиятӣ низ ба чунин вазъият гирифторанд. Онҳо натсионализми қавмиро аз натсионализми миллӣ авлотар дониста, ба ҷойи вафодорӣ ба як макон (Ватан) вафодориашонро ба минтақае, ки дар он сукунат доранд, ҳифз менамоянд. Мисли курдҳо дар шимоли Ироқ, томилҳо дар Шриланка ва кашмириҳо дар Кашмири Ҳиндустон ва ғайра.

Дар замони муосир садоқат ба Ватан нақши асосӣ дошта, онро дар як сарзамини муайян мутамарказ намуда, омили ҳамбастагӣ ва якпорчагии миллӣ медонанд. Эҳтиром ба Ватан ҳангоми хавфу хатари бегонагон сабаби фидокориҳои аъзои як миллат мегардад. Пас як давлат бояд садоқат ба Ватанро дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ба воситаҳои гуногун, аз қабили таълиму тарбия дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештансиносӣ ва худогоҳии миллӣ тавассути маҷаллаву газетаҳо, расонаҳо, шабакаҳои радёиву телевизионӣ мустаҳкам намояд, ки шаҳрвандон вафодориашонро ба он мутамарказ ва ҳувияти миллиашонро ҳифз намоянд [6,с.173]. Барои мисол дар Тоҷикистон масъалаи рафтан ба хидмати сарбозии ҷавононро, ки ҳамасола ба мушкил дучор мешавад, аз ҳамин тариқ ҳал кардан мумкин аст. Илова ба беҳтар кардани шароити буду боши наваскарон, ҳамчунин корҳои идеологӣ ва ташвиқотӣ низ бурдан лозим аст.

Барои расидан ба чунин ҳувият бояд унсурҳои ҷуғрофӣ (ба монанди ҳудуд) ва маънои Ватан комилан равшан ва мушаххас карда шаванд [7,с.1-3]. Барои ин амал дар қадамҳои аввали раванди давлатсозӣ мебояд қудрати институтсионалӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба таври мукаммал мутамарказ шаванд. Давлат бояд қобилият ва тавони ҳимояи мардум ва кишвари худро аз таҳдидҳои хориҷиён дошта бошад.

Ҳалли масоили марзӣ-ҳудудӣ ҳатман як масъалаи дохилӣ дар асоси мутамарказонидани қудрати давлат ва зарфиятсозии он набуда, балки як омили муайянкунанда ба шумор меравад, ки пайвандгари омилҳои дигари раванди давлат-миллатсозӣ мешавад. Дипломатия дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ яке аз унсурҳои раванди мазкур ба шумор меравад. Масъалаҳои марзӣ-ҳудудӣ ё тавассути ҷанг ҳалли хешро пайдо менамоянд, ки барои як кишвар пайомадҳои хуб надорад ва ё

тавассути дипломатияи дуҷонибаву бисёрҷониба амалӣ мегардад. Қобили зикр аст, ки дар раванди давлат-миллатсозӣ, аз ҷумла оиди ҳаллу фасли масоили марзӣ-ҳудудӣ, бояд фаҳмиши назариявии Ватан дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Яке аз масъалаҳои дигари раванди мазкур ин масъалаи пойтахти кишварҳо ба шумор меравад. Маъмулан, пойтахт барои дилхоҳ миллату давлат яке аз марказҳои муҳим ва асосӣ ба шумор меравад, зеро садоқат ба марказ ин садоқат ба Ватан арзёбӣ мегардад [8,с.29]. Барои рушди мафҳуми Ватан дар назди шаҳрвандон пойтахти як кишвар ҳамчун василаи ҷалби вофодориҳо ба самти Ватан ҷилва дода мешавад. Аз тарафи дигар, пойтахт рамзи як кишвар дар назди ҷомеаи байналмилал мебошад. Бинобар ин, бояд ба он хусусияти таърихӣ ва шукӯҳу ғурури миллӣ бахшид. Зеро ҳар як миллат илова бар унсурҳои зеҳнӣ (маъноӣ) унсурҳои айнӣ низ дорад, ки сабаби мукаммалгардии ҳувияти миллӣ мегардад.

**Истиқлолият ва ҳокимияти миллӣ дар раванди давлат-миллатсозӣ.** Дар раванди давлат-миллатсозӣ истиқлолият ва ҳокимияти миллӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва муассир ба шумор мераванд. Бо ин сабаб аксарияти кишварҳои пасоистеъморӣ аз назари раванди давлат-миллатсозӣ ба натиҷаи чандон хуб нарасиданд, зеро ҳеҷ гоҳ дар таъмини амнияти миллии худ ба таври комил муваффақ нагардиданд.

Жан Боден аввалин шуда дар бораи ҳокимияти миллӣ ва зарурияти он ба таври мушаххасе ибрози назар намудааст. Ӯ дар китоби машҳури худ "Шаш китоби ҷумҳурият" [9] ҳокимиятро хислати табиии ҳар давлат медонад ва моҳияти онро таҷзиянопазир, доимӣ ва мутлақ меҳисобад. Назари Ж. Боден оиди ҳимоя аз ҳокимияти давлат тавассути дигар назарияпардозон пайгирӣ шуда, ҳамун унсури асосии давлати миллӣ эътироф гардид. Баъди назарияи Ж.Боден ҳокимият бештар хусусияти миллӣ касб намуд. Ҳедли Бул ва дигар муҳаққиқони равобити байналмилалӣ ҳокимиятро ба ду шоха, яъне ҳокимияти дохилӣ ва хориҷӣ тақсим намудаанд [10,с.42]. Ҳокимияти дохилӣ ба маънои бартарӣ доштан аз дигар қувваҳо ва шахсони дохили кишвар ва ҳокимияти хориҷӣ на ба маънои бартарӣ, балки мустақилият аз дигар кишварҳо ва қудратҳои хориҷӣ мебошад. Юрген Ҳобермос бовар дорад, ки "давлат замоне соҳиби ҳокимият мебошад, ки битавонад қонун ва низоми дохилии худро барқарор ва ҳифз намуда, аз қаламрави кишвари хеш ҳимоя намояд" Давлат бар зидди рақибони хеш дар атрофи сарзамини худ муқобилият карда тавонад ва дар арсаи байналмилалӣ ҳуқуқи баробар бояд дошта бошад. Дар асл аз назари меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шарти асосии эътирофи кишвар ин соҳибистиқлолӣ ва баробарӣ дар низоми кишварҳо мебошад. Ҳокимияти дохилӣ, танзимкунандаи назму низоми дохилӣ ва ҳокимияти хориҷӣ барои касби мавқеи муайян дар муқобили қудратҳои хориҷӣ амал менамояд [11,с.179-180].

Аксарияти сиёсатшиносон ҳам таъкид намудаанд, ки ҳокимият моҳиятан муносибатҳои сиёсиро мутамарказ менамояд. Чуноне ки маълум аст, мафҳуми ҳокимият дар сиёсатшиносӣ яке аз мафҳумҳои асосӣ ва марказӣ ба шумор меравад. Ҳатто Бертран Рассел ҳамун риёзишинос, файласуф ва сиёсатшиноси маъруф чунин мешуморад, ки мафҳуми асосӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ "ҳокимият" бошад, пас дар физика энергия (қувва) мафҳуми бунёдӣ ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, дар илмҳои сиёсӣ ҷараёни мустақиле амал менамояд, ки онро "кратология", яъне таълимот дар бораи ҳокимият меноманд. Кратология ҳокимияти сиёсиро ҳамаҷонниба мавриди омӯзиш қарор додааст [12,с.90].

Томас Гоббс ҳокимиятро василае медонад, ки дар оянда бо кумаки он неъматҳо ба даст оварда мешаванд. Аз ин хотир мубориза барои ҳокимият мақсади асосии ҳаёти инсонӣ буда, то дами марг идома меёбад. Ба андешаи Макс Вебер, ҳокимият ин амалӣ намудани иродаи худ аз болои иродаи дигарон мебошад, ки дар амал татбиқ намудани он новобаста аз майлу хоҳиши дигарон сурат мегирад. Ханна Арендт чунин мегӯяд, ки ҳокимият ба як шахс тааллуқ надошта, балки ба гурӯҳи одамоне тааллуқ дорад, ки фаъолияти дастаҷамъона дошта бошанд. Гаролд Лассуэл дар асари худ "Ҳокимият ва ҷомеа" қайд менамояд, ки ҳокимият дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ширкат намудан аст [13,с.76].

Бешак, аксари кишварҳои пасоистеъморӣ ҳеҷ гоҳ қудрати таъмин ва намоиши ҳокимияти миллиро надоштаанд. Аз назари ҳокимияти дохилӣ дар аксарияти кишварҳои пасоистеъморӣ ё шабеҳдавлатҳои ҷануб бо сабаби мавҷудияти неруҳои мухолиф ва марказгурез ҳокимияти дохилӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Барои мисол, ҷудоиталабии қавмӣ ва таслим нашудани баъзе аз гурӯҳҳои этникии мухолиф ба ҳокимияти давлатӣ, ки асосан дар чунин ҷомеаҳо бо сабаби набудани ниҳодсозии (институтсионализм) муносиб марказҳои гуногуни қудрат шакл гирифта, ҳокимияти марказиро бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ месозанд.

Дар асл бо сабаби набудани қудрати марказӣ (ҳуқуқӣ, ниҳодӣ ва сиёсӣ) аксар вақт давлат аз тавоноии ночизе барои тобеъ намудани ҳама неруҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор намегардад. Дар ҳоли заифии давлат гурӯҳҳо ва шахсони довталаб ба ҳокимияти сиёсӣ зиёд мегарданд. Ин амал амният ва суботи дохилии чунин ҷомеаҳоро бо таҳдид мувоҷеҳ месозад. Дар шароите, ки давлат яке аз вазифаҳои асосии худро, ки таъмини амният ва суботи кишвар ба ҳисоб меравад иҷро карда натавонад, пас равшан мегардад, ки боварӣ ва садоқати мардум ба давлат заиф мегардад. Ошкор аст, ки ин амр бар хилофи раванди давлат-миллатсозӣ аст, зеро раванди давлат-миллатсозӣ бояд ба самти беҳтарнамоии амният ва субот равона шуда бошад, вале баръакс дар чунин вазъият раванди мазкур дар ҳолати ист ё ҳатто заифшавӣ қарор мегирад.

Ҳамчунин, заъфи ҳокимияти миллӣ низ дар сиёсати хориҷӣ (истиқлол дар низоми давлатҳо) ҳатто барои кишварҳои пасоистеъморӣ ё кишварҳои ҷануб бисёр душвор ва сангин ба ҳисоб меравад. Аксари ин кишварҳо ё дар асоси мероси боқимонада аз истеъморгар ё вобаста будан аз кишварҳои пешрафтаи минтақа ва ҷаҳон дар таъмини истиқлолият ва амнияташон саҳми андаке доранд. Ин давлатҳо на танҳо рақиби баробар бо дигар кишварҳои пешрафта буда метавонанд, балки даъвои рақобати баробар барои касб ва ҳифзи қудрату манфиатҳо бо дигар давлатҳои миллии қудратмандро низ надоранд. Албатта, ин барои ҳамаи кишварҳои ҷануб ва пасоистеъморӣ яксон набуда, дар асл бар мавқеи ҳар кишвар нисбати раванди давлат-миллатсозӣ ва ҷойгоҳи онҳо низ дар низоми кишварҳо гуногун ба назар мерасад. Баъзеҳояшон аз тавон ва имконоти бештаре барои рақобат дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва таъмини ҳокимияти миллӣ ва истиқлолияташон бархӯрдорнад. Албатта, бештари кишварҳои дигар чунин тавоноӣ ва имконияти рақобатро ҳатто дар сатҳи минтақавӣ надоранд.

Бинобар ин, яке аз шохаҳои муҳимми давлат-миллатсозии муваффақ, таъмини ҳокимияти миллӣ дар ду бахш -ҳокимияти дохилӣ (миллӣ) ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Воҳидҳои сиёсие, ки даъвои озодӣ ва истиқлолият доранд, ба як омиле ниёз доранд, ки хушунатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, манфиатҳои умумӣ ва миллиро тавассути роҳҳои қонунӣ ва ҳуқуқии муносиб назорат ва идора намояд. Чунин амалҳоро танҳо як кишвари қудратманд ва тавоно метавонад анҷом диҳад. Ба ҳамин сабаб метавон гуфт, ки дар раванди давлат-миллатсозӣ бояд давлат қудрати марказӣ, ниҳодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар даст дошта бошад.

Хулоса, аксарияти кишварҳои ҷануб ё ба иборате давлатҳои заиф, аз назари ҳокимияти миллӣ чи аз назари ҳокимияти дохилӣ ва хориҷӣ дар шароити муносибе қарор надоранд. Чунин давлатҳо аксар вақт дар масоили дохилӣ бо мушкилии қавмӣ гирифторанд. Кишварҳои манфиатдор аз чунин фурсатҳо васеъ истифода намуда, сабабгори бавуҷудоии буҳронҳои қавмӣ, этникӣ ва ниҳоят сиёсӣ мегарданд. Дар ҳокимияти хориҷӣ бошад, ин кишварҳо ба ҳимоя аз истиқлолияташон машғуланд, зеро мақоми кишвар дар арсаи байналмилалӣ аз истиқлолият ва мавқеи он вобаста аст.

**АДАБИЁТ**


1. Carnel S. and Kalt J.P.1998. Sovereignty and Nation Building: the development Challenge in IndianCountry Today, Reprintedfrom American Indian Culture and research Journal,V. 22,№3. Qouted in: Materoa Dodd, “ Nation Building and Moral Development; The Importance of Governance”, School of Maori and Pacific Development,University of Waikato. http://www.ksg.harvard.ed/
2. Azar Edward E. and Moon Chung-in 1988. “Legitimacy, Integration and Policy Capacity: The Software’ Side of Third World Nation Security” in Edward E. Azar and Moon Chung-in (eds), National Security in the Third World: The Manegment of Internal and External Threats, College Park: University of Maryland, Center of International Development and Conflict Manegment.
3. Абӯалии Қ. Давлатсозӣ -миллатсозӣ ва назарияи равобити байналмилал / Қ.Абуалии, З. Афшини. – Теҳрон, 2009. -396 с.
4. Williams Colin and Anthony Smith D.1993. “The Nationl Costuction of Social Space”, Progress in Human Geography, vol.7 No. 4.
5. Лютсиан Пай. Ҳувият ва фарҳангсозӣ / Пай Люциан. Тарҷумаи Ғуломризо Хоҷасарой. –Теҳрон, 1380.
6. Schack Micheal. “Do borders make a difference?”, Association of Borderland Studies Meeting, Commnication borders, Nijmegan, the Netherlands, (September 27-29). 2002.
7. Schatz Edvard, 2003, “When Capital Cities Move: The Political Geography of Nation and State Building”, Working Paper#303, Kellogg Institute for International Studies, University of Nirth Dama, (February 2003).
8. Bodin, Jean (1995), The Six Book of a Commonwealth, Abridged and translated by M.J.Tooley. London: Basil Blackwell Oxford, 1995. http://www.constitution.org/
9. Andrew Vincent. (1997) “Theories of the State” Oxford.
10. Ҳобрмос Юрген. Давлат миллати аврупоӣ: таърих ва ояндаи ҳокимияти шаҳрвандӣ /Ю. Ҳобрмос. - Теҳрон, 2008.
11. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе, 2010. -442 с.
12. Муҳаммад А. Сиёсатшиносӣ / А. Муҳаммад, М.У. Хидирзода, Х.Қ. Сафарализода. -Душанбе, 2018. -416с.

**ОМӮЗИШИ ТАҲЛИЛИИ РАВАНДИ ДАВЛАТ-МИЛЛАТСОЗӢ**

Дар мақола намунаҳои раванди давлатсозиву миллатсозӣ дар сатҳи ҷаҳон ва минтақаҳои гуногуни олам баррасӣ шудаанд. Шохаҳои раванди давлатсозиву миллатсозӣ ба таври амиқу дақиқ таҳқиқу таҳлил шуда, намунае барои дарки омӯзиши раванди давлатсозиву миллатсозӣ дар минтақаҳои гуногун муаррифӣ мегардад. Намунае, ки дар ин мақола барои баррасӣ таҳқиқу таҳлили раванди давлатсозиву миллатсозӣ муаррифӣ мегардад, метавонад барои муҳаққиқон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани раванди давлатсозиву миллатсозӣ кумак намояд. Муаллиф дар мақола, бо дарназардошти бархе шохаҳои яксони раванди давлатсозиву миллатсозӣ дар кишварҳои мухталиф, махсусан минтақаҳои сиёсӣ, ба монанди Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ ва минтақаи Қафқоз таваҷҷуҳ намуда, тавассути ин раванд сарчашма ва мушкилоти бесуботӣ ва набудани рушди сиёсӣ ва иқтисодии онҳоро муайян намудааст. Ҳамзамон, муаллиф бо баррасии намунаҳо ва мавзӯъҳои гуногун ва густурда дар чаҳорчӯбаи ин раванд роҳҳои ҳалли масъаларо пайдо намудааст. Дар ин раванд, масъалаи ҳокимияти сарзаминӣ намунаи айнӣ ва ҷуғрофиёии давлатсозӣ ва миллатсозӣ мебошад. Истиқлолият ва ҳокимияти миллӣ низ аз заруратҳои мавҷудияти як давлат аст, ки дар мақола ҳарду мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** давлатсозӣ, миллатсозӣ, суботи сиёсӣ, Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ, Қафқоз.

**АНАЛИТИЧЕСКОЕ ИЗУЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО И НАЦИОНАЛЬНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА**

В статье рассматриваются примеры процесса государственного и национального строительства на глобальном уровне и в различных регионах мира. Отрасли процесса государственного и национального строительства будут тщательно исследованы и проанализированы, а также будет представлена модель для понимания процесса государственного и национального строительства в различных регионах. Пример, представленный в этой статье для изучения и анализа процесса государственного и национального строительства, может помочь исследователям реализовать на практике процесс государственного и национального строительства. В статье автор сосредотачивается на некоторых из одних и тех же ветвей процесса государственного и национального строительства в разных странах, особенно в политических регионах Ближнего Востока, Центральной Азии и Кавказа, и выявляет источники и проблемы нестабильности и отсутствия политического и экономического развития. В то же время автор нашел решение проблемы, рассматривая различные примеры и темы в широком и всестороннем виде. В этом процессе проблема территориального управления является географическим примером государственного строительства и национального строительства. Независимость и национальный суверенитет также входят в число необходимых условий существования государства, о которых говорится в статье.

**Ключевые слова:** Государственно-национальное строительство, политическая стабильность, Ближний Восток, Центральная Азия, Кавказ.

**ANALYTICAL STUDY OF STATE AND NATIONAL CONSTRUCTION**

The article discusses examples of the process of state-building and nation-building at the global level and in different regions of the world. The branches of the process of state-building and national-building will be thoroughly studied and analyzed, and an example will be presented for understanding the process of state-building and nation-building in different regions. The example presented in this article for the study and analysis of the process of state-building and nation-building can help researchers to put into practice the process of state-building and nation-building. In the article, the author focuses on some of the same branches of the state-building process in different countries, especially in the political regions of the Middle East, Central Asia and the Caucasus, and identifies the sources and problems of instability and lack of political and economic development. At the same time, the author has found solutions to the problem by considering various examples and topics in a broad and comprehensive way. In this process, the issue of territorial government is a geographical example of state-building and nation-building. Both of Independence and national sovereignty are also among the necessities of the existence of a state, which are discussed in the article.

**Keywords:** State-building, nation-building, process, Middle East, Central Asia, Caucasus.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Воҳидов Насридин Ҳизбуллоевич* -** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 555-555-147.** E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Вохидов Насридин Хизбуллоевич* -** Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры дипломатии и международных отношений. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Саида Носира 33. Телефон: **(+992) 555-555-147.** E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

***Information about author: Vokhidov Nasridin Khizbulloevich* -** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant of Department of Diplomacy and International Relations. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir avenue 33. Phone: **(+992) 555-555-14.** E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

**УДК: 327.009; 339.9**

# СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

***Ҳалимзода Дилафрӯз Додихудо***

**Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Сиёсати экологӣ падидаест, ки дар натиҷаи фаъолияти шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, институтҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои дигар, ки заминаҳои амалӣ намудани ҳадафҳои

мушаххасро фароҳам меорад, ба вуҷуд меояд. Дар аксар маврид падидаи мазкурро раванди амалӣ гардидани ҳадафҳои иҷтимоӣ низ арзёбӣ намудаанд. Аслан, «сиёсат замоне ба вуҷуд меояд, ки ангезаҳо ба ҳадаф мубаддал мегарданд» [1,с.14]. Давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсии ҷомеа самтҳои афзалиятноки сиёсати худ, аз ҷумла сиёсати экологиро вобаста ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа роҳандозӣ менамояд. Дар навбати худ, рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа низ то андозае аз роҳандозӣ ва амалишавии сиёсати давлатӣ вобастагӣ дорад. Зеро марҳилаҳои мухталифи рушду инкишофи ҷомеа, ки дар заминаи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим амалӣ мегарданд, рушди устувори соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро имконпазир мегардонад.

Дар ин замина коркарду баррасии масоили умда ва хусусиятҳои хосси сиёсати экологии мамлакат дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти муҳим дорад. Бешубҳа, муносибати мутақобилаи инсон ва табиат дар низоми «Инсон – муҳити зист» нақши муҳим дорад, ки он дар аксар маврид омили ноустувори табиӣ-ҷуғрофӣ дар нуқтаҳои мухталиф мегардад [1]. Тадқиқот ва таҳлили илмӣ-назариявии сиёсати экологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим низ мавқеи махсусан муҳимро касб намуда, ба раванди сиёсати байналмилалӣ низ таъсир муҳим мерасонад.

Ба назари муҳаққиқони рус Е.А. Шварс, А.А. Аверченков, С.Н. Бобилев ва И.В. Герасимчук, «бо назардошти тағйирпазирии вазъи экологии олам омили экологӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ нақши муҳим дорад» [10,с.58-71].

Илова бар ин таҳқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки тағйирёбии иқлими сайёра ва дар натиҷаи он ба вуҷуд омадани фалокатҳои гуногуни табиӣ ва техногенӣ, аз ҷумла обхезӣ, хушксолӣ, фаромадани ярч, обшавии босуръати пиряхҳо ва дигар ҳодисаҳои номатлуб боиси ба вуҷуд омадани бемориҳои гуногун шуда истодаанд. Эҳтимол меравад, ки яке аз сабабҳои пайдоиши бемориҳои сироятӣ низ ҳамин омилҳо ба шумор мераванд. Бинобар ин, ҳар як давлат масъалаи ҳифзи табиат ва нигоҳ доштани тозагии экологиро дар меҳвари сиёсати экологии худ қарор медиҳад.

Ҳамзамон, дар натиҷаи дастовардҳои илм ва васеъ шудани доираи фаҳмиши одамон назарияҳои нави олам ба вуҷуд омаданд, ки онҳо консепсияҳои нави инсон ва табиатро пешниҳод менамоянд. Дастовардҳои мазкур ҳампайвастагии ҷомеа ва табиатро бештар гардонида, вижагиҳои хоссаеро дар таҳкими сиёсати экологӣ эҷод сохтанд.

Тавре маълум аст, тӯли 300 сол дар масъалаи дарки мутақобилаи инсон ва табиат фалсафаи ратсионализми классикӣ ҳукмфармо буд, ки мувофиқи он инсон ва ақли ӯ ҳамчун як воҳиди мустақилу худкифо дар муқобили ҳодисаҳои табиӣ қарор дошт. Аммо дар замони муосир дар атрофи масъалаи баррасишаванда ҳамгироии бисёрсамта сурат гирифта истодааст, ки он ба сатҳу сифати сиёсати экологии кишварҳо мундариҷаи нав зам менамояд.

Вақтҳои охир равандҳои ҳамгироии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон ба назар мерасанд, ки дар заминаи мазкур пайдоиши самтҳои нави таҳқиқоти илмӣ ҳамчун соҳаи фаъолият пайдо гардида истодаанд. Дар амалияи сиёсӣ равандҳои мазкурро бештар ҳамгироии экологӣ низ меноманд, ки ҳангоми таҳияи принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, мутавозин ва сиёсати миллии давлат, ки дар чаҳорчӯбаи сиёсати экологии кишварҳо ба амал бароварда мешаванд, мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир баррасии самтҳои мухталифи сиёсати экологии давлат ҳамчун объекти таҳқиқот мубрамияти хосса дошта, аз ҷониби доираҳои мухталифи илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Масалан, дар доираи илмҳои ҳуқуқӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии сиёсати экологӣ ва дар фалсафа бошад, ҷанбаҳои фалсафии он мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Аммо муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои хосси сиёсати экологӣ ҳамчун объекти таҳқиқот аз ҷониби илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити бухронҳои шадиди экологӣ дар миқёси ҷаҳон ва ҳар як кишвар, зарурати такмили ҳамаҷонибаи сиёсати экологӣ дорад. Инчунин, таҳқиқот дар самти мазкур барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар шароити давлатдории миллӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Ташаккули фарҳанги экологии миллат дар шароити бухронҳои экологӣ ногузир буда, ҳадафи аслияш муносибати дурусти инсон бо табиат аст. Илова бар ин, раванди татбиқи сиёсати экологии ҳар як давлат дурнамо ва мушкилоти худро дорад, ки дар навбати худ, ба сатҳи пасти маърифати экологии ҷомеа ва фарҳанги экологии шаҳрвандон алоқаманд аст. Рушди ноустувори онҳо масъулиятҳои инсон ва ҷомеаро дар назди табиат бештар гардонидааст. Албатта, дар марҳилаи нави ҷаҳонӣ ҳалли мушкилоту муаммоҳои экологӣ характери глобалӣ касб намуда, дар маърази баррасии давлат ва ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба ин, сиёсати экологӣ таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ ва бархӯрдҳои нави сиёсиро, ки имкони ҳалли мушкилоти дар

ин самт мавҷударо бештар мегардонад, тақозо дорад. Зеро тамоили мазкур заминаи асосии рушду инкишофи устувор арзёби мегардад. Дарвоқеъ, табиат сарчашмаи моддии рушди кишварҳо буда, бо инсон, ҷомеа ва давлат дар муносибати мутақобила қарор мегирад.

Сиёсати экологии дар заминаи амнияти экологии мамлакат таҳия ва коркард шуда, мутобиқи стратегияи давлатӣ дар соҳаҳои мухталифи муҳити зист равона мегардад. Дар ин замина истгоҳҳои обӣ ва ҳароратии энергетикӣ объекти муҳимми амнияти экологӣ мегардад, ки он тавассути доктринаи махсус таҳким мегардад [7,с.131-133].

Таъмини рушди устувори кишварҳоро бе дарназардошти манофеи экологӣ тасаввур намудан ғайриимкон буда, омӯзиши амиқи илмиро дар илмҳои ҷомеашиносӣ тақозо дорад. Зеро инсоният захираҳои табииро дар ҷараёни истеҳсолот самаранок истифода бурда, ба дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ноил мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити рушди босуръати ҷаҳонӣ амалисозӣ ва роҳандозии сиёсати экологӣ барои ҳар як давлат, ки ба таъмини рушду инкишофи устувор равона шудааст, характери стратегӣ дорад. Илова бар ин, таҳдиду хатарҳои нави глобалии экологӣ, аз қабили партовҳои зиёди экологӣ, аз байн рафтани ҷангалзорҳо, зиёд гардидани ботлоқзорҳо, тағйирёбии иқлими сайёра ва дигар муаммоҳои муосири экологӣ таваҷҷуҳи доираҳои мухталифи илмиро ба масоили экологӣ бештар гардонидааст. Махсусан масъалаҳои бехатарии экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ зарурияти омӯзиши самтҳои афзалиятноки сиёсати экологиро дар доираҳои илмҳои сиёсӣ бештар гардонидааст.

Ба андешаи А.В. Пугачев, «сиёсати экологӣ бо раванди рушду инкишофи ҷомеа робитаи қавӣ дошта, фаъолияти субъекти сиёсат, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалиро фарогир мебошад» [9,с.81-85].

Бояд зикр кард, ки сиёсати экологӣ барои ҳар як давлат ҳамчун самти афзалиятноки иҷтимоию сиёсӣ аҳамияти хос дошта, сиёсат ва табиатро дар пайвастагии мутақобила қарор медиҳад. Махсусан, зоҳир гардидани муаммоҳои экологӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамгироии экологиро ба миён овардааст. Сиёсати экологии давлат барои беҳтар намудани шароити экологии ҳаёти ҷомеа, саломатии инсон, баланд бардоштани сатҳи дарозумрии инсонҳо ва инчунин барои нигоҳ доштани канданиҳои зеризаминии мамлакат равона мегардад [5]. Нигоҳ доштан ва самаранок истифода намудани боигариҳои зеризаминӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини сиёсати экологии кишварҳо маҳсуб мегарданд. Дар маҷмӯъ, «сиёсати экологии давлат робитаи мутақобилаи институтҳои мухталифи сиёсиро бо табиат танзим менамояд» [8]. Инсон ва табиат бо ҳамдигар алақамандии зич доранд. Инсон дар оғӯши табиат ба воя мерасад ва то лаҳзаи марг бо он ҳамсафар мебошад. Аз ин рӯ, муносибати нек намудан бо табиат яке аз вазифаҳои муқаддастарини инсони комил мебошад. Дар навбати худ, давлату миллатҳоро низ бидуни табиат тасаввур намудан ғайриимкон аст. Давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсии ҷомеа муносибати бевоситаи худро бо табиат дар чаҳорчӯбаи сиёсати экологӣ танзим намуда, вобаста ба он стратегияҳои мушаххас коркард менамояд. Табиат манбаи асосии рушду пешрафти давлат буда, афзалиятҳои худро барои қонеъ намудани талаботҳои моддии шахс, ҷомеа ва давлат равона менамояд. Дар заминаи мазкур хама гуна ресурсҳои фоиданоку зеризаминие, ки дар қаламрави мамлакат ҷойгиранд, объекти сиёсати экологӣ мебошанд [4]. Албатта, дар амалияи сиёсӣ ҳолатҳоеро метавон мушоҳида намуд, ки манбаъҳои энергетикӣ дар минтақаҳои марзӣ ҷойгиранд ва дар аксар маврид ба муноқишаҳои байнидавлатӣ боис гардидаанд. Масалан, як қатор дарёҳоеро метавон мисол овард, ки онҳо аз нуқтаҳои марзӣ убур менамоянд, ки онҳо дар низоми муносибатҳои экологии байнидавлатӣ ҷойгоҳи хос доранд. Дар чунин ҳолатҳо муайян намудани объектҳои мазкур ҳамчун моликияти мутақобила эътироф гардидаанд, ки он дар илмҳо ҳуқуқшиносӣ як баҳси алоҳида аст. Хулоса, қаламрави мамлакат дар якҷоягӣ бо фазои он объекти марказии сиёсати экологии ҳар як кишвар мебошад. Далат дар системаи сиёсии ҷомеа маркази меҳварӣ дошта, ҷанбаҳои мухталифи сиёсати экологиро бо дарназардошти манофеи экологии мамлакат роҳандозӣ менамояд. Албатта, аз мадди назар дур намудани муаммоҳои экологӣ оқибатҳои ногувор дошта, ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Дар заминаи мазкур суръати баланди рушду инкишофи саноатии кишварҳо ва ихроҷи зиёди партовҳо ба муҳити табиат муаммоҳои зиёдро дар назди кишварҳои олам гузоштааст, ки ҳар яки он ҳалли худро мехоҳад. Кишварҳо дар алоҳидагӣ қисми зиёди масоили экологиро ҳал карда наметавонанд [6]. Аз ин рӯ, онҳо дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои байналмилалӣ ба ҳалли дастаҷамъонаи онҳо мепардозанд. Махсусан дар ҷаҳони муосир проблемаи тағйирёбии иқлим дар низоми сиёсати экологии кишварҳо мавқеи марказӣ касб намудаанд.

Ба назари мо низ, истифодаи муттасилу самараноки захираҳои замину канданиҳои фоиданоки замин, об ва дигар захоири зеризаминӣ, ки ба раванди рушди миллӣ мусоидат менамоянд ногузир мебошад. Ҳолати мазкур дар раванди таҳкими сиёсати экологӣ таҷриба ва амалияи хоссаро тақозо дорад, ки онро бе назардошти таҳқиқоти назариявӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Муҳаққиқи чинӣ «барои ҳалли муаммоҳои экологӣ консепсияҳои аз назари экологӣ хосси рушди иқтисодиро махсусан муҳим арзёбӣ менамояд» [3,с.66-70].

Дар меҳвари сиёсати экологӣ муносибати мутақобилаи давлату табиат мавқеи махсус дорад. Дар шакли том фишори бемавриду ғайримантиқӣ ба муҳити зист боиси вайрон гардидани тавозуни экологӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир роҳандозии сиёсати дурусти экологӣ ва дар баробари он таъмини амнияти экологии ҳар як мамлакат дар меҳвари сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо қарор гирифтааст.

## АДАБИЁТ


1. Бетлер Аллекс. Национальные интересы, национальная и международная безопасность. - 2006. - 14 с.
2. Блиновская Я.Ю. Экологическая политика института защиты моря и освоения шельфа: опыт и перспективы / Я.Ю. Блиновская // Защита окружающей среды в нефтегазовом комплексе. - 2012. -№1. -С.13-14.
3. Гуаньцзюнь В. Государственная экологическая политика Китая: история развития и современные проблемы / В. Гуаньцзюнь // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 6. Философия. Культурология. Политология. Право. Международные отношения. - 2012. -№1. - С.66-70.
4. Казначеев В.П., Янщина А.Т. Научно-технический прогресс, экология и экономическая проблема в современной глобальности. -М., 1985.
5. Кружилин И.П. Мелиорация земель как фактор продовольственной и экологической безопасности // Мелиорация и водное хозяйства. - М., 2004.
6. Кочергин А.Н., Марков Ю.Г., Васильев Н.Г. Экологические знание и сознание: Особенности формирования. -Новосибирск, 1987.
7. Крашенинников М.А., Хасанов З.М. Экологическая политика в энергетике / Известия высших учебных заведений. Проблемы энергетики. - 2008. -№3-4. -С.131-133.
8. Махмадов, П. А. Политика информационной безопасности в системе национальной безопасности Республики Таджикистан / П. А. Махмадов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/2(197). – С. 303-308.
9. Пугачев А.В. Экологическая политика на современном этапе: содержание, цели и задачи / Каспийский регион: политика, экономика, культура. - 2009. -№2(19). -С.81-85.
10. Сафарализода, Х. К. Международный имидж государства и его взаимосвязь с национальной безопасностью страны / Х. К. Сафарализода, И. И. Баротов // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – № 4. – С. 88-97.


## СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ


Дар мақолаи мазкур сиёсати экологӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши падидаи мазкурро дар шароити зоҳир гардидани таҳдидҳои экологӣ, махсусан муҳим арзёбӣ намуда, роҳҳо ва воситаҳои самараноки сиёсати экологии мамлакатро нишон додааст. Ба андешаи муаллиф, коркарду баррасии масоили умда ва хусусиятҳои хосси сиёсати экологии мамлакат дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти муҳим дошта, бешубҳа муносибати мутақобилаи инсон ва табиатро дар низоми «Инсон – муҳити зист» амалӣ менамояд, ки он дар аксар маврид омили ноустувори табиӣ-ҷуғрофиро дар нуқтаҳои мухталиф ба бор меорад. Аз ин рӯ, кишварҳо сиёсати экологиро дар заминаи амнияти экологӣ таҳия ва коркард намуда, ҳамчун стратегияи давлатӣ онро ба соҳаҳои мухталифи муҳити зист равона менамоянд, ки асоси онро муносибати мутақобилаи инсон ва табиат ташкил медиҳад. Инчунин, муаллиф тадқиқот ва таҳлили илмӣ-назариявии сиёсати экологиро дар шароити тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ низ баррасӣ намуда, таъсири манфии онро ба раванди сиёсати байналмилалӣ нишон додааст. Гузашта

аз ин, муаллиф дар мақолаи худ ҷанбаҳои осебпазирии истгоҳҳои обӣ-энергетикӣ ва ҳароратиро қайд намуда, фаъолияти онҳоро дар низоми амнияти экологии мамлакат ва сиёсати экологии давлат баррасӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати экологӣ, таҳқиқоти илмӣ, тағйирпазирии ҷомеа, таҳдидҳои экологӣ, хатарҳои табиӣ, амнияти экологӣ, давлат, субъекти сиёсати экологӣ, объекти сиёсати экологӣ.

## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА КАК ОБЪЕКТ НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ

В статье рассматривается экологическая политика как объект научного исследования. Автор рассматривает теоретические и методологические аспекты исследования, особенно важные в контексте экологических угроз, и показывает пути и средства проведения эффективной экологической политики страны. По мнению автора, проработка основных вопросов и особенностей экологической политики страны важна в контексте меняющихся общественных отношений и, несомненно, реализует взаимоотношения человека и природы в системе «Человек - Среда», которая зачастую приносит разные моменты. Поэтому страны разрабатывают и развивают экологическую политику на основе экологической безопасности, и как государственная стратегия она фокусируется на различных областях окружающей среды, что основано на отношениях между человеком и природой. Автор также рассматривает исследование и теоретический анализ экологической политики в контексте глобального изменения климата и показывает его негативное влияние на процесс международной политики. Кроме того, в своей статье автор выделяет уязвимости гидроэнергетических и тепловых электростанций, а также рассматривает их деятельность в системе экологической безопасности страны и экологической политике государства.

**Ключевые слова:** экологическая политика, научные исследования, социальная изменчивость, экологические угрозы, стихийные бедствия, экологическая безопасность, страна, государство, субъект экологической политики, объект экологической политики.

## ECOLOGICAL POLICY AS AN OBJECT OF SCIENTIFIC RESEARCH

The article discusses environmental policy as an object of scientific research. The author examines the theoretical and methodological aspects of the study, which are especially important in the context of environmental threats, and shows the ways and means of implementing an effective environmental policy of the country. According to the author, the study of the main issues and features of the country's environmental policy is important in the context of changing social relations and, undoubtedly, realizes the relationship between man and nature in the "Man - Environment" system, which often brings different moments. Therefore, countries design and develop environmental policies based on environmental safety, and as a state strategy, it focuses on various areas of the environment, which is based on the relationship between man and nature. The author also examines research and theoretical analysis of environmental policy in the context of global climate change and shows its negative impact on the process of international politics. In addition, in his article, the author highlights the vulnerabilities of hydropower and thermal power plants, and also considers their activities in the country's environmental safety system and the state's environmental policy.

**Keywords:** environmental policy, scientific research, social variability, environmental threats, natural disasters, environmental safety, country, state, subject of environmental policy, object of environmental policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳалимзода Дилафрӯз Додихудо*** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, сардори кафедраи такмили ихтисос. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3. Телефон: **939-22-52-02**

**Сведения об авторе:** ***Халимзода Дилафруз Додихудо*** **-** Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, кандидат политических наук, заведующая кафедрой повышения квалификации. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мастонгулова, 3. Телефон: **(+992) 939-22-52-02**

**Information about the author:** ***Halimzoda Dilafruz Dodihudo*** **-** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of political sciences, head of the department of advanced training. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov, 3. Phone: **(+992) 939-22-52-02**

**УДК 341.2(581)**

# ҲУКУМАТИ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ АФҒОНИСТОН (2014-2019): МУШКИЛОТИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОН

***Исматуллои Сунъатулло***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Раванди муносибатҳои байналхалқӣ, муайян кардани ҷойгиршавии қувваҳои минтақавӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти геополитикӣ, иқтисодӣ ва тамаддуниро тақозо менамояд. Ин ба фазои геополитикии «олами ислом» бештар нисбат дорад, ки дар меҳвари стратегии он Афғонистон меистад. Бинобар ин имрӯз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони мактабҳои илмӣ ва сиёсатмадорони мамлакатҳои абарқудрати дунё ва минтақа қарор дорад.

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз давлатҳои осебпазиру ба мушкилот печида муаррифӣ мешавад, ки аз қаламрави он таҳдидҳои ифротгароӣ ва интиқоли маводи мухаддир бармеоянд. Ворид шудани қувваҳои ҳарбии давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд СААШ) дар соли 2001 ба Афғонистон на танҳо масъалаҳои маҳви ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва ҷунбиши «Толибон»-ро ҳал карда натавонист, балки ба зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир ва интиқоли минбаъдаи он ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), аз ҷумла Тоҷикистон, Европа ва дигар давлатҳои ҷаҳон сабаб гардид. Наздикии бевосита ба минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо Афғонистон самти хоси сиёсати хориҷӣ дошта бошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин асно таъсиси Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ (ҲВМ) дар соли 2014, аз як ҷониб, роҳи халосӣ аз марҳилаи шадиди бuҳрони сиёсӣ ва аз ҷониби дигар, марҳилаи нави таҳаввули низоми сиёсии Афғонистон гардид. Сарфи назар аз он, ки созиш миёни ду довталаби асосии курсии президентӣ буд, имкон дод, ки ҳаракати кишвар ба сӯи бӯҳрони шадид бо оқибатҳои ғайри қобили пешбинӣ боздошта шавад, аммо чи тавре ким о шоҳид гардидем дар натиҷаи фаъолияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ, вазъ дар соҳаҳои гуногун танҳо бадтар шуд.

Интихоботи пурсарусадои президентӣ дар соли 2014, ки пас аз он яке аз номзадҳо Абдуллоҳ Абдуллоҳ аз қабули натиҷаҳои шумориши овозҳо сарпечӣ кард, Афғонистонро ба бuҳрони шадиди сиёсӣ овард, ки таҳдид ба низои мусаллаҳона дошт. Муқовимати тӯлонӣ бо миёнаравии берунаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, НАТО ва миссияи СММ дар ин кишвар, инчунин президенти амалкунанда Ҳомид Карзай, ки ба гуфтушуниди байни номзадҳо мусоидат кардааст, ҳал карда шуд. Пас аз мубоҳисаҳои тӯлонӣ, ҷонибҳо дар бораи эътирофи пирӯзии Ашраф Ғанӣ ба ҳайси президент ба шарти ба А.Абдуллоҳ мансаби роҳбари ҳокимияти иҷроия ва бо президент баробарҳуқуқи таъини вазирон дар ҳукумати оянда ба созиш расиданд. Дар натиҷа, 21 сентябри соли 2014 байни Ғанӣ ва Абдуллоҳ дар бораи ташкили Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ созишнома ба имзо расид. Ин созишнома, аз ҷумла, муқарраротӣ зеринро дар бар мегирифт:

-тақсимоти баробари қудрат;

-даъвати Конгресси умумиафғонии халқҳо (Лоя Ҷирга) бо мақсади ислоҳоти конститутсияи кишвар;

-ислоҳоти системаи интихоботӣ;

-ташкили Шӯрои ҳокимияти иҷроия (дафтари сарвазир).

Дар изҳороте, ки чанде қабл аз савгандёдкуни ёдоварӣ шуд, Ғанӣ ваъда дод, ки ҳукумати нав дар асоси созиш барои ҳифзи манфиатҳои тамоми неруҳои сиёсӣ кишвар равона карда шудааст. "Мо сиёсати истисноиро пайгирӣ нахоҳем кард", - таъкид дошт ӯ. "Онҳое, ки дирӯз рақиби мо буданд, имрӯз ҳамкасбони мо ҳастанд."

Ҳамин тариқ, ташаккули Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ, аз як тараф, роҳи халосӣ аз марҳилаи шадиди бuҳрони сиёсӣ ва аз тарафи дигар, марҳилаи нави таҳаввули системаи сиёсии Афғонистон гардид. Қадами бесобиқа ҷорӣ кардани мансаби роҳбари ҳокимияти иҷроия буд, ки дарвоқеъ ба мансаби сарвазир мувофиқ буд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси дуюми кишвар бо конститутсияи амалкунанда ба танзим дароварда нашудааст ва аз ин рӯ зарурати ворид намудани тағийрот ба қонуни асосӣ ба миён омадааст.

Тахмин карда мешуд, ки тағйироти зарурӣ дар қонунгузорӣ пас аз натиҷаҳои Лоя Ҷирга сурат мегиранд. Тибқи муқаррароти созишнома дар бораи таъсиси Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ, мебоист конгресси намояндагони мардум дар тӯли ду сол - то 8 августи соли 2016 ташкил карда мешуд, аммо ин нақшаҳо амалӣ нашуданд, ба мисли аксари созишномаҳои дигар. Аён аст, ки таҳиягарони матни созишнома ё саросема буданд ва ё дидаву дониста баъзе нуқтаҳои бениҳоят муҳимро сарфи назар мекарданд. Аз ҷумла, сухан дар бораи қонунӣ будани Лоя Ҷирга - маҷлисе меравад, ки салоҳияти ислоҳи Қонуни асосии кишварро дорад. Тибқи Конститутсияи Афғонистон, Лоя Ҷирга иштироки сарони 381 шаҳристонро ба уҳда мегирад, аммо шахсоне, ки бояд ин вазифаҳоро ишғол кунанд, то ҳол интихоб нашудаанд. Набудани чунин теъдоди назарраси вакилон қонунияти маҷлисро дар маҷмӯъ зери суол мегузорад. Ба таври расмӣ Лоя Ҷирга танҳо пас аз интихоби сарони шаҳристонҳо имконпазир аст, ки мувофиқи нақшаҳои ҳукумат бояд ҳамзамон бо интихоботи парлумонӣ баргузор шаванд. Дар навбати худ, баргузории интихобот ба татбиқи як банди дигари созишнома - ислоҳоти низоми интихоботӣ бастагӣ дорад, ки он низ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст.

Ҳамин тариқ, баргузории Лоя Ҷирга ягона нуқтаи иҷронашудаи созишнома нест, яке аз дигар сабабҳои асосии ихтилофи байни Ғанӣ ва Абдуллоҳ дар якҷоягӣ бо ҷонибдорони онҳо таъини аъзои кабинет буд.

Сарфи назар аз он, ки созиш миёни ду довталаби мансаби сарвари давлат имкон дод, пеши роҳи буҳрони шадиди сиёсӣ гирифта шавад, аммо аз нигоҳи ҳуқуқӣ, системаи идоракунии давлатӣ дигаргуниҳои минбаъдаро талаб мекунад. Таъхири ҳалли ин масъала дар ҷомеаи Афғонистон мушкилиҳои зиёдро пеш меоварад.

Дар баробари талошҳо барои ҳалли бӯҳрони шадиди дохилӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҷониби Америко мехост бо Кобул созишномае ба имзо расонад, ки дар он мақоми Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА муайян карда шуда, ҳифзи ҳузури контингенти маҳдуди низомӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Исломӣ пас аз хуруҷи неруҳои асосии НАТО пешбинӣ карда шавад. Қаблан Ҳомид Карзай бо сабабҳои сиёсӣ муддати дароз аз имзои ин санад канорагирӣ мекард. Соли 2013 бо ташаббуси Карзай Лоя Ҷиргаи машваратӣ даъват карда шуда, ба президент тавсия дод, ки бо америкоиҳо созишнома ба имзо расонад. Аммо, бо вуҷуди ин, сарвари давлат аз имзои ин санад худдорӣ кард ва танҳо пас аз пирӯз эълон шудани Ашраф Ғанӣ дар интихоботи соли 2014, Кобул ва Вашингтон ба созишҳои деринтизор расиданд.

Бояд қайд кард, ки кишварҳои Ғарб, эҳтимолан дар якҷоягӣ амал мекарданд ва дар ташаккули Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ нақши муҳим доранд.

Ташаккули асосҳои сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба омилҳои дохилӣ ва беруна вобаста аст. Захираҳои идеологии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки ба сиёсати хориҷӣ таъсир дорад, бо набудани иттиҳоди ҷомеа ва элитаи сиёсӣ фарқ мекунад. Яке аз мушкилотҳои садди кӯшиши ташаккули суботи сиёсати кишвар камқувват будани ҳукумат, аз қабила ва қавмҳои этникӣ вобаста будани он мебошад.

Доктринаи сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз ҷониби коршиносони бузурги афғон дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бо роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба масъалаҳои сиёсӣ Ҷавод Лудин (2014-2015) омода шудааст. Муаллифон чунин андеша доранд, ки ин ҳуҷҷат бояд бо мазмуни асосии “нақшаи стратегии ВКХ Ҷумҳурии Исломии Афғонистон”, ки то қабули доктрина амалӣ мешуд, мувофиқат кунад.

Омили ғайрирасмии ташаккули сиёсати хориҷии кишвар ҷузъи иҷтимоӣ-сиёсии сохтори анъанавии ҷомеаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, яъне қабилаҳо, қавмҳо, қумондонҳои саҳроӣ мебошанд.

Дар амалия раванди қабули қарорҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, аз ҷумла дар сиёсати беруна ҳам, дар ҳамбастагии институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ бо назардошти афкори ҷомеа сурат мегирад. Ҳамин тариқ, барои устувор ва тавсеа бахшидани робитаҳои сиёсии хориҷӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон субъекти минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ роҳи дуюми дипломатия, яъне такя ба анъанаҳои фарҳангӣ ва диниро истифода мебаранд.

Афкори умум дар бораи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар он ифода меёбад, ки дар ҷаҳон он чун давлати мушкилот дошта муаррифӣ мешавад. Тасаввурот дар бораи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо терроризм, маводи мухаддир, давом ёфтани низоъҳои мусаллаҳона, экстремизми динӣ, қафомонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, коррупсия ва бенавоӣ алоқаманд мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар сиёсати хориҷӣ самтҳои асосии фаъолияти сиёсатии берунаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муайян гардидаанд. Яке аз онҳо муносибати мутақобилаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо кишварҳои Ғарб ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка мебошад.

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз соли 2012 бо кишварҳои Ғарб ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба ҳамкории стратегӣ созишнома имзо кардааст. Дар ҳуҷҷати мазкур соли 2014 – соли аз хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баровардани қисмати асосии низомиёни хориҷӣ эълон шуда буд. Ҳуҷҷат то соли 2024-умро дар бар мегирад. Дар давоми ин солҳо, тибқи шартҳои созишнома Иёлоти Муттаҳидаи Америка Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар масъалаи ҳимояи арзишҳои демократӣ, таъмини амният дар ҳудуди он, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва мустаҳкам гардидани ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ менамояд.

Бо мақсади мустаҳкам кардани ҳамкориҳо ва таъмини назорати иҷрои шартҳои созишнома тарафҳо комиссияи афғону америкоиро таъсис медиҳанд, ки вазирони корҳои хориҷӣ ё намояндагони ваколатдори онҳо шомил мешаванд. Гузаронидани маҷлисҳои комиссия бонавбат дар шаш моҳ як маротиба дар Кобул ё Вашингтон ба нақша гирифта шудаанд. Барои тасвиб расидани созишномаи мазкур қарордоди ба назорати неруҳои Афғонистон вогузор кардани маҳбасҳо ва қатъи амалиётҳои шабонаи низомиёни СААШ замина шуд.

Аммо бояд қайд, кард ки дар оғози кори ҳукумат, роҳбарони Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ дар аксари ҳолатҳо дар чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ, ки дар кишварҳои Ғарб якҷоя баргузор мешуданд, иштирок мекарданд, то аҳамияти ҳам президент ва ҳам роҳбари ҳокимияти иҷроияро нишон диҳанд.

Дар қатори дигар давлатҳо, Русия аз ташкили Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ истиқбол намуда, изҳори умедворӣ кард, ки ин қадам ба афғонҳо дар эътидол овардани вазъ дар кишвар кумак хоҳад кард. Бо вуҷуди ин, пас аз як соли фаъолияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ, сатҳи муносибатҳои дуҷонибаи байни Маскав ва Кобул дар зери таъсири як қатор омилҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ тадриҷан паст шудан гирифт. Бо вуҷуди дастгирии беруна, норозигӣ аз сиёсати Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ дар дохили кишвар низ меафзуд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар моҳи август - сентябри соли 2016 худи Абдуллоҳ Абдуллоҳ, ки дар баробари Ашраф Ғанӣ мавриди танқиди шабеҳ қарор гирифта буд, дар навбати худ дар суханрониҳои оммавӣ президентро ба таъхир дар иҷрои созишнома айбдор намуда, ислоҳоти амиқи сиёсиро талаб кард, ки вазъро боз муташшаниҷтар намуд.

Дар аввали соли 2018, буҳрони ҳокимият ба марҳилаи нав расид. Танишҳои тӯлонӣ дар муносибатҳои байни президент ва Ато Муҳаммад Нур, ки волии вилояти Балх буд, боиси нишонаҳои аз даст додани қудрати ҳукумати марказӣ гардид. Гарчанде ки буҳрон дар миёнаи соли 2018 пас аз истеъфои Нур ҳалли худро ёфт, эҳтимоли афзоиши эҳсосоти ҷудоихоҳон дар байни сиёсатмадорони Афғонистон боқӣ мондааст.

Дар ду соли охири ҳукмронии Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ шумораи ҳамлаҳои террористӣ, хусусан дар шаҳрҳои бузурги кишвар, аз ҷумла дар Кобул майл ба афзоиш дошт. Бад шудани вазъи амниятӣ дар маҷмӯъ афзоиши талафот дар байни афғонҳо, ҳам дар байни шаҳрвандон ва ҳам дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ самаранок набуд.

Дар тӯли солҳои фаъолитяи Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар низ бадтар шуд. Тибқи таҳқиқоти муштараки Куматаи марказии омори Афғонистон ва ширкати молиявии амрикоии ICON International, ки моҳи майи соли 2018 нашр шуд, 54% аҳолии Афғонистон зери хатти факр зиндагӣ мекарданд. Танҳо дар давраи солҳои 2016–2018 сатҳи камбизоатӣ 15,7% афзудааст, 70% аҳолии Афғонистон аз шароити бади манзил азият мекашанд ва 44% маҷбуранд, ки дар шароити танг дар хонаҳои серодам зиндагӣ кунанд. Дар ин гузориш пешгӯие оварда шудааст, ки дар солҳои 2018-2019 бо дарназардошти сатҳи пасти амният ва ноустувории сиёсӣ, суръати афзоиши иқтисодиёти Афғонистон ҳамагӣ 2,5%-ро ташкил дода буд. Сатҳи умумии бекорӣ дар кишвар 24%-ро ташкил дода буд. Ҷолиби диққат аст, ки дар шароити бад шудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши бекорӣ, сарфи назар аз сатҳи баланди бесобиқа талафоти неруҳои амниятии Афғонистон, артиши миллӣ ва полис воқеан манбаи асосии ҷойҳои кории аҳолӣ гаштанд, зеро ҳиссаи зиёди кумаки молиявии ИМА ҷудошуда барои эҳтиёҷоти мақомоти амният сарф мешуданд.

Бояд тазаккур дод, ки бад шудани вазъи амниятӣ, шиддат ёфтани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва зиддиятҳо байни миллатҳо ва қавмҳои дар Афғонистон умр ба сар бурда омилҳое мебошанд, ки дар вақти фаъолияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ афзоиш ёфтааст.

Дар хотима, метавон гуфт, ки дар давраи ҳукмронии Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ Афғонистон масъалаи амнияти миллӣ ҳалли худро наёфт. Метавон қайд кард, ки Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ дар мубориза бо коррупсия, ҳифзи озодиҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, таҳкими амудии қудрат ва либерализатсияи ҷомеаи Афғонистон ба пешрафте ноил нашудааст. Метавон хулоса кард, ки Афғонистон аз нуқтаи назари рушди равандҳои демократӣ тадриҷан ру ба таназзул ниҳодааст. Афғонистон яке аз кишварҳои қашшоқтарин ҷаҳон боқӣ мондааст ва яке аз бузургтарин кишварҳои тавлидкунанда ва содироткунандаи маводи мухаддир боқӣ мемонад.

**АДАБИЁТ**


1. Afghanistan in Transition: Looking Beyond 2014 // The World Bank, 2012. – P. 16.
2. Афганистан представил проект «внешнеполитической доктрины». URL: http://afghanistan.ru/doc/12025.html
3. Бобокулов И. Афганская трансформация: приоритеты и ключевые проблемы // Центральная Азия и Кавказ. - 2013. -№2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/afganskaya-transformatsiya-prioritety-i-klyuchevye-problemy (дата обращения: 21.09.2020).
4. Государственная национальная политика в России и современность) / Исследования по прикладной и неотложной этнологии. – М.: ИЭА РАН, 2011. – Вып. 225. – 33 с.
5. Имамов Ш.З. Общественная мысль Афганистана в первой трети XX в. – М.: Наука, 2015. – 112 с.
6. Исаков А., Филиных Д. Афганистан: вчера, сегодня, завтра // Обозреватель. – 2014. - № 10. – С. 69–78.
7. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века. -Душанбе, 2014. 499 с.
8. Ислам на современном Востоке: регион стран Ближнего и Среднего Востока, Южной и Центральной Азии. – М.: Институт востоковедения РАН: Крафт+, 2009. – 440 с.
9. Коргун В.Г. Россия и Афганистан: исторические пути формирования образа России в Афганистане. М., 2009.
10. Крыжко Е. В. Проблема военно-политической стабилизации в Афганистане в рамках интересов государств региона на современном этапе // Манускрипт. 2016. №4-1(66). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/problema-voenno-politicheskoy-stabilizatsii-v-afganistane-v-ramkah-interesov-gosudarstv-regiona-na-sovremennom-etape (дата обращения: 21.09.2020).
11. Слинкин М.Ф. Афганистан: проблемы войны, мира и безопасности в стране и регионе. URL: http://www.nbuv.gov.ua
12. Уитни М. План Обамы по Афганистану: бесцеремонные этнические чистки. URL: http:// inoforum.ru/forum/ index.php
13. Фараджирад Абдолреза, Хансари Джавад, Радмехр Захра, Дархор Мохамад Афганский терроризм и нестабильность в Центральной Азии // Центральная Азия и Кавказ. – 2011. -№3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/afganskiy-terrorizm-i-nestabilnost-v-tsentralnoy-azii (дата обращения: 21.09.2020).
14. Халфин Н.А. Провал британской агрессии в Афганистане (XIX в. – начало XX в.). -М., 1959.


## ҲУКУМАТИ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ АФҒОНИСТОН (2014-2019): МУШКИЛОТИ ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОН


Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ – ба масъалаи таҳияи консепсияи оқилонаи ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни қавму миллатҳои гуногуни Афғонистон дар ҳошияи таъсиси Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ бахшида шудааст. Ин ҳолат баррасии вазифаҳои ҳалталабро дар муносибатҳои байниқавмии Афғонистон, таҳияи консепсияҳои муосири илмии баромадан аз буҳрони сиёсӣ ва равона кардани равандҳои этносиёсӣ ба роҳи созандагиву бунёдкорӣ тақозо менамояд. Дар мақола таъкид гардидааст, ки бад шудани вазъи амният дар кишвар, печидатар шудани мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва қатъ нагардидани моҷароҳои байниқавмӣ дар Афғонистон омилҳоеанд, ки дар давраи ҳокимияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ шиддат ёфта, хусусиятҳои нав касб карданд. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки масъалаи амнияти миллӣ дар давраи ҳокимияти Ҳукумати Ваҳдати Миллӣ ҳалли худро наёфт. Хулосаи дигари таҳлил дар он аст, ки раванди демократикунонӣ дар Афғонистон оҳиста-оҳиста заиф шуда истодааст. Афғонистон яке аз давлатҳои камбағалтарини ҷаҳон боқӣ монда, ҳанӯз ҳам яке аз истеҳсолкунандагону содироткунандагони калонтарини маводи мухаддир мебошад ва ин ҳолат ягон давлати ҷаҳонро бе ташвиш намегузорад.



**Калидвожаҳо:** буҳрони Афғонистон, доктринаи сиёсати хориҷии Афғонистон, сиёсати хориҷӣ, Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон, Абдулло Абдулло, Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай, муаммоҳои этносиёсӣ, интихоботи президентӣ.


## ПРАВИТЕЛЬСТВО НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА АФГАНИСТАНА (2014-2019 гг.): ПРОБЛЕМЫ ВЫРАБОТКИ ВНЕШНЕПОЛИТИЧЕСКОЙ СТРАТЕГИИ И ПУТИ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ


Статья посвящена одной из важных тем в науке политологии и международных отношений, а именно: вопросу актуальности разработки оптимальной концепции гармонизации этнонациональных отношений в Афганистане в свете создания Правительства Национального Единства Афганистана. Все это актуализирует решение неотложных задач в сфере этнонациональных отношений в Афганистане, разработку современных научных концепций по выводу страны из состояния кризиса и направление в нормальное русло энополитических процессов в стране. В статье отмечается, что ухудшающаяся ситуация в области безопасности, обострение социально-экономических проблем и конфликты между этническими группами, проживающими в Афганистане, являются факторами, которые усилились и приобрели новых характер за время правления Правительства Национального Единства Афганистана. Таким образом, можно сказать, что вопрос национальной безопасности не был решен во время правления Правительства Национального Единства. Можно сделать вывод, что Афганистан постепенно приходит в упадок в плане развития демократических процессов. Афганистан остается одной из беднейших стран мира и одним из крупнейших производителей и экспортеров наркотиков, что тревожит абсолютно все страны мира.

**Ключевые слова:** афганский кризис, доктрина внешней политики Афганистана, внешняя политика, Правительство Национального Единства, Абдулла Абдулла, Ашраф Гани Ахмадзай, этнополитические проблемы, президентские выборы.

**THE GOVERNMENT OF THE NATIONAL UNITY OF AFGHANISTAN (2014-2019): PROBLEMS OF DEVELOPING A FOREIGN POLITICAL STRATEGY AND WAYS OF ITS IMPLEMENTATION**

The article is devoted to one of the important topics in the science of political science and international relations, namely the issue of the urgency of developing an optimal concept for the harmonization of ethno-national relations in Afghanistan in the light of the creation of the Government of National Unity of Afghanistan. All this actualizes the solution of urgent tasks in the sphere of ethno-national relations in Afghanistan, the development of modern scientific concepts for the withdrawal of the country from the state of crisis and the direction of the eno-political processes in the country into the normal course. The article notes that the deteriorating security situation, aggravation of socio-economic problems and conflicts between ethnic groups living in Afghanistan are factors that have intensified and acquired a new character during the reign of the Government of National Unity of Afghanistan. Thus, it can be said that the issue of national security was not resolved during the reign of the Government of National Unity. It can be concluded that Afghanistan is gradually declining in terms of the development of democratic processes. Afghanistan remains one of the poorest countries in the world and remains one of the largest producers and exporters of drugs, which worries absolutely all countries of the world.

**Keywords:** Afghan crisis, Afghan foreign policy doctrine, foreign policy, Government of National Unity, Abdullah Abdullah, Ashraf Ghani Ahmadzai, ethnopolitical problems, presidential elections.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исматуллои Сунъатулло*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-89-25-25.** E-mail: **navoi11@rambler.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исматуллои Сунъатулло*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-89-25-25.** E-mail: **navoi11@rambler.ru**

**Information about the author:** ***Ismatulloi Sun`atullo*** - Tajik National University, applicant for the Department of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. Phone: **(+992) 934-89-25-25.** E-mail: **navoi11@rambler.ru**

**УДК: 32.009.14**

# САБАБҲОИ КОСТА ГАРДИДАНИ АХЛОҚ ВА КАҶРАФТОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

***Ҳасанов Ш. Қ., Раҷабзода Р.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрду гутугӯи фарҳанг ва тамаддунҳо яке аз мушкилоти асосӣ барои ҷомеаи мо ин коста гардидани ахлоқ ва ба рафтори девиантӣ майл пайдо намудани одамон ва махсусан ҷавонону наврасон мебошад, ки ин қазия ташвишҳои зиёдеро барои инсоният ва махсусан ба ҷомеаи тоҷикистонӣ ба миён овардааст.

Ҷамъият муайян мекунад, ки кадом рафтор нодуруст аст ва кадом рафтору амали одамон қобили қабул аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷомеа одамкӯшӣ, ғоратгарӣ, ғуздӣ, алкоголизм, муносибати бад намудан бо кӯдакон, фоҳишагарӣ ва инҳоро аз ҷониби ҷомеа мусбӣ эълон менамуда бошад, ҳаргиз не, меъёрҳои мақбулшудае ҳастанд, ки баъзе қоидаҳои рафторро дар ҳамаи ҷомеаҳо маҳкум менамоянд.

Лекин тасаввуротҳои одамон дар бораи некию бадӣ пайваста тағйир дода мешаванд, рафторе, ки қаблан мумкин набуд, бо гузоштани вақт ва тағйири ҷомеа мақбул мешавад [1,с.53].

Тамоюлҳо дар рафтори шахс дар зери таъсири раванди нодурусти иҷтимоишавӣ ва азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ хеле барвақт шакл мегиранд, ки зуҳуроти чунин падидаро ҳанӯз дар кӯдакони 5-6- сола мушоҳида кардан мумкин аст.

Тамоюлҳои рафтор дар наврасон ва ҷавонон метавонанд як қатор нуқсон ва омилҳои пайдоишро дошта бошанд:

- нуқсонҳои иҷтимоиву педагогӣ;
- нороҳатии амиқи равонӣ;
- тамоюлҳо дар рафтор;
- мавҷуд набудани шароити мусоиди ҳаётӣ;
- беназоратӣ ва таъсири муҳити иҷтимоии иҳотакарда;
- номувофиқатии имкониятҳои наврасону ҷавонон ба шароити ҳозира;
- маҳдудият дар доираи муошират;

➢ мувофиқат накардани талаботи калонсолон ба имкониятҳои синнусолию фардӣ, муносибати фармонфармоёна;
➢ истифодаи нодурусти технологияҳои муосир, шабакаҳои иҷтимоӣ ва амсоли инҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеаи тоҷикистонӣ якчанд сабабҳои душвортарбия ва оворагард шудани кӯдакон мавҷуд мебошанд, ки онҳо метавонанд барои коста гардидани ахлоқ, дур мондан аз илму маърифат ва ба каҷрафторӣ майл пайдо намудани онҳо замина гузоранд:

- омилҳои тиббию санитарӣ (бемориҳои ирсии волидон, риоя накардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ);
- омилҳои иҷтимоию демографӣ (оилаҳои серфарзанд, оилаҳо бо волидони куҳансол, оилаҳое, ки аз сари нав издивоҷ кардаанд ва кӯдакони воридшуда доранд);
- омилҳои иҷтимоию психологӣ (дар оила мавҷуд будани ихтилофи ҳамсарон, волидон ва кӯдакон, надонистани афкори педагогӣ дар раванди тарбиянамоӣ аз ҷониби волидон ва дараҷаи пасти таълимӣ ва мадании онҳо);
- омилҳои ҷиноӣ (майпарастӣ, нашъамандӣ, тарзи зиндагии муфтхӯронаи волидон, мавҷудияти аъзоёни дар ҳабс будаи оила, зӯроварӣ дар дараҷаҳои гуногуни оилаҳо);
- тарбияи фарзандонро ба ашхоси ғайр ҳавола намудан;
- ба вазъи маишӣ ва иҷтимоии фарзандон таваҷҷуҳ накардан;
- ба муҳити носолим ҳамроҳ шудани наврасон ва ҷавонон;
- таълими бесифат ва қонеъ нагардонидани ниёзҳои маънавии наврасон аз ҷониби омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ;
- ҷалб шудани наврасон ба меҳнати вазнин;
- аз беназоратии падару модар бо мақсади ба даст овардани даромади ройгон роҳи дуздиву ғоратгариро пешаи худ сохтан ва амсоли инҳо;
- ятимӣ ва бепарастории кӯдакону наврасон;
- муҳоҷирати меҳнатии волидон;
- ҷудоии падару модар, таассубу душманӣ, ҷангу мунокишаҳо ва дигар омилҳои мухолифатомез байни онҳо;
- муҳити носолими атроф, оворагардию кӯчагардӣ;
- аз шароити муътадили дарсхонӣ дар оила маҳрум будани кӯдакону наврасон;
- зери таъсири хурофот ва рӯҳониёни мутаассибу манфиатҷӯй қарор доштан, бо хаёлоти воҳиманоки дунёбезорӣ ва қиёматпарастӣ маҳдуд будани фарзандон;
- ба фарҳанги либоспӯшии бегона майл пайдо кардан;
- таъмин набудани таълимгоҳҳо бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ ва кори иҷтимоӣ;
- ба қашшоқию бенавоӣ гирифтор шудани оила бо сабабҳои иҷтимоӣ, маҳдудияти ҳуқуқӣ, ҷинояткории волидон, бесарпаноҳӣ, нодорӣ, дигар омилҳои норасоии иҷтимоиву иқтисодӣ;
- аз айёми хурдсолӣ то ба синни наврасӣ шоҳиди нобаробариҳои иҷтимоӣ шудан;
- то ҳанӯз дар баъзе минтақаҳо аз сабаби дурии роҳ аз таҳсил маҳрум мондани фарзандон ва ғайраҳо.

Бояд иброз намуд, ки ҳама намудҳои косташавии ахлоқии кӯдакону наврасон ва каҷрафториҳои онҳо бо мавҷудияти омилҳои дар боло зикр шуда ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад, ки боиси ташвиши ҷомеа мегардад. Чунки падидаҳои номатлуб, ки тӯли солиёни охир вусъат ёфта, сафи ноболиғони ҷинояткорро афзун гардониданд, сабабгори асосии ба миён омадани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» шуданд.

Ҳамин тариқ, инсон, ки худ мавҷуди иҷтимоӣ мебошад, аз замони пайдоиш то ба вопасини ҳаёт ниёзманди дигарон ва қонунҳову меъёрҳои иҷтимоиву ахлоқӣ мебошад. Дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, аз он таъсир мепазирад ва ба он таъсир мегузорад. Аз ин лиҳоз хонавода ё оиларо нахустин ниҳоди иҷтимоӣ ҳисобидан лозим аст, ки инсон дар он 18 соли то синнӣ балоғат ва умуман тамоми умри худро дар он мегузаронад ва муқаррар мекунад, ки ӯ бояд чӣ кор кунад, кадом касбро интихоб намояд, бо ки чӣ гуна муносибат ва муомила дошта бошад ва ғайраву ҳоказо [4,с.116]. Гуфтан мумкин аст, ки барои пеши роҳи каҷрафториро гирифтан оилаҳо нақши муҳим мебозанд. Яъне, оила метавонад, насли созанда ё сӯзанда, бадахлоқ ё некахлоқ, неккирдор ва некрафтор, ҳунарманду меҳнатдӯст, танбалу беҳунар, донишманду камсаводро тарбия намояд. Аз ин лиҳоз, бояд барои садди роҳи косташавии ахлоқро гирифтан ё ҷустани роҳҳои коҳиш додани амалҳои хусусияти каҷравидошта як қатор корҳоро бояд дар шароити имрӯза ба сомон расонем:

- боло бардоштани фарҳанги оиладорӣ ва муносибатҳои оилавӣ;

- ҷалби волидон ва аъзоёни оила ба илмомӯзӣ;
- боло бурдани ахлоқи хонаводаҳо;
- аз ҷониби оилаҳо ҷалб намудани фарзандон ба меҳнатдӯстӣ ва илмомӯзӣ;
- ҷоннок намудани робитаи оилаҳо бо мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ;
- назорати ҷиддии волидон аз болои фарзандон дар мавриди беҳудагардӣ, шабгардӣ, рафиқбозиву дугонабозӣ ва дигар муносибатҳои фарзандон;
- фарҳанги истифодабарии технологияи муосир ва истифодаи мақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ ва назорати ҷиддии волидон аз болои фарзандон дар ин самт;
- дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ тарбия намудани фарзандон ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва асолатгароӣ ба камол расонидани онҳо;
- пайваста ба роҳ мондани ҳамкории волидон бо равоншиносон, педагогҳо, ҳуқуқшиносон дар мавриди тарбияи фарзандон дар асоси муносибат бо меъёрҳои ҷамъиятӣ, ва арзишҳои иҷтимоӣ.

Мавриди зикр аст, ки меъёрҳои расман муқарраргардида, аз тарафи мақомотҳои қонунгузории давлат ва ё дигар мақомотҳои салоҳиятдор қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд. Чунин меъёрҳо дар намуди қонунҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, кодексҳо, низомнома, дастурамал ва ғайраҳо тартиб дода мешаванд. Меъёрҳои дар ҷамъият воқеан паҳн гардида, ин меъёрҳое мебошанд, ки худ аз худ ва ё дар раванди таърихӣ ва ё бо таъсири дигар ҳодисаҳои табиию иҷтимоӣ пайдо гардидаанд. Ба чунин меъёрҳо одат, анъана, меъёрҳои ахлоқӣ ва этикет дохил мешаванд.

Дар ҳарду маврид каҷрафторӣ маънои аз меъёрҳои муайяншудаи ҷомеа, ташкилот, институт ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ берун рафтани рафтору фаъолияти одамонро меноманд, баромадан аз меъёрҳои объективии ҷомеа ба ду самт равона мешавад: манфӣ ва мусбӣ дар ҳама ҷамъиятҳо аз меъёри муқарраршудаи ҷамъият берун баромадани рафтори одамон дида мешавад [3,с.53].

Яъне ба ҳастии иҷтимоӣ на танҳо тобеъшавӣ, балки каҷрафторӣ низ хос аст, каҷрафтории иҷтимоӣ ба вақт, макон ва доираи шахсон низ алоқамандӣ дорад. Рафтори мушаххаси иҷтимоӣ метавонад барои як маданият ё ҷомеа каҷрафторӣ бошад, вале дар дигар ҷомеа ҳамчун меъёри муайяншуда қабул карда шавад, масалан, ҷонибдорони ҷараёни мазҳабӣ дар даврони Оятулло Ҳумайянӣ мавриди таъқиб қарор гирифта, бо ҳазорон баҳонаҳои дар Эрон ба қатл расонида шуданд, аммо дар кишварҳои Ғарб озодии пурра доштан ё беникоҳ соҳиби фарзанд шудан дар дини ислом ё олами ислом гуноҳи азим ҳисобида мешавад ва дар Аврупо як амали муътадили иҷтимоӣ қабул шудааст. Каҷрафторӣ дар як шароити муайяни таърихӣ (дар ин ё он кишвар, минтақа) метавонад ба меъёри ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ табдил ёбад. Мисол, ҳангоми тағйир ёфтани сохтори иҷтимоӣ ва тағйиротҳои кулли ҷомеа; соли 1919 дар ИМА истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ манъ карда шуд, аммо соли 1933 фурӯшгоҳҳои майфурӯшӣ аз нав кушода шуданд, соли 1933 дар Русия исқоти ҳамл манъ карда шуд, аммо соли 1955 аз нав ба он иҷозат доданд дар бисёре аз кишварҳо бисёрникоҳӣ иҷозат дода шудааст, аммо дар кишварҳои мутараққӣ ин амалро қонун маҳкум менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонун якканикоҳӣ вуҷуд дорад. Азбаски меъёрҳои иҷтимоии консервативӣ ҳоло ҳам арзи ҳастӣ доранд ва мардум онҳоро қабул доранд, аз ин рӯ, ин анъанаҳоро бартараф кардан мушкил аст.

**АДАБИЁТ**


1. Арестов В.Н. Религиозный экстремизм: содержание, причины и формы проявления, пути преодоления / В.Н. Арестов. – Харьков, 1987. -186 с.
2. Афанасьев В.С. Эволюция концепции аномии в социологии девиантного поведения / В.С. Афанасьев // Рубеж.Сыктывкар. -1992. -№2.
3. Баглиев М.А. Египет. Глубокие корни исламского экстремизма / М.А. Баглиев // Азия и Африка сегодня. -2002. -№10. –С. 126-143.
4. Давыдов И.П. Проблемы категориального описания и квалификации религиозного экстремизма (религиоведческий и правоведческий аспекты) / И.П. Давыдов // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. - М., 2008. -312 с.
5. Добаев И.П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика / И.П. Добаев. - Ростов-на-Дону, 2003. -263 с.
6. Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри / Под ред. А. Малашенко и М.Б. Олкотт; Моск. Центр Карнеги. -М.: Арт-Бизнес-Центр, 2001. -236 с.
7. Коршунова О. Н. Преступления экстремистского характера: теория и практика противодействий / О.Н. Коршунова. - СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2006. -321 с.
8. Коэн А. Отклоняющееся поведение и контроль над ним / А. Коэн. – М., 1972. –С. 290.
9. Мертон Р. Merton R. Rosial Tusiopyanol Socitlctycturecheucoc – 1968. -53 p.
10. Сайидзода Зафари Шералӣ. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: ЧДММ «Контраст», 2014. – С.116.
11. Силантьев Р.А. Ислам в современной России.: Энциклопедия / Р.А. Силантьев. -М.: Алгоритм, 2008. -576 с.
12. Социальное отклонение. – М., 1996. -с. 68.

13. Шаракшанэ С. Ислам и политический экстремизм / С.Шаракшанэ // Религия и право. -1999. -№4. -С.26-36.
14. Яблоков И.Н. Религиозный экстремизм: причины и предпосылки // Религиозный экстремизм: история и современность / И.П. Давыдов, И.Н. Яблоков; под ред. В.В. Миронова, И.Н. Яблокова; сост. П.Н. Костылев. -М., 2008. -254 с.

## САБАБҲОИ КОСТА ГАРДИДАНИ АХЛОҚ ВА КАҶРАФТОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

Дар мақолаи мазкур костагардии ахлоқ ва каҷрафтории иҷтимоӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза рӯз аз рӯз косташавии ахлоқ барьало мушоҳида мегардад, ки сабабҳои асосии ин костагардии ахлоқро дар рушди бемайлони техника, шабакаҳои иҷтимоӣ, камаърифатии аҳолӣ, муносибати дуруст надоштани волидон дар тарбияи фарзандон мебинад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки рӯз аз рӯз амалҳои каҷрафторӣ ва костагардии ахлоқ дар ҷомеа зиёд шуда истодааст. Аз ин хотир зарурати омӯзиши омилҳои пайдоиши ин падидаҳо ба миён омадааст, ки ҷомеаро мо бояд дар асоси арзишҳои миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, асолатгароӣ тарбия намоем. Дар ин ҳолат мо метавонем насли замони муосирро ба роҳи дурусти саодатмандӣ расонида, ҷомеаи Тоҷикистонро ба як ҷомеаи пешрафта мубаддал созем.

**Калидвожаҳо:** каҷрафторӣ, ҷаҳонишавӣ, ахлоқ, косташавии ахлоқ, иҷтимоишавӣ, дониш, фарҳанги миллӣ, асолатгароӣ, худшиносӣ.

## ПРИЧИНЫ УПАДОК НРАВСТВЕННОСТЬ И ДЕВИАНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ В СОВРЕМЕННЫЕ УСЛОВИЯХ

В статье исследуются упадок нравственности и социальные искажения. Автор отмечает, что в современном мире наблюдается нарастающий упадок нравственности, основные причины этого упадка - в устойчивом развитии технологий, социальных сетей, низкой грамотности населения, видит неправильное отношение родителей к воспитанию детей. Анализ научных источников показывает, что количество девиантных и унижающих моральное достоинство практик в обществе увеличивается день ото дня. Следовательно, возникает необходимость изучения факторов возникновения этих явлений, которые мы должны воспитывать в обществе на основе национальных ценностей, самопознания и самосознания, самобытности. В этом случае мы сможем вывести современное поколение на верный путь к счастью и превратить общество Таджикистана в развитое общество.

**Ключевые слова:** девиантное поведение, глобализация, мораль, упадок нравственность, социализация, знания, национальная культура, самобытность, самосознание.

## CAUSES OF DECAYS MORALITY AND DEVIANT BEHAVIOR IN MODERN CONDITIONS

This article explores and explores moral decline and social distortion. The author notes that in the modern world there is a growing decline in morality, the main reasons for this decline are in the sustainable development of technologies, social networks, low literacy of the population, and sees the wrong attitude of parents to raising children. Analysis of scientific sources shows that the number of deviant and degrading practices in society is increasing day by day. Consequently, it becomes necessary to study the factors in the emergence of these phenomena, which we must educate in society on the basis of national values, self-knowledge and self-awareness, identity. In this case, we will be able to lead the modern generation on the right path to happiness and turn the society of Tajikistan into a developed society.

**Keywords:** deviant behavior, globalization, morality, moral decline, socialization, knowledge, national culture, originality, self-awareness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои ҳуқуқ, докторант. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Марказӣ, 34/2. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru.** Телефон**: 918-25-89-89; 907-44-29-99**
***Раҷабзода Рустам*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Марказӣ, 34/2. Телефон: **(+992) 918-25-89-89**

**Сведения об авторах:** ***Хасанов Шарифхуджа Козиевич*** **–** Дангаринский государственный университет, кандидат юридических наук, докторант. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, Дангаринчский район, улица Центральная, 34/2. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru.** Телефон**: 918-25-89-89; 907-44-29-99**
***Раджабзода Рустам*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 34/2. Телефон: **(+992) 918-25-89-89**

**Information about the authors:** ***Khasanov Sharifkhudzha Kozievich*** – Dangara State University, candidate of law, doctoral candidate. **Adress:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazistreet, 34/2. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru.** Phone: **918-25-89-89; 907-44-29-99**
***Rajabzoda Rustam*** - Dangara state University, applicant at the department of Humanities science. **Adress:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazi street, 34/2. Phone: **(+992) 918-25-89-89**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


*Хушвахтзода К.Х., Асрорзода У.С.* Имкониятҳои ҳамгироии иқтисодӣ байни Музофоти Худмухтори Синсзяну Уйғур ва Осиёи Марказӣ....................................... *5*

*Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ.* Самтҳои афзалиятноки таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир................................................................ *12*

*Шерматов Р.Б., Шерматов Ғ.Р.* Асосҳои ташаккул ва инкишофи бозори аграрӣ дар шароити муосири иқтисодӣ.............................................................................................. *17*

*Тоҳирова Р.С.* Аудити шартномаҳои хоҷагидорӣ барои мувофиқат бо қонунгузорӣ... *23*

*Аҳмадов Р.Р.* Фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ................................................................................................................ *27*

*Ҳакимов И.Б., Маҳмадризоиён С.Ҳ.* Ислоҳоти низоми молиявию қарзӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, амалия)............................. *32*

*Маҳмадов О.С., Маҳмадов Т.С.* Қарзҳои ипотекӣ, бартариятҳо ва муаммоҳои ҷойдоштаи онҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................... *36*

*Раҷабов Э.Д.* Таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................................................................................. *40*

*Ашуров Н.А.* Таҷрибаҳои мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа.............................................................................................. *46*

*Синои Амирбек.* Таҳаввулоти назариявии гаронии андоз………………………………. *52*

*Ятимов А.Ч.* Асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа.................................................................................................................... *57*

*Ғафорзода Ҷ.Ғ., Раҳмонов Ҷ.Ҳ., Гулбекова С.Ҷ.* Самаранокии истифодаи захираҳои обӣ-энергетикӣ: ҷанбаҳои экологӣ ва иқтисодии он..................................................... *60*

*Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ.* Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами ислом.............................................................................................................. *66*

*Бойматов А.А., Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.* Назарияи рушди устувори минтақа ва самтҳои танзими макроиқтисодии он............................................................................... *71*

*Назарзода Алишер Сафар.* Таҷрибаи танзими комплекси агросаноатӣ дар давлатҳои тараққиёфта.............................................................................................................. *76*

*Комилов Н.Б.* Арзёбии самаранок истифодабарии замин дар фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб............................................................................... *81*

*Паймони Ҷ.* Механизмҳои такмили менеҷменти ҷалб ва истифодаи заминҳои корам дар хоҷагиҳои кишоварзӣ............................................................................................... *86*

*Раҳматуллоева М.Р.* Таҳлили сатҳи модернизатсияи корхонаҳои консерва дар минтақаҳои Тоҷикистон........................................................................................... *91*

*Раҷабов Ҳ.Ҳ,* Нақши даромадҳои пулӣ дар баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.................................................................... *94*

*Сафаров Н.У.* Таҳлили динамика ва тағйирёбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................... *99*

*Исайнова М.Ҳ.* Таъмини амнияти озуқаворииминтақа – самти муҳимми рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ................................................................................................. *105*

*Мирзоев Н.Ҳ.* Нақш ва мавқеи иттилооти идоракунӣ дар рушди иқтисоди миллӣ....... *112*

*Ҳасанова Ф.* Механизмҳо ва хусусиятҳои маркетинг дар комплпекси агросаноатӣ….. *117*

***Файзализода М.М.*** Мавқеъ ва нақши иттилооти баҳисобгирӣ–таҳлилӣ дар низоми менеҷменти корхона........................................................................................................ ***120***

***Сафаров Б.Г., Мирзозода А.Д.*** Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии меҳнат.............................................................................................. ***127***

***Джураева А., Ибодзода З.Х., Таибов О.Р.*** Экономико-статистическая оценка оказываемых услуг в системе управления образованием……………………………………………………. ***132***

***Кодирзода Д.Б., Асаншоева А.*** Финансирование жилищно-коммунального хозяйства города Хорога: состояние и проблемы………………………………………………………… ***137***

***Пиризода Дж.С., Салимов Х.С., Маджонова М.М.*** Устойчивое развитие международного туризма………………………………………………………………………………………… ***146***

***Ананченкова П.И., Брострем В.О., Кобозева Д.Л.*** Неравенство как фактор социально-трудовых отношений в современной экономике……………………………………………… ***150***

***Норов Х.Г.*** Водохозяйственная политика в регионе: национальные и региональные аспекты………………………………………………………………………………………… ***159***

***Вазиров С.З., Каюмов С.Ш.*** Налог на добавленную стоимость (НДС) и его применение в Республике Таджикистан…………………………………………………………………….. ***163***

***Зиёев Б.С.*** Анализ зарубежного опыта регулирования использования земельных ресурсов ***170***

***Усмонзода Ф.Б.*** О развитии системы вузовского образования Республики Таджикистан ***181***

***Тоджибоева Ф.Э.*** Оценка влияния налогового механизма на развитие национальной экономики………………………………………………………………………………………. ***186***

***Руштов Б.И.*** Понятийно-терминологический аппарат феномена туризма в социально-экономической среде……………………………………………………………………………. ***190***

***Исматуллоева Н.А.*** Существенные условия договора об оказании образовательных услуг ***195***

***Обидов Ф.Ф.*** Анализ состояния инвестиционных проектов Хатлонской области: новые реалии и перспективы………………………………………………………………………… ***203***

***Асаналишоев Г.А.*** Экономическая сущность инновационной деятельности сельскохозяйственных предприятий……………………………………………………………… ***209***

***Мамадризоева Н.М.*** К вопросу: реализации национальной стратегии развития экономики Таджикистана……………………………………………………………………………………. ***213***

***Комилов А.К., Кодирзода Д.Б.*** Повышение уровня занятости населения – условие становления демографической безопасности Республики Таджикистан…………………… ***217***

***Саидова М.Х., Джураева Ш.А.*** Анализ современного состояния и развития системы управления общеобразовательных учреждений в Республике Таджикистан……………… ***221***

## ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

***Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б.*** Далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: мафҳум, аҳамият ва такмили танзими ҳуқуқӣ…………………………………………………….. ***233***

***Элназаров Д.Х.*** Инъикоси худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар эҷодиёти мутафаккирони тоҷик…………………………………………………………………………. ***243***

***Мирзоахмедов Ф.А.*** Баъзе масъалаҳои такмилдиҳии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................... ***248***

***Давлатзода Ш.Ш.*** Истифодаи техникаи ҳуқуқӣ дар ҷараёни тафсири ҳуқуқ………… ***252***

***Яқубова С.Н.*** Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузории ***254***

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………

*Акрамова Ш.М., Нуриддинзода С.Н.* Баъзе аз проблемаҳои татбиқи муқаррароти меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ........................................................... *259*

*Азизқулова Г.С., Давлатзода Ш.Ш.* Бозгашт ба проблемаҳои забони қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………………………… *263*

*Султонова Д.Ш.* Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ *265*

*Азимов Ҳ.Р.* Баъзе масъалаҳо оид ба танзими ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана.................................................................................................. *271*

*Авзалов А.Х.* Проблемаҳои мубрами назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ аз болои тафтишоти пешакӣ........................................................................................ *276*

*Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед.* Баъзе масъалаҳои назариявии тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ........................................................ *286*

**СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ**

*Саидзода Шӯҳрат Шукур.* Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва нақши онҳо дар иҷтимоисозии сиёсӣ.......................................................................................... *292*

*Баротов И.И., Абдусаломзода А.М.* Омӯзиши назарияҳои муосири сиёсати хориҷӣ... *398*

*Малоҳати Раҷабалӣ.* Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ..... *303*

*Юсупов Ғ.М.* Низоъҳои минтақавӣ ва банизомдарории онҳо…………………………… *308*

*Аланазаров Ш.Ш.* Экстремизми сиёсӣ ва таъсири он ба фарҳанги сиёсии ҷавонон.... *312*

*Воҳидов Н.Ҳ.* Омӯзиши таҳлилии раванди давлат-миллатсозӣ................................. *315*

*Ҳалимзода Дилафрӯз Додихудо.* Сиёсати экологӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ....... *319*

*Исматуллои Сунъатулло.* Ҳукумати Ваҳдати Миллии Афғонистон (2014-2019): мушкилоти таҳияи стратегияи сиёсати хориҷӣ ва роҳҳои татбиқи он....................... *324*

*Ҳасанов Ш. Қ., Раҷабзода Р.* Сабабҳои коста гардидани ахлоқ ва каҷрафторӣ дар шароити имрӯза.............................................................................................. *328*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 20 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском, таджикском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---


**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2020. №10.**
**Часть II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: М. Халиков, Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 41,75 усл. п.л. 41,75.
Подписано в печать 20.11.2020